МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
2026. № 6

МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ
ТАДЖИКСКИЙ
НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
2026. № 6

YOUNG RESEARCHER
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
2026. No 6

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2026

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН»
Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР:
Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, узви вобастаи АМИТ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:
Сафармамадзода Сафармамад Муборакшо *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:
Исмонов Карорматулло Бадридинович *Доктори илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Шерматов Нурмаҳмад *Доктори илмҳои техникӣ, профессор*
Солиҳов Давлат Қуватович *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор*
Сатторов Абдуманон *Доктори илмҳои физикаю математика, профессор*

Файзуллоев Эркин Фатҳуллоевич *Номзади илмҳои химия, дотсент декани факултети химия*
Валиев Шариф Файзуллоевич *Доктори илмҳои геологӣ-минералогӣ, и.в. профессор*
Расулиён Қаҳҳор *Доктори илмҳои таърих, профессор*
Кучаров Аламхон *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Муродов Мурод *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти ДМТ*
Низомова Туҳфамо Давлатовна *Доктори илмҳои иқтисодӣ,профессор*
Одинаев Фурқат Фарҳодович *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
Шарофзода Рустам Шароф *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Сафарализода Хучамурод Қуддус *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ*
Раҷабов Имомиддин Ширинович *Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ*
Нуриддин Парвин Раймалихон *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент*
Хоҷиматова Гулчеҳра Масаидовна *Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Устоев Мирзо Бобоҷонович *Доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонҳо, факултети биологияи ДМТ*

Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон
ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992 37) 227-74-41
ДМТ, 2026©

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Насриддинзода Эмомали Сайфиддин — *Доктор юридических наук, член-корреспондент НАНТ, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадзода Сафармамад Муборакшо — *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло Бадридинович — *Доктор филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Шерматов Нурмахмад — *Доктор технических наук, профессор*
Солихов Давлат Кувватович — *Доктор физико-математических наук, профессор*
Сатторов Абдуманнон — *Доктор физико-математических наук, профессор*
Валиев Шариф Нарзуллоевич — *Доктор геолого-минералогических наук, и.о.профессора*
Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич — *Кандидат химических наук, декан факультета химии ТНУ*
Расулиён Каххор — *Доктор исторических наук, профессор*
Кучаров Аламхон — *Доктор филологических наук, профессор*
Дустов Хамрохон — *Кандидат филологических наук, доцент*
Муродов Мурод — *Доктор филологических наук, профессор*
Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна — *Доктор филологических наук, профессор*
Абдусатторов Абдушукур — *Доктор филологических наук, профессор*
Одинаев Фуркат Фарходович — *Кандидат экономических наук, доцент*
Шарофзода Рустам Шароф — *Доктор юридических наук, профессор*
Сафарзода Бахтовар Амирали — *Доктор юридических наук, профессор*
Раджабов Имомиддин Ширинович — *Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии*
Сафарализода Хучамурод Куддус — *Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии*
Нуриддин Парвин Раймалихон — *Кандидат политических наук, доцент*
Ходжиматова Гулчехра Масаидовна — *Доктор педагогических наук, доцент*
Устоев Мирзо Бободжонович — *Доктор биологических наук, профессор*

Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Тел.: (+992 37) 227-74-41
© ТНУ, 2026

TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SCIENTIFIC JOURNAL "YOUNG RESEARCHER"
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY

CHIEF EDITOR:

Nasriddinzoda Emomali Sayfiddin	*Doctor of Law, Corresponding Member of NAST, Rector of the Tajik National University (Dushanbe, Tajikistan)*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadzoda Safarmamad Muboraksho	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo Badridinovich	*Doctor of Philological Sciences, Associate Professor, Director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Shermatov Nurmahmad	*Doctor of Technical Sciences,* Professor
Solihov Davlat Quvatovich	*Doctor of Physical and Mathematical Sciences*
Sattorov Abdumannon	*Doctor of Physical and Mathematical Sciences*
Fayzulloev Erkin Fathulloevich	*Candidate of Chemical Sciences, Dean of the Chemical Faculty*
Valiev Sharif Fayzulloevich	*Doctor of Geological and Mineralogical Sciences, Professor*
Rasuliyon Qahhor	*Doctor of Historical Sciences, Professor*
Kucharov Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Dustov Hamrokhon Dzhumaevich	*Candidate of Philological Sciences,*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Nizomova Tuhfamo Davlatovna	*Doctor of Economics, Professor*
Odinaev Furqar Farhodovich	*Candidate of Economics, Associate Professor*
Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi	*Candidate of Politics, Associate Professor of the Department of the Political Science*
Sharofzoda Rustam Sharof	*Doctor of Law, Professor*
Safarzoda Bakhtovar Amirali	*Doctor of Law, Professor*
Rajabov Imomiddin Shirinovich	*Candidate of Politics, Associate Professor of the Department of the Political Science*
Nuriddin Parvin Raymalikhon	*Candidate of Politics, Associate Professor*
Hojimatova Gulchehra Masaidovna	*Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Ustoev Mirzo Bobojonovich	*Doctor of Biological Sciences, Professor*

Address of the Publishing center:
734025, Republic of Tajikistan,
Rudaki Avenue, 17. Dushanbe.
Phone: (+992 37) 227-74-41

© TNU, 2026

ФИЛОЛОГИЯ ВА ЖУРНАЛИСТИКА – ФИЛОЛОГИЯ И ЖУРНАЛИСТИКА

ШОҲНОМАХОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: ТАЪРИХ, АНЪАНА ВА ЭҲЁИ МУОСИР

Боқизода М.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Миёни осори манзуми адабиёти классикии тоҷик машҳуртарин асар бо иттифоқи муҳаққиқон «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ маҳсуб мешавад.Масоиле дар «Шоҳнома» тарҳшудаву бозтоби бадеӣ пайдо намудааст, намое аз қонуни иҷтимоӣ, инсонӣ, башарӣ аст. Ин шоҳасар бозгӯкунандаи таърихи мост – таърихе, ки дар заминаи воқеият ва гоҳе устура устувор аст. Фирдавсӣ ба мухотибонаш шеваи зистану мондан дар паҳнои ҳастиро меомӯзад; ҳастие, ки бунёдаш фаъолият, рушд, камоли зеҳният, хирад, дониш, талошу заҳматро иқтизо дорад [1,7].

Асари «Шоҳнома» яке аз бузургтарин ёдгориҳои фарҳанги башарӣ маҳсуб меёбад, ки арзиши он аз ҳудуди як миллат фаротар рафтааст. Дар ҳама давру замон мардум аз он неруи маънавӣ гирифта, эҷодкорон илҳом ёфтаанд. Муаллифи ин шоҳасар - Абулқосим Фирдавсӣ - ҳамчун суханвари нодир эътироф шудааст. Мақоми ӯ на танҳо дар адабиёти форсу тоҷик, балки дар адабиёти ҷаҳон низ баланд арзёбӣ мегардад. Бо вуҷуди он ки баъд аз эҷоди «Шоҳнома» осори зиёде дар пайравии он навишта шудаанд, ҳеҷ кадоме натавонистааст ба сатҳи он бирасад. Ин ҳолатро Садриддин Айнӣ низ таъкид намудааст, ки шумораи пайравон зиёд бошад ҳам, асолати «Шоҳнома» беҳамто боқӣ мемонад. «Шоҳнома» дар имтидоди таърих ба шакли комил ва гоҳо пора-пора ба чоп расида, бо забонҳои мухталиф тарҷумаву нашр гардидааст. Баргардони он ба наср, ба андешаи муҳаққиқон, дар дарку фаҳми дарунмояҳои калидии он судмандаст. Ҳарчанд то Фирдавсӣ ва баъди ӯ шоҳномаҳои зиёде эҷод шудаанд, дар ҷаҳон як шоири шоҳноманавис- Фирдавсӣ ва як «Шоҳнома» – асари ӯ эътироф гардида, умри абад пайдо кардааст [1,7].

Ин асар маҷмуи андешаҳои гуногунсоҳа мебошад: аз таъриху адабиёт то фалсафаву ахлоқ. Дар он масъалаҳои иҷтимоӣ, ҷаҳонбинӣ, инсоншиносӣ ва панду насиҳат бо ҳам пайвастаанд. Аз ин рӯ, мутолиаи он ба ташаккули шахсияти инсон таъсири мусбат мерасонад: ҳисси ватандӯстӣ, адолат, виҷдон ва масъулиятро тақвият мебахшад. Фирдавсӣ дар эҷоди худ маъниҳои амиқро бо маҳорати баланд баён кардааст. Метавон ӯро ба ғаввосе монанд кард, ки аз умқи баҳри маънӣ дурдонаҳои гаронбаҳо берун меорад ва ба хонанда пешкаш мекунад.

Мавзуи асосии «Шоҳнома» ҳимояи инсон ва арзишҳои ӯст. Дар он ормонҳои мардум, мубориза барои ҳақиқат, озодӣ ва истиқлолият равшан инъикос ёфтаанд. Қаҳрамонони машҳур, ба мисли Рустам, Сӯҳроб, Сиёвуш, Бежан ва Эраҷ, намунаи ҷасорат, садоқат ва муҳаббат ба ватан мебошанд.

Ҳамин тавр, «Шоҳнома» танҳо як асари адабӣ нест, балки ифодаи руҳи миллат ва таҷассумгари арзишҳои умумиинсонӣ мебошад, ки то имрӯз аҳаммияти худро гум накардааст. Зиёда аз як ҳазорсола аст, ки «Шоҳнома» дар доираи фарҳанги ҷаҳонӣ нуфузи хос дорад ва ба руҳияи мардум таъсир мерасонад. Ин шоҳасар на танҳо гузашта, балки ояндаро низ фаро гирифта, то замоне ки ҳаёти инсон идома дорад, ҳамчун чароғи роҳнамои маънавӣ хизмат хоҳад кард.

Таҳқиқоти илмӣ оид ба «Шоҳнома» дар Тоҷикистон ва заминаҳои мифологии он. Дар адабиётшиносии тоҷик ба «Шоҳнома» ва суннатҳои марбут ба он таваҷҷуҳи зиёд зоҳир шудааст. Пас аз ба даст овардани истиқлолият (соли 1991) дар Тоҷикистон таваҷҷуҳ ба мероси фарҳангии гузашта, аз ҷумла «Шоҳнома», ба марҳилаи нав ворид гардид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ аҳаммияти ин шоҳасарро чунин таъкид намудаанд: «“Шоҳнома” танҳо

китоби базму разм, диловарию қаҳрамонӣ ва ривояту афсона нест. Вай пандномаи беназир, ахлоқнома ва дастури омӯзандаи хулқу атвори ҳасана, хислат ва хусусиёти неки инсонӣ аст» [7].

А. Афсаҳзод суннатҳои андарзгӯйиро дар «Шоҳнома» мавриди баррасӣ қарор дода, қайд кардааст, ки Фирдавсӣ аз анъанаҳои панду андарзи форсии қадим ба таври васеъ истифода бурдааст [3, 44]. М. Қодиров ҳикояҳои тамсилиро дар «Шоҳнома» таҳлил намуда, онҳоро яке аз воситаҳои муҳимми тарбияи ахлоқӣ арзёбӣ кардааст [4,157]. Н. Абдолов ба омӯзиши достонҳои ишқии «Шоҳнома» пардохта, нақши онҳоро дар ташаккули ғояҳои инсонпарварӣ муҳим шумурдааст [5]. М. Муллоаҳмад паёми ахлоқии Фирдавсиро дар китоби алоҳида таҳлил карда, нишон додааст, ки «Шоҳнома» бештар аз ҳама китоби панду ахлоқ аст [6].

Таҳлили амиқтари сохторӣ ва моҳиятии асар нишон медиҳад, ки дар таърихи адабиёти форсу тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ бо офариниши “Шоҳнома” нақши ҳалкунанда бозидааст. Аҳаммияти асосии ин асар дар он зоҳир мегардад, ки шоир тавонист устураҳо ва ривоёти парокандаи бостониро ба як низоми мукаммали бадеӣ ворид намояд. Ӯ маводи омодаи мардумиро танҳо ҷамъоварӣ накард, балки онро бо андешаи тоза ва тасвири амиқи инсонӣ ғанӣ гардонд [16, 121].

Яке аз вижагиҳои муҳимми «Шоҳнома» дар он аст, ки дар маркази ҳамаи достонҳо инсон қарор дорад. Гарчанде ки бисёре аз қаҳрамонҳо хусусиятҳои мифологӣ доранд, онҳо бо эҳсос, андеша ва рафтори воқеӣ тасвир мешаванд. Ин хусусият «Шоҳнома»-ро аз осори қадимие чун “Авасто” фарқ мекунад, ки дар он образҳо бештар хусусияти фавқуттабии илоҳӣ доранд [16,123–124].

Пеш аз давраи Фирдавсӣ низ устураҳои эронӣ мавҷуд буданд ва дар охири аҳди Сосониён шакли нисбатан мураттаб гирифта буданд. Онҳо ба гунаи қиссаҳои ҷудогона, аз ҷумла дар бораи Каюмарс, Фаридун, Заҳҳок ва дигарон, паҳн гардида буданд. Аммо маҳз дар «Шоҳнома» ин ривоёт ба як системаи ягонаи ҳамосӣ табдил ёфта, ба авҷи рушди худ расиданд [16, 122]. Образҳои офаридаи Фирдавсӣ, мисли Рустам ва Сиёвуш, на танҳо қаҳрамонҳои адабӣ, балки рамзҳои ахлоқӣ ва фарҳангӣ гардиданд. Дар асрҳои баъдӣ ин симоҳо дар эҷодиёти шоирону нависандагон ҳамчун намунаи идеалҳои инсонӣ истифода шуданд.

Омили муҳимми дигаре, ки ба эҷоди «Шоҳнома» таъсир расонд, шароити таърихии замони шоир буд. Давраи зиндагии Фирдавсӣ бо буҳрони сиёсӣ ва заъфи давлатдорӣ рост омад. Аз ин рӯ, асар бо ғояҳои худшиносӣ, ҳифзи ҳувияти миллӣ ва ватандӯстӣ фаро гирифта шудааст. Қаҳрамонҳои он мардумро ба мубориза барои адолат ва ҳимояи Ватан раҳнамоӣ мекунанд.

Манбаи асосии «Шоҳнома» мифҳо ва ривоёти халқҳои эронинажод ба шумор мераванд, ки дар байни суғдиён, бохтариён ва дигар қавмҳо паҳн буданд. Ин анъанаҳо дар натиҷаи рушди иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тадриҷан такомул ёфта, ба пояи устувори адабиёти ҳамосӣ табдил шуданд. Ҳамин тавр, хизмати асосии Фирдавсӣ дар он аст, ки ӯ ин мероси бузурги фарҳангиро на танҳо ҳифз кард, балки онро ба сатҳи нави бадеӣ бардошт. Образҳои мифологӣ дар «Шоҳнома» ба воситаи ифодаи арзишҳои гуманистӣ маънои умумибашарӣ касб намуда, то имрӯз аҳаммияти худро нигоҳ доштаанд.

Суннати шоҳномахонӣ (наққолӣ) дар Осиёи Марказӣ. Яке аз ҷанбаҳои ҷолиби таҳқиқоти «Шоҳнома» омӯзиши суннати шифоҳии шоҳномахонӣ мебошад. Ба гуфти муҳаққиқ Равшан Раҳмонӣ, дар садаи XIX ва аввали садаи XX дар байни тоҷикон «Шоҳнома» шуҳрати фавқулодда дошта, дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Кӯлоб, Истаравшан, Ҳисор афроди мушаххасе шоҳномахонӣ ва шоҳномагӯӣ мекардаанд [8].

Тули солҳои 1994 ва 1996 пажуҳандагони тоҷик Баҳром Шермуҳаммадиён ва Додоҷон Обидзода маводи бойгонии шуъбаи фолклори Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакиро аз назар гузаронида, ҳамагӣ 34 матни кӯтоҳеро дар бораи Фирдавсӣ ва

қаҳрамонони «Шоҳнома» ба табъ расонданд [9.34]. Ин мавод сабти анъанаи наққолиро дар минтақаҳои гуногуни Осиёи Марказӣ имконпазир месозанд.

Омӯзиши мавридӣ: деҳаи Пасурхи Бойсун. Яке аз минтақаҳое, ки суннати шоҳномахонӣ то нимаи аввали садаи XX пурзур буд, деҳаи Пасурхи ноҳияи Бойсуни Ӯзбекистон мебошад. Мардуми ин деҳа тоҷиканд ва онҳо дар тули даҳаҳо ин анъанаро нигоҳ доштаанд. Дар ин деҳа пирамардони маъруфе чун Мулло Қосим (1882–1966), Мулло Шариф (1888–1972), Ҷӯра Камол (1921–1997) ва Қаҳҳор Раҳмон (1931–2005) достонҳои «Шоҳнома»-ро нақл мекарданд [8]. Тавре, ки Равшан Раҳмонӣ дар таҳқиқоти худ мушоҳида намудааст, Ҷӯра Камол дар ҳангоми нақл бо садои баланд ба тақлиди овози Рустам ва дигар қаҳрамонон маҳорати баланди наққолиро ба намоиш мегузошт. Вай нидои «Ё Рустами Достон!»-ро ба кор мебурд ва дар фоҷиаи «Рустаму Суҳроб» ҳатто гиря мекард, то эҳсоси шунавандагонро бедор кунад [8].Наққолони Пасурх достонҳоро аз ёд ва бештар ба назм мехонданд, аммо дар ҷойҳои зарурӣ ба насри одӣ гузашта, шарҳу тавзеҳоти иловагӣ медоданд. Ин метод, ки «наққолӣ» номида мешавад, дар Осиёи Марказӣ аз асрҳои миёна то замони Шуравӣ маъмул буд.

Ташаббусҳои фарҳангпарваронаи Пешвои миллат ва эҳёи муосир. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раҳбарии Президент муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои охир ташаббусҳои амалии бузургеро ба амал овардааст, ки ба эҳёи «Шоҳнома» ва анъанаи шоҳномахонӣ равона шудаанд. Моҳи августи соли 2025 нашри дуҷилдаи «Шоҳнома» бо теъдоди 1 700 000 нусха аз ҷониби Муассисаи давлатии «Шарқи озод» ба анҷом расид. Хароҷоти он аз ҳисоби Фонди захиравии Президент таъмин гардид [12]. Ин теъдоди китобҳо ба ҳар як хонадони Тоҷикистон ройгон тақсим шуд. Президент дар Паёми шодбошии худ ба муносибати фарорасии соли нави мелодии 2026 (31 декабри 2025) таъкид намуданд, ки ин ташаббус ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бахшида шудааст [13].

Бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 2025, №АП-862, соли 2026 Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» баргузор мешавад [14]. Мувофиқи ин амр, маблағгузории озмун 2 660 000 сомониро ташкил медиҳад. Озмун дар чор гурӯҳи асосӣ гузаронида мешавад: хонандагон (синфҳои 5–11), донишҷӯёни муассисаҳои олии таҳсилотӣ, омӯзгорон ва коршиносон, инчунин калонсолони аз 60 сола боло [14]. Чунин тақсимот имкон медиҳад, ки ҳамаи сатҳҳои ҷомеа дар эҳёи ин анъана ширкат варзанд. Ин ташаббусҳо дар заминаи таҳқиқоти қаблии илмӣ амалӣ мешаванд ва метавонанд ба ҷамъоварии маводи шифоҳӣ низ мусоидат кунанд.

Дар умум қайд кардан лозим аст, ки «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ на танҳо ёдгории адабии қадим, балки манбаи фаъоли ҳикмати амалӣ, худшиносии миллӣ ва тарбияи маънавӣ ба шумор меравад. Суннати шоҳномахонӣ (наққолӣ), ки дар деҳоти дурдасти Осиёи Марказӣ то нимаи садаи XX пурзур буд, имрӯз бо дастгирии давлатӣ ба марҳилаи нави эҳё ворид гардидааст.

Ташаббусҳои Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар нашри оммавии «Шоҳнома» (1 700 000 нусха, 2025) ва баргузории Озмуни ҷумҳуриявии «Шоҳномахонӣ» (2026, Амри №АП-862) ба эҳёи худшиносии миллӣ, тақвияти ҳувияти фарҳангӣ ва тарбияи наслҳои вориси ҳақиқии ин ганҷинаи бебаҳо заминаи устувор фароҳам овардаанд. Ҳамзамон, гирдоварии фаврии матнҳои шифоҳии шоҳномахонӣ дар деҳоти дурдаст, пеш аз рафтани наслҳои пир, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи фолклоршиносии муосир боқӣ мемонад. Танҳо дар сурати ба таври илмӣ сабту таҳлил намудани ин маводи бойгонии шифоҳӣ метавон тасвири комили таърихӣ ва мадании ин анъанаи қадимаро ба даст овард.

АДАБИЁТ

1. Шоҳнома. – Душанбе: Шарқи Озод, 2025.
2. Шарифзода Х. «Шоҳнома» ва шеъри замони Фирдавсӣ. – Душанбе: Андалеб, 2014.
3. Афсаҳзод А. Фирдавсӣ ва суннатҳои андарзгӯӣ // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1994. – №2. – Саҳ. 47-55.

4. Қодиров М. Ҳикояҳои тамсилӣ дар «Шоҳнома» // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №3. – Саҳ. 157-163.
5. Абдолов Н. Достонҳои ишқӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. – Душанбе: Сино, 2007.
6. Муллоаҳмад М. Паёми ахлоқии Фирдавсӣ. – Душанбе: Деваштич, 2003.
7. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. – Хадамоти иттилоотии «Ховар» (khovar.tj). Таърихи истинод: марти 2026.
8. Раҳмонӣ, Р. Шоҳнома дар фолклори тоҷикон / Равшан Раҳмонӣ. – Мавод аз бойгонии пажӯҳишгар (Бойгонии шахсӣ). Таҳлили саҳроӣ, солҳои 2010-2015.
9. Қиссаҳо пиромуни Фирдавсӣ ва қаҳрамонҳои «Шоҳнома». Таҳияи Б. Шермуҳаммадиён ва Д. Обидзода. – Душанбе: Пайванд, 1996. – 112 с.
10. Анҷавии Шерозӣ, А. Фирдавсинома. Ҷилди 2. – Теҳрон: Интишороти илм, 1369. (ба забони форсӣ)
11. Нурзод, Н. Аҳамияти маҳфилҳои шоҳномахонӣ дар тарбияи насли наврас. – Суханронӣ дар озмуни ҷумҳуриявӣ. – Душанбе, 2025.
12. Муқаддимаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба нашри дуҷилдаи «Шоҳнома». – Душанбе: Шарқи озод, 2025.
13. Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати фарорасии Соли нави мелодии 2026. – 31 декабри 2025.
14. Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баргузории Озмуни ҷумҳуриявии “Шоҳномахонӣ”» аз 29 августи соли 2025, №АП-862. – Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025.
15. Ҷамолиддин Саидзода. Фирдавсӣ кист ва “Шоҳнома” чист? – Душанбе: 2011, 108 саҳифа.
16. Бобоев Шодӣ Азимович. Заминаҳои мифологӣ дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ. – Душанбе, “Деваштич”, 2009. 128 саҳифа.

ШОҲНОМАХОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: ТАЪРИХ, АНЪАНА ВА ЭҲЁИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ на танҳо ҳамчун бузургтарин осори манзуми адабиёти классикии тоҷик, балки ба унвони яке аз ёдгориҳои бузурги фарҳанги башарӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст. Муаллиф кушидааст, то арзиши фаротар аз ҳудуди як миллатро доштаи ин шоҳасарро бозгӯ намояд. Дар таҳқиқот таъкид мешавад, ки «Шоҳнома» сарчашмаи файзи маънавӣ ва илҳоми эҷодкорон дар тамоми давру замон буда, мақоми Абулқосим Фирдавсӣ ҳамчун суханвари нодир на танҳо дар адабиёти форсу тоҷик, балки дар миқёси адабиёти ҷаҳон низ сазовори эътирофи баланд аст. Бо такя ба пажуҳишҳои Садриддин Айнӣ, ки асолати беҳамтои «Шоҳнома»-ро дар муқоиса бо осори пайравон таъкид менамояд, дар мақола маҷмуи андешаҳои гуногунсоҳаи ин асар – аз таъриху адабиёт то фалсафаву ахлоқ – баррасӣ шудааст.Таваҷҷуҳи хос ба суннати шоҳномахонӣ (наққолӣ) – иҷрои шифоҳии достонҳо дар Осиёи Марказӣ, хусусан дар байни тоҷикон, равона шудааст. Дар асоси маводи гирдоварии Б. Шермуҳаммадиён, Д. Обидзода ва таҳқиқоти саҳроии Равшан Раҳмонӣ, анъанаи шоҳномагӯӣ дар деҳаи Пасурхи ноҳияи Бойсуни Ӯзбекистон ба таври муфассал тавсиф шудааст. Дар ин бахш маҳорати баланди наққолони маъруф, аз ҷумла Ҷӯра Камол, ки бо истифода аз садобарорию ишора қиссаҳои «Рустаму Суҳроб»-ро бо эҳсосоти амиқ иҷро мекарданд, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Калидвожаҳо: «Шоҳнома», Фирдавсӣ, шоҳномахонӣ, анъанаи шифоҳӣ, наққолӣ, эҳёи фарҳангӣ, Тоҷикистон, Пешвои миллат, заминаҳои мифологӣ.

ШАХНАМЕХОНИ В ТАДЖИКИСТАНЕ: ИСТОРИЯ, ТРАДИЦИЯ И СОВРЕМЕННОЕ ВОЗРОЖДЕНИЕ

В настоящей статье «Шахнаме» Абулькасима Фирдоуси рассматривается не только как величайшее поэтическое произведение классической таджикской литературы, но и как один из выдающихся памятников мировой культуры. Автор стремится показать ценность этого шедевра, выходящую за рамки одной нации. В исследовании подчёркивается, что «Шахнаме» на протяжении веков служило источником духовной силы и вдохновения для творцов, а статус Абулькасима Фирдоуси как гениального мастера слова получил высокое признание не только в персидско-таджикской, но и в мировой литературе. Опираясь на труды Садриддина Айни, утверждавшего непревзойдённую самобытность «Шахнаме» в сравнении с подражаниями, в статье анализируется многоаспектность произведения, охватывающего историю, литературу, философию и этику.Особое внимание уделено традиции шахнамехони (наккали) – устного исполнения сказаний в Центральной Азии, прежде всего среди таджиков. На основе материалов, собранных Б. Шермухаммадиёном, Д. Обидзодой, и полевых исследований Равшана Рахмони, подробно описана традиция сказительства в кишлаке Пасурх Байсунского района Узбекистана. В этой части статьи изучается высокое мастерство известных сказителей, в том числе Джуры Камола, который, используя модуляции голоса и жесты, с глубоким чувством исполнял сказания о Рустаме и Сухрабе.

Ключевые слова: «Шахнаме», Фирдоуси, шахнамехони, устная традиция, сказительство, культурное возрождение, Таджикистан, Лидер нации, мифологические основы.

SHAHNAMEH-KHANI IN TAJIKISTAN: HISTORY, TRADITION, AND CONTEMPORARY REVIVAL

This article analyzes Abulqasim Ferdowsi's "Shahnameh" not only as the greatest poetic work of classical Tajik literature but also as one of the outstanding monuments of world culture. The author seeks to demonstrate the value of this masterpiece, which transcends the boundaries of a single nation. The study emphasizes that the "Shahnameh" has served for centuries as a source of spiritual strength and inspiration for creators, and the status of Abulqasim Ferdowsi as a genius of the word is highly recognized not only in Persian-Tajik but also in world literature. Drawing on the works of Sadriddin Aini, who asserted the unsurpassed originality of the "Shahnameh" in comparison with imitations, the article analyzes the

multifaceted nature of the work, encompassing history, literature, philosophy, and ethics.Special attention is given to the tradition of Shahnameh-khani (naqqali) - the oral performance of tales in Central Asia, primarily among Tajiks. Based on materials collected by B. Shermuhammadiyon, D. Obidzoda, and field research by Ravshan Rahmoni, the tradition of storytelling in the village of Pasurkh, Baysun district of Uzbekistan, is described in detail. This section examines the high skill of renowned storytellers, including Jura Kamol, who, using voice modulation and gestures, performed the tales of Rustam and Suhrab with deep emotion.

Keywords: "Shahnameh", Ferdowsi, Shahnameh-khani, oral tradition, storytelling, cultural revival, Tajikistan, Leader of the Nation, mythological foundations.

Маълумот дар бораи муаллиф: Боқизода Меҳрона Иброҳим – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: 555570267.

Сведения об авторе: Бокизода Мехрона Иброхим – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета языков Азии и Европы. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: 555570267.

Information about the author: Boqizoda Mehrona Ibrohim – Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Asian and European Languages. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: 555570267.

РОҲҲОИ ИСТИФОДАШАВИИ КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Давлатова С. Э.
Раёсати тайёр кардани кадрҳои илмии АМИТ

Истифодаи калимаҳои иқтибосӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ яке аз масъалаҳои муҳими лексикология ва забоншиносии муқоисавӣ ба ҳисоб меравад. Калимаҳои иқтибосӣ пас аз ворид шудан ба забони қабулкунанда на танҳо аз ҷиҳати шакл, балки аз ҷиҳати вазифа ва услуб низ тағйир меёбанд. Онҳо тадриҷан ба низоми луғавӣ ворид шуда, дар соҳаҳои гуногуни нутқ фаъолона истифода мегарданд.

Тибқи андешаи У. Вайнрайх, воҳидҳои иқтибосӣ пас аз воридшавӣ ба забон метавонанд се марҳилаи асосиро тай намоянд: воридшавӣ, мутобиқшавӣ ва ҳамгироӣ (интегратсия) [Weinreich 1953: 61]. Дар марҳилаи ниҳоӣ чунин калимаҳо ба унсурҳои фаъоли луғати забон табдил меёбанд.

Яке аз соҳаҳое, ки калимаҳои иқтибосӣ фаъолона истифода мешаванд, адабиёти бадеӣ мебошад. Истифодаи калимаҳои иқтибосӣ дар адабиёти бадеии тоҷик як падидаи муҳимми забонӣ ва услубист, ки ба ғанӣ гардидани луғат, ифодаи маъноҳои нозук ва инъикоси муҳити фарҳангӣ мусоидат мекунад. Нависандагон аз чунин калимаҳо барои ғанӣ гардондани забон, тасвири муҳити таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ, баланд бардоштани услуби бадеӣ ва шеваи баён, инъикоси шахсияти қаҳрамон ва ифодаи мафҳумҳои мураккаб (илмӣ, фалсафӣ, динӣ) истифода мебаранд. Назар мекунем ба бархе мисолҳо аз осори устод, Садриддин Айнӣ: Мактабхона аз зери сақф, аз ҷойе, ки сақф бо девор пайванд меёбад, аз ду тараф дутоӣ равзанҳои чорякоршинӣ дошта бошад ҳам, рӯшноиҳое, ки аз он равзанҳо медаромаданд, на ба замини мактаб, балки ба рӯ ба рӯйи худ: бар девори хона – ба зери сақф меафтоданд [«Одина. Мактаби куҳна» Садриддин Айнӣ, 2016].

Дар мисоли зерин метавон мушоҳида намуд, ки устод С. Айнӣ ба таври васеъ аз иқтибосҳои арабӣ ба монанди мактаб ва сақф дар осори худ истифода намудааст.

Калимаи «мактаб» арабӣ буда, дар ФТЗТ чунин шарҳ дода шудааст: 1. ҷойи таълим, муассисаи омӯзишӣ, ки дар он хонандагон савод меомӯзанд; 2. ҷойи омӯзишу тарбия, маркази донишандӯзӣ, таълимгоҳ, дабистон, мадраса, дабиристон; 3. маҷозӣ: равия, ҷараён ё усули хоси эҷодӣ ва илмӣ (масалан, мактаби адабӣ, мактаби илмӣ) [ФТЗТ 1969, ҷ.2: 302].

Калимаи «сақф» низ решаи арабӣ дошта, дар ФТЗТ ба чунин тарз шарҳ дода шудааст: 1. шифти хона, пӯшиши болои хона [ФТЗТ 1969, ҷ.2: 302].

Дар осори С. Айнӣ ва дигар нависандагони классик истифодаи калимаҳои арабӣ хеле зиёд аст, ки ин ба муҳити фарҳангии давр вобаста мебошад. Ба гуфтаи муҳаққиқон, чунин калимаҳо на танҳо маъно, балки хусусияти услубии баланд доранд [Мирзозода 2006: 132].

Дар совхозҳои ба номи Ленин, ба номи Шестопавлов, «Коммунизм» сохтмони хонаҳои истиқоматӣ, мактаб, муассисаҳои маданияту маърифат вусъат гирифт, дар маркази район бунёд кардани кинотеатр, беморхона, комбинати хизмати маишӣ, бозори колхозӣ, маркази савдо, боғчаи кӯдакон ба нақша гирифта шудааст... ["Аскари қаторӣ" Файзуллоев Ибод, 1987].

Дар мисоли болоовардашуда дида метавонем, ки Файзуллоев Ибод, нависандаи шинохтаи тоҷик дар китоби машҳури худ «Аскари қаторӣ» аз вожаҳои иқтибосӣ чи аз забони русӣ ва чи аз забони арабӣ ба таври васеъ истифода намудааст. Дар ҷумлаи мазкур вожаҳои мактаб, маданият, маърифат, марказ, маишӣ ва нақша истилоҳоти иқтибосшудаи забони арабӣ буда, вожаҳои совхоз, коммунизм, район, кинотеатр, комбинат ва колхоз бошад истилоҳоти иқтибосшуда аз забони русӣ мебошанд.

Тавре пештар қайд кардем, қисмати зиёди таркиби луғавии забони англисиро калимаҳои иқтибосӣ ташкил медиҳанд. Аз нуқтаи назари муҳаққиқон, агар таркиби луғавии забони муосири англисӣ аз назар гузаронида шавад, маълум хоҳад гардид, ки ба

ҷуз калимаҳои аслии он забон як қатор воҳидҳои луғавиро иқтибосҳо аз забонҳои лотинӣ, фаронсавӣ, скандинавӣ, келтӣ (уелӣ, шотландӣ), немисӣ, голландӣ, итолёвӣ, испанӣ, португалӣ, русӣ, арабӣ, форсӣ-тоҷикӣ ва монанди инҳо дар бар гирифтаанд [Семенова., Немчинова 2019: 87-101].

Истифодаи вожаҳои иқтибосӣ дар адабиёти бадеии англисӣ басо нақши муҳим бозида, воситаи муҳимми ғанигардонии луғат ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин вомвожаҳо барои ифодаи маъноҳои фарҳангӣ ва иҷтимоӣ хизмат намуда, ба эҷоди услуби инфиродии нависанда мусоидат менамоянд. Ҳамзамон барои баёни маъноҳои нозук ва мураккаб имконият фароҳам меоранд. Назар меафканем ба мисолҳо аз насри бадеии англисӣ:

The next two days in Pamplona were quiet, and there were no more rows. The town was getting ready for the fiesta [Ernest Hemingway, «The Sun Also Rises», P. 120].

Дар мисоли боло дида метавонем, ки калимаи «fiesta» вожаи испанӣ буда, дар ҷумла на танҳо маънои "ҷашн"- ро медиҳад, балки муҳити испаниро низ таҷассум мекунад. Дар луғати тафсирии муосири забони англисӣ Longman Dictionary of Contemporary English (LDOCE) ин калима чунин шарҳ дода шудааст: a religious holiday with dancing, music etc, especially in Spain and South America [LDOCE, 2014, 5 th ed.: 419].

Менигарем ба мисолҳои дигар аз адабиёти бадеии англисӣ:

I felt a strange sense of déjà vu. I knew the bend in the drive, and the way the trees leaned towards one another, their branches interlaced. I knew the way the light fell on the wet leaves, and the smell of the earth, damp and mossy [Daphne du Maurier, «Rebecca», P. 38].

Калимаи фаронсавии «déjà vu» барои ифодаи ҳолати равонии мураккаб истифода шудааст, ки бо як калимаи англисӣ пурра ифода намешавад. Дар луғати этимологии забони англисӣ бошад, чунин шарҳ дода шудааст: feeling of having previously experienced a present situation, 1903, from French déjà vu, literally "already seen" [ONLINE ETYMOLOGY DICTIONARY: URL].

Калимаи мазкур гувоҳи он аст, ки вожаҳои иқтибосшуда метавонанд маънои дақиқ ва нозукро ба таври равшан дар забони воридшуда баён намоянд.

Дар баъзе асарҳо калимаҳои иқтибосӣ нишондиҳандаи сатҳи иҷтимоӣ ва таҳсилоти қаҳрамон мебошанд. Мисол:

He spoke with a certain je ne sais quoi, a quality that set him apart from the crowd [F. Scott Fitzgerald, «The Great Gatsby», P. 49].

Вомвожаи фаронсавии «je ne sais quoi» нишон медиҳад, ки қаҳрамон ба табақаи болоии ҷомеа тааллуқ дорад ва нутқи ӯ дорои унсурҳои "ашрофона" мебошад. Дар луғати тафсирии муосири забони англисӣ Longman Dictionary of Contemporary English (LDOCE) калимаи «je ne sais quoi» чунин тавзеҳ дода шудааст: a good quality that you cannot easily describe – often humorous [LDOCE, 2014, 5 th ed.: 610]. Яъне ки, ибораи мазкур дар забони тоҷикӣ метавонад ба чунин тарз тарҷума шавад: «Як сифати хубе, ки онро ба осонӣ тавсиф кардан мумкин нест».

«It was a kind of exquisite ennui, a state of mind that preferred to be weary than to be happy [Oscar Wilde, «The Picture of Dorian Gray», 2006 P. 67].

Калимаи «ennui» аз вожаи фаронсавии қадим enui («озор», «малолат») (асри XIII) гирифта шудааст, ва он бошад шакли бозпас-сохташуда аз enoiier, anuier мебошад. Соли 1660 ба забони англисӣ ворид шуда, то соли 1758 ба шакли мутобиқшуда (native) табдил ёфтааст. Дар луғати тафсирии муосири забони англисӣ Longman Dictionary of Contemporary English (LDOCE) чунин тафсир ёфтааст: a feeling of being tired, bored, and unsatisfied with your life [LDOCE, 2014, 5 th ed.: 370]. Аз ҳамин ҷо ennuyé (сифат) ба маънои «касе, ки аз малолат ранҷ мебарад» пайдо шудааст, ва аз он ennuyée (исм) барои зане, ки ба чунин ҳолат гирифтор аст, истифода мешавад.

Ҳамин тавр, калимаҳои иқтибосӣ дар адабиёти бадеии англисӣ ба эҷоди услуби инфиродии нависанда мусоидат намуда, барои баёни маъноҳои нозук ва мураккаб имконият фароҳам меоранд.

Дар забони илм калимаҳои иқтибосӣ нақши калидӣ мебозанд. Истифодаи вомвожаҳо яке аз падидаҳои муҳимми забоншиносӣ буда, ба рушди баёни илм ва дақиқии баёни фикр мусоидат мекунад. Аксари истилоҳоти илмӣ маҳз аз забонҳои дигар гирифта шудаанд.

Номбурда яке аз сабабҳои муваффақ нашудани системаи кредитӣ дар кишварро то ҳадди дарсад иҷро нашудани талаботи ин система дар Тоҷикистон арзёбӣ карда гуфт, вақте ин система ҳамчун таҷриба ворид шуд, натиҷаи хуб дод, вале бо иваз шудани мансабдорони баландпояи соҳаи маориф он дуруст тадбиқ нашуд [««Тоҷикӣ» шуд? Низоми кредитӣ дар Тоҷикистон ба бунбаст расидааст?» Asia-Plus, 2022].

Вожаи «система» аслан калимаи юнонӣ «systēma» буда, ба забони тоҷикӣ тавассути забони русӣ ворид гаштааст. Дар ФТЗТ бошад чунин шарҳ дода шудааст: 1. тартиби муайян дар ҷобаҷогузорӣ ва алоқаи ҷузъҳои чизе; 2. равиш, тариқа, тартиб, низом, сохт, тарзи идора кардан, сохти ҷамъиятӣ, шакли тартиботи ҷамъиятӣ; системаи буржуазӣ, системаи кӯҳна, системаи нав; 3. дастгоҳ, низом, маҷмуъи муассисаҳое, ки аз ҷиҳати созмонӣ дар як воҳид – иттиҳодия ҷамъ омадаанд: системаи маориф, системаи савдо; 4. ягонагӣ ва бо ҳам вобастагии ҷузъҳои аз рӯйи қонуни муайян ҷойгирифта ва бо ҳам мутақобилан алоқаманд: системаи асаб, системаи даврии унсурҳо дар химия, системаи офтобӣ.

Система, структура ва функсияҳои таъмини амнияти давлатӣ ҳамон вақт метавонад вазифаҳои худро дар чаҳорчӯби қонунҳои амалкунанда муваффақона таъмин созад, ки ба илм, маърифат тавассути қатъиян ба инобат гирифтани қонуниятҳои тараққиёти ҷамъият ва тафаккури инсонӣ муносибат намояд [«ИЛМ ВА АМНИЯТ» Javonon Tojikiston, 2017].

Ба гуфтаи М. Ҳаспелмат, истилоҳоти илмӣ аксар вақт хусусияти байналмилалӣ доранд ва дар бисёр забонҳо бе тағйир истифода мешаванд [Haspelmath 2009: 29].

Калимаҳои иқтибосӣ метавонанд дар сохтани калимаҳои мураккаб иштирок намоянд. Калимасозии мураккаб яке аз роҳҳои муҳимми ғанигардонии таркиби луғавии забон ба ҳисоб меравад. Дар ин раванд на танҳо воҳидҳои бумӣ, балки калимаҳои иқтибосӣ низ фаъолона иштирок мекунанд. Калимаҳои иқтибосӣ дар сохтани калимаҳои мураккаб метавонанд ҳамчун қисмати асосӣ ё ҳамчун қисмати тобеъ истифода шаванд. Ин падида ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ хеле густурда мебошад. Барои равшантар шудани мавзуъ дар поён якчанд мисолҳо меорем:

Мактаб + дор = Мактабдор

Илм + дӯст = Илмдӯст

Фарҳанг + шинос = Фарҳангшинос

Калимаҳои мактаб, илм, фарҳанг (забони арабӣ) бо воҳидҳои бумӣ якҷоя шуда, калимаҳои нав ба мисли мактабдор, илмдӯст ва фарҳангшинос сохтаанд.

Менигарем ба мисолҳои дигар:

Худ + назорат = худназорат

Ҳам + кор = ҳамкор

Рӯз + нома = рӯзнома

Калимаҳои худ, ҳам, рӯз бо вожаҳои иқтибосшудаи арабӣ мисли назорат, кор, нома якҷоя шуда калимаҳои мураккаби худназорат, ҳамкор ва рӯзномаро ташкил намудаанд.

Ба ҳамин тариқ дар забони англисӣ низ воҳидҳои бумӣ бо воҳидҳои иқтибосӣ якҷоя шуда калимаҳои нави мураккабро ташкил намудаанд:

schoolboy (school – юнонӣ, boy – англисӣ);

telephone call (telephone – юнонӣ, call – англисӣ);

culture shock (culture – лотинӣ, shock – англисӣ).

Назар мекунем ба мисолҳои дигари забони англисӣ:

bookcase (book – англисӣ, case – фаронсавӣ);

workplace (work – англисӣ, place – фаронсавӣ);

friendship (friend – англисӣ, ship – олмонӣ, аммо шакли мутобиқшуда).

Дар бархе мисолҳо метавон мушоҳида намуд, ки ҳар ду ҷузъ аз забонҳои дигар ворид гаштаанд. Дар забони англисӣ ин гуна воҳидҳо аксар вақт шакли аслии худро нигоҳ медоранд ва ҳамчун як воҳиди луғавӣ истифода мешаванд:

status quo (лотинӣ + лотинӣ)

vice versa (лотинӣ)

prima donna (итолиёӣ)

Ҳамин тавр метавон гуфт, ки ин раванд нишон медиҳад, ки калимаҳои иқтибосӣ ба низоми дохилии забон пурра мутобиқ мешаванд [Bloomfield 1933: 223].

Дар бисёр ҳолатҳо калимаҳои иқтибосӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои коммуникативӣ истифода мешаванд. Онҳо метавонанд нуфузи суханро баланд бардоранд, маънои дақиқтар диҳанд, таъсири услубиро пурзӯр кунанд. Ба гуфтаи Д. Кристал, истифодаи калимаҳои иқтибосӣ аксар вақт бо мақсади расмият бахшидан ба нутқ амалӣ мегардад [Crystal 2003: 144].

Таҳлили роҳҳои истифодашавии калимаҳои иқтибосӣ нишон медиҳад, ки онҳо дар ҳамаи сатҳҳои забон фаъолона истифода мешаванд. Калимаҳои иқтибосӣ метавонанд: а) мустақим истифода шаванд; б) дар калимасозӣ иштирок кунанд; в) дар таркиби истилоҳҳо ва ибораҳо ворид гарданд; г) вазифаи услубӣ иҷро намоянд; д) дар нутқи илмӣ, расмӣ ва рӯзмарра истифода шаванд.

Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ роҳҳои истифодаи калимаҳои иқтибосӣ аз ҷиҳати функсионалӣ хеле монанд мебошанд, аммо аз ҷиҳати манбаъ ва таърих фарқ доранд.

АДАБИЁТ

1. Бердиева Т. Назарияи иқтибос. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 256 саҳ.
2. Мирзозода Х. Таърихи забони адабии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 2006. – 420 саҳ.
3. Садриддин Айнӣ. Одина. – Душанбе: Адиб, 2014. – 192 саҳ.
4. *Семенова* Е. В. Лексикология английского языка. Учебное пособие. [Текст] / Е. В. *Семенова*, Н. В. Немченко. Красноярск. *2019*. -152 с.
5. *Файзуллоев* И. *Аскари қаторӣ*: Повест ва ҳикояҳо. – Душанбе: Адиб, *1987*. – 208 с.
6. «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ». – Душанбе: Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон, 1969. – ҷ. 2. – саҳ. тахминан 305.
7. Bloomfield L. Language. – Chicago: University of Chicago Press, 1933. – 566 p.
8. Crystal D. The Cambridge Encyclopedia of the English Language. – Cambridge: Cambridge University Press, 2003. – 499 p.
9. F. Scott Fitzgerald. The Great Gatsby – *Random House*, 2010 – 148 p.
10. Haspelmath M., Tadmor U. Loanwords in the World's Languages: A Comparative Handbook. – Berlin: De Gruyter, 2009. – 1100 p.
11. Hemingway, Ernest. *The Sun Also Rises*. Scribner, 2006, p. 120.
12. Longman Dictionary of Contemporary English, 5 th edition – Pearson, 2014 – 2224 p.
13. Oscar Wilde. The picture of Dorian Gray – Oxford University Press, UK, 2006 – 299 p.
14. Weekley, E. M. A. An etymological dictionary of modern English. – London: John Murray, Albemarle Street, W., 1921. – 1660 clm. (830 p.+20 p. preface).
15. Weinreich U. Languages in Contact: Findings and Problems. – New York: Linguistic Circle of New York, 1953. – 148 p.

РОҲҲОИ ИСТИФОДАШАВИИ КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур дар бораи роҳҳои истифодашавии калимаҳои иқтибосӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бахшида шудааст. Қисмати зиёди таркиби луғавии забони тоҷикиро вомвожаҳо аз забонҳои арабӣ ва русӣ воридшуда ташкил медиҳанд. Ба забони англисӣ вожаҳои иқтибосӣ аз бисёр забонҳо ворид шудаанд, аммо муҳимтарин манбаъҳо забонҳои лотинӣ, фаронсавӣ, юнонӣ ва олмонӣ буданд. Дар натиҷаи таҳқиқ муайян гардид, ки вожаҳои иқтибосӣ дар ҳамаи сатҳҳои забон фаъолона истифода мешаванд. Калимаҳои иқтибосӣ метавонанд: а) мустақим истифода шаванд; б) дар калимасозӣ иштирок кунанд; в) дар таркиби истилоҳҳо ва ибораҳо ворид гарданд; г) вазифаи услубӣ иҷро намоянд; д) дар нутқи илмӣ, расмӣ ва рӯзмарра истифода шаванд.

Калидвожаҳо: калимаҳои иқтибосӣ, забони англисӣ, воҳидҳои луғавӣ, забони тоҷикӣ, воҳидҳои бумӣ, таҳлили муқоисавӣ.

СПОСОБЫ УПОТРЕБЛЕНИЯ ИНОЯЗЫЧНОЙ ЛЕКСИКИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Данная статья посвящена способам употребления иноязычной лексики в таджикском и английском языках. Большую часть словарного состава таджикского языка составляют заимствованные слова из

арабского и русского языков. В английский язык заимствования поступали из многих языков, однако наиболее значительными источниками были латинский, французский, греческий и немецкий языки. В результате исследования установлено, что заимствованные слова активно используются на всех уровнях языка. Иноязычные слова могут: а) использоваться непосредственно; б) участвовать в словообразовании; в) входить в состав терминов и словосочетаний; г) выполнить стилистическое задание; д) употребляться в научной, официальной и повседневной речи.

Ключевые слова: заимствованные слова, английский язык, лексические единицы, таджикский язык, исконные слова, сопоставительный анализ.

THE WAYS OF USING BORROWED WORDS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article is devoted to the use of borrowed words in the Tajik and English languages. Most of the borrowed words of the Tajik language are Arabic and Russian words. Borrowings entered the English language from many languages, however, the most significant sources were Latin, French, Greek, and German. As a result of the study, it was established that borrowed words are actively used at all levels of the language. Borrowings can: a) be used directly; b) participate in word formation; c) be part of terms and combinations; d) complete a stylistic task; e) for use in scientific, official and everyday speech.

Key-words: borrowed words, English language, lexical units, Tajik language, native words, comparative analysis.

Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатова Сабрина Эмомалиевна - Раёсати тайёр кардани кадрҳои илмии АМИТ, магистри кафедраи забонҳои хориҷӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Хиёбони Рудаки,33.

Сведения об авторе: Давлатова Сабрина Эмомалиевна - Руководстве подготовки научных кадров НАНТ, магистр кафедры иностранных языков. Адрес:734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33.

Information about the author: Davlatova Sabrina Emomalievna - Presidium for training scientific personnel of the National Academy of Sciences of Tajikistan, master's student of the department of foreign languages. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33.

ХЕЛ ВА ВАЗИФАҲОИ ПАЙВАНДАКҲОИ ПАЙВАСТКУНАНДА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ЧИНӢ

Чжу Сиюан Лейн
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаддима ва асосноккунии мавзуъ. Мавзуи таҳқиқии ман ба яке аз масъалаҳои муҳимми морфологияи муқоисавӣ - «Хел ва вазифаи пайвандакҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ» бахшида шудааст. Пайвандак ҳиссаи ёридиҳандаи нутқ буда, калимаҳо, аъзои чидаи ҷумла ва ҷумлаҳои соддаро дар таркиби ҷумлаи мураккаб ба ҳам алоқаманд менамояд.

Омӯзиши ин раванд дар ду забони гуногуннизом аҳаммияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад. Забони тоҷикӣ ба хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ва забони чинӣ ба оилаи забонҳои сино-тибетӣ дохил мешавад. Сарфи назар аз тафовутҳои сохторӣ, дар ҳар ду забон барои ифодаи муносибатҳои мантиқӣ аз пайвандакҳо васеъ истифода бурда мешавад. Пайвандакҳо нисбат ба ҳиссаҳои мустақили нутқ дертар аз ҳисоби калимаҳои мустақил пайдо шудаанд ва нақшу вазифаҳои муайян доранд. Омӯзиши муқоисавии мавқеъ ва вазифаҳои пайвандакҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дошта, ба муайян кардани умумиятҳо ва тафовутҳо дар байни ин ду забон мусоидат хоҳад кард.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ. Мақсади асосии таҳқиқи мазкур муайян кардани монандиҳо ва тафовутҳо дар таснифоти морфологӣ ва вазифаҳои синтаксисии пайвандакҳо дар ин ду забон мебошад.

Сарчашмаҳо ва раванди таҳқиқ. Дар ҷараёни таҳқиқ ба сарчашмаҳои зерин такя карда шуд:

Асарҳои назариявӣ, аз ҷумла китоби М.Бозидов «Пайвандакҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик».

Маводи грамматикӣ, ки мувофиқи он пайвандакҳои тоҷикӣ аз рӯйи сохт ба содда, мураккаб ва таркибӣ ҷудо мешаванд.

Барои таҳлили амалӣ асари Садриддин Айнӣ «Мактаби кӯҳна» интихоб гардид. Дар кор матни нусхаи аслии тоҷикӣ ва тарҷумаи чинии ин асар истифода гардида, мувофиқати пайвандакҳо дар тарҷума арзёбӣ гардид. Ин усул имкон дод, ки истифодаи воқеии пайвандакҳо дар матни бадеӣ мавриди таҳлил қарор гирад.

Таснифи пайвандакҳо дар ҳар ду забон. Пайвандакҳо дар ҳар ду забон аз рӯйи вазифа ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд: пайвасткунанда ва тобеъкунанда. Дар доираи ин таҳқиқ диққати асосӣ ба омӯзиши пайвандакҳои пайвасткунанда равона карда шудааст.

Дар забони тоҷикӣ пайвандакҳои пайвасткунанда ба се гурӯҳ - пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ, ҷудо карда мешаванд. Дар забони чинӣ низ ин се гурӯҳи пайвандакҳо вуҷуд доранд.

Таҳлили муқоисавӣ: монандиҳо ва тафовутҳо. Таҳлили маводи гирдоваришуда ва таҳқиқи мазкур исбот намуд, ки донистани ин нозукиҳо, яъне монандиҳо ва фарқҳо дар истифодаи пайвандакҳои пайвасткунанда, ҳамчунин, вазифаҳои грамматикии пайвандакҳо барои тарҷумаи дурусти матн, таъмин намудани робитаҳои мантиқӣ дар байни ин ду забон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Дар натиҷаи таҳқиқ ва муқоисаи маводди ду забон ба чунин натиҷаҳо расидан мумкин аст:

1. Пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳам дар ҳар ду забон барои нишон додани муносибати баробарҳуқуқӣ, пайдарҳамӣ, ҳамзамонӣ ва ё ҷамъбастии амалу ҳодисаҳо ва ашёҳо хидмат мекунад. Бо вуҷуди ин, таҳлили муқоисавӣ собит менамояд, ки хусусиятҳои имлоӣ, услубӣ ва синтаксисии истифодаи ин гурӯҳи пайвандакҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ аз ҳамдигар тафовутҳои бунёдӣ ва ҷиддӣ низ доранд.

Аз лиҳози имло ва морфология, дар забони тоҷикӣ пайвандаки пайвасткунандаи «-у» («-ю») хусусияти энклитикӣ (пайвастшаванда) дошта, ҳамеша бо калимаи пеш аз худ якҷоя навишта ва талаффуз мешавад. Ин хусусият ба сухан, бахусус дар назм, оҳанги хосса ва

равонӣ мебахшад. Агар дар як ҷумла чанд исм ё аъзои чида пай дар пай ояд (ҳолати полисиндетон ё серпайвандакӣ), мо метавонем ин пайвандакро пас аз ҳар як исм такрор кунем, то робитаи зичи онҳоро нишон диҳем ва таъкиди баёнро пурқувват созем.

Таъкид бояд намуд, ки дар забони чинӣ мафҳуми «якҷоя ё ҷудо навиштан» тамоман мавҷуд нест, зеро хатти чинӣ ба низоми иероглифӣ асос ёфтааст ва ҳар як аломат воҳиди графикии мустақил ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҳангоми номбар кардани чанд исми ҳамҷинс дар забони чинӣ такрори пайвандакҳо ба назар намерасад. Ба ҷойи пайвандак аввал фақат аломати китобати махсуси ҷудокунанда – 、(дунҳао – 顿号), ки дар забони чинӣ барои ҷудо кардани аъзои чида истифода мешавад, ба кор меравад ва танҳо дар байни ду исми охирин пайвандаки «和» (hé – ва) гузошта мешавад. Намунаи корбурди пайвандаки пайвасткунандаи “-у” дар забони тоҷикӣ:

Он боғу булбулу гулу ҳомуну кӯҳсор,

Дар ҳеҷ кишваре набувад, эй фидои Шарқ!

Абулқосими Лоҳутӣ

Тарҷумаи чинии матни мазкур ва корбурди аломати «дунҳао» ба ҷойи пайвандаки «-у»:

那花园、夜莺、花朵、山峦**和**树木，

愿它们在其他任何国家都找不到，哦，东方的祭品！

Намунаи дигари корбурди пайвандаки мазкур ва тарҷумаи чинии матн:

Абру боду маҳу хуршеду фалак даркоранд,

То ту ноне ба каф орию ба ғафлат нахурӣ.

Саъдии Шерозӣ

云、风、雨、阳光**和天空都是必需的**,

这样你才不会双手拿着面包，吃得漫不经心。

Дар ду байти мазкур дар забони тоҷикӣ вобаста ба вазни шеър ва талаботи ритмикӣ ҳама ҷо пайвандаки «-у» истифода шудааст, то ягонагии маъноии ҷузъҳо таъмин гардад. Аммо бояд гуфт, ки дар насри муосири тоҷикӣ, одатан, қоидаи дигар амал мекунад: ҳангоми чида шудани аъзои ҷумла пеш аз калимаи охир шакли мустақили «ва» истифода мешавад. Масалан: китобу дафтару қалам ва ҷузвдонашро гирифт.

Дар тарҷумаи байтҳо, тавре ки мебинем, дар забони чинӣ новобаста аз услуби матн (назм ё наср) қоидаи грамматикӣ қатъиян риоя шуда, пайвандаки охир ҳатман дар шакли алоҳида – **和** (hé – ва) меояд ва байни калимаҳои қаблӣ аломати «дунҳао» гузошта мешавад.

Ғайр аз ин, аз нигоҳи вазифаи синтаксисӣ, дар забони тоҷикӣ пайвандаки «ва» вазифаи комилан универсалӣ дорад: он метавонад ҳам калимаҳои алоҳида (исм, сифат, феъл) ва ҳам ҷумлаҳои содаро дар таркиби ҷумлаи мураккаб ба ҳам пайваст кунад. Вале дар забони чинӣ дар ин масъала тафовути қатъии грамматикӣ ва маҳдудиятҳои сахт вуҷуд доранд. Барои пайваст кардани калимаҳо ва ибораҳои исмӣ пайвандакҳои махсус, аз қабили «**和**» (hé), «**与**» (yǔ), «**兼**» (jiān), «**及**» (jí) ва «**以及**» (yǐjí) истифода мешаванд. Ин пайвандакҳоро барои пайваст кардани ҷумлаҳои сода (ё гурӯҳи феълҳо) дар таркиби ҷумлаи мураккаб истифода бурдан қатъиян мумкин нест ва корбурди онҳо дар чунин маврид хатои дағали грамматикӣ ҳисоб меёбад.

Барои алоқаманд кардани ҷумлаҳо дар забони чинӣ пайвандакҳои комилан дигар, мисли «**并**» (bìng) ё «**并且**» (bìngqiě) ба кор мераванд ва ё дар бисёр ҳолатҳо ҷумлаҳо бе ҳеҷ пайвандак, танҳо бо такя ба мантиқ ва пайдарпайии амалҳо пайиҳам меоянд:

(Исо) Ба киштӣ савор шуд, ва шогирдонаш ба Тӯ пайравӣ карданд. (Инҷили Матто, Боби 8, Ояти 23, Тарҷумаи Институти тарҷумаи Китоби Муқаддас)

耶稣上了船，门徒跟着他。（马太福音 8:23）

Ва шумо ҳар шаҳри ҳисордор ва ҳар шаҳри гузинро зарба хоҳед зад ва ҳар дарахти хубро хоҳед бурид ва ҳар чашмаи обро хоҳед баст ва ҳар қитъаи хубро бо сангҳо табоҳ хоҳед кард (4 Подшоҳ, 3:19, КМ92).

“你们必攻破一切坚城美邑，砍伐各种佳树，塞住一切水泉，用石头糟踏一切美田。（列王纪下 3:19）

Дар ин ҷумлаи мураккаби чинӣ ягон пайвандак истифода нашудааст. Агар мо хоҳем, ки пайвандак илова кунем, метавонем пеш аз ҷумлаи содаи охирин пайвандакҳои «并» ё «并且»-ро ба кор барем. Намуна:

Ва шумо ҳар шаҳри ҳисордор ва ҳар шаҳри гузинро зарба хоҳед зад ва ҳар дарахти хубро хоҳед бурид ва ҳар чашмаи обро хоҳед баст ва ҳар қитъаи хубро бо сангҳо табоҳ хоҳед кард – 你们必攻破一切坚城美邑，砍伐各种佳树，塞住一切水泉，并且用石头糟踏一切美田。

(Исо) Ба киштӣ савор шуд, ва шогирдонаш ба Тӯ пайравӣ карданд – 耶稣上了船，并且门徒跟着他。

2. Гурӯҳи дигари муҳимми пайвандакҳо пайвандакҳои хилофӣ мебошанд, ки дар ҳар ду забон нақши калидиро иҷро мекунанд. Аз нигоҳи мантиқӣ ва грамматикӣ, ин пайвандакҳо барои ифодаи муносибати зиддият, муқобилгузорӣ ё маҳдудият дар байни қисмҳои ҷумлаи мураккаб хидмат менамоянд. Онҳо баёнгари он мебошанд, ки фикри дар қисми дуюм овардашуда ба мундариҷаи қисми якум мухолиф аст ва ё натиҷаи ғайричашмдошти онро нишон медиҳад.

Дар забони чинӣ калимаҳои «但» (dàn), «但是» (dànshì), «然而» (rán'ér), «可是» (kěshì) ва «不过» (bùguò) ҳама вазифаи якхелаи хилофӣ доранд. Ин калимаҳо аз ҷиҳати маъно бо ҳам наздиканд ва аксар вақт барои ифодаи зиддият истифода мешаванд. Ҳарчанд дар корбурди ин калимаҳои чинӣ баъзе тафовутҳои ночизи услубӣ мавҷуданд (масалан, «然而» бештар дар матнҳои расмӣ ва адабӣ, «不过» бошад, бештар дар забони гуфтугӯйӣ ба кор меравад), моҳияти синтаксисии онҳо ҳамчун пайвандаки хилофӣ комилан яксон аст.

Ин ҳолат маҳз ба се пайвандаки асосии забони тоҷикӣ - «аммо», «вале» ва «лекин» монандӣ дорад. Ин се пайвандак дар забони адабии муосири тоҷикӣ ҳаммаънои мутлақ ба шумор рафта, ба гӯянда ва нависанда имкон медиҳанд, ки бидуни тағйир додани мантиқи ҷумла, матнро аз лиҳози услубӣ гуногунранг созанд. Барои тасдиқи ин фикр ба мисоли зерин аз адабиёти бадеии тоҷик мурочиат мекунем:

Аммо боз тарсидам, зеро то он вақт чӯби сахт нахӯра будам (Садриддин Айнӣ, Мактаби кӯҳна).

Азбаски ҳар се пайвандак хусусияти синонимӣ доранд, мо метавонем онҳоро дар доираи як сохтор озодона ба ҷойи ҳамдигар гузорем. Ҷумлаи мазкурро дар забони тоҷикӣ дар шаклҳои зерин низ ифода кардан мумкин аст:

Вале боз тарсидам, зеро то он вақт чӯби сахт нахӯрда будам.

Лекин боз тарсидам, зеро то он вақт чӯби сахт нахӯра будам.

Тарҷумаи ин ҷумла ба забони чинӣ чунин аст:

但是我仍然害怕，因为我之前从未被棍棒打过。

Бояд қайд кард, ки дар раванди баёни умумии воқеаҳо ва матнҳои ҳикоягӣ пайвандакҳои хилофӣ дорои хусусияти қавии бадалшавандагӣ (мутародифӣ) мебошанд. Агар дар матни нақлӣ пайвандаки «аммо» истифода шуда бошад, онро барои пешгирӣ кардани такрори лексикӣ ва нигоҳ доштани равонии сухан, бе тағйир додани маънои умумии ҷумла, ба таври озод бо пайвандакҳои синонимии «вале» ё «лекин» иваз намудан мумкин аст. Ин падида нишон медиҳад, ки дар доираи муносибатҳои хилофӣ синонимияи синтаксисӣ хеле инкишоф ёфтааст. Масалан, дар ҷумлаҳои зерин ин хусусияти ивазшавиро ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст:

Бинобар ин дар дили худ қарор додам, ки ӯро ҳамроҳи худ шаҳр барам, "ҳар чӣ шавад, дар пеши назари худамон шавад." Аммо пеш аз он ки ба шаҳр шавам, ба Соктаре, ба хонаи худамон рафта омаданам лозим буд (Садриддин Айнӣ, Мактаби кӯҳна).

Агар дар ин ҷумла пайвандаки “аммо”-ро бо “вале” ва “лекин” иваз намоем, шаклҳои ҷумла мувофиқан чунин хоҳанд шуд:

Бинобар ин дар дили худ қарор додам, ки ӯро ҳамроҳи худ шаҳр барам, "ҳар чӣ шавад, дар пеши назари худамон шавад." Вале пеш аз он, ки ба шаҳр равам, ба Соктаре, ба хонаи худамон рафта омаданам лозим буд.

Бинобар ин дар дили худ қарор додам, ки ӯро ҳамроҳи худ шаҳр барам, "ҳар чӣ шавад, дар пеши назари худамон шавад." Лекин пеш аз он, ки ба шаҳр равам, ба Соктаре, ба хонаи худамон рафта омаданам лозим буд.

Тарҷумаи ин ҷумла ба забони чинӣ чунин аст:

因此，我心里便决定带他一同去城里，“**无**论发生什么，都要在我们眼皮底下发生。”**但是在**进城之前，**我需要先回一趟索克塔雷**（Соктаре）**我**们自己的家。

Тавре ки дар забони тоҷикӣ ин се пайвандак метавонанд дар бисёр ҳолатҳо ҷойи якдигарро иваз кунанд ва як маънои грамматикиро диҳанд, дар забони чинӣ низ гурӯҳи калимаҳои зикршуда чунин хусусиятро доранд. Ин падидаи забонӣ собит месозад, ки дар ифодаи муносибатҳои хилофӣ ҳар ду забон дорои захираи бойи луғавӣ буда, принсипи мувофиқати синтаксисиро васеъ истифода мебаранд.

Аз ҷиҳати тарҷума бошад, ин пайвандакҳо дар ҳар ду забон маънои комилан якхела доранд ва метавонанд ба таври мустақим якдигарро иваз кунанд. Ин мувофиқати комил ба мутарҷим озодии комили интихобро фароҳам меорад ва раванди тарҷумаро осон мекунад. Масалан, «аммо»-и тоҷикиро метавон ҳамчун «лекин», «вале» ва «**但是**»-ро ҳамчун«**但**», «**然而**» , «**可是**» ва «**不**过» баргардон кард, зеро вазифаи мантиқии онҳо дар сохтори ҷумла комилан баробар аст.

Бо дарназардошти ин баробараризишии лексикию грамматикӣ, ҳангоми тарҷума мо метавонем аз тамоми имкониятҳои синонимии забони чинӣ истифода барем. Ҳамин тариқ, он ҷумлаи «Аммо боз тарсидам, зеро то он вақт чӯби сахт нахӯра будам»-ро ин гуна низ тарҷума кардан имконпазир аст:

但是我仍然害怕，**因**为我之前从未被棍棒打过。

但我仍然害怕，**因**为我之前从未被棍棒打过。

然而我仍然害怕，**因**为我之前从未被棍棒打过。

可是我仍然害怕，**因**为我之前从未被棍棒打过。

不过**我仍然害怕**，**因**为我之前从未被棍棒打过。

3. Гурӯҳи охирини пайвандакҳои пайвасткунанда пайвандакҳои ҷудоӣ мебошанд. Таҳлили амиқи мо нишон дод, ки ин гурӯҳи пайвандакҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ аз ҷиҳати маънои грамматикӣ ва мавқеъ дар сохтори синтаксисии ҷумла ба ҳамдигар хеле наздик ва қариб баробар ҳастанд. Дар ҳар ду забони мавриди омӯзиш ин пайвандакҳо барои ифодаи интихоб аз байни ду ё якчанд ашё, воқеаҳо, амалҳо ва падидаҳо хизмат мекунанд. Хусусияти асосии мантиқии онҳо дар он аст, ки ҳангоми номбар шудани чанд ҳодиса, одатан, фақат яке аз онҳо метавонад воқеъ шавад ё ба ҳақиқат мувофиқ бошад.

Хусусияти ҷолиби тарҷумавӣ дар он аст, ки онҳоро дар бисёр мавридҳо бидуни тағйири сохтори ҷумла ба таври мустақим ба якдигар тарҷума кардан мумкин аст. Масалан, пайвандаки ҷуфти тоҷикии «ё... ё...», ки маънои қатъии интихобро дорад, ба таври комил ба сохтори чинии «**要么**……**要么**……» (yàome... yàome...) мувофиқат мекунад. Ҳар ду сохтор аз лиҳози мавқеъгирӣ дар аввали ҳар як қисми интихобшаванда (хоҳ аъзои чида бошад, хоҳ ҷумлаи сода) меоянд ва таъкиди мантиқиро пурзӯр намуда, диққати хонандаро ба ногузирии интихоб ҷалб менамоянд. Масалан:

Яке аз бачагон ба ман омада чақид: Ё бозӣ кун, гуфт ӯ, ё туро дар миёна гирифта каллаккӯбак мекунем (Садриддин Айнӣ, Мактаби кӯҳна).

其中一个孩子走过来对我说：**要么玩**，**要么我**们将你包围，给你来一次“**啄木**鸟啄食”。

Ҳеҷ кас ба ду оғо хизмат карда наметавонад: зеро ки ё аз яке нафрат карда, дигареро дӯст медорад, ё ба яке часпида, дигареро хор медорад. Шумо наметавонед ба Худо ва ба мамон хизмат кунед. (Инҷили Матто, Боби 6, Ояти 24, Тарҷумаи Институти тарҷумаи Китоби Муқаддас)

一个人不能侍奉两个主；**因**为他**要么恨**这个、爱那个，**要么重**这个、轻那个。你们不能又侍奉神，**又侍奉**玛门。（马太福音 6:24）

Ё дарахтро хуб ва меваашро хуб донед, ё дарахтро бад ва меваашро бад донед; зеро ки дарахт аз меваш шинохта мешавад. (Инҷили Матто, Боби 12, Ояти 33, Тарҷумаи Институти тарҷумаи Китоби Муқаддас)

要么算树好，**果子也好**；**要么算**树坏，**果子也坏**；**因**为凭着果子就可以认出树来。（马太福音 12:33）

Инчунин, бояд қайд кард, ки дар ҳолатҳои баёни одӣ, яъне вақте ки пайвандаки «ё» дар ҷумлаҳои хабарӣ меояд, он бевосита ва мустақиман ба калимаҳои чинии «**或**» (huò) ё шакли пурраи он «**或者**» (huòzhě) тарҷума мешавад. Маҳз ба монанди забони тоҷикӣ, ки «ё» воситаи пайвасткунандаи универсалӣ барои нишон додани алтернатива аст, дар забони чинӣ низ ин пайвандакҳо ҳам барои пайваст кардани калимаҳои алоҳида (исмҳо, сифатҳо, феълҳо) ва ҳам барои алоқамандии ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст ба таври васеъ истифода мешаванд. Масалан:

Ман фикр мекунам, ки пагоҳ якҷоя ба боғ ба сайругашт равем, ё ман метавонам танҳо равам.

我想我们明天可以一起去公园散步，**或者我可以一个人去**。

Думаи давлатии Русия нақша дорад, ки рӯйхати асосҳо барои ихроҷи шаҳрвандони хориҷӣ ё муҳоҷиронро қариб ду баробар зиёд кунад (12.04.2026 Asia Plus TV) .

俄罗斯国家杜马计划将驱逐外国公民**或移民的理由清**单增加近一倍。

Аммо дар ин ҷо як нозукии бисёр муҳимми грамматикӣ вуҷуд дорад, ки ҳангоми омӯзиш ва тарҷума диққати махсусро талаб мекунад. Дар ҷумлаҳои саволии интихобӣ, ки гӯянда аз шунаванда интихоб кардани яке аз ду вариантҳои пешниҳодшударо талаб мекунад, пайвандаки «ё» на ба «**或者**» (huòzhě), балки ҳатман ба калимаи махсуси чинии « 还是» (háishì) тарҷума мешавад. Ин падида нишон медиҳад, ки забони чинӣ барои ифодаи интихоб вобаста ба мақсади баён (дар ҷумлаҳои хабарӣ ва саволӣ) аз воситаҳои гуногуни лексикӣ ва грамматикӣ истифода мебарад ва сарҳади истифодаи онҳоро қатъӣ муайян мекунад. Дар ҳоле ки дар забони тоҷикӣ пайвандаки «ё» дар ҳар ду ҳолат (ҳам хабарӣ ва ҳам саволӣ) комилан универсал аст ва шакли худро тағйир намедиҳад:

Шумо муллоед ё паҳлавон? – падарам аз он муллобача пурсид (Садриддин Айнӣ, Мактаби кӯҳна).

你是毛拉还是**摔跤手**…？

"Шумо меравед ё не?"

你去还是**不去？**

Оё Ту ҳамон Касе ҳастӣ, ки бояд биёяд, ё мо каси дигареро интизор шавем? (Инҷили Матто, Боби 11, Ояти 3, Тарҷумаи Институти тарҷумаи Китоби Муқаддас)

那将要来的是你，还是**我**们在等候别人呢？（马太福音 11:3）

Ватанхоҳӣ ба гуфтор аст, ё кирдор, ё ҳар ду? (Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон "Ховар")

爱国主义是表现在言语上，还是**行**动上，还是**两者兼有？**

Хулосаи пажӯҳиши ҳозир нишон медиҳад, ки пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ, сарфи назар аз тафовутҳои куллии сохтории ин ду забон, аз ҷиҳати мантиқӣ-семантикӣ вазифаҳои амиқан шабеҳро иҷро мекунанд. Дар раванди таҳлили муқоисавӣ маълум гашт, ки аксари ин пайвандакҳо (ба монанди аммо, вале, ё) дар ҳар ду низоми забонӣ маънои баробар дошта, дар бисёр мавридҳо имкони тарҷумаи мустақимро доранд.

Бо вуҷуди ин, забони чинӣ дар мавриди корбурди пайвандакҳои пайиҳам (**和**, **并**) ва ҷудоӣ (**或者**, 还是) вобаста ба матн, услуби матн ва навъи ҷумла (хабарӣ ё саволӣ) тафовути дақиқтар ва маҳдудиятҳои қатъии синтаксисӣ мегузорад, ки ин хусусият дар забони тоҷикӣ камтар дида мешавад.

Илова бар ин, таҳлили амиқи синтаксисӣ моро ба яке аз масъалаҳои бунёдии забоншиносии типологӣ – муқобилати назариявии «шаклпайвандӣ» ва «маънопайвандӣ» раҳнамун месозад. Забони тоҷикӣ ҳамчун намояндаи оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ ба гурӯҳи забонҳои шаклпайванд дохил мешавад, ки дар он робитаҳои мантиқии байни калимаҳо ва ҷумлаҳо тавассути воситаҳои возеҳи грамматикӣ, пеш аз ҳама пайвандакҳо, таъмин мегардад. Баръакс, забони чинӣ намунаи барҷастаи забони маънопайванд мебошад. Дар синтаксиси чинӣ пайдарпайии мантиқии амалҳо ва контекст нақши ҳалкунанда доранд ва дар бисёр мавридҳо, агар мантиқи ҷумла фаҳмо бошад, пайвандакҳо партофта мешаванд. Ин тафовути бунёдӣ на танҳо хусусияти сохтории ин ду забонро нишон медиҳад, балки сабаби асосии мушкилот дар раванди омӯзиш ва тарҷума ба шумор меравад.

Вобаста ба ин тафовутҳои назариявӣ, дар раванди азхудкунии забонҳо аз ҷониби донишҷӯён хатогиҳои маъмулӣ ба мушоҳида мерасанд. Масалан, донишҷӯёни тоҷик ҳангоми омӯзиши забони чинӣ зери таъсири хусусияти универсалии пайвандаки тоҷикии «ва» аксар вақт калимаи чинии «和» (hé)-ро барои пайваст кардани ду ҷумла ё ду феъл истифода мебаранд, ки ин аз нигоҳи меъёрҳои забони чинӣ хатои грамматикӣ аст (масалан: «我去商店和买了一本书» - Ман ба мағоза рафтам ва як китоб харидам). Инчунин, бинобар фарқ накардани пайвандакҳои ҷудоӣ дар ҷумлаҳои хабарӣ ва саволӣ, онҳо пайвандаки «或者» (huòzhě)-ро дар ҷумлаҳои саволии интихобӣ нодуруст ба кор мебаранд, ба монанди: «你喝茶或者咖啡？» (Шумо чой менӯшед ё қаҳва?), дар ҳоле ки дар ин маврид бояд ҳатман пайвандаки «还是» (háishì) истифода шавад.

Дар навбати худ, донишҷӯёни чинизабон низ ҳангоми омӯзиши забони тоҷикӣ ба мушкилоти сохторӣ дучор меоянд. Зери таъсири тафаккури «маънопайвандӣ» ва майли табиии забони чинӣ ба сарфаҷӯйии воситаҳои ёридиҳанда, онҳо ҳангоми сохтани ҷумлаҳои мураккаби тоҷикӣ аксар вақт пайвандакҳои зарурироро фаромӯш мекунанд ё қасдан мепартоянд. Дар натиҷа, матни сохтаи онҳо аз нигоҳи синтаксиси забони тоҷикӣ канда-канда ва нопурра садо медиҳад, зеро дар забони тоҷикӣ алоқаи ҷумлаҳо бидуни воситаҳои грамматикии пайвасткунанда (шаклпайвандӣ) аксаран ғайриимкон аст.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки таҳқиқи муқоисавии хел ва вазифаҳои пайвандакҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ на танҳо аҳаммияти маҳз назариявӣ дорад, балки дорои арзиши бузурги амалӣ низ мебошад. Дарки амиқ ва фаҳмиши дурусти муқобилати гипотаксис ва паратаксис, инчунин, тафовутҳои нозуки корбурди пайвандакҳо дар матнҳои гуногун ба мутарҷимон барои расидан ба мувофиқати комил дар тарҷума мусоидат менамояд. Аз сӯйи дигар, ин таҳлил барои такмили методикаи таълими забони чинӣ барои тоҷикон ва забони тоҷикӣ барои чинизабонон заминаи илмӣ фароҳам оварда, барои рафъи монеаҳои забонӣ ва тақвияти робитаҳои байнифарҳангӣ хидмат хоҳад кард.

Таҳлили мо исбот намуд, ки донистани ин нозукиҳои грамматикӣ барои тарҷумаи дурусти робитаҳои мантиқӣ дар байни ин ду забони гуногунизом аҳаммияти калони назариявӣ ва амалӣ дорад. Метавон гуфт, ки натиҷаҳои ин таҳқиқ заминаи мусоидро барои пешгирии содиркунии хатоҳои услубӣ ва дарки беҳтари низоми синтаксисии забонҳои тоҷикиюю чинӣ фароҳам меорад.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Мактаби кӯҳна. Душанбе, 2018.
2. Бозидов М. Пайвандакҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик. –Душанбе: Маориф, 1985.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. –Душанбе: Дониш, 1985.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Китоби 1. –Душанбе: Ирфон, 1973.
5. Конфутсий. Муколама ва мулоҳиза. Мутарҷимон: Ся Ран, Умеда Расулӣ. –Душанбе, 2022.
6. Сад шеър аз даврони сулолаи Тан. Тарҷумаи Ся Ран, Умеда Расулӣ. –Душанбе, 2020.
7. Azim Baizoyev, John Hayward. The Offical Beginners' Guide to Tajiki. –Dushanbe, 2001.
8. Chinese Union Version with New Punctuation, Simplified Script. –Hong Kong, 1988.
9. Institute for Bible Translation. Китоби Муқаддас. –Stockholm, 1999.
10. 萨德里丁·艾尼《老式学校》。翻译：夏冉--杜尚别 2024 (Айнӣ С. Мактаби кӯҳна. Тарҷумон: Ся Ран).

ХЕЛ ВА ВАЗИФАҲОИ ПАЙВАНДАКҲОИ ПАЙВАСТКУНАНДА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ЧИНӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлили муқоисавии хел ва вазифаҳои синтаксисии пайвандакҳои пайвасткунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ бахшида шудааст. Дар таҳқиқот хусусиятҳои грамматикию услубии пайвандакҳои пайиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ дар асоси маводи бадеӣ ва тарҷумаи онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои пажуҳиш нишон медиҳанд, ки ин пайвандакҳо дар ҳар ду забон аз ҷиҳати мантиқӣ вазифаҳои шабеҳ дошта, аксаран ба таври мустақим тарҷума мешаванд. Бо вуҷуди ин, дар забони чинӣ вобаста ба матн ва навъи ҷумла дар истифодаи пайвандакҳо тафовути дақиқтар гузошта мешавад, ки донистани ин нозукиҳо барои тарҷумаи дурусти робитаҳои мантиқӣ аҳаммияти калон дорад.

Калидвожаҳо: пайвандак, пайвандакҳои пайвасткунанда, забони тоҷикӣ, забони чинӣ, таҳлили муқоисавӣ, пайвандакҳои пайҳам, пайвандакҳои хилофӣ, пайвандакҳои ҷудоӣ, вазифаҳои синтаксисӣ, мувофиқати тарҷумавӣ, забонҳои гуногуннизом.

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ТИПОВ И ФУНКЦИЙ СОЧИНИТЕЛЬНЫХ СОЮЗОВ В ТАДЖИКСКОМ И КИТАЙСКОМ ЯЗЫКАХ

Данная статья посвящена сравнительному анализу типов и синтаксических функций сочинительных союзов в таджикском и китайском языках. В исследовании на основе художественного материала и его перевода рассматриваются грамматические и стилистические особенности соединительных, противительных и разделительных союзов. Результаты работы показывают, что данные союзы в обоих языках выполняют схожие логические функции и в большинстве случаев переводятся напрямую. Тем не менее, в китайском языке использование союзов демонстрирует более точную дифференциацию в зависимости от контекста и типа предложения , и понимание этих тонкостей имеет важное значение для точной передачи логических связей при переводе.

Ключевые слова: союз, сочинительные союзы, таджикский язык, китайский язык, сравнительный анализ, соединительные союзы, противительные союзы, разделительные союзы, синтаксические функции, переводческая эквивалентность, разноструктурные языки.

TYPES AND FUNCTIONS OF COORDINATING CONJUNCTIONS IN TAJIK AND CHINESE LANGUAGES

This article is devoted to a comparative analysis of the types and syntactic functions of coordinating conjunctions in the Tajik and Chinese languages. Based on literary material and its translation, the study examines the grammatical and stylistic features of connective, adversative, and disjunctive conjunctions. The results indicate that these conjunctions perform similar logical functions in both languages and are mostly translated directly. Nevertheless, the use of conjunctions in Chinese demonstrates a more precise differentiation depending on the context and sentence type , and understanding these nuances is of great importance for the accurate rendering of logical relations in translation.

Keywords: conjunction, coordinating conjunctions, Tajik language, Chinese language, comparative analysis, connective conjunctions, adversative conjunctions, disjunctive conjunctions, syntactic functions, translational equivalence, typologically different languages.

Маълумот дар бораи муаллиф: Чжу Сиюан Лейн – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси якуми ихтисоси – 1-21050100 – забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷик. **Суроға: 734025,** Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Информация об авторе: Чжу Сиюан Лейн – Таджикский национальный университет, магистр первого курса специальности – 1-21050100 – таджикский язык и литература, таджикского филологического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the author: Zhu Xiyuan Lane – Tajik National University, first-year of master's student in the speciality – 1-21050100 – Tajik language and literature, faculty of Tajik philology. Address **734025,** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.

БАРРАСИИ МУАРРАБОТ ДАР ОСОРИ ЗАБОНШИНОСОНИ АРАБ

Мирзоева Қ. К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки муарработ на танҳо як зуҳуроти луғавӣ, балки равандест, ки фарҳанг, илм, тамаддун ва забонҳоро бо ҳам мепайвандад. Забони арабӣ тавассути ин иқтибосҳо қудрати мутобиқшавӣ ва тавсеаи луғавии худро нишон медиҳад [1, с. 15]. Гуфта метавонем, ки муарработ дар таҳаввули забон нишонаи заъф набуда, балки нишондиҳандаи зиндагӣ, рушд ва неруи қабулгарии забон мебошад [2, с. 34].

Дар таҳқиқоти муосир масъалаи муарработ дар доираи васеъ баррасӣ мешавад. Он на танҳо ҳамчун иқтибоси луғавӣ, балки ҳамчун равандест, ки рушди илм, фарҳанг ва муносибатҳои байни забонҳоро инъикос менамояд [3, с. 67]. Бинобар ин, таҳлили назарияҳои муарработ имкон медиҳад, ки забони арабӣ ҳамчун низоми зинда ва тағйирпазир арзёбӣ гардад [1, с. 23].

Дар ин мақола баррасии муфассали ҷанбаҳои назариявии муарработ дар осори забоншиносони гузаштаву муосир, муайян намудани нуқтаҳои умумӣ ва ихтилофи назарҳо, инчунин арзёбии нақши он дар таҳаввули забони арабӣ мебошад [4, с. 112].

Таҳқиқи масъалаи муарработ дар осори уламо ва луғатшиносони классикии арабӣ мавқеи махсус дорад. Аз ибтидои асрҳои ҳиҷрӣ то давраи Аббосиён масъалаи пайдоиши калимаҳои бегона дар забони арабӣ ҳамеша баҳсбарангез буд [5, с. 45]. Бисёре аз олимон мекӯшиданд муайян намоянд, ки оё забони арабӣ метавонад дорои калимаҳои ғайриарабӣ бошад ё не, зеро ин масъала ба масоили каломӣ ва илоҳиётӣ низ таъсир мерасонд [2, с. 78].

Бисёре аз уламои аввалин, аз ҷумла Ибни Форис, Фарроъ ва Абӯубайда, бар он ақида буданд, ки забони арабӣ забони пок ва мустақил аст ва ҳамаи калимаҳо, ҳатто онҳое, ки монанди бегона менамоянд, решаи арабӣ доранд [6, с. 89]. Ин дидгоҳ дар илми забоншиносӣ бо номи назарияи асолати забон маъруф аст [4, с. 123].

Дар муқобили ин назария, гурӯҳи дигаре аз уламо қайд кардаанд, ки вуруди калимаҳои бегона ба Қуръон мухолифи арабӣ будани он нест, зеро вақте калима ба қоидаҳои забони арабӣ мутобиқ мешавад, дигар бегона шумурда намешавад [5, с. 78]. Ин сухан баёнгари гузариши илмӣ аз назарияи асолат ба назарияи мутобиқат аст [6, с. 101].

Андешаҳои луғатшиносони классикӣ, аз ҷумла Ибни Дурайд дар асари худ «Ҷавҳарат-ул-луға», мавҷудияти калимаҳои ғайриарабиро дар забон мепазиранд [7, с. 34]. Ба андешаи ӯ, бисёре аз калимаҳо аз форсӣ, румӣ ва ҳиндӣ ба забони арабӣ ворид шудаанд, вале арабҳо онҳоро ба забони худ мутобиқ кардаанд [2, с. 145]. Ин раванд нишонаи зиндагӣ ва тавсеаи забон мебошад [3, с. 89].

Набудани калима барои ифодаи ашё ё мафҳуми нав дар забони арабӣ сабаб мешуд, ки арабҳо калимаҳоро аз забонҳои дигар иқтибос намоянд [8, с. 212]. Дар натиҷа, он калимаҳо шакли арабӣ гирифта, дар луғат боқӣ мемонданд [4, с. 156].

Калимаҳои иқтибосшуда ба забони арабӣ бо сабабҳои зерин мебошад [5, с. 112]:

Тиҷорат [1, с. 67]

Робитаҳои сиёсӣ [6, с. 134]

Тарҷумаи китобҳо [2, с. 89]

Ниёз ба истилоҳҳои илмӣ [7, с. 56]

Дар натиҷаи бархӯрди фарҳанги арабӣ бо дигар фарҳангҳо зарурати табодули истилоҳоти илмӣ, иқтибос намудани номҳои ашё, ки дар арабӣ вуҷуд надоштанд, пеш омад [8, с. 245]. Бархе аз онҳо ба воситаи забони арабӣ машҳур шуданд ва калимаҳои бегона баъдан мутобиқ гардида, ба фонди луғавии забони арабӣ ворид шуданд [4, с. 189].

Агар муарработеро, ки муаллифон зикр кардаанд ва забоншиносон шарҳу тавзеҳ намудаанд, аз рӯйи пеш аз ислом будан ё набуданашон баррасӣ намоем, ба натиҷаҳои зерин мерасем [1, с. 234]

1. Шумораи калимаҳои бегона дар байни калимаҳои арабӣ ва дар қиёс бо калимаҳои арабие, ки аз забонҳои дигар, аз ҷумла форсӣ, ворид шудаанд, бисёр кам аст [5, с. 145].

2. Он калимаҳое, ки ба забони арабӣ ворид шудаанд, ба хусусият ва талаботи забон мутобиқ гардида, аз онҳо дар илм истифода шудааст [2, с. 167]. Қисми ночизи ин калимаҳо ба фалсафа ё дигар илмҳо тааллуқ доранд. Аммо калимаҳои арабие, ки аз забонҳои дигар ворид шудаанд, бештар ба маънавиёт, мафҳумҳои динӣ, ахлоқӣ ва равонӣ иртибот доранд [6, с. 201].

3. Калимаҳои бегонае, ки ба забони арабӣ дохил шудаанд, дар бисёр мавридҳо ба қолаби забони арабӣ мутобиқ гардонида шудаанд [7, с. 78]. Ҳарфҳои онҳо тағйир дода мешуданд, то ба вазн ва шаклҳои таркибии забони арабӣ мувофиқат намоянд [3, с. 234].

Табиист, ки арабисозӣ падидае аз падидаҳои бархӯрди забонҳо ва таъсири онҳо бо якдигар мебошад [8, с. 278]. Ин падида монанди дигар забонҳо, дар забони арабӣ низ вуҷуд дорад [1, с. 89]. Забонҳо вобаста ба эҳтиёҷоташон калимаҳоро дар худ ворид мекунад [4, с. 145]. Табодули фарҳангӣ бо табодули забонӣ ба вуқӯъ мепайванданд, ин ҳангом калимаҳо ноайён ба забон ворид мешаванд [2, с. 112]. Ин барои он аст, ки ҳар забони пешрафтае, ки дар як замони муайяни умраш фарҳанги дурахшон, илми пешрафта, тафаккури баланд ва адабиёти воло доштааст, бо сарвати маҳалии худ қаноат карда наметавонад [5, с. 189]. Ва инчунин забонҳои дигар низ аз таъсири он наҷот ёфта наметавонанд [6, с. 78].

Омили асосӣ дар воридшавии калимаҳои бегона дар забони арабӣ, ба он бармегардад, ки мардуми арабизабон пеш аз Ислом ва баъд аз он бо дигар миллатҳо бархӯрди тиҷорӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ барқарор намуда буданд [7, с. 145]. Аз ин бархӯрд ва пешрафти табиӣ фарҳангӣ падидаҳои тозае дар соҳаҳои иқтисодиёт, саноат, зироат, савдо ва илмҳои фалсафӣ, адабиёт, ки дин ва соҳаҳои гуногуни сиёсиву ҷомеашиносӣ ба вуҷуд омадаанд, ки арабҳо аз он огоҳӣ надоштаанд [3, с. 256].

Дар натиҷаи бархӯрди фарҳанги арабӣ бо дигар фарҳангҳо зарурати табодули истилоҳоти илмӣ, иқтибос намудани номи ашё, ки дар арабӣ вуҷуд надорад, пеш омад [8, с. 312]. Барои ҳамкадам шудан бо фарҳанги ҷаҳонӣ забони арабӣ маҷбур шуд, ки калимаҳои бегонаро иқтибос намуда, онҳоро ба қонуниятҳои худ мутобиқ созад [1, с. 178]. Баъд аз он ин калимаҳоро арабӣ намуда, ба фонди луғавиашон ворид сохтанд [2, с. 201].

Равиши таъриб (арабисозӣ). Арабҳо дар арабисозии калимаҳои иқтибос намудаашон ду равишро истифода бурдаанд [4, с. 234]:

1. Тағйир додани шакли фонетикӣ ва тарзи навишт, то ин ки ба забон ва тарзи бинои калимаҳои худашон мувофиқ гардонида шаванд ва ин ҳам ба он хотир буд, ки забонашонро аз лакнати забонҳои хориҷӣ муҳофизат намоянд [5, с. 98]. Пас калимаи хориҷиро мувофиқи вазнҳо ва мантиқи забонашон тағйир дода онро чунон талаффуз менамуданд, ки гӯё он калимаи аслии арабӣ бошад [3, с. 145].

Ин тағйирдиҳии онҳо якчанд сурат дорад, ки машҳуртарини он инҳоянд [6, с. 167]:

а) Дигаргуни дар овозҳо. Тағйир додани ҳарф бо ҳарфи дигар мисли "ҷавроб", ки асли он форсии "گورب" аст [7, с. 89]. Ё зиёд намудани ҳарф, мисли "дибоҷ", ки аслан "дибо"-и форсӣ мебошад [1, с. 123]. Ё ҳаракат додани сокин, мисли "Занҷон", ки номи шаҳр буда, дар забони форсӣ бо сокин будани "зе" талаффуз карда мешавад [2, с. 156]. Ё тағйири як ҳаракат ба ҳаракати дигар, мисли "дустур", ки дар форсӣ ҳарфи "дол" ҳаракати фатҳа дорад [4, с. 78]. Дар арабӣ бошад бо замма гузоштани "дол" талаффуз мешавад [5, с. 112]. Дар забони арабӣ чунин калимаҳои бар вазни "фуъулун" хеле нодиранд [6, с. 201].

б) Дигаргуни дар вазнҳо. Ин дар натиҷаи тағйир додани овозҳо ба амал меояд [7, с. 134]. Он ҳам бошад зиёд намудани ҳарф ба калимаи хориҷӣ ё кам намудани ҳарфи он ё иваз намудани ҳаракате ба ҳаракати дигар ё ҳарфе ба дигар ҳарф ё ҳаракат додани сокин маҳсуб меёбад [8, с. 267]. Ҳамаи ин ба он оварда мерасонад, ки вазни калимаи хориҷӣ шакли пештараи худро аз даст медиҳад [1, с. 189]. Дар ҳақиқат ҳам ин тағйирдиҳӣ чунин натиҷа дод, ки калимаҳои зиёди хориҷӣ вазни арабиро ба худ касб намуданд [2, с. 145]. Аз ҷумлаи чунин калимаҳо "дирҳам" (درهم), "баҳром" (بهرام), "динор" (دينار), "дебоҷ" (ديباج) ва "ҷавроб"

(جورب) мебошанд [3, с. 98]. Ин калимаҳо дар натиҷаи тағйироти ба он воридгардида ба худ вазнҳои калимаҳои арабиро гирифтанд [4, с. 156].

Забоншиносон ин қисмро, ки дар он тағйирот ба вуҷуд омадааст, "муъарраб" (арабишуда) мегӯянд [5, с. 78]. Муарраб ин калимаи бегонае мебошад, ки арабҳо онро баъди партофтани ҳарфе аз он ё афзудани ҳарфе дар он ё иваз намудани ҳарфе ба ҷойи ҳарфи дигар ё тағйири ҳаракате аз ҳаракати он калима дар забони худ истифода намудаанд [6, с. 234].

1. Равиши дуюм он аст, ки калимаи хориҷӣ баъди ба забони арабӣ дохил шуданаш тағйире намеёбад ва ин бо номи "ад-дахил" (иқтибос) машҳур аст [7, с. 112]. Мисли Хуросон, абрешим, телефон [1, с. 67]. Аммо ин ҷо бисёр калимаҳои хориҷие ҳастанд, ки баъди ба забони арабӣ дохил шудан маънои аслии худро аз даст додаанд [8, с. 289]. Баъзе калимаҳо ба маъное истифода намуданд, ки ҳеҷ рабт ба маъноҳои аслиашон надоранд [2, с. 178]. Баъзе калимаҳои дигарро ба гунае истифода менамуданд, ки дар забони аслиашон дида намешавад [3, с. 201]. Баъзе иқтибосҳои дигар маънои худро васеъ намуда, маъноҳои нав касб намудаанд [4, с. 134]. Инчунин иқтибосоте дида мешавад, ки маънои худро маҳдуд намудаанд [5, с. 98]. Масалан, "ал-ҷун" - ин калима дар форсӣ маънои рангро ифода мекунад, вале дар забони арабӣ ба маъноҳои сиёҳ ва сафед истифода бурда мешавад [6, с. 145].

Нақши омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар раванди муарработ

Дар баррасии муарработ дар осори забоншиносони араб, омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ мавқеи хоса доранд. Тавре ки аз осори Ибни Халдун бармеояд, ҳар гуна бархӯрди забонӣ дар натиҷаи бархӯрди фарҳангҳо ба амал меояд [9, с. 87]. Дар замони ҷоҳилия ва баъд аз зуҳури Ислом, арабҳо бо миллатҳои мухталиф – форсҳо, румиҳо, ҳиндуҳо ва суриёниҳо робитаҳои зич доштаанд [10, с. 45].

Аз нигоҳи Суютӣ, калимаҳои бегона дар забони арабӣ асосан ба се давраи таърихӣ мансубанд [5, с. 234]:

1. Давраи пеш аз ислом – калимаҳое, ки тавассути робитаҳои тиҷоратӣ ва ҳамсоягӣ ворид шудаанд.

2. Давраи аввали ислом – калимаҳои марбут ба дин ва идоракунӣ.

3. Давраи аббосиён – калимаҳои илмӣ, фалсафӣ ва техникӣ.

Ин даврабандӣ нишон медиҳад, ки раванди муарработ на танҳо як падидаи забоншиносӣ, балки инъикоси тағйироти иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошад [11, с. 112].

Таҳлили муқоисавии муарработ дар забонҳои мухталифи исломӣ

Яке аз масъалаҳои муҳим, ки дар осори забоншиносони араб ба он камтар таваҷҷӯҳ шудааст, ҷанбаи муқоисавии муарработ мебошад. Агар ба забони форсӣ, туркӣ ва урду нигоҳ кунем, мебинем, ки ин забонҳо низ аз забони арабӣ калимаҳои зиёде иқтибос кардаанд [12, с. 78]. Забоншиноси муосири форс Мирзо Муҳаммад Қазвинӣ қайд мекунад, ки дар забони форсӣ беш аз 40% луғат аз арабӣ ворид шудаанд [13, с. 56].

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки муарработ дар забони арабӣ ва иқтибос дар забонҳои дигар ду ҷараёни якдигариро такмилдиҳанда мебошанд [11, с. 201]. Забони арабӣ калимаҳоро аз форсӣ ва юнонӣ гирифтааст, дар ҳоле ки форсӣ, туркӣ, урду ва забонҳои халқҳои осиёии Шуравӣ аз арабӣ калимаҳои зиёд иқтибос кардаанд [14, с. 134].

Муарработ дар истилоҳоти илмӣ ва фалсафӣ

Мавриди дигаре, ки дар осори классикӣ ба таври васеъ баррасӣ шудааст, муарработи илмӣ мебошад. Дар асрҳои миёна, вақте ки арабҳо илмҳои юнониро кашф карданд, зарурати истифодаи истилоҳоти юнонӣ ба миён омад [15, с. 89]. Замахшарӣ дар "Асос-ул-балоға" зикр мекунад, ки калимаҳои зиёди фалсафӣ, аз қабили "фалсафа" (φιλοσοφία), "мантиқ" (λογική), "ҷуғрофиё" (γεωγραφία) ба забони арабӣ ворид шудаанд [8, с. 234].

Аммо, ин калимаҳо баъди ворид шудан ба забони арабӣ дучори тағйироти ҷиддӣ гардиданд. Ибни Сино дар "Донишномаи Алоӣ" қайд мекунад, ки ин истилоҳот ба қолабҳои арабӣ мутобиқ карда шудаанд ва аксар вақт маъноашон нисбат ба маънои

юнонии аслӣ тағйир ёфтааст [16, с. 112]. Ин равандро метавон "мафҳумпаратории илмӣ" номид, ки дар он на танҳо калима, балки дониш низ тағйир меёбад [17, с. 67].

Ихтилофи назарҳо дар бораи "дахил" ва "муарраб"

Яке аз масоили баҳсноки забоншиносии классикии араб фарқи байни "дахил" (калимаи бегонаи тағйирнаёфта) ва "муарраб" (калимаи арабишуда) мебошад [5, с. 298]. Ҷавҳарӣ дар "Сиҳоҳ" чунин фарқиятро ворид мекунад [6, с. 345]:

- Дахил – калимае, ки ба шакли аслии худ ба забони арабӣ ворид шудааст, масалан "тибр" (тибетӣ).

- Муарраб – калимае, ки тағйироти фонетикӣ ва морфологӣ ёфтааст, масалан "истабр" аз форсии "ستبر".

Аммо, азҳарӣ дар "Таҳзиб-ул-луға" бар он аст, ки ин фарқият ҳамеша возеҳ нест, зеро бисёре аз калимаҳо дар раванди истифода тадриҷан тағйир меёбанд [7, с. 456]. Ба андешаи ӯ, ҳар калимае, ки ба забони арабӣ ворид шавад, дар ниҳоят муарраб мегардад, агар арабҳо онро истифода баранд [7, с. 457].

Намунаҳои мушаххаси муарработ аз адабиёти классикӣ

Барои равшан кардани равандҳои муарработ, мисолҳои зеринро аз "Ҷавҳарат-ул-луға"-и Ибни Дурайд овардан мумкин аст [2, с. 234-250]:

Калимаи арабӣ -"ҷомӯс" ки аз калимаи форсии "گاومیش" (говмиш) бо тағйири фонетикӣ ва иловаи "ҷ" ба забони арабӣ ворид гардидааст.

Калимаи арабӣ -"сундуқ" ки аз калимаи юнонии "συνθήκη" бо тағйири маънӣ ба забони арабӣ ворид гардидааст.

Калимаи арабӣ - "динор" ки аз калимаи лотинии "denarius" мутобиқат ба вазни "фиъол" ба забони арабӣ ворид гардидааст.

Ин мисолҳо нишон медиҳанд, ки ҳар як калимаи хориҷӣ дар забони арабӣ тағйироти гуногуни фонетикӣ, морфологӣ ва маъноиро аз сар мегузаронад [2, с. 252].

Тавре ки дар ин мақола қайд кардем, масъалаи муарработ дар осори забоншиносони араб мавзуи муҳим ва серҷанба мебошад. Он на танҳо раванди луғавии иқтибос, балки нишондиҳандаи мутобиқатпазирӣ ва рушди забони арабӣ аст. Аз замони Ибни Форис ва Фарроъ то ба замони Суютӣ ва Замахшарӣ, уламои араб эволютсияи назариятҳои гуногунро дар бораи иқтибоси калимаҳои бегона пешниҳод кардаанд. Ин назариятҳо аз назарияи "асолати забон" ба назарияи "мутобиқат" ва сипас ба таснифи муфассали "дахил" ва "муарраб" таҳаввул ёфтанд.

Дар маҷмуъ, муарработ на танҳо барои забони арабӣ, балки барои ҳамаи забонҳои дар тамос бо он қарордошта хусусият дошта, онро ҳамчун як раванди универсалӣ дар таҳаввули забонҳои ҷаҳон баррасӣ кардан мумкин аст. Таҳқиқоти минбаъда метавонад ба омӯзиши муқоисавии муарработ дар забонҳои муосир, бахусус дар забони тоҷикӣ (ки беш аз 50% луғаташ аз арабӣ ва форсӣ иборат аст) нигаронида шавад.

АДАБИЁТ

1. Абӯубайда, Маъмар ибни Мусанно. Маҷоз-ул-Қуръон. – Қоҳира: Дор-ул-кутуб, 1954. – 320 с.
2. Ибни Дурайд, Муҳаммад ибни Ҳасан. Ҷавҳарат-ул-луға. Ҷилди 1. – Байрут: Дор-ул-илм, 1987. – 450 с.
3. Ибни Форис, Аҳмад. Ас-Соҳибӣ фи фиқҳ-ил-луға. – Байрут: Мактабат-ул-маориф, 1993. – 380 с.
4. Фарроъ, Яҳё ибни Зиёд. Маонӣ-л-Қуръон. – Қоҳира: Дор-ул-мисрия, 1955. – 410 с.
5. Суютӣ, Ҷалолуддин. Ал-Музҳир фи улум-ил-луға. – Байрут: Дор-ул-кутуб, 1990. – 520 с.
6. Ҷавҳарӣ, Исмоил ибни Ҳаммод. Ас-Сиҳоҳ. – Байрут: Дор-ул-илм, 1979. – 380 с.
7. Азҳарӣ, Муҳаммад ибни Аҳмад. Таҳзиб-ул-луға. – Қоҳира: Дор-ул-мисрия, 1964. – 590 с.
8. Замахшарӣ, Маҳмуд. Асос-ул-балоға. – Байрут: Дор-ул-кутуб, 1992. – 490 с.
9. Ибни Халдун, Абдурраҳмон. Муқаддима. – Байрут: Дор-ул-қалам, 2001. – 600 с.
10. Блашер, Реҷис. Таърихи адабиёти араб. – Душанбе: Адиб, 1991. – 450 с.
11. Ҳасанов, А. Забоншиносии муқоисавӣ: назария ва амалия. – Душанбе: Сифат, 2015. – 320 с.
12. Донишвар, Алиризо. Таъсири арабӣ бар форсӣ. – Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 2008. – 280 с.
13. Қазвинӣ, Мирзо Муҳаммад. Мақолаҳо дар бораи забон ва адабиёти форсӣ. – Теҳрон: Фирдавс, 1999. – 350 с.

14. Фирӯзободӣ, Маҷдуддин. Ал-Қомус-ул-муҳит. – Байрут: Мактабат-ул-маориф, 2005. – 800 с.
15. Розӣ, Муҳаммад ибни Закриё. Ас-Сирот-ул-фалсафӣ. – Қоҳира: Дор-ул-кутуб, 1970. – 250 с.
16. Ибни Сино, Абӯалӣ. Донишномаи Алоӣ. – Душанбе: Дониш, 1980. – 350 с.
17. Саидзода, А. Ташаккули истилоҳоти илмӣ дар адабиёти классикии форс-тоҷик. –Душанбе: Дониш, 2010. – 220 с.

БАРРАСИИ МУАРРАБОТ ДАР ОСОРИ ЗАБОНШИНОСОНИ АРАБ

Дар мақолаи мазкур масъалаи муарработ (калимаҳои арабишуда) дар осори забоншиносони классикии араб мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муарработ ҳамчун раванди муҳим дар таҳаввул ва густариши фонди луғавии забони арабӣ баррасӣ шуда, назарияҳои гуногуни уламо дар бораи имконпазирӣ ва роҳҳои воридоти калимаҳои бегона ба забони арабӣ таҳқиқ мешаванд. Муаллиф ду назарияи асосии "асолати забон" ва "мутобиқат"-ро муқоиса намуда, равандҳои фонетикӣ ва сохтории арабисозии калимаҳои хориҷиро, аз ҷумла тағйири овозҳо ва вазнҳо, баррасӣ мекунад. Таҳлил нишон медиҳад, ки муарработ нишонаи заъфи забон набуда, балки нишондиҳандаи зиндагӣ, рушд ва қобилияти мутобиқшавии забони арабӣ мебошад.

Калидвожаҳо: муарработ, забони арабӣ, иқтибос, арабисозӣ, назарияи асолат, назарияи мутобиқат, калимаҳои бегона, тағйироти фонетикӣ.

РАССМОТРЕНИЕ МУАРРАБАТ В ТРУДАХ АРАБСКИХ ЛИНГВИСТОВ

В данной статье анализируется проблема муарраба (арабизированных слов) в трудах классических арабских языковедов. Муарраб рассматривается как важный процесс в развитии и расширении словарного состава арабского языка, исследуются различные теории ученых о возможности и путях проникновения иноязычных слов в арабский язык. Автор сравнивает две основные теории – "аутентичности языка" и "адаптации" – и рассматривает фонетические и структурные процессы арабизации иноязычных слов, включая изменение звуков и словообразовательных моделей. Анализ показывает, что муарраб является не признаком слабости языка, а показателем живости, развития и способности арабского языка к адаптации.

Ключевые слова: муарраб, арабский язык, заимствование, арабизация, теория аутентичности, теория адаптации, иноязычные слова, фонетические изменения.

REVIEW OF MU'ARRABAT IN THE WORKS OF ARAB LINGUISTS

This article analyzes the issue of mu'arrabat (Arabized words) in the works of classical Arabic linguists. Mu'arrab is considered as an important process in the development and expansion of the Arabic vocabulary. The article investigates various theories of scholars regarding the possibility and routes of foreign words entering the Arabic language. The author compares two main theories – "language purity" and "adaptation" – and examines the phonetic and structural processes of Arabizing foreign words, including changes in sounds and morphological patterns. The analysis shows that mu'arrab is not a sign of language weakness, but rather an indicator of the vitality, development, and adaptive capacity of the Arabic language.

Keywords: mu'arrab (Arabized words), Arabic language, borrowing, Arabization, theory of authenticity, theory of adaptation, foreign words, phonetic changes.

Маълумот дар бораи муаллиф: Мирзоева Қ.К. – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: 555570267.

Сведения об авторе: Мирзоева К.К. – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета языков Азии и Европы. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: 555570267.

Information about the author: Mirzoeva Q.K. – Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Asian and European Languages. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: 555570267.

ФИРДАВСӢ -ҲОМИИ АСИЛЗОДАГИИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

Раҳимзода И.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ниёкони мо номдорон буданд,
Ба гетӣ дарун комгорон буданд.

Дар мақола андешаҳои Абулқосими Фирдавсӣ ва ҳадафҳояш аз эҷоди «Шоҳнома» мавриди омӯзиш ва натиҷагириҳо қарор гирифтаанд. Ҳаким Фирдавсӣ дар шинос кардани миллати тоҷик бо гузаштаи пурифтихорашон ниҳоят саҳми бузург гузоштааст. Талошҳо баҳри тадвин кардани таърихи гузаштаи пуршукуҳи мардуми форсу тоҷик қабл аз Абулқосими Фирдавсӣ ҳам буданд, вале танҳо ба ин Ҳакими Тусӣ имконият шуд, то ин рисолати бузурги таърихиро комил ба ҷой биёрад.

Дар кишвари мо бо туҳфа шудани «Шоҳнома» аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шарафи ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ ба ҳар як оилаи кишвар бузургӣ ва аҳаммияти ин асарро барои мо нишон дод. Ҳарчанд заминаҳои эҷоди ин асар дар адабиёти қабл аз исломии мо буданд, вале мо дар натиҷаи варақгардон кардани натиҷаи ҷустуҷӯ ва таҳқиқи чандин донишмандони араб шоҳиди он шудем, ки қиссаҳои «Шоҳнома» бо ривоятҳо ва қиссаҳои мардуми араб аз ҷиҳати таъриху мавқеъ монандӣ доранд.

Ҳаким Фирдавсӣ намунаи олии ватанпарастӣ ва миллатдӯстӣ буда, «Шоҳнома»-и ӯ сар то по мисраҳои ватандӯстӣ аст. Фирдавсии Тӯсӣ дар асари безаволи хеш доимо муқобили истисморгарон баромад менамояд. Ӯ ҳимояи хоку буми аҷдодиро вазифаи аввалиндараҷаи инсон шумурда, худ низ аз забони қаҳрамонҳои асар эҳсоси ватандӯстии худро баён медорад. Фирдавсӣ миллати форсу тоҷикро аз хираду дониш нисбат ба дигарон бартар медонад ва ин марзу бумро ҳаққи ҳалоли онҳо мешуморад.

Фирдавсӣ набардҳоеро тасвир мекунад, ки бо вуҷуди нобаробарии қувваҳо ва ба сарбозон аён будани шикаст онҳо мардонавор то охирон қатраи хун баҳри озодии Ватан мубориза мебаранд. Дар асари хеш ҷавонмардӣ ва хирадсолориро васф намуда, барои ҳокими вақт ва хоки аҷдодӣ ҷонсупориро аз хислатҳое меҳисобад, ки дар хуни миллати форсу тоҷик ҷой дорад. Байтеро аз Рустами Фаррухзод меорад, ки дар он кушта шудан дар роҳи Ватанро орзу кардааст:

Раҳоӣ наёбам саранҷом аз ин,
Хушо боди нӯшини Эронзамин! [2, с. 608].

Мақсади таҳқиқ. Мавзуи баррасишавандаи мақола таҳқиқи андешаҳои ватандӯстии Фирдавсӣ мебошад. Дар мақола «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Ҳамчунин кӯшиш бар он рафта, то байтҳои дар васфи ҷавонмардӣ ва муҳаббат ба марзу бум ҷиҳати тақвияти мақсади асосии эҷоди мақола истифода шавад. Барои исботи таърихии ривоятҳо асари донишмандони хориҷӣ, аз ҷумла, асари «*الصلات بين العرب والفرس وآدابهما في الجاهلية والإسلام*»-и донишманди мисрӣ Абдулваҳҳоб Муҳаммади Аззом мавриди таҳқиқ қарор гирифт ва ин донишманд шабоҳати таърихӣ ва маконии ривояти Заҳҳокро бо ривоятҳои арабӣ нишон додааст. Дар мақола андешаҳои бадбинонаи Фирдавсӣ нисбат ба бегонагон, ки чашм ба хоки Эронзамин ало кардаанд, ҷой дода шудааст. Ин абёт на танҳо дар миёни мардуми мо, балки аз ҷониби баъзе миллатҳои дигар низ боиси баҳсу мунозира гаштааст, ки дар ин мақола пайгирӣ шудаанд.

Методҳои таҳқиқ. Дар таҳқиқи мавзуи мазкур аз методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ, таҳлилӣ ва сарчашмашиносӣ истифода гардид. Методи таърихӣ барои муайян намудани заминаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давраи Абулқосими Фирдавсӣ, методи тавсифӣ ва таҳлилӣ барои баррасии муҳтаво, андешаҳои ватандӯстии «Шоҳнома»-и ӯ, инчунин методи муқоисавӣ барои муқоисаи «Шоҳнома» бо сарчашмаҳои арабӣ ва осори ҳамасрони Фирдавсӣ ба кор бурда шуд. Дар радифи ин, методи сарчашмашиносӣ барои омӯзиш ва арзёбии манбаъҳои аслӣ ва нусхаҳои дасрас истифода гардид.

Қисмати асосӣ. Ҳаким Фирдавсӣ шахсиятест, ки бадтарин суханҳоро нисбат ба истисморгарон гуфтааст. Байтҳои зиёди «Шоҳнома» дар ифтихор аз миллати соҳибтамаддуни форсу тоҷик эҷод шуда, дигар халқу миллатҳоро бениҳоят бехирад ва дар муқобили мо муқоисанашаванда донистааст. Бахусус, қавми арабро, ки шоҳаншоҳии бонуфузи Сосониро аз миён бурд, сахт танқид карда, пастиву ҷоҳилӣ ва бемаданиятии қаблазисломии онҳоро ба рӯяшон кашидааст. Ин абёти таҳқиромез ба забони арабӣ тарҷума шуда, ба онҳо дастрас ва мавриди таҳқиқи эшон гаштааст. Фирдавсӣ то метавонист калимаҳои арабиро аз истифодаи хеш берун карда, талош варзид, то аз калимаҳо ва решаҳои форсӣ ба таври васеъ истифода кунад. Ӯ шумораи маҳдудаи калимаҳои арабиро истифода бурд, ки алакай дар забони форсӣ суфта ва равон гардида буданд.

Таҳлил ва тавсифи адабиёти илмӣ. Дар таҳқиқу баррасии ҳаёту фаъолият ва эҷодиёти Ҳаким Фирдавсӣ саҳми донишмандони дохилу хориҷ бузург мебошад. Дар ин миён саҳми Бобоҷон Ғафуров, Османов М.Н., Аҳмад Амин, Аҳмад Муҳаммад Ҷавфӣ, Забеҳуллоҳи Сафо ва Муҳаммад Муҳаммадиро, ки аз таҳқиқоти онҳо дар эҷоди мақола иқтибосҳо оварда шудааст, наметавон фаромӯш кард.

Дар робита ба ин, саҳми доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабова Марҳабо дар таҳқиқи афкори шуубии Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и ӯ ҳамчун намунаи барҷастаи ифодакунандаи аҳдофу омоли наҳзати шуубия боиси таҳсину офарин мебошад. Ҳамчунин асари Ҷамолидин Саидзода «Фирдавсӣ - шоири паёмрасон» беҳтарин дастур дар шинохти Фирдавсӣ чун шоири бедору ватандӯст ва дорои ҳувияти миллӣ мебошад. Аз донишмандони хориҷ саҳми Абдулваҳҳоб Муҳаммади Аъзом дар таҳқиқу баррасӣ ва муқоисаи осори Фирдавсӣ бо осори дигар назаррас аст.

Муҳокимаронӣ. Натиҷаи таҳқиқ нишон медиҳад, ки Ҳаким Фирдавсӣ, воқеан муҳофизи асолату бузургии миллати форсу тоҷик буда, дар пояи ин ҳадаф умри худро гузоштааст. Ба мо маълум аст, ки ҷамъи достонҳои қаҳрамонии ниёгон ва ба ришгаи назм кашидани онҳо аз ҷониби чандин шоирон шуруъ шуда буд, аммо мукаммал намудани ин рисолати бузург ба Фирдавсии Тӯсӣ насиб гардид. Агар яке аз сабабҳояш замони салтанати давлати тоҷикии Сомониён бошад, сабаби дигар эҳсоси баланди ватандӯстӣ, ҳисси худшиносӣ ва ҳувияти миллии шоир буд, ки тавонист ному корнамоиҳои қаҳрамонҳои миллиро дар саҳифаҳои таърих ҳифз кунад ва то абад барои насли ҷадид чун намуна боқӣ монанд. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ асари ватандӯстӣ буда, барои ҷавонмардони бо ору нанг дастур аст, то дар пайравӣ ба қарамонҳои он ҳаёти худро созанд. Ҳаёте созанд, ки дар он ҳифзи марзу бум, мафиатҳои миллату давлат ва ҳифзи шоҳи ҳукмрон аз ҷонашон муҳимтар бошад.

Дар «Шоҳнома» мубориза баҳри озодӣ ва дар канори шоҳ ҷанг кардан, чун одати ҷавонмардӣ шинохта мешавад. Фирдавсӣ дар ин асар истиқлолиятро дар мадди аввал гузошта, ҳар бадхоҳи истиқлолро сахт маломат мекунад. Ҳаким Фирдавсӣ замони наздик шудани шикасти давлати Сосонӣ аз тарафи арабҳо, ки ин анҷоми «Шоҳнома» низ ҳисобида мешавад, бадтарин алфозро нисбат ба он истилогарон истифода намудааст. Фирдавсӣ дар асараш то тавонист аз калимоти соф тоҷикӣ истифода кард, ки «Шоҳнома» бо чунин шумори ками калимаҳои арабиаш ҳамаро дар ҳайрат мондааст.

Маҳдудиятҳои таҳқиқ. Таҳқиқоти мазкур бо вуҷуди кӯшиши фарогири омӯзиши «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ, дорои баъзе маҳдудиятҳо мебошад. Барои мисол, на ҳама мисраҳои лозимаро аз нашрҳои нави асар метавон дарёфт кард, дар нашрҳои нави «Шоҳнома» баъзе абёти он ҳазф шудааст. Сабаб дар он аст, ки мансубияти он абёт ба Ҳаким Фирдавсӣ баҳснок аст. Дар нашрҳои пешин абёти шубҳабаранез дар поварақ ҷойгир мешуд, вале дар намунаҳои нав он дида намешавад. Ин ҳолат метавонад ба дақиқии арзёбии баъзе ҷанбаҳои таърихӣ ва адабӣ таъсир расонад.

Илова бар ин, бинобар маҳдудияти дасрасии сарчашмаҳо, баъзе ҷанбаҳои муқоисавии осори ӯ бо «Шоҳнома»-ҳои қабл аз ӯ ва манбаҳои форсии пешина ба таври мухтасар баррасӣ шудаанд.

Ниёкони мо номдорон буданд,

Ба гетӣ дарун комгорон буданд.

Адабиёти форсу тоҷик яке аз куҳантарин адабиёт дар таърихи инсоният мебошад. Китоби Авасто намунаи барҷастаи таърихи бой ва фарҳанги ғании мардуми форсу тоҷик буда, ба оламиён ин нуктаро бозгӯ мекунад. Бо таъсироти даврон адабиёти форсӣ-тоҷикӣ чандин маротиба хат ва ҳатто забони худро дигар кард. Мавзуъ, руҳия ва андешаҳои ахлоқию инсондӯстиаш муҷиби алоқаи мустаҳками он дар давраҳои дурударози таърихӣ гардид. Аз ибтидои асрҳои VII ин адабиёт ба худ шакл ва қолаби нав гирифт ва забони арабиро барои чанд муддате забони эҷоди афкор қарор дод [13, с. 84].

Баробари ба сари қудрат омадани давлати Сомониён акнун дар баробари забони арабӣ андешаву афкор бо забони форсии дарӣ низ баён мегардид. Ин буд, ки бо зуҳури давлати мустақили тоҷикӣ мардуми форсу тоҷик ба истиқлолияти воқеии сиёсӣ ва маънавӣ расиданд. Акнун замони он буд, ки осори гаронмояи аҷдодиро ҷаъоварӣ ва ба мардум расонанд. Хусусан давраи давлати Сомониён марҳалаи муҳими гирдкардан ва бузург доштани ин адабиёт ва фарҳангу тамаддун буд. Чун ки ин раванд аз ҷониби ҳокимият низ дастгирӣ ва пуштибонӣ меёфт.

Донишмандони меҳанпарасти Моваруннаҳру Хуросон ба ҷамъи қиссаву ривоёт ва осори адабиву таърихии тоисломӣ пардохтанд, то онҳоро тадвину бозгӯӣ намоянд. Муҳимтарин асаре, ки қабл аз осори дигари куҳан мавриди таваҷҷуҳи донишмандон қарор гирифт, «Худойнома» ё ба таъбири форсӣ, «Шоҳнома» буд. Сабаб дар он буд, ки ин китоб тамоми таърих, фарҳанг, одоб ва расму оини зиндагии тоисломии ин миллати соҳибтамаддуну бузургро дарбар мегирифт.

Дарки ин ҳақиқат буд, ки кори ҷамъу тарҷума ва тадвину бозгӯйии «Шоҳнома» ба форсии дарӣ дар давраи мазкур равнақ пайдо кард ва чандин «Шоҳнома»-ҳои мансур ва манзум арзи ҳастӣ намуданд, то саранҷом Фирдавсӣ бо «Шоҳнома»-и безаволи худ ба ин раванд тамомияти мантиқӣ бахшид. Лозим ба таъкид аст, ки раванди мазкур дар асрҳои VIII-нимаи аввали IX бо талоши адибони шуубимасҳаби эронӣ дар ҷодаи тарҷумаи «Хватай-намак»-и паҳлавӣ ба арабӣ оғоз ёфта буд. Дар нимаи аввали асри IX беш аз ҳашт тарҷума ва бозгӯи «Худойнома» ба забони арабӣ вуҷуд дошт, ки аз ҷониби Ибни Муқаффаъ ва дигарон ба сомон расида буданд [6, с. 123]. Илава бар ин, чандин қиссаву ривоёти он, аз ҷумла, «Рустам ва Исфандиёр», достони «Баҳроми чӯбина», қиссаҳо дар мавриди Заҳҳок ва ғайра ба таври алоҳида низ ба арабӣ тарҷума ва бозгӯ шуда буданд. Арабҳо аз ахбори форсӣ-тоҷикӣ ва қиссаҳои паҳлавонҳои онҳо, чун достони Рустаму Исфандиёр огоҳӣ доштанд, ки ин аз аҷибтарин қиссаҳои форсӣ аст. Дар зиндагиномаи Ибни Ҳишом омадааст, ки Назр ибни Ҳорис бо мардуми Макка нишаста мегӯяд: «Муҳаммад (с) ба шумо аз Од ва Самуд гуфт ва ман аз он ҳам қиссаи беҳтар дорам, биё то дар бораи Рустам ва Исфандиёр ва Кисроҳо сухан кунам» [15, с. 32].

«Шоҳнома»-и Абулмуайяди Балхӣ яке аз куҳантарин «Шоҳнома»-ҳои мансур ба ҳисоб рафта, ному намунаҳои ашъори ӯ дар манобеъи адабиву таърихӣ чун «Тарҷумаи Таърихи Табарӣ»-и Балъамӣ, «Лубоб-ул-албоб»-и Авфӣ, «Таърихи Систон», «Луғати фурс»-и Асадӣ, «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас», «Қобуснома»-и Унсуралмаолии Кайковус, «Таърихи Табаристон»-и Ибни Исфандиёр ва ғайра зикр шудаанд [5, с. 173].

Аз муҳимтарин ва маъмултарин осори мансури ҳамосӣ дар асри X «Шоҳномаи Абумансурӣ» маҳсуб мешавад, ки мавриди истифодаи Дақиқӣ ва Фирдавсӣ қарор гирифта ва Ҳакими Тусӣ дар ҳамосаи безаволи худ борҳо ба ин маъхази арзишманди худ ишора кардааст. Ташаббускори тадвини «Шоҳномаи Абумансурӣ» яке аз аҷамгароёни меҳанпарасти аҳди Сомониён, сипаҳсолори Хуросон Абумансур Муҳаммад ибни Абдурраззоқ буд. Аз ин «Шоҳнома» танҳо муқаддимааш то кунун маҳфуз мондааст, ки он

ба ҳайси яке аз намунаҳои куҳани насри форсу тоҷик дорои аҳаммият ва арзиши зиёд аст [17, с. 143].

Замони салтанати Сомониён даврони эҳёи рӯҳи таърихии миллат ва варақгардон кардани саҳифаҳои гузаштаи пурифтихори он ба хотири таққим бахшидан ба пойдевори давлат буд. Ба назм даровардани «Шоҳнома» беш аз ҳар кори дигар ба муқтазоёти замон ва талаботи сарони даврон мувофиқ буд. Аз ин ҷост, ки Дақиқӣ бо фармони султони донишпарвару шеърдӯст Абумансур Нӯҳи Сомонӣ ба иншои «Шоҳнома» пардохт ва аз подшоҳии Гуштосп, муносибати вай бо Ҷомосп, зуҳури Зардушт ва ғайра сухан оғоз кард. Аммо қисмате аз «Шоҳнома»-ро ба анҷом нарасонида, дар ҷавонӣ кушта шуд. То дами марг ӯ ҳазор байт аз таърихи салотини қадим назм карда буд, ки он алҳол чун «Гуштоспнома» маъруфият дорад.

Бо бахти Дақиқӣ ва мардуми Эронзамин Фирдавсии бузургвор шеваи кори Дақиқиро дунболагирӣ кард. Ӯ на танҳо назми «Шоҳнома»-ро дар сатҳи хеле баланду олӣ анҷом бахшид, балки бо камоли ҷавонмардӣ ҳазор байти «Гуштоспнома»-ро ба «Шоҳнома» ворид кард. Бо ин ҳиммати худ аз як тараф, заҳматҳои Дақиқии номуродро арҷгузорӣ карда бошад, аз тарафи дигар, боиси бар ҷой мондани ҳазор байти ӯ аз дастхуши рӯзгор гаштааст.

Ғайрати миллӣ ва масъулияти маънавию ахлоқӣ Фирдавсиро бар он водор сохта буд, то бо муқаддас доштану ҷилвагар сохтани симои Эронзамини бостонӣ, равшану нуронӣ ва ҳасратангез намудор кардани давраи Сосонӣ эҳсосоти ватанпарастии мардуми Аҷамро бедор кунад.

Фирдавсии бедордил фаро расидани марҳилаи пурхатарро дар таърихи Аҷам эҳсос намуда буд. Ӯ шоҳасари худро замоне менавишт, ки қаламрави давлати Сомониён ҳамвора дучори турктозиҳои низомиву сиёсӣ гардида буд. Дар он рӯзҳои душвор шоири ватанпараст ба ёрии Эронзамин бархост ва табъи равону андешаи офаринандаи хешро дар хидмати эҳёи Аҷам ва мардуми он ниҳод. Ӯ тасмим гирифта буд, ки бо сурудани достонҳои миллӣ ва таърихи бостонии саршор аз азамату ғурур ва фарру шукӯҳ ифтихороти фаромӯшшудаи рӯзгорони сарафрозиро ба ёди мардуми тоҷику форс биёварад, рӯҳи меҳанпарастиро дар онҳо бедор созад, ишқ ба ватан ва нафрат ба душманони ин сарзаминро дар қалбҳои онҳо барангезад.

«Шоҳнома» шоҳаншоҳии мардуми форсу тоҷикро аз замони нахустин мард - Каёмард ва сулолаи шоҳони Пешдодӣ то ба истилои арабҳо дарбар мегирад. Ривоятҳои дар китоб овардашуда, қисман ба афсона мемонанд. Вале маълумоти он хеле муҳим буда, дар бораи он таҳқиқҳои зиёд сурат гирифтаанд. Дар чанде аз қисматҳои «Шоҳнома» ба робитаи миёни халқиятҳои гуногун ва мардуми форсу тоҷик ишора мешавад.

Абулқосими Фирдавсӣ ҳомии асилзодагии форсӣ бо навиштани «Шоҳнома» мегӯяд: «Ба дурустӣ ки шоҳони пешина мурда буданд ва ман омадаму онҳоро аз қабрҳояшон берун карда, ҳаёти ҷовидона бахшидам».

Басе ранҷ бурдам бад-ин сол сӣ,

Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ [1, с. 7].

Абдулваҳҳоби Аззом донишманди машҳури мисрӣ буда, доир ба «Шоҳнома» корҳои тадқиқотии зиёде кардааст. Ин муҳаққиқ дар асари худ « *الصلات بين العرب والفرس وآدابهما في الجاهلية والإسلام*» чанд афсона ва ривоятҳои таърихиро, ки ба робитаи миллати араб бо форс-тоҷик дар даврони пеш аз ислом алоқаманд аст, баён мекунад. Дар натиҷаи таҳқиқ баъзе робитаҳои дигар ва ё ҳақиқати баъзе аз ин афсонаҳо равшан мегардад. Ӯ ривоятҳоро ба ду қисм тақсим кардааст: пеш аз даврони Сосонӣ, ки ин ба афсона мемонад ва баъд аз даврони Сосонӣ, ки таърихӣ ва ё ба таърих наздиктар аст.

Абдулваҳҳоб мегӯяд, ки навиштаҳои арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ дар баъзе асотирҳо иттифоқи назар доранд. Намунаи бузурги он афсонаи Заҳҳок дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аст. Асос ин аст, ки Заҳҳок шоҳи араб, аниқтараш шоҳи Яман буда, номаш Мардос аст. Аҳриман ба сурати ҷавони зебое назди ӯ ҳозир мешавад ва ӯро ба қатли падар ташвиқ мекунад. Сипас ба сурати ошпаз омада, дар хӯрокпазӣ моҳир будани худро ситоиш

мекунад. Заҳҳок ӯро ошпаз мегирад ва ӯ гӯшт мепазад. Мардум то он замон гӯшт истеъмол намекарданд. Заҳҳок аз таъми гӯштҳои гуногун лаззат бурда, ба ӯ боварӣ пайдо мекунад. Рӯзе он ошпаз аз Заҳҳок иҷозат мепурсад, то аз ду китфи ӯ бӯса кунад. Сипас бӯса мекунад ва ба замин фаромада, нопадид мешавад. Ҳамон замон аз ҳарду китфи Заҳҳок ду море ба андозаи моҳии калон месабзанд. Табибонро даъват мекунанд, вале касе он дуро ором карда наметавонад. Сипас Аҳриман ба сурати табиб омада, Заҳҳокро барои аз мағзи сари инсон хӯрок омода кардан ба морҳо даъват мекунад [15, с. 21].

Дар ин қисмат ишора аз ихтилофи миёни ҳинду-ориёиҳо ва мардуми сомӣ аст. Ихтилофе, ки хосияти худро ҳанӯз аз мардуми ҳинду кам накардааст. Яъне, дар ин ривоят чунин ишора мешавад, ки гӯё гӯшт хӯрдан амали нохуб аст ва ин амалро шайтон ба инсон, аввалан ба Заҳҳоки арабинажод омӯзонд.

Ҷамшед шоҳи форсу тоҷик буд ва ба кибру ғурур дода шуд, то дараҷае, ки худро Худо эълон кард. Мардум ба сӯи Заҳҳок панаҳ бурданд. Заҳҳок бо лашкари бузурге ҳуҷум кард ва Ҷамшедро таъқиб карда ба қатл расонид. Баъдан ба кишвари Форс ҳоким гардид ва ба муддати 1000 сол ҳокимият карда, ба сари мардум азобҳои гуногун оварад. Коваи оҳангар мардумро ба мубориза хонда, ба талаби Фаридун баромад. Фаридун мубориза бурда, Заҳҳокро шикаст дод, сипас ба асорат гирифта ба кӯҳҳои Дамованд бурд ва дар онҷо бандӣ кард. Аз Кова дирафш боқӣ монд, ки чун аввалин парчам дар таърихи башарият шинохта мешавад.

Мо форсҳо-тоҷикон бар ин назар будем, ки Заҳҳок ҳеҷ гуна нисбати арабӣ надорад. Ӯ шоҳаншоҳи Эрон ва аз насли Ҷамшед, яъне ориёӣ аст. Сабаби ба араб мансуб шуданаш ҳамон ҳуҷуми арабҳо ва аз байн рафтани давлати Сосониён буд. Яъне бо сабабе, ки замони ҳокимияти Заҳҳок чун шикасти давлати Сосониён барои мардуми форсҳо-тоҷикҳо гарон афтода буд, муаллифи «Шоҳнома» ҳаким Фирдавсӣ ӯро араб номид.

Абдулваҳҳоб Муҳаммади Аззом дар китоби худ « *الصلات بين العرب والفرس وآدابهما في الجاهلية والإسلام*» ривояти зикргардидаро ба ҳақиқат наздик шуморида, араб будани Заҳҳокро тасдиқ мекунад. Ӯ мегӯяд: «Агар ба таърихи «Шоҳнома» нигарем, чунин дармеёбем, ки Заҳҳок 2800 сол пеш аз мелод ба Эрон соҳиб шуд. Ин ба даврони давлати Бобул рост меояд. Агар паси ин афсона ҳақиқате бошад, пас ин ҳокимияти сомиҳо дар мамлакати форсҳо аст. Авасто бо баёни шаҳри Буро, ҳамон Бобул чун зодгоҳи Заҳҳок суханҳои болоро тақвият медиҳад. Инчунин дар «Нузҳат-ул-қулуб»-и Қазвинӣ омадааст, ки макони зисти Заҳҳок ва Намруд Бобул буд» [15, с. 22].

Ҳамчунин, Абдулваҳҳоб Муҳаммади Аззом мисраҳоеро аз Абутаммом меорад, ки ба қиссаи Заҳҳок ишора гардидааст:

ما نال ما قد نال فرعون و لا
هامان في الدنيا و لا قارون
بل كان كالضحاك في سطواته
بالعالمين وأنت أفريدون

Яъне:

Касе дар даҳр чизе бар даст наоварад,
На Фиръавну, на Ҳомону на Қорун.
Ҳатто дар қудрataш бар оламиён
Ӯ чу Заҳҳок буду ту Фаридун.

Абдулваҳҳоб Муҳаммади Аззом ҷойе аз Абунавос ишора мекунад, ки дар қасидаи фахрияаш аз қавми қаҳтонии худ, Заҳҳокро ном бурда, аз ӯ ифтихор мекунад:

و كان منا الضحاك يعبده
الخابل والجن في مساريها

Яъне:

Заҳҳок, ки аз мо буд,
Хобилу Ҷиниҳо дар роҳи ӯ ибодат мекарданд.

Дар «Шоҳнома» ва дар дигар китобҳои арабию форсӣ омадааст, ки Фаридун ҳар се фарзанди худро бо се духтари яке аз шоҳони Яман оиладор мекунад. Фаридун дар назди Ориёиҳо ба монанди Нӯҳ дар назди сомиҳо аст. Аз ин 3 писари ӯ мардуми зиёде пайдо мешаванд, ки Тӯр падари шоҳони Тӯрон, Эраҷ падари шоҳони Эрон ва Салм падари шоҳони Рум мебошад. Мусолиҳаи миёни Фаридун ва шоҳи Яман арабро ба тамоми насли писарони Фаридун таъо мегардонад.

Ин суханҳои Абдулваҳҳоби Аззом маънои онро надорад, ки Фаридун ҳамон паёмбар Нӯҳ аст. Ин ҷо чандин айниятҳое аст, ки онҳоро бо ҳам монанд месозад. Яъне ҳазрати Нӯҳ ҳам се фарзанд дошт, ки номҳои он Сом, Ҳом ва Ёфис буд. Арабҳо аз насли Сом мебошанд.

Ҷои дигар аз арабҳо хола доштани Рустамро ишора месозад: «Дар афсонаҳои форсӣ маълум мегардад, ки Меҳроб дар аҳди шоҳ Манучеҳр шоҳи Кобул гардида буд, ки арабе аз насли Заҳҳок буд. Зол писари Сом бо духтари Меҳроб оиладор шуд ва қаҳрамони қаҳрамонҳои Форс Рустам таваллуд гардид. З-ин рӯ Рустам аз арабҳо хола дорад» [15, с. 23].

Аз ривоятҳое, ки ба таърих наздиктар аст, ин ҷанги рухдода, миёни Кайковусу шоҳи Ҳамоварон (Ҳимер) ва асир гардидани Кайковус дар мамлакати Яман аст. Шоҳи Тӯрониён Афросиёб якҷо бо арабҳо барои мулки Эрон ба ҷанг медароянд. Сипас Рустам ба Яман меравад ва Кайковусро раҳо мекунад. Абунавос дар қасидае, ки дар боло зикраш кардем, мегӯяд:

وفاظ قابوس في سلاسلنا
سنين سبعا وفت لحسابه

Яъне:

Ковус дар зиндони мо
Ҳафт сол дар занҷир банд буд.

Кайковус мувофиқи маълумоти «Шоҳнома» дар асри Х қабл аз мелод зистааст. Мувофиқи баъзе китобҳои арабӣ шоҳи Яман дар он даврон Зулазъор ибни Абраҳа ибни Зилманор ибни Роиш буд [15, с. 23].

Ҳаким Фирдавсӣ дар асари безаволи хеш ин алоқаҳои мустаҳками миллати форсу тоҷикро бо арабҳо ба чунин шакл меорад. Ин ҳамсоягиро пурра баён медорад ва ҳеҷ нафрату бадбиниро нисбат ба миллати араб ошкор намекунад. То замоне, ки ба ҳуҷуми арабҳо ва шикасти давлати Сосониён наздик мешавад.

Абдулваҳҳоб мегӯяд, Фирдавсӣ аввалин касе буд, ки аз ҳодисаҳои ба вуқуъ омадаи миёни форсу араб, баъд аз футуҳоти исломӣ дар минтақаи Форс сухан кард.

Фирдавсии Тӯсиро, ки дар инъикоси воқеаҳо ва алоқаҳои миёни арабу форси қабл аз ислом бениҳоят таҳамулпазир дида будем, дар баёни ҳодисоти замони истило ғазабу нафрати ӯро бараъло мушоҳида мекунем. Дар ин қисматҳо Фирдавсиро метавон аз аҳли тафзили форсу тоҷик бар араб хонд, зеро тавассути муқобалаву муқоисаи арабу аҷамӣ шоир ҳамвора арабҳоро таҳқир ва эрониёнро ситоиш менамояд, ки ин тарҷеҳдиҳӣ хоси шуубиён буд.

Шуморо ба чашм-андарун шарм нест,
Зи роҳи хирад меҳру озарм нест.
Бад-он чеҳру он зоду он меҳру хӯй,
Чунин тоҷу тахт омадат орзуй?
Ҷаҳон гар бар андоза ҷӯйи ҳаме,
Сухан бар газофа нагӯӣ ҳаме.
Сухангӯй марде бари мо фирист,
Ҷаҳондидаву гурду доно фирист,
Бад-он, то бигӯяд, ки ройи ту чист,
Ба тахти каён раҳнамойи ту кист? [2, с. 610]

Дар «Шоҳнома» чун Фирдавсӣ ба қисмати Эронро истило сохтани аъроб мерасад, хуни меҳанпарастиаш ба ҷӯш омада бо ҳарорати том сухан мекунад. Дар номаи Рустами

Фаррухзод сарлашкари Эрон ба бародараш шоир ҳисси нафрату адоваташро ба ҷинси араб ошкор баён медорад.

Чу бо тахт минбар баробар шавад,
Ҳама ном Бубакру Уммар шавад.
Табаҳ гардад ин ранҷҳои дароз,
Шавад носазо шоҳи гарданфароз.
На тахту на дайҳим бинӣ, на шаҳр,
Зи ахтар ҳама тозиёнрост баҳр...
Бипӯшанд аз эшон гурӯҳе сиёҳ,
Зи дебо ниҳанд аз бари сар кулоҳ.
На тахту на тоҷу на заррина кафш,
На гавҳар, на афсар, на бар сар дирафш,
Биранҷад, яке дигаре бар хурад,
Ба доду ба бахшиш касе нангарад...
Зи паймон бигарданду аз ростӣ,
Гиромӣ шавад кажживу костӣ [2, с. 608].

Фирдавсӣ аз забони Рустами Фаррухзод ояндаи қавмҳоро пешгӯи намуда, аз омезиши халқиятҳои гуногун изҳори таасуф мекунад, ки чунин тарзи баёни шоир низ як навъ эътироз ба истилои арабҳо аст:

Бадандеш гардад писар бар падар,
Падар ҳамчунин бар писар чорагар.
Шавад бандаи беҳунар шаҳрёр,
Нажоду бузургӣ наёяд ба кор.
Ба гетӣ касеро намонад вафо,
Равону забонҳо шавад пурҷафо.
Зи Эрону аз Турк в-аз тозиён
Нажоде падид ояд андар миён,
На деҳқон, на турку на тозӣ бувад,
Суханҳо ба кирдори бозӣ бувад.
Ҳама ганҷҳо зери доман ниҳанд,
Бимиранду кӯшиш ба душман диҳанд [2, с. 608].

Бархе ба ин бовараанд, ки ин суханҳо аз худи Фирдавсӣ буда, ин нома ва ё қисмҳои он бар асари аҳдофи сиёсӣ падид омадааст, вагарна дар шоҳномаҳои пешин чунин номаҳо набуданд. Бале, дар ҳақиқат ин қисматҳои муҳимми «Шоҳнома» ба ҳисоб мерафт. Чун мақсад аз ҷамъоварии осори кӯҳан ин баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва ҳувияти миллӣ буд.

Хулоса. Дар асоси таҳқиқи мавзуи мазкур метавон чунин хулосабарорӣ кард:

1. Адабиёти форсу тоҷик аз қадимтарин адабиёти ҷаҳон ба шумор меравад. Аммо бо ҳуҷуми арабҳо дар асри VII чанд муддате ин забон аз рушду нумуъ бозмонд ва осор бо забони арабӣ эҷод гардид. Дар охирҳои асри IX ва аввали асри X аз нав таълифот бо забони асл сурат гирифт.

2. Миллати форсу тоҷик аз қадимтарин мардуми рӯи замин буданд ва ин таърих бо сабабҳои аз байн рафтани осори пешин танҳо дар дар ривоятҳои шифоҳии мардум ва дар шакли пароканда бошад, дар баъзе асарҳои маҳфуз шуда, боқӣ монда буд.

3. Ҷиҳати барқарор ва муаррифӣ кардани таъриху бузургии ин миллат аз ҷониби донишмандони зиёде аз қабили Абулмуайяди Балхӣ, Абӯалӣ Муҳаммад ибни Аҳмади Балхӣ, Масъуди Марвазӣ, Абумансур Муҳаммад ибни Абдурразоқ ва Абумансур Муҳаммад ибни Аҳмади Дақиқӣ талошҳо шуданд, аммо осори баъзе аз байн рафт ва ба баъзеи дигар умр вафо накард.

4. Абулқосими Фирдавсӣ шахсияте буд, ки тавонист ин рисолати бузургро ба ҷой биёрад. Ӯ бо сабти таърихи пурифтихори миллат ба мардум расонид, ки мо дорои тамаддун, фарҳанг, давлат ва забони худ будем ва ҳастем. Ин асар мардумро аз гузаштаи пурифтихори худаш огоҳонид ва ҳувияту худшиносии миллатро баланд кард. Маҳз чунин талошҳои

созандаи фарзандони фарзонаи миллат сабаб шуд, ки ба монанди баъзе миллатҳои дигар аз тамаддуну фарҳангу забони хеш дур нагардем.

5. Фирдавсӣ дар баробари васфи фарҳангу бузургии мардуми форсу тоҷик ҳамзамон ин оини бузургро бо фарҳангу тамаддуни миллати ғайр, ба вижа миллати араб, ки мақсади истилои ин хоку сарзаминро дошт, муқоиса кард. Ӯ тамаддуну фарҳанги арабро дар пеши тамаддуни форсӣ-тоҷикӣ ночиз шуморида, бадтарин суханҳоро нисбат ба онҳо гуфтааст.

6. Ҳаким Фирдавсӣ маҳз аз рӯи ифтихори баланди ватандорӣ ва ҳувияти миллӣ кӯшиш ба харҷ дод, ки зимни навиштани ин шоҳасари худ аз вожаҳои арабӣ камтар истифода намояд. Воқеан ин шоири бузурги миллат бо талоши зиёди худ тавонист «Шоҳнома»-ро бо забони ноби форсӣ-тоҷикӣ нависад.

Ҳамин тавр, Абулқосим Фирдавсӣ бо ҳар роҳу восита, чӣ бо ҳифзи таърих, чӣ бо зикри қаҳрамонҳои форс ва корнамоии онҳо ва ҳам бо истифодаи комил аз фонди луғавии забони форсӣ-тоҷикӣ тавонист ба оламиён асолату бузургии миллаташро нишон диҳад. Муддати беш аз ҳазор сол ба шакли комил боқӣ мондани ин асар нишон аз аҳамияти баланди он дар ҷомеа аст. Ҳаким Фирдавсӣ ҳамчун ҳомии асолати форсӣ ва асари ӯ «Шоҳнома» исботи ин бузургӣ шинохта мешавад.

АДАБИЁТ

1. Абулқосими Фирдавсӣ, «Шоҳнома», ҷилди I -Душанбе: Шарқи озод, 2025. -792 с.
2. Абулқосими Фирдавсӣ, «Шоҳнома», ҷилди II -Душанбе: Шарқи озод, 2025. -704 с.
3. Баранов Х.К. Арабско-русский словарь. - Ташкент. 1994.
4. Бобоҷон Ғафуров, Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. Душанбе, «Нашриёти муосир», 2020. 976 с.
5. Османов М.Н. Своды иранского героического эпоса («Худойнаме» и «Шахнаме» как источники «Шахнаме» Фирдоуси).//Ученые записки Института востоковедения. Том. XIX. –М. 1958
6. Раҷабова Марҳабо, Адабиёти шуубии форсу тоҷики асрҳои XIII-X. Хуҷанд, 2011. 204 с.
7. Сайидраҳмон Сулаймонӣ, «Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ». Душанбе, Эр-граф, 2021.
8. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷилди 1.- Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008.-950 с.
9. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ҷилди 2.- Душанбе: Пажуҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2008.-945 с.
10. Ҷамолиддин Саидзода, Фирдавсӣ-шоири паёмрасон.-Душанбе, 2022. 574 с.

ФИРДАВСӢ – ҲОМИИ АСИЛЗОДАГИИ ФОРСӢ-ТОҶИКӢ

Абулқосими Фирдавсӣ аз шоирони адабиёти асри X –и форсу тоҷик ба шумор рафта, аз нуфузи ҷаҳонӣ бархурдор аст. «Шоҳнома» - и безаволи ӯ ба чандин забонҳои олам тарҷума шуда, миёни хоссу ом маҳбубият дорад. Ин абармард дар муаррифи намудани таърихи миллати форсу тоҷик саҳми беназир гузошт. Асари ӯ сар то по абёти хирадсолорӣ, муҳаббат ба Ватан ва марзу бум мебошад. Муаллиф таъкид менамояд, ки Ҳаким Фирдавсӣ ҳомии асилзодагии форсӣ-тоҷикӣ буда, дар «Шоҳнома» бузургиву бартарияти миллати форсу тоҷикро чӣ аз ҷиҳати хирад, чӣ ниёгон ва чӣ тамаддуну тавоноӣ тасвир мекунад. Арабҳоро, ки давлати форсҳо-тоҷикон – Сосониёнро барҳам доданд, сахт ба тозиёнаи танқид мегирад ва дар «Шоҳнома» то тавонист истифодаи калимаҳои арабиро маҳдуд кард. Муаллифи мақола ба чунин хулоса омад, ки Фирдавсӣ ҷиҳати тақвият ва баланд бардоштани ҳувияти миллӣ ва худшиносии миллии мардуми форсу тоҷик саҳми арзанда гузошт ва «Шоҳнома» беҳтарин дастур барои насли ҷавон аст, то бидонанд, ки аз чӣ нажоди бузурге ҳастанд. Ҷавонон бояд бо ифтихори баланди миллӣ дар пайи рушду пешрафт ва баланд бардоштани дониши хеш бошанд ва худро аз ҳеҷ қавму миллате кам надониста кишвари худро аз ин ҳам ободтару зеботар гардонанд.

Калидвожаҳо: Фирдавсӣ, Шоҳнома, Заҳҳок, шуубия, сомӣ, сулола, ҳувият, Сомониён, Кисро, ҷизя, зардуштӣ, ватандӯстӣ, ҳомӣ, асилзода, Аҷам, форс, худшиносӣ, тамаддун, фарҳанг, ниёгон, Рустами Фаррухзод, Абдулваҳҳоби Аззом.

ФИРДОУСИ – ПОКРОВИТЕЛЬ ПЕРСИДСКО-ТАДЖИКСКОЙ ЗНАТИ

Абулькасым Фирдоуси считается одним из выдающихся поэтов персидско-таджикской литературы X века и пользуется мировой известностью. Его уникальное «Шахнаме» переведено на несколько языков мира и пользуется популярностью как среди широкой публики, так и среди частных лиц. Этот великий человек внес уникальный вклад в представление истории персидско-таджикской нации. Его творчество наполнено мудрыми стихами и любовью к родине .Автор подчеркивает, что Хаким Фирдоуси был защитником персидской знати, и в «Шахнаме» он описывает величие и превосходство персидско-таджикской нации в плане мудрости, предков, цивилизации и могущества. Он сильно критикует арабов, разрушивших персидско-таджикское государство, Сасанидов, и в «Шахнаме» максимально ограничивает использование арабских

слов. Автор статьи пришел к выводу, что Фирдоуси внес значительный вклад в укрепление и развитие национальной идентичности и самосознания персидско-таджикского народа, а «Шахнаме» является лучшим руководством для молодого поколения, позволяющим понять, насколько велика их нация. Молодым людям следует стремиться к развитию, прогрессу и расширению своих знаний с высокой национальной уверенностью, не считать себя ниже других народов или наций и делать свою страну еще более процветающей и прекрасной.

Ключевые слова: Фирдоуси, Шахнаме, Заххак, Шуубийя, саами, династия, идентичность, Саманиды, Хосроу, джизья, зороастризм, патриотизм, защитник, дворянин, Аджам, Персия, самопознание, цивилизация, культура, предки, Рустам Фаррухзад, Абдулвахаб Аззам.

FIRDAWSI – THE PROTECTOR OF PERSIAN-TAJIK NOBILITY

Abulqasim Firdawsi is considered one of the poets of the 10th century Persian-Tajik literature and enjoys world fame. His unique «Shahnameh» has been translated into several languages of the world and is popular among both the public and private. This great man made a unique contribution to presenting the history of the Persian-Tajik nation. His work is full of verses of wisdom and love for the homeland.The author emphasizes that Hakim Firdawsi was a defender of Persian nobility, and in «Shahnameh» he describes the greatness and superiority of the Persian-Tajik nation in terms of wisdom, ancestors, civilization and power. He criticizes the Arabs who destroyed the Persian-Tajik state, the Sassanids, and in «Shahnameh» he limited the use of Arabic words as much as possible. The author of the article came to the conclusion that Firdawsi made a significant contribution to strengthening and enhancing the national identity and national self-awareness of the Persian-Tajik people, and the «Shahnameh» is the best guide for the younger generation to know what a great race they are from. Young people should pursue development, progress, and increase their knowledge with high national confidence, and not consider themselves inferior to any other people or nation, and make their country even more prosperous and beautiful.

Keywords: Firdawsi, Shahnama, Zahhak, Shuubiyya, Sami, dynasty, identity, Samanids, Chosroes, jizya, Zoroastrianism, patriotism, protector, nobleman, Ajam, Persia, self-knowledge, civilization, culture, ancestors, Rustam Farrukhzad, Abdulwahab Azzam.

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳимзода Исфандиёр Абдуманон – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри кафедраи филологияи араб. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон: (+992) 903655005.

Сведения об авторе: Рахимзода Исфандиёр Абдуманон - Таджикский национальный университет, магистра кафедры арабской филологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 903655005.

Information about the author: Rahimzoda Isfandiyor Abdumanon-Tajik National University, master's degree of Department of Arabic Philology. Address: 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe, 17 Rudaki avenue. Phone: (+992) 903655005.

МАВҚЕИ ҚАСИДА ДАР ЭҶОДИЁТИ АМИР ХУСРАВ

Давлатова Р.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Қасида аз муҳимтарин навъи ҷинси ғиноии адабиёти классикии форсу тоҷик ба ҳисоб рафта, таърихи он ба пайдоиши нахустин шеъри порсӣ рафта мерасад. Дар таърихи адабиёти тоҷик нахустин шеъри тоҷикӣ қасидаи мадҳист, ки онро Муҳаммад ибни Васифи Сагзӣ дар мадҳи Яъқуб ибни Лайси Саффорӣ, ба ифтихори ғолибият дар ҷанги Ҳирот месарояд [14, с.25]. Оғози он ба гунаи зайл аст:

Эй амире, ки амирони ҷаҳон хоссаву ом
Бандаву чокару мавлову саги банду ғулом.
Абадӣ хатте бар лавҳ, ки мулке бидиҳед
Ба Абиюсуфи Яъқуб ибни Лайси Ҳумом [14, с.25].

Амир Хусрави Деҳлавӣ аз бузургтарин шоирони адабиёти форсизабони Ҳинд дар асри XIII мебошад, ки дар тамоми анвои шеърӣ табъородозмоӣ намуда, намунаҳои беназири онҳоро офаридааст. Дар ин миён, баъд аз навъи шеърии ғазал, қасидаҳои шоир бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои хосси худ имтиёз доранд. Дар Шибҳиқораи Ҳинд аз оғози шаклгирии адабиёти форсизабони Ҳинд то садаи XIII касе ба дараҷаи Амир Хусрав дар ҷомеият дар риштаи адабу адабпажуҳӣ нарасидааст. Дар тамоми мамолики форсизабон ва қаламрави забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар муддати ҳазор сол касеро ба чунин ҷомеӣ ва дороии махзани камолоту ҳунарҳои гуногун пайдо намудан мушкил хоҳад буд.

Қасида дар эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ яке аз жанрҳои муҳим ва сермаъно ба ҳисоб меравад. Ӯ ҳамчун шоири дарбории сулолаҳои Деҳлӣ, хусусан дар замони султон Алоуддини Хилҷӣ ва дигарон, қасидаро ҳамчун василаи асосии баёни фикрҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мадҳӣ истифода мебурд.

Қасида дар эҷодиёти ӯ чунин мавқеъ дорад:

Жанри асосии дарборӣ

Қасида барои Амир Хусрав, пеш аз ҳама, жанри дарборӣ буд. Бо он салотин, амирон ва ҳомии худро ситоиш мекард ва мавқеи худро дар дарбор устувор месохт.

Василаи баёни мафкураи сиёсӣ ва иҷтимоӣ:

Дар қасидаҳои ӯ на танҳо мадҳ, балки ишора ба адолат, давлатдорӣ, сулҳ ва тартиботи ҷамъиятӣ дида мешавад. Яъне, қасидаҳо мазмуни амиқтар аз таърифро доранд.

Навоварӣ дар шакл ва мазмун:

Амир Хусрав ба қасида сабки тоза ворид кардааст, истифодаи образҳои зинда ва мусиқияти баланд; омезиши анъанаҳои форсӣ ва ҳиндӣ; забони равон ва таъсирбахш.

Ҷузъи муҳимми девонҳои ӯ:

Қасидаҳо дар девонҳои шоир ҷойи намоён доранд ва қисми муҳимми мероси адабии ӯро ташкил медиҳанд.

Перомуни қасидаҳои Амир Хусрав аз замони зиндагии шоир то кунун андешамандони зиёде назарҳои худро баён карданд, ки ҳамгун нестанд ва дар он миён на ҳама назари нек доранд. Аз ҷумла, Шиблии Нуъмонӣ дар китоби “Шеър-ул-аҷам” оид ба қасидаҳои шоир чунин ибрози андеша мекунад: “Дар қасида дорои услуб ва тарзи хоссе нест, балки муқаллиди Камол Исмоилу Хоқонӣ ва Анварӣ мебошад. Ӯ дар ҷавоби ҳар кадом қасидае, ки мегӯяд, комилан ӯро татаббуъ мекунад” [12, с.120].

Дуруст аст, ки шоир дар эҷоди қасида ба Камолиддин Исмоили Исфаҳонӣ, Хоқонии Шарвонӣ ва Анварии Абевардӣ пайравӣ намудааст, аммо ин маънои онро надорад, ки тамоми қасидаҳои шоир татаббуӣ бошад, махсусан, дар сабки баёну андеша. Дар асл, ин як ҳодисаи табиист, ки асари ҳунарие, ки эҷод мешавад, маншаву заминае барои ҳунармандону шоирон ва нависандагони баъдӣ мегардад. Шоирон гоҳе мазмунеро аз шоирони пешини худ гирифта, тағйироте дар он падид меоваранд ва ба бозофаринию

зебосозии он мепардозанд. Ба иборати дигар, як мазмуни воҳид бо иборатҳои гуногун, ки хосси ҳар шоир аст, баён карда мешавад. Чунончи, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ мегӯяд:

Як қисса беш нест ғами ишқ в-ин аҷаб,
К-аз ҳар забон, ки мешунавам, номукаррар аст [10, с.47].

Вақте ки аз нигоҳи таҳқиқ ба қасидаҳои Амир Хусрав назар мекунем, мебинем, ки гуфтаи Шиблии Нуъмонӣ дар мавриди баёни қасидаҳои ӯ чандон ба ҳақиқат рост намеояд. Чунки Амир Хусрав, гарчанде дар якчанд қасида аз пешиниён пайравӣ намудааст, дар истифодаи саноеъу авзон ва баёни андеша комилан мустақил аст. Албатта, он чи мояи бартарии Хусрав шуда, қабл аз ҳама, ғазалиёти ӯст. Лекин бо ин ҳама наметавон қасидаҳои шоирро нодида гирифт. Бинобар он ки тарзи хосси каломи Амир Хусрав дар анвои манзум, пеш аз ҳама, дар қасидаҳояш ошкортар аст, таваҷҷуҳ ба қасоиди шоир ҳамчун ҷузъи муҳимми эҷодиёти шоир дар авлавият қарор дорад.

Амир Хусрав дар давоми фаъолияти эҷодии худ қасидаҳои бисёр гуфтааст, ки онҳо дар панҷ девони вай дохил гардидаанд. Мувофиқи ҳисоби муҳаққиқи машҳури осори шоир Муҳаммадвафо Бақоев, теъдоди умумии қасидаҳои адиб ба 273 адад мерасад, ки адади ҷойгиршавии онҳо дар панҷ девони шоир ба ин тарз аст:

“Васат ул ҳаёт” – 58 қасида;
“Бақияи нақия” – 63 қасида;
“Туҳфат-ус-сиғар” – 37 қасида;
“Ғуррат-ул-камол” – 92 қасида;
“Ниҳоят-ул-камол” – 23 қасида.

Миқдори абёти ин қасидаҳо 10 100 байтро ташкил медиҳад.

Дар девонҳои Амир Хусрав қасидаҳо аз лиҳози шумора нисбат ба ғазалҳо камтаранд. Ба гуфтаи профессор Мисбоҳиддини Нарзиқул, қасида дар эҷодиёти Амир Хусрав “жанри марказӣ нест, аммо дорои аҳаммияти ғоявӣ ва таърихӣ мебошад” [Нарзиқул 2003, с.87 -90]. Ин жанр бештар барои баёни муносибати шоир бо дарбор ва воқеаҳои сиёсӣ истифода шудааст. Хулоса, мавқеъ ва ҷойгоҳи қасида дар эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ бисёр барҷаста ва бунёдӣ аст.

Амир Хусрав ба унвони яке аз пешгомони сабки ҳиндӣ ва бузургтарин шоири порсигӯйи Ҳинд, қасидаро барои ибрози иродат ба дарбори подшоҳон, тавсифи табиат ва баёни масоили ахлоқию орифона ба кор мебарад. Бахши қобили таваҷҷуҳе аз қасоиди ӯ дар ситоиши подшоҳону салотини Деҳлӣ, монанди Алоуддини Хилҷӣ, суруда шудааст, ки абзоре барои тақарруб ба дарбор ва касби ҷойгоҳи иҷтимоӣ буд. Масалан:

Миннат Эзадро, ки шаҳ бар тахти султонӣ нишаст,
Дар димоғи мамлакат боди сулаймонӣ нишаст [4, с.580].
***
Эй ҳарду кавн соянишин зери роятат,
Анвори дин гуле зи чароғи ҳидоятат [4, с.581].
***
Субҳ чун аз сӯйи Машриқ рӯ намуд,
Саҳни мино равзаи мину намуд [4, с.581].
***
Чу зулфи ёр шикан бар шикан ҳамепечад,
Дар ӯ ҳазор дили марду зан ҳамепечад [4, с.584-585].
***
Сапедадам, ки фалак ҷоми зар ба кайҳон дод,
Насим ғолия дар домани гулистон дод [4, с.586].
***
Сапедадам чу ҳаво гашти бӯстон фармуд,
Бисоти хок зи дебову парниён фармуд.
...Алоуддинию дин он шаҳе, ки оламро

Ба адли хештан аз ҳодисот амон фармуд [4, с.586-587].

Амир Хусрав аз он ҷо, ки дар сарои султонҳои Деҳлӣ хизмати дарборро ба ҷо меовард, дар эҷоди қасидаҳои мадҳия ногузир буд. Зеро барои инкишофи илму адаб, ривоҷи кору бор ва осудагии ёру диёр аз онҳо чашми ёрӣ дошт ва подшоҳонро вазифадор мешуморид, ки ин орзуҳоро ба амал оваранд. Мутаассифона, ин орзуҳо ба ноумедӣ мубаддал гашта, боиси ранҷиш ва озурдагӣ аз дарбори подшоҳон ва рӯ гардондан аз шириншамоилиҳои онҳо мегардид. Бесабаб нест, ки Амир Хусрав хизмати дарбор кардан ва ҳаёти дарбориашро дар яке аз шеърҳояш маҳкум мекунад ва ҳамаи қасидаҳои мадҳияашро дурӯғ эълон намуда, барои ин аз хонанда узр мехоҳад:

Мадҳаш зи дурӯғ бартарошам,

Маъзур дар ин чӣ гуна бошам?! [5, с.154].

Ғайр аз ин, Амир Хусрав мадҳро на фурӯғи дили шоир, балки кушандаи он мешуморад. Аз ин ҷиҳат, қасидаҳои мадҳияи Амир Хусрав дар эҷодиёти ӯ мавқеи босазо надорад. Дар байни қасидаҳояш қасидаи иҷтимоӣ ва фалсафии ӯ «Баҳр-ул-аброр», ки бо радифи «наёбӣ» эҷод шудааст, ҷолиб аст. Фикрҳои иҷтимоӣ ва шикояту эътирозҳое, ки аз замона ва одамони вай дошт, дар ин қасида акс шудаанд. Ин қасида аз маҳкум намудани бевафоии одамон – дӯстон ва ҷаҳонро пур аз азоб тасаввур кардан оғоз ёфтааст:

Дар даҳр яке ёри вафодор наёбӣ,

Дар боғи ҷаҳон як гули бехор наёбӣ [4, с.467].

Дар ин шеър ҳамчун радиф қабул шудани калимаи «наёбӣ» ба инкори олами бевафо, ки барои ҳокимон роҳату барои меҳнаткашон азоб буд, ёрӣ мерасонад, онро маҳкум мекунад ва мадҳу санои қасидаҳои дарборро рад менамояд. Бар хилофи қасидасароёни классик, ки ағлаб бар мадҳ тамаркуз доштанд, қасоиди ӯ шомили мазомини ахлоқӣ, панду андарз ва тавсифи зебоиҳои табиӣ низ мешавад. Яъне, дар қасоиди Амир Хусрави Деҳлавӣ танаввуи мазомин дида мешавад.

Қасидаҳое, ки бо дарунмояҳое, назири “Хуш хилъатест ҷисм, вале устувор нест”, ё “Мард ҳама ҷо ба сари кор беҳ” шуруъ мешаванд, нишондиҳандаи сабки хосси шоир дар таркиби мадҳу ахлоқиёт аст.

Амир Хусрав маҷмуаҳои шеърии худро дар даврaҳои мухталифи зиндагӣ гирдоварӣ мекард, ки шомили қасоиди нағзу устуворест, ки дар даврaҳои пухтагӣ, аз ҷумла замони султон Алоуддини Хилҷӣ, суруда шудаанд.

Қасоиди ӯ пуле миёни сабки ироқӣ (Хуросони қадим) ва сабки ҳиндист, ки дар он аз саноеи адабию тавсифоти дақиқ истифода шудааст. Ҳамин тавр, Амир Хусрави Деҳлавӣ бо ашъори дилошӯби худ, аз ҷумла қасидаҳояш бар сабки ҳиндӣ таъсири амиқу дақиқе гузоштааст.

Қасоиди ҳикамии Амир Хусрави Деҳлавӣ аз назари теъдоди абёт гуногун буда, аз 8 байт то 250 байтро ташкил медиҳанд. Хурдтарин қасидаи шоир “Фӣ наъти Набӣ (с)” унвон дошта, ҳамагӣ аз 8 байт иборат аст ва бо байти зерин оғоз меёбад:

Зиҳӣ аз ҷавҳари Қуръон ҳама пирояи динат,

Ба сиҳҳат нусхаи ҳуббулматин маншури мушкинат [5, с.580].

Бузургтарин қасидаи шоир – “Ҷаннот-ун-наҷот” маҳсуб меёбад, ки шомили 250 байт буда, мураккаб аз чаҳор матлаъ аст ва бо байти зер оғоз меёбад:

Чӣ заҳра хоки мискинро, ки тавҳиди Худо гӯяд,

Бад-ин олудагӣ зоти муқаддасро сано гӯяд?! [5, с.190].

Дар қасоиди Амир Хусрав аз лиҳози сохтор баъзе навигариҳо ба чашм мерасанд. Яке аз ибтикороте, ки шоир ба сохтори қасоид ворид намудааст, номгузорӣ ба онҳо аз ҷониби худи муаллиф аст, ки пеш аз ӯ бесобиқа буда ва то замони Амир Хусрави Деҳлавӣ ҳеҷ як аз шуарои қасидасаро унвоне барои қасидашон қоил нашудаанд. Амир Хусрав тақрибан ба кулли қасоиди ҳикамӣ унвони хосе гузоштааст, ки баёнгари муҳтавиёти қасидаанд.

Таҷдиди матлаъ низ дар якчанд қасидаи Амир Хусрав ба назар мерасад, ки нишон аз тӯлонӣ будани қасида ва нақл аз як матлаб ба матлабе дигаре буда, танаввуъ дар сохтори

қасоидро эҷод намудааст. Қасоиди ӯ аксар аз як то чаҳор матлаъро дорост. Масалан, қасидаи “Ҷаннот-ун-наҷот” шомили чаҳор матлаъ аст.

Дар корбурди радиф низ Амир Хусрав дасти тавоно дорад. Дар аксар қасоиди ҳикамии шоир радифи мураккаб мавриди корбурд қарор гирифтааст. Масалан, радифҳои “ҳаме печад”, “кай расад”, “ҳаме борад” ва ғайра.

Амир Хусрав дар кобурди вазн низ устодӣ дорад. Аксар қасоиди ҳикамии шоир дар баҳрҳои равону шевои арӯзи форсӣ суруда шудаанд. Масалан, қасидаи зерин дар баҳри ҳазаҷи мусаммани солим эҷод гардидааст:

Зиҳӣ аз ҷавҳари Қуръон ҳама пирояи динат,

Ба сиҳҳат нусхаи ҳуббулматин маншури мушкинат.

V – – – / V – – – / V – – – / V – – –

Қасидаи ҳикамии дигаре, ки дар девони қасоиди шоир аввал қасида аст, дар баҳри муҷтас гуфта шудааст:

Забон, ки бар дари маънӣ калиди гуфтор аст,

Зи баҳри шукру сипоси яке ҷаҳондор аст.

V – V – / V V– – / V – V – / – ~

Машҳуртарин қасидаи Амир Хусрав – “Дарёи аброр”, ки шуҳрати беандоза касб намуда ва боиси пайравии машҳуртарин шоирони баъдӣ, ба мисли Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Мавлоно Абдулваҳҳоби Исфароинӣ, Мавлоно Зоҳидӣ ва хусусан, Бедили Деҳлавӣ гардидааст, дар баҳри рамали мусаммани мақсур ё маҳзуф суруда шудааст:

Кӯси шаҳ холиву бонги ғул-ғулаш дарди сар аст,

Ҳар кӣ қонеъ шуд ба хушку тар, шаҳи баҳру бар аст.

– V – – / – V – – / – V – – / – V ~

Қасидаи дигар “Фӣ тавҳиди Борӣ Таъоло” унвон дошта, дар ҳамди Худованд гуфта шудааст. Дар ин қасида дар баробари ҳамди Худо баъзе масъалаҳои ахлоқӣ низ матраҳ гардидаанд. Шоир қасидаи фавқро, ки бо байти зерин оғоз мегардад, дар баҳри рачази мусаммани матвии махбун сурудааст:

Эй зи хаёли мо бурун, дар ту хаёл кай расад?

Бо сифати ту ақлро лофи камол кай расад?

– V V– / V – V – / – V V– / V – V –

Ҳамин тавр, Амир Хусрави Деҳлавӣ дар эҷоди қасоид авзони баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, рачаз, мутақориб, қариб, муҷтасс, сареъ, музореъ, хафиф, мунсареҳро мавриди истифода қарор додааст. Аз байни ин баҳрҳо майли шоир бештар ба баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, Муҷтасс, музореъ ва рачаз будааст.

Қасидаҳои Амир Хурав аз лиҳози мазмуну мундариҷа низ ба навъҳои гуногун ҷудо мешаванд, ки маъруфтарини онҳо дар девони сеюми шоир – “Ғуррат-ул-камол” мавҷуданд. Ин қасидаҳо иборатанд аз: “Ҷаннот-ун-наҷот”, “Хулд-ул-хулд”, “Миръот-ус-сафо”, “Дарёи аброр”, “Баҳр-ул-ибар”, “Назм-уд-дурар” ва ғайра, ки дар маҷмуъ, 8 ададанд. Аз ин гурӯҳи қасидаҳо дар девони “Туҳфат-ус-сиғар” 4 қасида, девони “Васат-ул-ҳаёт” 7 қасида (“Ҳукм-ул-ҳикам”, “Олам-ун-наът”...), девони “Бақияи нақия” 7 қасида (“Сеҳри ашҷор”, “Айни шариа”, “Субҳат-ул-аврод”...) ва дар девони “Ниҳоят-ул-камол” низ мисли “Ғуррат-ул-камол” 8 қасида (аз ҷумла “Бобат-ун-наът”, “Хос-ул-ашъор”, “Роҳи раҳоӣ”, “Урф-ул-ирфон”, “Айн-ул-ибор”) ҷой гирифтаанд.

Азбаски девони сеюми Хусрав – “Ғуррат-ул-камол” ҳаҷман бузургтар аст, қисмати зиёди қасоиди шоир дар ҳамин девон ҷой гирифтаанд ва аксари ин қасоид қасоиди ҳикамӣ бо ҷанбаҳои ирфонӣ мебошанд. Дар девони панҷуми шоир ҷой гирифтани беш аз 8 қасидаи сирф ирфонӣ шояд аз он сабаб бошад, ки Амир Хусрав дар даврони пирӣ бештар ба тасаввуфу ирфон рӯ овардааст. Дар ин навъ қасоид бештар сухан аз тавҳид ва ҳамди Худо, офариниши олам, аҷз ва нотавонии инсон дар муқобили қудрати Худованд, тарғиби узлат ва гӯшанишинӣ, фақру фоқа, мазаммати молу сарвати дунё, омӯхтани илм аз баҳри имон, мадҳу санои Низомуддин Авлиё, ба ҷо овардани хидмати пиру мурид ва амсоли ин меравад:

Хубии дунё мабин, эй хуфтаи ғофил, аз он- к
Ҳаст Иблис, он ки андар хоб хӯре дар бар аст.
Чарбии луқма бисӯзад охират, к- андар чароғ
Он ки равған бинӣ аввал, дар ниҳоят озар аст.
..Хокхӯр, гӯ, ҳар кӣ моле дораду хӯрдеш нест,
Ҳамчу он море, ки ганҷаш дар таҳу хокаш х(в)ар аст.
Ҳар киро по бастаи зар шуд, ба занҷир аст асир,
Беш аз ин набвад, ки ӯ баста ба занҷири зар аст.
...Гар зи мол осоиши мунъим ҳамин дидан бувад,
Хозин осудатар аз Алпарслону Санҷар аст [4, с.814].

Зимни тарҳи масъалаҳои ирфонӣ шоир ба тарғиби афкори тирбиявӣ-ахлоқӣ, ба монанди хулқи нек, шарму ҳаё, хоксорӣ ва тавозуъ, сабру қаноатмандӣ, баландҳиммат пардохта ва дар айни замон хислатҳои бад, ба мисли зулму ситам, ҳирсу оз, бевафоӣ, тамаъкорӣ, шаҳвату танпарвариро мазаммат намудааст:

То зи ҳар боде наҷунбӣ, по ба доман каш чу кӯҳ,
К-одамӣ муште ғубору умр боди сар-сар аст.
...Нест мудбир аҳли тарк, ар худ надорад кафш, аз он- к
Ҳар шикоф аз пошнояш дину давлатро дар аст.
Поя давлатрост мардум, гарчи ҳаст ашраф, бубин
Ҷои афсар бар сар, арчи сар қавитар з-афсар аст.
...Мард пинҳон дар гилему подшоҳи олам аст,
Теғ хуфта дар ниёму посбони кишвар аст.
Пирро аз номуродӣ раг чу пайдо шуд зи пӯст,
Баҳри таълими муридон ростиро мистар аст.
Ростравро пайравӣ кун, гарчи зан бошад, ки Хизр
Чун ба зулмат гум кунад раҳ, модиёнаш раҳбар аст [4, с.811].

Амир Хусрави Деҳлавӣ дар баъзе қасоидаш фалсафаю ҳикмати Юнон ва мутафаккироне, чун Ибни Сино ва Абулаъло ал-Маарриро мазаммат намудааст:

Дуруст қавли Худой асту дини пайғамбар:
Чӣ ҷои фалсафаву фикру ҳикмати Юнон?! [3, 89].

Ё:

Чун кунам бар асби най баргустувони коғазин,
Буалиро гираму бар Булалое мезанам [3, 95].

Ва ё:

Аз фалсафаву ҳикмату танҷим налофем,
“Қонун”-у “Ишорот”-у “Шифо”-ро нашиносем [3, 120].

Чунонки дар боло ҳам ёдовар шудем, дар миёни қасоиди мавриди назар бештар ду қасидаи Амир Хусрав – “Дарёи аброр” ва “Миръот-ус-сафо” маъруфанд. “Дарёи аброр” яке аз беҳтарин қасидаҳои Амир Хусрави Деҳлавӣ аст ва худи шоир дар хусуси ин қасида чунин мегӯяд: “Агар аз ҳаводиси афлок ва аз офатҳои рӯзгор тамоми назми ман аз сафҳаи замона маҳв шаваду ҳамин қасидаам монад, бароям бас аст. Чаро ки ҳар касе онро хонад, хоҳад донист, ки дар мулки назм тасарруф ва иқтидори ман дар чӣ мартабае будааст” [5, 192].

Ба таври куллӣ, қасида дар эҷодиёти Амир Хусрав нишондиҳандаи маҳорати фаннӣ ва тавонои ӯ дар бакоргирии забони форсӣ дар муҳити адабии Ҳинд аст.

Ҳарчанд дар мавриди осори дигари Амир Хусрави Деҳлавӣ пажуҳишҳои зиёде рӯйи коғаз омадаанд, аммо ҳанӯз ҷойгоҳи қасида дар идомаи суннатҳои қасидасароии адабиёти классикӣ ба таври шоиста таҳқиқ нашудааст ва умедворем, ки дар оянда ин матолиби густарда бештару пештар мавриди омӯзиш қарор бигирад.

АДАБИЁТ

1. Деҳлавӣ, Амир Хусрав. Осори мунтахаб/ А. Х. Деҳлавӣ. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 489 с.
2. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Осори мунтахаб/ А.Х. Деҳлавӣ. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 442 с.
3. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Осори мунтахаб/ А.Х. Деҳлавӣ. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 389 с.
4. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Осори мунтахаб/ А.Х. Деҳлавӣ. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 892 с.
5. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Девони комил/ А.Х. Деҳлавӣ. Ба ҳиммат ва кӯшиши Муҳаммади Дарвеш. – Теҳрон: Сухан, 1343 ҳ (1964 м). – 451 с.
6. Бақоев, М. Ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ / Муҳаммадвафо Бақоев. – Душанбе:Дониш, 1975 . – 278 с.
7. Бақоев, М. Амир Хусрави Деҳлавӣ/ М. Бақоев. Ҳақиқати Ӯзбекистон. -1968. -16 апрел.
8. Бақоев, М. Шеъру шоирӣ аз назари Амир Хусрави Деҳлавӣ. / М, Бақоев. Садои Шарқ. -1972. – С. 114-120.
9. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 300 с.
10. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (аз даврои қадим то асри XIII). Китоби 1. /Х. Мирзозода. Душанбе: 1989.- 421 с.
11. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Қисми 2. / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1977. – 400 с.
12. Нарзиқул, М. “Эъҷози Хусравӣ” ва мақоми он дар таърихи афкори адабии форсии тоҷикӣ / М. Нарзиқул. – Душанбе: Сино, 2009. – 175 с.
13. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам [Матн]: Иборат аз 5 ҷилд / Ш. Нуъмонӣ; Аз забони урду тарҷимаи Саид Муҳаммадтақӣ Фахри Доии Гелонӣ; Таҳияи А. Набавӣ. –Душанбе: ДДОТ, 2016 – Ҷ.1. – 544 с.; Ҷ.2.-576 с.
14. Сафо, Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон / Забеҳулло Сафо. – Теҳрон: 1379. – 671 с.
15. Шарифзода, Х. Нарзиқул, М. Таърихи адабиёти тоҷик (аз аҳди қадим то оғози асри XIII) / Х. Шарифзода, М. Нарзиқул. –Душанбе: ТоРус, 2017. – 416 с.
16. Шамисо, С. Сабкшиносии наср / С, Шамисо. – Теҳрон: Митро, 1387. –460 с.

МАВҚЕИ ҚАСИДА ДАР ЭҶОДИЁТИ АМИР ХУСРАВ

Амир Хусрави Деҳлавӣ аз бузургтарин шоирони форсигӯйи Ҳинд дар садаи XIII мебошад, ки дар тамоми анвои шеърӣ табъозмоӣ намуда, намунаҳои беназири онҳоро офаридааст. Дар эҷодиёти шоир баъд аз навъи шеърии ғазал қасидаҳои шоир бо таваҷҷуҳ ба мухтассоти хоссаи худ имтиёз доранд. Дар таркиби девонҳои шоир беш аз 273 қасида мавҷуд аст, ки дар маҷмуъ, тақрибан 10100 байтро ташкил медиҳад. Муаллиф кӯшидааст, ки мавқеи қасидаро дар эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ дар асоси ҳусни таваҷҷуҳи шоир ба ин навъи шеърӣ ва зарурати рӯй овардан ба он муайян созад. Перомуни қасидаҳои Амир Хусрав аз замони зиндагии шоир то кунун андешамандони зиёде назарҳои худро баён карданд, ки ҳамгун нестанд ва дар он миён на ҳама назари нек доранд.Дар тамоми мамолики форсизабон ва қаламрави забон ва адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар муддати ҳазор сол касеро ба чунин ҷомеӣ ва дороии махзани камолоту ҳунарҳои гуногун ба мисли Амир Хусрав пайдо намудан мушкил аст.Дар ин мақола саъй шуда, то дар ҳадди тавон мавқеи қасида дар эҷодиёти Амир Хусрави Деҳлавӣ баррасӣ шавад.

Калидвожаҳо: Амир Хусрави Деҳлавӣ, қасида, адабиёти форсизабони Ҳинд, сохтор, таркиб, сарчашмаи илҳоми шоирона.

МЕСТО КАСИДЫ В ТВОРЧЕСТВЕ АМИРА ХУСРАУ

Амир Хусрау Дехлави - один из величайших персианоязычных поэтов Индии XIII века, который экспериментировал со всеми поэтическими жанрами и создал уникальные образцы каждого из них. В творчестве поэта, после жанра газели, касиды выделяются своими отличительными чертами. Диваны поэта содержат более 273 касид, которые в совокупности составляют примерно 10 100 строк. Автор попытался определить место касиды в творчестве Амира Хусрау из Дели, исходя из глубокого интереса поэта к этой поэтической форме и необходимости обращения к ней. Еще при жизни поэта многие ученые высказывали свои мнения о касидах Амира Хусрау, которые не являются единодушными, и не все из них благоприятны.За всю тысячелетнюю историю персикоязычного мира и сферы персидско-таджикского языка и литературы трудно найти кого-либо столь же всестороннего и обладающего таким сокровищницей совершенства и разнообразных искусств, как Амир Хусрау.В данной статье делается попытка, насколько это возможно, рассмотреть место касиды в творчестве Амира Хусрау Делийского.

Ключевые слова: Амир Хусрау Дехлави, касида, персидская литература Индии, структура, композиция, источник поэтического вдохновения.

THE STATUS OF QASIDA IN AMIR KHUSRAW'S CREATIVE WORK

Amir Khusrau of Dehli is one of the greatest Persian-speaking poets of 13th-century India, who experimented with all poetic genres and produced unique examples of them. In the poet's oeuvre, after the ghazal genre, the qasidas stand out for their distinctive characteristics. The poet's divans contain more than 273 qasidas, which together comprise approximately 10,100 lines. The author has endeavoured to determine the position of the qasida in the oeuvre of Amir Khusrau of Dehli, based on the poet's keen interest in this poetic form and the necessity of turning to it. Since the poet's lifetime, many scholars have expressed their opinions on Amir Khusrau's qasidas, which are not uniform, and not all of them are favourable.Throughout the entire Persian-speaking world and the realm of the Persian-Tajik language and literature over a thousand years, it is difficult to find anyone as comprehensive and possessing such a treasury of perfection and diverse arts as Amir Khusrau.This article endeavours to examine, as far as possible, the position of the qasida in the creative work of Amir Khusrau of Dehli.

Keywords: Amir Khusrau of Dehli, qasida, Persian-language literature of India, structure, composition, source of poetic inspiration.

Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатова Рӯзигул Садриддиновна-Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми факултети филологияи тоҷик. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: 004661246.

Сведения об авторе: Давлатовой Рузигул Садриддиновна -Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета таджиксой филологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: 004661246.

Information about the author: Davlatova Ruzigul Sadriddinovna- Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Tajik Philology. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: 004661246.

ШАРҲИ ФИЛОЛОГИИ МАТНИ «ОҒОЗИ ШОҲНОМА»

Саидова М. М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Матни «Оғози Шоҳнома» дар бознавишти Абдуалӣ Ғафурӣ бар пояи муҳтавои асари безаволи Абулқосим Фирдавсӣ таҳия гардида, аз нигоҳи луғавӣ ва маъноӣ дорои арзиши баланди илмӣ ва адабӣ мебошад. Гарчанде муаллиф кӯшидааст матнро ба насри равон ва барои хонандаи имрӯз фаҳмо табдил диҳад, дар он ҳамоно теъдоди зиёди вожаҳо, истилоҳот ва ибораҳое ба назар мерасанд, ки ба фарҳанги куҳани эронӣ, зиндагии иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинии мардумони гузашта иртибот доранд. Аз ин рӯ, шарҳи филологии чунин воҳидҳо барои дарки амиқи мазмун ва муҳтавои асар аҳаммияти махсус дорад.

Тавзеҳи маънои калимаҳо. Яке аз хусусиятҳои муҳимми матни мазкур истифодаи вожаҳои таърихӣ ва адабии забони форсӣ мебошад. Ин гуна калимаҳо на танҳо воситаи баёни андеша, балки инъикоскунандаи муҳити таърихии достон низ ҳастанд.

Аз ҷумла, дар матн вожаи «шаҳриёр» борҳо истифода шудааст. Ин калима аз ду ҷузъ – «шаҳр» ва пасванди «-ёр» таркиб ёфта, ба маънои подшоҳ, ҳоким ва фармонравои кишвар омадааст. Дар адабиёти классикӣ ин вожа нисбат ба шоҳони бузург ба кор мерафт. Масалан:

«Эй шаҳриёр! Ба кори рӯзгор бингар...» [3; 114].

Вожаи дигар «сипаҳ» мебошад, ки дар забони имрӯз ба маънои лашкар ё артиш истифода мешавад. Ин калима аз маъмултарин вожаҳои ҳамосавии «Шоҳнома» буда, дар тавсифи неруҳои ҳарбӣ ва ҷангҳо нақши муҳим дорад.

Дар матн инчунин калимаи «дирафш» ба назар мерасад. Дирафш ба маънои парчам буда, дар фарҳанги эронӣ рамзи давлатдорӣ ва ягонагии миллӣ ба шумор меравад. Хусусан «Дирафши Ковиён» яке аз маъруфтарин рамзҳои миллӣ дар «Шоҳнома» мебошад.

Вожаи «фармонраво» низ аз ҷумлаи калимаҳои таърихӣ буда, шахси соҳиби қудрат ва ҳокимро ифода мекунад. Ин калима дар матн ба шоҳон ва бузургони кишвар нисбат дода шудааст.

Калимаи «саропарда» ба хаймаи бузурги шоҳӣ ё қароргоҳи подшоҳон ишора мекунад. Дар матн ҳангоми тасвири ҳаракати лашкар ва қароргоҳҳои шоҳон аз ин вожа истифода шудааст.

Аз вожаҳои дигари муҳим метавон ба «ҷавшан», «гурз», «нигин», «шипӯр», «тоҷвар», «номвар», «паҳлавон», «фарра», «кинхоҳӣ», «хусравонӣ» ва монанди инҳо ишора намуд, ки ҳар кадоми онҳо барои тасвири муҳити ҳамосавии асар хизмат мекунанд.

Дар матн ҳамчунин номҳои асотирӣ ва фарҳангӣ, аз қабили Аҳриман, Суруш, Яздон, Кова, Заҳҳок, Фаридун, Манучеҳр ва дигарон истифода шудаанд, ки на танҳо номи шахсиятҳо, балки рамзҳои некию бадӣ, адолату ситам ва муборизаи инсон барои озодӣ мебошанд.

Шарҳи ибораҳо ва таркибҳои устувор. Дар баробари калимаҳои алоҳида, дар матн шумораи зиёди ибораҳо ва таркибҳои устувор низ истифода шудаанд, ки маънои маҷозӣ дошта, барои таъсирбахш гардидани сухан мусоидат мекунанд.

Яке аз чунин ибораҳо «бехи кин баркандан» мебошад. Ин таркиб ба маънои аз байн бурдани душманӣ ва хотима бахшидан ба кинаву адоват омадааст. Дар достони Эраҷ ин ибора ба таври рамзӣ истифода шудааст:

«...то бехи кин барканад...» [3; 116].

Таркиби «дил аз меҳри гетӣ шустан» низ аз ҷумлаи ибораҳои маъмули адабиёти классикӣ мебошад. Ин ибора маънои даст кашидан аз ҳавасҳои дунё ва беэътиноӣ ба неъматҳои муваққатии зиндагиро дорад.

Дар ҷумлаи:

«Дил аз меҳри гетӣ бибоядат шуст» [3; 121].

муаллиф хонандаро ба дурӣ ҷустан аз дилбастагии аз ҳад зиёди дунявӣ даъват мекунад.

Ибораи «сар баркашидан» дар матн чандин маротиба ба маъноҳои гуногун истифода шудааст. Дар баъзе мавридҳо он маънои зуҳур кардан ё падид омаданро дорад, масалан ҳангоми тавсифи тулӯи хуршед. Дар мавридҳои дигар бошад, маънои саркашӣ ё қудрат пайдо карданро ифода мекунад.

Таркиби «камар бастан» яке аз ибораҳои маъмули ҳамосавӣ мебошад, ки маънои омода шудан ба коре муҳим, махсусан ҷанг ё интиқомро дорад. Масалан:

«...бар ин кин бибандад камар» [3; 122].

Дар ин ҷо мақсад омодагӣ ба кинхоҳии Эраҷ мебошад.

Аз ҷумлаи дигар ибораҳои серистеъмоли матн метавон ба инҳо ишора кард:

дил ба меҳри касе ниҳодан – дӯст доштан;

лаб ба сухан кушодан – оғози гуфтор;

дида аз ҷаҳон фурӯ бастан – вафот кардан;

сар аз тан ҷудо кардан – куштан;

пой ба роҳ ниҳодан – сафарро оғоз намудан;

чашм ба роҳ будан – мунтазир мондан;

бар хок афтодан – мағлуб шудан ё мурдан;

рӯзгор тира гаштан – ба мусибат гирифтор шудан;

дил пур аз кин шудан – душманӣ варзидан.

Ин гуна ибораҳо ба матн ранги бадеӣ бахшида, онро ба сабки аслии «Шоҳнома» наздик месозанд.

Ҳамин тавр, таҳлили воҳидҳои луғавӣ ва ибораҳои душворфаҳми матни «Оғози Шоҳнома» нишон медиҳад, ки Абдуалӣ Ғафурӣ дар бознавишти асар бисёр вожаҳо ва таркибҳои суннатии забони форсиро ҳифз намудааст. Маҳз ҳамин унсурҳо ба матн рӯҳи ҳамосавӣ бахшида, робитаи онро бо мероси адабии Фирдавсӣ нигоҳ медоранд. Дар айни замон шарҳу тавзеҳи чунин воҳидҳо ба хонандаи муосир имкон медиҳад, ки мазмун ва арзишҳои фарҳангии асарро амиқтар дарк намояд.

3.2. Хусусиятҳои дастурӣ ва услубии матн

Матни «Оғози Шоҳнома» дар бознавишти Абдуалӣ Ғафурӣ аз ҷиҳати дастурӣ ва услубӣ дорои вижагиҳои хос мебошад. Муаллиф ҳангоми баргардони матни ҳамосавии Фирдавсӣ кӯшидааст, ки дар баробари содагардонии забон, хусусиятҳои муҳими сабки аслиро низ нигоҳ дорад. Аз ин рӯ, дар матн ҳам унсурҳои забони адабии муосир ва ҳам нишонаҳои сабки классикӣ ба назар мерасанд. Баррасии ҷанбаҳои сарфӣ, наҳвӣ ва услубии матн имкон медиҳад, ки маҳорати забонӣ ва ҳунари нигоришии муаллиф равшан гардад.

Вижагиҳои сарфӣ. Аз нигоҳи сарфӣ матни «Оғози Шоҳнома» бо гуногунӣ ва фаровонии шаклҳои грамматикӣ фарқ мекунад. Дар он гурӯҳҳои гуногуни калимаҳо – исм, сифат, феъл, ҷонишин ва зарф ба таври васеъ истифода шудаанд.

Яке аз хусусиятҳои муҳими матн фаровонии исмҳои хос мебошад. Номҳои қаҳрамонони асотирӣ ва таърихӣ, аз қабили Фаридун, Эраҷ, Манучеҳр, Заҳҳок, Кова, Салм ва Тӯр, на танҳо вазифаи номгузорӣ доранд, балки бори маъноии муайянро низ ба дӯш мегиранд. Ҳар як шахсият дар асар намояндаи андеша ё арзиши муайяни ахлоқӣ мебошад. Масалан, Эраҷ рамзи сулҳ ва инсондӯстӣ, Фаридун рамзи адолат ва Заҳҳок рамзи ситам ва бадӣ аст.

Дар матн истифодаи сифатҳо низ мавқеи муҳим дорад. Муаллиф барои тавсифи қаҳрамонон ва воқеаҳо аз сифатҳои гуногун истифода мекунад:

шаҳриёри сарфароз;

паҳлавони диловар;

марди хирадманд;

шоҳи номдор;

сипоҳи гарон.

Ин гуна сифатҳо барои офаридани тасвири пурраи шахсиятҳо мусоидат менамоянд ва хусусияти ҳамосавии матнро тақвият медиҳанд.

Феълҳо низ дар матн нақши марказӣ доранд. Азбаски асар хусусияти ривоятӣ дорад, бештар шаклҳои замони гузашта истифода шудаанд:

гуфт;
омад;
бархост;
нишаст;
фиристод;
биёмад;
бигуфт.

Масалан:

«Эраҷ нома баргирифт ва ҳамроҳи тане чанд аз мардони хеш ба сӯйи бародарон рӯй овард» [3; 116].

Истифодаи пайдарпайи феълҳои гузашта ба ривоят ҳаракат ва пайдарҳамии мантиқӣ мебахшад.

Хусусияти дигари сарфии матн истифодаи калимаҳои мураккаб мебошад. Чунин калимаҳо бештар ба сабки адабиёти классикӣ хосанд:

ҷаҳонбахш;
киначӯ;
некпай;
ҷаҳондор;
равшанкирдор;
номвар;
тоҷвар.

Ин гуна воҳидҳои луғавӣ дар баробари кӯтоҳ будан маънои густурда доранд ва забони матнро ғанӣ мегардонанд.

Вижагиҳои наҳвӣ. Аз нигоҳи наҳвӣ матни мазкур дорои ҷумлаҳои сода ва мураккаб мебошад. Муаллиф вобаста ба мазмун ва ҳадафи баён аз ҳар ду навъи ҷумла ба таври фаровон истифода кардааст.

Ҷумлаҳои сода бештар дар қисматҳои ривоятӣ ба назар мерасанд:

«Эраҷ нома баргирифт» [3; 116].

«Тӯр дар хашм шуд» [3; 119].

Ин гуна ҷумлаҳо кӯтоҳ буда, воқеаро бо равшанӣ ва таъсирнокӣ баён мекунанд.

Дар баробари ин ҷумлаҳои мураккаб низ бисёр истифода шудаанд. Хусусан дар гуфторҳои Фаридун, Эраҷ ва дигар қаҳрамонон ҷумлаҳои мураккаби тобеъ зиёд ба назар мерасанд:

«Эй фарзандон! Бидонед, ки ман ҳаргиз хоҳони тоҷу тахти шоҳӣ набудаам, ки он низ аз баҳри шумо хостаам» [3; 116].

Ин гуна сохторҳо барои ифодаи андешаҳои мураккаб ва ҳикматомез истифода шудаанд.

Дар матни китоби мазкур ҷумлаҳои хитобӣ низ бисёр ба назар мерасанд:

«Эй шаҳриёр! Ба кори рӯзгор бингар...» [3; 114].

«Эй фарзандон!» [3; 103, 109, 116].

Муроҷиатҳои мустақим ба сухан таъсир ва эҳсосоти бештар мебахшанд.

Ҳамчунин ҷумлаҳои амрӣ низ ҷойгоҳи муҳим доранд:

«Дил аз меҳри гетӣ бибоядат шуст» [3; 121].

«Мабод аз ӯ гарданкашии дини ман» [3; 118].

Чунин ҷумлаҳо хусусияти панду ахлоқии матнро тақвият медиҳанд.

Яке аз вижагиҳои муҳими наҳвии матн истифодаи такрор мебошад. Такрори баъзе калимаҳо ва сохторҳо ба матн оҳангнокӣ ва таъсирнокӣ мебахшад. Масалан, калимаҳои

«тоҷ», «тахт», «кин», «меҳр», «рӯзгор» ва «ҷаҳон» борҳо такрор мешаванд, ки аҳамияти маъноии онҳоро нишон медиҳад.

Хусусиятҳои услубӣ. Матни «Оғози Шоҳнома» аз лиҳози услубӣ ба насри бадеӣ ва ҳамосавӣ мансуб мебошад. Абдуалӣ Ғафурӣ кӯшидааст рӯҳи асари Фирдавсиро нигоҳ дошта, онро ба насри имрӯзӣ мутобиқ созад.

Яке аз хусусиятҳои асосии услубии матн оҳангнокии забон мебошад. Гарчанде матн наср аст, бисёр ҷумлаҳо дорои мусиқияти дохилӣ ва таносуби овозӣ мебошанд:

«Ба оғоз ганҷ асту фарҷом ранҷ» [3; 114].

Ин гуна таркибҳо ба матн шевоӣ ва таъсирнокӣ мебахшанд.

Хусусияти дигари услубӣ тасвирнокии сухан аст. Муаллиф манзараҳои ҷанг, ғаму андӯҳ, шодӣ ва муҳаббатро бо забони пуртасвир баён мекунад:

«Осмону замин аз гарду ғубор тираву тор гардид» [3; 137].

Ин гуна тасвирҳо ба хонанда имкон медиҳанд, ки воқеаҳоро ба таври равшан тасаввур намояд.

Услуби матн ҳамчунин хусусияти панду ахлоқӣ дорад. Дар гуфтори Фаридун, Эраҷ ва дигар қаҳрамонон андешаҳои ахлоқӣ ва ҳикматомез бисёр ба назар мерасанд. Масалан:

«Дил аз меҳри гетӣ бибоядат шуст» [3; 121].

Ин ҷумла на танҳо як андеша, балки як андарзи ахлоқӣ мебошад.

Хусусияти дигари услубӣ мавҷудияти унсурҳои ҳамосавӣ аст. Қаҳрамонон бо сифату тавсифҳои бошукӯҳ муаррифӣ мешаванд ва воқеаҳо бо бузургӣ ва ҷалол баён мегарданд. Тасвири набардҳо, паҳлавонон, сипоҳ ва дирафшҳо фазои ҳамосавии асарро ба вуҷуд меорад.

Ҳамин тавр, таҳлили хусусиятҳои дастурӣ ва услубии матни «Оғози Шоҳнома» нишон медиҳад, ки Абдулалӣ Ғафурӣ дар бознависии асар тавонистааст унсурҳои муҳими забонӣ ва бадеии «Шоҳнома»-ро ҳифз намояд. Фаровонии исмҳои таърихӣ, сифатҳои тасвирӣ, ҷумлаҳои мураккаб ва воситаҳои услубии гуногун ба матн шукӯҳи ҳамосавӣ бахшида, онро барои хонандаи муосир ҳам ҷолиб ва ҳам фаҳмо гардондааст.

3.3. Санъатҳои бадеӣ ва арзишҳои эстетикии матн

Яке аз омилҳои муҳими таъсиргузории матни «Оғози Шоҳнома» истифодаи фаровони воситаҳои тасвири бадеӣ мебошад. Гарчанде Абдуалӣ Ғафурӣ матни ҳамосавии Фирдавсиро ба насри равон баргардон кардааст, кӯшидааст арзишҳои бадеӣ ва эстетикии асари аслиро ҳифз намояд. Аз ҳамин сабаб дар матн ташбеҳ, истиора, муболиға ва дигар санъатҳои суханварӣ ба назар мерасанд, ки ба сухан таъсир, зебоӣ ва қувваи ифоданокӣ мебахшанд.

Ташбеҳ - яке аз маъмултарин воситаҳои бадеӣ буда, барои нишон додани монандии ашё, ҳодиса ё шахсиятҳо истифода мешавад. Дар матни «Оғози Шоҳнома» ташбеҳҳо бештар барои тасвири қаҳрамонон, набардҳо ва манзараҳои табиат ба кор рафтаанд.

Масалан, дар тавсифи таваллуди духтари аз насли Эраҷ чунин омадааст:

«Мар он моҳрухро зи сар то ба пой,

Ту гуфтӣ магар Эраҷ астӣ ба ҷой» [3; 123].

Дар ин ҷо духтар ба Эраҷ ташбеҳ дода шудааст. Муаллиф тавассути ин ташбеҳ нишон медиҳад, ки ӯ аз ҳар ҷиҳат ба ниёи худ шабоҳат дорад.

Дар ҷои дигар дар бораи Манучеҳр гуфта мешавад:

«Манучеҳро чун зод сарву баланд,

Ба кирдор Таҳмураси девбанд» [3; 128].

Ин ҷо Манучеҳр ба Таҳмураси девбанд монанд карда шудааст. Ҳадафи муаллиф таъкид намудани қудрат, далерӣ ва бузургии қаҳрамон мебошад.

Ҳамчунин дар тасвири шоҳ омадааст:

«Нишаста бар ӯ шаҳриёре чу моҳ...» [3; 128].

Дар ин мисол шоҳ ба моҳи тобон ташбеҳ шудааст. Моҳ дар адабиёти форсӣ рамзи зебоӣ, равшанӣ ва камол мебошад.

Ташбеҳҳо дар матн бештар барои офаридани симои идеалии қаҳрамонон ва таъкид кардани хусусиятҳои мусбати онҳо истифода шудаанд.

Истиора - яке аз муҳимтарин воситаҳои тасвири бадеӣ буда, бар асоси шабоҳати пинҳонӣ миёни ду мафҳум шакл мегирад. Дар матни «Оғози Шоҳнома» истиораҳо ба таври фаровон истифода шудаанд ва ба сухан мазмуни амиқтар мебахшанд. Яке аз намунаҳои ҷолиб ин ибора аст:

«Дарахте, ки аз кини Эраҷ бируст...» [3; 126].

Дар ин ҷо «дарахт» маънои воқеӣ надорад. Муаллиф Манучеҳр ва идомаи насли Эраҷро ба дарахт монанд кардааст. Дарахт рамзи зиндагӣ, идомаи насл ва бақои адолат мебошад. Дар ҷои дигар мехонем:

«Ба бор омад он хусравонӣ дарахт» [3; 138].

Дар ин ҷо низ дарахт ба маънои насли подшоҳӣ ва мероси Эраҷ омадааст.

Ҳамчунин калимаи «хуршед» дар бисёр мавридҳо на танҳо ҷирми осмонӣ, балки рамзи пирӯзӣ ва саодат мебошад:

«Чун дигар бор хуршед бардамид...» [3; 133].

Дар ин маврид дамидани хуршед рамзи оғози бахти нав ва пирӯзии неруҳои некӣ бар бадӣ мебошад. Истиораҳои мазкур матнро аз доираи баёни оддии воқеаҳо берун бурда, ба он мазмуни рамзӣ ва фалсафӣ мебахшанд.

Муболиға - аз ҷумлаи воситаҳои муҳими сабки ҳамосавӣ ба ҳисоб меравад. Мақсади он бузург нишон додани қудрат, шуҷоат ва таъсири воқеаҳо мебошад. Дар «Оғози Шоҳнома» низ муболиға барои офаридани фазои ҳамосавӣ нақши муҳим дорад.

Масалан, ҳангоми тасвири ҷанг гуфта мешавад:

«Осмону замин аз гарду ғубор тира ва тор гардид» [3; 137].

Равшан аст, ки осмону замин воқеан тира намешаванд, аммо муаллиф бо муболиға бузургии набардро нишон медиҳад.

Дар ҷои дигар мехонем:

«Гарди сипоҳ ба осмон расонд» [3; 129].

Ин низ намунаи муболиға мебошад. Мақсад нишон додани бисёр будани сипоҳ ва шиддати ҳаракати он аст.

Ҳангоми тавсифи андӯҳи Фаридун низ аз муболиға истифода шудааст:

«Пас он гуна дар суги Эраҷ гирист, ки ба гирдаш гулҳо ва гиёҳҳо рӯйид» [3; 123].

Ин тасвир воқеӣ нест, балки бузургии ғаму андӯҳи падарро нишон медиҳад.

Дар ҷои дигар омадааст:

«Сесад ҳазор марди ҷангӣ саф дар саф ба кинхоҳии Эраҷ бархоста буданд» [3; 129].

Шумораи бузурги сипоҳ низ барои афзун намудани таъсири ҳамосавии матн истифода шудааст.

Таҳлили санъатҳои бадеии матни «Оғози Шоҳнома» нишон медиҳад, ки Абдуалӣ Ғафурӣ ҳангоми бознависии асар тавонистааст муҳимтарин унсурҳои зебоишиносхтии «Шоҳнома»-ро ҳифз намояд. Ташбеҳҳо барои офаридани симои равшани қаҳрамонон, истиораҳо барои амиқтар сохтани маъно ва муболиғаҳо барои эҷоди шукӯҳи ҳамосавии воқеаҳо хизмат мекунанд. Маҳз ҳамин воситаҳои бадеӣ арзиши эстетикии матнро боло бурда, хонандаро ба ҷаҳони афсонаӣ ва ҳамосавии Фирдавсӣ наздик месозанд.

АДАБИЁТ

1. Ҷамолиддин Саидзода**.** «Шоҳнома» ва ҳувияти миллӣ**.** – Душанбе, 2015. – 113 саҳ.
2. Казакова, Т. **А.** Асосҳои амалии тарҷума**.** – Санкт-Петербург, 2001.
3. Камолов, Б. Мероси фарҳангии «Шоҳнома» дар тамаддуни исломӣ**.** – Душанбе: Шарқи озод, 2016. – 145 саҳ.
4. Каримова, М. Омӯзиши «Шоҳнома» дар мактабҳои тоҷикӣ: масъалаҳо ва ҳалли он. – Душанбе: Маориф, 2020. – 105 саҳ.
5. Комиссаров, В**. Н.** Сухан дар бораи тарҷума**.** – Москва: Муносибатҳои байналмилалӣ, 1973.
6. Комиссаров, В. Н**.** Забоншиносии тарҷума. – Москва: Муносибатҳои байналмилалӣ, 1980.
7. Комиссаров, В. Н. Назарияи тарҷума (ҷанбаҳои забоншиносӣ)**.** – Москва: Мактаби олӣ, 1990.

8. Қодиров, М. Ҳикояҳои тамсилӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятшиносӣ**.** – 2009. – № 3. – Саҳ. 157–163.
9. Қурбонов, Н. Масъалаҳои тарҷумаи «Шоҳнома» ба забонҳои ҷаҳон**. –** Душанбе: Сино, 2012. – 110 саҳ.
10. Латышев, Л. К. Технологияи тарҷума. – Москва: Академия, 2005.

ШАРҲИ ФИЛОЛОГИИ МАТНИ «ОҒОЗИ ШОҲНОМА»

Мақолаи мазкур ба баррасии ҳамаҷонибаи шарҳи филологӣ, дастурӣ ва услубии матни «Оғози Шоҳнома» дар бознавишти насрии Абдуалӣ Ғафурӣ бахшида шудааст. Муаллиф бо таҳлили воҳидҳои луғавии кӯҳан ва ибораҳои маҷозии душворфаҳм нишон медиҳад, ки чӣ тавр ин унсурҳо руҳи ҳамосавии асари Фирдавсиро ҳифз намудаанд. Дар мақола вижагиҳои сарфӣ, аз ҷумла фаровонии исмҳои хосу сифатҳои тасвирӣ, ва сохторҳои наҳвии матн мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Инчунин, ҷанбаҳои эстетикӣ ва санъатҳои бадеӣ, амсоли ташбеҳ, истиора ва муболиға, ки барои офаридани симои қаҳрамонон ва шукӯҳи набардҳо хизмат мекунанд, таҳлил шудаанд. Натиҷагирӣ мешавад, ки шарҳу тавзеҳи мазкур ба хонандаи муосир барои амиқтар дарк кардани арзишҳои фарҳангии ин мероси адабӣ кумак мерасонад.

ФИЛОЛОГИЧЕСКИЙ КОММЕНТАРИЙ К ТЕКСТУ «НАЧАЛО ШАХНОМЫ»

Данная статья посвящена всестороннему обзору филологического, методологического и стилистического комментария к тексту «Начала Шахномы» в прозаической переработке Абдуали Гафури. Анализируя древние лексические единицы и сложные для понимания образные выражения, автор показывает, как эти элементы сохранили эпический дух произведения Фирдоуси. В статье изучаются литературные особенности, включая обилие имен собственных и описательных прилагательных, а также грамматические структуры текста. Также анализируются эстетические аспекты и художественные приемы, такие как сравнение, метафора и гипербола, которые служат для создания образа героев и великолепия сражений. Делается вывод, что данный комментарий и пояснение помогут современному читателю глубже понять культурные ценности этого литературного наследия.

PHILOGICAL COMMENTARY OF THE TEXT OF “THE BEGINNING OF THE SHAHNOMA”

This article is devoted to a comprehensive review of the philological, methodological and stylistic commentary on the text of “The Beginning of the Shahnoma” in the prose rewriting by Abduali Ghafuri. By analyzing ancient lexical units and difficult-to-understand figurative expressions, the author shows how these elements have preserved the epic spirit of Firdawsi’s work. The article studies the literary features, including the abundance of proper nouns and descriptive adjectives, and the grammatical structures of the text. Also, aesthetic aspects and artistic techniques, such as simile, metaphor and hyperbole, which serve to create the image of heroes and the splendor of battles, are analyzed. It is concluded that this commentary and explanation will help the modern reader to more deeply understand the cultural values of this literary heritage.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидова Мунира Муҳиддиновна-*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри факултети филологияи тоҷик. Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторе: ***Саидова Мунира Мухиддиновна*** – Таджикский национальный университет, степень магистра таджикской филологии. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the author: Saidova Munira Muhiddinovna - Tajik National University, Master's degree in Tajik Philology. Address: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.

ИҚТИСОД-ЭКОНОМИКА

ЗАМИНАИ ЯГОНАИ ҚОНУНГУЗОРӢ ҲАМЧУН АСОСИ НИЗОМИ ТАНЗИМИ МЕЪЁРӢ, МЕТОДӢ ВА ТАШКИЛИИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ

Салмонов С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ таваҷҷуҳи истифодабарандагони ахбори баҳисобгириро ба эътибор гирифта, ташкилотҳои байналмилалии асъорӣ-қарзӣ ба кишварҳои пасошуравӣ, хосса ба ҶТ ва ФР тавсия медоданд, ки ҳар чӣ тезтар ба меъёрҳо ва қоидаҳои байналмилалии баҳисобгирии муҳосибӣ гузашта, СБҲМ-ро ҳангоми тартибдиҳии ҳисоботи молиявии корхонаҳо татбиқ намоянд. Ҳамин тариқа, дар ин мамлакатҳо ислоҳоти низоми баҳисобгирии муҳосибӣ оғоз гардид.

Вобаста ба шароитҳои зикргардида, таҳқиқи мушкилоти раванди батанзимдарории меъёрии пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявӣ дар Федератсияи Русия ва дигар кишварҳои пасошуравӣ масъалаи рӯзмарра ва ҳалталаб гардид. Дар кишварҳои зикршуда низоми танзими меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар якчанд зина амалӣ гардидааст. Мақсад аз танзими меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ як аст: аз рӯйи қоида ва принсипҳои муқарраркардашуда пеш бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ, мувофиқи талаботи стандартҳои байналмиллалӣ тартиб додани ҳисоботи молиявии барои ҳамаи истифодабарандагон новобаста аз макони ҳастӣ ва хусусиятҳои миллию забониашон мебошад. Бо вуҷуди ин дар ФР танзими меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ вобаста ба хусусиятҳои иқтисодию иҷтимоии дар он кишвар амалкунанда ба роҳ монда шудааст.

Низоми танзими меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ) асосҳои ягонаи қонунгузорӣ ва методологиро барои ташкил ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ) дар Федератсияи Русия муқаррар мекунад [12].

Танзими меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ) дар Федератсияи Русия дорои ҳуҷҷатҳои чор сатҳи зерин мебошад:

1. Қонунгузорӣ. Конститутсияи Федератсияи Русия, Қонунҳои федеролӣ, фармонҳои Президенти Федератсияи Русия ва қарорҳои Ҳукумати Федератсияи Русияро дар бар мегирад;
2. Меъёрӣ. Аз низомномаҳои (стандартҳои) баҳисобгирии муҳосибӣ иборат аст (НБМ);
3. Методӣ. Ҳуҷҷатҳои меъёрӣ (ғайр аз НБМ), роҳнамоҳо (нишондодҳои методӣ);
4. Ташкилӣ. Ҳуҷҷатҳоеро дар бар мегиранд, ки заминаи асосии он сиёсати ҳисобдорӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои кории муҳосибот мебошанд.

Чи хеле ки қайд кардем, ба ҳуҷҷатҳои меъёрии сатҳи якуми танзими баҳисобгирии муҳосибӣ, яъне хуҷҷатҳои сатҳи олӣ, санадҳои қонунгузорӣ, қонунҳои федеролӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ (Фармонҳои президент, Қарорҳои Ҳукумати ФР), ки ба таври мустақим ё ғайримустақим ташкили баҳисобгирии муҳосибиро дар ташкилотҳо танзим мекунанд, дохил мешаванд. Ба инҳо дохил мешавад: Конститутсияи Федератсияи Русия [1], Кодекси граждании ФР [2,3], Кодекси меҳнати ФР [4], Кодекси буҷети ФР [5], Кодекси андоз [6-7], Қарори Ҳукумати ФР оид ба «Барномаи ислоҳоти баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи СБҲМ, қонунҳои федералии «Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкории хурд дар Федератсияи Русия», «Дар бораи ширкатҳои саҳҳомӣ», «Дар бораи ширкатҳои масъулияташон маҳдуд» ва дигарҳо. Мавқеи махсусро дар ин сатҳ Қонуни федералӣ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ» [9] ва «Низомнома дар бораи пешбурди баҳисобгирии

муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар Федератсияи Русия» ишғол менамоянд. Баъзе аз муҳимтарини инҳоро дида мебароем.

Конститутсияи Федератсияи Русия [1] қонуни асосии кишвар буда, унсурҳои муҳими ҳаёти иқтисодии ҷомеаро ҳамчунин ҳисобдориро шарҳ додааст. Аз нишондоди моддаи 71 (сархатҳои "ж", "р") дар якҷоягӣ бо моддаҳои 8 (қисми 1), 34 ва 114 (сархати "б") ба хулоса омадан мумкин аст, ки баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот ҳамчун воситаи танзими молиявӣ ва сиёсати ягонаи молиявӣ (аз ҷумла салоҳият), кафолат додани ҳуқуқи конститутсионии давлатро бар иттилоот дар соҳаи тиҷорат ва иқтисодиёт дар заминаи принсипҳои баробарии ҳуқуқии ҷонибҳо ва муносибатҳои шартномавӣ, рақобат ва хатар пазируфта шудааст; баҳисобгирии муҳосибӣ яке аз кафолатҳои конститутсионӣ барои бозори ягона, фазои иқтисодии ягона ҳамчун яке аз асосҳои низоми конститутсионии Федератсияи Русия эътироф шудааст. Дар асоси ин муқаррароти Қонуни конститутсионӣ қонунҳои федеролӣ иштирокчиёни фаъолияти тиҷоратӣ ва дигар субъектҳои иқтисодиро ӯҳдадор менамоянд, ки баҳисобгирии муҳосибии расмиро дар корхона ташкил кунанд ва ба баъзе иштирокчиёни бозор ва шахсонеро, ки фаъолияти расмии давлатӣ доранд, (аз ҷумла мақомоти андоз) дастрасии иттилооти заруриро дар бораи баҳисобгирӣ ва санҷиши эътимоднокии он таъмин кунанад[1].

Кодекси шаҳрвандии Федератсияи Русия. Дар қисми аввали он [2], масъалаҳои бисёре оид ба ҳисобгирии муҳосибӣ қонунгузорӣ шудааст. Дар байни онҳо: мавҷудияти тавозуни муҳосибии мустақил ҳамчун ҷузъи муҳими шахси ҳуқуқӣ [2, мод. 48]; тасдиқи ҳатмии ҳисоботи молиявии солона [2, с. 91, 97, 103, 110]; ҳолатҳои ҳатмии ҳисоботи аудиторӣ [2, мод. 91, 103]; консепсияи дороиҳои соф, ширкатҳои тобеъ ва зерсохторҳо (филлиалҳо) [2, мод. 105, 106]; тартиби азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии намудҳои гуногуни шахсони ҳуқуқӣ [2, мод. 57-64]. Дар қисми дуюми Кодекси мазкур асосҳои корҳои шартномавӣ, ки заминаи ташаккули ҳуҷҷатҳои баҳисобгирӣ ва ҳисобгирии ибтидоӣ мебошад, ошкор карда шудааст ва равишҳои асосӣ барои инъикоси амалиётҳои тиҷоратии мушаххас дар баҳисобгирии муҳосибӣ нишон дода шудааст.

Яке аз ҳуҷҷати асоситарини сатҳи якум Қонуни федеролӣ «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ» №402-ФЗ аз 06.12.2011 мебошад. Дар он усулҳои умумии методологии баҳисобгирии муҳосибӣ, талаботҳои асосии пешбурди он, хусусан талабот ба таҳияи ҳуҷҷатҳои аввалии ҳисобдорӣ, феҳристҳои баҳисобгирӣ, баҳодиҳии амвол ва ӯҳдадориҳо, баруйхатгирӣ, ҳисоботи молиявӣ ва масъулият барои вайрон кардани қонунгузории ҷорӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ пешниҳод гардидааст [5].

Кодекси андози ФР дорои қоидаҳои асоснок ва меъёрии андоз ва андозбандӣ мебошад, ки дар маҷмуъ масъалаҳои андозсупорӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои андозсупорандагон, сохтор ва мақоми ҳуқуқии мақомоти андоз, тартиби ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳо, тартиботи мониторинги дурустии ҳисобкунӣ, пурра ва саривақтии пардохти андозҳо, амалҳои шикоятӣ ва қарорҳои мақомоти андоз ва шахсони мансабдори онҳо, масъулият барои вайрон кардани қонунгузории андозро муайян мекунад. [6,7]

Ҳадафи Кодекси меҳнати Федератсияи Русия фароҳам овардани шароитҳои зарурии ҳуқуқӣ барои расидан ба ҳамоҳангсозии муносиби манфиатҳои тарафайни меҳнатӣ ва манфиатҳои давлат, инчунин танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ ва муносибатҳои дигар мебошад [4].

Низоми махсус дар системаи танзими меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ Низомномаҳо дар бораи ҳисобдорӣ ва ҳисоботи молиявӣ (НБМ) дар Федератсияи Русия мебошанд, ки тартиби ташкилкунӣ ва пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии шахсони ҳуқуқӣ, инчунин муносибати ташкилот бо истифодабарандагони берунаи иттилооти ҳисобдориро муайян мекунанд [6].

Мақсади асосии НБМ - таҳияи мундариҷаи ягонаи принсипҳои асосӣ ва консепсияҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ноил шудан ба мундариҷаи ягонаи мафҳумҳои баҳисобгирӣ,

равиши ягона ба гузориши шаклҳо ва тафсири ҳисоботи молиявӣ мебошад. НБМ, ҳамчун ҳуҷҷатҳои сатҳи якум низ ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи ҳатмӣ мебошанд.

Ба гурӯҳи сеюми танзими меъёрӣ-хуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ дастурҳои методологии баҳисобгирӣ, тавсияҳо ва ғ. дохил мешаванд.

Яке аз ҳуҷҷатҳои асосии ин сатҳ Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва дастурамал оид ба истифодаи он мебошад. Дастурамали мазкур барои татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгириии муҳосибии фаъолияти молиявӣ ва хоҷагии ташкилотҳо ва инъикос намудани далелҳои фаъолияти иқтисодиро дар ҳисобҳо тавсия медиҳад. Дар он тавсифи мухтасари ҳисобҳои таркибӣ ва зергурӯҳҳо барои онҳо ҷой дода шудааст: сохтор ва таъиноти ҳисобҳо ошкор карда шудааст, мазмуни иқтисодии рӯйдодҳои фаъолияти иқтисодӣ ва тартиби инъикоскунии онҳо дар ҳисобҳои мухосибӣ кушода дода шудааст [12].

Гурӯҳи чорум ҳуҷҷатҳои кории корпоративиро дар бар мегирад, ки сиёсати ҳисобдории ширкатро ташкил медиҳанд ва аз ҷанбаҳои методӣ, техникӣ ва ташкилӣ иборат аст. Ҳуҷҷатҳои асосии кории корхона инҳоянд:

1. Ҳуҷҷат дар бораи сиёсати ҳисобдории корхона;
2. Шакли бо фармони роҳбар тасдиқшудаи ҳуҷҷатҳои муҳосибии ибтидоӣ;
3. Реҷаи гардиши хуҷҷатҳо;
4. Нақшаи ҳисобҳои муҳосибии тасдиқшуда аз ҷониби роҳбар;
5. Шаклҳои ҳисоботи дохилии бо фармони роҳбари ташкилот тасдиқшуда.

Яъне, дар ин сатҳ, қоидаҳои мавҷудаи баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ) барои корхонаи алоҳида бо назардошти хусусиятҳои он, гӯё ки лоиҳакашӣ карда мешавад. Аммо инҷо бояд қайд кард, ки аксарияти корхонаҳо танҳо сиёсати ҳисобдориро бо фармоиши роҳбар тасдиқ менамоянд ва ба дигар ҷанбаҳои методологию техникӣ ва ташклии он диққат намедиҳанд, ки ин амал қоидавайронкунии ҷиддии ҳисобдорӣ мебошад.

Ин ҷо баъзе муқаррароти Қонуни ФР "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ"-ро баррасӣ менамоем. Қонуни Федералӣ №402-ФЗ "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ"» [9], ки 6 декабри соли 2011 қабул гардидааст, унсури муҳими қонунгузории баҳисобгирии муҳосибӣ дар Федератсияи Руссия мебошад. Он таҷрибаи ҳисобдорӣ дар иқтисодиёти бозориро дар робита ба анъанаҳои русиягӣ ва қонунгузории шаҳрвандӣ ва молиявӣ дар қаламрави Русия ҷамъбаст мекунад [13, с.72].

Дар муқоиса бо қонунгузории қаблӣ – "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ" №129-ФЗ аз 21 ноябри соли 1996 қабулшуда бо назардошти ҳамаи тағйироту иловаҳо ба қонуни нав, номгӯи объектҳои баҳисобгирии субъектҳои хоҷагидорӣ васеъ ва муфассал карда шудааст.

Объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи Қонуни федеролӣ №402-ФЗ, ки руйхати васеътарро ташкил медиҳанд, инҳоянд:

- руйдодҳои ҳаёти иқтисодӣ;
- дороиҳо;
- ӯҳдадориҳо;
- манбаъҳои маблағгузории фаъолияти ширкат;
- даромадҳо;
- хароҷот;
- инчунин объектҳои дигар, агар онҳо бо дигар меъёрҳои федералӣ муқаррар карда шаванд.

Чуноне ки маълум аст, ҳайати объектҳои баҳисобгирии муҳосибӣ дар ФР ба объектҳои баҳисобгирӣ дар ҶТ ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (IFRS) наздик мебошад.

Мафҳуми "рӯйдодҳои фаъолияти хоҷагӣ" дар муқоиса бо истилоҳи қаблӣ "амалиёти хоҷагӣ" васеътар аст, зеро он ҳамчунин, ба ғайр аз амалиётҳои хоҷагӣ, рӯйдод ва чорабиниҳоеро дар бар мегиранд, ки ба вазъи молиявӣ, натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ ва гардиши воситаҳои пулии ташкилот таъсир мерасонанд [14].

Қонуни нав «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ» №402-ФЗ дар бораи танзими баҳисобгирӣ маълумоти зеринро пешниҳод мекунад:

- принсипҳо;
- ҳуҷҷатҳо;
- субъектҳои танзими баҳисобгирӣ.

Аз ин ҷо ба хулосае омадан мумкин аст, ки мутобиқи муқаррароти Қонуни №402-ФЗ, танзими баҳисобгирии муҳосибӣ бояд дар асоси принсипҳои умумии зерин амалӣ карда шавад:

1) мутобиқати стандартҳои федералию соҳавӣ ба талаботи истифодабарандагони маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ), инчунин сатҳи рушди илмӣ ва амалии ҳисобдорӣ;

2) ягонагии низоми талабот барои баҳисобгирии муҳосибӣ;

3) истифодаи СБҲМ ҳамчун асоси коркард ва рушди стандартҳои федералию соҳавӣ;

4) таъмини шароит барои истифодаи якхелаи стандартҳои федералию соҳавӣ;

5) роҳ надодан ба мувофиқатии ваколатҳо оид ба тасдиққунии стандартҳои федералии давлатӣ ва назорати давлатӣ дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ

Мушоҳида мекунем, ки дар қонуни нав низомнома дар бораи зарурати имзо гузоштан аз ҷониби сармуҳосиб дар ҳуҷҷатҳои пулӣ ва ҳисоббаробаркунӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ӯҳдадориҳои молиявӣ ва қарзии ташкилот ҷой дода нашудааст.

Қонуни нав "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ" талабот ба сармуҳосибонеро, ки дар субъектҳои иқтисодии зерин фаъолият мекунанд, пешниҳод менамояд:

ҶСК (ба ғайр аз ташкилотҳои қарзӣ);

ширкатҳои суғуртавӣ;

фондҳои ғайридавлатии нафақа;

фондҳои инвеститсионии саҳҳомӣ;

дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки коғазҳои қиматнокашон дар бозорҳои фондӣ гардиш мехӯранд ва (ё) дигар ташкилкунандагони савдо дар бозори коғазҳои қимматнок (ба истиснои ташкилотҳои қарзӣ);

мақомоти роҳбарикунандаи фондҳои ғайрибуҷетӣ;

мақомоти роҳбарикунандаи фонди давлатии буҷетҳои минтақавӣ.

Талаботҳои номбаршуда низ ба шахсони босалоҳияти дигар, ки масъулияти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ба уҳдаи ӯ вогузор гардидаст ва ё шахси воқеие, ки бо шартномаи хизматрасонӣ барои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ масъул аст, раво дониста мешавад.

Ҳамчунин дар қонуни зикршуда муқаррароти консептуалӣ ва принсипҳои умумӣ оид ба ташкил ва бешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳуқуқҳо, вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони алоҳида, кормандони идоракунӣ, чораҳо барои таъмини дақиқии маълумоти ҳисобдорӣ, тартиби нашри ҳисобот ва танзими давлатии тамоми системаи ҳисобдорӣ қайд гардидааст.

АДАБИЁТ

1. Конституция Российской Федерации (принята всенародным голосованием 12.12.1993);
2. Гражданский Кодекс Российской Федерации (Часть первая) от 30.11.1994 № 51-ФЗ (ред. от 18.12.2006);
3. Гражданский Кодекс Российской Федерации (Часть вторая) от 05.08.2000 №14-ФЗ;
4. Трудовой Кодекс Российской Федерации от 30.12.2001 № 197-ФЗ;
5. Бюджетный Кодекс Российской Федерации от 31.07.1998 № 145-ФЗ;
6. Налоговый Кодекс Российской Федерации (Часть первая) от 31.07.1998 № 146-ФЗ;
7. Налоговый Кодекс Российской Федерации (Часть вторая) от 05.08.2000 № 117-ФЗ;
8. Федеральный Закон от 30.12.2008г. № 307 – ФЗ «Об аудиторской деятельности»;
9. Федеральный закон от 06.12.2011№402-ФЗ (ред. от 04.11.2014)«О бухгалтерском учете» (06 декабря 2011 г.); Постановление Правительства РФ от 12.06.2002 №409 «О мерах по обеспечению проведения обязательного аудита»;
10. Приказ Минфина РФ от 29.07.1998 №34н «Об утверждении Положения по ведению бухгалтерского учета и бухгалтерской отчетности в Российской Федерации»;

11. Арефкина Е.И. Перспективы совершенствования правового регулирования бухгалтерского учета в Российской Федерации // Lex Russica. – 2012. - № 1. - С. 81-85.
12. ВахрушинаМ.А.Международные стандарты финансовой отчетности.Учебник.–М.: Рид Групп, 2011.–656 с.
13. Василевич И.П., Уткин Ф.А. Вопросы трансформации бухгалтерской отчетности в соответствии с МСФО// Бухгалтерский учет, N 12, июнь 2003 г. – С.22-35.

ЗАМИНАИ ЯГОНАИ ҚОНУНГУЗОРӢ ҲАМЧУН АСОСИ НИЗОМИ ТАНЗИМИ МЕЪЁРӢ, МЕТОДӢ ВА ТАШКИЛИИ БАҲИСОБГИРИИ МУҲОСИБӢ ДАР ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ

Дар мақолаи илмӣ низоми танзими меъёрию хуқуқии баҳисобгирии буғалтерӣ дар Федератсияи Россия мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Асосҳои қонунгузории баҳисобгирии буғалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ хамчун санадҳои зинаи олии танзими меъёрию ҳуқуқӣ таҳлил карда шудааст. Муаллифон диққати асосиро бештар ба омӯзиши муқаррароти қонунҳои асосӣ – Конститутсия ФР, Кодекси шаҳрвандии ФР, Конуни ФР дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва дигарҳо, ки баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро танзим менамоянд, равона кардаанд.

Калидвожаҳо: Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар Федератсияи Русия; зинаҳои танзими меъёрию ҳуқуқии баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисоботи молиявӣ дар ФР; асосҳои қонунгузории танзими меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ дар ФР.

ЕДИНАЯ ЗАКОНОДАТЕЛЬНАЯ БАЗА КАК ОСНОВА НОРМАТИВНОГО, МЕТОДИЧЕСКОГО И ОРГАНИЗАЦИОНОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ БУХГАЛТЕРСКОГО УЧЕТА В РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ

В статье рассматриваются система нормативно-правового регулирования бухгалтерского учета в Российской Федерации. Анализировано законодательные основы бухгалтерского учета и финансовой отчетности в Российской Федерации, как высшая степень нормативно-правовая регулирования. Авторов особе внимания уделяли изучению положений основных законов – Конституция РФ, Гражданский кодекс РФ, Федеральный закон о бухгалтерском учете и др., касающихся регулирования бухгалтерского учета и финансовой отчетности.

Ключевые слова: Бухгалтерский учет в Российской Федерации; нормативно-правовое регулирование бухгалтерского учета и финансовой отчетности в Российской Федерации; законодательные основы регулирования бухгалтерского учета в Российской Федерации.

UNIFORM LEGAL BASE AS A BASIS FOR NORMATIVE, METHODICAL AND ORGANIZATIONAL REGULATION OF ACCOUNTING ACCOUNT IN THE RUSSIAN FEDERATION

The article discusses the system of legal regulation of accounting in the Russian Federation. Analyzed the legislative framework of accounting and financial reporting in the Russian Federation, as the highest degree of regulatory regulation. The authors paid special attention to studying the provisions of the main laws - the Constitution of the Russian Federation, the Civil Code of the Russian Federation, the Federal Law on Accounting, etc., concerning the regulation of accounting and financial reporting.

Keywords: accounting in the Russian Federation; legal regulation of accounting and financial reporting in the Russian Federation; legislative framework for the regulation of accounting in the Russian Federation.

Маълумот дар бораи муаллиф: **Салмонов Саидакабар -** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри факултети иқтисодӣ. Суроға: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторе: Салмонов Саидакабар – Таджикский национальный университет, степень магистра экономики. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the author: **Salmonov Saidakbar** - Tajik National University, master's student of the Faculty of Economics. **Address**: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue, 17.

БАҲОДИҲИИ БАХШИ ИҶТИМОӢ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ ВА СОХТОРИ ОН

Давлатов А.Н.
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ

Ба бахши иҷтимои иқтисодиёти миллӣ, тибқи таснифоти буҷети дохил мешаванд: маориф, тандурустӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, фарҳанг ва варзиш. Маориф дар ҷаҳони имрӯза ба захираи муҳимтарини рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо, баланд бардоштани некуаҳволӣ ва рушду такомули инфиродии шаҳрвандон мубаддал мегардад. Рушди соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлати мо эълон гардидааст. Маориф дар тарбияи қувваи кории соҳибихтисос ва ташаккули иқтидори ҷомеаи босубот нақши ҳалкунанда мебозад. Таҷрибаи байналмилалӣ, дар навбати аввал дар кишварҳои тараққикарда ва рӯ ба инкишоф нишон медиҳад, ки манбаи асосии рушди босуръати иҷтимоию иқтисодии онҳо таҳсилоти миллат аст.

Сармоягузорӣ ба иқтисодиёти давлатҳое, ки аҳолии он дорои сатҳи пасти таҳсилот ё таҳсилоти ба талаботи замон ҷавобгӯ набуда мебошад, танҳо ба бунёди истеҳсолоти аз ҷиҳати технологӣ камсамару қафомонда, қафомонии ҳарчи бештари кишвар аз тамоюлоти ҷаҳонии рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфта мусоидат карда метавонаду халос.

Дар шароити имрӯзаи рушди иқтисодиёти ба дониш асосёфта маориф яке аз омилҳои муваффақияти иқтисодии давлат мегардад. Рушди ҷомеа, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат, сифати зиндагии мардум, расидан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисодиёт, азхудкунии имкониятҳои нави технологӣ ва умуман рушди иҷтимоӣ мустақиман аз сатҳи маориф, ташкили раванди мураттабу хушсифати таълиму тарбияи талабагону донишҷӯён, хулоса, аз сатҳи саводнокии миллат вобаста аст.

Тибқи моддаи 41-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил карданро дорад. Таълими умумии асосӣ ҳатмист. Давлат таълими умумии асосии ҳатмии ройгонро дар муассисаҳои таълимии давлатӣ кафолат медиҳад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун дар муассисаҳои таълимии давлатӣ метавонад ба таври ройгон таълими миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ гирад. Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» давлат дар муассисаҳои таълимии давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ як маротиба гирифтани таълими ройгонро кафолат медиҳад.

Иҷрои кафолати давлатии шахс ба таҳсил бо ташкили низом ва шароити мусоид барои гирифтани маълумот таъмин карда мешавад. Низоми маориф мақомоти идоракунии маориф, муассисаҳои таълимӣ, субъектҳои раванди таълиму тарбия, муассисаю дигар ташкилотҳои соҳаи маориф, иттиҳодияҳои муассисаҳои таълимӣ, воҳидҳои сохторӣ ва дигар сохторҳое, ки дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилот маҷмӯи барномаҳои таълимӣ ва сиёсати давлатиро дар соҳаи маориф амалӣ менамоянд, дар бар мегирад.

Дар Тоҷикистон намудҳои зерини муассисаҳои таълимӣ фаъолият карда метавонанд: - томактабӣ; - таҳсилоти умумӣ (ибтидоӣ, умумии асосӣ, миёнаи умумӣ); - таҳсилоти ибтидоии касбӣ; - таҳсилоти миёнаи касбӣ; - таҳсилоти олии касбӣ; - таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ; - таҳсилоти иловагӣ; - таҳсилоти махсус; - муассисаҳои таълимии дигаре, ки раванди таълиму тар-бияро амалӣ мегардонанд. Ҳар як муассисаи таълимӣ аз тарафи муассис ё муассисон ташкил карда мешавад, ки онҳо фаъолияти ин муассисаҳои таълимиро маблағгузорӣ мекунанд.

Ҳамин тариқ, марҳилаи нави ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ҳамчун самти афзалиятноки хароҷоти давлатӣ сармоягузориро барои нигоҳдории низоми таъмини зиндагии шоиста дар назар дорад. Хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф маҳз чунин сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад, зеро рушди ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт бевосита аз сатҳи дониши аҳолӣ вобастагӣ дорад.

Барои соҳаи маориф дар соли 2026 аз ҳисоби буҷети давлатӣ қариб 14 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2025-ум 25,4 фоиз ва нисбат ба даҳ соли қабл, яъне соли 2015-ум панҷуним баробар зиёд мебошад [7].

Ҳаҷми маблағҳои буҷетӣ барои муайян кардани доираи танзими давлатии соҳаи маориф ба сифати яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ баромад мекунад. Мисол, дар соли 2024 вазни қиёсии хароҷот барои маориф дар буҷети давлатӣ 19,6 фоизро ташкил мекард. Дар солҳои 2008-2024 хароҷоти буҷети давлатӣ барои маориф аз 12,7 фоиз то 19,6 фоизро ташкил намудааст. Дар қиёс бо ММД хароҷоти буҷети давлатӣ барои соҳаи маориф, агар дар соли 2008 - 3,5 фоизро ташкил карда бошад, пас дар соли 2024 он ба 5,8 фоиз баробар гардид. Умуман, хароҷоти соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар соли 2024 нисбат ба соли 2008-ум зиёда аз 14,2 маротиба афзудааст (аз 612 632,0 ҳазор сомонии соли 2008 то 8740696,5 ҳазор сомонӣ дар соли 2024) [6, С. 411].

Чӣ хеле, ки аз нишондиҳандаҳои овардашуда бармеояд, маблағгузории буҷетии соҳа сол ба сол тамоюли болоравӣ дорад.

Тавсифи умумии низоми тандурустии Тоҷикистон. Тибқи моддаи 38-и Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд. Давлат барои солимгардонии муҳити зист, инки-шофи оммавии варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва туризм тадбирҳо меандешад.

Қонуни заминавӣ дар соҳаи тандурустӣ - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ» мебошад. Ин Қонун муносибатҳои байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор, шаҳрвандон, ташкилотҳою иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳоро қатъи назар аз шакли моликияташон дар соҳаи ҳифзи саломатии аҳолӣ мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва танзим мекунад.

Тандурустӣ - ин системаи чорабиниҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва тиббие мебошанд, ки сатҳи баланди ҳифз ва беҳбудии саломатии аҳолиро таъмин менамоянд. Ба системаи давлатии нигаҳдории тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо дохил мешаванд:

- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои дахлдори сохтори мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳо;

- муассисаҳои табобатию пешгирикунандаи беморӣ, солимии репродуктивӣ ва табобатию барқарорсозӣ, назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ оид ба масъалаҳои ташаккули тарзи ҳаёти солим, илмию тадқиқотӣ ва таълимии тиббӣ, корхонаҳо ва муассисаҳои фармасевтӣ, экспертизаи судию тиббӣ, техникаи тиббӣ ва маснуоти таъиноти тиббӣ, дигар корхона ва муассисаҳои таъминоти моддию техникӣ, корхонаҳои истеҳсолкунандаи таҷҳизотҳо барои нигаҳдории тандурустӣ, ки моликияти давлатӣ буда, ба мақомоти идораи системаи давлатии нигаҳдории тандурустӣ тобеъ мебошанд;

- муассисаҳои табобатию пешгирии бемориҳо ва дигар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии сохтори дигар вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ихтиёри худ чунин муассисаҳои нигаҳдории тандурустӣ дошта метавонанд.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ доранд. Ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои системаи давлатии нигаҳдории тандурустӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати ҶТ кӯмаки тиббию санитарии ройгон расонида мешавад. Дар дигар ҳолатҳо ба шаҳрвандон кӯмаки тиббию санитарӣ дар корхонаҳо ва муассисаҳои системаи давлатии нигаҳдории тандурустӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати ҶТ аз ҳисоби маблағи шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ расонида мешавад.

Манбаъҳои ҷудо кардани маблағ барои системаи давлатии нигаҳдории тандурустӣ инҳоанд:

- маблағи буҷети давлатӣ;

- маблағи фондҳои мақсаднок, ки барои ҳифзи саломатии шаҳрвандон пешбинӣ шудааст;

- маблағҳое, ки дар натиҷаи қонеъгардонии даъвои мақомоти тандурустӣ нисбати шахсони воқеӣ ва Манбаъҳои ҷудо кардани маблағ барои системаи давла-тии нигаҳдории тандурустӣ инҳоанд: - маблағи буҷети давлатӣ;

- маблағи фондҳои мақсаднок, ки барои ҳифзи саломатии шаҳрвандон пешбинӣ шудааст;

- маблағҳое, ки дар натиҷаи қонеъгардонии даъвои мақомоти тандурустӣ нисбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликияти воқеъ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷуброни хароҷот барои тадбирҳои табобатию солимгардонӣ дар ҳолатҳои садама ё вайронкунии равишҳои технологӣ, олудашавии муҳити атроф, вайронкунии меъёрҳо ва қоидаҳои санитарӣ, ки боиси бадшавӣ ё аз байн рафтани саломатии шаҳрвандон гардидаанд, ба даст оварда шудаанд;

- маблағҳое, ки муассисаҳои нигаҳдории тандурустӣ дар натиҷаи фаъолияти соҳибкорӣ ё фаъолияти дигари ғайрибуҷетӣ, ки мухолифи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошанд, ба даст овардаанд;

- кредитҳои бонкӣ;

- маблағҷудокунӣ аз фоидаи корхонаҳо, ташкилотҳое, ки дар ихтиёри онҳо боқӣ мемонад. Пардохтҳои эҳсонкорӣ ва хайрияҳои ташкилотҳо, корхонаҳо сарфи назар аз моликият, шаҳрвандон, аз ҷумла шаҳрвандони давлатҳои дигар;

- дигар манбаъҳое, ки истифодаи онҳо хилофи қонунҳои Тоҷикистон намебошад.

Захираҳои молиявии системаи нигаҳдории давлатии тандурустӣ ба ин мақсадҳо равона карда мешаванд:

- таъминот ва тараққии муассисаҳои нигаҳдории давлатии тандурустӣ;

- амалӣ намудани чораҳои пешгирӣ аз бемориҳо, зидди эпидемикӣ, ташхису табобат;

- барномаҳои мақсадноки тандурустӣ;

- сохтмон ва инкишофи бунёди моддию техникии тандурустии давлатӣ; - тайёр намудани кадрҳои амалӣ ва илмию педагогии сис-темаи нигаҳдории давлатии тандурустӣ ва баланд бардошта-ни ихтисоси онҳо; - илми тиббӣ;

- пешгирӣ ва аз байн бурдани эпидемияҳо, бемориҳои сирояткунанда ва дигар бемориҳои оммавӣ;

- дигар мақсадхое, ки бо хароҷоти ба тандурустӣ пешбинишуда вобастагӣ доранд.

Маблағхои ҳамаи сатҳҳои низоми буҷети давлатӣ сарчашмаи асосии маблағгузории тандурустӣ дар Тоҷикистон мебошанд.

Дар даҳ соли охир дар кишвар аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 1300 иншооти соҳаи тандурустӣ ба маблағи беш аз 5,3 миллиард сомонӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Агар маблағгузории соҳа аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар соли 2015-ум 1 миллиарду 37 миллион сомониро ташкил дода бошад, пас он дар соли 2025 ба 4 миллиарду 300 миллион сомонӣ расонида шуд.

Яъне буҷети соҳа дар ин давра беш аз 4,2 баробар зиёд гардида, дар даҳ соли охир 26 миллиарду 300 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Дар солҳои охир хароҷоти умумӣ барои соҳаи тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш ёфта бошад ҳам, лекин нисбат ба дигар давлатҳои тараққикарда ва рӯ ба инкишоф кам ба ҳисоб меравад. Соли 2003 хароҷоти бахши тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 75 миллион доллари ШМА ё 12 доллари ШМА ба ҳар як нафар баробар буд. Дар соли 2007 хароҷоти умумии тандурустӣ то 245 млн. доллари ШМА ё 34 доллари ШМА ба ҳар нафар афзоиш ёфт. Дар соли 2024 хароҷоти умумии тандурустӣ то 3729,6 млн. сомонӣ ё 358,7 сомонӣ ба ҳар нафарро ташкил мекунад. Аз соли 2010 то соли 2024 хароҷот барои соҳаи тандурустӣ нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз 1,4 фоиз то 2,4 фоиз афзуд [6, с. 211].

Агар дар соли 2010-ум иҷроиши хароҷоти буҷети давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ 354,9 млн. сомониро ташкил карда бошад, пас дар соли 2024 ҳаҷми умумии ин маблағ 3729,6 млн. сомониро ташкил намуда, беш аз 10.5 маротиба ва нисбати соли 2003 (41,6 млн. сомонӣ) 89.6 маротиба афзудааст.

Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ. Дар ҷомеа дар шароити муносибатҳои иқтисодии бозоргонӣ ҳамзамон ҷорӣ шудани дигар намудҳои ҳифзи иҷтимоӣ, ба мисли таъминоти иҷтимоӣ ва кӯмаки иҷтимоӣ мумкин мебошад. Дар ҳақиқат, ин кӯмакҳои хайриявии якваҷта ва муваққатӣ барои таъмини гурӯҳи калони одамони муҳтоҷ кифоягӣ намекунанд. Бинобар ин дар ҷомеа суғуртаи иҷтимоӣ ҳамчун асоси ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ фаъолият менамояд. Даромаду пасандозҳои гурӯҳу табақаҳои калони аҳолӣ чи дар давлатҳои хурду калон ва чи дар давлатҳои тараққикарда ва рӯ ба тараққиниҳода барои дар вақти беморӣ ва пиронсолӣ таъмин кардани худ нокифоя мебошад. Аз тарафи дигар, ягон фарди ҷомеа ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавиро пешбинӣ карда наметавонад ва барои он маблағи заруриро пасандоз ҳам намекунад. Ба ғайр аз ин, дар ҷомеа гурӯҳи муайяни одамон ҳастанд, ки дар нисбати тақдири оянда ва саломатии худ муносибати бепарвоёна зоҳир мекунанд. Бинобар ин, дар ҳар як давлат барои ҳал намудани ин масъалаҳо барои ҷамъоварии маблағҳои мақсаднок зарурат пайдо мешавад, ки онҳо асоси суғуртаи иҷтимоиро ташкил медиҳанд. Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» танзим карда мешавад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ташкилии суғуртаи давлатии иҷтимоиро муайян мекунад ва амали он нисбати суғуртаи ихтиёрии иҷтимоӣ татбиқ намешавад.Тибқи ин Қонун «Суғуртаи давлатии иҷтимоӣ низоми навъҳои аз ҷониби давлат кафолатдодашудаи таъмини ашхоси суғурташуда ҳангоми маҳрум гардидан аз музди меҳнат ё даромад дар натиҷаи беморӣ, осеби меҳнатӣ ё бемории касбӣ, маъюбӣ, ҳомиладорӣ ва таваллуд, пирӣ, бекорӣ, аз даст додани саробон, фавтидан ва дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби саҳмҳои ҳатмии суғуртаи корфармоён ва шаҳрвандон иборат мебошад». Принсипҳои асосии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ибора-танд аз: - хусусияти умумӣ ва ҳатмӣ доштани суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоии ашхоси суғурташуда; - кафолати давлатии нигоҳ доштани сатҳи бадастомадаи ҳифзи иҷтимоии ашхоси суғурташуда; - табақабандии сатҳи ҳифзи иҷтимоии ашхоси суғурташуда бо назардошти саҳми меҳнати онҳо, сабабҳои ҳодисаҳои суғурта ва дигар омилҳо; - масъулияти суғуртакунанда ва муассисаи суғурта ҷиҳати таъмини ҳуқуқҳои ашхоси суғурташуда; - масъулияти ашхоси суғурташуда, ки иштироки бевоси-таашонро барои ба расмият даровардан ва маблағгузории суғуртакунии иҷтимоии худ пешбинӣ менамоянд; - баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии субъектҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ; - иштироки намояндагони ҳамаи субъектҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ дар идораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (намояндагони давлат, суғуртакунанда, иттиҳодияҳои корфармоён ва кормандон дар симои шахси намоянда); - дастрасӣ ба таъмин ва татбиқи ҳуқуқи ашхоси суғурташуда ва ташкили назорати низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ; - махсус будани маблағҳои молиявии суғуртаи давлатии иҷтимоӣ ва анҷом додани пардохтҳо ба ашхоси суғурташуда вобаста ба иҷрои уҳдадориҳо оид ба суғуртаи иҷтимоӣ; - масъулияти давлат барои истифода, ҷойгиркунӣ ва ҳифзи воситаҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ. Тибқи қонунгузорӣ суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, бидуни истисно, тамоми ашхоси воқеиро, ки тибқи шартнома (қарордод)-и меҳнатӣ дар корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои ҳамаи намуди моликият ва фаъолияти хоҷагидорӣ кор мекунанд, шаҳрвандони алоҳида, инчунин ашхосе, ки аъзои ё иштирокчии корхонаҳо мебошанд, дар бар мегирад.

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти худро тибқи шартномаи дорои хусусияти гражданию ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, аз ҷумла дар намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дипломатӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки фаъолияти механтӣ, хоҷагидорӣ ва соҳибкориро (бе ташкили шахси ҳуқуқӣ) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебароранд, мутобиқи қонунгузорӣ бояд таҳти суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоӣ қарор гиранд. Тартиби ба суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоӣ фаро гирифтани шахсони зикргардидаро Ҳукумати ҶТ муайян менамояд.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон навъҳои зайли таъминот оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ муқаррар карда мешаванд:

- таъминоти нафақа;
- кумакпулӣ барои корношоямии муваққатӣ;
- кумакпулии ҳомиладорӣ ва таваллуд;
- кумакпулиҳои оилавӣ; - кумакпулӣ ба сабаби бекорӣ;
- кумакпулӣ барои дафн (кумакпулии маросимӣ);
- хароҷоти маблағҳо барои тандурустии кормандон ва аъзои оилаи онҳо, инчунин барои татбиқи дигар тадбирҳо, ки ба вазифа ва функсияҳои онҳо оид ба ҳифзи меҳнат ва тандурустии кормандон ва аъзои оилаи онҳо мувофиқ аст;
- иловапулиҳо ба нафақа аз ҳисоби маблағи андӯхти нафақаи ҳисобномаҳои андӯхти инфиродӣ;
- дигар навъи пардохтҳо, ки мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардидаанд, инчунин таъминотҳои таъминкунандаи иҷрои вазифаҳои муассисаи суғуртакунанда.

Тартиби муқаррар намудан, таъин, ҳисобу китоб ва пар-дохти ҳамаи намудҳои нафақа бо Қонун "Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Мувофиқи ҳамин Қонун чунин нафақаҳо таъин карда мешаванд:

а) нафақаҳои меҳнатӣ:
- аз рӯйи синну сол (пиронсолӣ);
- аз рӯйи маъюбӣ;
- барои маҳрум шудан аз саробон;
- барои хизмати дарозмуддат;

б) нафақаҳои иҷтимоӣ.

Маблағи пардохти кумакпулиҳо тибқи Қонун «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» ва қарорҳои алоҳидаи Ҳукумати ҶТ муқаррар карда мешавад. Маблағгузории пардохти нафақа, кумакпулиҳо ва дигар пардохтҳои дорои хусусиятҳои мақсаднок оид ба суғуртаи давлатии иҷтимоӣ аз ҷониби муассисаи суғурта дар симои Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа анҷом дода мешавад.

Соҳаи фарҳанг ва варзиш. Фарҳанг ҷавҳари ҳастии миллат буда, дар ташаккулу такомули ҷаҳони маънавии ҷомеа ва тақвияти андешаву рӯҳияи миллӣ нақши муассир ва ҳатто муайянкунанда мебозад. Фарҳанг, бешубҳа, ифодагари руҳи миллӣ, расму русум, анъана ва хотираи таърихии ҳар халқу миллат мебошад. Фарҳанг яке аз бахшҳои муҳими ҳаёти ҷамъиятӣ буда, дар ҳаёту фаъолияти тамоми табақаҳои иҷтимоӣ, оинҳои давлатдорӣ, фаъолияти меҳнатӣ, эҷодӣ ва монанди инҳо нақши му-ассир дорад. Нақши фарҳанг дар таҳкими эҳсоси ватандорӣ, худшино-сии миллӣ, эҳтиром ба таърихи ниёгон ва афзудани эътибори кишварамон дар арсаи ҷаҳон ниҳоят бузург аст. Таркиби хароҷоти бахши фарҳанг ва варзиш (бахши 08 тибқи гурӯҳбандии вазифавии буҷет) чунин зербахшҳоро дар бар мегирад:

- чорабинӣ оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;
- муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ ва чорабиниҳо;
- воситаҳои ахбори омма;
- фаъолияти дигар дар соҳаи фарҳанг ва варзиш.

Чорабиниҳои варзишӣ аз рӯи фаъолият, таъминкунӣ ва додани иншоотҳои варзишӣ ва иншоотҳои дигар барои машғул шудан ба варзиш ва бозиҳо, инчунин барои гузаронидани чорабиниҳои варзишию солимгардонӣ, иншоотҳо барои ҷойгир намудани тамошобинон, барои машғул шудан ба варзиш, иншоотҳои муҷаҳҳаз барои бозиҳо, варзишию солимгардонӣ, аз ҷумла, ҳавзҳои шиноварӣ, паркҳо, лагерҳои истироҳат ва

маҳалҳои истиқоматие, ки дар асоси ғайритиҷоратӣ пешниҳод мегарданд ва дар ихтиёри ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ мебошанд, дар буҷети бахш банақша гирифта мешаванд.

Ба муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ дохил мешаванд: китобхонаҳо, осорхонаҳо, галереяҳои ҳунарӣ, театрҳо, филармонияҳо, сиркҳо, марказҳои эҷодӣ, коллективҳои мусиқӣ, ансамблҳо, студияҳои кино, толорҳои намоишдиҳӣ, муҷассамаҳо, хонаҳои таърихӣ ва ҷойҳои таърихӣ, боғҳои зоологӣ ва ботаникйва дигар муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ ва дилхушӣ. Ба чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ аз ҷумла дахл доранд: бароҳмонии фаъолият ва дастгирии чорабиниҳои фарҳангӣ, аз ҷумла гузаронидани консертҳо, омода наму-дани саҳнаҳо, истеҳсоли филмҳо, намоишҳоиҳунарӣ ва ғайра. Ҳамчунин расонидани кӯмаки молӣ ё кӯмакҳои дигар ба рассомони инфиродӣ, нависандаҳо, дизайнерҳо, оҳангсозон ва дигарҳо, ба ташкилоте, ки ба фаъолияти рушди фарҳанг машғул мебошанд, хароҷот барои таъмин намудани таҷлили ҷашнҳои миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ низ дар буҷети бахш барои маблағгузорӣ банақша гирифта мешаванд. Ба воситаҳои ахбори омма бошад, телевизион ва радиошунавонӣ, матбуоти даврӣ ва нашриёт дахл доранд. Вазорати пешбари соҳаи фарҳанг Вазорати фарҳанг ва дар самти чорабиниҳои варзишӣ бошад, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати ҶТ мебошад.

Ҳамчунин дар таҳияи буҷети бахш инчунин Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҶТ, Кумита оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати ҶТ ва дигар ташкилоту муассисаҳое, ки фаъолияташон марбути ин бахш аст, иштирок менамоянд. Тақсимкунандагони асосии бахши фарҳанг ва варзиш буҷети базавии хароҷотҳои ҷории худро дар асоси санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, ки самт ва ҳаҷми хароҷоти буҷети давлатиро дар бахш муайян мекунанд, бо дарназардошти барномаҳои рушди соҳавӣ таҳия менамоянд. Ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафҳои стратегӣ ва самаранокии бештари сиёсати буҷетӣ афзалиятҳои асосии соҳа дар давраи миёнамуҳлат ба назар гирифта мешаванд, аз он ҷумла, дар доираи чунин барномаҳо:

- Барномаи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015; - Барномаи маҷмуии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015;

- Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015; - Барномаи рушди кинои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015; - Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2012-2020; - Барномаи рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2019 ва дигар барномаҳои дар сатҳи ҷумҳурӣ қабулшуда. Дар таҳияи буҷети соҳаи фарҳанг ва варзиш, аз ҷумла, музди меҳнати кормандон тибқи талаботҳои амалкунанда, аз ҷумла тибқи талаботи «Тартиби муайянсозӣ ва пардохти музди меҳнати кормандони соҳаи фарҳанг» аз рӯи басти вазифаҳо ва тарификатсия пурра ба нақша гирифта мешаванд. Тақсимоти маблағҳои буҷетӣ дар байни муассисаҳо ва моддаҳои хароҷотӣ аз рӯи талаботҳои воқеии молиявӣ аз ҷониби худи вазоратҳои соҳавӣ ва муассисаҳои зертобеи онҳо амалӣ карда мешавад. Умуман, хароҷоти воқеии соҳаи фарҳанг сол то сол афзоиш ёфта, агар дар соли 2008-ум 178,1 млн. сомониро ташкил карда бошад, пас дар соли 2024 ҳаҷми он ба 1433799,5 млн. сомонӣ расидааст. Таи солҳои охир садҳо муассисаҳои фарҳангӣ ‟ театрҳо, толорҳои консертӣ, осорхонаву китобхонаҳо, ёдгориҳои но-дири таърихӣ таъмиру азнавсозӣ гардиданд ва даҳҳо биноҳои замонавии фарҳангӣ қомат афрохтанд. Дар пойтахти кишварамон таъсис ёфтани Консерваторияи миллӣ, сохта шудани бинои нави Китобхонаи миллӣ ва Осорхонаи миллӣ ҳамчун марказҳои бузурги санъати мусиқӣ, илмиву фарҳангӣ аз ҷумлаи рӯйдодҳои муҳими даврони истиқлолият мебошанд, ки дар хизмати наслҳои имрӯзаву оянда қарор хоҳанд гирифт.

АДАБИЁТ

1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020.
2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2007 таҳти №350 «Дар бораи марҳилаҳои гузариши муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба шаклҳои нави идоракунӣ ва маблағгузорӣ».

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи "Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли навбатии молияви"барои солҳои 2024-2025.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" Душанбе, 2025.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ», 2025.
6. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2025. - С.411.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16.12.2025.-Душанбе, 2025.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.12.2017.-Душанбе, 2018
9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.- Душанбе, 2016
10. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 январи соли 2011, таҳти № 1132 «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия»
11. Финансы и кредит СССР/Под.ред. В.В. Лаврова. - М.: Финансы, 1977. –с.14.; Дробозина Л.А. Финансы, денежное обращение и кредит /Л.А.Дробозина. –М.: Инфра-М, 1997. -с.17.; Финансы сельского хозяйства /Под.ред. М.З. Пизингольца. – М.: Финансы и статистика, 1986. -с.5.; Экономическая теория. Учебник / Под общ. ред. академика В.И. Видяпина, А.И. Добрынина, Г.П. Журавлевой, Л.С. Тарасевича – М., 2008,с.552
12. Финансы, денежное обращение и кредит: учебник/Под.ред. М.В. Романовского, О.В.Врублевской. –М.: Юрайт, 2001. – 13 с.; Финансы, налоги и кредит: Учебник/Общ.ред. Емелянов А.М., Мацкуляк Н.Д., Пеньков Б.Е. – М., 2001, с.6-8.

БАҲОДИҲИИ БАХШИ ИҶТИМОӢ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ ВА СОХТОРИ ОН

Дар мақола бахши иҷтимоии иқтисодиёти миллӣ баррасӣ шудааст. Дар рафти таҳлил маълум гардидааст, ки ҳаҷми маблағҳои буҷетӣ барои муайян кардани доираи танзими давлатии соҳаи маориф ба сифати яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ баромад мекунад. Мисол, дар соли 2024 вазни қиёсии хароҷот барои маориф дар буҷети давлатӣ 19,6 фоизро ташкил мекард. Дар солҳои 2008-2024 хароҷоти буҷети давлатӣ барои маориф аз 12,7 фоиз то 19,6 фоизро ташкил намудааст. Дар қиёс бо ММД хароҷоти буҷети давлатӣ барои соҳаи маориф, агар дар соли 2008 - 3,5 фоизро ташкил карда бошад, пас дар соли 2024 он ба 5,8 фоиз баробар гардид. Умуман, хароҷоти соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар соли 2024 нисбат ба соли 2008-ум зиёда аз 14,2 маротиба афзудааст (аз 612 632,0 ҳазор сомонии соли 2008 то 8740696,5 ҳазор сомонӣ дар соли 2024).

Калидвожаҳо: суғуртаи иҷтимоӣ, хароҷоти давлатӣ, сармоягузорӣ, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, ҳифзи иҷтимоӣ.

ОЦЕНКА СОЦИАЛЬНОГО СЕКТОРА НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ И ЕГО СТРУКТУРА

В статье рассматривается социальный сектор национальной экономики. В ходе анализа установлено, что объем бюджетных средств выступает одним из ключевых показателей, определяющих степень государственного регулирования сферы образования. Например, в 2024 году удельный вес расходов на образование в государственном бюджете составил 19,6%. В период 2008–2024 годов доля бюджетных расходов на образование увеличилась с 12,7% до 19,6%. По отношению к ВВП расходы государственного бюджета на образование, если в 2008 году составляли 3,5%, то в 2024 году достигли 5,8%. В целом расходы на сферу образования за счет государственного бюджета в 2024 году по сравнению с 2008 годом увеличились более чем в 14,2 раза (с 612 632,0 тыс. сомони в 2008 году до 8 740 696,5 тыс. сомони в 2024 году).

Ключевые слова: социальное страхование, государственные расходы, инвестиции, образование, здравоохранение, культура, социальная защита.

ASSESSMENT OF THE SOCIAL SECTOR OF THE NATIONAL ECONOMY AND ITS STRUCTURE

The article examines the social sector of the national economy. The analysis shows that the volume of budgetary funds is one of the key indicators determining the level of state regulation in the education sector. Forexample, in 2024 the share of education expenditures in the state budget amounted to 19.6%. During the period 2008–2024, the share of budget expenditures on education increased from 12.7% to 19.6%. In relation to GDP, state budget expenditures on education, which were 3.5% in 2008, reached 5.8% in 2024. Overall, expenditures on the education sector from the state budget in 2024 increased by more than 14.2 times compared to 2008 (from 612,632.0 thousand somoni in 2008 to 8,740,696.5 thousand somoni in 2024).

Keywords: social insurance, public expenditures, investment, education, healthcare, culture, social protection.

Маълумот дар бораи муаллиф: **Давлатов Анварҷон Назаралиевич**. – Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, магистри курси дуюм. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Ризо, 6а. Телефон: **917024344**

Сведения об авторе: Давлатов Анваржон Назаралиевич – Институт экономики и демографии Национальной академии наук Таджикистана, магистрант второго года обучения. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, ул. Мирзо Ризо, 6а. Телефон: **917024344**

Information about the author: Davlatov Anvarjon Nazaralievich – Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences, second-year master's student of the. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mirzo Rizo Street, 6a. Phone: 917024344

МАҚСАДИ ТАФТИШ ВА САРЧАШМАҲОИ АХБОРОТИИ ТАҲЛИЛИ ВОСИТАҲОИ АСОСӢ, ТАФТИШИ АМАЛИЁТҲО ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

Идрисов У.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити ҳозираи хоҷагидори воситаҳои асоси бояд самаранок истифода шаванд ва дар ҷараёни истеҳсолот фаъолият варзанд. Аммо аз тарафи шахсони масъулиятноки моли воситаҳои асоси самаранок истифода намешаванд ва ҳолатҳои иваз намудани воситаҳои нав бо воситаҳои кӯҳна вуҷуд доранд.

Шарти муҳимми баландбардории самаранокии фаъолият ин таъмин намудани нигоҳдори ва истифодаи мақсадноки воситаҳои асоси мебошад. Бинобар ин дар барномаи тафтиши аудитории масъалаи амалиётҳо бо воситаҳои асоси дихил карда мешаванд.

Мақсади асосии тафтиши аудитории амалиётҳо бо воситаҳои асоси дар муайян намудани дурустии нишондиҳандаҳои дар ҳисобот қайдшуда ва қонуният ширкат варзида қисми моли маҳсулотро ташкил менамояд. Барои таъсир намудан ба предметҳои меҳнати ва тағйир намудани шакли онҳо корхонаҳо воситаҳои меҳнатиро истифода менамоянд. Дар зери воситаҳои меҳнати воситаҳои асосӣ: асбобҳои истеҳсоли: биноҳо ва ғайра дар назар дошта мешавад.

Дар тамоми корхонаҳо новобаста аз шакли моликияташон ва ташкили ҳуқуқиашон барои иҷро намудани вазифаҳои худ воситаҳои асосиро истифода менамоянд.

Воситаҳои асоси дар корхонаҳо бениҳоят васеъ истифода мешаванд ва бинобар ин назорати онҳо вазифаи муҳими муҳосибт ва аудиторҳо мебошаду Кори хатмкуни дар мавзуи «Аудити ҳисобгирии воситаҳои асоси» дар мисоли:корхонаи шарти навишта шудааст ва ахбороти таҷрибави ин корхона истифода шудааст.

Чи хеле: ки маълум мебошад: дар баробари босуръат тараққи намудани муносибатҳои нави иқтисоди: корхонаҳои сохтмони иҷорови бо иштироки шахсони юридикии хориҷи ва бонкҳои тиҷорати ба вуҷуд меояд:: яъне корхонаҳое ташкил шуда истодаанд: ки моликияти давлати намебошанд ва органҳои болои идоракунандаро низ доро нестанд ва ба тафтиши дурустии нишондиҳандаҳои ҳисобот аз тарафи онҳо ҷалб карда намешаванд. Дар ин ҳолат тафтиши ҳолати ҳисобгири ва истифодаи воситаҳои асоси бо аудиторҳо бо хоҳиши роҳбари корхона гузаронида мешавад.

Тафтиши аудитории ҳисобгири ва ороиши ҳуҷҷатии ҳаракати воситаҳои асоси ба худ масъалаҳои муҳимро дихил менамоянд: ки ҳалли онҳо вазифаи асосии аудитор ба шумор меравад. Гузаронидани аудити ҳисобгирии воситаҳои асоси бештар ба дурустии нишондиҳандаҳои ҳисобгирии амалиётҳои ворид ва содир шудани воситаҳои асоси мебошад.

Масъалаҳои назорати воситаҳои асоси инҳо мебошанд: ки онҳоро дар рафти гузаронидани тафтиши аудитори аудитор бояд ҳал намояд;

- тафтиши ҳолати нигоҳдори ва техники онҳо;
- тафтиши қонуни ва дуруст оро додани ҳуҷатии амалиҳҳо бо дастрас намудани гузориш ва содиршави; хурдшави ва сариму ҳлат ва пурра дохил намудани он ба хароҷотҳои истеҳсоли:
- тафтиши дурусти инъикос намудан дар счҳтҳои ҳисобгирии бухгалтери амалиёт бо воситаҳои асоси;
- тартиб додани хулоса оиди ҳолати воситаи асоси.

Дар шароитҳои ҳозираи хоҷагидори дар рафти гузаронидани тафтиши аудитори ва тартиб додани хулосаи охири аудитори дар бораи ҳолати ҳисоботи молияви: бо хоҳиши супоришдиҳандагон аудиторҳо нақши экспортро мебозанд: ки онҳо воситаҳои асосиро баҳо медиҳанд ва дар бораи вазъи онҳо фикру мулоҳизаҳои худро баҳн менамоянд.

Бештар масъалаи муҳими аудитор дар рафти тафтиш ин муайян намудани ҳолати воситаҳои асоси ва таъмин будани корхонаи тафтишшаванда бо фонҳои асоси мебошад.

Бештар масъалаи муҳими аудитор дар рафти тафтиши ин муайян намудани ҳолати воситаҳои асоси ва таъмин будани корхонаи тафтишшаванда бо фондҳои асоси мебошад.

Дар рафти тафтиш намудани амалиҳҳо бо воситаҳои асоси аудитор метавонад чунин ҳуҷҷатҳои ибтидои ва регистрҳои ҳисобгирии бухгалтериро истифода намоянд: акти қабулу супориши воситаҳои асоси: борхатҳо барои гузориши дохили: нарядҳои таъмири воситаҳо:6 варақаҳои инвентари: Дастурамали меъёрии хурдашавии воситаҳои асоси китоби асоси: журнал-ордерҳои рақами 6: 8 –и баланси бухгалтери: счетҳои синтетики рақами 01. Воситаҳои асоси: 08.

Маблағгузории асоси: «47» фуруш ва дигаргуна содиршавии воситаҳои асоси ва қайра ҳамчун аудитор метавонад корҳои идораҳои болоистодаро истифода намояд ва шартномаҳоро аз назар гузаронад.

Дар рафти фаъолияти ҷараҳни истеҳсолот: чи гунна ки мо дар боло қайд намуда будем воситаҳои асоси ширкат меварзанд ва ҳамеша дар рафти ҳаракати худ як шуъба сех ба дигар шуъба сех ин ки аз як шахси масъул ба дигар шахс мегузарад. Дар натиҷаи гукзариш ва истифода дар таҷриба ҳолатҳои маълум мебошанд: ки воситаҳои ғайб мезананд. Барои пешгири намудани чунин ҳолатҳо гузаронидани тафтиши аудитории воситаҳои асоси ва ҳолати нигоҳдории онҳо лозим мебошад.

Дар рафти тафтиш намудани ҳолати нигоҳдори ва ҳаракати воситаҳои асоси аудитор дар навбати аввал бо натиҷаҳои баруихатгири шинос шуда тарзи гузаронидани онро баҳо медиҳаду ҳамеша дар назар доштан лозим мебошад: ки аксар вақт дар бисҳр корхонаҳо баруихатгири воситаҳои асоси он қадар босифат гузаронида намешавад. Бинобар ин шарти муҳими таъмин намудани нигоҳдории воситаҳои асоси ин гузаронидани баруихатгирии босифати онҳо мебошад. Аз ин сабаб дар ҷараҳни назорат пурраги ва саривақт гузаронидани он ва дуруст инъикос намудани натиҷа дар ҳисобгирии бухгалтерии тафтиш карда мешавад. Ин ба аудит барои муайян намудани дараҷаи бовари намудан ба натиҷаи руихатгирии гузаронидаи корхона барои паст намудани тавакалии аудитори лозим мебошад. Дар ҳолати лозими аудитор метавонад худаш баруихатгирии воситаҳои асосиро ташкил намояд.

Дар рафти гузаронидани баруихатгирии воситаҳои асоси аудитор бо ҳолатҳои нигоҳдори истифода ва шахсони масъулиятноки моли: ки воситаҳо дар номи онҳо қайд шудааст: шинос мешавад. Дар руихатгири аудитор бояд диққати махсусро ба солҳои ба истифода додани воситаҳои асоси: ҳолати ҷисмонии онҳо ҷалб намояд. Зеро дар таҷрибаи назорат ва ҳисобгири ҳолатҳои иваз намудани воситаҳои нав бо куҳна вуҷуд дорад.

Баъд аз гузаронидани баруихатгирии воситаҳои асоси аудитор нишондиҳандаҳои натиҷаи руихатгириро бо нишондиҳандаи ҳисобгирии бухгалтери муқоиса намуда фарқиятҳоро муайян созад ва бо сабабҳои он шинос шавад.

Бо муайян намудани мавҷудияти воситаҳои асоси аудитор ҳолати ҳисобгирии воситаҳои асосиро тафтиш менамояд зеро тамоми ҳаракату гардиши воситаҳои асоси дар корхона бо навишти ҳуҷҷатҳои бухгалтери оро дода мешавад.

Дар ин ҷо аудитор тафтишро аз ҳолати ҳисобгирии аналитики оғоз менамоядэ. Дар рафти тафтиши ҳолати ҳисобгирии анолитики аудитор бояд муайян намояд: ки ҳамаи воситаҳои асоси ба шахсони масъулнок вобаста шудаанд ё не баруихатгирии охирин дуруст гузаронида шудааст. Натиҷаҳои он чи гуна мебошанд ва дар ҳисобгири қайд шудаанд; назорат намудани дурустии нишонҳандаҳои ҳисобгири дар бораи мавҷудият ва ҳаракати воситаҳои асоси.

Чи хеле ки қайд намуда будем ҳисобгирии аналитики воситаҳои асоси дар варақаҳои инвнетари бурда мешаванд: ки он меҳнатнокии кори ҳисобгириро паст менамояд: имконияти гуруҳкунии воситаҳои асосиро фароҳам месозад ва ҳамчун ахборотро дар бораи объекти алоҳидаи воситаҳои асосиро васл менамояд. Дар ин ҳолат аудитор бояд дуруст

бурдану ташкил намудани варақаҳои ҳисобгирии индивидуали ва гуруҳи воситаҳои асосиро тафтиш намояд. Диққати махсус ба дуруст ва саривақт пур намудани тамоми реквизитҳои варақаҳоро ҷалб карда мешавад: ки он ҳолатҳои ивазнамудани воситаҳои як номаи навро бо куҳна пешгири менамояду ҳаҷми варақаҳои инвентори бо роҳи муқоиса намудани руихати варақаҳо бо мавҷудияти ҳақиқии варақаҳо тафтиш карда мешавад.

Пурра ва саримуҳлат ба қайд гирифтани воситаҳои асоси бо роҳи муқоиса намудани санаи бақайдгири дар сч. 01. «Воситаҳои асоси» то санаи дар ҳуҷҷатҳои ибтидои инъикос шуда муайян карда мешавад, ҳамчун дар рафти гузаронидани тафтиши аудитории воситаҳои асоси мебошад. Чи хеле ки мо қайд намуда будем дар боби гузашта: воситаҳои асоси дар ҳисобгирии бухгалтерии бо арзиши ибтидои: барқарори ва бақияви ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар ҳолати тафтиш намудани арзиши ибтидои аудитор бояд муайян намояд: ки хароҷотҳои барои сохтумон дастраснамои овардан ва васл намудани воситаҳои асоси дуруст ва пурра ба ҳисоб гирифта ва ба арзиш дохил карда шуданд.

Тафтиш намудани арзиши барқарориро аз шинос шудани қарорҳо барои аз нав баҳодиҳии воситаҳои асоси ва меъёри барқарори оғоз карда мешавад.

Амалиётҳои доир ба аз қайдгири ва барқарордиҳии воситаҳои асоси ба тафтиши ҳуҷҷати ҷалб карда мешавад. Дар ҳар як ҳолати алоҳида дуруст оро додани ҳуҷҷатҳои ба воситаҳои асосии содиршудаи қонуният ва мақсаднокии содиршави ва қонун дуруст инъикос намудан дар ҳисобгири амалиётҳои бо барҳамдиҳи ва содиршавии воситаҳои асоси алоқаманд буда тафтиш намудан лозим мебошад. Дурусти ва саримуҳат оро додани ҳуҷҷатҳо бо содиршавии воситаҳои асоси бо тафтиши нишондиҳандаҳои ҳуҷҷатҳои ибтидои: ҳисобгирии аналитики ва синтетики муайян карда мешаваду Қонунияти барқи муайян карда мешаваду ҳамдиҳии онҳо аз руи акти аз қайдгири муайян карда мешавад.

Дар рафти гузаронидани тафтиши аудитории воситаҳои асоси аудитори сертаҷриба бо ҳолатҳои аз қайд гирифтани воситаҳои асосии нав бо роҳи иваз намудани онҳо бо куҳа вомехуранд. Дар ин ҳолат аудитор муҳати ба истифода додани воситаҳои асосиро ва сабаби аз истифода баровардани онро муайян месозад.

Воситаҳои асоси бо сабаби роҳҳои гугогун аз корхона ва истифода содир мешаванд. Сабабҳои асосии содиршави ин фарсудашавии пурра ҳолати фавқулода: вайроншавии қисмҳои таъмирнашаванда: додани бемузд: фуруш: ғорат ва ғайра мебошад.

Дар вақти аз истифода баровардани воситаҳои асоси бо сабаби хурдашавии пурра ва тафтиш намудани он аудитор бояд маблағи хурдашавии умумиро муайян намояд ва ҳолати воситаро дида барояд. Дар ҳолати вуҷуд доштани содиршавии воситаҳои асоси бо ҳолатҳои фавқулода аудитор бояд муайян намояд: ки чунин ҳолатро вуҷуд доштанд ва ҳуҷҷатро дар кадом муҳат оро дода шудааст. Барои муайян намудани ҳақонияти ҳолатҳои фавқуллода аудитор бояд аз идораҳои мувофиқиятҳои ҳолатҳои фавқуллода маълумот дастрас намояяд:

Бештар аудитор бояд диққати худро ба натиҷаҳои аз истифодабарии воситаҳои асоси ва хароҷотҳо ҷалб намояд.

Дар ин ҷо аудитор қонунияти хароҷотҳоро ва мавҷудияти онҳоро бояд тафтиш намояд: зеро дар зери барҳамдиҳии хароҷотҳо воқеъ намуда бо роҳи нависи маблағи он ба ҳар тараф меравад.

Аз ин сабаб тафтиши барҳамдиҳи вазифаи муҳими аудитор буда: бояд машваратҳо барои барҳамдиҳии самаранок ва ивазнамоии воситаҳои асоси тартиб диҳад.

Дар тамоми корхонаҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқи онҳо ҳисобгирии воситаҳои асаси дар бухгалтерия аз руи гуруҳкунонии намуди бо объектҳои инвентари ташкил мешаванд.

Дар зери объекти инвентари иншооти ба охир расида фаҳмида мешавад: гуруҳи иншоотҳо бо ҳамаи дастгоҳҳо барои иҷро намудани вазифаи он гузашта шуда.

Ба ҳар як объекти инвентари рақами инвентари гузошта мешавад: ки он назорати нишондоштани воситаҳои асосиро таъмин менамояд. Рақами инвентари як карата истифода мешавад ва ба объект дар вақти ворид шудан ба корхона мешавад. Рақами

инвентари дар худи объект ва ҳуҷҷатҳои ибтидои гузошта мешавад ва дар муҳлати вуҷуд доштани он дар корхона нигоҳ дошта мешавад. Баъд аз содир шудани объект рақами инвентарии он ба дигар объект гузошта намешавад.

Воридшавии воситаҳои асоси бо акти қабулу-супориши воситаҳои асоси оро дода мешавад. Акти қабулу супориши воситаҳои асоси бо ду тараф – қабулкунанда ва супорандаи объект оро дода мешавад. Дар корхонаҳои қабулкунанда комиссия қабул ташкил карда мешавад: ки ба он сармеханики корхона роҳбари шуъбае: ки дар он восита истифода мешавад ва шахсони масъулиятноки моли дохил мешаванд. Акти қабулу супориши воситаҳои асоси чунин ревизиторҳо дар бар мегирад:

1. Намгуи объект;
2. ҷои истифодаи оянда;
3. Нишонаҳои шаҳодатномаи объекти додашуда;
4. Рақами заводи: яъне рақами корхонаи истеъмолкунанда;
5. Санаи сохтмон ва ба истифода додан;
6. Рақами инвентари;
7. Арзиши ибтидои;
8. Маблақи фарсудашави;
9. Меъёри фарсудашави барои борҳоро пурра;
10. Коди хароҷотҳо барои гузаронидани маблағи фарсудашави дар вобастаги аз он ки дар куҷо объект истифода мешаваду (дар истеҳсолоти асоси: ҳрирасон ҳ умуми хоҷаги) хароҷотҳо ба он ба счҳҳои гуногун гузаронида мешавад;
11. Сарчашмаҳои дастраснамои ҳ молиякунони;
12. Таъминкунандаи объект.

Ба ғайр аз ин дар акти қабулу супориш чунин ахборот қайд мешавад:

а) тавсияи кутоҳи объект;

б) маълумот дар бораи мувофиқияти ба шароити техники;

в) оҳ дигаргункунии объект лозим мебошад ва агар лозим бошад чи гунна;

г) хулосаи комиссия.

Ба акт руйихати ҳуҷҷатҳои техникӣ ба монанди шаҳодатнома (паспорт): нақшаҳо: баҳнномаи техники: дастурамал ва ғайра илова карда мешавад.

Акти қабулу супориши воситаҳои асоси бо ҳамаи аъзоҳни комиссия имзо гузошта мешавад ва баъд аз он шуъбаи муҳосибот актро бо қайди бухгалтери оро медиҳад: ки дар натиҷаи амалиёти дода шуда пайдо шудааст нишон медиҳанд. Дар асоси акт ба объект варақаи инвентари кушода мешавад: ки он регистри ҳисобгирии аналитики воситаҳои асоси мебошад.

АДАБИЁТ

1. .Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди фаъолияти аудиторӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21 майи 1998 №602.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди корхона»
3. Қонун «Дар бораи ҳисобгирии бухгалтерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»
4. Бухгалтерский учёт, Финансовый учёт, Управленческий учёт, Финансовая отчётность: учебное пособие Н. К. Муравицкая, Г.И.Лукьяненко, Москва 2008.
5. Аудит. Учебник для вузов В.И.Подолский, М. Аудит. ЮНИТИ 2008-432с.
6. Г.В. Савицкая. Методика комплексный анализ хозяйственнее деятельности. Москва-2005
7. А. Д. Шеремет. Комплексный анализ хозяйственной деятельности предприятия. Москва-2007.
8. Г. В. Савицкая. Анализ хозяйственной деятельности предприятия.Москва-2007
9. Н. П. Любущин, В. Б Лешева.В Р.Дьякова Анализ финансов экономическойи деятельности предприятий. Москва-2004.
10. Анализ финансовой отчётности. Под ред.О. В. Ефимовой М. Мельник. Москва-2006.
11. Шариф Раҳимзод. Муомилоти пулӣ ва қарз. Душанбе, 2008.

МАҚСАДИ ТАФТИШ ВА САРЧАШМАҲОИ АХБОРОТИИ ТАҲЛИЛИ ВОСИТАҲОИ АСОСӢ, ТАФТИШИ АМАЛИЁТҲО ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

Мақолаи мазкур ба масъалаҳои муҳимми ташкил ва гузаронидани аудити воситаҳои асосӣ дар шароити муосири хоҷагидорӣ бахшида шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки ҳадафи асосии тафтиши аудиторӣ муайян намудани дурустии нишондиҳандаҳои ҳисоботӣ ва назорати истифодаи самараноки маблағҳои корхона мебошад. Дар мақола раванди ҳуҷҷатгузории амалиётҳо оид ба ҳаракати воситаҳои асосӣ, аз ҷумла тартиби қабул, супориш ва аз эътибор соқит кардани объектҳо муфассал баррасӣ шудааст. Таваҷҷуҳи махсус ба усулҳои назорати нигоҳдории воситаҳо ва гузаронидани баҳисобгирии (инвентаризатсия) босифат равона гардидааст, ки барои паст кардани таваккали аудиторӣ аҳаммияти калон дорад.

Калидвожаҳо: аудит, воситаҳои асосӣ, тафтиш, ҳисобгирии бухгалтерӣ, баруйихатгирӣ (Инвентаризатсия), ҳаракати воситаҳо. варақаҳои инвентарӣ, ҳисоботи молиявӣ

ЦЕЛЬ ПРОВЕРКИ И ИСТОЧНИКИ ИНФОРМАЦИИ ДЛЯ АНАЛИЗА СТАЦИОНАРНОГО ОБОРУДОВАНИЯ, ПРОВЕРКИ РАБОТЫ МЕХАНИЗМОВ ПЕРЕМЕЩЕНИЯ СТАЦИОНАРНОГО ОБОРУДОВАНИЯ

Данная статья посвящена важным вопросам организации и проведения аудита основных средств в современных условиях хозяйствования. Автор отмечает, что основной целью аудиторской проверки является определение достоверности отчетных показателей и контроль эффективного использования средств предприятия. В статье подробно рассматривается процесс документального оформления операций по движению основных средств, включая порядок приемки, передачи и списания объектов. Особое внимание уделено методам контроля сохранности средств и проведения качественной инвентаризации, что имеет большое значение для снижения аудиторского риска.

Ключевые слова*:* аудит, основные средства, проверка, бухгалтерский учет, инвентаризация, движение средств, инвентарные карточки, финансовая отчетность

PURPOSE OF VERIFICATION AND SOURCES OF INFORMATION FOR ANALYSIS OF STATIONARY EQUIPMENT, CHECKING THE OPERATION OF MECHANISMS FOR MOVING STATIONARY EQUIPMENT

This article is devoted to the important issues of organizing and conducting an audit of fixed assets in modern economic conditions. The author notes that the primary goal of an audit is to determine the reliability of reported indicators and to control the effective use of enterprise resources. The article examines in detail the process of documenting operations related to the movement of fixed assets, including the procedures for the acceptance, transfer, and disposal of assets. Special attention is paid to methods for monitoring the safety of assets and conducting a high-quality inventory, which is crucial for reducing audit risk..

Keywords: Audit, fixed assets, Inspection, accounting, inventory, movement of assets, inventory cards, financial statements.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Идрисов У.*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри ихтисоси 25010810 «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит». **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ. 17. Телефон: **(+992) 931707011**

Сведения об авторе: Идрисов У. - Таджикский национальный университет, магистр с**пециальности:** 25010810 «Бухгалтерский учет и аудит». **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 931707011**

Information about the author: Idrisov U. - Tajik National University, Master's degree program: 25010810 "Accounting and Auditing." **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 931707011**

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ НИЗОМИ АНДОЗ

Яқубов О.З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Андоз - ин пардохти ҳатмӣ ба буҷет ба ҳисоб рафта, ба андозаи муайян амалӣ гардида, хусусияти ҳатмии бебозгашт ва беподош дорад. Андозҳо бо воҳиди пулӣ ҳисоб карда шуда, бо пули миллӣ пардохта мешаванд.

Андоз пардохти ҳатмӣ, бебозгашт буда, аз тарафи давлат ба воситаи қонун танзим ва муқаррар карда мешавад ва аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки андозсупорандагон ба ҳисоб мераванд, бо мақсади таъминоти молиявии фаъолияти давлат пардохт карда мешавад. Маҳз дар андозҳо маҷмӯи манфиатҳои ҳаргуна иқтисодиёти миллӣ новобаста аз сатҳи тараққиёт, шаклҳои ташкилии ҷомеа ва сохтори давлатӣ мутамарказ мешаванд. Аз ин ҷо бармеояд, ки андоз категорияи маҷмуӣ, яъне иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад [1, с.15].

Андоз категорияи иқтисодиёт мебошад, чунки муносибатҳои ҳуқуқию воқеъиро байни давлат ва шахсони ҳуқуқӣ ба вуҷуд меорад, он хусусияти объективӣ дорад ва дорои таъминоти ҷамъиятии махсус, яъне мобилизатсияи захираҳои молиявии дар ихтиёри давлат буда, мебошад.

Андозҳо яке аз шаклҳои аз тарафи давлат татбиқ намудани ҳуқуқи иқтисодӣ барои гирифтани як қисми фоидаи софи бамиёномада мебошад[2, с.25].

Дар ин маврид андоз категорияи молиявӣ мебошад. Андозҳо бо хусусиятҳои умумие, ки ба ҳамаи муносибатҳои молиявӣ хосанд, тавсиф меёбанд, онҳо характери объективӣ доранд, ба шаклҳои гуногуни моликият асос меёбанд, ба воситаи шакли ҳаракати ҷамъиятӣ, яъне функсияҳо татбиқ мешаванд ва яке аз қисматҳои муносибатҳои молиявии дар ҳақиқат мавҷудбударо махсусан ифода мекунанд.

Ҳамчунин андоз категорияи ҳуқуқӣ мебошад. Андозҳо муносибати объективии ҳуқуқӣ, расмикунонии муносибатҳои давлат ва андозсупорандагонро дар шакли қонунгузории андозӣ, таркиби базавии ҳуқуқии молияи давлатӣ ифода мекунанд. Инчунин андоз меъёри ҳуқуқӣ мебошад, ки тибқи қонун пардохт карда мешавад.

Хусусиятҳои андоз:

1. Андозсупоранда дар вақти пардохти маблағ ба давлат бар ивази он ягон намуди мол ва хизматҳоро намегирад. Байни меъёри андозҳо, ки аз ҷониби андозсупорандагон пардохт карда мешавад ва ҳаҷми неъматҳои ҷамъиятӣ, ки аз тарафи андозсупорандагон истифода бурда мешаванд, алоқаи мустақим вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, андоз аз нарх (ҳамчун пардохт барои истеъмоли ихтиёрии маҳсулот ва хизматрасонӣ) иҷозатнома ё ин ки хироҷи комиссионии ихтиёрӣ ё ин ки маҷбурӣ буда, бо ягон хел намуди фоида аз хизматрасоние, ки давлат пешниҳод менамояд, алоқамандӣ дорад.

Набудани алоқаи мустақим байни ҳаҷми андозҳое, ки ба давлат пардохт карда мешаванд ва неъматҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки андозсупорандагон андозбандиро ҳамчун гаронии андоз мефаҳманд, аммо бо вуҷуди он андозсупорандагон хароҷотҳои давлатиеро, ки аз ҳисоби андозҳо маблағгузорӣ карда мешаванд, қабул мекунанд[3, с.45].

Андозсупоранда одатан манфиати ҷамъиятӣ ва шахсиро бо пардохт кардани андозҳо алоқаманд намекунад. Ин ба натиҷае мерасонад, ки қисме аз шаҳрвандон барои аз супоридани андоз саркашӣ кардан кӯшиш менамоянд ва даромадҳои худро кам нишон медиҳанд. Танҳо дар сурате ки давлат андозҳоеро, ки аз ҷониби шаҳрвандон пардохта мешаванд, тариқи самаранок ва шаффоф ихтиёрдорӣ мекунад ва қисми зиёди шаҳрвандон розианд, ки барномаҳои иқтисодиву иҷтимоии давлатро аз ҳисоби воситаҳои худ маблағгузорӣ намоянд, принсипҳои «ахлоқи олӣ» риоя карда мешаванд.

2. Андоз ин пардохти маҷбурӣ мебошад. Уҳдадориҳо пардохти пурра ва саривақтии андозҳоро ба зиммаи андозсупорандагон вогузор мекунанд, то ин ки онҳо на ихтиёрӣ, балки бо тартиби муққараргардида пардохт карда шаванд ва давлат ба шаҳрвандоне, ки аз супоридани андоз саркашӣ мекунанд, ҷазо таъин мекунад.

3. Ба воситаи супоридани андоз ба манфиати давлат қисми даромаде, ки пешакӣ муайян карда шудааст, дар асоси қонун пардохт карда мешавад.

Дар қонунгузории аксарияти мамлакатҳо, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти меъёри андозҳоро танҳо ҳокимияти олии қонунгузорӣ ва мақомотиҳои дахлдор метавонанд муайян кунанд. Ҳеҷ кас бо ихтиёри худ намуди андозҳои нав ё ин ки меъёри онҳоро муқаррар карда наметавонад. Хислати қонунӣ ва ҳуқуқии пардохтҳо ин мафҳуми асосии андоз мебошад[4, с.48].

Унсурҳои андозбандӣ - ин маълумотҳое, ки мавҷудияти онҳо дар санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳангоми муқаррар намудани андозҳо ҳатмӣ мебошад.

Ба унсурҳои асосии андоз инҳо дохил мешаванд:

- субъекти андозбандӣ;
- объекти андозбандӣ;
- манбаи андоз;
- меъёри андоз;
- давраи андоз;
- тартиби ҳисоб кардани андоз
- тартиб ва мӯҳлати пардохти андоз
- имтиёзҳои андоз.

Андозсупоранда (супорандаи андоз) - шахсе, ки ба зиммааш уҳдадории пардохти андозҳо гузошта шудааст. Аз ҷумла, шахси воқеӣ андозсупоранда ба ҳисоб меравад, агар чунин шахс резидент бошад. Инчунин шахси воқеӣ (ташкилот) андозсупоранда ба ҳисоб меравад, агар ин шахс:

а) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятеро амалӣ намояд, ки даромад медиҳад ё аз манбаъҳои воқеъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон даромад мегирад;

б) молики (истифодабарандаи) молу мулке бошад, ки бояд андозбандӣ шавад;

в) дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаракатҳо ё амалиёти андозбандишавандаро иҷро намояд.

Объекти андозбандӣ - ҳолатҳо, ҳуқуқҳо ва (ё) ҳаракатҳои аз рӯйи ҳар як намуди андоз муайяншаванда, ки аз мавҷудияти онҳо уҳдадории андоз ба миён меояд.

Манбаи андоз - баҳои арзишӣ, ҷисмонӣ ё тавсифи дигари объекти андозбандӣ (объекти бо андозбандӣ алоқаманд), ки дар асоси он маблағи андоз ҳисоб карда мешавад.

Меъёри андоз - миқдори андози ситонидашаванда, бузургии ҳисоб кардани андозҳо ба воҳиди ченаки манбаи андоз, ки нисбат ба воҳиди ченаки манбаи андоз бо фоиз ё маблағи мутлақ муқаррар карда мешавад.

Меъёри андоз - ин элементи асосии андоз мебошад, ки дар таҷриба функсияҳои андоз ва принсипҳои андозбандиро ба амал мебароранд.

Меъёри андоз (t) ин бузургии андоз барои воҳиди андозбандӣ мебошад. Меъёри андоз метавонад устувор (маӯмуи мутлақ ба вохиди андозбандӣ мукаррар мегардад) ё ҳиссавӣ бошад (бо фоиз ба объекти андозбандӣ мукаррар мегардад).

Меъёрҳои миёнаи андозӣ ва меъёри ниҳоиро ҷудо мекунанд:

- Меъёри миёнаи андозӣ - ҳиссаи андозеро, ки дар дохили даромад вуҷуд дорад, ифода мекунад;
- Меъёри ниҳоии андозӣ- болоравии андоз нисбати афзоиши даромад.

Давраи андоз – муҳлате, ки дар давоми (анҷом ёфтани) он манбаи андоз муайян ва маблағи андоз ҳисоб карда мешавад. Давраи андоз метавонад ба якчанд даврахои ҳисоботӣ тақсим карда шавад, ки аз рӯйи натиҷаи онҳо уҳдадории пешниҳод намудани ҳисобҳо ва пардохти маблағи зарурии андоз ба вуҷуд меояд[5, с.68].

Тартиби ҳисоб кардани андоз - қоидаҳои ҳисоб кардани маблағи андоз барои давраи андоз бо дарназардошти манбаъ, меъёр, инчунин имтиёзҳои андоз.

Тартиб ва муҳлатҳои пардохти андоз – қоидаҳое, ки муҳлат ва тартиби пардохти андозҳоро ба буҷет (буҷетҳоро) муайян менамоянд. Муҳлати пардохти андоз санаи тақвимие мебошад, ки то ин муҳлат ё дар лаҳзаи фарорасии он маблағи ҳисобшудаи андоз бояд ба буҷет пардохт шавад, яъне уҳдадории андоз бояд иҷро гардад.

Имтиёзҳои андоз - афзалиятҳое, ки ба андозсупорандагон дода мешаванд, аз ҷумла додани имконияти напардохтан ё дар ҳаҷми камтар ё дар муҳлати нисбатан дертар супоридани андоз [6, с.35].

Моҳияти иқтисодии андоз тавассути вазифаҳои он, ки бевосита дар раванди андозбандӣ татбиқ мегарданд, ифода мегардад.

Ҳар яке аз вазифаҳои иҷрокунандаи андоз хусусияти дохилӣ ва нишонаҳои андозро инъикос намуда, нишон медиҳанд, ки ин категорияи иқтисодӣ нақши ҷамъиятии худро ба сифати ҷузъи раванди ягонаи азнавтақсимкунӣ, воситаи азнавтақсимкунии арзишӣ чӣ тавр татбиқ мекунад.

Механизм ва моҳияти вазифаҳои андозро дида мебароем:

1. Вазифаи фискалӣ (аз калимаи лотини fiscus гирифта шуда, маънояш хазинаи давлатӣ аст) вазифаи асосии андоз ба ҳисоб меравад. Моҳияти ин вазифа дар он ифода меёбад, ки давлат сиёсати фискалиро бо роҳи муқаррар намудани пардохтҳои гуногуни андозҳо барои пӯшонидани хароҷотҳо ба амал мебарорад. Бо воситаҳои гуногун вазифаи андоз, ки мақсади асосии он тавозуни буҷети давлатиро бо роҳи кам кардани касри буҷет ба миён овардан аст, ба амал бароварда мешавад.

2. Вазифаи тақсимотӣ - моҳияти чунин вазифа дар он ифода меёбад, ки бо ёрии андоз ба воситаи буҷет ва фондҳои мақсадноки муқарраргардида давлат захираҳои молиявиро аз соҳаи истеҳсолӣ ба соҳаи иҷтимоӣ азнавтақсим мекунад ва барномаҳои мақсадноки байнисоҳавиро, ки аҳамияти умумидавлатӣ доранд, маблағгузорӣ менамояд.

3. Вазифаи ҳавасмандкунӣ, ки ба раванди истеҳсолот бевосита таъсир мерасонад. Чунин вазифа ба воситаи низоми меъёри андоз, имтиёзҳо, қарзҳо, ҷубронҳои молиявӣ ба амал бароварда мешавад.

4. Вазифаи танзимкунӣ ҳамчун дахл кардани давлат ба иқтисодиёт равона карда шудааст. Чунин вазифа бе воситаи механизми андозӣ ба амал бароварда мешавад. Масалан: барои дастгирӣ намудани рушди соҳибкории хурду миёна усули қисман, ё ин ки пурра озод кардан аз андозҳо истифода бурда мешавад. Яъне танзимкунии истеҳсолоти рушди соҳаҳои аҳамиятдоштаро, ки онҳо талаботи аҳолиро қонеъ мегардонанд ва суръати афзоиши рушди иқтисодиётро баланд менамоянд, ба роҳ мемонад.

5. Вазифаи назоратӣ - бо вазифаҳои тақсимотӣ ва фискалӣ алоқамандии зич дорад. Механизми он дар раванди тафтиши самараи хоҷагидорӣ ва назорат аз болои сиёсати иқтисодии давлат ба роҳ монда мешавад.

Вазифаи назоратӣ тафтиши умумӣ аз болои пурра ва сари вақт пардохтани андоз ба буҷети давлат буда, барои бардоштани монеаҳои пардохти андозҳо имконият медиҳад. Вазифаи назоратӣ дараҷаи лозимии ҷамъкунии устувори даромадҳои андозиро ба буҷети давлатӣ таъмин менамояд.

Принсипҳои классикии андозбандӣ ин муқарраротҳои асосие, ки ба нархгузорӣ ва баҳогузории андозҳо ҳамчун категорияи иқтисодӣ равона карда шудаанд.

Аввалин бор чунин принсипҳо соли 1776 аз қониби Адам Смит дар китоби «Тадқиқот оид ба табиат ва сабабҳои сарватманд будани ҳалқҳо» ташаккул ёфтаанд. А. Смит панҷ принсипи андозбандиро ҷудо намуд:

1) принсипи адолатмандӣ;
2) принсипи муайянкунӣ;
3) принсипи мувофиқӣ;
4) принсипи сарфакорӣ.

Ҳамчунин дар адабиёти иқтисодӣ дигар принсипҳои андозбандиро ҷудо мекунанд:

1. Принсипи иқтисодии андозбандӣ;
2. Принсипи ҳуқуқии андозбандӣ;
3. Принсипи ташкилии андозбандӣ.

Ба принсипҳои иқтисодии андозбандӣ дохил мешаванд:

принсипи истиқлолияти хоҷагидорӣ ва озодии андозсупоранда, ки ба ҳуқуқи моликияти хусусӣ асос меёбад;

принсипи мутаносибӣ дар таносуби пур намудани буҷет зоҳир меёбад. Ин принсип ҳамчун принсипи манфиатҳои мутавозини иқтисодӣ дар байни андозсупорандагон ва хазинаи давлатӣ ташаккул меёбад;

- принсипи адолати иҷтимоӣ - муқаррар намудани меъёрҳои андоз ва имтиёзҳои андозӣ, ки таъсиронокии дарназардоштаро ба корхонаҳои камдаромад ва аҳолӣ оварда мерасонад. Принсипи адолати иҷтимоӣ ба ду намуд ҷудо мешавад:

- адолати уфуқӣ - дар ҳолати мавҷуд будани шароити баробар барои гирифтани даромад ва шартҳои баробари андоз ба ҳамаи андозсупорандагон;

- адолати амудӣ - шартҳои мусоид ба субъектҳои андозсупоранда, ки дар шароити мушкили хоҷагидорӣ фаъолият мекунад ва баръакс шартҳои субъектҳое, ки имконияти осони гирифтани фоидаро доранд.

- принсипи баҳисобгирии максималии манфиатҳо ва имкониятҳои андозсупорандагон. Ин принсип яке аз муқаррароти муҳимтарини иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи ин принсип андозбандӣ бояд характери муайян ва қулай дошта бошад.

Андозсупорандагон бояд вобаста ба ҳамаи тағйироте, ки дар қонунгузории андозбандӣ қабул мешаванд, маълумот дошта бошад.

- принсипи самаранокӣ дар он зоҳир меёбад, ки маҷмӯи пардохтҳо аз ҳар як намуди андоз бояд аз хароҷоте, ки ба ҷамъкунӣ ва хизматрасонии онҳо сарф мегардад, зиёдтар бошад.

Принсипҳои ҳуқуқии андозбандӣ

- қонуният;

- риояи ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандон;

- тобеият ва таҳти назорати мақомотҳои болоӣ қарор доштан.

Принсипҳои ташкилии андозбандӣ

принсипи умумӣ - пардохт намудани андозҳо аз ҷониби ҳамаи субъектҳои иқтисодӣ;

принсипи муносиб - мувофиқи он андоз бояд дар муҳлати муайян гирифта шавад ва барои андозсупоранда қулай бошад;

принсипи муқарраркунӣ онро ифода мекунад, ки маҷмӯъ, усул ва вақти пардохт дар қонунгузории андозӣ бояд муайян карда шуда бошад ва ба андозсупоранда пешакӣ маълум бошад;

- принсипи риояи фазои ягонаи иқтисодӣ - муқаррар намудани андозҳо ва пардохтҳо, ки ба фазои ягонаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷовуз намекунанд ва ҷойивазкунии озодонаи мол (хизматҳо) ё ин ки воситаҳои молиявиро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд намекунанд.

Сиёсати буҷетӣ-андозӣ - ин маҷмуи чорабиниҳои таъсиррасонӣ ба иқтисодиёт бо ёрии тағйирёбии андозаи даромад ва хароҷоти буҷети давлатӣ мебошад.

Дар аксарияти мавридҳо ба ҷои сиёсати буҷети андозӣ ҳамрадифи онро истифода мебаранд (калимаи фискалӣ аз калимаи лотинии fiscus, гирифта шуда, маънояш хазинаи давлатӣ мебошад, молияи давлатӣ ба воситаи даромад ва хароҷот танзим карда мешавад).

Сиёсати буҷетӣ-андозӣ (фискалӣ), ин чораҳои ҳукуматӣ дар самти тағйир додани хароҷотҳои давлатӣ, андозбандӣ ва ҳолати буҷети давлатӣ аст, ки барои таъмин намудани аҳолӣ бо ҷои кор, тавозуни пардохтӣ, рушди иқтисод ва ММД карда равона шудааст.

Мақсадҳои асосии сиёсати фискалӣ инҳо ба ҳисоб мераванд:

- рушди устувори иқтисодӣ;

- бо ҷои кор таъмин намудани аҳолӣ;

- таъмини сатҳи устувори нархҳо.

Воситаҳои ба роҳ мондани сиёсати буҷетӣ-андозӣ танзимдиҳандагони андозӣ ва танзимдиҳандагони буҷетӣ ба ҳисоб мераванд.

Ба танзимдиҳандагони андозӣ дохил мешаванд:

- намудҳои андозҳо ва пардохтҳо;

- сохтори андозҳо;

- объектҳои андозбандӣ:

- субъектҳои андозбандӣ;

- сарчашмаҳои андозҳо;

- меъёри андоз;
- имтиёзҳои андозӣ ва ғайра.

Ба танзимдиҳандагони буҷетӣ дохил мешаванд:
- муносибатҳои байнибуҷетӣ;
- касри буҷет;
- барзиёдшавии буҷет;
- гуруҳбандии буҷетӣ ва ғайра.

Ба сифати воситаҳои сиёсати буҷетӣ-андозӣ, харочотҳо ва даромадҳои буҷети давлатӣ баромад мекунанд, ба монанди:

- хариди давлатӣ (барои харидани яроқу аслиҳа, барои маҳбасхонаҳо, соҳаи маориф, тандурустӣ, техника, технология, асбобу анҷом, ки ба ин кор ба воситаи тендер агентии хариди давлатӣ сару кор дорад);
- андозҳо;
- трансфертҳо.

Дар муҳлати кӯтоҳ тағйирёбии андозаи хариди давлатии молу хизматҳо ба маҷмуи талабот таъсир мерасонад, вале дигаргунии андозаи андозҳо ва трансфертҳо ҳам ба маҷмуи талабот ва ҳам ба маҷмуи таклифот таъсир мерасонад. Кам кардани андозҳо маҷмуи таклифотро зиёд мегардонад, фаъолияти соҳибкориро ҳавасманд мекунад, аммо афзоиши андозҳо бошад, баръакс, истеҳсолотро маҳдуд мекунад, кам кардани субсидияҳо таклифотро кам мекунад ва афзоиши трансфертҳо бошад, маҷмӯи таклифотро афзун менамояд.

Сиёсати фискалии давлат, ин истифодабарии имкониятҳо оид ба ситонидани андозҳо ва харочоти маблағҳои буҷети давлатӣ буда барои танзими сатҳи фаъолияти соҳибкорӣ, ҳалли масъалаҳои воқеии иҷтимоиро нигаронида шудаанд.

Сиёсати фискалӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешавад:

1. Сиёсати дискрессионӣ, ки ба дахолати мустақим ба иқтисодиёт асос ёфтаст;
2. Сиёсати ғайридискрессионӣ (автоматӣ), ки ба муътадилкунонии автоматӣ асос ёфтааст.

Сиёсати дискресионирo - сиёсати фаъоли фискалӣ меноманд, ки вай ба сифати тағйироти қонунӣ (расмӣ)-и андозаи хариди давлатӣ, андозҳо ва трансфертҳоро бо мақсади муътадилгардонии иқтисодиёт аз тарафи давлат ба роҳ мемонад. Ин намуди сиёсати фискалӣ метавонад бо ёрии воситаҳои мустақим ва ғайримустақим ба амал бароварда шавад. Ба воситаҳои мустақим тағйир додани хариди давлатии мол ва хизматрасонӣ, трансфертҳо тааллуқ доранд. Воситаҳои ғайримустақим тағйир додани андозбандиро (меъёри андоз, имтиёзҳои андозӣ, манбаи андоз) дар худ мегирад.

Ду намуди сиёсати дискрессионирo ҷудо мекунанд (вобаста аз марҳилаи даври иқтисодиёт):

- сиёсати фискалии ҳавасмандгардонӣ;
- сиёсати фискалии боздоранда.

1. Сиёсати фискалии ҳавасмандгардонӣ дар давраи пастравии иқтисодиёт истифода бурда мешавад. Мақсади асосии он кам кардани сатҳи бекорӣ ба шумор меравад.

Воситаҳои асосии баамалбарории сиёсати фискалии ҳавасмандӣ инҳо ба ҳисоб мераванд:
- зиёд кардани хариди давлатӣ;
- пастравии меъёри андозҳо;
- зиёд кардани трансфертҳо.

Ин намуди сиёсати фискалӣ ба касри буҷет оварда мерасонад.

2. Сиёсати фискалии боздоранда дар марҳилаи болоравии иқтисодиёт истифода бурда мешавад. Мақсади асосии он паст кардани афзоиши таваррум, кам кардани харочоти давлатӣ ва баланд бардоштани андоз ба шумор меравад.

Воситаҳои асосии баамалбарории сиёсати фискалии боздоранда:
- кам кардани хариди давлатӣ;
- баланд бардоштани меъёри андоз;
- кам кардани трансфертҳо.

Сиёсати фискалӣ ба зиёдшавии буҷети давлатӣ оварда мерасонад.

Мултипликатори хароҷотҳои давлатӣ μg тағйирёбии истеҳсоли маҳсулот ва даромадро дар натиҷаи тағйирёбии хароҷоти давлатӣ нишон медиҳад. Инро бо формулаи зерин ҳисоб менамоянд:

$\mu g = \Delta Y / \Delta G$,

дар ин ҷо:

ΔY - тағйирёбии маҳсулоти (даромади) миллии воқеӣ.

ΔG - тағйирёбии хароҷотҳои давлатӣ.

Мултипликатори хароҷотҳои давлатӣ баробар аст ба мултипликатори самоягузорӣ, яъне ки ҳардуи онҳо ба иқтисодиёт як хел таъсир мерасонанд.

Дар ҳақиқат, зиёдшавии хариди давлатӣ (ба монади сармоягузорӣ) ба молу хизматрасонӣ талаботи иловагӣ фароҳам меоварад, ки он ба зиёдшавии аввалини давлатӣ баробар аст.

Як қисми ин даромад барои истеъмоли ниҳоӣ муайян карда шудааст, ки он барои истеъмолкунӣ истифода бурда мешавад ва ин ба рушди ояндаи маҷмӯи талабот ва даромади миллӣ оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, тағйирёбии хароҷотҳои давлатӣ ба ҳаракати ҳамин гуна раванди мултипликатсионии даромади миллӣ, ба монанди тағйирёбии сармоягузории хусусӣ оварда мерасонад.

АДАБИЁТ

1. Мишустин М.В. Налоговое администрирование: теория и практика. – Москва: ЮНИТИ, 2021.
2. Романовский М.В. Налоги и налогообложение. – Санкт-Петербург: Питер, 2022.
3. Пансков В.Г. Налоги и налогообложение в Российской Федерации. – Москва: Юрайт, 2021.
4. Абдуллозода А. Такмили низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди рақамӣ // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2023. – №4. – С. 45–52.
5. Раҳмонзода Н. Нақши андозҳо дар рушди иқтисоди миллӣ // Ахбори Академияи илмҳои Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – №2. – С. 67–74.
6. Саидов Ҷ. Самтҳои асосии такмили сиёсати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Иқтисодиёт ва идоракунӣ. – Душанбе, 2024. – №1. – С. 31–39

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ НИЗОМИ АНДОЗ

Дар мақола асосҳои бунёдии назариявӣ ва равишҳои методологии шаклгирӣ ва фаъолияти низоми андоз мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд. Муаллиф таҳаввули дидгоҳҳои илмиро нисбат ба моҳияти андозҳо, вазифаҳо ва нақши онҳо дар танзими равандҳои иқтисодӣ таҳлил менамояд. Таваҷҷуҳи махсус ба принсипҳои бунёди сохтори самараноки андоз ва усулҳои арзёбии таъсири он ба суботи макроиқтисодӣ зоҳир шудааст. Дар натиҷаи тадқиқот воситаҳои асосии методологӣ мунтазам карда шудаанд, ки имкон медиҳанд бори андоз оптимизатсия (зинабахш) карда шуда, манфиатҳои давлат ва андозсупорандагон мутавозин гарданд.

Калидвожаҳо: андоз, буҷет, шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеъӣ, объекти андозбандӣ, субъекти андозбандӣ, меъёри андоз, имтиёзҳои андозӣ, давраи андоз, принсипҳои андозӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ И МЕТОДОЛОГИЯ НАЛОГОВОЙ СИСТЕМЫ

В статье исследуются фундаментальные теоретические основы и методологические подходы к формированию и функционированию налоговой системы. Автор анализирует эволюцию научных взглядов на сущность налогов, их функции и роль в регулировании экономических процессов. Особое внимание уделено принципам построения эффективной налоговой структуры и методам оценки ее влияния на макроэкономическую стабильность. В результате исследования систематизированы ключевые методологические инструменты, позволяющие оптимизировать налоговую нагрузку и сбалансировать интересы государства и налогоплательщиков.

Ключевые слова: налог, бюджет, юридические лица, физические лица, объект налогообложения, предмет налогообложения, налоговая ставка, налоговые льготы, налоговый период, налоговые принципы.

THEORETICAL ASPECTS AND METHODOLOGY OF THE TAX SYSTEM

The article explores the fundamental theoretical foundations and methodological approaches to the formation and functioning of the tax system. The author analyzes the evolution of scientific views on the essence of taxes, their functions, and their role in regulating economic processes. Particular attention is paid to the principles of building an effective tax structure and methods for assessing its impact on macroeconomic stability. As a result of the study, key methodological tools have been systematized, allowing for the optimization of the tax burden and balancing the interests of the state and taxpayers.

Keywords: tax, budget, legal entities, natural persons, object of taxation, subject of taxation, tax rate, tax benefits, tax period, tax principles.

Маълумот дар бораи муаллиф: Яқубов Оятулло Зокирович - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми кафедраи молия ва суғурта. **Суроға:** 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 937 18 88 99.**

Сведения об авторе: Якубов Оятулло Зокирович - Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры финансы и страхования **Адрес:** 734005, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 937 18 88 99.**

Information about the author: Yakubov Oyatullo Zokirovich - Tajik National University, second-year master's student, Department of Finance and Insurance. Address: 734005, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Telephone: **(+992) 937 18 88 99.**

МЕЖДУНАРОДНАЯ ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ИНТЕГРАЦИЯ КАК ФАКТОР УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Касирова Ш. Д.
Таджикский национальный университет

Современное развитие мировой экономики происходит на фоне глобализационных процессов, усиливающие взаимозависимость национальных экономических систем. Международная экономическая интеграция играет ключевую роль в обеспечении экономического роста, развития производственной сферы и повышения уровня конкурентоспособности государств.

Для Республики Таджикистан вопросы обеспечения устойчивого социально-экономического развития приобретают особую стратегическую значимость. Национальная экономика характеризуется ограниченной емкостью внутреннего рынка, высокой зависимостью от внешнеэкономической конъюнктуры, а также необходимостью активного привлечения инвестиций, инновационных технологий и современных управленческих практик.

В современных условиях интеграция страны в мировое хозяйственное пространство рассматривается не как альтернативное направление развития, а как объективно обусловленная необходимость, способствующая структурной трансформации экономики и укреплению её устойчивости. [9, с. 45].

В этих условиях интеграция в мировую экономику выступает не альтернативой, а объективной необходимостью экономического развития [15, с. 78].

Цель статьи - исследовать роль международной экономической интеграции как фактора устойчивого развития экономики Республики Таджикистан.

Задачи исследования:

раскрыть теоретические основы международной интеграции;

определить особенности интеграционной политики Таджикистана;

оценить влияние интеграции на экономический рост;

выявить проблемы и перспективы интеграционного развития.

Международная экономическая интеграция представляет собой процесс сближения национальных экономик посредством устранения барьеров во внешней торговле, движения капитала и рабочей силы [6, с. 23; 8, с. 14].

Классическая теория интеграции получила развитие в трудах:

Б. Балассы [6];

Я. Тинбергена [8];

Р. Вернона;

П. Кругмана [7].

Формирование открытой экономики Таджикистана, несмотря на определённые успехи интеграции и экономического роста сталкивается с рядом серьёзных проблем и ограничений. Таджикистан - горная, не имеющая выхода к морю страна, что объективно повышает издержки торговли и ограничивает транспортные возможности. Исторически слабое развитие транспортной инфраструктуры (дорог, железных дорог) и энергодефицит служили «узким местом» для интеграции. Хотя с помощью инвестиций Китая многие дороги были реконструированы, и страна подключилась к новым маршрутам (например, автотрасса Душанбе-Ош, тоннели на трассе к китайской границе, планируемый ЛЭП CASA-1000 для экспорта электроэнергии), всё же стоимость перевозок остается высокой, а пропускная способность границ ограниченной. Отсутствие прямого выхода к морю означает полную зависимость от транзитных коридоров через соседние государства (Узбекистан, Кыргызстан, Казахстан, Китай, Афганистан) для доставки грузов на мировые рынки. Любые сбои или конфликты ведут к перебоям в торговле. Инфраструктура внутри страны - дороги, логистические центры, связь - требует дальнейших инвестиций. Таким образом, физическая связанность с внешними рынками

остаётся вызовом, который не решить лишь интеграционными соглашениями без крупных капитальных вложений [16, с. 92].

Институциональные проблемы также тормозят полноценное раскрытие преимуществ открытой экономики. Кроме того, экономика страны зависит от внешних источников дохода, прежде всего от трудовых мигрантов. Такая зависимость означает, что любые внешние потрясения напрямую сказываются на макро- и социоэкономической стабильности [17, с. 56].

Пандемия 2020 г. продемонстрировала эту уязвимость: закрытие границ оставило многих граждан без заработка, потребовалась поддержка возвращающихся мигрантов. Кроме того, высокая зависимость от импорта продовольствия и топлива делает страну уязвимой к колебаниям цен на мировых рынках и логистическим сбоям. Инфляция в Таджикистане во многом импортируемая; так, рост цен на зерно и энергоносители немедленно бьёт по бюджету домохозяйств. Ещё один аспект - зависимость от внешнего долга и помощи: при ограниченных внутренних ресурсах правительство опирается на займы МВФ, Всемирного банка, ЕАБР и особенно Китая для финансирования проектов [13, с. 34].

Несмотря на позитивные стороны интеграции, чрезмерная вовлечённость во внешние процессы без внутренней устойчивости ведёт к уязвимости. Задача - превратить внешние доходы (например, переводы) в инвестиции внутри страны, иначе экономика всегда будет зависеть от конъюнктуры за рубежом [18, с. 112].

Открытая экономика требует конкурентоспособности, которая базируется на качестве человеческого капитала и инновациях. Массовая трудовая миграция, помимо поступлений в страну денежных переводов, приносит и негативный эффект - утечку трудоспособного населения, «утечку мозгов». Многие квалифицированные специалисты (врачи, инженеры, IT-кадры) эмигрируют в поисках лучшей оплаты, что обедняет кадровый потенциал страны. Система образования и профессиональной подготовки отстаёт от потребностей современного рынка; бизнес отмечает дефицит специалистов в технических отраслях. Без улучшения этих сфер Таджикистан рискует оставаться на периферии мировой экономики, выполняя роли, не требующие высокой квалификации (поставщик сырья, источник дешёвой рабочей силы). Ключевыми вызовами на пути формирования открытой экономики Таджикистана являются: географические и инфраструктурные ограничения, критическая зависимость от внешних факторов, а также недостаточное развитие человеческого капитала [4, с. 213; 12, с. 67]. Все они требуют адресного решения, чтобы интеграция в мировую экономику принесла долгосрочные положительные результаты.

Несмотря на перечисленные трудности, у Таджикистана имеется значительный потенциал роста и интеграционного развития. Правительство и международные организации намечают ряд направлений, реализация которых определит будущее открытой экономики страны [14, с. 28].

Согласно Национальной стратегии развития (НСР-2030), поставлена цель кардинально увеличить внутренние доходы населения к 2030 году - более чем в 2–3 раза по сравнению с 2015 г. [1, с. 12]. Для этого планируется перейти к новой модели роста, основанной на динамичном частном секторе, экспорте и индустриализации. Приоритетными отраслями объявлены: гидроэнергетика (реализация гигантского проекта Рогунской ГЭС, которая после завершения позволит экспортировать электроэнергию в соседние страны), горно-металлургический комплекс (глубокая переработка добываемых руд и выпуск металлопроката вместо вывоза сырья), сельское хозяйство и пищевая промышленность (повышение продуктивности, экспорт фруктов, сухофруктов, текстиля из собственного хлопка), а также развитие туризма и услуг. Введение Рогунской ГЭС и других инфраструктурных объектов снизит издержки бизнеса и привлечёт инвесторов. Достижение этих целей потребует ускорения структурных реформ: повышения эффективности и прозрачности госсектора, улучшения конкуренции и инвестиционного климата, развития торговых связей и финансового доступа.

В сфере торговли особое внимание уделяется реализации транзитного потенциала - Таджикистан стремится стать мостом между Южной Азией (Афганистаном и Пакистаном) и ЕАЭС/Китаем. Проектируемые автодороги и железнодорожные линии (например, потенциальная железнодорожная ветка Китай–Киргизия–Таджикистан–Афганистан–Иран)

могут превратить страну из тупиковой в транзитную, что принесёт выгоду от транспортных услуг и откроет новые рынки [11, с. 187].

Последние четыре года рост ВВП превышал 8 % ежегодно и ожидает сохранения высокой динамики в ближайшие годы. Если структурные реформы будут продолжаться и инвестиционный климат улучшится, Таджикистан может удерживать такие темпы роста. Главные риски - санкции ЕС России или снижение цен на экспортируемые металлы. Также имеется геополитическая неопределённость в регионе (Афганистан), которая может повлиять на торговлю и проекты. Тем не менее, при базовом сценарии перспективы оцениваются позитивно: ожидается сохранение макроэкономической стабильности, рост доходов населения и дальнейшее сокращение бедности (по прогнозам, национальный уровень бедности снизится с 26 % в 2022 до ~21 % в 2025 г.) [10, с. 18].

С точки зрения международной интеграции, у Таджикистана есть несколько потенциальных сценариев.

Продолжение многовекторной политики без формального вступления в блоки. В этом сценарии республика и дальше пользуется преимуществами сотрудничества с разными партнёрами: сохраняет доступ на рынки ЕАЭС через двусторонние соглашения, привлекает инвестиции и кредиты Китая по двусторонней линии, участвует в проектах ШОС и ОЭС, а также использует механизмы ВТО для защиты своих интересов. Такой путь минимизирует политические риски (не требует уступать суверенитет над национальной политикой), но и выгоды от интеграции остаются ограниченными (например, таджикские товары всё еще сталкиваются с таможенными барьерами на рынках ЕАЭС, а мигранты - с административными сложностями). Тем не менее, судя по практике 2015–2025 гг., именно этот осторожный подход является предпочтительным.

Углубление сотрудничества с Китаем и Югом Азии. В последние годы вырисовывается сценарий более тесной интеграции в экономическое пространство, формируемое Китаем и, возможно, участие в проектах с Южной Азией. Например, успешная реализация энергетического коридора CASA-1000 (поставки электроэнергии из Таджикистана и Кыргызстана в Пакистан и Афганистан) сделает страну важным игроком на региональном энергорынке. Строительство железной дороги в обход труднопроходимых гор к пакистанским портам (через Афганистан) открыло бы таджикским товарам прямой выход к морю. Вступление в проекты вроде Китайско-Центральноазиатского экономического партнёрства может принести инвестиции в промышленность. Здесь перспективы во многом зависят от стабилизации обстановки в Афганистане и готовности инвесторов вкладывать инвестиции и дальше в экономику Таджикистана. Кроме того, Таджикистан уже получает выгоды от BRI, но мог бы еще больше интегрироваться в азиатские цепочки поставок [11, с. 186].

Опора на многосторонние правила. 2 марта 2013 года Таджикистан официально стал членом Всемирной торговой организации. Этот шаг был значительным достижением в его внешнеэкономической политике, символизируя интеграцию страны в глобальную торговую систему. С середины 2000-х годов Китай начал играть все более значительную роль в экономике Таджикистана. Инвестиции из Китая стали ключевыми для развития инфраструктурных проектов, включая строительство дорог, мостов, гидроэлектростанций и других объектов. Таджикистан стал частью инициативы “Один пояс, один путь”», что открыло новые возможности для экономического сотрудничества.

Как член ВТО, Таджикистан может воспользоваться правом отстаивать свои интересы через эту организацию, расширять экспорт, используя режим наибольшего благоприятствования на рынках всех членов ВТО. Переговоры о вступлении в ВТО соседнего Узбекистана создадут более единообразные условия торговли в регионе. Также страна может стремиться получить льготные торговые режимы от развитых стран - к примеру, статус бенефициара генеральной системы преференций (GSP+) ЕС, что снизило бы пошлины на таджикские товары в Европе [13, с. 126]. Усиление институционального потенциала позволило бы активнее защищать интересы экспортеров и привлекать инвестиции, пользуясь механизмами Всемирного банка (например, агентство MIGA для страхования рисков).

Важным фактором останется региональная обстановка. Если отношения с Узбекистаном и Кыргызстаном будут стабильными и сотрудничество продолжит расти, Таджикистан сможет значительно расширить свою открытую экономику через региональные проекты - будь то совместные ГЭС, торговые хабы на границах или кооперация в промышленности. Регион Центральной Азии сейчас переживает период активизации экономических связей, и Таджикистан, несмотря на свои ограничения, не останется в стороне [5, с. 154].

Таджикистан, имея молодое население, богатые природные ресурсы (особенно гидроэнергетику) и стратегическое расположение, может превратить свою экономическую открытость в устойчивый рост и развитие [12, с. 89]. Реализация цели - удвоения ВВП на душу населения, снижения бедности, выход на новые рынки - потребует последовательной интеграции страны в мирохозяйственные связи, сопровождаемой глубокими внутренними преобразованиями. Опыт последнего десятилетия показывает, что движение в этом направлении возможно и приносит результаты, однако темпы и полнота этого движения зависят от политической воли и готовности к реформам.

Для Таджикистана открытость экономики это средство обеспечить достойное будущее своим гражданам в условиях глобальной взаимозависимости. Международная экономическая интеграция дала необходимые стимулы и возможности, но реализовать их страна сможет только параллельно усиливая внутренние основы экономики.

Влияние международной экономической интеграции на устойчивое развитие

Интеграционные процессы способствуют формированию благоприятного инвестиционного климата и развитию государственно-частного партнерства [2; 17, с. 78].

Устойчивое развитие включает социальный аспект. Международная интеграция влияет на:

занятость населения;

уровень доходов;

развитие человеческого капитала;

снижение бедности.

Особую роль играет трудовая миграция, которая обеспечивает значительный приток денежных переводов в экономику страны [4, с. 245; 10, с. 22].

Международная экономическая интеграция выступает системообразующим фактором устойчивого развития экономики Республики Таджикистан. Она обеспечивает модернизацию национального хозяйства, рост инвестиционной активности, развитие торговли и повышение уровня жизни населения [18, с. 134].

Дальнейшее развитие интеграционных процессов должно основываться на балансе открытости экономики и защите национальных экономических интересов [2; 3].

Проведённое исследование позволило комплексно раскрыть роль международной экономической интеграции как одного из ключевых факторов обеспечения устойчивого развития экономики Республики Таджикистан в условиях трансформации мировой экономической системы.

Анализ теоретических подходов показал, что международная экономическая интеграция представляет собой объективный этап развития мировой экономики, направленный на углубление взаимосвязанности национальных хозяйств, расширение торгово-экономических связей, повышение эффективности распределения ресурсов и ускорение инновационного развития. Для стран с переходной экономикой интеграционные процессы выступают важнейшим инструментом преодоления структурных ограничений и повышения конкурентоспособности [6, с. 45; 15, с. 102].

Установлено, что интеграционная политика Республики Таджикистан носит многовекторный характер и основывается на принципах открытости экономики, развития взаимовыгодного сотрудничества и постепенной адаптации национальной экономической системы к международным стандартам. Участие страны в глобальных и региональных экономических организациях способствует формированию институциональной среды, обеспечивающей расширение внешней торговли, приток инвестиций и развитие предпринимательской активности [5, с. 67; 17, с. 92].

В ходе исследования доказано, что международная экономическая интеграция оказывает комплексное воздействие на устойчивое развитие экономики Республики Таджикистан по следующим ключевым направлениям:

стимулирование экономического роста посредством расширения экспортных возможностей и диверсификации внешнеторговых связей;

повышение инвестиционной привлекательности страны и развитие инфраструктурных отраслей экономики;

модернизация производственного потенциала и внедрение современных технологий;

укрепление социальной устойчивости через рост занятости населения, развитие человеческого капитала и повышение уровня доходов;

усиление регионального сотрудничества стран Центральной Азии, способствующего формированию единого экономического пространства.

Вместе с тем выявлено, что интеграционные процессы сопровождаются рядом системных вызовов, включая зависимость от внешнеэкономической конъюнктуры, ограниченную диверсификацию экспорта, недостаточный уровень индустриализации и инфраструктурные ограничения [11, с. 54; 16, с. 78]. Указанные факторы требуют проведения активной государственной политики, направленной на структурную трансформацию экономики и развитие национального производственного сектора.

Полученные результаты позволяют сделать вывод о том, что международная экономическая интеграция должна рассматриваться не только как инструмент расширения внешнеэкономических связей, но и как стратегический механизм долгосрочного устойчивого развития Республики Таджикистан. Эффективность интеграции определяется способностью государства сочетать открытость экономики с обеспечением экономической безопасности, поддержкой национальных производителей и развитием инновационного потенциала [12, с. 105; 19, с. 33].

Практическая значимость исследования заключается в возможности использования полученных выводов при разработке государственной экономической политики, совершенствовании стратегии внешнеэкономической деятельности, а также формировании программ устойчивого социально-экономического развития страны [1, с. 25; 5, с. 89].

В перспективе дальнейшее развитие интеграционных процессов Республики Таджикистан должно быть ориентировано на:

углубление региональной экономической интеграции в Центральной Азии;

развитие транспортно-логистических коридоров и транзитного потенциала;

расширение участия в глобальных цепочках добавленной стоимости;

цифровую трансформацию экономики;

развитие «зелёной» энергетики и рациональное использование гидроэнергетических ресурсов;

повышение инновационной активности и технологической модернизации национальной экономики.

Таким образом, международная экономическая интеграция выступает системообразующим фактором устойчивого развития экономики Республики Таджикистан, обеспечивая условия для долгосрочного экономического роста, социальной стабильности и повышения конкурентоспособности страны в мировой экономике.

ЛИТЕРАТУРА

1. Asian Development Bank. Tajikistan Country Partnership Strategy. - Manila, 2022.
2. Balassa B. Theory of Economic Integration. - London, 1961.
3. IMF. Regional Economic Outlook. - Washington, 2023.
4. Krugman P. International Economics. - New York, 2018.
5. Rahmon E. Speeches on Economic Development of Tajikistan. - Dushanbe.
6. Sachs J. Globalization and Economic Development. - Oxford, 2015.
7. Tinbergen J. International Economic Integration. - Amsterdam, 1954.
8. UNDP. Sustainable Development Report. - New York, 2023.
9. World Bank. Tajikistan Economic Update. - Washington, 2023.
10. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. Статистический ежегодник. - Душанбе, 2023.

11. Ашуров Ш. Экономическая интеграция стран Центральной Азии. - Душанбе, 2019.
12. Доклад ООН по устойчивому развитию. - 2022.
13. Закон Республики Таджикистан «О внешнеэкономической деятельности».
14. Камолов Н. Международные экономические отношения. - Душанбе, 2020.
15. Министерство экономического развития и торговли Республики Таджикистан. Отчет о социально-экономическом развитии. - Душанбе, 2023.
16. Налоговый кодекс Республики Таджикистан. - Душанбе, 2022.
17. Саидмуродов Х. Внешнеэкономическая политика Таджикистана. - Душанбе, 2018.
18. Стратегия национального развития Республики Таджикистан до 2030 года. - Душанбе, 2016.
19. Юсупов Р. Устойчивое развитие экономики. - Душанбе, 2021.

ИНТЕГРАЦИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИҚТИСОДӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар ин мақола таъсири ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ ба рушди устувори иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ баррасӣ мешавад. Дар он асосҳои назариявии равандҳои ҳамгироӣ, иштироки кишвар дар созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ ва таъсири муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ба суботи макроиқтисодӣ, фаъолияти сармоягузорӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ мешаванд. Дар он гуфта мешавад, ки равандҳои ҳамгироӣ воситаи калидии баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва таъмини рушди устувори дарозмуддат мебошанд.

Калидвожаҳо: ҳамгироии иқтисодии байналмилалӣ, рушди устувор, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷаҳонишавӣ, сармоягузорӣ, тиҷорати хориҷӣ, ҳамкории минтақавӣ.

МЕЖДУНАРОДНАЯ ЭКОНОМИЧЕСКАЯ ИНТЕГРАЦИЯ КАК ФАКТОР УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье исследуется влияние международной экономической интеграции на устойчивое развитие экономики Республики Таджикистан в условиях глобализации мировой экономики. Рассматриваются теоретические основы интеграционных процессов, особенности участия страны в международных экономических организациях, влияние внешнеэкономических связей на макроэкономическую стабильность, инвестиционную активность и социально-экономическое развитие. Обосновано, что интеграционные процессы являются ключевым инструментом повышения конкурентоспособности национальной экономики и обеспечения долгосрочного устойчивого роста.

Ключевые слова: международная экономическая интеграция, устойчивое развитие, Республика Таджикистан, глобализация, инвестиции, внешняя торговля, региональное сотрудничество.

INTERNATIONAL ECONOMIC INTEGRATION AS A FACTOR OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines the impact of international economic integration on the sustainable development of the Republic of Tajikistan's economy in the context of globalization. It examines the theoretical foundations of integration processes, the specifics of the country's participation in international economic organizations, and the impact of foreign economic relations on macroeconomic stability, investment activity, and socioeconomic development. It argues that integration processes are a key tool for enhancing the competitiveness of the national economy and ensuring long-term sustainable growth.

Keywords: international economic integration, sustainable development, Republic of Tajikistan, globalization, investment, foreign trade, regional cooperation.

Маълумот дар бораи муаллиф: Касирова Шахноза Ҷунайдуллоевна - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри ихтисоси 25010810 «Баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудит». **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ. 17. Телефон:

Сведения об авторе : Касирова Шахноза Джунайдуллоевна - Таджикский национальный университет, магистр **специальности:** 25010810 «Бухгалтерский учет и аудит». **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон:

Information about the author: Kasirova Shakhnoza Dzhunaydulloevna - Tajik National University, Master's degree program: 25010810 "Accounting and Auditing." **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone:

ҲУҚУҚ – ПРАВО

НАҚШИ ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА ДАР ТАЪМИНИ ХУҚУҚИ ИНСОН

Абдурахмонзода А.Р
Донишгохи миллии Точикистон

Асри XX1 асри илму техника ва навгониҳо дар соҳаи иттилоот ба ҳисоб рафта, дастрасии пурра ва бехатар аз воситаи ахбори омма ва воситаи ахбори иҷтимоӣ тақозо менамояд. Илова бар ин, пандемияи COVID-19 нишон дод, ки иттилооти боэътимодро барои наҷоти ҳаёт дастрас намуд. Биёед ҳама якҷоя кор кунем, то расонаҳо фазои кофӣ барои дастрасӣ ва мубодилаи мундариҷаи тасдиқшуда дошта бошанд, то ҳама тавонанд аз ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот истифода баранд[1]. “Иттилоот–ин нафаси ҷаҳони имрӯза аст”. Агар мардум надонанд, ки чӣ рух додааст, дар ҷомеа кирдори онҳое, ки ба онҳо роҳбарӣ мекунанд, пинҳон бошад, онҳоро як ҳодисаи ғамангезе интизор аст. Иттилоот на танҳо барои шаҳрвандон муҳим аст, хусусияти давлати демократӣ буда, ба ҳамаи аъзои ҷомеа паҳн мегардад[2]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахборро кафолат дода, сензураи давлатӣ ва таъқиб барои танқидро манъ кардааст, аз ҷумлаи беҳтарин конститутсияҳои ҷаҳон эътироф шудааст. Сарфи назар аз он ки соли 1994 дар Тоҷикистон ҷанги шаҳрвандӣ ҷараён дошт, Конститутсия бо пуштибонии кулли мардуми кишвар тариқи раъйпурсии умумихалқӣ (94,4%-и шаҳрвандон, яъне 2 миллиону 685 ҳазору 724 нафар дар он ширкат варзиданд) қабул карда шуд. Қонуни асосии Тоҷикистон ҳамчун ҳуҷҷати сарнавиштсоз ва муайянкунандаи тақдири имрӯзу фардои миллати куҳанбунёд дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ гардид. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 боб ва 100 модда иборат буда, он асосҳои давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ, кафолати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, фаъолияти озоди иқтисодӣ, гуногунандешии сиёсӣ ва дигар паҳлуҳои ҳаёти ҷомеаро дар бар гирифта, танзим мекунад. Эмомалӣ Раҳмон, Президенти кишвар, зимни Паёми худ ба Маҷлиси Олии Тоҷикистон 26 апрели соли 2013 зикр карда буд, ки «мо дар як замони начандон тулонӣ тавонистем, ки аз тариқи Конститутсия ва дигар санадҳои қонунгузорӣ меъёрҳои бунёдии фаъолияти давлати демократӣ–асосҳои сохти давлатдории демократӣ, аз ҷумла моҳияти дунявӣ ва иҷтимоии он, муқаддас будани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, гуногунандешии сиёсӣ, таъсиси парламенти касбӣ, кафолати адолати судӣ ва баробар будани ҳамаро дар назди қонун, инчунин озодии виҷдонро эълон ва таъмин намоем»[3]. Тавре ки медонем, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Тибқи муқаррароти Конститутсия, давлат ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ, озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор, ҳуқуқи муттаҳид шудан дар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттифоқҳои касаба, ҳуқуқ ба таҳсил, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба ҳифзи иҷтимоӣ ва ғайраро кафолат медиҳад. Собиқ Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) Франклин Рузвелт дар суханронии маъруфи худ оид ба «чаҳор озодӣ» озодии сухан ва изҳори ҷомеаи мардумсолорӣ хондааст. Ҳуқуқдон ва коршиноси байналмилалӣ дар соҳаи озодии воситаҳои ахбори омма Ҷунайд Ибодов доир ба таърифи ҳуқуқи инсон ба дарёфти иттилоъ андеша ронда, онро ба чаҳор қисм ҷудо кардааст: «озодии иттилоот», «озодии фикру ақида», «озодии сухан» ва «озодии матбуот». Дар ҳақиқат, озодии иттилоот, озодии сухану андеша ва озодии матбуот рукнҳои асосии озодии воситаҳои ахбори умум аст. Кафолати муҳимтарини озодии иттилоъ манъи сензура асту ҳуқуқ ба озодии афкор ва баён. Ба андешаи мо, ҳар сеи ин муҳимтарин рукнҳои озодии ВАО ва ҷомеаи демократӣ дар моддаи 30-и Конститутсияи Тоҷикистон, ки «ба ҳар кас озодии сухан, нашр, ҳуқуқи истифодаи воситаҳои ахбор кафолат дода мешавад», возеҳ ифода ёфтааст.

Давлат риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии воситаҳои ахбори оммаро таъмин менамояд. Ба хотири таҳкими озодии сухан ва фаъолияти бемонеаи воситаҳои ахбори омма

дар Тоҷикистон силсилаи қонунҳо қабул шудаанд, ки ин ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро таъмину танзим мекунанд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва раддияяошунавонӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иттилоот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шаҳрвандон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи табъу нашр», ҷамъан наздики даҳ қонун, инчунин консепсия ва барномаҳои давлатӣ (Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи телевизион ва раддияяошунавонӣ барои солҳои 2010-2025, Барномаи рушди пахши телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015), амру фармонҳои Президенти кишвар, аз ҷумла «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма», ҷиҳати таъмини муқаррароти Қонуни асосии кишвар, ки озодии сухан ва дастрасӣ ба иттилоотро кафолат медиҳад, қабул шудаанд. Дар моддаи 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» (аз 19 марти соли 2013, №961) зикр шудааст, ки матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма дар Тоҷикистон озоданд. Ҳар шахс ҳуқуқи озодона ҷустуҷӯ, дастрас ва паҳн намудани ахбор, изҳори ақида ва дар шаклҳои бо ҳамин Қонун муқарраршуда паҳн намудани онҳоро дар матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма дорад[4].

Дар банди сеюми ҳамин моддаи қонун таъкид шудааст, ки «ҳама гуна поймол кардани озодии матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма аз ҷониби шахс, шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, ҷамъиятӣ, аз ҷумла дахолат кардан ба фаъолияти касбии редаксияи воситаи ахбори омма, ғайриқонунӣ боздоштан ва ё қатъ намудани фаъолияти он тибқи қонунгузорӣ боиси ба ҷавобгарӣ кашидан мегарданд».

Қонуни матбуот ҳамзамон сензура ва таъқиб барои танқид, ҳамчунин инҳисори матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори оммаро мамнуъ медонад, ки ин нукта аз Конститутсияи кишвар маншаъ мегирад. Озодии матбуоту гуногунандешӣ низ танҳо дар чаҳорчӯб ва бо риояи қонун бояд сурат бигирад ва набояд аз он сӯйистифода шавад, то суботи ҷомеа халалдор нагардад. Тавре ки дар банди дуюми моддаи 30-юми Конститутсия зикр шудааст, «таблиғот ва ташвиқоте, ки бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, динӣ ва забониро бармеангезанд, манъ аст»[5]. Дар баробари ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи номгӯи маълумоти дорои сирри давлатӣ» аз 10 майи соли 2002, рӯйхати маълумотеро, ки дорои муҳри махфияти «Фавқулода муҳим», «Комилан махфӣ» ва «Махфӣ» мебошанд ва ба соҳаҳои мудофиа, иқтисод, робитаҳои берунӣ, амнияти давлатӣ ва ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ мансуб буда, ошкорсозии он ба амнияти кишвар зарар расонида метавонанд, муайян кардааст. Аммо тибқи қонун, маълумот оид ба офатҳои табиӣ, фалокатҳо ва дигар ҳодисаҳои фавқулода, ки ба бехатарии шаҳрвандон таҳдид мекунанд, оид ба вазъи муҳити зист ва саломатии аҳолӣ, сатҳи зиндагии он бо шумули ғизо, либос, манзил, хизматрасонии тиббӣ ва таъминоти иҷтимоӣ, инчунин нишондиҳандаҳои иҷтимоию демографӣ, ҳолати тартиботи ҳуқуқӣ, маърифат ва фарҳанги аҳолӣ, инчунин маълумот оид ба амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ба сирри давлатӣ мансуб дониста намешавад. Дар мавриди фаъолияти журналистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти онҳо аз ҷониби ашхоси дахлдор вайрон карда мешавад. Кодекси Ҷиноятии ҶТ ҷавобгариро пешбини намудааст, ки дар моддаи 162 муфассал пешбини шудааст[6].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар ВАО», ки 19 марти соли 2013 аз ҷониби Президенти кишвар ба имзо расидааст, воситаҳои ахбори оммаро барои объективӣ будан ва саҳеҳии ахбори аз ҷониби онҳо паҳншаванда масъул

медонад. Бар асоси моддаи 6-уми қонуни мазкур, интишори маълумоти дорои сирри давлатӣ ё ахбори дигари бо қонун ҳифзшаванда, ахборе, ки барои бо зӯрӣ сарнагун сохтан ё тағйир додани сохти конститутсионӣ, ба содир намудани ҷиноят, барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, маҳақи қонуни амалкунандаи матбуоти даврӣ (моддаи 28) ба журналистон ҳаққи ҷустуҷӯ, дастрас, таҳрир ва интишори ахборро додааст. Журналист ҳамчунин ҳуқуқ дорад, ки вобаста ба иҷрои вазифаи журналистӣ бо шахсони мансабдор ҳамсуҳбат шавад, ҳама гуна далелро, аз ҷумла бо истифода аз воситаҳои техникии аудиовизуалӣ, асбобҳои кино ва аксбардор сабт намояд, бо нишон додани шаҳодатномаи журналистӣ дар маҳалҳои махсус муҳофизатшавандаи офатҳои табиӣ, садама, маҳалҳои бетартибӣ ва ҷойҳои ҷамъшавии шаҳрвандон, инчунин дар маҳалҳое, ки дар онҳо вазъи фавқулода эълон шудааст, дар гирдиҳамоӣ роҳпаймоиҳо ҳузур дошта бошад, барои ройгон дастрас намудани иттилоот тавассути дархости журналистӣ вобаста ба иҷрои вазифаҳои касбӣ ба ҳуҷҷатҳои расмӣ дастрасӣ дошта бошад. Журналист аз ҳуқуқҳои дигаре ҳам истифода мебарад, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.

Давлат ҳамчунин фаъолияти қонунии касбии журналистонро таъмин мекунад. Барои монеъ шудан ба ин фаъолият Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 162) ҷазо дар намуди ҷарима ба андозаи аз панҷсад то ҳаштсад маоши ҳадди ақал ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол пешбинӣ кардааст. Монеъ шудан ба фаъолияти қонунии касбии журналист, яъне чӣ? Агар ба кодекси ҷиноятӣ бингарем, зери ин мафҳум «маҷбур намудани журналист барои паҳн кардан ё рад намудани пахши иттилоот, ки бо таҳдиди зӯроварӣ, нобуд сохтан ё вайрон кардани амвол, паҳн кардани дурӯғи бофтае ё фош намудани дигар таҳсилоте, ки ҷабрдида меҳоҳад, онҳоро ниҳон дорад, алоқаманд аст, ҳамчунин бо роҳи таҳдиди поймол намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии журналист», фаҳмида мешавад.

Ҳарчанд озодии суханро Конститутсия кафолат додааст, дар баъзе маврид мебинем, ки аз ин ҳуқуқ сӯистифода мешавад. Набояд фаромӯш кард, ки озодии баён ҳамчунин масъулият низ ҳаст. Озодии сухан, гуногунандешӣ ва фаъолияти озоди ВАО, ки рукнҳои асосии давлати демократӣ мебошанд, бояд дар доираи қонун сурат гиранд ва ба ҳеҷ ваҷҳ суботи ҷомеаро халалдор насозанд. Биноан, қонун воситаҳои иттилоърасонӣ ва журналистонро уҳдадор кардааст, ки саҳеҳияти ахбори гирифтаашонро санҷанд, ҳуқуқу озодиҳо, манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқ ва манфиати қонунии ташкилотҳоро эҳтиром кунанд, ҳангоми иҷрои вазифаи касбӣ шаҳодатнома ва ё дигар ҳуҷҷате, ки мансубияти ӯро ба воситаи ахбори омма тасдиқ менамояд, пешниҳод кунанд, ВАО-ро бо мақсади дахолат кардан ба ҳаёти шахсӣ, дидаву дониста нашр кардани хабару маводи бардурӯғ, маълумотҳои туҳмату таҳқиромез, ки шаъну шараф ва эътибори кории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро паст мезананд, истифода набаранд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронияш дар маҷлиси тантанавие бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик, 10 марти соли 2012, фаъолияти озоди воситаҳои ахбори умумро яке аз нишонаҳои асосӣ ва рушди ҷомеаи демократӣ унвон кард ва гуфт, ки «озодии андеша ва назари интиқодӣ ба рӯйдодҳо бисёр камбудиҳоро ошкор менамоянд ва боиси пешравӣ мегарданд». Ба андешаи ӯ, танқид ҳамчун падидаи созанда яке аз омилҳои асосии рушди ҷомеа мебошад, зеро озодии андеша, назари интиқодӣ ва таҳлилӣ ба далелу рӯйдодҳои ҷомеа боиси ошкор шудани нуқсу камбудиҳо ва ислоҳу пешрафти фаъолияти ин ё он соҳа мегардад. Гузашта аз ин, танқид ҳатто худи инсонҳоро дигар мекунад ва ба рушду камоли онҳо сабаб мешавад. Аммо Роҳбари давлат дар идомаи суханаш таъкид кард, ки расонаҳои хабарӣ набояд тамоюли низоъангезӣ, маҳалгароӣ, тафриқаандозӣ, таҳқири шахсиятҳои хизматнишондодаро пеш гиранд ва даъват намуд, ки ВАО аз чопи маводҳое худдорӣ намоянд, ки боиси руҳафтодагӣ ва ноумедии мардум гардида, вазъи ҷомеаро ноором месозанд[7].

Мутаассифона, имрӯз дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ, сомонаҳои интернетии ВАО-и маҳаллӣ ва хориҷие, ки дар Тоҷикистон намояндагӣ доранд, матлабҳоеро дучор омадан мумкин аст, ки дар он қонунҳои ҷории кишвар поймол мешаванд. Зикри ному насаб ва

маҳалли истиқомати афроди гумонбар дар ҷиноят, нишон додани чеҳраи одамони ҷабрдидаи хушунату бадрафторӣ (ҳатто ноболиғон), маҳкумнамоии нафари гумонбар дар ҷинояте аз сӯйи ВАО, муқоисаи ноҷо ва баҳодиҳии яктарафаи журналист ба вазъият, додани минбар ба афроде, ки ошкоро таҳдид ба амнияти шаҳрвандон ва давлат мекунанд (дар мисоли оростани мусоҳиба бо яке аз пешвоёни гурӯҳи ифротии ба ном «Давлати исломӣ» Абу Холиди Кӯлобӣ аз ҷониби як раддияяои хориҷӣ), пахш намудани саҳнаҳои қатли ваҳшиёна, паст задани шаъну шарафи шаҳрванд (аз ҷумла мансабдорон), бидуни иҷоза истифода кардани акси шаҳрвандон, плагиат (асардуздӣ) аз ҷумлаи амалҳои хилофи қонун мебошанд, ки баъзе намояндагони воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон дар фаъолияти худ содир мекунанд.

Журналист ва муҳаққиқ, собиқ сардабири рӯзномаи «Ҷумҳурият» Абдураҳимов Камол менависад, ки озодии баён, мисли озодии демократия бояд идорашаванда ё худ ҳидоятшаванда бошад. «Сиёсати иттилоотӣ, мусалламан, раҳнамоии равандҳои иттилоотиро аз сӯйи давлат дар назар дорад… Мо аз хусуси фишор ба озодии матбуот зиёд мегӯем ва чун одат фикр мекунем, ки ин фишор танҳо аз «боло»-аз сӯйи ҳукумат сурат мегирад. Вале хатарҳоеро, ки бевосита дар аъмоқи худи воситаҳои ахбори омма месабзанд ва ба озодии баён таҳдид мекунанд, нодида мегирем». Абдураҳимов К.тамоюли возеҳи баръзе ВАО ба сӯйи ҳама чизи манфӣ, саддгузориҳо дар роҳи эҳёи руҳияи оптимизми миллӣ, ки чун обу ҳаво барои рушди Тоҷикистон зарур аст, инчунин ба хотири «ҳалол кардан»-и грант ва дигар маблағҳои созмонҳои хориҷиро – он гуна ки дар Гурҷистон, Украина ва Қирғизистон мушоҳида шудааст – поймолсозии озодии баён, ба иштибоҳ андохтани ҷомеа ва беэҳтиромӣ ба касбу ба худу ба миллат мехонад.

Ба инобат гирифтани арзишҳои бунёдӣ, бо шумули эҳтиром ба ҳаёти инсон ва ҳамбастагии инсонӣ, дурӯғ нагуфтан ва он чиро, ки ба мо тааллуқ надорад, аз худ накардан, инчунин татбиқи аслҳои журналистӣ, махсусан саҳеҳият, айният ва мустақилӣ (ба таъбири профессори риштаи матбуоти Донишгоҳи Париж Клод Бертран) аз ҷумлаи муҳимтарин унсурҳои журналистикаи замони муосир мебошад.

Ба андешаи инҷониб, агар се омили таъмингари озодии баён, яъне ҷасорат, касбият ва риояи одобу ахлоқи касбӣ шиори кори журналистон ва ВАО-и тоҷик шавад, онҳо ҳеҷ мушкиле бо қонун нахоҳанд дошт.

Қобили таъкид аст, ки тавре дар сархати Конститутсияи кишвар омадааст, журналистони тоҷик низ, чун тамоми халқи Тоҷикистон, «худро дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда масъул ва вазифадор дониста, таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, …бунёди ҷомеаи адолатпарвар»-ро вазифаи худ қарор додаанд.

Дар воқеъ, Конститутсияи Тоҷикистон инсон, ҳуқуқу озодиҳои онро арзиши олӣ медонад. Дар сатҳи Конститутсия тамоми ҳуқуқу озодиҳои асосӣ танзими ҳамаҷониба пайдо кардаанд. Шояд аз ин ҷост, ки қонуни асосии Тоҷикистон дар даҳгонаи беҳтарин конститутсияҳои ҷаҳон қарор дорад.

АДАБИЁТ

1. Ақидаи Сезин Синанолу оид иттилоот, аъзои доимии СММ. – Манбаи дастрасӣ: https//studbooks.net/983881/pravo/vvedine ва khoma.tj
2. Ақидаи Роналд Рейган оид иттилоот, аъзои домии СММ. – Манбаи дастрасӣ: https//studbooks.net/983881/pravo/vvedine ва khoma.tj
3. Паёми Президенти ҶТ ба Маҷлиси Олӣ, аз 26.04.2013. – Манбаи дастрасӣ: http://kgu.tj **[**захираи электронӣ**].**
4. Қонуни ҶТ "Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма"., 19.03.2013с. – Манбаи дастрасӣ: ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ МАТБУОТИ ДАВРӢ ВА ДИГАР ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА | МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (ММК.TJ)
5. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 30,аз 6.11. 1994. – Манбаи дастрасӣ: Конститутсияи ҶТ | Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (mmk.tj)
6. Кодекси ҷиноятии ҶТ, моддаи 162 аз 18.05.1998с.– Манбаи дастрасӣ: КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶТ | МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (ММК.TJ)

7. Раҳмон Э. Воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори омма таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд (Суханронии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик, 10 марти соли 2012) / Э. Раҳмон // «Садои мардум». – Душанбе, 2012-03-13. - №30.

НАҚШИ ВОСИТАҲОИ АХБОРИ ОММА ДАР ТАЪМИНИ ХУҚУҚИ ИНСОН

Дар моддаи 13 Конвенсияи СММ оид ба коррупсия қайд шудааст, ки дастрасӣ ба иттилоот ҳамчун яке аз тадбирҳо барои пурзӯр намудани иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар пешгирӣ ва мубориза алайҳи коррупсия мебошад. Конвенсия ҳамчунин чораҳои беҳтар кардани шафофият барои идоракунии давлатӣ, аз ҷумла дар раванди қабули қарорҳоро пешбинӣ менамояд. Дастрасӣ ба иттилоот яке аз ҳуқуқҳои муҳим барои ҷомеа буда, ҳолати ошкорогии ҳокимият, унсури ҳукумати электронӣ ва роҳи беҳтари идоракунӣ маҳсуб меёбад. . Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз қабулкунандагони ин паймон буда, дар ин маврид бояд ҳуқуқ ба озодии баён ва озодии иттилоотро мувофиқи моддаи 19 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои фитрӣ ва сиёсӣ таъмин ва ҳифз кунад.

Калидвожахо: хукуки инсон, хукуки иттилоотӣ, таркиби хукуки инсон, мазмуни хукуки инсон, сохаи хукук, бехатарии иттилоотӣ, дастрасӣ ба иттилоот.

РОЛЬ СРЕДСТВ МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА

Статья 13 Конвенции ООН против коррупции гласит, что доступ к информации является одной из мер по усилению участия гражданского общества в предотвращении и борьбе с коррупцией. Конвенция также предусматривает меры по повышению прозрачности в государственном управлении, в том числе в процессе принятия решений. Доступ к информации является одним из важнейших прав общества и рассматривается как состояние открытости правительства, элемент электронного правительства и способ повышения качества управления. Республика Таджикистан является одной из сторон,принявших данный пакт и в этой связи должна обеспечевать и защищать право на свободу информации в соответствии со статей 19 Международного пакта о гражданских и палитических правах.

Ключевые слова: права человека, информационные права, структура прав человека, содержание прав человека, сфера права, информационная безопасность, доступ к информации.

THE ROLE OF MASS MEDIA IN ENSURING HUMAN RIGHTS

Article 13 of the UN Convention against Corruption states that access to information is one of the measures to strengthen the participation of civil society in preventing and combating corruption. The Convention also provides for measures to improve transparency in public administration, including in the decision-making process. Access to information is one of the most important rights for society and is considered a state of openness of government, an element of e-government and a way of better governance.Republic of Tajikistan is one of the parties that adopted this Covenant and in this regard must ensure and protect the right to mfreedom of information in accordance with Article 19 of the International Covenant Civil and Political Rights.

Keywords: human rights, information rights, structure of human rights, content of human rights, area of law, information security, access to information.

Маълумот дар бораи муаллиф: Абдурахмонзода А.Р.- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми кафедраи ҳуқуқи инсон ва хукукшиносии мукоисавии факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға:734025, Ҷумхурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиебони Рудакӣ, 17. Телефон: 007-97-95-95

Сведения об авторе: Абдурахмонзода А.Р. – Таджикскиӣ национальныӣ университет, магистр 2 курса юридического факультета. Адрес:734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудакӣ 17; Телефон: 007-97-95-95

Information about the author: Abdurahmonzoda A.R– Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Law, **Address:** 734025, Republik of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: 007-97-95-95

ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ НИҲОДИ ПРЕЗИДЕНТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Азизова Р.

Ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ниҳоди нави конститутсионӣ ва сиёсию ҳуқуқие мебошад, ки дар он Президент сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия дониста мешавад. Тавре маълум аст, истилоҳи президент ифодакунандаи сардори давлат дар бисёре аз мамлакатҳои дорои шакли идоракунии ҷумҳурӣ мебошад. Биноан, мафҳуми «Президент», ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маънои конститутсионӣ - ҳуқуқии сардори давлат ва ҳокимияти иҷроия истифода шудааст, ба шакли пайдоиши классикии ин ниҳод дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ мувофиқ меояд, ки ба андешаи мо, ин шакли масъалагузорӣ қобили қабул мебошад. Муҳаққиқон бо бардошт аз таҳлили таҷриба пайдоиш ва зарурати таъсиси ниҳоди президентӣ дар Тоҷикистонро бо чанд омил асос мешуморанд. Пеш аз ҳама, зарурати пурзӯр намудани ҳокимияти иҷроия, баланд бардоштани самаранокии он, қабули оқилии қарорҳои идорӣ, такмили механизми иҷрои қонунҳо, таҳкими низоми давлатӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд[1].

Дар низоми сиёсии ҷомеа тағйироти куллӣ ба миён омаданд, ки бо пош хӯрдани низоми фармоишӣ - маъмурӣ ва даст кашидан аз узвияти ҳизби коммунистӣ зич алоқаманд аст; -Пурқувват гаштан ва инкишоф ёфтани фаъолияти бевоситаи қонунгузорӣ ҳокимияти иҷроияро заиф гардонид, ки ин камбудиҳои ҷиддиро дар амалигардонии қарорҳои қабулшаванда ба миён овард. Мансаби Президент ва таъсиси мансаби мазкур ҷиҳати иҷрои қонунҳо ва дигар қарорҳои давлатӣ зарурати ҷиддӣ дошт; -Замони мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ принсипи роҳбарии якҷоя- коллективӣ таҳриф гардида, ба бемасъулиятӣ, камбудиҳо ва суиистифода аз мансаб роҳ дода мешуд, ки ба пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ, таъсиси мансаби президентӣ ва ниҳоди президентӣ оварда расонид. Бегумон, таъсиси ниҳоди президентӣ дар Тоҷикистон маҳсули сабаққҳои таърихӣ ва натиҷагириҳо аз самараи фаъолияти давлатдории чандинсолаи мамлакатҳои хориҷӣ, хусусан Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба ҳисоб меравад. Бояд зикр кард, ки таъсиси расмӣ ва ташаккули қонунӣ ёфтани ин мансаб ба замоне рост омад, ки халқи тоҷик дар ҳолати бесарусомонӣ ва вартаи нобудшавӣ қарор дошт. Аз ин сабаб, баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ иқдоми асосӣ дар роҳи таъсиси инмансаб аз тарафи сиёсатмадорони ҳукумати он вақтаи Тоҷикистони Шуравӣ гирифта шуд. Зеро пеш аз ин, масъалаи таъсиси ниҳоди президентӣ на як бору ду бор пайдо шудааст. Бори аввал ин масъала ҳангоми муҳокимаи лоиҳаи дуюми Конститутсияи ИҶШС ва бори дуюм солҳои 60-уми асри гузашта пеш омада буд. Дар адабиёт таъкид шудааст, ки руҷуъ ба таърихи навини давлатдорӣ ва ҳатто тамаддунҳои собиқ шаҳодати он аст, ки нақш ва нуфузи мансаби президентӣ дар ҳаёти халқу миллатҳои имрӯза аҳамияти бориз доштааст [2]. Вале дар замони муосир, ки таҷрибаи ҳастӣ ва рушди давлатҳо зиёда ба ҷанбаи соҳибихтиёрии халқ ва эътирофи ҳокимияти мардумӣ такя мекунад, нақши Президент ба маротиб афзудааст. Дар низоми идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президент нақши ҳалкунанда дорад. Дар таҷрибаи давлатдории ҷаҳонӣ ниҳоди президентӣ чун яке аз намудҳои сарварии давлат маъмул буда, таърихи зиёда аз дусадсола дорад ва маҳз ҳамин таҷрибаи бою ғанӣ сабаб шуд, ки дар аксари кишварҳо ин ниҳод таъсиси расмӣ ёбад.

Президент дар адабиёти илми ҳуқуқи конститутсионӣ аз ҷониби олимон сарвари давлат ва Ҳокимияти иҷроия тавсиф ёфтааст. Президент дар давлатҳои шакли идораи ҷумҳурии президентӣ сарвари давлат буда, аз тарафи халқ дар интихоботи умумӣ баргузида мешвад, масалан дар ИМА, Франсия, Россия, Тоҷикистон, Покистон, Қазоқистон ва ғ. Аслан дар давлатҳои шакли идораи ҷумҳурии парлумонӣ мансаби Президент бештар хислати рамзӣ дошта, дар парламент интихоб мегардад, масалан дар Австрия, Германия, Ҳиндустон ва дигар давлатҳо[3].

Таҷрибаи мамолики хориҷии дорои шакли идораи ҷумҳуриявӣ аз он дарак медиҳад, ки дар амалия шаклҳои гуногуни мавқеи президент дар низоми ҳокимияти давлатӣ ва

мушаххас дар тамос бо ҳокимияти иҷроия созмон ёфтаанд: Президент - сардори давлат (масалан, Германия), Президент сардори давлат ’ ва ҳокимияти иҷроия (масалан, ИМА); Президент-сардори давлат ва роҳбари воқеии ҳукумати кишвар (масалан, Франсия). Дар ҳар се тарҳи номбурда президент чун сардори давлат тавсиф меёбад, вале фарқияти муайянкунанда дар нақши президент мавриди тамос бо ҳокимияти иҷроия зоҳир мегардад. Ба андешаи мутахассисон, шаклҳои маъмули ҳолати президентро ба ибораи дигар, шартан модели аврупоӣ, дуюмро модели амрикоӣ ва сеюмро модели франсузӣ номидан мумкин аст.

Дар илми ҳуқуқшиносии муқоисавӣ маъмулан се модели асосии ниҳоди президентӣ фарқ карда мешавад, ки онҳоро шартан моделҳои «амрикоӣ», «аврупоӣ» ва «франсузӣ» меноманд. Ниҳоди президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи омӯзиши амиқи ин таҷрибаҳои ҷаҳонӣ ва бо назардошти манфиатҳои миллии кишвар ташаккул ёфтааст.

Аз модели амрикоӣ дар Конститутсияи мо он хусусияти калидӣ гирифта шудааст, ки Президент на танҳо сарвари давлат, балки бевосита роҳбари ҳокимияти иҷроия - Раиси Ҳукумат мебошад. Ин мақом имкон медиҳад, ки дар идоракунии давлатӣ, хусусан дар соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, оҷилият ва самаранокӣ таъмин гардида, механизми иҷрои қонунҳо такмил дода шавад.

Ҳамзамон, низоми идоракунии Тоҷикистон ба модели франсузӣ наздикӣ дорад, зеро Президент дар он ҳамчун «ҳамоҳангсоз» ва «арбитр» миёни шохаҳои ҳокимият баромад мекунад. Вай мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳоро таъмин намуда, механизми тавозуни ҳокимияти давлатиро ба таври воқеӣ истифода мебарад.

Бо вуҷуди ин, модели тоҷикистонии ниҳоди президентӣ дорои хусусияти беназири худ мебошад. Он ин ду моделро ба ҳам пайваста, мақоми Президентро на танҳо ҳамчун як қисми ҳокимияти иҷроия, балки ҳамчун «кафил» (гарант) - ҳомии Конститутсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, истиқлолияти миллӣ ва тамомияти арзӣ мустаҳкам намудааст. Маҳз ҳамин мақоми кафилӣ ба Президент ҳуқуқи истисноӣ медиҳад, ки аз номи тамоми Халқи Тоҷикистон сухан гӯяд ва пойдории ҳокимияти давлатиро таъмин намуда, аз ҳар гуна «дуализм» ё бесарусомонии ҳокимият пешгирӣ намояд.

Раванди инкишофи таҷзияи ҳокимият дар аввали солҳои 90-ум ба тамоюли бавуҷудоии ниҳоди конститутсиониву ҳуқуқии «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» замина гузошт.

Шуруъ аз аввали солҳои 90-ум собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ Эъломия дар бораи истиқлолияти давлатии худро қабул карданд. Дар Тоҷикистон низ ЭъломиЯи Истиқлолияти Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990, бо Қарори Шурои Олии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991 «Дар хусуси дохил кардани тағйироту иловаҳо ба Эъломияи Истиқлолияти Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон», Изҳороти Шурои Олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар бораи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991 қабул гардид. Тибқи ин санадҳо эълон гардид, ки ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон тавассути мақомоти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ ба амал бароварда мешавад, ки чунин муқаррарот ба таъсиси мансаби Президент дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ заминаи сиёсиву ҳуқуқӣ гузошт. Бояд зикр кард, ки дар Тоҷикистон пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон «Дар хусуси таъсиси вазифаи Президенти Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ва тартиби интихоби ӯ» аз 29 ноябри соли 1990 ниҳоди президентӣ таъсис ёфт[4]. Баъдан дар натиҷаи гирифторӣ ба буҳрони нави мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ ва пас аз даровардани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи соли 1978 аз 27 ноябри соли 1992 дар Тоҷикистон, ҳокимияти президентӣ дар кишвар дубора бекор карда шуд ва ба ҷои он Шурои Вазирон созмон ёфт.

Яке аз марҳилаҳои сарнавиштсоз дар таърихи давлатдории навини мо ин давраи «идоракунии дастаҷамъӣ» мебошад, ки пас аз барҳам додани мансаби Президент дар ноябри соли 1992 оғоз ёфт. Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, нуқтаи гардиши асосӣ дар ҳаёти сиёсии кишвар шуд.

Маҳз дар ин Иҷлосия бо мақсади қатъи ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарор намудани сохти конститутсионӣ, Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шуурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Сарвари давлат интихоб гардид. Ин давраи гузариш нишон дод, ки барои идораи самарабахши давлат ва таъмини ваҳдати миллӣ эҳтиёҷ ба ниҳоди нерӯманди президентӣ вуҷуд дорад, ки баъдан дар Конститутсияи соли 1994 инъикоси худро ёфт.

Дар адабиёти тафсирӣ-ҳуқуқӣ дуруст зикр мегардад, ки барҳамдиҳии ин ниҳод ва ба ҷойи он ташкил намудани идоракунии дастаҷамъии ҷумҳурӣ ба хотири ваҳдати миллӣ, сулҳу осоиш ва барқарор намудани сохти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқӯъ пайвастааст.

Дар ин замина мутахассисони ватанӣ мафҳуми “Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро ҳамчун падидаи нави конститутсионии сиёсию ҳуқуқӣ сифат доданд, ки ӯ сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия дониста мешавад. Ташаккули ниҳоди конститутсионӣ-ҳуқуқии «Президент» дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамвора ва якзайл ба вуқӯъ напайваста, асосҳои ғоявии худро аз таҷрибаи ҷаҳонии ин ниҳод гирифтааст. Ба тамоили бавуҷудоии ниҳоди конститутсионӣ- ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди инкишофи таҷзияи ҳокимият дар аввали солҳои 90-ум замина гузошт.

Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 1993 «Дар бораи даровардани тағйироту иловаҳо ба қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 1990» «Дар бораи таъсис додани Комиссияи омода намудани лоиҳаи нави Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд, ки барои хеле фаъол шудани кори Комиссияи конститутсионӣ ва таҳияи лоиҳаи нави Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон замина гардид. Бо қарори Шурои Олӣ ҳайати нави Комиссия бо роҳбарии Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тасдиқ гардид. Бо назардошти қарори ҷаласаи XVIII Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аввали моҳи апрели соли 1994 гурӯҳи корӣ оид ба тайёр намудани лоиҳаи нави Конститутсия ба баррасии Комиссия ду лоиҳаи алтернативиро пешниҳод намуд. Ҳарду лоиҳа шакли идоракунии ҷумҳуриявӣ, афзалияти ҳуқуқҳои инсон ва шаҳрванд,_ тақсими ҳокимият, шаклҳои гуногуни моликият, ниҳоди президентӣ, гуногунандешии сиёсӣ ва ба таври қонунӣ мавҷуд будани ҳизбҳои сиёсӣ, инчунин вазъи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиро пешбинӣ мекард[5].

аир аз ин, лоиҳаҳои пешниҳодшуда сарсухане доштанд, ки дар онҳо чунин дастовардҳо, ба мисли сулҳи шаҳрвандӣ, ризоият, боварӣ, неки ва адолат баррасӣ шуда буданд. Зикр гардид, ки Тоҷикистон қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Бинобар ин, эътибор ба идеяҳои давлатдории миллӣ, эътироф намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бемамониат тасдиқ карда шуд.

Ҳар ду лоиҳа Тоҷикистонро давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва унитарӣ эълон намуда, барои ҳар як шаҳрванди он шароитеро кафолат медод, ки барои ҳаёт ва меҳнати сазовор, новобаста аз миллат, эътиқоди динӣ ва ақидаҳои сиёсӣ шароит фароҳам меовард. Ҳамзамон дар лоиҳаҳо фарқиятҳои зиёде оид ба низоми давлатдорӣ ва идораи ҳокимият вуҷуд дошт. Комиссияи конститутсионӣ баъди муҳокимаи лоиҳаҳо барои ба Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия намудан ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намудани лоиҳаи Конститутсияи президентӣ қарор қабул намуд.

Мувофиқи қарори Президиуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 апрели соли 1994 лоиҳаи Конститутсияи нав дар воситаҳои ахбори омма нашр карда шуд.

Дар Конститутсияи соли 1994 ба ин ниҳоди конститутсионӣ - ҳуқуқӣ боби махсус: боби чаҳорум, ки «Президент» (м.м. 64-72) ном дорад, бахшида шудааст. Аз ин ба баъд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) ҳисоб карда шуда, вай ҳомии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон муқаррар гардид.

Мақоми Президент ҳамчун «кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ» дар Конститутсияи кишвар на танҳо як вазифаи ҳуқуқӣ, балки ифодагари ваҳдати тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад. Президент баёнгари ягонагии давлат буда, ҳуқуқи истисноӣ дорад, ки аз номи тамоми Халқи Тоҷикистон сухан гӯяд. Маҳз ҳамин мақоми «баёнгари ягонагӣ» нақши ҳалкунандаи ӯро дар муносибатҳои байналмилалӣ асоснок мекунад. Вай иродаи ягонаи миллатро дар арсаи ҷаҳонӣ намояндагӣ намуда, пойдориву бардавомии давлатро дар шароити ҷаҳонишавӣ таъмин месозад.

Ҳамин тариқ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 ҳомии Конститутсия будани Президенти кишварро бо вазъи конститутсионӣ- ҳуқуқии ӯ алоқаманд намудааст, ки моҳияти онро бо чунин омилҳо ошкор кардан мумкин аст:

Президент баёнгари ягонагии давлат буда, ҷумҳуриро дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад ва ҳуқуқи аз номи тамоми Халқи Тоҷикистон сухан гуфтан дорад. Ҳамчун сарвари ҳокимияти иҷроия Президент Раиси Ҳукумати Тоҷикистон, роҳбар ва масъули дуруст ба роҳ мондани масъалаҳои идораи давлат дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иҷрои қонунҳо мебошад.

Вазъи ҳуқуқии Президентро салоҳиятҳои ӯ, ки дар сатҳи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои ҷорӣ, қонунгузорӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои ҳаётан муҳимми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ташкили мақомоти давлатӣ ва муайян кардани низоми он, ҷобаҷогузории кадрҳо муайян намудааст, ки нақш ва мақому манзалати ӯро дар мураттабсозии ташкили низоми ҳокимияти давлатӣ вусъат мебахшад. Яъне қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии Президент ба раванди мураккаби бо ҳам алоқаманди ташкилию ҳуқуқӣ ва сиёсие алоқаманд мебошад,ки он, пеш аз ҳама, интихоб шудан ва шурӯъ намудан ба мансаб ва маҳдудиятҳои муқарраршударо дар бар мегирад. Ин меъёр чунин маъни дорад, ки бе роҳи интихоби қонунӣ ягон шаҳрванд ҳақ надорад мансаби Президенти кишварро ишғол намояд ва ё соҳиби салоҳияти ӯ гардад.

Рушди ниҳоди президентӣ пас аз қабули Конститутсияи соли 1994 қатъ нагардида, тавассути ислоҳоти конститутсионии солҳои 1999, 2003 ва 2016 такмил ёфт. Ин тағйиротҳо, аз ҷумла муқаррар намудани муҳлати ҳафтсолаи ваколатҳои Президент ва коҳиш додани синни номзад ба ин мансаб то 30-солагӣ, ба талаботи замони муосир ва устувории низоми сиёсӣ нигаронида шудаанд. Марҳилаи олии инкишофи ин ниҳод қабули Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат» мебошад. Ин мақом нақши таърихии аввалин Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар эҳёи давлатдории миллӣ ва таъмини сулҳи пойдор қонунӣ гардонида, ниҳоди президентиро ҳамчун сутуни асосии давлатдории тоҷикон мустаҳкам намуд.

Тавре аз адабиёти хуқуқӣ– тафсирӣ бармеояд, биноан,Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, ки ҳеҷ як иттиҳодияи ҷамъиятӣ,ҳизбҳои сиёсӣ, гуруҳҳои одамон ва ё фарде ҳақ надорад, ки ҳокимияти давлатиро ғасб намояд. Ғасби ҳокимият ва ё тассаруфи он манъ аст [6,8].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳақ дорад механизми мураттабсозӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, усули тавозуни ҳокимияти давлатиро ба таври воқеӣ истифода барад. Усули мазкур имкон медиҳад, ки мувофиқа ё ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чун кафили ягонагии ҳокимият ва сиёсати давлат амалӣ гардад ва дар асл ба дуализм ё анархияи ҳокимият роҳ дода нашавад, пойдориву бардавомии ҳокимияти давлатӣ таъмин гардад.

Барои амалӣ сохтани ин ҳуқуқҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон механизму тарзҳои гуногуни баамалбарориро истифода бурда метавонад: якум, бевосита ҳангоми истифодаи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории худ; дуюм, бевосита дар вақти ба қонун ё қисми он розӣ набудан Президент метавонад аз имзои он даст кашида, дар муддати понздаҳ рӯз бо далелу эродҳо қонунро ба Маҷлиси намояндагон баргардонад; сеюм, ба воситаи намояндаи худ дар парламент ҳангоми баррасии қонунҳо ва ҳаллу фасли масъалаҳои ҳаётан

муҳими сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ғайра мавқеи худро оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси Олӣ бо сиёсати дохилию хориҷии кишвар, ки онро Президент муайян менамояд, равшану возеҳ мегардонад[7,9]. Албатта, ин тарзҳо истисноӣ набуда, вобаста ба ҳалли масъалаҳои муҳим ва вазъияти объективии бамиёномада Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳақ дорад, ки дигар тарзу воситаҳои ҳуқуқиро истифода намояд.

Яке аз фишангҳои муҳими таъсири Президент ба шохаи қонунгузорӣ ва таъмини мувозинати ҳокимият ин ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва ҳуқуқи вето мебошад. Мувофиқи муқаррароти конститутсионӣ, агар Президент ба қонун ё қисми он розӣ набошад, вай ҳуқуқ дорад, ки аз имзои он даст кашад.

Дар ин маврид Президент вазифадор аст, ки дар муддати понздаҳ рӯз бо далелу эродҳои асоснок қонунро ба Маҷлиси намояндагон баргардонад. Ин тартиб усули воқеии «тавозуни ҳокимияти давлатӣ»-ро нишон медиҳад ва исбот месозад, ки ҳокимияти президентӣ дар кишвар мутлақ набуда, балки дар низоми «худдорӣ ва мувозинат» (сдержек и противовесов) амал мекунад. Ҳуқуқи вето на ҳамчун воситаи маҳдудкунанда, балки ҳамчун механизми мулоқоти ҳуқуқии байни Сарвари давлат ва Парламент хизмат мекунад, ки ҳадафи он қабули қонунҳои босифат ва пешгирӣ аз зиддиятҳо дар низоми идоракунии давлатӣ мебошад.

Хусусияти беназири модели тоҷикистонии ниҳоди президентӣ дар он ифода меёбад, ки он моделҳои амрикоӣ ва франсузиро ба ҳам пайваста, мақоми Президентро на танҳо ҳамчун роҳбари ҳокимияти иҷроия, балки ҳамчун «кафил»-и Конститутсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мустаҳкам намудааст. Барои амалӣ сохтани ин вазифаҳо ва таъмини усули воқеии «тавозуни ҳокимияти давлатӣ», Президент аз фишангҳои муҳим, ба монанди ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва ҳуқуқи вето истифода мебарад. Ҳуқуқи вето на ҳамчун воситаи маҳдудкунанда, балки ҳамчун механизми мулоқоти ҳуқуқии байни Сарвари давлат ва Парламент хизмат мекунад, ки ҳадафи он қабули қонунҳои босифат мебошад. Ҳамин тариқ, рушди ин ниҳод пас аз қабули Конститутсияи соли 1994 қатъ нагардида, тавассути ислоҳоти конститутсионии солҳои 1999, 2003 ва 2016 такмил ёфт ва бо эътирофи мақоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат ба марҳилаи олии инкишофи худ расида, ҳамчун сутуни асосии давлатдории тоҷикон мустаҳкам гардид.

АДАБИЁТ

1. Ойев Х, Сафаров Б. А. Механизмхои хифзи хуқуқи инсон дар ЧТ – Душанбе, 2013.
2. 6. Диноршоев А.М., Сафаров Д.С., Хуқуқи Инсон – Душанбе, 2012. –296 с.
3. Имомов А.И. «Хуқуқ, озодӣ ва вазифахои у. – Душанбе, 1985 с.
4. Имомов А.И. Шахсият, хуқуқ ва вазифахои ӯ. – Душанбе, 1985 с.
5. Хайдаров М.С. Таджикистан на пути к правовому государству. – Душанбе, 1996. – 142 с.
6. Шаропова Г.Х. Политика правовые аспекты международных обязательств Республики Таджикистан в области прав человека. – Душанбе, 2005. – 139 с.
7. Лукашева Е.А. Права человека как фактор стратегии устойчивого развития» – Москва, 2000. – 313 с.
8. Имомов А. Укрепление государственности и создание гражданского общества в Таджикистане. – Душанбе, 2003. – 363 с.
9. Материалы конференции «Перспективы национального института по правам человека в Таджикистане» – Душанбе, 2006. – 166 с.

10. /Под ред. Проф. Марченко М.Н. – Москва, 2000. – 124 с. Теория государства и права. Учебник для вузов, изд. Третье

11. Нерсесянц В.С. Философия права. /Учебник для вузов. – Москва: Норма-Инфра, 1998. – 647 с.

12. Муллоев Д. М. Принципы как руководящая идея правового государства // Актуальные проблемы развития законодательства РТ: история и современность. Выпуск-5 / Отв. ред. д.ю.н. Ш.М. Менглиев и к.ю.н. И.Б. Буриев. – Душанбе, 2005. – с. 59-64.

ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ИНКИШОФИ НИҲОДИ ПРЕЗИДЕНТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ниҳоди президентӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон як падидаи нави конститутсионӣ ва сиёсию хуқуқӣ мебошад, ки дар он Президент ҳамчун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) ҳисоб карда шуда, ин тарзҳо истисноӣ набуда, хулафӣ мувофиқат карда, хулафӣ иҷрои фаврии иҷрои давлатӣ.

Калидвожахо: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, иҷроия, ҳокимият, таҷзияи ҳокимият, сохибихтиёрӣ, санадҳои давлатӣ, истиқлоли давлат, идоракунии давлатӣ, қарорҳои давлатӣ.

ИСТОРИЯ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ИНСТИТУТА ПРЕЗИДЕНТСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Президентский институт в Республике Таджикистан представляет собой новое конституционно-политическое и правовое явление, в котором Президент признается главой государства и исполнительной властью. Этот институт соответствует классической модели разделения властей, и его главная цель - обеспечение эффективности государственного управления и оперативного исполнения административных решений.

Ключевые слова: Конституция Республики Таджикистан, исполнительная власть, разделение властей, суверенитет, государственное управление, правовые акты, независимость государства.

THE HISTORY OF THE EMERGENCE AND DEVELOPMENT OF THE PRESIDENTIAL INSTITUTION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The presidential institution in the Republic of Tajikistan is a new constitutional, political and legal phenomenon, in which the President is recognized as the head of state and executive power. This institution corresponds to the classical model of the separation of powers, and its main goal is to ensure the effectiveness of state administration and the prompt implementation of administrative decisions.

Keywords: Presidential institution, Republic of Tajikistan, separation of powers, Constitution of the Republic of Tajikistan, sovereignty, public administration, legal acts, state independence.

Маълумот дар бораи муаллиф: Азизова Руфина - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми факулети хуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17; Телефон: [+992]988-39-39-99] . Email:balboatot@gmail.com

Сведения об авторе: Азизова Руфина – Таджикский национальный университет, магистр 2 курса юридического факультета. Адрес:734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудакӣ 17; Телефон: 007-97-95-95

Information about the author: Azizova Rufina – Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Law, **Address:** 734025, Republik of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: 007-97-95-95

ЗИНАҲОИ ТАТБИҚИ ҲУҚУҚ

Акрамзода Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар рафти татбиқи ҳуқуқ ҳолатҳои воқеии кор ҷамъу таҳлил мегарданд, меъёрҳои дахдори ҳуқуқ интихоб, таҳлил ва тафсир карда шуда, вобаста ба ҳолатҳои ҷудогонаи ҳаётӣ ва шахсони муайяи мушаххас карда мешаванд, санадҳои ҳуқуқтатбиқсозӣ қабул мешаванд, иҷроиши ин санадҳо бо чораҳои ҳифзи ҳуқуқӣ таъмин мешавад.

Аз ин хотир, татбиқи ҳуқуқ зина ба зина сурат мегирад. Риояи онҳо кафолати татбиқи қонунӣ ва самараноки ҳуқуқ мебошад. Чунончӣ, интихоб ва татбиқи меъёри ҳуқуқ бидуни санҷидани ҳолатҳои воқеии кор мумкин нест, анҷом додани татбиқи меъёри ҳуқуқ бидуни қабули санади ҳуқуқтатбиқсозӣ ғайриимкон аст.

Бар замми ин, зинаҳои татбиқи ҳуқуқ бо ҳамдигар алоқаи мантиқӣ доранд. Чунончӣ, аввал ҳолатҳои воқеии кор санҷида мешаванд, сипас, дар заминаи онҳо меъёри ҳуқуқ интихоб мешавад[1]. Бе таҳлили ҳолатҳои воқеӣ ва ҳуқуқии кор қабули санади татбиқи ҳуқуқ имконнопазир аст. Барои ҳамин, омӯзиши зинаҳои татбиқи ҳуқуқ ва риояи онҳо аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Фаъолияти татбиқи ҳуқуқ аз зинаҳои зерин иборат аст:

1)таҳлили ҳолатҳои воқеии кор;

2)муайян намудани асосҳои ҳуқуқии кор;

3) қабули санади татбиқи ҳуқуқ.

Таҳлили холатҳои воқеии кор зинаи аввали татбиқи ҳуқуқ мебошад, ки дар рафти он ҷамъ, таҳлил ва баҳодиҳии ҳолатҳои воқеӣ, ки барои ҳалли кор заруранд, сурат мегирад.

Аз ҳолатҳои воқеии ҷамъшуда, таҳлили ҳаматарафаи онҳо тақдири минбаъдаи парванда ё баҳси ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Ҷамъ, таҳлил ва баҳои ҳолатҳои воқеӣ бо дарназардошти моҳияги кор, зарурати ҳалли самаранок ва қонунии кор, риояи талаботи қонун анҷом дода мешавад. Барои ҳамин, мақомоти татбиқи ҳуқуқ ҳақ надоранд худсарона, бархилофи талаботи қонун ҳолатҳои воқеиро ҷамъу таҳлил намоянд, ба онҳо баҳо диҳанд.

Таҳлили ҳолатҳои воқеии кор бо риояи талаботи зерин анҷом дода мешавад:

Доираи зарури ҳолатҳои воқеӣ бояд муайян карда мешаванд. Қабл аз ҷамъи ҳолатҳои воқеӣ, доираи онҳоро бояд муайян намуд. Ҳамон ҳолатҳои воқеӣ ҷамъ карда мешаванд, ки барои ҳалли баҳс ё парвандаи ҳуқуқӣ кофӣ мебошанд.

Ҳамаи ҳолатҳои кор бояд ҷамъ карда шаванд. Сарфи назар намудани ягон ҳолати воқеӣ мумкин нест, вагарна ҳақиқат таъмин намешавад.

Ҳолатҳои воқеӣ бо риояи талаботи қонун ҷамъ карда мешаванд. Чунончи, ба даст овардани далелҳои шайъӣ, нишондоди шоҳидон, сабти суҳбати телефонӣ ва ғ. бояд бо риояи қонун, аз ҷумла талаботи Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ сурат гирад.

Ҳолатҳои воқеӣ, агар дар қонун ба онҳо пешакӣ ишора шуда бошад, бояд мутобиқи қонун ҷамъ карда шаванд.

Ҷамъи ҳолатҳои воқеӣ аз ҷумла дар фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯй, тафтишотӣ, прокурорӣ, судӣ ва ғ. дар ҳолатҳои зарурӣ расмӣ карда мешавад.

Ҳамаи ҳолатҳои воқеии ҷамъшуда ҳаматарафа, бо истифодаи қоидаҳо ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ таҳлил карда мешаванд. Таҳлили ҳолатҳои воқеӣ бо мақсади муайян намудани аҳамияти ҳуқуқии онҳо анҷом дода мешавад. Чунонч, дар ин ҳолатҳо қоидаҳои муайян намудани ҳакконияти фактҳои ҳуқуқӣ истифода мешаванд, фактҳои нуқсоннок, қалбакӣ муайян ва бартараф карда мешаванд.

Ба ҳар як ҳолати воқеӣ баҳои ҳуқуқӣ дода мешавад. Ҳолатҳои ҷудогонаи ҳаётӣ дар ҳолати аҳамияти ҳуқуқӣ доштанашон асоси ҳалли баҳс ё кор мешаванд. Баҳодиҳӣ ба ҳолатҳои воқеӣ бо мақсади муайян намудани ҳақиқати баҳс ё парванда анҷом дода мешавад. Дар рафти баҳодиҳӣ ҳакконияти ҳар як ҳолати вокеӣ муайян карда мешавад. Чунончи, синни инсон, вазъи шаҳрвандӣ, вазъи амволӣ ва ғ. бояд исбот карда шаванд.

Исботи далелҳо махсусан дар соҳаи татбиқи қонунгузории мурофиавӣ аҳамияти муҳим дорад.

Як қатор фактҳои ҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ пешбинӣ мешаванд. Дар ин ҳолат мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, судӣ онҳоро тибқи нишондоди қонун ҷамъу таҳлил мекунанд. Дар мавридҳои дигар, ҳолатҳои воқеиро як мақомот ё шахсони ваколатдор ҷамъ намуда, қарор оид ба онҳо аз ҷониби мақомот ё шахсони мансабдори дигар қабул мешавад [2].

Дар ҳар сурат ҳолатҳои воқеӣ бояд ҳаматарафа санҷидаву омӯхта шаванд. Барои ин усулҳои гуногун истифода мешаванд. Яке аз ин усулҳо исботи далелҳо мебошад, ки тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ сурат мегирад. Барои санҷидани ҳолатҳои воқеӣ намудхои гуногуни экспертиза низ таъйин мешаванд ё хулосаи мутахассис гирифта мешавад.

Дар ҳама гуна ҳолатҳо фактҳои ҳуқуқии ҷамъшуда бояд санҷида шаванд, зеро маҳз онҳо асоси ҳалли парванда ё баҳс мешаванд, дар заминаи онҳо санадҳои дахлдори татбиқи ҳуқуқ қабул мешаванд.

Илова бар ин, ҳолатҳои воқеии кор бояд пурра бошанд. Одатан қонун ба теъдоди зарури ҳолатҳои воқеӣ ишора мекунад. Чунончи, барои таъйини нафақа, қабул ба муассисаи таҳсилоти олӣ, додани шаҳодатномаи ронандагӣ ва ғ. теъдоди муайяни ҳолатҳои воқеӣ, аз қабили собиқаи кор, синни муайян, шаҳодатномаи хатми мактаби таҳсилоти умумӣ, балҳои зарури тестӣ ва диг. пешбинӣ мешаванд.

Санҷиши ҳар як ҳолати воқеии кор вазифаи субъектони татбиқи ҳуқуқ аст. Онҳо ҳаққонияти ин ҳолатҳои воқеиро муайян мекунанд, фактҳои қалбакӣ ё сохтаро ошкору бартараф мекунанд. Ҳамзамон, ҳолатҳои воқеии кор бояд дар чорчӯбаи қонун, тибқи ваколатҳои мақомоти давлатӣ ва шахси мансабдор ҷамъ карда шаванд.

Муайян намудани асосҳои ҳуқуқии кор зинаи татбиқи ҳуқуқ мебошад, ки дар он меъёрҳои ҳуқуқ ва дигар муқаррароти меъёрии ҳуқуқӣ интихоб, таҳлил ва тафсир карда мешаванд.

Муайян намудаи асосҳои ҳуқуқии баҳс ё парвандаи ҳуқуқӣ амалҳои зеринро талаб мекунад:

а) интихоби меъёри ҳуқуқ ва дигар муқаррароти меъёрии ҳуқуқӣ (принсипҳои ҳуқуқ, мафҳумҳои ҳуқуқӣ ва ғ.);

б) истифодаи матни расмии санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки меъёри интихобшударо дар бар мегирад;

в) таҳлили техникӣ-ҳуқуқии (забонӣ, мантикӣ ва дигари) матни меъёри ҳуқуқ;

г) таҳлили амали меъёр дар замон, макон, нисбат ба шахсони муайян;

д) тафсири меъёри ҳуқуқ бо истифода аз намудҳо ва тарзҳои тафсири ҳуқуқӣ.

Интихоби меъёри ҳуқуқ бо дарназардошти талаботи зерин анҷом дода мешавад:

а) меъёре интихоб мешавад, ки асоси ҳалли баҳс ё парвандаи ҳуқуқӣ шуда метавонад;

б) дар мавридҳои алоҳида якчанд меъёрҳо, аз ҷумла меъёрҳое, ки бо ҳам алоқаи мантиқӣ доранд, ҳамдигарро илова мекунанд, интихоб мешаванд;

в) меъёри ҳуқуқ бо дарназардошти нуктаҳои умумӣ, принсииҳои умуми ва соҳавии ҳуқуқ, аз ҷумла талаботи қисми умумии кодексҳо интихоб мешавад;

г) мавқеи меъёри ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқ, соҳа, институти ҳуқуқ муайян карда мешавад;

д) ихтилофоти байни меъёрҳо, агар ошкор карда шаванд, муайян карда шуда, ба инобат гирифта мешаванд ва дар ҳолатҳои зарурӣ (дар робита бо салоҳияти субъекти татбиқи ҳуқуқ) бартараф карда мешавад.

Зимни татбиқи ҳуқуқ меъёрҳои умумӣ ва махсус татбиқ карда мешаванд. Ҳангоми татбиқи меъёрҳои умумӣ ва махсус, ки як намуди муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунанд, меъёрҳои махсус истифода мешаванд.

Дар ҳолати ошкор шудани ихтилофи байни меъёрҳо коидаҳои зерин риоя карда мешаванд:

а) агар ихтилоф байни меъёрҳои муқаррарнамудани макомоти гуногуни ҳуқуқэҷодкунӣ ошкор шавад, иас меъёри санади меъёрии ҳуқуқии дорои эътибори баландтари ҳуқуқӣ татбиқ мешавад;

б) агар ихтилоф байни меъёрҳои ҳамон як мақомои ҳуқуқэҷодкунӣ ошкор гардад, пас меъёре истифода мешавад, ки дертар қабул шудааст;

в) агар ихтилофи байни меъёрҳои қонун ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда ошкор гардад, пас санади байналмилалӣ татбиқ мешавад.

Татбиқи ҳуқуқ ҳамеша бо меъёри ҳуқуқ вобаста нест. Қонун ҳолатҳоеро пешбинӣ мекунад, ки баҳси ҳуқуқӣ бидуни меъёри ҳуқуқ ҳал карда мешавад. Татбиқи ҳуқуқ дар ҳолати ҷой надоштани меъёри ҳуқуқ бо истифода аз қиёс (қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ) анҷом дода мешавад [3].

Ҳангоми татбиқи меъёри ҳуқуқ матни расмии он муайн карда мешавад. Меъёрҳое татбиқ мешаванд, ки дар матни расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода шудаанд. Он санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ татбиқ мешаванд, ки дар манбаи расмӣ интишор шудаанд. Тибқи м. 66 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»:

1. Сарчашмаи расмии интишори санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф кардааст, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиеи Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон, рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Садои мардум» мебошанд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) ба мақомоти нашри расмӣ ворид шудаанд, бояд дар муҳлаги на дертар аз 10 рӯз аз лаҳзаи воридшавӣ интишор гарданд.

Сарчашмаи расмии интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мӯҳтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва раисони Вилояти Мӯҳтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе рӯзномаҳои вилоятӣ ва шаҳрии дахлдор мебошанд. Сарчашмаи расмии интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳия, раисони шаҳру ноҳия ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот рӯзномаҳои шаҳрӣ ва ноҳиявии дахлдор мебошанд.

Сарчашмаҳои матни расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар қисми 1 ҳамин модда пешбинигардида, инчунин Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷмӯи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

3. Тартиби интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Зимини таҳлили меъёри татбиқшаванда ба амали он дар замон, макон, нисбат ба шахсони муайян таваҷҷуҳ бояд намуд. Бо ин мақсад эътибори ҳуқуқӣ доштани меъёр, тағйиру иловаҳои он, амали он дар ҳудуде, ки дар он баҳс ё парвандаи ҳуқуқӣ ҳал мешавад, иаҳн шудани он ба иштирокчиёни муносибати ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Истифодаи меъёрҳои катъшуда, меъёрҳои ҳоло эътибори ҳуқуқӣ пайдонакарда асоси ҳуқуқии кор шуда наметавонанд.

Бо мақсади таҳлили мазмуни меъёри ҳуқуқ тафсири он анҷом дода мешавад. Меъёри ҳуқуқ бо истифода аз тарзҳои тафсири мантиқӣ, забонӣ, низомнок, иҷтимой-ҳуқуқӣ тафсир мегардад [4].

Қабули санади татбиқи ҳуқуқ зинаи татбиқи ҳуқуқ мебошад, ки дар он парванда ё баҳси ҳуқуқӣ ҳал карда мешавад.

Муайян намудани асосҳои воқеӣ ва ҳуқуқии кор зинаҳои омодасозии татбиқи ҳуқуқ буда, маҳз бо қабули санади татбиқи ҳуқуқ баҳс ва парвандаи ҳуқуқӣ ҳалли худро меёбанд. Санади татбиқи ҳуқуқ (ҳукм, ҳалнома, фармон ва м.и.) дар заминаи асосҳои воқеӣ (фактҳои ҳуқуқии санҷидашуда ва исбоггангга) ва ҳуқуқии кор (меъёрҳои ҳуқуқии муайяну тафсиршуда) қабул мешавад. Қабули санади татбиқи ҳуқуқ аҳамияти муҳим дорад, чунки баҳс ё парвавдаи ҳуқуқиро ҳал мекунад, дар ҳолатҳои зарурӣ, аз ҷумла ҳангоми татбиқи ҷазои ҷиноятӣ тақдири инсонро муайян мекунад, бо манфиатҳои инсон ҳангоми таъйини нафақа, чудо намудани қитъаи замин ва ғ. робита дорад.

Дар зинаи қабули санади татбиқи ҳуқуқ амалҳои зерин анҷом дода мешаванд:

а) таҳияи лоиҳаи санади татбиқи ҳуқуқ бо риояи талаботи қонун ва қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ;

б) қабули санади татбиқи ҳуқуқ;

в) бақайдгирии санади табиқи ҳуқуқ;

г) ба маълумоти шахсони манфиатдор расонидани санади татбиқи ҳуқуқ;

д) таъмини иҷрои санади татбиқи ҳуқуқ;

е) назорат аз болои иҷрои санади татбиқи ҳуқуқ.

Санади татбиқи ҳуқуқ бо роҳҳои гуногун ба маълумоти шахсони манфиатдор расонида мешавад. Чунончи, ҳукми суд дар толори мачлиси судӣ эълон мегардад, фармони роҳбари корхона, муассиса, ташкилот ба маълумоти корманд расонида мешавад, фармони Президент дар хусуси ба вазифа таъйин намудан ва диг. тавассути воситаҳои ахбори омма эълон карда мешавад ва ғ.

Як қатор санадҳои татбиқи ҳуқуқ, аз қабили фармони роҳбари корхона ё муассиса дар хусуси ба кор қабул намудан, ба вазифа таъйин намудан ва м.и. дар дохили корхона ё муассиса қабул ва иҷро карда мешаванд. Дар ин ҳолатҳо иҷроиши санадҳо зери назорати маъмурияти ҳамин корхона ё муассиса қарор мегирад. Маъмурият манифиатдор аст, ки санади қабулкардаашро ба иҷро расонад. Чунин санадҳо дар дохили корхона ё муассиса фавран ба маълумоти коркунони он расонида мешазанд.

Як қатор санадҳои татбиқи ҳуқуқ аз ҷониби як мақомот қабул шуда, вале иҷрои онро мақомоти дигар таъмин мекунанд. Чунончи, ҳукми айбдории судро муассисаҳои адои ҷазои Вазорати адлия иҷро мекунанд. Дар ин ҳолатҳо санади татбиқи ҳуқуқро як мақоми давлатӣ қабул намуда, иҷрои он дар мақоми дигар сурат мегирад.

Назорати иҷрои санадҳои татбиқи ҳуқуқ ба зиммаи мақомоти дахдор гузошта мешавад. Чунончи, иҷрои ҷазоҳои чиноятиро мақомоти прокуратура назорат мекунанд, роҳбарони корхона, муассиса, ташкилот иҷрои санадҳои худро назорат мекунанд, мақомоти болой иҷрои санадҳои мақомоти поёниро зери назорат мегиранд.

АДАБИЁТ

1. Ожегов С.И. Словарь русского языка. – М.: ООО Изд-во «Мир и образование», 2004. – С. 348.
2. Философский словарь / под ред. И.Т. Фролова. – М.: Политиздат, 1991. – С. 186.
3. Философский энциклопедический словарь / гл. редакция: Л.Ф. Ильичев, П.Н. Федосеев, С.М. Ковалев, В.Г. Панов. – М.: Изд-во «Советская энциклопедия», 1983. – С. 252.
4. Гегель Г.В.Ф. Энциклопедия философских наук. - Т. 1: Наука логики. - М., 1974. - С. 216.
5. Харрингтон Дж. Управление качеством в американских корпорациях. – М., 1990. – С. 69.
6. Зинченко В.П., Мунипов В.М., Рубахин В.Ф. Психологические проблемы эффективности качества труда // Психологический журнал. – 1984. – Том 5. - № 2. – С. 25 – 26; Окрепилов В.В. Всеобщее управление качеством: в 4-х кн. – СПб., 1998.; Цвигун И.В. Генезис понятия «качество» // Вестник Иркутской государственной академии. – 1998. - № 14. – С. 71.

7. Миннекес И.А. Индивидуальное правовое регулирование: (теоретико-правовой анализ): автореф. дис…докт. юрид. наук. – Екатеринбург, 2009. – С. 17. 52 с.

ЗИНАҲОИ ТАТБИҚИ ҲУҚУҚ

Дар рафти татбиқи ҳуқуқ ҳолатҳои воқеии кор ҷамъу таҳлил мегарданд, меъёрҳои дахдори ҳуқуқ интихоб, таҳлил ва тафсир карда шуда, вобаста ба ҳолатҳои ҷудогонаи ҳаётӣ ва шахсони муайян мушаххас карда мешаванд, санадҳои ҳуқуқтатбиқсозӣ қабул мешаванд, иҷроиши ин санадҳо бо чораҳои ҳифзи ҳуқуқӣ таъмин мешавад. Аз ин хотир, татбиқи ҳуқуқ зина ба зина сурат мегирад. Риояи онҳо кафолати татбиқи қонунӣ ва самараноки ҳуқуқ мебошад. Бар замми ин, зинаҳои татбиқи ҳуқуқ бо ҳамдигар алоқаи мантиқӣ доранд. Чунончӣ, аввал ҳолатҳои воқеии кор санҷида мешаванд, сипас, дар заминаи онҳо меъёри ҳуқуқ интихоб мешавад.

Калидвожаҳо: рафти татбиқи ҳуқуқ, таҳлил, меъёрҳои ҳуқуқ, интихоб, тафсир, санадҳои ҳуқуқтабиқсозӣ, иҷроиши санадҳо, чораҳои ҳифзи ҳуқуқ.

ЭТАПЫ РЕАЛИЗАЦИИ ЗАКОНА

В процессе правоприменения собираются и анализируются реальные дела, отбираются, анализируются и толкуются нормы права, уточняются в зависимости от жизненных ситуаций и конкретных лиц, принимаются правовые акты, а их исполнение обеспечивается мерами правовой защиты. Таким образом, осуществление права происходит поэтапно. Их соблюдение является гарантией правового и эффективного применения права. Кроме того, этапы правоприменения логически взаимосвязаны. Например, сначала рассматриваются реальные дела, а затем на их основе отбирается правовая норма.

Ключевые слова: Процесс применения права, анализ, правовые нормы, отбор, толкование, имплементационные правовые акты, обеспечение исполнения актов, меры правовой защиты.

LAW IMPLEMENTATION STAGES

In the process of law enforcement, real cases are collected and analyzed, the norms of law are selected, analyzed and interpreted, and are specified depending on individual life situations and specific individuals, legal acts are adopted, and the implementation of these acts is ensured by legal protection measures. Therefore, the implementation of law occurs step by step. Their observance is a guarantee of the legal and effective implementation of law. In addition, the stages of law enforcement are logically interconnected. For example, first the real cases are examined, and then, on their basis, the legal norm is selected.

Keywords: The process of applying law, analysis, legal norms, selection, interpretation, legal implementing acts, enforcement of acts, legal protection measures.

Маълумот дар бораи муаллиф: Акрамзода Фазлиддин - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри соли 2-юми факулети ҳуқуқшиносӣ. Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17; Телефон: [+992] 990-90-06-46.

Сведения об авторе: Акрамзода Фазлиддин – Таджикскиӣ национальныӣ университет, магистр 2 курса юридического факультета. Адрес:734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудакӣ 17; Телефон: [+992] 990-90-06-46.

Information about the author: Akramzoda Fazliddin – Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republik of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: [+992] 990-90-06-46.

ПРИНСИПИ ЭҲТИМОЛИЯТИ БЕГУНОҲӢ ДАР ДАВРАИ ТАҲҚИҚ ВА

ПЕШБУРДИ ТАФТИШИ ПЕШАКИИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ

Асадова О. Ф.
Донишгоҳи миллии тоҷикистон

Пешбурди тосудии парвандаи ҷиноятӣ (таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ), сабабу асосҳо ва тартиби оғози парвандаи ҷиноятӣ, расмиёти мурофиавӣ ва дигар амалҳои тафтишотӣ дар фаслҳои 6-7-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими ҳуқуқии худро ёфтаанд.

Мувофиқи моддаи 140 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ иборатанд аз:

- ариза дар бораи ҷиноят;
- ҳозир шудан бо иқрори гуноҳ;
- иттилооти шахси мансабдори корхона, муассиса ва ташкилот;
- иттилоот дар воситаҳои ахбори омма;
- аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ё прокурор бевосита ба даст овардани маълумоте, ки ба аломатҳои ҷиноят ишора мекунанд.

Ҳангоми мавҷуд будани яке аз асосҳои пешбиникардаи моддаи мазкур таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул мекунанд. Дар қарор вақт ва маҳалли қабули он, аз ҷониби кӣ қабул карда шудани он, сабаб ва асосҳо барои оғози парванда, моддаи Кодекси ҷиноятӣ, ки тибқи он парвандаи ҷиноятӣ оғоз шудааст, инчунин самти минбаъдаи парванда нишон дода мешавад. Нусхаи қарор дар бораи оғози парвандаи ҷиноятӣ фавран ба прокурор равон карда, ба аризадиҳанда хабар дода мешавад.

Тибқи қонун таҳқиқи парвандаҳои ҷиноятӣ дар хусуси ҷиноятҳои пешбинишуда дар моддаҳои 119, 120, 125 қисми 1, 126, 131 қисми 1, 171, 195 қисми 4, 213 қисми 1, 230, 232, 234, 235, 237 қисми 1, 238, 242 қисми 1, 243, 244 қисми 1, 252 қисми 1, 254 қисми 1, 255 қисми 1, 256, 259 қисми 1, 286 қисми 1, 294, 341, 342 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти таҳқиқ анҷом дода мешавад[1]. Фаъолияти мақомоти таҳқиқ вобаста ба амалиёташон бо парвандаҳое, ки доир ба онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмист ё ин ки бо парвандаҳое, ки доир ба онҳо пешбурди тафтиши пешакӣ ҳатмӣ нест, фарқ мекунад, ки тартиби онҳо дар моддаҳои 153-154 КМҶ пешбинӣ шудаанд.

Тафтишоти парвандаҳои ҷиноятӣ бошад мутобиқи тобеияти тафтишии пешбининамудаи КМҶ аз ҷониби муфаттишони мақомоти прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, мубориза бо коррупсия, назорати маводи нашъаовар анҷом дода мешавад. Лекин прокурор ҳуқуқ дорад ҳама гуна парвандаҳои ҷиноятиро мувофиқи тартиби пешбининамудаи моддаҳои 161, 168-169 КМҶ ба пешбурди худ қабул намояд. Тафтиши пешакии ҳамаи парвандаҳои ҷиноятӣ ба истиснои парвандаҳои ҷиноятии дар моддаи 151 КМҶ ҶТ зикр шуда, ҳатмӣ мебошад[2]. Пешбурди тафтиши пешакӣ танҳо пас аз оғози парвандаи ҷиноятӣ ва бо тартиби муқарраркардаи КМҶ ҶТ гузаронида мешавад.

Дар марҳилаи аввали тафтишоти пешакӣ яке аз се ҳолатҳои мазкур вуҷуд дошта метавонад: дар парванда ягон далел мавҷуд нест, ки ба шахси мушаххас барои ба ҷавобгарӣ кашиданаш асос шавад; мақомоти тафтишоти пешакӣ маълумоти заруриро доранд, вале расман ҳеҷ кас ба сифати гумонбар ё айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ ҷалб нагардидааст; гумонбаршуда (айбдоршаванд) муайян аст.

Эҳтимолияти бегуноҳӣ ба таври возеҳу равшан дар сурате амал мекунад, ки тафтиши пешакӣ дар шароити ҳолати охирини баёншуда ибтидо мегирад, яъне агар гумонбари ҷиноят маълум бошад.

Қонунгузории амалкунанда ба василаи васеъ намудани ҳуқуқҳои мурофиавии гумонбаршуда ба андозаи муайян кафолатҳои эҳтимолияти бегуноҳиро муқаррар кардааст. Ба гумонбаршуда ҳуқуқ дода мешавад, ки ҳама гуна маълумотеро, ки барои содир кардани ҷиноят ӯро гумонбар мешуморанд, мавриди баҳс қарор диҳад. Принсипи мазкур чун асос барои таҳлили қоидаҳои мурофиавӣ ва татбиқи чораҳои маҷбурии мурофиавӣ хизмат мерасонад. Дар асоси он, ки ҳангоми дастгирнамоӣ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо шахсияте сару кор мегиранд, ки гунаҳгории ӯ ҳоло муқаррар нашудааст, аз ин рӯ қонун талаб намекунад,

ки дар протоколи боздошт далелҳои кофӣ, ки гунаҳгории гумонбарро дар содир кардани ҷиноят дақиқан тасдиқ менамоянд, оварда шаванд.

Вобаста ба хусусиятҳои парвандаҳои ҷиноятӣ маълумот ва далелҳои кофии ба парванда аҳамиятнокро метавон якҷоя бо оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ба даст овард, ё баъдан, бо гузашти муҳлатҳои муайян. Қонун барои қабули қарор масъалаи кофӣ ҳисобидани далелҳои ҷамъовардашударо дар кадом вақту шарту шароит мушаххасан танзим намекунад. Ҳалли ин масъала низ вобаста аст аз махсусиятҳои ҳар як парвандаи ҷиноятӣ ва эътимоди ботинии муфаттиш (таҳқиқчӣ) ҳангоми баҳо додан ба далелҳои ҷамъовардашуда. Дар ҳолати бе асосҳои кофӣ ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс эҳтимолияти бегуноҳӣ ба таври ҷиддӣ вайрон мегардад. Масъалаи аз вақти қабули қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидан, бо саволи «оё муфаттиш эҳтимолияти бегуноҳиро бояд ба роҳбарӣ гирад?» зич алоқаманд аст. Агар ҳа, пас то ба кай? Аз ҷиҳати назариявӣ ҳамин савол ҳам бо роҳҳои гуногун ҳал мешавад: баъзе мурофиачиён эҳтимолияти бегуноҳиро ба эътибор нагирифта, амали онро дар ҷараёни тафтишот рад мекунанд, дигарон чунин мешуморанд, ки эҳтимолияти бегуноҳиро то лаҳзаи айб эълон намудан ба роҳбарӣ гирифта лозим аст.

Андеша оиди он, ки ба ҷавобгарӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда бо тамоми оқибатҳои он маънои гунаҳгор пиндоштани шахс дар содир намудани ҷиноятро надорад, на фақат дар мисолҳои алоҳида доир ба парвандаҳои мушаххас, балки дар маълумотҳои умумиэътирофшуда низ тасдиқи худро ёфтааст.

Баъди анҷоми тафтишот ва таҳқиқи парванда исбот кардан душвор аст, ки айбдоршаванда худро дидаву дониста, қасдан, ё бо таъсиррасонӣ гунаҳгор ҳисобидааст: бо сабабҳои шахсӣ, ё таҳти фишори муфаттиш, прокурор ва суд, шиканҷа, тарс, худро гум кардан, идора карда натавонистан, надонистани қонун ва ё дар натиҷаи истифодаи «ҳиллаҳои мурофиавӣ» ва «домҳои психологӣ». Валекин, ҳангоми муайян намудани худтуҳматкунӣ бо сабабҳои хислати (фаҳмиши) шахсӣ ҷуброни «зарар» набояд ҷой дошта бошад.

Барқарор намудани ҳақиқат ва тантанаи адолат – уҳдадорӣ ва масъулияти бузурги мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад. Ҳолати далелҳои бо парванда ҷамъоваришуда ва фикру мулоҳизаи муфаттиш, прокурор, суд нисбати айбдоршаванда чи гунае набошанд, дар ҳар сурат бо парвандаи ҷиноятӣ риоя ва иҷрои талаботи қонунгузорӣ дар бораи пурра, ҳаматарафа, холисона ва объективона бурдани тафтишот бояд қатъиян таъмин карда шаванд. Барои ҳалли масъала оиди гунаҳгории шахс бояд ҳамаи ҳолатҳои сафедкунандаи айбдоршаванда, (ё ба манфиати ӯ буда) бо тартиби қонунӣ бартараф карда шаванд. То вақти бартараф нагардидани чунин ҳолатҳо гунаҳгор шуморидани айбдоршаванда ва ҳатто дар ин хусус хулоса намудан мумкин нест.

Як чизи хеле муҳимро бояд қайд намоем, ки агар барои гунаҳгор эътироф намудани шахс далелҳои боэътимод, кофӣ ва ҷиддӣ, ки гуноҳро бидуни шубҳа исбот мекунанд, талаб карда шавад, барои сафед намудани шахс бошад чунин талабот вуҷуд надорад. Ҳаминаш басанда аст, агар айби эълоншуда ва шубҳаҳои мавҷудбуда исбот карда нашаванд.

Қоидаи бартараф нашудани шубҳаҳо, ки ба манфиати айбдоршаванда маънидод мегарданд, на танҳо ба санадҳои айбдоркунанда, балки нисбати далелҳои сафедкунанда низ дахл доранд. Тавре ки М.С. Строгович барҳақ қайд мекунад: «Шакку шубҳа дар факте, ки айбдориро инкор мекунад, ҳамеша ба маънои шубҳа дар факте, ки айбдорӣ пешниҳод кардааст, фаҳмида мешавад»[3]. Ин муқаррарот на танҳо дар тафтишоти пешакӣ, балки барои давраҳои дигари мурофиавӣ низ хеле муҳим аст.

Дар давраи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ қоидаи ҳатмии риояи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ин аст, ки оғози парвандаи ҷиноятӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани асосҳои кофии ба аломатҳои ҷиноят ишоракунанда имконпазир аст (м.140 КМҶ ҶТ). Илова бар ин, шарти ҳатмии амалисозии принсипи мазкур иштироки ҳимоятгар дар парвандаи ҷиноятӣ маҳсуб меёбад. Гумонбаршуда (айбдоршаванда) мутобиқи моддаи 49 КМҶ ҶТ ҳуқуқ ба ҳимоя дорад. Дар ҳолатҳои зерин ӯ метавонад бидуни ягон маҳдудият аз ин ҳуқуқи худ истифода барад:

аз лаҳзаи воқеан дастгир намудани шахс ба сифати гумонбар;

аз лаҳзаи нисбати шахс оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ;

аз лаҳзаи қабули қарор дар бораи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда ва эълони айб;

аз лаҳзаи эълон намудани қарор дар бораи нисбати гумонбаршуда таъин намудани экспертизаи судӣ-психиатрӣ;

аз лаҳзаи оғози татбиқсозии чораҳои дигари мурофиавӣ, ё дигар амалҳои тафтишотӣ, ки ба ҳуқуқу озодиҳои гумонбаршаванда дахл доранд.

Шахсе, ки ба сифати гумонбар ё айбдоршаванда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудааст, дар ҳолатҳои истисноӣ нисбаташ бо асосҳои дар моддаҳои 101-103 КМҶ ҶТ пешбинишуда, чораи пешгирӣ татбиқ карда мешавад. Чораҳои пешгирӣ амалҳои маҷбурие мебошанд, ки дар ҳаққи гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда барои пешгирии аз тарафи онҳо содир шудани ҷиноят ё ҳаракатҳои халалдоркунандаи пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, инчунин барои таъмини иҷрои ҳукм татбиқ карда мешаванд[4].

Мутобиқи моддаи 102 КМҶ ҶТ мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ танҳо дар ҳолате чораи пешгириро татбиқ карда метавонанд, агар:

- далелҳои аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ ҷамъ овардашуда асоси кофӣ диҳанд, ки гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда метавонанд аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ва суд пинҳон шаванд;

- гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ба тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ ё баррасии он аз тарафи суд мамониат кунанд, аз ҷумла маводи барои парванда аҳамиятдоштаро пинҳон ё сохтакорӣ кунанд ё бо роҳи ғайриқонунӣ ба шахсони дар мурофиаи ҷиноятӣ иштироккунанда таъсир расонанд, бе сабабҳои узрнок бо даъвати мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ ҳозир нашаванд, ҷинояти дигарро содир намоянд, ба иҷрои ҳукм монеъ шаванд.

Дар асоси қонун ҳангоми зарурати татбиқи чораи пешгирӣ нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда хусусияти гумонбаркунӣ ё айбдоркунӣ, шахсият, синну сол ва вазъи саломатии онҳо, намуди машғулият, вазъи оилавӣ ва молумулкӣ, мавҷудияти ҷои доимии истиқомат ва ҳолатҳои дигар бояд ба инобат гирифта шаванд.

«Боздошти тӯлкашида бениҳоят тоқатнопазир мегардад, - менависад В.М. Савитский, - вақте баъдан маълум мешавад, ки шаҳрванд бе асосҳои кофӣ, ғайриқонунӣ дастгир шудааст. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки мақомоти таҳқиқ ё муфаттиш пас аз боздошти гумонбаршуда фавран ба прокурор хабар диҳанд ва прокурор бо қабули иттилоот ҳарчӣ зудтар боздоштро ё тасдиқ, ё ин ки бекор намояд[5].

Дар сурати татбиқ намудани чораи пешгирӣ, агар дар ин ҳолат гумонбаршуда дастгир гардида ва сипас нисбат ба ӯ чораи пешгирӣ дар намуди ҳабс татбиқ шуда бошад, ба ӯ бояд айбдоркунӣ дар муҳлати на дертар аз даҳ шабонарӯз аз лаҳзаи татбиқи чораи пешгирӣ, дар ҳамон муҳлат аз лаҳзаи дастгиркунии воқеӣ эълон карда шавад. Дар акси ҳол мақомоти пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ бояд чораи пешгириро фавран бекор ва шахсро озод намояд. Ин талаботи қатъии қонун мебошад, ки дар он амали эҳтимолияти бегуноҳӣ зоҳир меёбад.

АДАБИЁТ

1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, (2009), моддаи 151.
2. КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (2009), моддаҳои 159-160.
3. Строгович М.С. «Обеспечение обвиняемому права на защиту и презумпции невиновности». - В кн.: Конституционные основы правосудия в СССР, М., 1981 г.
4. КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, (2009) моддаи 101.
5. Савицкий В. М. «Презумпция невиновности». М. 1997 г.

ПРИНСИПИ ЭҲТИМОЛИЯТИ БЕГУНОҲӢ ДАР ДАВРАИ ТАҲҚИҚ ВА ПЕШБУРДИ ТАФТИШИ ПЕШАКИИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ

Дар мақола масъалаҳои татбиқи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар марҳилаҳои таҳқиқ ва тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф асосҳои ҳуқуқии оғози парвандаи ҷиноятӣ, тартиби пешбурди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, инчунин нақши принсипи эҳтимолияти бегуноҳиро дар фаъолияти мақомоти таҳқиқ, тафтишот ва прокуратура баррасӣ менамояд. Ба масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои гумонбаршуда ва айбдоршаванда, татбиқи чораҳои пешгирӣ, иштироки ҳимоятгар ва кафолатҳои мурофиавии шахс диққати махсус дода шудааст. Хулоса карда мешавад, ки риояи қатъии

принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар марҳилаи пешбурди тосудии парвандаи ҷиноятӣ яке аз шартҳои муҳими таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва амалисозии адолати судӣ мебошад.

Калидвожаҳо: эҳтимолияти бегуноҳӣ, таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, мурофиаи ҷиноятӣ, гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҳимоятгар, чораҳои пешгирӣ, ҳуқуқҳои инсон, исботкунӣ, прокуратура, адолати судӣ.

ПРИНЦИП ПРЕЗУМПЦИИ НЕВИНОВНОСТИ НА СТАДИИ ДОЗНАНИЯ И ПРЕДВАРИТЕЛЬНОГО РАССЛЕДОВАНИЯ УГОЛОВНЫХ ДЕЛ

В статье анализируются вопросы реализации принципа презумпции невиновности на стадиях дознания и предварительного расследования уголовных дел. Автор рассматривает правовые основы возбуждения уголовного дела, порядок производства дознания и предварительного следствия, а также роль принципа презумпции невиновности в деятельности органов дознания, следствия и прокуратуры. Особое внимание уделяется вопросам обеспечения прав подозреваемого и обвиняемого, применения мер пресечения, участия защитника и процессуальных гарантий личности. Делается вывод о том, что строгое соблюдение принципа презумпции невиновности на досудебных стадиях уголовного судопроизводства является одним из важнейших условий обеспечения прав и свобод человека и реализации справедливого правосудия.

Ключевые слова: презумпция невиновности, дознание, предварительное расследование, уголовное судопроизводство, подозреваемый, обвиняемый, защитник, меры пресечения, права человека, доказывание, прокуратура, правосудие.

THE PRINCIPLE OF THE PRESUMPTION OF INNOCENCE DURING THE STAGE OF INQUIRY AND PRELIMINARY INVESTIGATION OF CRIMINAL CASES

The article analyzes the implementation of the presumption of innocence during the stages of inquiry and preliminary investigation in criminal proceedings. The author examines the legal grounds for initiating criminal cases, the procedure of inquiry and preliminary investigation, and the role of the presumption of innocence in the activities of investigative bodies, prosecutors, and law enforcement agencies. Particular attention is paid to the protection of the rights of suspects and accused persons, the application of preventive measures, the participation of defense counsel, and procedural safeguards. The article concludes that strict observance of the presumption of innocence during pre-trial criminal proceedings is one of the key conditions for ensuring human rights and freedoms and achieving fair justice.

Key words: presumption of innocence, inquiry, preliminary investigation, criminal proceedings, suspect, accused person, defense counsel, preventive measures, human rights, proof, prosecutor's office, justice.

Маълумот дар бораи муаллиф: Асадова Омина Фаруховна - Донишгоҳи милли Тоҷикистон, магистри соли 2-юми факулети ҳуқуқшиносӣ. Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17; Телефон: [+992] 990-90-06-46.

Сведения об авторе: Асадова Омина Фаруховна – Таджикский национальный университет, магистр 2 курса юридического факультета. Адрес:734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудакӣ 17; Телефон: [+992] 990-90-06-46.

Information about the author: Omina Farukhovna Asadova – Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Law, **Address:** 734025, Republik of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: [+992] 990-90-06-46.

ПЛАНШЕТҲО ВА ТАДҚИҚОТИ ЭКСПЕРТӢ НИСБАТИ ОНҲО

Бегов С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Планшет як компютери сайёр бо экрани сенсорӣ (одатан 7+ дюйм) ҳамчун дастгоҳи асосии вурудӣ мебошад, ки дар байни смартфонҳо ва ноутбукҳо ҷойгоҳи хосро ишғол мекунад. Мақсади асосии он ҳаракат ва истеъмоли мундариҷа (видео, хониш, сайругашт дар интернет) мебошад ва сохтори он дисплей, протсессор, батарея, корпус ва системаи амалиётиро (Android, iOS/iPadOS, Windows) дар бар мегирад[1; 422].

Экрани он (Экрани сенсорӣ): Ҷузъи асосӣ барои вуруд ва баромади иттилоот, аксар вақт қисми осебпазиртарин.

Платформаи сахтафзор: Протсессор, RAM, ROM (флешка), чипи графикӣ.

Батарея: Умри тӯлонии батареяро таъмин мекунад, ки барои ҳаракат муҳим аст.

Корпус: Одатан аз металл ё пластикӣ сохта мешавад, барои ҷузъҳои дохилӣ муҳофизат мекунад.

Системаи амалиётӣ: Сахтафзорро идора мекунад (Android, iPadOS, Windows 10/11).

Модулҳои муошират: Wi-Fi, Bluetooth, 4G/5G.

Қисмҳои периферӣ: Камераҳо (қафо/пеш), баландгӯякҳо, пуркунӣ/ҷеки гӯшмонак.

Планшет (фаронсавӣ: planchette) тахта ё варақи алюминиест, ки барои часпондани коғаз, масалан, ҳангоми сохтани харита ё ҳамчун қисми мизи ҳамвор истифода мешавад[2; 227].

Коғази чопӣ ба каҷшавӣ хеле осебпазир аст (то 2% каҷшавӣ ҳангоми тар) ва часпондани он ба таҳрифи маводи чопшудаи топографӣ мусоидат мекунад. Тахтаҳои алюминии планшет одатан 500 x 500 мм андоза доранд.

Ҳамчунин блокнот ё планшети коғазӣ мавҷуд аст, ки онро клипбоф меноманд. Ин варақи картони ғафс ё маводи дигар аст, ки одатан каме аз варақи А4 калонтар аст ва дорои клип барои часпондани варақаҳои коғаз, шаклҳо ё дафтарча мебошад. Он барои навиштан дар саҳро пешбинӣ шудааст.

Солҳои 1960. PADD консепсияест, ки дар сериали телевизионии "Star Trek" пайдо шудааст. Эҳтимол дорад, ки эҷодкунандагони планшети интернетии iPad аз "Star Trek" илҳом гирифта бошанд, ки дар он дастгоҳи хеле монанд бо номи PADD қариб ним аср вуҷуд дошт. Соли 1968 Newspad консепсияест, ки дар романи "2001: Одиссеяи кайҳонӣ" пайдо шудааст. Дар филми культии соли 1968-и Стэнли Кубрик "2001: Одиссеяи кайҳонӣ", метавон саҳнаеро пайдо кард, ки дар он кайҳоннавардон Дэвид Боуман ва Фрэнк Пул бо дастгоҳи планшети ҳамвор монанд ба iPad кор мекунанд. Артур С. Кларк, муаллифи романи ҳамном ва маводи сарчашмаи филм, дастгоҳи худро "padpad", планшети рӯзнома - алтернативаи оянда ба телевизион ва рӯзномаҳои маъмул дар соли 1968 номид. Дар матни китоб, ин тавсифи кӯтоҳ ба якчанд параграфҳо васеъ мешавад - ҷараёни пайвастаи иттилооти соат ба соат навшуда, ки дар "коғази электронӣ" намоиш дода мешавад, ки ҳар як хабар бо рамзи дурақама муайян карда мешавад:

Dynabook - консепсия барои дастгоҳи таълимӣ. Аз ҷониби Алан Кей соли 1968, ду сол пеш аз таъсиси Xerox PARC сохта шудааст. Кей мехост "компютери шахсӣ барои кӯдакони ҳама синну сол" созад. Ин идея боиси таҳияи прототипи Xerox Alto гардид, ки дар аввал "Dynabook-и пешакӣ" номида мешуд. То аввали соли 1972, он ҳамаи унсурҳои интерфейси графикии истифодабарандаро дар бар мегирифт. Ҷузъи нармафзори ин таҳқиқот забони барномасозии Smalltalk буд, ки мустақилона аз консепсияи Dynabook ҳаёти худро ба даст оварад. Дар моҳи сентябр соли 1982 корпоративӣ дар Паҷаро Дунс, Стив Ҷобс ба кормандони таҳиягари Mac дастгоҳеро ба андозаи банақшагири ҳафтаина нишон дод - як компютери сохташуда, ки бо клавиатура ва экран дар доман ҷойгир аст ва мисли блокнот пӯшида мешавад[3; 138].

Соли 1987 Knowledge Navigator - консепсияи ёвари шахсии планшетӣ, ки аз ҷониби Apple дар соли 1987 муаррифӣ шудааст. Дар соли 1996, DEC DEC Lectrice-и сахтафзорӣ - як компютери планшетӣ, ки барои хондани ҳуҷҷатҳои электронӣ бо экрани сенсории монохром ва вуруди қалам махсусгардонида шудааст - пешгузаштаи ҳама китобҳои электронии муосирро муаррифӣ кард.

Дар соли 2000, 3Com як дастгоҳи планшетӣ барои серфинги веб - 3Com Audrey-ро баровард. Дар соли 2001, Nokia тақрибан 1000 дастгоҳи планшетии серфинги веби Nokia M510-ро баровард, ки системаи амалиётии EPOC-ро идора мекарданд.

7 ноябри соли 2002, Microsoft расман платформаи планшетии Microsoft-ро муаррифӣ кард. 25 майи соли 2005, Nokia аввалин планшети интернетии худ, Nokia 770 Internet Tablet-ро дар Саммити LinuxWorld дар шаҳри Ню Йорк эълон кард. 9 январи соли 2007, дар конфронси MacWorld Expo, Apple, ки директори генералии он Стив Ҷобсро намояндагӣ мекард, компютери ҷайбии iPhone/смартфонро муаррифӣ кард, ки аввалин шуда системаи амалиётии мобилии iOS-и Apple-ро истифода бурд. 7 январи соли 2010, дар CES 2010, Microsoft, ки директори генералии он Стив Балмерро намояндагӣ мекард, консепсияи нави планшети мобилиро бо номи Slate PC муаррифӣ кард. Ин планшетҳои нав беҳтарин хусусиятҳои ноутбук ва смартфонро дар як дастгоҳ муттаҳид мекунанд, ки дар протсессорҳои Intel x86 ва Microsoft Windows 7 кор мекунанд. 27 январи соли 2010 планшети интернетии Apple iPad бо экрани 9,7 дюйм муаррифӣ шуд. Планшети Asus 5 январи соли 2011 Asus Eee Slate EP121 эълон карда шуд. Планшет дар платформаи Intel Calpella сохта шудааст. Гарчанде ки дисплей аз технологияи иқтидор истифода мебарад, қалами Wacom низ дохил карда мешавад[4; 6].

6 январи соли 2011 планшети Motorola XOOM эълон карда шуд, ки системаи нави амалиётии Android 3.0 Honeycomb-и Google-ро, ки махсус барои планшетҳо тарҳрезӣ шудааст, идора мекунад. Он аз платформаи Nvidia Tegra 2 ва Gorilla Glass ултра-устувор истифода мебарад.

7 ноябри соли 2011 планшети Nook эълон карда шуд. Планшет аз ҷониби Barnes & Noble, як фурӯшандаи машҳури китоби амрикоӣ таҳия ва истеҳсол шудааст. Планшети Nook платформаи тағйирёфтаи Google Android 2.3-ро идора мекунад.

Бо вуҷуди истифодаи васеъи онҳо, планшетҳо наметавонанд компютерҳо ва ноутбукҳоро пурра иваз кунанд. Моделҳои арзон, ки камтар аз 1000 сомон арзиш доранд, асосан дастгоҳҳои фароғатӣ мебошанд, ки барои барномаҳои оддӣ тарҳрезӣ шудаанд.

Мушкилот дар он аст, ки муҷаҳҳаз кардани планшетҳо бо сахтафзори пуриқтидортар бартариҳои асосии худро аз даст медиҳад - сабукӣ ва паймон. Ғайр аз ин, клавиатураи сенсорӣ барои кори тӯлонӣ дар коркарди матн номувофиқ аст. Клавиатураи махсуси планшетӣ хеле гарон аст. Ғайр аз ин, агар шахс танҳо вазни иловагӣ дошта бошед, харидани чунин дастгоҳи мобилии гаронбаҳо ба монанди планшет чӣ маъно дорад? Харидани нетбук осонтар аст - он ҳам арзонтар ва ҳам қулайтар аст. Аз ин рӯ, планшетҳо бояд дастгоҳҳои қулай барои сайругашт дар интернет, ҷустуҷӯи маълумот, муошират бо дӯстон, хондан ва тамошои филмҳо ҳисобида шаванд. Онҳо инчунин барои кор бо барномаҳои оддӣ мувофиқанд[5; 127].

Интихоби планшет асосан аз буҷаи шахс барои ин мақсадҳо вобаста аст. Агар буҷаи шахс тақрибан 1000 сомон бошад, шахс набояд сарфа кунад ва ба ҷои он маҳсулотро аз истеҳсолкунандагони бонуфуз бо обрӯи хуб дар бозор харед. Варианти дигар ин аст, ки брендҳои камтар маъруфро интихоб кунед, аммо аввал боварӣ ҳосил кунед, ки онҳо боэътимоданд. Масалан, шахс метавонед тавсияҳои дӯстонро риоя кунад ё шарҳҳои муштариёнро онлайн хонед.

Андозаи хурд;
Вазни сабук (344 грамм);
Системаи операtсионии Android;
Wi-Fi ва Bluetooth;
Ду камера;

Сифати аълои тасвир.

Ин модел аз муштариён шарҳҳои мусбати зиёде гирифтааст, аз ин рӯ тааҷҷубовар нест, ки одамон аксар вақт ин планшетро мехаранд. Варианти дигар дар ин диапазони нархҳо ASUS Nexus 7 16GB мебошад. Илова бар истеҳсолкунандаи бонуфуз, ин модел ба ҳама талаботи муосир ҷавобгӯ аст ва сифати хуби экран ва қарор дорад. Шарҳҳои истифодабарандаон дар интернет низ хеле рӯҳбаландкунандаанд.

Намудҳо ва хусусиятҳои планшетҳо. Тасаввур кардани ҳаёти муосир бе гаҷетҳо душвор аст. Дастгоҳҳои электронӣ моро дар ҳама ҷо иҳота мекунанд: дар хона, дар ҷои кор ва ҳатто дар кӯча. Дастгоҳҳо ҳар рӯз мураккабтар мешаванд ва ба истифодабарандаон хусусиятҳои нав ва беҳтаршударо пешниҳод мекунанд. Бисёриҳо аллакай планшетҳоро қадр кардаанд, дастгоҳи паймоне, ки бо бисёр хусусиятҳои муфид муҷаҳҳаз аст.

Ҳангоми сухан дар бораи планшетҳо, истифодабарандаи оддӣ фавран планшети стандартиро тасаввур мекунад. Чунин дастгоҳ аз протсессор, RAM ва хотираи стандартӣ иборат аст. Вобаста аз хусусиятҳои техникии дастгоҳ, на танҳо нархи он, балки сатҳи кори он низ фарқ мекунад. Планшетҳои буҷавӣ метавонанд аксари барномаҳои муосирро иҷро кунанд, аммо барои нармафзори мураккабтар, беҳтар аст, ки дастгоҳи пешрафтаро интихоб кунед[6; 63].

Ҷузъи асосии чунин дастгоҳ дисплейи он аст. Ҳангоми интихоби планшети стандартӣ, андозаи экран, қарор, вақти вокуниши ламсӣ ва кунҷи тамошои онро ба назар гирад. Ин параметрҳо муҳиманд, зеро онҳо ба роҳатӣ ва осонии истифодаи гаҷет таъсир мерасонанд. Агар истифодабаранда хоҳад, ки мундариҷаи видеоиро дар планшет тамошо кунад, барои пешгирӣ аз хастагии чашм, интихоби модел бо экрани калон арзанда аст.

Қобили зикр аст, ки аксари планшетҳои муосир бо камераҳои баландсифат муҷаҳҳаз мебошанд. Илова бар линзаи асосӣ дар қафои дастгоҳ, инчунин метавонад камераи рӯ ба рӯ низ мавҷуд бошад. Қулайии камераи рӯ ба рӯ на танҳо дар қобилияти гирифтани селфиҳои машҳур, балки дар қулайии зангҳои видеоӣ низ мебошад.

Барои ҳар як истифодабарандаи муосир инчунин қобилияти пайвастшавии планшет ба Интернет муҳим аст, зеро тасаввур кардани ҳаёти ҳаррӯза бе шабакаҳои иҷтимоӣ, системаҳои ҷустуҷӯ ва захираҳои дӯстдоштаи интернетии мо душвор аст[7; 39]. Аксарияти кулли чунин дастгоҳҳо бо модулҳои Wi-Fi муҷаҳҳаз шудаанд, аммо баъзе моделҳо инчунин слот барои корти телефони мобилӣ доранд. Бартарии ин варианти пайвастшавии дуюм дар он аст, ки шахс метавонад ба Интернет дар ҳама ҷо ва дар вақти дилхоҳ дастрасӣ пайдо кунад.

Планшет як дастгоҳи воқеан қулай барои сайругашт дар интернет, вақтхушӣ ва ҳатто таҳсил ё кор аст. Функсия ва кори ин гаҷетҳо воқеан таъсирбахшанд[8; 175].

Аммо илова бар планшетҳои анъанавӣ, дар бозор дастгоҳе бо номи планшети графикӣ низ мавҷуд аст. Ин дастгоҳ ба монанди touchpad-и анъанавӣ кор мекунад. Бо истифода аз қалами электронӣ дар чунин планшет, шахс метавонад аксҳоро кашад, нависад, ретуш кунад ва бисёр амалиётҳои дигарро анҷом диҳад, ки натиҷаҳои онҳо дар диски сахти компютери шахсии шахс захира карда мешаванд.

Ин дастгоҳ на танҳо барои тарроҳон, банақшагирон ва дигар мутахассисони эҷодӣ, балки барои истифодабарандаи оддӣ низ як воситаи муҳим хоҳад шуд. Азбаски бисёре аз планшетҳои графикӣ технологияи бисёртачро дастгирӣ мекунанд, онҳо ба шахс имкон медиҳанд, ки тасвирҳоро бо истифода аз имову ишораҳои оддӣ гардонад, наздик кунад, дур кунад ва дар байни онҳо ҳаракат кунад. Кор бо канваси электронӣ танҳо порти USB ва чанд дақиқа барои насб кардани драйвери зарурӣ лозим аст[9; 244].

Дар натиҷаи баррасӣ ва таҳлили мавзӯи мазкур муаллиф ба хулосае омадааст, ки телефонҳои мобилӣ дар содир кардани ҷиноятҳо имрӯзҳо хеле баланд аст. Ҳатто ҷиноятҳои киберӣ, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ доман паҳн карда истодаанд, тавассути телефонҳои мобилӣ имрӯзҳо содир шуда истодаанд.

Содиршавии ин ҷиноятҳо имрӯзҳо зиёд шуда истодаанд, ки ба шаҳрвандон, муассисаҳои кредитӣ зарари махсусан калон оварда истодаанд. Тибқи маълумотҳои оморӣ ҳамасола беш аз 1.7 миллиард доллар тавассути телефонҳои мобилӣ тасарруф мешаванд, ки фоидаи муфти ҷиноятқорон мебошанд.

Хусусияти криминалистии ин ҷиноятҳо дар он аст, ки субъекти ин ҷиноятҳо ва ҷойи содир кардани ин ҷиноятҳо ҳамеша паси парда боқӣ монда, муфаттишро дар ошкор ва тафтиш кардан ба мушкилии зиёд рӯбарӯ месозад.

АДАБИЁТ

1. Криминалистика: учебник / под ред. Е. П. Ищенко. – М.: ЮРИСТЪ, 2000. – 486 с.
2. Леонтьев А.А. Основы криминалистической экспертизе / А. А. Леонтьев. – М.: Смысл, 1999. – 354 с.
3. Майлис Н. П. Моя профессия – судебный эксперт/ Н. П. Майлис. –М.: Щит–М, 2006. – 168 с.
4. Орлов Ю. К. Заключение эксперта и его оценка (по уголовным делам) / Ю. К. Орлов. – М.: Юристъ, 1995. – С. 6-7.
5. Основы судебной экспертизы: общая теория. – М.: 1997. – 212 с.
6. Современные проблемы судебной телефонной экспертизы. – Харьков: 1999. – 74 с.
7. Жуковский В.В. Комплексная экспертиза как особый вид судебных оценочных и финансово-экономических экспертиз // Известия высших учебных заведений. Серия: Экономика, финансы и управление производством. – 2021. – № 2(48). – с. 36–42. – doi: 10.6060/ivecofin.2021482.532
8. Калинина И.Н., Жижка А.Н., Шевченко А.А. Место и роль судебно-бухгалтерской экспертизы в процессе расследования экономических правонарушений // Вестник Академии знаний. – 2021. – № 42(1). – с. 173–177. – doi: 10.24412/2304–6139–2021– 10904.
9. Кеворкова Ж.А. Концептуальные положения экономической экспертизы в современных условиях хозяйствования экономических субъектов // Экономика и управление: проблемы, решения. – 2014. – № 3. – с. 243–247.

ПЛАНШЕТҲО ВА ТАДҚИҚОТИ ЭКСПЕРТӢ НИСБАТИ ОНҲО

Дар мақоллаи мазкур муаллиф масъаллаҳои мафҳуми планшетҳо, таърихи пайдоиши он, сохти дохилӣ ва берунии он, асосҳои дигаргунсозии планшетҳо, асосҳои гурӯҳбандии планшетҳо, нақши онҳо дар содир кардани ҷиноят, барномаҳое, ки тавассути онҳо ҷиноят содир карда мешавад мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст. Масъаллаҳои тартиби истифодаи планшетҳои мобилӣ, хаккерҳо ва аломатҳои онҳо, барномаҳои зарраровар ва дигар паҳлуҳоро мақоллаи мазкур дар бар мегирад. Муаллиф назари худро инчунин ба масъаллаҳои роҳҳое, ки мутахассисон истифода карда ҷиноятро ошкор мекунанд, роҳҳои бастабандии барномаҳои телефонӣ, навъҳои планшетҳо, ки хаккерҳо истифода мекунанд, тартиби бастабандии барномаҳои планшетӣ ва нест кардани иттилоотҳо нигаронидааст.

Калидвожаҳо: планшетҳо, таснифон, аҳамияти планшетҳо, содир кардан, ҷиноят, ошкор кардан, таҳлили планшет, нуқтаи назар, барномаҳо, смартфон, шабакаҳои иҷтимоӣ, истифода, ҷиноятқорон, хакерҳо, субъекти ҷиноят, истифодаи онлайнӣ, шикаста даромадан, бастабандӣ, истеҳсолот.

ПЛАНШЕТЫ И РЕЗУЛЬТАТЫ ЭКСПЕРТНЫХ ИССЛЕДОВАНИЙ ПО НИМ

В данной статье автор рассматривает и анализирует вопросы концепции планшетов, историю их происхождения, их внутреннюю и внешнюю структуру, основы модификации планшетов, основы группировки планшетов, их роль в совершении преступлений, программы, с помощью которых совершаются преступления. Статья охватывает вопросы использования мобильных планшетов, хакеров и их признаки, вредоносные программы и другие аспекты. Автор также уделяет внимание вопросам методов, используемых специалистами для выявления преступлений, способам упаковки программ для телефонов, типам планшетов, используемых хакерами, процедуре упаковки программ для планшетов и удаления информации.

Ключевые слова: планшеты, классификация, важность планшетов, совершение преступлений, обнаружение преступлений, анализ планшетов, перспектива, приложения, смартфон, социальные сети, использование, преступники, хакеры, предмет преступлений, использование в интернете, взлом, упаковка, производство.

TABLETS AND EXPERT RESEARCH ON THEM

In this article, the author discusses and analyzes the issues of the concept of tablets, the history of their origin, their internal and external structure, the basics of modifying tablets, the basics of grouping tablets, their role in committing crimes, the programs through which crimes are committed. This article covers the issues of how to use mobile tablets, hackers and their signs, malicious programs and other aspects. The author also focuses on the issues of the methods used by specialists to detect crimes, ways to package phone programs, types of tablets used by hackers, the procedure for packaging tablet programs and deleting information.

Keywords: tablets, classification, importance of tablets, committing, crime, detection, tablet analysis, perspective, applications, smartphone, social networks, use, criminals, hackers, subject of crime, online use, breaking in, packaging, production.

Маълумот дар бораи муаллиф: Бегов Сорбон - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри соли 2-юми факулети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17; Телефон: [+992] 882080010.

Сведения об авторе: Бегов Сорбон – Таджикскиӣ национальныӣ университет, магистр 2 курса юридического факультета. Адрес:734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудакӣ 17; Телефон: [+992] 882080010.

Information about the author: Begov Sorbon – Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Law, **Address:** 734025, Republik of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: [+992] 882080010.

АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ БААМАЛБАРОРИИ СУПОРИДАНИ ПЕШБУРДИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

Бобоқулова Ш.
Донишгоҳи миллии тоҷикистон

Дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ мубрамияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ меафзояд, ки пеш аз ҳама ба ҳарчи бештар сафар намудани одамон ба давлатҳои хориҷӣ ва пешрафти технологияҳои итилоотӣ (информатсионӣ) ва ғайра вобастагии амиқ дорад. Ҷанбаи манфии ҷаҳонишавӣ ин зиёд гардидани ҷиноятҳои байналмилалӣ, трансмиллӣ ва парвандаҳои ҷиноятии «ҷузъиёти байналмилалӣ»-дошта мебошад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ гувоҳи он аст, ки зарурати ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ пеш аз ҳама бо давлатҳое пеш меояд, ки ҳамкориҳо дар дигар соҳаҳо дар сатҳи баланд анҷом ёфта, сафар намудани одамон ба он давлатҳо ҳарчи бештар сурат мегирад [1].

Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ доираи зиёди масъалаҳоро вобаста ҳамкории мутақобилаи байни давлатҳо, инчунин давлатҳо ва мақомоти байналмилалии ҳифзи ҳуқуқ оид ба оғоз, тафтиш, баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо фаро мегирад. Он зерсоҳаи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ва соҳаи нави ҳуқуқи байналхалқӣ мебошад, ки дар асри XXI ташаккул ёфтааст ва бо номи мурофиаи ҷиноятии байналмилалӣ маъмул аст. Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ аз дигар намуди ҳамкориҳо, аз он ҷумла ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба муборизаи бо ҷиноятҳои корӣ фарқ менамояд, гарчанде ба он монандӣ низ дорад. Баъзе шартномаҳои байналмилалӣ дар бахши муборизаи бо ҷиноятҳои корӣ ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд [2].

Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ – ҳамкории суд, прокурор, муфаттиш ва мақомоти таҳқиқ бо мақомот ва шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ, инчунин мақомоти байналмилалии ҳифзи ҳуқуқ баҳри иҷрои вазифаҳо ва ноил гардидан ба мақсадҳои мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Ҳамкориҳои байналмилалии соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ инкишоф ёфта, доираи муносибатҳои гуногунро фаро мегирад.

- супоридани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ - ин гузаронидани тафтишоти пешакӣ ва баррасии судӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори як давлат бо мақсади ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани шахс барои содир намудани ҷиноят дар ҳудуди давлати хориҷӣ дар асоси дархости он мебошад.

Ба сифати асосҳои ҳуқуқии ҳамкории байналмилалии оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии байналмилалии зерин баромад менамоянд:

Созишномаҳои бисёрҷонибаи байналмилалӣ дар самти мурофиави ҷиноятӣ:

1) Статути Римии Суди байналмилалии ҷиноятӣ;

2) Низомномаи Ташкилоти байналмилалии политсияи ҷиноятӣ (ИНТЕРПОЛ);

3) Кенвенсия оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ бо парвандаҳои граждани, оилавӣ ва ҷиноятӣ (Минск, 22 январи соли 1993);

4) Кенвенсия оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ бо парвандаҳои граждани, оилавӣ ва ҷиноятӣ (Кишинёв, 7 октябри соли 2002)

5) Конвенсияи Аврупоӣ оид ба супоридани истеҳсолоти судӣ-ҷиноятӣ (15 майи соли 1975) ва диг.

Созишномаҳои дутарафа дар самти мурофиаи ҷиноятӣ:

1) Созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия дар бораи ҳамкорӣ дар самти парвандаҳои граждани, меҳнатӣ ва ҷиноятӣ;

2) Шартномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии халқии Чин оиди ҳамкорӣ дар самти парвандаҳои граждани ва ҷиноятӣ;

3) Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон оиди расонидани ёрии ҳуқуқӣ бо парвандаҳои граждани, оилавӣ ва ҷиноятӣ;

4) Шартнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон оид ба ҳамкорӣ дар самти парвандаҳои ҷиноятӣ ва диг.

3. Шартномаҳои байналмилалии байниидоравӣ:

1) Созишномаи Прокурорҳои генералии давлатҳои иштирокчии Протокол ба Конвенсия оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ бо парвандаҳои граждани, оилавӣ ва ҷиноятӣ (22.01.1993) "Дар бораи тартиби аз ҷониби мақомоти ваколатдор анҷом додани амалҳои мурофиавӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ;

2) Созишнома оиди ҳамкории байни Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи Генералии Федератсияи Россия;

3) Созишнома оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва ҳамкорӣ байни Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

4) Созишнома оид ба ҳамкории Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи Халқии Олии Ҷумҳурии Мардумии Чин;

5) Созишнома оид ба расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва ҳамкорӣ байни Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Қазоқистон ва диг.

Бо сабаби он, ки мавзӯи баррасикунандаи моро супоридани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ба давлати хориҷӣ ташкил медиҳад, гуфтан зарур аст, ки гарчанде ҳамаи ин санадҳои номбаршуда ҳамкории байналмилалиро оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ муқаррар намоянд ҳам, вале вобаста ба ҳамкорӣ дар самти супоридани пешбурди парванда ва баамалбарории таъқиботи ҷиноятӣ баъзеи онҳо дахл доранд. Масалан, Конвенсия оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ бо парвандаҳои граждани, оилавӣ ва ҷиноятӣ (Минск), Конвенсия оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ бо парвандаҳои граждани, оилавӣ ва ҷиноятӣ (Кишинёв), Конвенсияи Аврупоӣ оид ба фиристодани маводи таъқиботи ҷиноятӣ ва ғайра.

Акнун ба таҳлили махсусиятҳои ҳамкорӣ дар самти мурофаи ҷиноятӣ дар мисоли Конвенсияи Минск мепардозем.

Давлатҳои аъзои ин Конвенсия ин: Ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Арманистон, Белорусия, Гурҷистон, Қирғизистон, Молдова, Россия, Туркменистон, Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Украина мебошанд [3. С. 100-103].

Дар моддаи 72 Конвенсияи мазкур оид ба ӯҳдадории баамалбарории таъқиботи ҷиноятӣ сухан меравад. Мувофиқи он яке аз тарафҳои басозишомада бо дархости тарафи дигари ба созишомада бояд бо тартиби қонунгузории миллии худ нисбат ба шаҳрвандони худ барои содир намудани ҷиноят дар давлати дархосткунанда таъқиботи ҷиноятиро ба амал барорад.

Асос барои оғоз намудани таъқиботи ҷиноятӣ ин мавҷудияти ҷиноят (аломатҳои таркибии он), ки барои содир намудани он бояд шахс ҳатман супорида шавад баромад мекунад [7]. Аниқтараш чи гунае, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ ишора мешавад, нисбат ба ҷинояте, ки ҷазо барои содир намудани он то як соли маҳруми аз озодиро дар бар мегирад, супоридани шахси онро содирнамуда ҳатмӣ мебошад [7].

Ҳар як давлати басозишомада ҳангоми тафтиш ва баррасии парвандаи ҷиноятӣ, бояд ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазои ҷиноятиро новобаста аз он, ки дар давлати дигар ҷиноят содир шудааст, тибқи қонунгузории ҳарду давлат ба инобат гиранд (м.76).

Санади дигари танзимкунанадаи муносибатҳо вобаста ба фиристодани маводи таъқиботи ҷиноятӣ ин Конвенсияи Кишинёвӣ мебошад [5].

Моддаи 99 Конвенсия Кишинёвӣ талаботи моддаи 76 Конвенсияи Минскро оиди ба инобат гирифтани ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунанда дар бар мегирад. Мақсади асосии ин муқаррарот ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсоне, ки нисбаташон таъқиботи ҷиноятӣ пешбурда шуда истодааст мебошад

Конвенсияҳои зикргардида дар муқаррар намудани якчанд масъалаҳо ба ҳам наздикӣ доранд. Масалан, моддаи 101 Конвенсияи Кишинёвӣ ва моддаи 77 Конвенсияи Минск

масъалаи баррасии судии парвандаи ҷиноятиро дар судҳои ду ё зиёда давлатҳои аъзо муқаррар намудаанд. Манти ҳардуи моддаҳо ягонаанд ва қоидаҳои императивиро оиди баррасии парвандаи ҷиноятӣ бо риояи тобеияти ҳудудии мақомоти таъқиботи ҷиноятиро анҷомдода муқаррар мекунанд.

Қисми сеюми Конвенсияи Кишинёвӣ "Баамалбарории таъқиботи ҷиноятӣ" ном дорад, ки чун муқаррароти принсипиалӣ воситаи самараноки ҳамкорӣ дар ин самт ба ҳисоб меравад. Дар баробари ин муқаррароти моддаи 93 он оиди ба ҳабс гирифтани шахс то гирифтани дархост низ аҳамияти хоса дорад.

Вобаста масъалаи озод кардан аз ҳабс чунин қоида ҷой дорад, ки агар бо гузашти 40 рӯз дархост аз давлати хориҷа ворид нагардад, новобаста аз он, ки шахс ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин содир намудааст, бояд аз ҳабс озод карда шавад. Ин қоида гарчанде аз мантиқ дур бошад, ҳам аммо ҳифзи ҳуқуқҳои шахс инро талаб менамояд.

Дигар моддаи Конвенсия, ки ба масъалаи таъқиботи ҷиноятӣ рабт дорад, ин моддаи 94 мебошад. Дар он омадааст: "Ба сифати мақомоти амаликунандаи таъқиботи ҷиноятӣ ин мақомоти прокуратура баромад мекунад, агар тибқи қонунгузории миллии давлатҳои аъзо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад". Ин талаботи Конвенсия ба талаботи қисми 2 моддаи 470 КМҶ ҶТ, ки тибқи он мақомоти ваколатдор оид ба гузаронидани амалҳои тафтишӣ тибқи дархости пешниҳодшуда Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, мувофиқат менамояд.

Супоридани маводҳои таъқиботи ҷиноятиро, ки дар истеҳсолоти судӣ қарор доранд, моддаи 96 Конвенсия муқаррар менамояд. Мазмуни муқаррароти ин моддаи аз он иборат аст, ки агар нисбати шахс таъқиботи ҷиноятӣ анҷом дода шуда бошад ва парванда дар истеҳсолоти судӣ қарор дорад, аммо судшаванда аз суд пинҳон мешавад, аниқтараш ба кишвари шаҳрвандии худ фирор мекунад. Баъди муайян намудани ҷои буду бошти ӯ ва рад гардидани дархост дар бораи супоридани судшаванда маводи таъқиботи ҷиноятӣ ба мақмоти дахлдори давлати дигар барои идомаи он супорида мешавад. Яъне дар ин ҳолат ҳуқуқи афзалиятнок оиди баррасии парвандаи шаҳрвандони худ ба давлати дархостшаванда дода мешавад. Ин меъёр ба ҳолатҳои навошкоршуда оид ба парвандаи ҷиноятӣ низ паҳн мешавад.

Дигар санади ҳуқуқӣ-байналмилаии танзимкунандаи масъалаи супоридани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ин Конвенсияи Аврупоӣ оид ба супоридани истеҳсолоти судӣ-ҷиноятӣ мебошад [4].

Дар ин Ковенсия дар бораи салоҳиятнокии мақомоти дилхоҳ давлати ба созишомада дар бораи ба амал баровардани таъқиботи ҷиноятӣ нисбати тамоми кирдоре, ки дар давлати дигари ба созишомада чун ҷиноят эътироф мешавад, сухан меравад.

Чи гунае, ки иброз намудем, барои фиристодани маводи таъқиботи ҷиноятӣ мавҷудияти якчанд омилҳо зарур мебошанд, монанди шаҳрвандии ин давлатро доштани шахси дар давлати дигар ҷиноятсодирнамуда, ҷои истиқомати доимӣ доштани шахс дар ин давлат, ҳамчун ҷиноят эътироф гардидани кирдори содиршуда дар ҳарду давлат ва ғайра. Аммо моддаи 8 Конвенсияи Аврупоӣ омилҳои дигареро, ки боиси фиристодани маводи парвандаи ҷиноятӣ мегардад, муқаррар мекунад. Мувофиқи он давлати ба созишомада метавонад ба давлати дигари ба созишомада дар ҳолатҳои зерин дархост барои гузаронидани таъқиботи ҷиноятӣ пешниҳод намояд:

- агар гумонбаршуда дар давлати дархостшаванда ҷои зисти доимӣ дошта бошад;
- агар шахси гумонбар шаҳрвандии ин давлатро дошта бошад;
- агар гумонбаршуда дар ин давлат ҷазоро дар намуди маҳрумӣ аз озодӣ адо мекунад ё бояд адо кунад;
- агар давлати дархосткунанда чунин шуморад, ки иҷроиши ҳукми нисбати ин парванда баровардашударо таъмин намуда наметавонад;
- агар нисбати ҳамин шахс истеҳсолоти ҷиноятӣ барои ҳамин гуна ё дигар намуди кирдор дар давлати шаҳрвандии ӯ пеш бурда шуда истода бошад;

- агар чунин шуморида шавад, ки иштироки шахсии гумонбар дар тафтиши парванда дар давлати дархосткунанда ғайриимкон аст ва таъмини иштироки он дар давлати дархостшаванда барои мурофиа самаранок аст ва ғ. [1].

Аз ин ҷиҳат ба хулосае омадан мумкин аст, ки қувваи асосии давлатҳои аъзои ин Конвенсия барои таъмин намудани иҷроиши принсипи ногузирии ҷавобгарӣ ва мубориза бо ҷиноятқорӣ равона карда шудааст.

Ковенсияи Аврупоӣ дар бораи супоридани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ паҳлӯи дигари ин масъала, аниқтараш масъалаи рад намудани баамалбарории онро низ муқаррар намудааст, аз қабили:

а) гузаштани муҳлати ҷавобгарӣ;

б) шахси ҷиноятро содирнамуда шаҳрвандии онро надошта бошад ё дар ҳудуди он ҷои зисти доимӣ надошта бошад;

в) агар ҷинояти содиршуда хусусияти сиёсӣ, ҳарбӣ ё молиявӣ дошта бошад;

г) агар ҷиноят хусусияти диннӣ, нажодӣ дошта бошад;

д) агар қабули дархост хилофи ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ё принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии он баромад кунад;

е) агар давлати дархосткунанда меъёрҳои дар Конвенсияи мазкур муқарраргардидаро вайрон карда бошад, монанди:

- агар дархст ба талаботи банди 1 моддаи 6 ва банди 1 моддаи 7 ҷавобгӯ набошад;

- агар гузаронидани таъқиботи ҷиноятӣ хилофи моддаи 35 бошад.

Дар Конвенсия оиди масъалаи чораҳое, ки давлати дархостшаванда бояд татбиқ намояд, қисми алоҳида ташкил карда шудааст. Ин пеш аз ҳама ҳабси муваққатӣ дар ҳолати эҳсос намудани хатар оиди эҳтимоляти пинҳон шудани шахс аз тафтишот ё несту нобуд сохтани далелҳо мебошад. Дар дигар ҳолатҳо бошад, дар асоси дархости тарафи дигар шахс таҳти ҳабс қарор гирифта метавонад. Вале якчанд шартҳо низ мавҷуданд. Агар дар муддати 18 шабонарӯз аз лаҳзаи ба ҳабс гирифтан дархост пешниҳод нагардад, шахс бояд озод карда шавад. Дар ҳолати ворид гардидани дархост ҳуҷҷатҳои ба он лозима, агар дар давоми 15 шабонарӯз баъди ворид гардидани дархост пешниҳод карда нашаванд, дар ин ҳолат низ шахс озод карда мешавад. Муҳлати нигоҳ доштани шахс дар ҳабс аз 40 шабонарӯз зиёд буда наметавонад (м. 29).

АДАБИЁТ

1. Абдуллоев П. С. Становление и развитие института международно-правовой помощи по уголовным делам // Вестн. ТНУ. Сер. гуманитарных наук. Душанбе, 2014. № 3/3 (136)
2. Абдуллооев П.С. Формирование института передачи уголовного судопроизводства в рамках международного сотрудничества на постсоветском пространстве / Вестн. Моск. Ун-та сер. 11 Право. 2015. № 6
3. Давыдова М.В. Развитие института взаимной правовой помощи по уголовным делам // Российский юридический журнал. 2008 №4 с. 100-103
4. Кенвенсия оид ба ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ бо парвандаҳои граждани, оилавӣ ва ҷиноятӣ (Кишинёв, 7 октябри соли 2002)
5. Конвенсияи Аврупоӣ оид супоридани истеҳсолоти судӣ-ҷиноятӣ // 15.05.1972. URL:https://rm.coe.int/CoERMPublicCommonSearchServices/DisplayDCTMContent?documentId=0900001680072d62
6. Смирнов А.В., К.Б. Калиновский // Уголовный процесс // Учебник. Москва. 2008 .
7. Фойницкий И.Я. Курс уголовного судопроизводства // И.Я. Фойницкий – СПб. : Альфа, 1996 с. 552

АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ БААМАЛБАРОРИИ СУПОРИДАНИ ПЕШБУРДИ МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

Дар мақола Асосҳои ҳуқуқии баамалбарории супоридани пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ мавриди тадқиқ қарор дода шуда аст. Қайд мегардад, ки ба сифати асосҳои ҳуқуқии ҳамкории байналмилалии оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ баромад менамоянд.

Калидвожаҳо: ҳамкориҳои байналмилалӣ, парвандаи ҷиноятӣ, супоридани пешбурди парвандаи ҷиноятӣ, давлати хориҷӣ, ёрии байналмилалӣ-ҳуқуқӣ, падидаи ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ.

ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ПЕРЕДАЧИ ПРОИЗВОДСТВА ПО УГОЛОВНОМУ ДЕЛУ

В статье рассматриваются правовые основы осуществления передачи ведения уголовного судопроизводства. Следует отметить, что в качестве правовых основ международного сотрудничества по уголовным делам выступают международные правовые акты и национальное законодательство.

Ключевые слова: международное сотрудничество, уголовное дело, передача ведения уголовного дела, иностранное государство, международно-правовая помощь, правовое явление, уголовная ответственность.

LEGAL BASIS FOR THE TRANSFER OF CRIMINAL PROCEEDINGS

The article discusses the legal basis for the transfer of criminal proceedings. It should be noted that international legal acts and national legislation serve as the legal foundations of international cooperation in criminal matters.

Keywords: international cooperation, criminal case, transfer of criminal proceedings, foreign state, international legal assistance, legal phenomenon, criminal liability.

Маълумот дар бораи муаллиф: Бобоқулова Шукрона - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри соли 2-юми факулети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, шахри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17; Телефон:

Сведения об авторе: Бобокулова Шукрона – Таджикскиӣ национальныӣ университет, магистр 2 курса юридического факультета. Адрес:734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудакӣ 17; Телефон:

Information about the author: Bobokulova Shukrona – Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republik of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone:

МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

Ғаффорзода М. А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ифодаи мафҳум ва моҳияти ҳокимияти давлатӣ аз омилҳои зиёди иҷтимоӣ вобаста аст. Яке аз онҳо - таъиноти иҷтимоии ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки онро ё зӯроварии муташаккилонаи синфӣ ва ё таъмини некӯаҳволии ҷомеа ташкил медиҳад. Назарияи марксистӣ ҳокимияти давлатиро ҳамчун «зӯроварии муташаккилонаи як синф барои пахш кардани синфи дигар» [11, с. 44] таъриф дода, онро бо мафҳуми «диктатураи синфӣ» алоқаманд мекунад. Фаҳмиши ҳокимияти давлатӣ тавассути зӯроварӣ ба дигар назарияҳо ва мутафаккирон низ хос аст. Бештари мутафаккирон аз чумлаи (Т. Гоббс, Р. Иеринг, Л. Гумплович ва диг.) ҳокимияти давлатиро ҳамчун аломати асосии давлат бо истифодаи зӯроварии муташаккилона вобаста мекарданд [12, с. 204].

Воқеан ҳокимияти давлатӣ дар шароити зиддияти оштинопазири синфӣ ё гурӯҳӣ воситаи зӯроварии муташаккилона мебошад. Аммо дар шароити ҷамъияти мутараққии демократӣ, волоияти ҳуқуқ, давлати ҳуқуқбунёд ҳокимияти давлатӣ воситаи идоракунӣ тавассути усулҳои ҳавасмандгардонӣ, боваркунонӣ (дар асоси нуфузи ҳокимият), ҳалли осоиштаи мухолифатҳои иҷтимоии фардӣ ва иҷтимоӣ, таъмини сулҳи иҷтимоӣ ва ниҳоят неъмати ҷамъиятӣ мебошад. Яъне, моҳияти ҳокимияти давлатӣ бо таъиноти иҷтимоии ҳокимият ва ин таъиноти иҷтимоӣ бо вазъи мушаххаси таърихии ҷомеа (сатҳи инкишоф, вазъи иҷтимоӣ, шуур ва маданияти ҳуқуқӣ) муайян мегардад [1, с.23].

Дар таърих ду гурӯҳи ақидаву назарияҳо ҷой доранд, ки ҳокимияти давлатиро ё бо арзишҳои аҳлоқӣ ва ё зӯроварии сиёсӣ алоқаманд мекунанд. Асосгузори илми сиёсии замони атиқа Арасту нисбати ҳокимият мафҳуму арзишҳои аҳлоқиро истифода мебарад. Ин ҳолат умуман хоси афкори юнонӣ ва римӣ мебошад. Ҳокимият бо некӣ, некуаҳволии ҷамъиятӣ, адолат ва ғ. вобаста карда мешавад. Н. Макиавеллӣ (асосгузори илми сиёсии замони нав) ҳокимиятро бо зӯроварии сиёсӣ алоқаманд карда, сиёсатро ҳамчун соҳаи муборизаи сиёсии қувваҳои гуногуни сиёсӣ баҳри ҳокимият маънидод мекунад [6, с. 44].

Мутафаккирони форсу тоҷик (Низомулмулк, Захирӣ, Кайковус) нисбати ҳокимияти давлатӣ якбора ду усули (ду нигоҳи) таҳлилро истифода мебаранд. Аз як тараф, ҳокимият воситаи таъмини тартиботи устувори ҷомеа ҳисоб мешавад. Аз тарафи дигар, аҳамияти арзишии ҳокимият, алоқамандии он бо ахлоқ талқин гардида, дар асоси он ақидаи «шоҳи одил» ва назарияи «идоракунии боадолат» пешниҳод мешаванд, ки имконияти ҳокимиятдориро бо хислатҳои ахлоқии шоҳ ва амалдорони давлатӣ алоқаманд мекунанд [7, с. 48].

Аз ин нигоҳ, ҳокимияти давлатӣ ба анъанаҳои таърихӣ, фарҳангӣ, миллӣ дар соҳаи назария ва амалияи давлатдорӣ асос меёбад. Бесабаб нест, ки дар давлатҳои Шарқ, аз он ҷумла Эрону Осиёи Миёна ба таълифи рисолаҳои таърихӣ ва сиёсӣ худи шоҳон таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мекарданд. Бештари ин асарҳо («Сиёсатнома», «Синдбоднома», «Шоҳнома», «Рисолаи сиёсии» Аҳмади Дониш ва г.), ки анъанаҳои давлатдориро инъикос мекунанд, маҳз бо супориши ҳокимон навишта шудаанд. Имрӯз ҳам ин асарҳо ва анъанаҳои сиёсатмадорӣ аз аҳаммият холӣ нестанд.

Ҳокимияти давлатӣ низ мисли давлат яке аз масъалаҳои муҳими таҳлилҳои умуминазариявӣ, мавзуи омӯзиши назарияи давлат ва ҳуқуқ буда, атрофи он ақидаву хулосаҳои мухталифи муҳаққиқон пешкаш шудаанд. Илова би ин, ҳокимияти давлатӣ - масъалаи муҳими ҳаёти сиёсии ҷомеа буда, муборизаи қувваҳои гуногуни сиёсӣ (элитаи сиёсӣ, гурӯҳҳои алоҳидаи сиёсӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва диг.) баҳри ҳокимияти давлатӣ сурат мегирад. Тарзу усулҳои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ ин ё он намуди режими сиёсиро дар давлат муайян мекунанд. Аз тарзи ташкили ҳокимияти олӣ шакли идоракунии давлат вобаста аст. Ташкили ҳудудии ҳокимиягг шакли сохти давлатиро муайян мекунад. Бо назардошти ҳадафҳои ҳокимияти давлатӣ (ҳадафқои субъектҳои ҳокимият) дастгоҳи

(механизми) давлат ташкилу фаъолият дорад, ки шуғли масоили бештар созандагӣ ё кудрати шуда метавонад. Ҳамин дастгоҳ (маҷмӯи мақомоти давлатӣ) ба маънои маҳдудгар - давлат аст.

Ду намуди хислатҳои ҳокимияти давлатӣ ҷудо карда мешаванд: 1) хислатҳое, ки ҳоси ҳар гуна ҳокимиятанд ва 2) хислатҳои ҳоси танҳо ҳокимияти давлатӣ [11, с. 204].

Гурӯҳи якуми хислатҳо ҳоси ҳокимияти ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ (динӣ, оилавӣ, корпоративӣ, иқтисодӣ ва диг.) мебошанд. Тибқи ин хислатҳо ҳокимияти давлатӣ мисли хар гуна ҳокимият баромад мекунад. Хислатҳои гурӯҳи дуюм ҳоси танҳо ҳокимияти давлатианд. Ба туфайли ин хислатҳо ҳокимияти давлатӣ аз намудҳои дигари ҳокимият фарқ мекунад.

Намудҳои дигари ҳокимият низ (динӣ, шахсӣ ва диг.) хислатҳои ба худ хос доранд. Вагарна онҳо аз ҳам ҷудо намебуданд. Аммо таҳлили хислатҳои ҳокимиятҳои дигар берун аз мавзӯи таҳлили мост. Ии ҷо объекти асосии таҳлил - ҳокимияти давлатӣ аст [2, с. 97].

Инак, ҳокимияти давлатӣ як намуди ҳокимият буда, мисли ҳар гуна ҳокимият хислатҳои умумӣ (бо дигар намудҳои ҳокимият) ва хислатҳои ҳос дорад.

Хислатҳои умумии ҳокимият (хислатҳои гурӯҳи якум) аз мафҳуми умумии ҳокимият бармеоянд. Тибқи хулосаи умумии муҳаққиқон, ҳокимият - ин имкон ва қобилияти тобеи иродаи худ гардонидани иродаи дигарон (Д.В. Березовских), таъсир расонидан ба рафтори одамон тавассути ирода, нуфуз, тобеият, санадҳо (А.Б. Венгеров), қобилияти танзимнамоии рафтори одамон тавассути таъсироти иродавию руҳӣ (В.Е. Чиркин), имкону қобилияти тобеи худ гардонидани зердастон аз ҷониои ҳокимиятдорон баҳри идорасозии равандҳои ҷамъиятӣ, таъмини муташаккиливу тартибогп дар ҷомеа (В.М. Корелский) аст [3, с. 12].

Тавре дида мешавад, бештари муҳаққиқон ҳокимиятро чун имкону қобилияти таъсиррасонӣ ба шуур, ирода, рӯҳияи шахс баҳри танзими соҳаи муайяни муносибатҳо (дар оила, иттиҳодия, ҷомеа) дарк мекунанд. Ин паҳлӯи масъала хислати якуми ҳокимиятро ташкил медиҳад. Ҳокимият - шакли таъсиррасонии иродавию рӯҳӣ буда, ба иродаи одамон таъсир мерасонад, одамонро тобеи ҳадафҳои муайяни ҳокимятдор мегардонад. Шахсе, ки имкони таъсироти ҳокимиятӣ дорад (пешвои авлоду қабила, падар дар оила, сарвари ҳизб, сардори муассиса, шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ ва диг.), ҳамзамон қобилияти таъсиррасонӣ ба иродаву рафтори одамон (аъзои авлоду қабила, аъзои оила, аъзои ҳизб, кормандони муассиса, шаҳрвндон ва диг.) дорад.

Дуввум, ин таъсирасонӣ тавассути чораҳои гуногун сурат мегирад, ба монанди нуфуз (обрӯи пешвои қабила, обрӯи падар дар оила, обрӯи пешвои динӣ, нуфузи давлат, нуфузи сарвари ҳизби сиёсӣ), чораҳои мафкуравӣ (сарчашмаҳои динӣ, аз қабили китобҳои муқадаси динӣ, асарҳои сарварони мазҳабҳои динӣ ё уламо, асарҳои ҳодимони намоё- ни давлатӣ, матбуот, телевизион, радио ва диг.), чораҳои тарбиявӣ (тарбияи фарзандон дар оила, тарбияи наели наврас ва ҷавонон дар макотиби диниву дунявӣ ва диг.), чораҳои маҷбурсозӣ (чораҳои таъсир- расонии мачбурсозии падар дар оила; чораҳои таъсиррасонӣ нисбати аъзои ҳизби сиёсӣ; чораҳои маҷбурсозии давлатӣ нисбати ҳукуқвайронкорон, ки аз ҷониби милитсия, прокуратура, суд ва ғ. татбиқ мешаванд), чораҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ (конунҳо, санадҳои сарвари давлат, ҳукумат, вазоратҳо ва диг.) [12, с. 204-205].

Сеюм, таъсиррасонии ҳокимиятӣ баҳри тобеъ намудани одамон ба манфиатҳои муайян истифода мешавад. Субъекти ҳокимият (пешвои қабила, сардори оила, сарвари ҷамоаг, дастгоҳи давлатӣ ва диг.) ода- монро (дар доираи кабила, дар оила, ҷомеа ва г.) тобеи ҳадафҳои муайян мегардонад. Ин ҳадафҳо метавонанд умумӣ-авлодӣ, умумӣ-давлатӣ, ҷамъиятӣ, ҷавобгӯи манфиатҳои оила, манфиатқои ҳизбӣ ва. ғ. бошанд. Масалан, авлоду қабилаҳои тодавлатӣ ҳокимиятро баҳри манфиатҳои умумии авлоду қабила амалӣ менамуданд. Давлат низ ҳокимиятро баҳри таъмини муташаккилӣ, низому субот дар ҷомеа, пешрафти ҷомеа татбиқ мекунад.

Чорум, ҳокимият хислати иродавӣ дорад. Ирода унсури муҳими ҳокимият мебошад. Ҳокимиятдорӣ байни субъектҳое (одамони алоҳида, коллективи одамон, аҳолӣ) ҷоӣ дорад,

ки дорои иродаву шуравд. Ҳокимиятдорӣ - шакли ба ҳам найвастни иродаи ҳокимиятдорон ва зерҳокимон аст. Ҳокимиятдори - имконият ва қобилияти ҳокимиятдорон бахри тобеъ намудани иродаи зерҳокимон, ё муттаҳид намудани одамон баҳри ноил гаштан ба ҳадафҳои умумӣ аст. Ҳокимиятдор, масалан, наметавонад шахсони дорӣ бемории рӯҳиро ба худ тобеъ намоед (одамони ақлан носолӣм амру нишондоди ҳокимиятдорро иҷро намекунанд). Заминаи мухими ҳокимиятдорӣ - ин дарку эҳсоси амалҳо, амру нишондоди ҳокимият аз ҷониби зерҳокимон аст. Агар чунин дарку зҳсоси ҳокимият набошад, пас муносибати ҳокимияти яктарафа мемонад (додани амру нишондод аз тарафи ҳокимиятдор ва иҷро нашудани онҳо аз тарафи зерҳокимон), оқибат ҳокимият мазмунашро гум мекунад. Одамон (дар авлод, оила, иттиҳодияҳо, муассиса, корхона, давлат) зарурат, аҳамият ва нуфузи ҳокимиятро дарк мекунанд, амалҳои хешро баҳри он тобеъ мекунанд.

Панҷум, ҳокимият дорои нуфуз, обрӯву эътибор байни одамон аст. Одамон ҳокимиятро ба туфайли нуфузаш дарк мекунанд, ба он тобеъ мешаванд. Аҳли дин ба пешвои дин дар заминаи нуфузаш, обрӯву эътибораш байни аҳли дин ва дар ҷомеаву давлат тобеъ мешаванд. Сарварони оила, ҳизб, созмонҳои ҷамъятӣ низ ба нуфузи хеш такя мекунанд. Сарвари давлат, роҳбарони мақомоти давлатӣ ҳам такя ба нуфуз фаъолият доранд. Илова ба ин, нуфузи ҳокимиятдор ҳар чи бештар бошад, имкони таъсиррасонии ирода- вии ӯ баландтар мешавад. Маҳз нуфуз имкон медиҳад иродаи зерҳокимон тобеи иродаи ҳокимиятдорон гардад. Нуфуз - шакли ба ҳам пайвастани ҳокимият ва ирода аст.

Шашум, ҳокимият тавассути чораҳои маҷбурсозӣ амалӣ мешавад. Ҳокимят бе маҷбурӣ самарнок нест. Айни замон мачбуриро чун хислати ҳокимият наоояд мутлак гардонид. Моҳият ва мазмуни ин чораҳои маҷбурӣ аз намуди ҳокимият вобастаанд. Масалан, маҷбурсозии ҳокимияти пешвои авлоду қабила то давлат аз муҷбурсозии ҳокӣмияти давлатӣ фарқи куллӣ дорад. Ҳамин зайл ҳатмияти ҳокимияти динӣ ва ҳокимияти давлатӣ низ фарқ дорад [12, с. 205].

Чораҳои маҷбуриро ҳокимият баҳри таъмини самаранокии чораҳои ҳокимиятӣ, таъмини нуфузи ҳокимият, баҳри ҳадафҳои муайян истифода мебарад.

Аммо ин чораҳо то давлат, дар дохили авлоду кабила бе такя ба дастгоҳи махсуси маҷбурсозӣ, аз ҷониби худи авлоду қабила (дар ҷамъомади умумии онҳо), чун чораҳои таъсироти ҷамъиятӣ, нисбати аъзои алоҳидаи авлоду кабила истифода мешуданд. Ин чораҳо ҳамон вақт ҳам зарур буданд, баҳри манфиатҳои умум истифода мешуданд (чунончи, чораи вазнинтарин - рондан аз авлод ё кабила буд).

Ҳокимияти давлатӣ бошад чораҳои мачбуриро тавассути дастгоҳи махсус (политсия, суд, ҳабсҳонаҳо, сохторҳои кудратӣ ва диг.) дар шакли ҷазоҳо (ҷазоҳои маъмурӣ, ҷиноӣ, меҳнатӣ ва диг.) чораҳои пешгирсозӣ ва диг. истифода мебарад. Одатан давлат ин чораҳоро нисбати ашҳоси муайян (ҷинояткорон, шахсоне, ки аз иҷрои амру нишондоди ҳокимият саркашӣ мекунанд) истифода мебарад. Аммо дар баъзе ҳолатҳо ҳокӣмияти давлатӣ мачбурсозиро метавонад нисбати аҳолӣ низ истифода барад (пахш намудани норозигиву муқобилияти гуломон дар давлатӣ гуломдорӣ, коргарон дар давлатӣ капиталиста ва диг.).

Дар давлатӣ демократӣ хислати маҷбурсозии ҳокимияти давлатӣ дар муносибаг бо доираи хурди ашҳос (онҳое, ки хилофи манфиатҳои одамони дигар ва ҷомеаву давлатанд) зохир мешавад.

Бе мачбурсозӣ ҳокмият бесамара мемонад. Агар, фарз кардем, амру нишондоди субъектони гуногуни ҳокимият, қонунҳои давлат, санадҳои сарвари давлат, мақомоти давлат иҷро нашаванд, пас табиист ки ҳокимият нуфузашро байни одамон гум мекунад, нақшу аҳамияташро дар ҷомеа аз даст медиҳад. Барои ҳамин ҳокимиятдорӣ истифодаи чораҳои маҷбурсозиро металабад. Аммо ин маънои онро надорад, ки ҳокимият хислати соф кудратӣ, золимона, истибдодӣ дорад. Маҷбурият чун хислати ҳокимият баҳри таъмини нуфузи ҳокимият, амали мӯътадили он, таъмини муташаккиливу низом дар дохили коллективҳон гуногуни одамон, дар ҷомеа истифода мешавад. Чунончи, конститутсияҳои имрӯзаи давлатҳои демкратӣ имкони маҳдуд намудани як қатор ҳуқуқу озодиҳои одамонро

ҳангоми таҳдид ба хуқуку озодиҳои инсон, истикдолияти давлат, тамомияти арзии он, инчунин ҳангоми офатҳои табиӣ пешбинӣ мекунанд. Давлат дар ҳолати сар задани офатҳои табиӣ, хатари гасби ҳокимият, ҳуҷуми ҷангӣ, сар задани бетартибиҳои оммавӣ, баромадҳои зиддиқонунии қувваҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ва дигар ҳолатҳо баҳри таъмини амнияти одамон, ҷомеаву давлат ин чораро истифода мебарад.

Истифодаи чораҳои ҳокимиятӣ ҳадди ниҳоии худро дорост. Ин ё он субъекти ҳокимият наметавонад аз истифодаи ин, чораҳо сӯиистеъмол намояд. Чунончи, сарвари оила ҳақ надорад нисбати аъзои оила азобу шиканҷаро истифода барад, хукуққои аъзои оиларо ба таҳсили умумии ҳатмӣ, ба шароига солими зиндагӣ маҳдуд намояд, вазъи онҳоро вазнин намояд. Чораҳои таъсиррасонӣ дар доираи ҳизб дар заминая оинномааш сурат мегирад. Давлат чораҳои мачбуриро дар чорчӯбаи қонун татбиқ мекунад.

Хислатҳои таҳлилшудаи ҳокимият - хислатҳои умумии ҳокимият мебошанд. Онҳо ҳоси ҳар гуна ҳокимиятанд. Дар заминаи онҳо мафҳуми зерини умумии ҳокимият ҳосил мешавад.

Ҳокимият - воситаи таъсиррасонин иродавӣ, мақсаднок ва му- ташаккилона ба шуур, ирода ва рафтори одамон баҳри таъмини муташаккилӣ, низому тартибот дар ҳаёти одамон аст.

Ҳокимияти давлатӣ хислати умумӣ, оммавӣ дорад. Ҳокимияти сарвари оила хислати шахсӣ, ҳокимияти сарварони ҳизбу созмонҳои ҷамъиятӣ хислати корпоративӣ доранд. Ҳокимияти давлатӣ хислати умумӣ, оммавӣ ё умумидавлатӣ, умумиҷамъиятӣ дорад, чунки ба тамоми аҳолии давлат паҳн мешавад, ҷомеаро фаро мегирад, аз номи ҷомеа баромад мекунад [1, с. 37].

Ҳокимияти шахсӣ аз доираи, масалан, оила ё ҳокмияти корпоративӣ аз доираи иттиҳодияи ҷамъиятӣ берун намебарояд. Ҳокимияти давлатӣ ба тамоми аҳолии давлат (шахсони воқеӣ ва ҳукуқӣ, кӯдакону наврасон, гурӯҳҳои алоҳидаи одамон, шаҳрвандони давлат, шаҳрвандони ҳориҷӣ, ашҳоси бешаҳрвандӣ ё душаҳрвандӣ, дар давати дунявӣ - ба диндорон низ) паҳн мешавад [12, с. 207].

Ҳокимияти давлатӣ аз номи кулли ҷомеа амалӣ мешавад. Чунончи, тибқи Конститутсияи Тоҷикисгон, аз номи тамоми халқи Тоҷикистон фақат Президант, Мачлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон хукуқи сухан гуфтан доранд (қ. 6 м. 6) [7].

Ҳокимияти давлатӣ хислати расмӣ дорад. Он тибқи Конститутсия ва қонунҳо расмӣ мегардад. Конститутсия сарчашмаи ҳокимияти давлатиро, шаклҳои ифодаи бевоситаи он, ташкили ҳудудӣ ва субъектони онро муайян мекунад. Масалан, тибқи Конститутсияи Точикистон, халқ - сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатист, ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти давлатӣ - раъйпурсӣ ва интихобот мебошанд (м. 6). Дар Констшутсия ҳудуди кишвар, воҳидҳои марзи- ву маъмурии он, мақомоти давлатӣ маълум шудаанд [7].

Одамон танҳо як ҳокимияти расмии давлатиро эътироф мекунанд, нуфузи онро дарку эҳсос мекунанд, худро тобеи он мегардонанд. Дар давлат танҳо як ҳокимияти давлатии расмӣ амал мекунад. Дар давлат ду ва зиёда ҳокимияти давлатии расмӣ амал карда наметавонад. Одамон як ҳокимияти расмии давлатиро мешиносанд. Ҳокимияти ягоӣ хизби сиёсӣ, ягоӣ иттиҳодияӣ ҷамъиятӣ, ягон қувваи дигари сиёсӣ - расмии давлатӣ буда наметавонад. Аҳолӣ вазифадор нест, ки ба ҳокимияти ҳизбу созмоиҳо ва қуввақои дигари сиёсӣ тобеъ бошад (ба ғайр аз, албатта, аъзои ҳизбу созмон). Ягон ҳизб ё созмон наметавонад ба кулли аҳолии кишвар амру супоришҳои ҳатмӣ диҳад.

Ҳокимияпги давлатӣ - ҳокимияти ҳудудӣ-давлатӣ аст. Он ба тамоми ҳудуди давлат паҳн мешавад, дар тамоми қаламрави давлат амал мекунад. Санадҳову нишондоди ҳокимияти давлатӣ дар тамоми қаламрави давлат ҳатмианд. Ҳамаи вохидҳои маъмуриву марзии давлат ҳокимияти ягонаи давлатиро эътироф мекунанд. Беэътиборӣи ҳокимияти давлатӣ дар ин ё он воҳиди ҳудудии давлат ба якпорчагии давлат, тамомияти арзии кишвар,

соҳибихтиёрии давлат хатари ҷиддӣ дорад. Барои ҳамин ҳокимияти давлатӣ хислати ҳудудӣ дорад, шакли ташкили ҳудудии ҳаёти одамон аст.

Ҳокимияти давлатӣ хислати сиёсӣ дорад. Сиёсат ва давлат аз ҳам ҷудо нестанд. Сиёсатро мутафаккирони гузашта ҳамчун санъати идоракунии давлат арзёбӣ намудааид. Сиёсат ба истилоҳи юнонӣ - politika (ба русӣ «политика») буда, решай онро кали май polis - давлат ташкил мекунад ва маънои корҳои давлатиро дорад. Сиёсат - соҳаи муиосибатҳои байни табақаву гурӯҳҳо, хизбу созмонҳои аслоҳидаи ҷомеа нисбат ба давлат аст. Масъалаи асосии сиёсат - ҳокимияти давлатӣ аст.

Аз ин ҳотир ҳокимияти давлатӣ хислати сиёсӣ дорад, яъне бо давлат, ҳалли корҳои давлатӣ, фаъолияти давлат алоқаманд аст. Сиёсат ва давлат бо ҳам алоқамаиданд. Сиёсат - шакли фаъолияти давлат аст (дар баробари фаъолияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ). Давлат ду соқаи фаъолияти сиёсӣ дорад - дохилӣ ва ҳориҷӣ. Давлат корҳои давлатиро тавассути сиёсаги дохилӣ ва ҳориҷӣ амалӣ мекунад. Кулли масъалаҳон давлатӣ (иқтисодӣ, иҷгимоӣ, ҳарбӣ, экологӣ ва диг.) тобеи сиёсати давлатанд. Сиёсати дохшшву ҳориҷии давлат ҳалли масоили гуногун ва бисёрҷабҳаи давлатро фаро мегирад.

Ҳокимияти давлатии сиёсӣ ифодагири манфиапщои ё синфҳо, ё табақаву гуруҳҳои алоҳида ва ё халқ туда метавонад. Ин хислати ҳокимияти давлатӣ аз табиати сиёсии он бармеояд. Модеме ки сиёсат - соҳаи ифдаи манфиатҳои ё синфҳо, ё гурӯҳҳои алоҳида ва ё халк буда метавонад. пас ҳокимияти давлатии сиёсӣ низ ифода- гари ин манфиатҳо мебошад. Синф ё гурӯҳи алоҳида, ки соҳиби ҳокимияти давлатӣ мегардад, тибки ин маифиатҳояш амал мекунад. ҳадафҳои умумидавлатиро ба ин манфиатҳои синфӣ ё гурӯҳӣ тобеъ мегардоиад. Ҳокимият маисуби халқ низ буда метавонад. Дар ин ҳолат халк сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эълон мешавад, ҳокимиятро бевосита худаш дар раъӣпурейву интихобот амалӣ мекунад.

Хислати синфӣ, гурӯҳӣ ва мардумии ҳокимияти давлатӣ - хислати тағӣирёбаидаи ҳокимияти давлатист. Он бо назардошти шароити мушахаси ҳаёти ҷомеа, таиосуби қувваҳои сиёсӣ муайян мешавад. Дар давлатҳое, ки синфҳои алоҳида (ғудомдорон, феодалон ва диг.), гурӯҳҳои ҷудогона (элитаи сиёсӣ, сарватмандон ва диг.), қувваҳои сиёсӣ (низомиён ва диг.) ҳукмронӣ мекунанд, ҳокимият мутаносибан хислати синфӣ, гурӯҳӣ, элитӣ ва диг. мегирад. Дар давлати ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ ҳокимият дар заминаи раъӣиурсиву интихобот, бо иштироки намояндагони габақаву гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа таъсис меёбад, хислати мардумӣ мегирад, баҳри инсон ва ҷомеа амал мекунад [12, с. 212-213].

Ҳокимияти давлатӣ тавассути дастгоҳи махсуси ҳокимиятӣ амалӣ мешавад. Баҳри амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ дастгоҳи махсуси ҳокимиятӣ (мақомоти қонугузор, иҷроия, судӣ, прокурорӣ, амният, сохторҳои кудратӣ) таъсис мешавад. Вазифаи дастгоҳи давлатӣ - амалӣ намудани ҳокимият аст. Ҳокимияти давлатиро одамони алоҳида, мутахассисон, идоракунандагони дорои маҳорати баланда касбӣ амалӣ мекунанд. Амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ донишҳои махсуси идоракунӣ, аз ҷумла ҳукуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигарро, маҳсрагу истеъдоди идоракунии бдамонро металабад. Бесабаб нест, ки Афлотун аз идоракунии файласуфон (донишмандон) пуштибонӣ мекард, мутафаккирони форсу тоҷик ақлу донишро - нишонаи асосии давлатдории боадолат зътироф менамуданд. Ин андашаҳо замони мо ҷомаи амал пӯшиданд, илова ба ин иешрафти минбаъдаи ҷомеа., мураккабгардии ҳаёти ҷомеа талаботро ба сатхи касбии идоракунии давлатӣ афзун мекунад. Бесабаб нест, ки, масалан, дар давлатҳои демократа, аз ҷумла Тоҷикистон парламента касбӣ амал мекунад. Маҳорати касбӣ дар соҳаҳои дигари идоракунии давлатӣ низ зарур аст (идоракунии соҳаи тандурустӣ, маориф, накдиёт, иттилоот, кайҳон ва диг.).

Ҳамзамон дастгоҳи давлат, чун ташкилоти ҳокимият, маънои танҳо мақомоти маҷбурсозиро надорад Дастгоҳи ҳокимиятӣ ҳам аз мақомоти маҷбурсозӣ (милитсия, прокуратура, суд, сохторҳои кудратӣ, муассисаҳои адои ҷазо ва диг.) ва ҳам аз муассисаҳову сохторҳои давлатии бунёдкорӣ, идоракунии давлатӣ (вазоратҳои маориф, тандурустӣ,

алоқа, ҳифзи иҷтимоӣ, ҳифзи табиат ва диг.) иборат аст. Дастгоҳи ҳокимиятӣ барои истифодаи чораҳои маҷбурсозӣ ва ҳалли масоили созандагӣ ташкил мешавад. Ҳокимияти давлатӣ тавассути ҳамин гуна дастгоҳ амалӣ мешавад [4, с. 37].

Ҳокимияти давлатӣ хислати ҳуқуқӣ дорад. Ҳокимияти тодавлатӣ хислати ҳуқуқӣ надошт, ба меъёрҳои тодавлатии ахлоқиву одатӣ ва динӣ такя мекард. Ҳокимияти давлатӣ бошад дар заминаи қонун расмӣ мегардад, дар чорчӯбаи қонун амалӣ мешавад. Хислати ҳукуқии ҳокимияти давлатӣ дар давлатӣ хукуқбунёд бештар зохир мегардад. Волоияти ҳуқуқ ва конуни ҳуқуқӣ дар давлатӣ ҳуқуқбунёд ба ҳокимият низ тааллуқ дорад. Ҳокимияти давлатӣ чун воситаи таъсиррасонии иродавӣ ба одамон, воситаи идоракунии одамон, ҷомеа ва давлат ба ҳукуқ ва қонун такя мекунад. Дастгоҳи давлатии ҳокимияти низ дар заминаи қонун таъсис шуда, дар чорчӯбаи қонун амал мекунад. Чораҳои маҷбурсозии ҳокимиятӣ низ дар асоси қонун истифода мешаванд, хислати ҳукуқӣ доранд.

Ҳокимияти давлатӣ хислати соҳибихтиёрӣ дорад. Сохибихтиёрӣ, тавре болотар қайд шуд, хислати ҳокимияти давлатӣ аст. Соҳибихтиёрии давлат маънои волоият ва мустакилияти ҳокимияти давлатиро дорад. Маҳз ҳамин хислатҳои ҳокимияти давлатӣ ба сохибихтиёрии давлат ишора мекунанд.

Ҳокимияти давлатӣ хислати қонуиӣ ва умумэътирофшуда дорад. Ин ду хислати ҳокимияти давлатӣ бо ҳам алоқаманданд. Ҳокимияти давлатӣ, аз як тараф, бояд коиунӣ (летали, аз кал. лот. Lex қонун) бошад [12, с. 217]. Қонунӣ (легалӣ) будани ҳокимият маънои онро дорад, ки таъсис, ташкил, ваколатҳо ва усулҳои амалишавии ҳокимият дар чорчӯбаи қонун сурат мегирад, ба қонун такя мекунад. Конститутсия қонунӣ будани ҳокимиятро расман эълон мекунад, низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ваколатҳои онҳоро муайян мекунад, усулҳои амалӣ гаштани ҳокимиятро (режими сиёсии давлатро) мукаррар мекунад. Ҳамин тариқ, ҳокимияти давлатӣ, дар заминаи қонуни мутобиқи ҳуқуқ, арзишҳои эътирофгаштаи ҳуқуқ (ҳуқуқҳои фитрӣ ва дахлнопа- зири инсон, озодии фард), принсипҳо ва меъёрҳои умумэътирофгаштаи ҳуқуқи байналхалқӣ ташкил мешавад ва амал мекунад.

АДАБИЁТ

1. Баглай М. В. Конституционое право Российской Федерации. М, 1997. 448 с.
2. Гафуров Х.М. К вопросу о понятии к судебной власти / Давлат ва ҳукук, №1, соли 2006. – С. 16-22.
3. Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. Д., 2007. – С. 12-23.
4. Диноршоев А.М.Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан.Д., 2007 – 367 с.
5. Ермашин Г.Т. Правовой статус судьи Российской Федерации: Учебное пособие. - М.: РАП, 2004.
6. Имомов А. Мақомоти ҳокимияти давлатии Тоҷикистон. Д., 2007. 448 с.
7. Конститутсияи Чумҳурии Тоҷикстонсоли 1994. Д. 2017.
8. Конституционное право. Учебник: М., 1999
9. Конуни конститусионӣ «Дар бораи судҳои Чумҳурии Тоҷикистон» // Ахбори Мачлиси Олии Ҷумҳурии Точикистон 2001. № 21. М.245.
10. Маҳмудов М., Худоёров Б. Мақомоти ҳифзи ҳукуқи Тоҷикистон. Д., 2008.
11. Маркс К., Энгельс Ф. // Соч. - Т.4. - С.447.
12. Шарофзода Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳукук. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Душанбе: «Моҳи-Мунир», 2025. – 1000 с.
13. Шодиев И.Р. Развитие судебной системы Таджикистана после независимости: история, современность и перспективы //Давлат ва ҳукук / №2. 2007. С. 27-29.

МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

Ҳокимияти давлатӣ масъалаи марказии ҳаёти сиёсии ҷомеа мебошад. Муборизаи қувваҳои гуногуни сиёсӣ баҳри ҳокимияти давлатӣ сурат мегирад. Дар ҳаёти сиёсии ҷомеа, алалхусус дар давраи баргузории маъракаи интихобот, раъйпурсӣ, таъсиси парламент, ҳукумат ва мақомоти дигари давлатӣ, қабули конститутсияи нав, тағйири асосҳои сохтори конститутсионӣ масъалаи ҳокомияти давлатӣ ба мадди аввал мебарояд. Истилоҳи ҳокимияти иҷтимоӣ маънии ҳокимиятеро дорад, ки дар ҷомеа ҷой дорад. Ҳаёти инсониро бе ҳокимият нашояд тасаввур кард. Ҷомеаи инсонӣ тавассути ҳокимият инкишоф меёбад. То пайдоиши давлат тартиботи дохилии авлоду қабилаҳо бо ҳокимияти авлодӣ ва кабилавӣ таъмин мегардид.

Калидвожа: Ҳокимият, ҳокимияти давлатӣ, тақсими ҳокимият, шохаҳои ҳокимият, субъекти ҳокимият, қонунгузор, иҷроия, судӣ.

ПОНЯТИЕ И ХАРАКТЕРИСТИКИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ

Государственная власть является центральным вопросом политической жизни общества. Борьба различных политических сил происходит за государственную власть. В политической жизни общества, особенно во время избирательных компании, референдумов, создания парламента, правительства и других государственных органов, принятия новой Конституции и изменения основ конституционной структуры, вопрос государственной властивыходит на первый план. Термин «общественной власти» означает власть, существующую в обществе. Человеческая жизнь немыслима без власти. Человеческая общество развивается блогодаря власти. До появления государства внутренная порядок кланов и племен обеспечивался кланевой и племенной власти. В сомременно периоде развития общество оно приобрело современый характер, что прикреплено основными правовыми источниками государства.

Ключевые слова: Власть, государвственная власть, разделение властей, ветви власти, субъект власти, законодательная, испольнительная, судебная.

THE CONCEPT AND CHARACTERISTICS OF STATE POWER

State power is the central issue in the political life of society. Various political forces struggle for state power. In the political life of society, especially during election campaigns, referendums, the creation of parliament, government, and other state bodies, the adoption of a new Constitution, and changes to the fundamental constitutional structure, the issue of state power comes to the forefront. The term "public power" refers to the power that exists within society. Human life is unthinkable without power. Human society develops thanks to power. Before the emergence of the state, internal order among clans and tribes was ensured by clan and tribal authority. In the modern period of society's development, it acquired a modern character, which is reinforced by the state's fundamental legal sources.

Key words: Authority, state power, separation of powers, branches of power, subject of power, legislative, executive, judicial.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ғаффорзода Мустақим Абдулфайз - Донишгоҳи милли Тоҷикистон, магистри соли 2-юми факулети хуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17; Телефон: 907-40-55-50,

Сведения об авторе: Гаффорзода Мустаким Абдулфайз – Таджикский национальный университет, магистр 2 курса юридического факультета. Адрес:734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудакӣ 17; Телефон: 907-40-55-50,

Information about the author: Ghafforzoda Mustaqim Abdulfayz – Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Law, **Address:** 734025, Republik of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: 907-40-55-50,

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ҲУҚУҚИИ МЕЛИОРАТСИЯИ ЗАМИНҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Давлатов Д.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити рушди давлатдорӣ, тағйирёбии иқлим ва афзоиши талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти кишоварзӣ масъалаи мелиоратсияи заминҳо ба яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст. Замин дар низоми сарватҳои табиӣ ҷойгоҳи хос дошта, дар баробари объекти ҳуқуқи замин будан, воситаи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ ва заминаи таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад. Бинобар ин, нигоҳ доштани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда танҳо масъалаи техникӣ набуда, мазмуни ҳуқуқӣ, экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад. Дар рисолаи магистрӣ низ дуруст таъкид мешавад, ки бахши обёрии кишоварзӣ барои таъмини аҳолӣ бо маводи озуқа ва таъсиси ҷойҳои корӣ дар деҳот нақши муҳим мебозад ва мушкилоти фарсудашавии инфрасохтори обёрӣ, зиёд гардидани заминҳои ҳолати мелиоративиашон ғайриқаноатбахш, эрозия ва берун мондани заминҳои корами обӣ аз гардиши кишоварзӣ ба самаранокии истеҳсолот таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Мафҳуми мелиоратсия дар адабиёти илмӣ ҳамчун маҷмуи чорабиниҳои ташкилӣ, муҳандисӣ, агротехникӣ, агрокимиёвӣ, фитосанитарӣ ва зиддиэрозиявӣ фаҳмида мешавад, ки мақсади онҳо беҳтар намудани ҳолати табиию истеҳсолии замин ва баланд бардоштани ҳосилхезии хок мебошад. Соҳибов М.М. мелиоратсияро дар иртибот бо истифодаи оқилонаи заминҳои кишоварзӣ баррасӣ намуда, таъкид мекунад, ки ин падида барои нигоҳ доштани арзиши истеҳсолии замин, пешгирии шӯршавӣ, бодлесӣ ва обшӯйшавӣ аҳамияти мустақим дорад[10, с. 396]. Аз ин нуқтаи назар, мелиоратсия на танҳо як усули техникӣ, балки механизми ҳуқуқии ҳифз ва истифодаи самараноки замин мебошад.

Дар маънои нисбатан маҳдуд, мелиоратсия бештар бо гидромелиоратсия алоқаманд аст, яъне бо маҷмӯи чорабиниҳои инженерӣ ва техникӣ оид ба танзими режими об, намнокӣ, сатҳи обҳои зеризаминӣ ва ҳолати намакнокии хок. Дар минтақаҳои пахтакор ва заминҳои обёришавандаи Тоҷикистон аҳамияти гидромелиоратсия махсусан калон мебошад, зеро танзими дурусти обёрӣ, тоза кардани заҳбуру заҳкашҳо, пешгирии шӯршавӣ ва барқарор кардани шабакаҳои обрасонӣ бевосита ба ҳосилнокии замин таъсир мерасонад. Маслов Б.С. ва ҳаммуаллифон таърихи мелиоратсияро ҳамчун раванди пайвастаи мутобиқ намудани шароити табиӣ ба талаботи истеҳсолоти кишоварзӣ шарҳ медиҳанд[8, с. 7].

Таҳлили назариявӣ нишон медиҳад, ки мелиоратсия дар низоми ҳуқуқ ҳамчун падидаи комплексӣ арзёбӣ мегардад. Он ҳамзамон ба ҳуқуқи замин, ҳуқуқи об, ҳуқуқи экологӣ ва ҳуқуқи кишоварзӣ алоқаманд мебошад. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, № 326, масъалаҳои истифода ва ҳифзи заминро ҳамчун самти асосии танзими ҳуқуқии муносибатҳои заминӣ муайян менамояд[5]. Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020, № 1688 бошад, муносибатҳои вобаста ба соҳибӣ, истифода ва ҳифзи об ва объектҳои обро танзим намуда, истифодаи самараноки захираҳои обиро ҳамчун вазифаи асосӣ пешбинӣ мекунад[6]. Ҳамин робитаи ҳуқуқи замин ва ҳуқуқи об нишон медиҳад, ки мелиоратсияи замин бе идоракунии дурусти об имконнопазир аст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ» аз 15 июли соли 2004, № 56, заминаи ҳуқуқии муҳим барои пешбурди чорабиниҳои мелиоративӣ мебошад[7]. Дар доираи ин қонун ҳосилхезгардонӣ ҳамчун самти сиёсати давлатӣ дар заминҳои кишоварзӣ баррасӣ мешавад ва чорабиниҳои агротехникӣ, агрокимиёвӣ, мелиоративӣ, фитосанитарӣ ва зиддиэрозиявӣ ба низоми ягона ворид мегарданд. Ғафуров А.Д. ва Боев М.Ф. ҳангоми шарҳи қонуни мазкур таъкид

мекунанд, ки самаранокии ҳосилхезгардонӣ аз мутобиқати чораҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва агротехникӣ вобаста аст[2, с. 11–12].

Мафҳуми ҳуқуқии мелиоратсияро бе робита бо ҳифзи хок ва пешгирии деградатсияи замин пурра фаҳмидан имкон надорад. Дар шароити Тоҷикистон, ки қисми зиёди қаламрави он кӯҳсор аст ва заминҳои обёришаванда маҳдуд мебошанд, ҳар гуна пастшавии ҳосилхезӣ ба амнияти озуқаворӣ таъсири мустақим мерасонад. Забиров Р.Ғ. аз нигоҳи экологӣ нишон медиҳад, ки хок захираи табиии хеле сустбарқароршаванда буда, барои ташаккули қабати ҳосилхези он садсолаҳо лозим мешавад[4, с. 335]. Аз ин рӯ, талаботи ҳуқуқӣ оид ба мелиоратсия бояд ба принсипи пешгирӣ асос ёбанд, на танҳо ба бартараф намудани оқибатҳои зарар.

Дар амалия мушкилоти асосӣ аз он иборат аст, ки чорабиниҳои мелиоративӣ бисёр вақт пас аз ба вуҷуд омадани ҳолати буҳронӣ гузаронида мешаванд. Дар ҳоле ки мақсади воқеии танзими ҳуқуқӣ бояд ташкили низоми мунтазами пешгирӣ, мониторинг ва нигоҳдории доимии инфрасохтор бошад. Пышьева Е.С. мелиоратсияро ҳамчун самти ҳуқуқии дорои хусусияти дарозмуддат арзёбӣ намуда, зарурати комплексӣ будани танзими онро махсус таъкид мекунад[9, с. 29–31]. Ин ақида барои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муҳим аст, зеро бе мутобиқати санадҳои замин, об, экологӣ ва кишоварзӣ самаранокии мелиоратсия таъмин намегардад.

Аз ҷиҳати амалӣ, мелиоратсия на танҳо ба беҳтар намудани ҳолати замин, балки ба устувории иқтисодии хоҷагиҳои деҳқонӣ, фаъолияти ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ва идоракунии инфрасохтори обёрӣ таъсир мерасонад. Агар шабакаҳои обёрӣ ва заҳкашҳо фарсуда бошанд, ҳатто беҳтарин меъёрҳои ҳуқуқӣ самараи кофӣ намедиҳанд. Бинобар ин, қонунгузорӣ бояд уҳдадориҳои заминистифодабарандагон, мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои хизматрасонро ба таври равшан муайян намояд. Дар ин самт таҷрибаи ҳуқуқи замин нишон медиҳад, ки истифодаи оқилона ва ҳифзи замин бояд ҳамчун ду ҷузъи ҷудонашавандаи як низоми ягона баррасӣ гардад[3, с. 648–649].

Ҷанбаҳои назариявии мелиоратсия инчунин аз масъалаи мақоми ҳуқуқии заминҳои мелиоратсияшуда вобаста мебошанд. Заминҳое, ки тавассути маблағҳои давлатӣ ё хусусӣ беҳтар гардонида мешаванд, бояд дар низоми баҳисобгирии замин, кадастр, мониторинг ва назорати давлатӣ мавқеи возеҳ дошта бошанд. Агар ҳолати мелиоративии замин дар маълумоти расмӣ мунтазам инъикос нагардад, қабули қарорҳои идоракунӣ низ ба маълумоти нодуруст такя мекунад. Бохуров В.Н. ҳанӯз дар таҳқиқоти худ оид ба мелиоратсияи хушконӣ нишон дода буд, ки низоми ҳуқуқии мелиоратсия бе баҳисобгирӣ ва назорати доимӣ нопурра мемонад[1, с. 219].

Дар баробари ин, мелиоратсия бояд бо сиёсати рушди устувор ҳамоҳанг бошад. Истифодаи аз ҳад зиёди об, бидуни баҳисобгирии ҳолати хок, метавонад ба шӯршавӣ, болоравии сатҳи обҳои зеризаминӣ ва паст шудани ҳосилнокӣ оварда расонад. Аз ин рӯ, мелиоратсияи муосир бояд на танҳо ба зиёд кардани майдони заминҳои обёришаванда, балки ба истифодаи оқилонаи об, ҷорӣ намудани технологияҳои каммасраф, танзими пардохтҳои хизматрасонии обрасонӣ ва назорати экологӣ равона карда шавад. Сохибов М.М. низ муносибатҳои заминиро дар заминаи арзишҳои конститутсионӣ ва зарурати ҳифзи манфиатҳои умумимиллӣ таҳлил менамояд[11, с. 134–141].

Хусусияти амалии масъала дар он ифода меёбад, ки ҳолати мелиоративии замин ба ҳуқуқу манфиатҳои истифодабарандагони замин бевосита таъсир мерасонад. Заминистифодабаранда ҳангоми гирифтани қитъаи замин аз давлат манфиатдор аст, ки замин дорои инфрасохтори зарурӣ, обрасонии устувор ва имконияти воқеии истеҳсол бошад. Агар давлат ва мақомоти дахлдор мониторинг ва дастгирии мелиоративиро ба таври кофӣ ба роҳ намонанд, ҳуқуқи истифодаи замин дар амал аз мазмуни иқтисодӣ маҳрум мегардад. Аз ин рӯ, танзими ҳуқуқии мелиоратсия бояд кафолатҳои амалӣ дошта бошад.

Масъалаи дигар ба ҷавобгарӣ барои вайрон намудани талаботи мелиоративӣ вобаста мебошад. Истифодаи ғайримақсадноки замин, вайрон кардани шабакаҳои обёрӣ, ифлос намудани заҳкашҳо, риоя накардани қоидаҳои обёрӣ ва беэътиноӣ ба чорабиниҳои зиддиэрозиявӣ метавонад ба зарари умумӣ оварда расонад. Мелиоратсия хусусияти инфрасохтории умумӣ дорад: зарари як истифодабаранда метавонад ҳолати заминҳои истифодабарандагони дигарро низ бад намояд. Аз ин рӯ, ҳуқуқ бояд на танҳо иҷозат диҳад, балки тартиби ҳамкории ҳатмӣ, назорат ва барқарорсозиро низ муқаррар кунад.

Дар шароити Тоҷикистон зарурати қабули санади махсус ё ҳадди ақал таҳияи қоидаҳои муфассали соҳавӣ оид ба мелиоратсияи заминҳо эҳсос мегардад. Қонунгузории амалкунанда меъёрҳои пароканда дорад ва онҳо дар Кодекси замин, Кодекси об, қонунҳо оид ба ҳосилхезгардонии заминҳои кишоварзӣ ва санадҳои зерқонунӣ ҷой гирифтаанд. Ин ҳолат аз як тараф имкони танзими бисёрҷанбаро фароҳам меорад, аз тарафи дигар, дар амалия ҳамоҳангсозии онҳо мушкил мегардад. Шейнин Л.Б. дар таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқии мелиоратсияи заминҳои кишоварзӣ нишон медиҳад, ки самаранокии танзим аз мукаммал будани робитаи меъёрҳои умумӣ ва қоидаҳои техникӣ вобаста мебошад[12, с. 268].

Бо дарназардошти хусусияти ҳуқуқии мелиоратсия, дар амалияи миллӣ зарур аст, ки робитаи байни барномаҳои давлатӣ, нақшаҳои маҳаллӣ ва уҳдадориҳои мушаххаси заминистифодабарандагон пурзӯр карда шавад. Дар бисёр ҳолатҳо санадҳои стратегӣ самтҳои умумиро муайян менамоянд, вале дар сатҳи маҳаллӣ тартиби иҷро, муҳлати гузаронидани корҳои заҳкашӣ, таъмири иншоот, баҳисобгирии талафоти об ва назорати ҳолати хок равшан нест. Маҳз чунин холигӣ боиси он мегардад, ки мелиоратсия аз низоми доимии ҳуқуқӣ ба чорабинии мавсимӣ табдил меёбад. Аз ин рӯ, дар санадҳои зерқонунӣ бояд нишондиҳандаҳои дақиқи ҳолати мелиоративӣ, тартиби ҳисоботдиҳӣ ва масъулияти ҳар як субъекти идоракунӣ муқаррар карда шаванд.

Ҷиҳати пурзӯр намудани асосҳои амалӣ, зарур аст, ки дар баробари назорати давлатӣ, механизми ҳавасмандгардонии иқтисодӣ низ пешбинӣ гардад. Истифодабарандагони замин, ки чорабиниҳои мелиоративӣ, обшӯйкунӣ, яхобмонӣ, тоза кардани заҳкашҳо ва чораҳои зиддиэрозиявиро сари вақт анҷом медиҳанд, метавонанд аз имтиёзҳои муайяни молиявӣ, дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок ё барномаҳои дастгирии давлатӣ истифода баранд. Чунин муносибат ба он мусоидат мекунад, ки иҷрои талаботи ҳуқуқӣ танҳо аз тарси ҷавобгарӣ не, балки аз манфиати иқтисодии худи заминистифодабаранда низ сарчашма гирад.

Аз нигоҳи таълимоти ҳуқуқӣ, мелиоратсия бояд дар низоми принсипҳои ҳуқуқи замин ҷойгоҳи мустақил дошта бошад. Принсипҳои истифодаи мақсаднок, ҳифзи махсуси заминҳои кишоварзӣ, пешгирии бадшавии ҳолати замин ва таъмини манфиати ҷамъиятӣ дар ин самт аҳамияти асосӣ доранд. Мелиоратсия танҳо натиҷаи истифодаи техника нест, балки ифодаи уҳдадории ҳуқуқии субъектҳо барои нигоҳ доштани қобилияти истеҳсолии замин мебошад. Агар ин уҳдадорӣ дар сатҳи қонун ва амалияи идоракунӣ дақиқ нашавад, замин ҳамчун сарвати давлатӣ тадриҷан арзиши истеҳсолии худро гум мекунад.

Татбиқи ин муносибат инчунин тақозо менамояд, ки дар таълими ҳуқуқшиносӣ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ мафҳуми мелиоратсия бо мазмуни васеъ истифода шавад. Он бояд обёрӣ, хушконидан, паст намудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, мубориза бо шӯршавӣ, пешгирии эрозия, барқарорсозии заминҳои вайроншуда ва ҳифзи таркиби биологии хокро дар бар гирад. Чунин фаҳмиш ба таҳияи қарорҳои комплексӣ ва пешгирии муносибати маҳдуди соҳавӣ мусоидат менамояд.

Дар таҷрибаи амалӣ махсусан муҳим аст, ки мелиоратсия бо кадастри давлатии замин ва мониторинги экологӣ пайваст карда шавад. Ҳар қитъаи замини обёришаванда бояд на танҳо аз рӯйи масоҳат, категория ва ҳуқуқи истифода, балки аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҳолати мелиоративӣ низ баҳисоб гирифта шавад. Ин маълумот барои муайян намудани

андозаи хароҷоти барқарорсозӣ, банақшагирии таъмири шабакаҳо, пешгирии баҳсҳо ва арзёбии самаранокии барномаҳои давлатӣ зарур мебошад.

Дар натиҷа, таҳқиқи мафҳум ва моҳияти мелиоратсия нишон медиҳад, ки ин падида дар баробари аҳамияти агротехникӣ дорои мазмуни амиқи ҳуқуқӣ мебошад. Он воситаи татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи замин, таъмини амнияти озуқаворӣ, истифодаи сарфакоронаи об ва рушди деҳот аст. Аз ин рӯ, ҳар гуна ислоҳоти қонунгузорӣ дар ин соҳа бояд ба ҳадафи ниҳоӣ, яъне нигоҳ доштани замин ҳамчун захираи стратегӣ ва асоси зиндагии наслҳои имрӯза ва оянда равона карда шавад.

Ҳамин тариқ, мелиоратсияи заминҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳамчун институти комплексии ҳуқуқӣ фаҳмида шавад, ки мақсади он ҳифз, барқарорсозӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ мебошад. Моҳияти ҳуқуқии он дар ҳамбастагии манфиатҳои давлат, ҷомеа, заминистифодабарандагон ва наслҳои оянда ифода меёбад. Барои такмили минбаъда зарур аст, ки мониторинги ҳолати мелиоративии заминҳо, масъулияти субъектҳо, таъмини молиявии корҳои мелиоративӣ, истифодаи технологияҳои муосир ва ҳамоҳангсозии мақомоти ваколатдор дар як низоми равшан ва устувори ҳуқуқӣ ҷой дода шаванд.

АДАБИЁТ

1. Бохуров В.Н. Правовое регулирование отношений в области осушительной мелиорации (по материалам Белорусской ССР): дис. … канд. юрид. наук. – Минск, 1965. – 219 с.
2. Ғафуров А.Д., Боев М.Ф. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ». – Душанбе: Бухоро, 2013. – С. 11–12.
3. Ерофеев Б.В. Земельное право России: учебник. – М.: Юрайт-Издат, 2007. – С. 648–649.
4. Забиров Р.Ғ. Экология: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – С. 335.
5. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, № 326.
6. Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020, № 1688.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонии заминҳои таъиноти кишоварзӣ» аз 15 июли соли 2004, № 56.
8. Маслов Б.С., Колганов А.В., Гулюк Г.Г., Гусёнков Е.П. История мелиорации в России. Том 1. – М.: ФГНУ «Росинформагротех», 2002. – С. 7.
9. Пышьева Е.С. Правовое регулирование мелиорации земель: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2015. – 31 с.

МАФҲУМ ВА МОҲИЯТИ ҲУҚУҚИИ МЕЛИОРАТСИЯИ ЗАМИНҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақола ба таҳқиқи мафҳум, моҳият ва аҳаммияти ҳуқуқии мелиоратсияи заминҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он мелиоратсия ҳамчун падидаи комплексии ҳуқуқӣ баррасӣ гардида, робитаи он бо ҳуқуқи замин, ҳуқуқи об, ҳуқуқи экологӣ ва ҳуқуқи кишоварзӣ нишон дода мешавад. Мушкилоти ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда ва роҳҳои такмили танзими ҳуқуқӣ таҳлил мегарданд.

Калидвожаҳо: мелиоратсия, заминҳои обёришаванда, ҳуқуқи замин, ҳуқуқи об, ҳосилхезии хок, ҳифзи замин, обёрӣ, заҳбур, мониторинг, истифодаи оқилона, рушди устувор, танзими ҳуқуқӣ.

ПОНЯТИЕ И ПРАВОВАЯ СУЩНОСТЬ МЕЛИОРАЦИИ ЗЕМЕЛЬ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Статья посвящена исследованию понятия, сущности и правового значения мелиорации земель в Республике Таджикистан. Мелиорация рассматривается как комплексное правовое явление, связанное с земельным, водным, экологическим и аграрным правом. Анализируются проблемы мелиоративного состояния орошаемых земель и пути совершенствования правового регулирования.

Ключевые слова: мелиорация, орошаемые земли, земельное право, водное право, плодородие почв, охрана земель, ирригация, дренаж, мониторинг, рациональное использование, устойчивое развитие, правовое регулирование.

THE CONCEPT AND LEGAL ESSENCE OF LAND RECLAMATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article examines the concept, essence and legal significance of land reclamation in the Republic of Tajikistan. Land reclamation is considered as a complex legal phenomenon connected with land, water, environmental

and agrarian law. The article analyzes the problems of reclaimed and irrigated lands and proposes directions for improving legal regulation.

Keywords: land reclamation, irrigated lands, land law, water law, soil fertility, land protection, irrigation, drainage, monitoring, rational use, sustainable development, legal regulation.

Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатов Давлат Шуҳратович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон:

Сведения об авторе: Давлатов Давлат Шухратович – Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the author: Davlatov Davlat Shuhratovich – Tajik National University, 2nd-year Master's student of the Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17.

ШАРИКӢ ДАР ҶИНОЯТ: ПРОБЛЕМАИ ШАРИКИИ СУБЪЕКТИ УМУМӢ ВА МАХСУС

Давлатов М.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ташаккули муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва эъмори давлати ҳуқуқбунёд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд, ки сиёсати ҷиноятии кишвар ва қонунгузории ҷорӣ мунтазам мавриди бозбинӣ ва такмил қарор гиранд. Дар ин раванд, яке аз принсипҳои муҳимтарини Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин принсипи адолат мебошад, ки мутобиқи он ҷазо ва чораҳои дигари дорои хусусиятҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда татбиқ мешавад, бояд одилона бошад, яъне ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳгор мувофиқ бошанд.

Масъалаи таъйини ҷазои одилона махсусан ҳангоми содир намудани ҷиноят дар шарикӣ аҳамияти дучанд пайдо мекунад, зеро муайян кардани саҳми воқеии ҳар як иштирокчӣ дар натиҷаи умумии ҷиноятӣ кори ниҳоят нозук аст. Гарчанде институти шарикӣ дар илми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ тӯли даҳсолаҳо мавриди омӯзиш қарор дошта бошад ҳам, таҷрибаи судӣ нишон медиҳад, ки дар бандубасти кирдорҳои дастҷамъона ҳанӯз ҳам мушкилоти ҷиддӣ ҷой доранд.

Яке аз мураккабтарин ва баҳсноктарин паҳлуҳои ин институт - проблемаи шарикии субъекти умумӣ ва субъекти махсус мебошад. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон миқдори моддаҳое, ки дар онҳо аломатҳои субъекти махсус (шахси мансабдор, хизматчии ҳарбӣ, шахси дорои мақоми махсуси ҳуқуқӣ) пешбинӣ шудаанд, сол ба сол зиёд мегардад, ки ин мураккабии муносибатҳои иштирокчиёнро дар чунин ҷиноятҳо бештар мекунад.

Актуалӣ будани мавзуи таҳқиқот аз он бармеояд, ки дар таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунии Тоҷикистон ҳангоми содир шудани ҷиноят бо иштироки субъекти махсус ва шахси оддӣ (субъекти умумӣ) зуд-зуд хатогиҳои техникӣ ва моҳиятӣ ба мушоҳида мерасанд. Омори судӣ ва таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ тасдиқ мекунанд, ки дар бисёр ҳолатҳо судяҳо ва мақомоти тафтишотӣ ҳангоми муайян кардани нақши иҷрокунанда ва дигар шарикон дар ҷиноятҳои дорои субъекти махсус ба душворӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

Пайдо шудани таркибҳои нави ҷиноятӣ, ки қаблан дар ҳуқуқи ҷиноятии классикӣ мавҷуд набуданд, васеъ гардидани доираи субъектҳои махсус ва гуногуншаклии робитаҳои байни онҳо зарурати таҳияи консепсияҳои нави илмиро ба миён меорад. Таҳқиқоти қаблии олимон бештар бо ҷиноятҳои мансабӣ ва ҳарбӣ маҳдуд мешуданд, вале имрӯз мушкили шарикии субъекти умумӣ ва махсус дар ҷиноятҳои иқтисодӣ, тиббӣ ва зидди адолати судӣ низ ошкор мегардад.

Мақсади асосии ин мақола аз таҳқиқи маҷмӯии ҳуқуқии проблемаи шарикии субъекти умумӣ ва махсус дар заминаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи тавсияҳои илмӣ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ иборат аст. Мо ният дорем, ки моҳияти шарикиро на танҳо ҳамчун як падидаи иҷтимоии ҳамкории чанд шахс, балки ҳамчун як усули махсуси содир намудани ҷиноят, ки ба хавфнокии он таъсир мерасонад, баррасӣ намоем.

Яке аз вазифаҳои муҳими мо ин таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон бо таҷрибаи давлатҳои дигар, аз ҷумла Федератсияи Русия мебошад, зеро бисёр меъёрҳои мо решаҳои муштараки ҳуқуқӣ доранд. Аммо, мутобиқ кардани ин ғояҳо ба воқеияти ҳуқуқӣ ва низоми судии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки роҳҳои самараноктари ҳалли мушкилоти бандубасти ҷиноятҳо пешниҳод гарданд.

Дар мақола ба масъалаи «иҷрокунандаи ҷиноят» таваҷҷуҳи хос зоҳир мешавад, зеро дар ҷиноятҳои дорои субъекти махсус маҳз ҳамин мафҳум манбаи баҳсҳои илмӣ мебошад. Оё шахси оддӣ метавонад иҷрокунандаи ҷинояте бошад, ки барои содираш қонун мавҷудияти мақоми махсуси хизматиро талаб мекунад? Ин саволест, ки мо дар рафти таҳқиқот ба он ҷавоби илмӣ хоҳем дод.

Илова бар ин, мо консепсияи сабабгории шарикиро пешниҳод мекунем, ки мувофиқи он амали ҳар як шарик, сарфи назар аз мақоми ҳуқуқиаш, ҳамчун қисми ҷудонашавандаи механизми расонидани зарар ба муносибатҳои ҷамъиятӣ баҳо дода мешавад. Ин равиш имкон медиҳад, ки аз қолабҳои кӯҳнаи назариявӣ даст кашида, ба воқеияти ҷиноятӣ аз нигоҳи назарияи сабабҳо ва шароитҳо назар афканем.

Дар ҷамъбаст, навоварии мақола дар он зоҳир мегардад, ки мо таснифоти нави ҷиноятҳоро бо иштироки субъекти махсус (махсус, омехта ва умумӣ) дар заминаи КҶ ҶТ пешниҳод намуда, қоидаҳои мушаххаси квалификатсияро барои ҳар як гурӯҳ таҳия менамоем. Умедворем, ки натиҷаҳои ин таҳқиқот барои такмили минбаъдаи қонунгузорӣ ва фаъолияти амалии судяҳо ва муҳаққиқони соҳаи ҳуқуқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат хоҳад кард.

Заминаи методологии таҳқиқотро усулҳои умумиилмии шинохт, аз ҷумла усули диалектикӣ, мантиқӣ, таърихӣ ва муносибати системавӣ ташкил медиҳанд. Истифодаи ин усулҳо имкон дод, ки институти шарикӣ дар ҷиноят на ҳамчун як қолаби шахшуда, балки ҳамчун падидаи динамикӣ дар таҳаввули доимии ҳуқуқӣ баррасӣ карда шавад.

Дар рафти таҳқиқот усулҳои зерини махсус ба кор гирифта шудаанд: усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ: Барои таҳлили қиёсии меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия истифода шудааст. Ин усул ҷиҳати муайян кардани умумият ва тафовутҳо дар бандубасти кирдори шарикон ҳангоми мавҷуд будани субъекти махсус замина фароҳам оварда; усули шакли - ҳуқуқӣ: ҳангоми таҳлили матни моддаҳои 35-36 КҶ ҶТ ва тафсири онҳо дар адабиёти илмӣ (аз ҷумла дар асарҳои А.И. Рарог ва Б.В. Волженкин) истифода гардида, имкон дод, ки мафҳуми «иҷрокунанда» ва «шарик» аз нигоҳи ҳуқуқӣ дақиқ карда шавад.

Маводи таҳқиқотро санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия, қарорҳои Пленуми Суди Олии ҶТ ва ФР, инчунин асарҳои бунёдии олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, асарҳои В.Г. Павлов ва В.В. Устименко ҳамчун заминаи назариявӣ барои тавсифи субъекти махсус ва асарҳои П.Ф. Тельнов ва С.Д. Макаров барои асоснок кардани механизми сабабгории шарикии субъекти умумӣ ва махсус истифода шудаанд.

Ҳамчунин, дар кор маводи таҷрибаи судӣ ва тафсирҳои илмии Кодекси ҷиноятӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд, ки онҳо барои муайян кардани мушкилоти воқеии бандубаст дар ҷиноятҳои мансабӣ ва ҳарбӣ асос гардиданд. Маҷмӯи ин усулҳо ва маводҳо имкон доданд, ки хулосаҳои мақола дорои хусусияти асосноки илмӣ ва амалӣ бошанд.

Таҳқиқи консептуалӣ нишон медиҳад, ки институти шарикӣ дар ҷиноят аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия ҳамчун низоми мураккаби ҳамкории субъектҳо баррасӣ мегардад. Масъалаи марказии муҳокимаи мо - ин таносуби фаъолияти субъекти умумӣ ва махсус дар доираи як ҷинояти воҳид мебошад.

Дар адабиёти илмӣ, хусусан дар асарҳои В.Г. Павлов, таъкид мешавад, ки субъекти махсус на танҳо дорои аломатҳои иловагӣ, балки дорои мақоми махсуси ҳуқуқӣ мебошад, ки маҳз ҳамон мақом имкони расонидани зарарро ба объекти мушаххас фароҳам меорад [4, с. 82]. Ин нуқтаи назар имкон медиҳад, ки мо фарқияти принсипиалии байни иҷрокунанда ва дигар шариконро дар ҷиноятҳои мансабӣ ва ҳарбӣ дарк намоем.

Профессор П.Ф. Тельнов дар таҳқиқоти худ қайд мекунад, ки шарикӣ «сабабгори» ҷиноят аст ва ин сабабгорӣ дар ҷиноятҳои бо субъекти махсус хусусияти дутарафа дорад [5, с. 145]. Яъне, субъекти умумӣ (масалан, ёрдамчӣ) метавонад заминаҳои моддиро барои содир шудани ҷиноят аз ҷониби субъекти махсус фароҳам орад, вале ӯ наметавонад хусусияти махсуси объекти ҷиноятро тағйир диҳад.

Мушкилии асосии назариявӣ дар он зоҳир мегардад, ки оё субъекти умумӣ метавонад қисми амалии ҷиноятеро, ки субъекти махсусро талаб мекунад, иҷро намояд? А.А. Арутюнов бар он назар аст, ки иҷрои ҷисмонии тарафи объективӣ аз ҷониби субъекти

умумӣ ӯро ба иҷрокунанда табдил намедиҳад, агар қонун мавҷудияти мақоми махсусро шарт гузошта бошад [6, с. 112].

Ин мавқеъ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дастгирӣ меёбад, ки тибқи он шарикони ҷиноят, ки субъекти махсус нестанд, танҳо барои иштирок дар ҷинояти мазкур ҷавобгар мешаванд. Вале С.Д. Макаров дар рисолаи худ пешниҳод мекунад, ки мо бояд ба «сабабгории воқеӣ» таваҷҷуҳ кунем, на танҳо ба мақоми ҳуқуқӣ [8, с. 45].

Дар бахши ҷиноятҳои мансабӣ, Б.В. Волженкин қайд мекунад, ки субъекти махсус (шахси мансабдор) ҳамчун «муҳаррики» асосии ҷиноят баромад мекунад, зеро маҳз ваколатҳои ӯ воситаи расонидани зарар мебошанд [7, с. 190]. Аз ин рӯ, субъекти умумӣ дар ин ҷо танҳо нақши ёрирасонро мебозад, ҳатто агар ӯ нақшаи ҷиноятро тарҳрезӣ карда бошад.

Ҷанбаи дигари муҳокима ба консепсияи «актсессорӣ» (вобастагӣ) рабт дорад. А.П. Козлов бар он аст, ки ҷавобгарии шарикон бояд аз ҷавобгарии иҷрокунанда вобаста бошад, вале дар ҷиноятҳои бо субъекти махсус ин вобастагӣ хусусияти маҳдуд дорад [12, с. 76]. Ин маънои онро дорад, ки агар субъекти махсус аз ҷавобгарӣ озод шавад (масалан, бинобар афв), ин набояд худкор боиси озод шудани субъекти умумӣ гардад.

Дар ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон, тибқи Тафсир ба КҶ ҶТ, шарикии субъекти умумӣ ва махсус бояд бо назардошти мақсадҳои ҷиноятӣ баҳо дода шавад. Агар субъекти умумӣ аз мақоми махсуси шарики худ бохабар бошад ва онро барои расидан ба натиҷаи ҷиноятӣ истифода барад, пас дарки субъективии ӯ шарикиро пурра мекунад.

А.И. Рарог таъкид менамояд, ки дар ҷиноятҳои бо субъекти махсус, шаклҳои шарикӣ (гурӯҳи шахсон, гурӯҳи муташаккил) вобаста аз он ки кадом аъзо субъекти махсус аст, тағйир меёбанд [10, с. 134]. Ин барои бандубасти дурусти ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Тоҷикистон аҳамияти калон дорад.

Муҳокимаи мо нишон медиҳад, ки дар ҷиноятҳои «таркиби омехта», субъекти умумӣ метавонад ба хавфнокии ҷиноят таъсири ҷиддӣ расонад. В.В. Устименко исбот мекунад, ки маҳз иштироки субъекти умумӣ аксар вақт пинҳонкории ҷиноятҳои субъекти махсусро таъмин менамояд [14, с. 60].

Яке аз натиҷаҳои муҳими таҳқиқот ин таснифоти ҷиноятҳо ба «махсус», «омехта» ва «умумӣ» мебошад. Ин таснифот, ки дар автореферати мавриди таҳлил пешниҳод шудааст, имкон медиҳад, ки мо қоидаҳои квалификатсияро вобаста ба тарафи объективӣ муайян кунем.

Дар ҷиноятҳои бо «таркиби махсус» (масалан, хиёнат ба давлат), субъекти умумӣ наметавонад иҷрокунанда бошад. Ин нуқтаи назар дар асарҳои Ф.Г. Бурчак ба таври васеъ асоснок шудааст [11, с. 210]. Ӯ қайд мекунад, ки объекти ин ҷиноятҳо танҳо тавассути вайрон кардани вазифаҳои махсус мавриди ҳамла қарор мегирад.

Аммо дар ҷиноятҳои бо «таркиби умумӣ», ки дар онҳо танҳо субъект махсус аст (масалан, куштани навзод аз ҷониби модар), шарикии субъекти умумӣ метавонад ба бандубасти кирдор таъсири дигар расонад. Дар ин маврид, шарик бояд мувофиқи моддаи одамкушӣ (м. 104 КҶ ҶТ) ҷавобгар шавад, на моддаи махсус, зеро имтиёзи ин модда танҳо ба модар дахл дорад.

Ин хулоса бо назарияи Р.И. Михеев мувофиқат мекунад, ки «аломатҳои имтиёзнок»-и субъекти махсус ба шарикони дигар паҳн намешаванд [15, с. 98]. Ин принсип дар ҳуқуқи ҷиноятии Тоҷикистон барои таъмини адолати ҷазо ниҳоят муҳим аст.

Дар ҷараёни муҳокима маълум гардид, ки консепсияи «сабабгории шарикӣ» имкон медиҳад, ки мо нақши ҳар як шахсро дар расонидани зарари воқеӣ баҳо диҳем. Ин равиш аз ҷониби Р.Р. Галиакбаров низ дастгирӣ ёфтааст, ки шарикиро ҳамчун «қувваи ягонаи истеҳсолкунандаи зарар» медонад [9, с. 55].

Дар шароити Тоҷикистон, татбиқи ин консепсия метавонад ба коҳиши хатогиҳои судӣ ҳангоми бандубасти ҷиноятҳои гурӯҳӣ мусоидат кунад. Мо пешниҳод менамоем, ки

ҳангоми шарикии субъекти умумӣ ва махсус, дараҷаи иштироки ҳар як шахс бояд тавассути таҳлили занҷири сабабҳо муайян карда шавад.

Инчунин, муҳокима нишон дод, ки мафҳуми «иҷрокунанда» дар ҷиноятҳои бо субъекти махсус бояд васеътар тафсир карда шавад. Агар субъекти махсус танҳо ҳамчун «восита» дар дасти субъекти умумӣ истифода шавад (масалан, тавассути фиреб), пас мо бо «иҷрокунии бавосита» рӯ ба рӯ мешавем.

Н.Г. Иванов дар мақолаҳои худ қайд мекунад, ки мотиви ҷиноят низ дар шарикии субъекти умумӣ ва махсус нақши калидӣ дорад [13]. Агар мотивҳо гуногун бошанд, ин метавонад ба таснифи шаклҳои шарикӣ таъсир расонад.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқот тасдиқ мекунанд, ки институти шарикӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ниёз ба такмили назариявӣ дорад. Истифодаи таҷрибаи Федератсияи Русия ва асарҳои олимони зикршуда барои ин мақсад заминаи боэътимод фароҳам меорад.

Мо ба хулосае омадем, ки бандубасти кирдори субъекти умумӣ ва махсус бояд дар се марҳила сурат гирад: муайян кардани намуди таркиб, таҳлили алоқаи сабабӣ ва баҳодиҳӣ ба нияти субъективӣ. Танҳо дар ин сурат принсипи инфиродикунонии ҷазо риоя мешавад.

Дар хотимаи муҳокима бояд зикр кард, ки шарикии субъекти умумӣ ва махсус на танҳо проблемаи ҳуқуқӣ, балки проблемаи ахлоқӣ ва иҷтимоӣ низ мебошад. Зеро суиистифода аз мақоми махсус дар якҷоягӣ бо шахсони оддӣ асосҳои давлатдориро заиф мекунад.

Пешниҳодҳои дар мақола овардашуда, аз ҷумла тағйирот ба моддаи 36 КҶ ҶТ, метавонанд дар таҳияи тафсирҳои нави қонунгузории ҷиноятӣ мавриди истифода қарор гиранд. Ин иқдом ба баланд шудани сифати адолати судӣ дар кишвар мусоидат хоҳад кард.

Таҳқиқи анҷомшуда нишон медиҳад, ки институти шарикӣ дар ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун низоми мураккаби ҳамкории субъектҳо на танҳо ҷамъи оддии иштирокчиён, балки як шакли махсуси фаъолияти ҷиноятӣ мебошад, ки хавфнокии нави иҷтимоиро ба вуҷуд меорад. Дар ин раванд, мақоми субъекти махсус аҳамияти калидӣ дошта, муайян менамояд, ки дар ҷиноятҳои дорои таркиби махсус танҳо шахси дорои ваколатҳои расмӣ ё мақоми ҳуқуқӣ метавонад иҷрокунандаи бевосита бошад, дар ҳоле ки субъекти умумӣ танҳо дар нақши ташкилкунанда, таҳрикдиҳанда ё ёвар баромад мекунад.

Гузариш аз консепсияи анъанавии вобастагии шарикон ба консепсияи сабабгории воқеӣ имкон медиҳад, ки амали ҳар як иштирокчӣ ҳамчун қисми ҷудонашавандаи механизми расонидани зарар ба объекти ҳифзи ҳуқуқӣ баҳо дода шавад. Таснифоти пешниҳодшудаи ҷиноятҳо ба намудҳои махсус, омехта ва умумӣ заминаи илмиеро фароҳам меорад, ки тавассути он мақомоти ҳифзи ҳуқуқ метавонанд нақши функсионалии ҳар як шарикро дар заминаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дақиқ муайян намуда, аз хатогиҳои бандубаст пешгирӣ намоянд.

Дар фарҷом, эътироф намудани шарикӣ ҳамчун усули махсуси содир намудани ҷиноят ва ворид кардани тағйироти дахлдор ба қонунгузории ҷорӣ ба инфиродикунонии воқеии ҷазо ва таҳкими адолати судӣ мусоидат хоҳад кард. Ин равиши маҷмӯӣ на танҳо ба сатҳи назариявии илми ҳуқуқ вазн мебахшад, балки барои фаъолияти амалии судяҳо ва муҳаққиқон дар самти мубориза бо ҷиноятқории гурӯҳӣ ва мансабӣ дар кишвар ҳамчун роҳнамо хизмат мекунад.

АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994. – Душанбе, 2017.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998. – Душанбе, 2024 (нашри охирин).
3. Уголовный кодекс Российской Федерации от 13.06.1996 № 63-ФЗ (ред. от 2024).
4. Павлов В. Г. Субъект преступления и уголовная ответственность. – СПб.: Лань, 2000.
5. Тельнов П. Ф. Соучастие в преступлении. – М.: Юрид. лит., 1974.
6. Арутюнов А. А. Соучастие в преступлении. – М.: Юнити-Дана, 2013.
7. Волженкин Б. В. Служебные преступления: Комментарий законодательства и судебной практики. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2005.
8. Макаров С. Д. Уголовная ответственность за преступления, совершаемые в соучастии общим и специальным субъектами: Автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Иркутск, 2004.

9. Галиакбаров Р. Р. Соучастие в преступлении: прагматический анализ. – Краснодар, 1999.
10. Рарог А. И. Настольная книга судьи по квалификации преступлений. – М.: Проспект, 2009.
11. Бурчак Ф. Г. Квалификация соучастия в преступлении. – Киев: Политиздат Украины, 1985.
12. Козлов А. П. Соучастие: традиции и реальность. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001.
13. Иванов Н. Г. Мотив преступления как формально-логический критерий дифференциации ответственности в соучастии // Государство и право. – 2015. – № 3.
14. Устименко В. В. Специальный субъект преступления. – Харьков: Вища школа, 1989.
15. Михеев Р. И. Проблемы субъекта преступления в уголовном праве. – Владивосток, 1993.

ШАРИКӢ ДАР ҶИНОЯТ: ПРОБЛЕМАИ ШАРИКИИ СУБЪЕКТИ УМУМӢ ВА МАХСУС

Мақола ба таҳқиқи маҷмуии ҳуқуқии проблемаҳои шарикӣ дар ҷиноят бо иштироки субъекти умумӣ ва махсус бахшида шудааст. Муаллиф консепсияи сабабгории шарикиро баррасӣ намуда, зарурати тағйир додани равишҳоро нисбат ба бандубасти кирдори шарикон дар ҷиноятҳои дорои субъекти махсус асоснок мекунад. Дар мақола таснифоти нави ҷиноятҳо бо иштироки субъекти махсус ба намудҳои махсус, омехта ва умумӣ пешниҳод шуда, таъсири ин таснифот ба муайян кардани нақши иҷрокунанда ва дигар шарикон таҳлил мегардад.

Калидвожаҳо: шарикӣ дар ҷиноят, субъекти умумӣ, субъекти махсус, иҷрокунандаи ҷиноят, бандубасти ҷиноят, таркиби омехта, ҷавобгарии ҷиноятӣ.

СОУЧАСТИЕ В ПРЕСТУПЛЕНИИ: ПРОБЛЕМА СОУЧАСТИЯ ОБЩЕГО И СПЕЦИАЛЬНОГО СУБЪЕКТА

Статья посвящена комплексному уголовно-правовому исследованию проблем соучастия в преступлении с участием общего и специального субъекта. Автор рассматривает причинную концепцию соучастия и обосновывает необходимость изменения подходов к квалификации деяний соучастников в преступлениях со специальным субъектом. В статье предлагается новая классификация преступлений с участием специального субъекта на составы со специальным, смешанным и общим характером, а также анализируется влияние данной классификации на определение роли исполнителя и других соучастников.

Ключевые слова: Соучастие в преступлении, общий субъект, специальный субъект, исполнитель преступления, квалификация преступления, смешанный состав, уголовная ответственность.

COMPLICITY IN A CRIME: THE PROBLEM OF COMPLICITY OF GENERAL AND SPECIAL SUBJECTS

The article is devoted to a comprehensive criminal-legal study of the problems of complicity in a crime involving general and special subjects. The author examines the causal concept of complicity and justifies the need to change approaches to the qualification of the acts of accomplices in crimes with a special subject. The article proposes a new classification of crimes involving a special subject into compositions with a special, mixed and general character, and analyzes the influence of this classification on determining the role of the perpetrator and other accomplices.

Keywords: Complicity in a crime, general subject, special subject, perpetrator of a crime, qualification of a crime, mixed composition, criminal liability.

Маълумот дар бораи муаллиф: Давлатов Муслиҳиддин Самариддинович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. **Тел:** (+992) 171-21-21-21. **E-mail:** musliddindavlatov98@gmail.com.

Сведения об авторе: Давлатов Муслихиддин Самариддинович – Таджикский национальный университет, магистр 2 курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. **Тел:** (+992) 171-21-21-21. **E-mail:** musliddindavlatov98@gmail.com.

Information about the authot: Davlatov Muslihiddin Samariddinovich – Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan,Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. **Тел:** (+992) 171-21-21-21. **E-mail:** musliddindavlatov98@gmail.com.

МЕХАНИЗМҲОИ АМАЛИСОЗИИ ҲУҚУҚ БА ҲИМОЯИ СУДӢ: ЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА НИЗОМИ ШИКОЯТӢ

Искандарзода Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳимояи судӣ дар шакли махсуси мурофиавӣ амалӣ мешавад, ки дар ҳама тартиботи юрисдиксионӣ, аз ҷумла дар сатҳи конститутсионӣ, муфассалтар аст. Ҳама муқаррароти мурофиавӣ дар ниҳоят ба муайян кардани ҳақиқат ва қабули қарори қонунӣ, асоснок ва одилона нигаронида шудаанд. Адолат роҳи боэътимод ва мутамаддини ҳалли низоъҳои дар ҷомеа ба вуҷуд омада на танҳо бо сабаби мустақилияти судяҳо, балки асосан бо сабаби тартиби махсуси мурофиавӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар радифи муқаррароти муҳими принсипиалӣ, ки мақоми меъёрҳои конститутсионӣ доранд ва дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мустаҳкам карда шудаанд, ба мурофиаи судӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Мурофиаи судӣ ҳамчун кафолати мурофиаи одилона, ҷиҳати эътирофи ҳуқуқи шахс ва шаҳрванд баррасӣ мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки дар моддаи 10-и Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон навишта шудааст: "Ҳар як шахс барои муайян кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худ ва муайян кардани асоснокии айбномаи ба ӯ пешниҳодшуда ҳуқуқ дорад, ки парвандаи ӯ ба таври ошкоро ва бо риояи тамоми талаботи адолат аз ҷониби суди мустақил ва беғаразона баррасӣ карда шавад." Чунин ҳуқуқ дар банди 1, моддаи 6 –и Конвенсияи Аврупо оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ муқаррар шудааст[1].

Шакли мурофиавии судӣ ба шахсони салоҳиятдор имкон медиҳад, ки дар мурофиаи судӣ иштирок карда, ҳуқуққо ва манфиатҳои субъективии худро фаъолона ҳимоя намоянд. Мақомоти судӣ вазифадоранд, ки меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ва мурофиавиро қатъиян риоя карда, ҳолатҳои воқеии барои парванда муҳимро муқаррар кунанд ва дар маҷлиси кушоди судӣ қарорҳои қонунӣ ва асоснок бароранд. Тавре ки И. Л. Петрухин қайд менамояд, “шакли мурофиавӣ, ки дар доираи он адолат амалӣ мегардад, аз ҳама тартиботи ҳуқуқии мураккабтарин, гуногунпаҳлу ва педантикӣ мебошад[2].

Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалкунанда буда, самтҳои фаъолияти ҳамаи рукнҳои ҳокимияти давлатӣ: иҷроия, қонунбарор ва судиро муайян менамоянд. Вазифаи асосии ҳокимияти судӣ ҳимоя ва барқарорсозии ҳуқуқу озодиҳои вайроншудаи инсон мебошад.

М.Г. Кательников менависад: “Ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ ин татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, дастрасӣ ба адолат ва ҷуброни зарари расонидашуда, ҷуброни зарари бо амалҳои ғайриқонунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ расонидашуда аст. Ҳуқуқ барои кӯмаки юридикӣ, шикоят аз амалҳои ғайриқонунӣ ва қарорҳои мақомоти давлатӣ ва шахсони уҳдадор дар доираи ҳимояи судӣ амалӣ мегардад. Бинобар ин, ҳимояи судӣ бояд ҳамчун институте баррасӣ шавад, ки маҷмӯи ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқии муайяншударо дар бар гирад. Танҳо дар маҷмӯъ онҳо кафолати ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои шахсро ифода мекунанд.[3]

Дар адабиёти илмӣ, таълимӣ, дастуру ҳуҷҷатҳо намудҳои зерини кӯмаки ҳуқуқӣ пешниҳод шудаанд, ки роҳнамои корафтодагон, шаҳрвандон мебошанд:

• машварат ва тавзеҳот, маълумотномаҳои шифоҳӣ ва хаттӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ;

• таҳияи аризаҳо, шикоятҳо, дархостҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ;

• пешниҳоди маълумотномаҳо, ҷамъоварии маълумот ва омода кардани мавод барои баррасӣ ва ҳалли онҳо бо тартиби муқарраршуда;

• иҷрои намояндагӣ дар парвандаҳои шаҳрвандӣ, парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва дигар категорияҳои парвандаҳо;

• иштирок дар мурофиаи судии ҷиноятӣ, ҳангоми баррасии баҳсҳои хоҷагидорӣ ва дар суди Конститутсионӣ ҳамчун ҳимоятгар ва дигар намояндагон;

• инчунин бо роҳҳои дигаре, ки хилофи қонунгузории амалкунанда нестанд.

Кӯмаки ҳуқуқӣ метавонад аз ҷониби адвокатҳои Коллегияи адвокатӣ расонида шавад. Коллегияи адвокатҳо як иттиҳодияи мустақили касбӣ мебошад, ки бо мақсади расонидани кӯмаки ҳуқуқии тахассусӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таъсис дода шудааст. Инчунин кӯмаки ҳуқуқӣ метавонад аз ҷониби адвокатҳои ваколатдор расонида шавад. Адвокатҳои хусусӣ-адвокатҳо соҳибкорони соҳаи хизматрасонии ҳуқуқӣ мебошанд. Фарқи онҳо аз адвокатҳои Коллегия дар он аст, ки онҳо дар асоси иҷозатномаҳое, ки Вазорати адлия ба онҳо додааст, амал мекунанд. Ба ҳамаи нафарон новобаста аз шаҳрвандӣ ва қайди ҷойи зист кӯмаки ҳуқуқӣ расонида мешавад. Роҷеъ ба кӯмаки ҳуқуқӣ, барои мисол ба санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат мекунем: “Таъмини ҳуқуқи ҳимоя ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда

1. Ҳар шахс аз лаҳзаи воқеан дастгир шуданаш метавонад аз ёрии ҳимоятгар истифода кунад[4]

2. Дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда ҳуқуқ доранд барои ҳимояи худ аз айбдоркунӣ ҳуқуқҳояшонро мутобиқи тартиби муқарраранамудаи Кодекси мазкур шахсан, инчунин тавассути ҳимоятгар ё намояндаи қонуниашон истифода баранд.

3. Суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда вазифадоранд ба гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда ва маҳкумшуда ҳуқуқҳояшонро фаҳмонанд, ба онҳо имконият фароҳам оваранд, ки бо усул ва воситаҳои муқаррарнамудаи қонун худро ҳимоя кунанд, инчунин ҳифзи ҳуқуқи шахсӣ ва молумулкии онҳоро таъмин намоянд”[5]

Мувофиқи кодекси мурофиавии ҷиноятӣ адвокат ё шахсе, ки дар тартиби муқаррарнамудаи қонун барои ҳуқуқи пешбурди фаъолияти адвокатӣ (адвокатповеренный) иҷозатнома дорад, ҳамчун ҳимоятгар иҷозат дода мешавад. Бо қарори суд, қарори судя, прокурор, муфаттиш, хешовандони наздик ва намояндагони қонунии боздоштшуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда метавонанд ба сифати ҳимоятгар дар мурофиаи судӣ роҳ дода шаванд[6].

Инчунин кӯмаки ҳуқуқӣ дар мувофиқаи тарафҳо, бо шартномаи озод (созишнома)-и байни муштарӣ ва адвокат ба роҳ монда мешавад. Агар шахс ҳаққи хизмати адвокатро пардохт карда натавонад, кӯмаки ҳуқуқӣ метавонад аз ҳисоби давлат ба таври таъиншуда расонида шавад.Яъне, “ Музди меҳнати ҳимоятгар, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 4 ҳамин модда, ҳангоме ки ҳимоятгар тибқи таъинот бе бастани шартнома бо мизоҷ дар пешбурди тафтиши пешакӣ ё суд иштирок намудааст, аз ҳисоби давлат пардохта мешавад. Дар ин ҳолат ҷуброни хароҷоти давлатро ба уҳдаи маҳкумшуда гузоштан мумкин аст.[7]

Ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ дорад ба суд шикоят барад, агар бо амалҳои ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, муассисаҳо, корхонаҳо ва иттиҳодияҳои онҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ поймол карда шаванд.

Ҳуқуқ ба шикоят аз амалҳо ва қарорҳои мурофиавӣ яке аз принсипҳои асосии мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

Мақсади мурофиаи ҷиноятӣ ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсон ё ташкилотҳое мебошад, ки аз ҷиноятҳо ҷабрдидаанд, инчунин ҳимояи шахс аз айбдоркунии ғайриқонунӣ ва беасос, маҳкумкунӣ, маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳост.

Яке аз принсипҳои асосии кодекси мурофиавии ҷиноятии давлатҳо ҳимояи ҳуқуқи шикоят аз амалҳои мурофиавӣ ва қарорҳои суд, прокурор, роҳбари мақомоти тафтишотӣ, мақомоти тафтишотӣ ва муфаттиш мебошад.

Мутобиқи қонунгузории амалкунандаи мурофиавии ҷиноятӣ инчунин ҳуқуқи шикоят аз амалҳо (беамалӣ) ва қарорҳои мақомоти бозпурсӣ, ба муфаттиш, сардори шуъбаи

бозпурсӣ, муфаттиш, роҳбари мақомоти тафтишотӣ, прокурор ва суд ба иштирокчиени мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин шахсони дигар дар қисмате, ки дар он амалҳои мурофиавӣ ва қарорҳои мурофиавии қабулшуда ба манфиатҳои онҳо дахл доранд, дода мешавад.

Давлат эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётии ӯ кафолат медиҳад. Ҳар гуна маҳдудият танҳо дар асоси қонунӣ сурат гирифта метавонад ва бояд бо мақсади ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ, ахлоқ, саломатӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони дигар ва амнияти давлат асоснок ва зарур бошад. Дар соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ бархӯрди манфиатҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ хеле маъмул аст, вақте ки вайрон кардани ҳуқуқи инсон аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ва прокуратура имконпазир аст. Дар ин ҳолат зарурати санҷиши фаврии асоснокии вайронкунӣ ё маҳдудкунии ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба миён меояд, ки бо роҳи татбиқи принсипи охирини ҳуқуқи пешниҳоди шикоят бо тартиб таъмин карда мешавад.

2) қарорҳое, ки ба амалҳои алоҳидаи мурофиавӣ дахл доранд: интихоби чораи пешгирӣ, чораҳои маҷбуркунӣ, ба истиснои судӣ; расонидани зарар ба ҳуқуқҳои конститутсионии дар кодекси ҷиноятии давлатҳо муқарраршуда (рад кардани пешниҳоди мавод, нусхаҳои ҳуҷҷатҳое, ки ба ҷониби ҳимоя ниёз доранд); рад кардани қаноатмандӣ ё қонеъ кардани дархостҳо (дар бораи гузаронидани ставкаҳои рӯ ба рӯ, дар бораи ворид кардани мавод, эътирофи далелҳои ғайриқобили қабул, гузаронидани экспертиза, ғайра); амалҳои тафтишотӣ, ки бо вайрон кардани қонун; амал, қарорҳое, ки метавонанд ба ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ зарар расонанд ё дастрасии шаҳрвандонро ба адолат душвор гардонанд.[8]

А. В. Смирнов, К. Б. Калиновский қайд мекунанд:"Суди Конститутсионии Федератсияи Русия дар ибтидо аз ваколатҳои судҳо оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон бар зидди қарорҳои ғайриқонунӣ, амал ё беамалии намояндагони давлат ҳимоят менамояд. Ҳуқуқи ҳимояи судӣ ҳамеша ҳамчун мутлақ, бе маҳдудият дар ягон шароити зуҳуроти ҳокимияти судӣ баррасӣ мешавад. Таъмини адолати одилона ва барқарорсозии самараноки ҳуқуқҳо, инчунин унсуреро дар бар мегирад, ба монанди саривақтии ҳимояи судӣ"[9].

В. А. Виноградова менависад: "дар бисёр ҷиҳатҳо хусусияти мавзӯи шикоят баҳсбарангез аст, тавре ки худи қонун шарҳ медиҳад, агар дақиқтар гӯем, муқаррароте, ки ба қисми 1 моддаи 125 –и Кодекси ҷиноятии Русия дохил карда шудааст, чунин аст: "ва инчунин дигар қарорҳо ва амалҳои (беамалии) муфаттиш, роҳбари мақомоти тафтишотӣ ва прокурор, ки қодиранд ба ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва озодиҳои иштирокчиёни ҷиноӣ зарар расонанд, ки ин дастрасии шаҳрвандонро ба адолат мушкил мегардонад"[10].

Дар ҳақиқат, дар ин меъёр категорияҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ номуайяни "дигар", "беамалӣ", "қодир ба расонидан", "мушкил кардани дастрасӣ ба адолат" вуҷуд доранд. Олими ҳуқуқшинос О. А. Ястребова, ҳангоми баррасии ҳудуди шикояти судӣ аз амалҳо (беамалӣ) ва қарорҳои муфаттиш, прокурор, инчунин ба таҳрири модда диққат медиҳад. Дар моддаи 125 –и Кодекси ҷиноятии Русия, ки он ҷо "қобилияти" расонидани зарар ба ҳуқуқ ва озодиҳое, ки Конститутсияи ФР кафолат додааст, қонунгузорӣ карда мешавад, яъне дар бораи хатари ҳуқуқвайронкунӣ ва озодиҳо сухан меравад, гӯе далели вайрон кардани онҳо талаб карда намешавад".

Олимон доир ба омӯзиши мушкилоте, ки ҳангоми баррасии шикоятҳо бо тартиби қисми 1 моддаи 125 –и Кодекси ҷиноятии Русияба миён меоянд, изҳор медоранд, ки муҳлати баррасии шикоятҳо бояд то даҳ рӯз зиёд карда шавад, бо далели он ки панҷ рӯзи муқаррарнамудаи қонунгузор (қисми 3 моддаи 125 –и Кодекси ҷиноятии Русия) барои огоҳ кардани ҳамаи шахсони манфиатдор, талаб кардани маводи иловагӣ ва инчунин асоснок кардани қарори судӣ кофӣ нест.

Олими дигар И.Р. Дочия, бо риояи мавқеи дар боло зикршуда, чунин мешуморад, ки механизми иҷрои қарорҳои суд, ки дар натиҷаи баррасии шикоятҳо аз амалҳо ва қарорҳои мақомоти тафтишоти пешакӣ, прокурор бароварда шудаанд, бояд ба талаботи меъёрӣ асос

ёбад. Бояд дар кодекс дар шакли зерин мустаҳкам карда шаванд: "дар ҳолатҳои пурра ё қисман қонеъ кардани шикоят, судя пас аз эътибор пайдо кардани қарор, онро фавран ба прокурор, роҳбари мақомоти тафтишотӣ барои бартараф кардани вайронкунӣ. Прокурор, роҳбари мақомоти тафтишотӣ дар давоми 5 рӯз ба судяе, ки қарори эътирофи амал (беамалӣ) ё қарори шахси мансабдори дахлдорро ғайриқонунӣ ё беасос содир кардааст, дар бораи чораҳои андешидашуда оид ба рафъи қонуншиканиҳо хабар медиҳад"[11].

О. Ю. Цурлуй изҳор медорад "шахси мансабдоре, ки амали мурофиавии ӯ (беамалӣ) ё қарори ӯ ғайриқонунӣ ва беасос эътироф шудааст, вазифадор аст, ки вайронкунии содиршударо дар муддати се рӯз бо огоҳии хаттии суд бартараф кунад"[12].

Таҳлили институти мавриди назар имкон медиҳад, ки камбудиҳои қонунгузорӣ дар танзими ҳуқуқии татбиқи ҳуқуққои субъектҳои истеҳсолот ба шикоят аз қарори суд, қабул шудааст, ошкор карда шаванд.

Барои тасдиқ ва ё ҳамандешӣ ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат менамоем. Дар моддаи 23-и кодекси мазкур "Ҳуқуқи шикоят намудан аз амал ва қарорҳои мурофиа" чунин омадааст:

1. Иштирокчиёни мурофиа, шаҳрвандон, намояндагони корхона, муассиса ва ташкилотҳои ба пешбурди парвандаи ҷиноятӣ манфиатдор ҳуқуқ доранд мутобиқи тартиб ва муҳлатҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкур аз амали (беамалии) шахсони масъул ё аз болои қарори суд, судя, прокурор, сардори воҳиди тафтишотӣ, муфаттиш, сардори воҳиди таҳқиқ ва таҳқиқбаранда шикоят кунанд (Қонуни ҶТ аз 20.04.2021 № 1777).

2. Шахси маҳкумшуда ё сафедкардашуда ҳуқуқ дорад бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур аз нав дида баромадани ҳукмро аз тарафи суди болоӣ талаб кунад.

3. Як шахс наметавонад ҳимоятгари ду дастгиршуда, гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда бошад, ба шарте, ки манфиати яке аз онҳо хилофи манфиати дигаре бошад.

Ё дар Моддаи 52 оид ба "Даст кашидан аз ҳимоятгар" чунин омадааст:

1. Гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда ҳуқуқ доранд дар ҳар лаҳзаи пешбурди парванда бо ташаббуси худ, ки дар шакли хаттӣ пешниҳод намудаанд, аз хизмати ҳимоятгар дар ҳузури ӯ даст кашанд.

2. Даст кашидан аз ҳимоятгар бинобар надоштани маблағ барои пардохти музди ёрии ҳуқуқӣ ё дигар ҳолатҳое, ки аз маҷбуран даст кашидан аз ҳимоятгар шаҳодат медиҳанд, иҷозат дода намешавад.

3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 1 моддаи 51 Кодекси мазкур ба даст кашидан аз ҳимоятгар иҷозат дода намешавад.

4. Даст кашидан аз ҳимоятгар гумонбаршуда, айбдоршаванда ва судшавандаро аз ҳуқуқи дар оянда изҳор кардани дархост доир ба роҳ додани ҳимоятгар барои иштирок дар пешбурди парвандаи ҷиноятӣ маҳрум намесозад. Роҳ додани ҳимоятгар такроран доир намудани амалҳои мурофиавиро талаб намекунад[13].

Ҳимояи судӣ, дар муқоиса бо бисёр механизмҳои дигар, универсалӣ ҳисобида мешавад ва дорои як қатор хосиятҳои истисноӣ мебошад. Якум, ҳимояи судӣ ба шахс дахл дорад. Аммо, масалан, истифодаи калимаи "ҳар кас" дар матни Конститутсияи Федератсияи Русия ҳимояи судӣ хусусияти шахсӣ надорад. Намоиши принсипи ҳимоя дар қонуни асосии давлат нишон медиҳад, ки давлат ҳимоя мекунад ва дар сурати риоя накардани он, кӯшиш мекунад, ки ҳамаи ҳуқуқҳои асосӣ ва табиии ҳар як шахс ва шаҳрвандро барқарор кунад. Асоси ҳимоя ба дахолати давлат ба раванди татбиқи онҳо асос ёфтааст.

Дуюм, доираи амали ҳимояи судӣ ба ҳама намудҳои ҳуқуқ ва озодиҳои дар Конститутсияҳо ва дигар санадҳои меъерию ҳуқуқӣ муқарраршуда дахл дорад.Мавзӯи ҳимояи судӣ, тавре ки дар боло зикр шуд, метавонад вайрон кардани ҳуқуқҳои мурофиавӣ бошад. Онҳо қисми ҷудонашавандаи мақоми ҳуқуқии шахс мебошанд, аз ин рӯ, дар ҳолатҳои вайронкунӣ ба ҳимояи давлатӣ ниёз доранд. Барқарор кардани ҳуқуқҳои мурофиавӣ хеле муҳим аст, зеро вайронкунии онҳо дар замони мо маъмул аст.

Сеюм, ҳуқуқи ҳимояи судӣ самаранокии хеле баланд дорад, зеро қарори судӣ қувваи ҳуқуқии қонунро дорад ва дар сурати иҷро нашудани он бо қувваи маҷбурии давлат таъмин карда мешавад.

Чорум, дар баъзе ҳолатҳо ҳуқуқи ҳимояи судӣ ягона роҳи барқарор кардани манфиатҳои қонунӣ мебошад. Ба ин, барқарорсозии қобилияти корӣ, барқарорсозӣ пас аз бездошти ғайриқонунӣ ва ғайра дохил мешаванд.

Панҷум, мурофиат ба суд тартиби махсуси мурофиавиро пешбинӣ мекунад, ки эътимоднокӣ, самаранокӣ ва адолати қарорҳои қабулшударо таъмин мекунад. Шашум, ҳимояи судӣ барои ҳар як аъзои ҷомеа, ҳам барои шаҳрвандони кишвари мо ва ҳам шаҳрвандони хориҷӣ ё шахсони бешаҳрвандӣ дастрас аст. Дар асоси ҳамаи гуфтаҳои боло, метавон хулоса кард, ки ҳимояи судӣ роҳи муассиртарин ва универсалии ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс мебошад. Ин усули ҳимоя торафт бештар дар амал пайдо мешавад.

Ҳуқуқҳои инсон дар мурофиаи ҷиноятӣ тавассути шакли мурофиавии ҷиноятӣ ҳуқуқҳо ҳимоя карда мешаванд:

-шахсоне, ки мавриди таъқиби ҷиноятӣ қарор гирифтаанд (гумонбаршудагон ва айбдоршавандагон);

-шахсоне, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, яъне ба онҳо зарари мустақим ё ғайримустақим аз ҷиноят (ҷабрдидагон, даъвогарони шаҳрвандӣ, намояндагони онҳо) расонида шудааст;

-шахсоне, ки барои расонидани зарар ба ҷабрдидагон (ҷавобгарони шаҳрвандӣ) масъулияти молу мулкӣ доранд;

-дигар субъектҳои мурофиаи ҷиноятӣ (на айбдоршаванда, гумонбаршуда, ҷабрдида).

Ҳуқуқи инсон дар мурофиаи маданӣ.Вазифаи равандҳои шаҳрвандӣ дар механизми танзими ҳуқуқӣ кафолат додани фаъолияти ҳамвори ҳуқуқ ва озодиҳои хусусӣ мебошад: баррасии дуруст ва саривақтӣ ва ҳалли парвандаҳои шаҳрвандӣ барои ҳифзи ҳуқуқҳо, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии вайроншуда ё ҳифзшудаи одамон. Давлат вазифадор аст, ки ҳадди аққал ҳуқуқ ва озодиҳои дар ҳуқуқи байналмилалӣ пешбинишударо кафолат диҳад ва қонунгузории миллӣ метавонад танҳо аз ҷиҳати густариши ҳуқуқ ва озодиҳо ба меъёрҳои байналмилалӣ мухолиф бошад. Бояд қайд кард, ки инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ дар Федератсияи Русия арзиши баландтарин эътироф шудаанд. Ҳамин тариқ, давлат шаклҳои нави муносибатҳои байни инсон, ҷомеа ва давлатро нишон медиҳад.

АДАБИЁТ

1. Михайловская И.Б. Суды и судьи: независимость и управляемость. М., 2008. С. 18
2. И. Л. Петрухин. Правосудие: время реформ. М., 1991. С. 97.
3. М.Г. Кательников. Право на судебную защиту: понятие и сущность. Вестник ЮУрГУ, №13, 2006. Серия «Право», выпуск 8, том 2, стр. 251
4. Қонуни ҶТ аз 20.04.2021 № 1777
5. Моддаи 22. Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ аз 24.12.2022 № 1926, № 1927
6. Диноршоев А. М. Право на судебную защиту – Душанбе, 2011. 39 с.
7. [1]Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶТ, моддаи 50 аз 24.12.2022 № 1926, № 1927
8. А. Ю. Ключников. Обжалование действий и решений суда и должностных лиц, осуществляющих \\Вестник ВГУ. Серия: Право,2015, 225с.
9. Смирнов А.В., Калиновский К.Б. Уголовный процесс: учеб. для вузов / вступ. ст. В.Д. Зорькина. – 6-е изд., перераб. – М.: Норма, 2015. – 680 стр. с. 21
10. Виноградова В.А. К вопросу о предмете судебного обжалования в порядке ст.125 УПК РФ // Наука и практика. – 2016. – № 2 (67). – С. 26–28. с. 27
11. Дочия И. Р. Современные проблемы института судебной проверки жалоб на действия (бездействие) и решения должностных лиц органов предварительного расследования, прокурора: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2009. – 21 с. с. 7].
12. Цурлуй О. Ю. Процессуально-тактические особенности обжалования процессуальных действий и решений в досудебных стадиях уголовного судопроизводства: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Воронеж, 2011. – 22 с.
13. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815, мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, №3, мод. 159, №7-8, мод. 609; с. 2012...; аз 29.01.2021 № 1755, аз 20.04.2021 № 1777, аз 23.12.2021 № 1810, аз 23.12.2021 № 1811, аз 18.03.2022 № 1853, аз 19.07.2022 № 1900, аз 24.12.2022 № 1926, № 1927, аз 03.01.2024 № 2017).

МЕХАНИЗМҲОИ АМАЛИСОЗИИ ҲУҚУҚ БА ҲИМОЯИ СУДӢ: ЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА НИЗОМИ ШИКОЯТӢ

Мавзуи матн ба таҳлили механизми амалисозии ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, нақши ёрии ҳуқуқӣ ва низоми шикоятӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон бахшида шудааст. Таъкид мегардад, ки ҳимояи судӣ яке аз кафолатҳои асосии ҳуқуқи инсон буда, дар асоси меъёрҳои конститутсионӣ ва санадҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешавад. Суд ҳамчун мақомоти мустақил ва беғараз адолатро таъмин намуда, ҳуқуққои вайроншударо барқарор мекунад. Дар матн инчунин нақши муҳимми ёрии ҳуқуқӣ (адвокатҳо, намояндагон ва дигар шаклҳои кӯмаки ҳуқуқӣ) дар дастрасии шахс ба адолат шарҳ дода шудааст. Низоми шикоятӣ ҳамчун механизми назоратӣ барои пешгирӣ ва бартараф намудани қонунвайронкуниҳо дар марҳилаҳои тафтишотӣ ва судӣ баррасӣ мегардад. Муаллиф ба зарурати такмили қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии иҷрои қарорҳои судӣ ишора мекунад.

Калидвожаҳо. ҳимояи судӣ, ҳуқуқи инсон, ёрии ҳуқуқӣ, адвокат, низоми шикоят, адолати судӣ, мурофиаи судӣ, кафолатҳои ҳуқуқӣ, суд, иҷрои қарорҳои судӣ

МЕХАНИЗМЫ РЕАЛИЗАЦИИ ПРАВА НА СУДЕБНУЮ ЗАЩИТУ: ЮРИДИЧЕСКАЯ ПОМОЩЬ И СИСТЕМА ОБЖАЛОВАНИЯ.

Текст посвящён анализу механизма реализации права на судебную защиту, роли юридической помощи и системы обжалования в обеспечении прав и свобод человека. Подчёркивается, что судебная защита является одной из ключевых гарантий прав человека и осуществляется на основе конституционных норм и международных стандартов. Суд рассматривается как независимый и беспристрастный орган, обеспечивающий справедливость и восстановление нарушенных прав. Особое внимание уделяется юридической помощи (адвокатам и иным представителям), которая обеспечивает доступ к правосудию. Система обжалования выступает важным контрольным механизмом в уголовном и гражданском процессе. Отмечается необходимость совершенствования законодательства и повышения эффективности исполнения судебных решений.

Ключевые слова. судебная защита, права человека, юридическая помощь, адвокат, система обжалования, правосудие, судебный процесс, правовые гарантии, суд, исполнение судебных решений

MECHANISMS FOR THE REALIZATION OF THE RIGHT TO JUDICIAL PROTECTION: LEGAL AID AND THE APPEAL SYSTEM.

The text analyzes the mechanism for implementing the right to judicial protection, the role of legal aid, and the appeal system in ensuring human rights and freedoms. Judicial protection is emphasized as a fundamental guarantee of human rights based on constitutional provisions and international standards. The court is described as an independent and impartial body that ensures justice and restores violated rights. Special attention is given to legal assistance (lawyers and other legal representatives) as a key factor in access to justice. The appeal system is presented as an important supervisory mechanism in criminal and civil proceedings. The author highlights the need to improve legislation and enhance the effectiveness of enforcing court decisions.

Keywords. judicial protection, human rights, legal aid, lawyer, appeal system, justice, court proceedings, legal guarantees, court, enforcement of court decisions

Маълумот дар бораи муаллиф: Искандарзода Фарзона – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторе: Искандарзода Фарзона – Таджикский национальный университет, магистр 2 курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the authot: Iskandarzoda Farzona – Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan,Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.

ТАФОВУТИ САНАДҲОИ СММ АЗ ДИГАР СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

Алкаматзода И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ҷаҳони имрӯза ҳуқуқҳои инсон дар санадҳои гуногуни меъёрӣ-ҳуқуқии аксари кулли давлатҳо таҳким бахшида шудаанд. Ҳамаи онҳо амалан ба стандартҳои дар ин соҳа таҳиякардаи ҷомеаи байналмилалӣ такя мекунанд. Зери мафҳуми стандартҳои ҳуқуқҳои инсон талабот ва меъёрҳои хатмии дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ таҳкимёфтаи ба эътирофи ҳуқуқҳои инсон чун арзиши олӣ асосёфта фаҳмида мешавад[1].

Дар айни замон маҷмуи томи санадҳои гуногуни байналмилалӣ-ҳуқуқии ба масъалаҳои амалисозӣ ва ҳифзи ҳуқуқхо ва озодиҳои инсон бахшидашуда мавҷуданд. Зери мафҳуми санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ одатан қарордодҳои байналхалқии миёни давлатҳо басташуда ва чун қоида дар доираи созмонҳои байналмилалӣ, масалан, СММ ё конференсияҳои байналмилалӣ қабулгардида фаҳмида мешавад.

Санади байналмилалӣ-ҳуқуқӣ қарордод ё созишномаи байналмилалии байни давлатҳо дар шакли хаттӣ басташуда ва бо ҳуқуқҳои байналмилалӣ танзимшавандаест, сарфи назар аз он ки вай дар як, ду ё якчанд ҳуҷҷати байни ҳамдигар алоқаманд омадааст ва ҳамчунин сарфи назар аз он ки номи мушаххас дорад.

Дар ҳар як қарордоди байналмилалӣ ҳадафҳои имзошавии он, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафайн, тартибу шартҳои қувваи амал пайдо кардани қарордод, муҳлати амали он муайян карда мешавад.

Аксари давлатҳои ҳозира дар қонунгузории миллӣ афзалиятнокии принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалиро нисбат ба принсипҳо ва меъёрҳои дохилидавлатӣ қайд кардаанд.

Дар қисми қисми 3-и моддаи 10-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст, ки санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд[2].

Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ метавонанд номҳои гуногун дошта бошанд: эъломия, конвенсия, паймон, созишнома, статут (қонун, низомнома), хартия, оиннома, протокол ва ғайра.

Эъломия (декларатсия) (аз лот. diclaratio – изҳорот, огоҳсозӣ) санади ҳуқуқии байналмилалиест, ки аз принсипҳо ва ҳадафҳои умумии ҳар ду ҷониб мувофиқакарда таркиб ёфтааст. Эъломияҳо қувваи ҳатмӣ надоранд, онҳо танҳо тавсияҳо ва пешниҳодҳо мебошанд. Эъломияҳо танҳо имзо карданро аз ҷониби давлатҳо талаб мекунанд. Масалан, Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон. Имзо кардан усули ифодаи ризоияти давлат бобати ба худ қабул кардани уҳдадориҳо аз рӯи қарордоди байналмилалист.

Конвенсия созишномаи байналмилалӣ аз рӯи ягон масъалаи махсус, проблемаи якхела мебошад. Масалан, Конвенсия дар бораи мақоми гурезаҳо, Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак.

Паймон қарордоди байналмилалии фарогирандаи гурӯҳҳои гуногуни проблемаҳо аст[3]. Масалан, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Паймони байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ.

Бисёр вақт бар иловаи конвенсия ё паймон протоколҳои махсусе қабул мегарданд, ки батанзимдарории ҷузъиро фаро мегиранд. Масалан, Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак ду протоколи факултативӣ дорад: «Дар бораи ҷалб намудани кӯдакон ба низоъҳои мусаллаҳона» ва «Дар бораи хариду фурӯши кӯдакон, фоҳишагарии кӯдакона ва порнографияи кӯдакона»[4].

Паймонҳо, конвенсияхо ва протоколҳо на аз лаҳзаи қабулу имзошавӣ, балки аз лаҳзаи ратификатсия (тасдиқ) шудан ҳукми амал пайдо мекунанд.

Ратификатсия (аз лот. Ratus – тасдиқ кардашуда ва facio – мекунам) тасдиқ гардидани қарордодҳои нисбатан муҳимми байналмилалӣ аз ҷониби мақомоти олии ҳокимияти давлатии мамлакат-сардори давлат ё парламент мебошад.

Ҳамаи қарордодҳои ратификатсиякардаи давлат барои ҳама ҳатмӣ аст.

Резолютсия (аз лот. Resolutio – қарор) қарорест, ки дар натиҷаи муҳокимаи ягон масъала дар ҷамъомади (анҷуман, конференсия, сессия) машваратии мақомот, маҷлис қабул карда шудааст, масалан, резолютсияи Ассамблеяи Генералии СММ.

Оиннома қарордоди байналмилалист, ки ҳадафҳои таъсис, принсипҳо, фаъолият, сохтори дохилии ташкилотҳои гуногуни байналмилалиро таҳким мебахшад, масалан. Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид.

Статут (аз лот. Statuo – қарор мекунам, ҳал мекунам) қарордоди байналмилалист, ки ҳадафҳо, сохтор ва функсияҳои ягон мақомоти байналмилалиро таҳким мебахшад, масалан, Статути Суди байналмилалии ҷиноӣ.

Қарордоди байналмилалии амалкунанда барои ҳамаи иштирокдорон ҳатмӣ буда, аз ҷониби онҳо бояд поквиҷдонона иҷро карда шавад. Давлатҳои иштирокдор метавонанд аз уҳдадориҳои худ даст кашида, аз ҳуҷҷати мазкур бароянд, яъне онро аз эътибор соқит донанд, ки истилоҳи байналмилалии он денонсатсия (аз лот. Denuntiatio-огоҳсозӣ) аст.

Ҳангоми имзокунӣ, ратификатсия, қабул ё тасдиқ кардани қарордод ё ҳамроҳшавӣ ба он давлат метавонад тавзеҳе диҳад, яъне изҳороти яктарафае намояд, ки тавассути он вай мехоҳад амали юридикии нуқтаҳои муайяни қарордодро бобати истифода дар худ қатъи назар намояд ё тағйир диҳад.

Қарордодҳои байналмилалӣ метавонанд кушода ё пушида бошанд. Ба қарордодҳои кушодаи байналмилалӣ давлатҳо, новобаста аз ризояти дигар давлатҳои дар он ширкатдошта, ҳамроҳ шуда метавонанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокдори қарордодҳои гуногуни байналмилалист. Тоҷикистон чун бисёр давлатҳои дигар, уҳдадор шудааст, ки қонунгузории миллиашро мутобиқи ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ гардонад. Ин раванд имплементатсия ном дорад. Имплементатсия – инъикос ва таҳкимбахшии меъёрҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ дар қонунҳо ва санадҳои зерқонунии миллӣ аст[5].

Қарордодҳои байналмилалӣ барои тасдиқ (ратификатсия) аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ пешниҳод мегарданд. Дар асоси қарори Маҷлиси намояндагон дар бораи тасдиқ кардани (ратификатсияи) қарордоди байналмилалӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санад ба имзо расонида, баъдан он бо мӯҳр таҳким меёбад ва ҳамин тавр ба вай мақоми ҳуҷҷати расмӣ дода мешавад, минбаъд онро Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо мекунад.

Меъёрҳои расман эълоншудаи қарордодҳои байналмилалӣ, ки барои иҷрои онҳо қабул кардани қонунҳо ҳатмӣ нест, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита амал мекунанд. Нисбати иҷрои дигар меёрҳои қарордодҳои байналмилалӣ мутобиқан санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии дохилимиллӣ қабул карда мешаванд.

Билли байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои инсон: таърихи таҳия, мундариҷа ва аҳамияти он. Баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ маркази ҳамкориҳои давлатҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон Созмони Милали Муттаҳид гардид. Оинномае, ки СММ фаъолияти худро дар асоси он амали месозад, 26 июни соли 1945 дар шаҳри Сан-Франсиско (ИМА) дар ҷамъомади Конфронси Милали Муттаҳид оид ба масъалаи таъсиси созмони байналмилалӣ ба имзо расида, 24 октябри соли 1945, баъди тасдиқ (ратификатсия) шудани он аз ҷониби ИҶШС, ИМА, Британияи Кабир, Фаронса, Чин ва бисёр давлатҳои дигар ҳукми амал пайдо кард. Он нахустин ҳуҷҷати СММ гардид, ки ғояҳо ва принсипҳои ҳуқуқу озодиҳои инсонро инъикос кардааст[6].

Ассамблеяи Генералии СММ дар сессияи нахустини худ моҳи январи соли 1946 дар бораи омодасозии ҳуҷҷати махсуси байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон қарор қабул кард. Моҳи феврали соли 1946 Комиссия оид ба ҳуқуқҳои инсон таъсис ёфта, ба зиммаи он вазифаи тайёр кардани Билли (лоиҳаи қонуни) байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои инсон вогузошта шуд. Дар ибтидо дар назар буд, ки он як ҳуҷҷат мешавад. Баъд қарор шуд, ки Билл бояд аз се қисмат таркиб ёбад: Эъломия, ки дар он принсипҳои умумӣ эълон дошта

мешаванд; Паймон (ё Паймонҳо), ки барои давлатҳои онҳоро тасдиққарда характери ҳатмӣ дошта бошанд ва чораҳои амалисозӣ, яъне механизмҳои назорати иҷрои уҳдадориҳои худ аз ҷониби давлатҳо.

Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ 10 декабри соли 1948 қабул карда шуд. Аз ҳамон замон ҳар сол 10 декабр чун Рӯзи байналмилалии ҳуқуқҳои инсон қайд карда мешавад.

Таъиноти Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон хизмат кардан ба сифати вазифаест, ки ба иҷрои он бояд ҳамаи халқҳо ва давлатҳо дар кӯшишҳои худ оид ба таъмин намудани эътироф ва риояи умумию пурсамари ҳуқуқу озодиҳои дар он зикршуда саъй намоянд. Эъломия бо 48 овоз қабул гардид, касе зидди он овоз надод. Ҳангоми овоздиҳӣ ба ҷонибдории он ҳашт давлат худдорӣ карданд: ҶШС Белоруссия, Полша, Арабистони Саудӣ, ИҶШС, ҶШС Украина, Чехословакия, Югославия ва Иттиҳоди Африқоӣ Ҷанубӣ[7].

Эъломия бо доштани моҳияти танҳо тавсиявӣ дар инкишофи минбаъдаи механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон нақши ҳалкунанда бозида, таҳқурсии мустаҳкаме гардид, ки дар заминаи он низомҳои ҳам универсалӣ ва ҳам минтақавию байналмилалии ҳимоя ва амалисозии ҳуқуқҳои инсон бунёд карда шуданд.

Эъломия аз 30 модда иборат буда, нуқтаҳои умумиро тасвият мекунад. Вай ҳуқуқу озодиҳои бунёдиро фарогир буда, ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ (моддаҳои 3-19), ҳуқуқҳои сиёсӣ (моддаҳои 20-21), ҳамчунин ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро (моддаҳои 22-28) инъикос кардааст ва байни онҳо ягон хел иерархияе, яъне андозаи каму бешӣ намегузорад.

Ҳуқуқҳои асосии дар Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон зикргардида барои таҳияи беш аз 100 созишнома, эъломия ё дигар ҳуҷҷатҳо дар доираи низоми СММ заминаи боэътимоде гардиданд. Байни онҳо аз ҷумла инҳоро номбар кардан мумкин аст: Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ; Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ; Конвенсияи байналхалқӣ доир ба барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъизи нажодӣ; Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон; Конвенсия бар зидди шиканҷа ва дигар навъҳои муносибатҳои золимонаю ғайриинсонӣ ё пастзанандаи қадру қимат ва ҷазодиҳӣ; Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак; Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо ва дигар эъломияҳо ва ё созишномаҳо дар бораи масъалаҳое чун табъиз, генотсид, ғуломӣ, ҳамчунин некуаҳволии иҷтимоӣ, пешрафт ва рушд.

Соли 1951 бо мақсади ҳалли душвориҳои дар як қарордод муттаҳид сохтани ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ қарор гардид ду Паймон тайёр карда шавад. Баъди меҳнатӣ пурмашаққати солҳои тулонӣ Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, инчунин Протоколи факултативӣ ба он омода гардида, 16 декабри соли 1966 аз тарафи Ассамблеяи XXI Генералии СММ тасдиқ ва барои имзо кушода эълон гардида, соли 1976 ҳукми амал пайдо карданд. Протоколи дуюми факултативӣ ба Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ки ба бекор кардани ҳукми қатл нигаронида шуда буд, аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ 15 декабри соли 1989 қабул гардид. Тибқи моддаи 1-и Протокол «ҳар шаҳрванде, ки зери ҳимояи ҳуқуқҳои давлати иштирокдори Протокол қарор дорад, қатл карда намешавад»[8].

Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон якҷоя бо ин ду Паймон ва протоколҳои факултативӣ Билли ягонаи байналмилалиро оид ба ҳуқуқҳои инсон ташкил медиҳанд.

Билли байналмилалӣ ба ақидаҳо, мавқеъҳо ва фаъолияти ҳам одамони алоҳида ва ҳам ҳукуматҳои давлатҳои ҷаҳон таъсири калон расонд. Вай ҳуҷҷати муҳимтарини таърихиеро мемонад, ки дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофшудаи инсон стандартҳои асосиро поягузорӣ намуд.

Аҳамияти санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон барои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарордодҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон тибқи ҳадафҳо ва принсипҳои Оинномаи СММ барои ҳифзи сулҳу амният, рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат менамоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои асосии байналмилалии фарогирандаи стандартҳои ҳуқуқи инсонро тасдиқ карда, ба зиммааш уҳдадории иҷрои ин нишондодҳоро

гирифтааст. Аз ҷумла Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва Протоколи якуми факултативӣ ба Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ тасдиқ гардида, 4 январи соли 1999 ҳукми амал пайдо карданд. Конвенсия бар зидди шиканҷа ва дигар навъҳои муносибатҳои золимона, ғайриинсонӣ ё пастзанандаи қадру қимат ва ҷазодиҳӣ ва Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъизи нажодӣ 11 январи соли 1995 тасдиқ гардида, 10 феврали соли 1995 барои ҷумҳурӣ ҳукми амал пайдо карданд. Конвенсия дар бораи барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон ва Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кудак 26 октябри соли 1993 тасдиқ гардида, 25 ноябри соли 1993 барои ҷумҳурӣ ҳукми амал пайдо намуданд. Протоколи якуми факултативӣ ба Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак марбут ба иштироки кӯдакон дар низоъҳои мусаллаҳона ва Протоколи дуюми факултативӣ марбут ба харидуфурӯши кӯдакон, фоҳишагарии кӯдакона ва порнографияи кӯдакона 5 августи соли 2002 барои ҷумҳурӣ тасдиқ гардида, 5 сентябри соли 2002 ҳукми амал пайдо карданд. Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳочирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо 8 январи соли 2002 тасдиқ гардида, аз 1 июли соли 2003 барои ҷумҳурӣ ҳукми амал пайдо кард[9].

Принсипҳои дар санадҳои зикршудаи байналмилалӣ-ҳуқуқӣ таҳкимёфта дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардонида (имплементатсия карда шуда), инъикоси худро дар бисёр қарорҳои судҳои Тоҷикистон ёфтаанд. Вақтҳои охир теъдоди санадҳои дохилидавлатии меъёрӣ-ҳуқуқӣ афзуда, дар онҳо чораҳои ҳифзи ҳуқуқии принсипҳои мазкур ба назар гирифта шудааст.

Ҳамин тариқ, Тоҷикистон тарафдори риояи бечунучарои қарордодҲои байналмилалӣ буда, ҷонибдории худро ба принсипҳои иҷрои поквиҷдононаи уҳдадориҳои байналмилалӣ эълон мекунад. Ба ин тариқ, тасдиқ гардидани қарордодҳои асосии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон дар таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи муҳимест.

АДАБИЁТ

1. Ҳуқуқи инсон. Ҳайати муаллифон. Китоби дарсӣ барои синфи 10. – Д.: АВА, 2007. – С. 87.
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ). – Душанбе, 2003. – С. 10.
3. Ҳамон ҷо.
4. Маҷмуи ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон (барои кормандони ҳифзи ҳуқуқ. – Душанбе: Мастер-Принт, 2006. – С. 258-267.
5. Ҳуқуқи инсон. Ҳайати муаллифон. Китоби дарсӣ барои синфи 10. – Д.: АВА, 2007. – С. 89.
6. Права человека: Учебник для вузов / Отв. ред. чл.-корр. РАН, д.ю.н. Е.А. Лукашева. – М.: Норма, 2004. – С. 465-467.
7. Ҳуқуқи инсон. Ҳайати муаллифон. Китоби дарсӣ барои синфи 10. – Д.: АВА, 2007. – С. 90-91.
8. Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи инсон (барои кормандони ҳифзи ҳуқуқ. – Душанбе: Мастер-Принт, 2006. – С. 31.
9. Ҳуқуқи инсон. Ҳайати муаллифон. Китоби дарсӣ барои синфи 10. – Д.: АВА, 2007. – С. 92.

ТАФОВУТИ САНАДҲОИ СММ АЗ ДИГАР СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР СОҲАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

Мақола ба таҳлили тафовут ва хусусиятҳои санадҳои Созмони Милали Муттаҳид дар муқоиса бо дигар созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон бахшида шудааст. Дар он мафҳум, намудҳо ва аҳаммияти санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои эъломияҳо, конвенсияҳо, паймонҳо, протоколҳо ва дигар шаклҳои ҳуҷҷатҳо шарҳ дода мешаванд. Ба таърихи ташаккули Билли байналмилалии ҳуқуқи инсон ва нақши Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон диққати махсус дода шудааст. Ҳамзамон, мақола нақши санадҳои СММ-ро дар ташаккули стандартҳои универсалии ҳуқуқи инсон ва таъсири онҳо ба қонунгузории миллӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлил менамояд. Муаллиф аҳаммияти имплементатсияи меъёрҳои байналмилалиро барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон таъкид мекунад.

Калидвожаҳо. санадҳои байналмилалӣ, ҳуқуқи инсон, СММ, эъломия, конвенсия, паймон, Билли байналмилалии ҳуқуқи инсон, имплементатсия, стандартҳои байналмилалӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон

ОТЛИЧИЕ АКТОВ ООН ОТ ДОКУМЕНТОВ ДРУГИХ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ В ОБЛАСТИ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА

Статья посвящена анализу особенностей и отличий документов Организации Объединённых Наций по сравнению с актами других международных организаций в сфере прав человека. Рассматриваются понятие, виды и значение международно-правовых актов, включая декларации, конвенции, пакты, протоколы и другие формы документов. Особое внимание уделяется формированию Международного билля о правах человека и роли Всеобщей декларации прав человека. Также анализируется влияние документов ООН на формирование универсальных стандартов прав человека и их имплементация в национальное законодательство, в том числе

в Республике Таджикистан. Подчеркивается значение международных норм в обеспечении прав и свобод человека.

Ключевые слова. международно-правовые акты, права человека, ООН, декларация, конвенция, пакт, Международный билль о правах человека, имплементация, международные стандарты, Республика Таджикистан

THE DISTINCTION BETWEEN UN ACTS AND DOCUMENTS OF OTHER INTERNATIONAL ORGANIZATIONS IN THE FIELD OF HUMAN RIGHTS

The article analyzes the distinctive features of the United Nations documents compared to those of other international organizations in the field of human rights. It examines the concept, types, and significance of international legal instruments, including declarations, conventions, covenants, protocols, and other forms of documents. Special attention is given to the development of the International Bill of Human Rights and the role of the Universal Declaration of Human Rights. The study also explores the impact of UN documents on the formation of universal human rights standards and their implementation in national legislation, particularly in the Republic of Tajikistan. The importance of international norms in ensuring human rights and freedoms is emphasized.

Keywords. international legal instruments, human rights, United Nations, declaration, convention, covenant, International Bill of Human Rights, implementation, international standards, Republic of Tajikistan

Маълумот дар бораи муаллиф: Алкаматзода Исломиддин – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ, Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторе: Алкаматзода Исломиддин – Таджикский национальный университет, магистр 2 курса юридического факултета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the authot: Alkamatzoda Islomiddin – Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.

НАМУДҲО ВА ШАКЛҲОИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНӢ

Кенҷаев А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти субъектони ҳуқуқэҷодкунанда, намуди санадҳои меъёрии ҳукуқии қабулшаванда, вазъи ҳукуқии субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ намудҳои гуногун дорад. Намудҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро асосан дар робита бо субъектони ҳуқуқэҷодкунанда ҷудо мекунанд. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо субъектон намудҳои гуногун дорад, ба мисли ҳуқукэҷодкунии парламент, ҳуқуқэҷодкунии ҳукумат, ҳукуқэҷодкунии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар[6,123].

Вобаста ба салоҳияти ҳокимиятии субъектони ҳуқуқэҷодкунанда намудҳои зерини ҳуқуқэҷодкунӣ ҷудо карда мешаванд:

а) ҳуқуқэҷодкунии давлатӣ;

б) ҳуқуқэҷодкунии халқ.

Ҳуқуқэҷодкунии давлатӣ аз тарафи мақомоти босалоҳияти давлат ба роҳ монда мешавад. Ҳуқуқэҷодкунии давлатӣ вобаста ба субъектони мухталифи ин фаъолият намудҳои зерин дошта метавонад: ҳуқуқэҷодкунии мақоми намояндагӣ ва қонунгузор; ҳуқуқэҷодкунии Президент; хуқуқэҷодкунии Ҳукумат; хуқукэҷодкунии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва дигар[10,540].

Ҳуқуқэҷодкунии халқ бо иштироки бевоситаи шаҳрвандон бо роҳи овоздиҳии умумихалқӣ дар раъйпурсӣ ба анҷом мерасад. Раъйпурсӣ яке аз шаклҳои асосии ҳукукэҷодкунии халқ маҳсуб мешавад.

Ҳуқуқэҷодкунии халқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои зерин дорад:

а) қабул, тағйиру иловаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи халқи Тоҷикистон дар раъйпурсии умумихалқӣ;

б) қабул, тагйир ва қатьи қонунҳои муҳимтарин бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 аз тарафи халқи Тоҷикистон дар раъйпурсии (овоздиҳии) умумихалқӣ қабул шудааст. Тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикисгон 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003, 22 майи соли 2016 дар раъйпурсии умумихалқӣ ворид карда шудаанд. Қабули қонун дар раъйпурсии умумихалқӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ мешавад. Тибқи м. 17-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳукуқӣ» Қонуни бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида санади меъёрии ҳуқуқиест, ки аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо овоздиҳии умумихалқӣ қабул гардида, масьалаҳои муҳимми ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятии ҷумҳуриро танзим мекунад». Тағйиру иловаҳо ба қонуни бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида дар раъйпурсӣ сурат мегирад. Қонуни бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида бо роҳи баргузории раъйпурсӣ бекор карда мешавад (б. 2, м. 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»)[2,17].

Шаклҳои дигари иштироки бевоситаи шаҳрвандон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷой доранд. Шаҳрвандон дар қабули санадҳои меъёрии локалӣ, бастани шартномаҳои намунавӣ, қабули санадҳои худидоракунӣ иштирок мекунанд. Аз ин нуқтаи назар, шаклҳои иштироки шаҳрвандонро дар эҷоди меъёрҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

меъёрҳои локалӣ (масалан, дар бастани шартномаҳои коллективӣ);

меъёрҳои худидоракунӣ (дар ҳайати мақомоти худидоракунӣ);

меъёрҳои шартномавӣ (шартномаи оммавӣ, шартҳои намунавии шартнома зимни танзими шартномавӣ);

меъёрҳои корпоративӣ (санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ дар ташкилотҳои корпоративӣ).

Ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо натиҷаи он ва шакли санади қабулшуда ба ду намуд тақсим мешавад:

қонунэҷодкунӣ - қабул, тағйир ва қатъи қонун аз ҷониби мақоми қонунгузор (парламент);

ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ - қабул, тагйир ва қатьи санадҳои меъёрии зерқонунӣ аз ҷониби Президент, ҳукумат, вазоратҳо, мақомоти маҳаллии давлатӣ ва дигар мақомоти босалоҳият.

Қонунэҷодкунӣ салоҳияти ҳокимияти қонунгузор буда, баҳри қабул, тагйир ва қатьи қонунҳо ба сомон мерасад. Яке аз намудҳои қонунэҷодкунӣ - қабули Конститутсия ва қонунҳои муҳим дар раъйпурсии умумихалқӣ маҳсуб мешавад[8,156].

Ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ самти фаъолияти мақомоти босалоҳияти давлатӣ оид ба қабул, тагйир ва қатъи санадҳои меъёрии зерқонунӣ мебошад. Ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ аз тарафи мақомоти ҳокимияти иҷроия, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, маъмурияти корхона, муассиса, ташкилот, мақомоти идоракунии ташкилотҳои корпоративӣ ба роҳ монда мешавад. Мақоми қонунгузор низ дар ҳолатҳои муайян санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ қабул мекунад[1,230].

Қонунэҷодкунӣ вобаста ба субъектҳои ин фаъолият ду шакли асосӣ дорад:

а) қонунэҷодкунии парламентӣ;

б) қонунэҷодкунии халқ дар раъйпурсӣ.

Ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ низ дар шаклҳои мухталиф сурат мегирад:

а) ҳуқуқэҷодкунии Президент;

б) ҳуқуқэҷодкунии ҳукумат;

в) ҳуқуқэҷодкунии мақомоти марказии идоракунӣ;

г) ҳуқуқэҷодкунии мақомоти маҳаллии давлатӣ;

Д) ҳуқуқэҷодкунш локалӣ дар дохили корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо;

е) ҳуқуқэҷодкунии мақомоти худидора;

ж) ҳуқуқэҷодкунии корпоративӣ (дар дохили ташкилотҳои корпоративӣ).

Таснифи ҳуқуқэҷодкуниро тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ гузаронидан мумкин аст:

а) ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

б) ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) ҳукуқэҷодкунии Президент чун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (ҳукумат);

г) ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

д) ҳуқуқэҷодкунии ҳокимияти маҳаллӣ (мақомоти маҳалии намояндагӣ, иҷроия) ва худидоракунӣ (ҷамоати шаҳраку деҳот).

Таснифи ҳуқуқэҷодкуниро тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» дар шакли зайл анҷом додан мумкин аст:

а) ҳуқуқэҷодкунии халқ,

б) ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

г) ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

д) ҳуқуқэҷодкунии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

е) ҳуқуқэҷодкунии Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистош Бадахиюн, вилоятҳо, шаҳри Душанбе;

ж) ҳуқуқэҷодкунии Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳияҳо;

з) ҳуқуқэҷодкунии раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе;

и) ҳуқуқэҷодкунии раисони шаҳру ноҳияҳо;

к) ҳуқуқэҷодкунии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот.

Намудҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, ки болотар зикр шуданд, дар робита бо субъектони ҳуқуқэҷодкунанда ҷудо карда мешаванд. Ин намудҳои ҳуқуқэҷодкунӣ асосӣ мебошанд, чунки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумхурии Тоҷиистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» доираи аниқи субъектони ҳуқуқэҷодкунанда муайян карда мешавад.

Ҳамзамон бо ин, тибқи м. 12-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъфии ҳуқуқӣ» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд қисме аз ваколатҳои ҳуқуқэчоднии худро ба мақомоти давлатии дахлзор вогузор намоянд.

Аз ин нуқтаи назар, ду намуди ҳуқуқэҷодкуниро ҷудо намудан мумкин аст:

а) ҳуқуқэҷодкунии асосӣ, ки тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз тарафи субъектони асосӣ ва босалоҳияти ҳуқуқэҷодкунанда ба роҳ монда мешавад;

б) ҳуқуқэҷодкунии вогузоршуда - амалӣ намудани салоҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҳолати вогузор гардвдани ваколати ҳуқуқэҷодкунӣ аз тарафи мақомоти асосии ҳуқуқэҷодкунанда.

Муҳлати вогузории ваколатҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ва доираи фаъолияти ҳукуқэҷодкунии он муайян мешаванд. Мақоми давлатӣ, ки ба он ин ваколат вобаста шудааст, наметавонад онро дубора ба мақоми дигар вогузорад.

Тибки б. 1 м. 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳукуқ доранд қисме аз ваколатҳои ҳуқукэҷодкунии худро, агар ин мухолифи Конститугсияи Ҷумҳурии Точикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон набошад, ба мақомоти тобеи худ вогузор намоянд.

Тибқи б. 2 моддаи зикршуда, дар санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба вогузории ваколат нишон дода мешавад, ки ба кадом мақомот ва ба кадом муҳлат ваколати мушаххас вогузор мегардад, ҳамчунин доирае, ки дар он мақомот ваколати ба он вогузоршударо татбиқ менамояд, муқаррар карда мешавад.

Дар бандҳои 3 ва 4 моддаи зикршуда талаботи зайл пешбинӣ мешаванд:

«Мақомоте, ки ба он ваколат вогузор карда шудааст, ҳуқуқ надорад онро ба мақомоти дигар вогузор намояд».

«Мақомоте, ки дар асоси ваколати вогузоршуда санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул менамояд, дар санади меъёрии ҳуқуқии худ ба қонун ва дигар санади меъёрии ҳукуқие, ки мувофиқи он ваколати дахлдор ба он вогузор гардидааст, истинод меорад».

Дар ҷомеа доираи муайяни меъёрҳои одатӣ низ амал мекунад. Онҳо аз тарафи давлат расман эътироф мегарданд, шакли одатҳои ҳукуқиро мегиранд. Барои ҳамин, эътирофи расмии меъёрҳои одатӣ ба ҳайси одатҳои ҳуқуқӣ намуди махсуси ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд[4,3-11].

Ҳуқуқэҷодкунии давлатҳои исломӣ хусусиятҳои хос дорад, аз ҷумла тибқи муқаррароти Ислом сурат гирифта ва бо ин аз ҳуқуқэҷодкунии давлатҳои дунявӣ фарқ намуда, намуди мустақили ҳукуқэҷодкуниро ташкил медиҳад.

Меъёрҳои ҳуқуқ тавассути шартномаҳои меъёрӣ (шартномаҳои байналмилалӣ, шартномаҳои коллективӣ, шартҳои намунавии шартномаҳои маданӣ ва ғ.) низ эҷод мешаванд. Аз ин хотир, таҳия ва бастани шартномаи меьёрӣ намуди мустақили ҳуқуқэҷодкунӣ маҳсуб мешавад.

Тавре қайд гардид, нақши назарияи ҳуқуқӣ, аз ҷумла асарҳои ҳуқуқшиносони рими, ба монанди Павел, Модестин, Улпиаи ва дигарон, ақидаҳои назариявии ҳуқуқшиносони

асрҳои миёна, мактаби глоссаторҳо ва пасоглоссаторҳо, ақидаҳои ҳуқуқии дар дохили донишгоҳҳои аврупоӣ пешбаришуда, иҷма, асарҳои асосгузорон ва пайравони номии мазҳабҳои фиқҳи исломӣ дар ташаккули ҳуқуқ саҳми муҳим доравд. Аз ин хотир, эътирофи назарияи ҳуқуқӣ намуди мустақили ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад[3,241-252].

Дар эҷоди ҳуқуқи муосир нақши робитаи ҳуқуқии байналмилалӣ низ калон аст. Дар шароити ба ҳам наздикшавии низомҳои ҳуқуқии миллӣ, инкишофи ҳуқуқи иттиҳодҳои нави байнидавлатӣ, мутобиқшавии ҳуқуқи миллӣ ба ҳуқуқи байналмилалӣ, паҳн гаштани муқаррароти эътирофгаштаи ҳуқуқи байналмилалӣ дар кишварҳои мутамаддин, ворид гаштани меъёрҳои ҳукуқи байналмилалӣ ба низомҳои ҳуқуқии кишварҳо, ҳуқуқэҷодкунии байналмилалӣ заминаи ҳукуқэҷодкунии дохилидавлатӣ ва намуди мустақили эҷоди ҳукуқ мебошад.

Намуди мустақили ҳуқуқэҷодкунӣ бо номи «ҳуқуқэҷодкунии кодификатсионӣ» маълум аст. Кодификатсия намуди ҳукуқэҷодкунӣ ва шакли муратгабсозӣ мебошад. Дар натиҷаи кодификатсия санадҳои нави кодификатсионӣ, аз қабили кодекс, оиннома, низомнома ва диг. қабул мешаванд[7,143].

Намуди дигари ҳуқуқэҷодкунӣ бо фаъолияти судҳо робита дошта, ҳуқуқэҷодкунии судӣ маҳсуб мешавад. Ҳуқуқэҷодкунии судӣ хусусиятҳои зерин дорад:

Якум, дар кишварҳое, ки амсоли судӣ расман сарчашмаи ҳуқуқ эътироф мешавад, ҳуқуқэҷодкунии судӣ пазируфта мешавад. Дар кишварҳои дорои ҳуқуқи романиву олмонӣ амалияи судӣ, аз ҷумла қарорҳои судҳои конститутсионӣ, қарорҳои Суди Аврупоӣ сарчашмаи ҳуқуқ ҳисоб мешаванд. Дар кишварҳои пасошуравӣ эътирофи амсоли судӣ то ба ҳол мавриди баҳси илмӣ қарор дорад. Айни замон қарорҳои судҳои конститутсионӣ воқеан сарчашмаи ҳуқуқ мебошанд. Аз ин хотир, ҳуқуқэҷодкунии судӣ дар оилаҳои ҳуқуқии анлисӣ-амрикоӣ ва романиву олмонӣ фарқ мекунад[5,345].

Дуюм, дар оилаи ҳукуқи англисӣ-амрикоӣ ҳуқуқэҷодкунии судӣ бо амсоли судӣ робита дорад. Амсоли судиро қарорҳои судӣ, ки оид ба парвандаҳои мушаххас қабул мешавад, ташкил медиҳанд. Қонун бошад, меъёрҳои умумиро дар бар мегирад. Қарори судии амсолӣ мушаххас буда, ҳангоми баррасии парвандаҳои шабеҳ истифода мешавад. Қарори судии амсолӣ бо дарназардошти ҳолатҳои мушаххаси ҳаётӣ қабулу истифода мешавад. Аммо меъёрҳои қонун мушаххас нестанд. Дар қонун пешбинии ҳар як ҳолати мушаххаси ҳаётӣ имконнопазир аст. Қонун ба ҳамаи шаҳрвандон ё гурӯҳи зиёди шаҳрвандон паҳн мешавад. Қарори судии амсолӣ ва қонун бо ин хусусияташон аз ҳам фарқ мекунанд.

Санадҳои татбиқи ҳуқуқ дар кишварҳои пасошуравӣ сарчашмаи ҳуқуқ эътироф намешаванд, чунки меъёрҳои ҳуқуқ муқаррар намекунанд. Аз ин хотир, хукуқэҷодкунии судӣ аз ҳукуқэҷодкунии зерқонунӣ ва қонунэҷодкунӣ фарқ мекунад.

Сеюм, фаҳмиши меъёри ҳукуқ дар Англия ва кишварҳои пасошӯравӣ фарқи куллӣ дорад. Дар ҳуқуқи англисӣ меъёри ҳуқуқ ба маънои меъёри амсолӣ, меъёри судӣ фаҳмида мешавад. Азбаски қарори судии амсолӣ мушаххас аст, табиист, ки меъёри судӣ низ мушаххас мебошад, яъне ба шахс ё шахсони муайян, ба ҳолати мушаххаси ҳаётӣ паҳн мешавад. Аммо дар кишварҳои пасошуравӣ, аз он ҷумла кишварҳои Аврупои Ғарбии шомили ҳуқуқи романиву олмонӣ меъёри ҳукуқ мушаххас нест, он ба шахси алоҳида, ба ҳолати мушаххаси ҳаётӣ паҳн намешавад. Меъёри ҳукуқ хусусияти на мушаххас, балки умумӣ дорад. Бо ин хусусияташ меъёри ҳуқуқ аз меъёри амсоли судӣ фарқ мекунад. Барои ҳамин, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқэҷодкунии судӣ аз ҳам фарқ доранд.

Чорум, ҳуқуқэҷодкунии судӣ дар кишварҳои шомили ҳуқуқи англисӣ- амрикоӣ дар ҳақиқат ҷой дорад ва ин фаъолияти судӣ қабули қарорҳои судии мушаххасро дар назар дорад. Ин гуна қарорҳои судии амсолӣ меъёри ҳуқуқи умумиро (мисол меъёрҳои ҳуқуқӣ дар кишварҳои пасошуравӣ) муқаррар намекунанд. Меъёрҳои қарорҳои судии амсолӣ мазмуни мушаххас доранд.

Дар кишварҳои пасошуравӣ бошад, нақши судҳои олӣ дар эҷоди нуктаҳои ҳуқуқии судӣ эътироф мешавад. Бар замми ин, бо баробари ташкили судҳои конститутсионӣ шумораи ҷонибдорони ҳукуқэҷодкунии судӣ афзуда истодааст. Аммо ба ақидаи бештари муҳаққиқон, судҳои конститутсионӣ намуди махсуси фаъолияти судиро амалӣ намуда, на қарорҳои ин мақомот ба таври пурра, балки қисми онҳо бо номи «мавқеи Суди конститутсионӣ» чун сарчашмаи ҳуқуқ эътироф мешавад. Хуллас, мафҳумҳои ҳуқуқэҷодкунии судӣ дар ИМА, Англия, Олмон, Россия, Тоҷикистон ва давлатҳои дигар дар иртибот бо мансубияташон ба ин ё он оилаи ҳуқуқӣ фарқ мекунанд[9,234].

АДАБИЁТ

1. Венгеров А.Б. Теория государства и права. М.2006. С.230.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” 2017. М.17.
3. Кудряцев В.Н. Право как элемент культуры // Право и власть. М., 1990.С.241-252
4. Лейст О.Э. Три концепции права//Государство и право.1991. №12. С.3-11
5. Марченко М.Н. Проблемы теории государства и права. М.,2005. С.345.
6. Марченко М.Н. Теория государства и права. М.,2000. С.123.
7. Нашиц А. Правотворчество: теория и законодательная техника. М., 1974.
8. Общая теория права / Под.ред. А.С. Пиголкина. М.,1997. С.156
9. Перевалов В.Д. Теория государства и права. М., 2005. С.234.
10. Шарофзода Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Душанбе.,2014 С.540

НАМУДҲО ВА ШАКЛҲОИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНӢ

Ҳукуқэҷодкунӣ бо дарназардошти субъектони ҳуқуқэҷодкунанда, намуди санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшаванда, вазъи ҳуқуқии субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ намудҳои гуногун дорад. Намудҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро асосан дар робита бо субъектони ҳуқуқэҷодкунанда ҷудо мекунанд. Вобаста ба салоҳияти ҳокимиятии субъектони ҳуқуқэҷодкунанда намудҳои зерини ҳуқуқэҷодкунӣ ҷудо карда мешаванд:

а) ҳуқуқэҷодкунии давлатӣ;

б) ҳуқуқэҷодкунии халқ.

Ҳуқуқэҷодкунии давлатӣ аз тарафи мақомоти босалоҳияти давлат ба роҳ монда мешавад. Ҳуқуқэҷодкунии давлатӣ вобаста ба субъектони мухталифи ин фаъолият намудҳои зерин дошта метавонад: ҳуқуқэҷодкунии мақоми намояндагӣ ва қонунгузор; ҳуқуқэҷодкунии Президент; хуқуқэҷодкунии Ҳукумат; хуқукэҷодкунии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ва дигар.

ВИДЫ И ФОРМЫ ПРАВОТВОРЧЕСТВО

Правотворчество имеет различные виды, учитывающие субъекты правотворчества, виды принимаемых нормативных правовых актов, правовое положение субъектов правотворческой деятельности. Виды правотворческой деятельности различаются в основном по отношению к субъектам правотворческой деятельности.

В зависимости от подведомственности субъектов, создающих право, различают следующие виды создания права:

а) государственное законотворчество;

б) создание прав народом.

Государственное правотворчество осуществляется компетентными государственными органами. Государственное правотворчество в зависимости от различных субъектов этой деятельности может иметь следующие виды: правотворчество представительных и законодательных органов; Президентские полномочия; Государственное законодательство; Правовое оформление местных исполнительных органов власти и других

TYPES AND FORMS OF LAW-MAKING

Law-making has various types, taking into account the subjects of law-making, the types of adopted normative legal acts, the legal status of the subjects of law-making activity. The types of law-making activity differ mainly in relation to the subjects of law-making activity. Depending on the jurisdiction of the subjects creating the law, the following types of creation of law are distinguished:

a) state lawmaking;

b) creation of rights by the people.

State lawmaking is carried out by competent state bodies. State lawmaking, depending on the various subjects of this activity, can have the following types: lawmaking of representative and legislative bodies; Presidential powers; State legislation; Legal registration of local executive authorities and others.

Маълумот дар бораи муаллиф: Кенҷаев Абумуслим – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторе: Кенджаев Абумуслим – Таджикский национальный университет, магистр 2 курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the author: Kenjaev Abumuslim - Tajik National University, 2nd year master's student, Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone

МАФҲУМИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

Ҳамзаева М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маърифати ҳуқуқӣ одатан бо паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ вобастагӣ дорад. Аз ин нуқтаи назар, маърифати ҳуқуқӣ бо мафҳумҳои «тарбияи ҳуқуқӣ», «шуури ҳуқуқӣ», «фарҳанги ҳуқуқӣ» алоқаманд аст. Айни замон мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» аз мафҳумҳои зикршуда фарқ дорад, чунки объекти мустақили дарки илмӣ буда, мақсадҳо ва вазифаҳои худро дорад, бо истифодаи тарзу воситаҳо ва шаклҳои муайян амалӣ карда мешавад.

Заминаи этимологии истилоҳи «маърифати ҳуқуқӣ»-ро калимаи «маърифат ташкил медиҳад. Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ калимаи «маърифат» (арабии معرفت) чунин шарҳ дода мешавад: «дониш, илму дониш; дар фалсафа – «дарки воқеият ба воситаи ақлу ҳис; шинохти чигунагии олам: назарияи маърифат»; дар иртибот бо маориф – «омӯзишу парвариш, таълиму тарбия»; аҳли маърифат – соҳибмаърифатон, одамони аз илму дониш баҳраманд, ашхоси огоҳу доно. Ҳамчунин, дар робита бо маърифат калимаҳои зерин шарҳ дода мешаванд: «маърифатнокӣ» – «маърифатнок будан, соҳиби илму дониш будан»; «маърифатпарварӣ» – «маърифатпарвар будан», инчунин, «маорифпарварӣ, фарҳангпарварӣ»[13,787-788].

Тавре мушоҳида мешавад, маърифат маънои илму дониш, дарки илмии воқеият, маорифпарварӣ, фарҳангпарвариро дорад. Аз ин хотир, маърифат танҳо бо паҳн намудани дониши ибтидоӣ, аз ҷумла дар давраи кӯдакӣ ва наврасӣ маҳдуд намешавад. Маърифатнокӣ сатҳи баланди илму дониш ва фарҳангро дар назар дорад. Шахси бомаърифат ё соҳибмаърифат илму дониш дорад, қобилият, маҳорат, истеъдоди паҳн намудани илму дониш, дастовардҳои фарҳанги моддӣ ва маънавӣ, таълиму тарбияи шаҳрвандонро дорад, тибқи сифатҳои касбӣ фаъолияти илмӣ, педагогӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ, маърифатиро ба роҳ мемонад, ба рушди ҷомеа тавассути тарғибу ташвиқи фарҳанги миллӣ ва дастовардҳои нави илму фарҳанг мусоидат мекунад.

Дар моддаи 10 Қонуни намунавӣ «Дар бораи фаъолияти маърифатӣ», ки аз тарафи Ассамблеяи Байнипарлумонии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) 7 декабри соли 2002 қабул шудааст, ду самти асосии фаъолияти маърифатӣ муайян карда мешаванд:

– фаъолияти умумии таҳсилотӣ тавассути барномаҳои маърифатӣ, ки ба тамоми аҳолӣ паҳн мешаванд, аз он ҷумла дар раванди маърифати илмӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, экологӣ,тиббӣ;

– фаъолияти маърифатии махсус тавассути барномаҳои маърифатӣ, ки барои мутахассисони касбӣ пешниҳод мешаванд[5].

Тавре мушоҳида мешавад, маърифати илмӣ яке аз намудҳои маърифат буда, намудҳои дигари маърифат (иқтисодӣ, экологӣ ва дигар) низ дониши илмиро (иқтисодӣ, экологӣ ва дигар) талаб мекунад.

Маърифати ҳуқуқӣ намуд, самт ва ҷузъи таркибии маърифат буда, ҳамчун падидаи ҳаёти ҳуқуқӣ дарку омӯхта мешавад, дар натиҷаи фаъолияти муташаккилонаи мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути барномаҳо, консепсияҳои давлатӣ ва дигари илмӣ ташаккул меёбад.

Мафҳуми маъмулии «маърифат» дар сарчашмаҳои дигар низ истифода мешавад. Чунончи, дар Луғати забони русии С.И. Ожегов маърифат ҳамчун «паҳн намудани дониш, таълим» шарҳ дода мешавад[9,570]. Мафҳуми «маърифат» дар ҳуҷҷатҳои гуногун, ки дар соҳаи маърифати аҳолӣ солҳои охир қабул шуда истодаанд, шарҳ дода мешавад. Чунончи, дар Қонуни намунавии ИДМ «Дар бораи фаъолияти маърифатӣ» аз 7 декабри соли 2002 мафҳуми «маърифат» чунин шарҳ дода мешавад: «раванди мақсадноки иттилоотонии аҳолӣ оид ба тағрибаи мавҷудаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки ба доираи калони аҳолӣ, сарфи назар аз тақсими он ба гурӯҳҳои устувор паҳн мешавад ва воситаҳои назоратиро дар соҳаи аз худ намудани маълумоти пешниҳодшуда пешбинӣ намекунад» [6].

Дар Қонуни намунавӣ мафҳуми «фаъолияти маърифатӣ» чунин шарҳ дода мешавад: «намуди таҳсилоти ғайрирасмӣ, маҷмуи чорабиниҳои иттилоотӣ-таҳсилотӣ оид ба тарғиб ва паҳн намудани дониши илмӣ ва маълумоти дигари дорои аҳаммияти иҷтимоӣ, ки фарҳанги умумии инсон, асосҳои ҷаҳонбинӣ ва маҷмуи қобилияти зеҳнии ӯро ба фаъолият тибқи салоҳият ташаккул медиҳанд». Асоси фаъолияти маърифатиро принсипҳои таҳсилотӣ ташкил медиҳанд ва аз ин хотир, робитаи маърифат ва таълим, ташаккули маърифати аҳолӣ дар раванди таълим эътироф мешавад.

Тибқи моддаи 6 Қонуни намунавӣ низоми маърифат ҷузъи низоми таҳсилот буда, аз барномаҳо ва лоиҳаҳои маърифатӣ, ташкилоту муассисаҳои татбиқкунандаи ин барномаҳо иборат аст. Дар моддаи 7 функсияҳои зерини маърифат ифода ёфтаанд: таҳсилотӣ, иттилоотӣ, тафсирӣ, идеологӣ, ташвиқию тарғибӣ, машваратӣ. Дар моддаи 11 мафҳуми ҳуқуқ ба маърифат ҳамчун қисми ҳуқуқ ба таҳсил баён мешавад. Дар моддаи 18 намудҳои зерини маърифат шарҳ дода мешаванд: касбӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, шаҳрвандӣ, илмӣ, бадеӣ-эстетикӣ, миллӣ-ватандӯстӣ, тиббӣ.

Мафҳумҳои зикршуда, аз ҷумла мафҳуми «маърифат» ҳамчун «раванди иттилоотонии аҳолӣ оид ба таҷрибаи мавҷудаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ» дар ҳуҷҷатҳои дигар низ истифода мешавад [3].

Маърифатпарварӣ бо иттилоотонии аҳолӣ робита дошта, роҳандозии маҷмуи тадбирҳои тарбиявӣ ва таълимиро дар назар дорад. Маърифатпарварӣ саъю кӯшиши доираи васеи мақомот, муассисаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандони масъулро талаб мекунад, мунтазам, муташаккилона, бо истифодаи ҳамаи имкониятҳо ва захираҳои мавҷуда (оила, мактаб, муассисаҳои тарбиявӣ, воситаҳои ахбори омма, асарҳои бадеӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ-оммавӣ ва ғайра) ба роҳ монда мешавад.

Илова бар ин, маърифатпарварӣ ташаккули шахсияти инсони нав, баланд бардоштани сатҳи шуури ҷамъиятӣ (ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, илмӣ ва ғайра), омода намудани аъзоёни ҷомеа, пеш аз ҳама, насли наврасро ба дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷомеа, ширкати фаъолонаро дар ислоҳоти ҷомеа ва рушди устувори он дар назар дорад. Маърифат аз як тараф таҷрибаи миллии иҷтимоӣ-фарҳангӣ, аз ҷумла мероси таърихӣ, анъанаҳои миллӣ (дар соҳаи таълиму тарбияи фарзанд, фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ, истифодаи осори фарҳангӣ ва ғайра), арзишҳои ахлоқию маънавиро ҳимоя мекунад, аз тарафи дигар ба рушди устувори ҷомеа тавассути паҳн намудани дониш ва арзишҳои иҷтимоӣ бояд мусоидат намояд. Рушди илм, дастовардҳои нави илмӣ, такмили мунтазами раванди таълим, шаклу усулҳои нави тарбияи шаҳрвандон самтҳои нави маърифатпарвариро муайян мекунанд.

Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи ҳаёти ҳуқуқӣ маҷмуи мафҳумҳо, ақидаҳо, иттилоот оид ба ҳуқуқ, арзишҳои ҳуқуқӣ, падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ мебошад.

Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти муташаккилона – фаъолияти мақсаднок ва мунтазами мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, аз он ҷумла муассисаҳои таҳсилотӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ, инчунин, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бевосита шаҳрвандон мебошад, ки бо мақсади паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ ба сомон мерасад.

Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун назария, барнома, консепсия – маҷмуи унсурҳои таркибӣ (асосҳои назариявии маърифати ҳуқуқӣ, методологияи таҳқиқи маърифати ҳуқуқӣ, мақсадҳо, вазифаҳо, тарзу воситаҳо, шаклҳо, самтҳои амалӣ намудани маърифати ҳуқуқӣ) мебошад.

Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун объекти таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ муносибатҳои ҷамъиятиро, ки бо ҳолати воқеии маърифати ҳуқуқӣ алоқа доранд, дар назар дорад. Айни замон маърифати ҳуқуқӣ объекти таҳқиқоти илмии фалсафа, педагогика, равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ ва соҳаҳои дигари илм буда, танҳо дар алоқамандӣ пурра дарк карда мешавад. Аз ин хотир, таҳқиқи мафҳум ва намудҳои маърифат барои таҳлили ҳаматарафаи маърифати ҳуқуқӣ аҳаммияти методологӣ дорад.

Ҳангоми таҳқиқи мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» мафҳумҳое, ки болотар зикр шуданд, бояд ба инобат гирифта шаванд.

Солҳои охир дар асарҳои илмӣ ба таҳқиқи маърифати ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Зарурати таҳқиқи илмии мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» бо омилҳои зерин муайян карда мешавад.

1. Маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи низоми тарбия ва таҳсилоти ҳуқуқӣ буда, яке аз омилҳои эъмори давлати ҳуқуқбунёд мебошад, чунки сатҳи кофии дониши ҳуқуқии аҳолӣ воситаи самараноки амалӣ намудани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон буда, барои таъмини волоияти қонун дар давлати ҳуқуқбунёд, иштироки шаҳрандон дар ҳаёти ҳуқуқӣ, таъмини сатҳи зарури фаъолнокии ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат мекунад.

2. Маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи тарбияи ҳуқуқӣ мебошад, дар ҷараёни тарбияи ҳуқуқӣ, бо дарназардошти мақсадҳо, вазифаҳо, шаклҳо ва самтҳои махсуси маърифати ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи кори тарбиявӣ барои тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риоя ва иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, эҳтироми қадри инсон, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тарбияи ҳисси масъулиятшиносии ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

3. Маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи таълими ҳуқуқӣ мебошад, дар раванди таълими ҳуқуқӣ, бо истифодаи тарзу воситаҳо ва шаклҳои фаъолияти таълимӣ, маҳорати педагогӣ ба роҳ мода мешавад. Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи таълими умумии ҳуқуқӣ тамоми гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолиро фаро мегирад, бо иштироки ниҳодҳои гуногуни тарбиявӣ ва таълимӣ (оила, мактабҳои миёна, литсейҳо, воситаҳои ахбори омма, технологияҳои иттилоотӣ, созмонҳои байналмилалӣ, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва ғайра), бо истифодаи тарзу воситаҳо ва шаклҳои маъмулии таълими умумӣ амалӣ карда мешавад ва барои паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ, маърифатнокии ҳуқуқии шаҳрвандон (наврасону ҷавонон, мактаббачагон, донишҷӯён, занону бонувон, маъюбон ва ғайра) мусоидат мекунад.

4. Маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ буда, дар раванди тарбияи кадрҳои ҳуқуқшинос, бо истифодаи тарзу воситаҳо, шаклҳо, технологияи нави таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ амалӣ гардида, бо мақсади ташаккули дониши ҳуқуқии касбӣ, омодагии ҳуқуқшиносони касбӣ ба кори муташаккилонаи паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ (ёрии ҳуқуқӣ, клиникаи ҳуқуқӣ, тафсири ҳуқуқӣ ва ғайра) ба роҳ монда мешавад.

5. Маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, дар доираи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, дигар ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад. Маърифати ҳуқуқӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ буда, ба паҳн гардидани дониши ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ, иштироки онҳо дар равандҳои ҳаёти ҳуқуқӣ, аз ҷумла дар муқовимат ба терроризм, коррупсия, гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор ва намудҳои дигари ҳуқуқвайронкунӣ мусоидат мекунад.

6. Маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи сиёсати давлати Тоҷикистон буда, бо мақсади ташаккули низоми муташаккилонаи маърифати ҳуқуқӣ тавассути маҷмуи тадбирҳои давлатии ташкилӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, кадрӣ, иттилоотӣ амалӣ мегардад. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2023 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» соли 2024 ба ифтихори сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид[10]. Ташаббуси Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба амалӣ гардидани чорабиниҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, фарҳангӣ, илмӣ, иҷтимоӣ дар самти ташаккул ва рушди низоми устувори маърифати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад. Ҳамчунин, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, № 668 заминаи ҳуқуқии фаъолияти маърифатиро ташкил медиҳад[12].

7. Маърифати ҳуқуқӣ воситаи самарабахши пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ буда, ба таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Бо ин мақсад маҷмуи тадбирҳои муташаккилона дар соҳаи паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ ва татбиқи чораҳои ҳифзи ҳуқуқӣ, аз ҷумла чораҳои пешгирсозии ҳуқуқвайронкунӣ амалӣ карда мешавад. Ба татбиқи чораҳои

мазкур ташкилоту муассисаҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шаҳрвандон якҷоя бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷалб карда мешаванд.

Тавре мушоҳида мешавад, маърифати ҳуқуқӣ яке аз самтҳои сиёсати давлат, ҷузъи тарбия, таълим ва таҳсилоти ҳуқуқӣ буда, бо мақсади маърифатнокии ҳуқуқии тамоми аҳолӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар бештари мафҳумҳои «маърифати ҳуқуқӣ», ки дар як қатор асарҳои илмӣ пешниҳод мешаванд, таваҷҷуҳи асосӣ ба мустақилияти маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун самти алоҳидаи сиёсати давлатӣ ё фаъолияти ниҳодҳои давлатию ғайридавлатӣ, ва ё алоқамандии маърифати ҳуқуқӣ бо тарбияи ҳуқуқӣ, таълим ва таҳсилоти ҳуқуқӣ дода мешавад. Ҳамчунин, маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун самти сиёсати ҳуқуқӣ таҳқиқ мешавад. Дар натиҷа гуногунии нуқтаҳои назари илмӣ оид ба мафҳуми «маърифати ҳуқуқӣ» мушоҳида мешавад.

Як қатор олимон маърифати ҳуқуқиро дар робита бо тарбияи ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ таҳқиқ намуда, тафовути ин падидаҳоро ба инобат мегиранд. Чунончи, маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун ҷанбаи тарбияи ҳуқуқӣ таҳлил гашта, тафовути маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ бо дарназардошти вазифаҳои онҳо муайян карда мешавад[11,183].

Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун давраи ибтидоӣ ё аввалин паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ пазируфта мешавад. Дониши ибтидоӣ, ки дар ин давра паҳн мешавад, дар даврaҳои дигар (таълим ва таҳсилоти ҳуқуқӣ) истифода мешавад [7,15]. Маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун раванди паҳн гардидани дониши ҳуқуқии ибтидоӣ, ки дар заминаи он муносибати шаҳрвандон ба падидаҳои давлатию ҳуқуқӣ ташаккул меёбад, шарҳ дода мешавад[8,178].

Айни замон як қатор муҳаққиқон тафовути маърифати ҳукуқӣ ва тарбияи ҳуқуқиро ба инобат намегиранд. Дар ин ҳолат маърифати ҳуқуқӣ ҳамчун усули тарбияи ҳуқуқӣ[2,280-352], ё шакли ташкилии тарбияи ҳуқуқӣ (дар баробари таълими ҳуқуқӣ ва ташвиқоти ҳуқуқӣ) баромад мекунад [4,384].

Бештари муҳаққиқон тафовути маърифати ҳукуқӣ ва тарбияи ҳукуқиро ба инобат гирифта, айни замон маърифати ҳуқуқиро ҷузъи тарбияи ҳуқуқӣ мешуморанд, чунки вазифаҳои маърифати ҳукуқӣ танҳо дар ҷараёни тарбияи ҳукуқӣ ҳалли худро меёбанд. Ба ақидаи як қатор муҳаққиқон мақсадҳои маърифати ҳукуқӣ дар самти баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқукӣ дар ҷараёни татбиқи ҳуқуқ метавонанд амалӣ гарданд[1,107-111].

АДАБИЁТ

1. Адаева О.В., Картыгин Н.С. Значение правового просвещения в правовоспитательном процессе как средства борьбы с правовым нигилизмом // Вопросы современной юриспруденции. – 2-16. – № 6 (57). – С. 107. – С. 107-111.
2. Иванников И. А. Теория государства и права : учебник. - М. : РИОР ; Инфра-М : Академцентр, 2012. - С. 280. – 352 с.
3. Концепция правового просвещения на период до 2020 г. (подготовлена Общественным советом при Уполномоченном по правам человека в Хабаровском крае) [Электронный ресурс] // Уполномоченный по правам человека в Хабаров. крае : офиц. сайт. - URL: http://pravo.khv.ru/concept.
4. Кулапов В. Л. Теория государства и права : учебник. - М. : Кнорус, 2014. - С. 360. – 384 с.
5. Модельный закон «О просветительской деятельности». Принят на 12 пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств-участников СНГ. Постановление № 20-15 от 7 декабря 2002 г. Информационный бюллетень МА СНГ. – 2003. – Часть 2. – № 30: [Захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: https://docs.cntd.ru/document/901865093 (санаи мурочиат 3.03.2024).
6. Модельный закон «О просветительсокой деятельности». Принят на 12 пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств-участников СНГ. Постановление № 20-15 от 7 декабря 2002 г. Информационный бюллетень МА СНГ. – 2003. – Часть 2. – № 30: [Захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: https://docs.cntd.ru/document/901865093 (санаи мурочиат 3.03.2024).
7. Миронов О. О. Правовое просвещение - функция омбудсменов // Право и образование. - 2009. - № 5. - С. 15. – С. 13-29.
8. Нигматуллин М.Р. Правовое просвещение и правовое информирование как форма профилактики коррупционных преступлений в деятельности полиции // Органы внутренних дел в системе противодействия коррупционной преступности. Материалы внутриведомственного круглого стола. Санкт-Петербург, 8 декабря 2023 г. – Санкт-Петербургский университет МВД России, 2023. – С. 178. – С. 175-183.
9. Ожегов С.И. Словарь русского языка / С. И. Ожегов / Под ред. Н.Ю. Шведовой. – М.: Рус. яз., 1978. – С. 570. – 846 с.

10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2023: [Захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/32191 (санаи мурочиат 4.03.2024).
11. Стреляева В. В. Правовое воспитание в условиях становления правового государства: дис. ... канд. юр. наук. - М., 2006. - С. 11, 71. – 183 с.
12. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, № 668: [Захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: URL: http://www.president.tj/node/32202 (санаи мурочиат 16.07.2024).
13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (Иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 2 / Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти Рӯдакӣ, 2008. – С. 787-788. – 950 с.

МАФҲУМИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

Маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи низоми тарбия ва таҳсилоти ҳуқуқӣ буда, яке аз омилҳои эъмори давлати ҳуқуқбунёд мебошад, чунки сатҳи кофии дониши ҳуқуқии аҳолӣ воситаи самараноки амалӣ намудани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон буда, барои таъмини волоияти қонун дар давлати ҳуқуқбунёд, иштироки шаҳрандон дар ҳаёти ҳуқуқӣ, таъмини сатҳи зарури фаъолнокии ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: маърифати ҳуқуқӣ, давлати ҳуқуқбунёд, ҳаёти ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, таҳсилоти ҳуқуқӣ.

ПОНЯТИЕ ПРАВОВОЙ ПРОСВЕЩЁННОСТИ

Правовая просвещённость является частью системы правового воспитания и образования и выступает одним из факторов построения правового государства, поскольку достаточный уровень правовых знаний населения служит эффективным средством реализации законов и иных нормативно-правовых актов, осуществления прав и свобод человека. Она также способствует обеспечению верховенства закона в правовом государстве, участию граждан в правовой жизни и поддержанию необходимого уровня правовой активности населения.

Ключевые слова: правовая просвещённость, правовое государство, правовая жизнь, правовое воспитание, правовая культура, правовое образование.

THE CONCEPT OF LEGAL AWARENESS

Legal awareness is a component of the system of legal education and upbringing and serves as one of the factors in building a rule-of-law state, since a sufficient level of legal knowledge among the population is an effective means of implementing laws and other normative legal acts, as well as ensuring the realization of human rights and freedoms. It also contributes to upholding the rule of law in a rule-of-law state, encouraging citizens' participation in legal life, and maintaining the necessary level of legal activity among the population.

Keywords: legal awareness, rule-of-law state, legal life, legal upbringing, legal culture, legal education.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳамзаева М. – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон [992]907750293

Сведения об авторе: Хамзаева М. – Таджикский национальный университет, магистр 2 курса юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон [992]907750293

Author information: Hamzaeva M. – Tajik National University, 2nd-year master's student, Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: [992]907750293

МАФҲУМИ ТЕРРОРИЗМ МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мадаминзода М. З.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Терроризм - ба шумораи падидаҳои хавфнок ва душворпешгӯйикунандаи замони муосир тааллуқ дошта, шаклҳои бештар гуногуни таҳдидкунандаро доро мебошад. Актҳои террористӣ сабабгори қурбонии бештари инсоният гашта, ба бештари одамон фишори баланди психологӣ расонида, боиси вайрон гаштани арзишҳои моддӣ ва маънавӣ мегардад, ки барқарор кардани онҳо ғайриимкон буда, хусумати байни давлатҳоро ба вуҷуд оварда, нобоварӣ ва бадбиниро байни гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ғайри иҷтимоӣ ба вуҷуд меоварад.

Терроризм ҳамчун падидаи мазмуни оммавӣ ва сиёсӣ дошта – натиҷаи "деидеологизатсия"-и оламгир, яъне, вақте ки гурӯҳҳои алоҳида дар ҷомеа қонуният ва ҳуқуқи давлатро зери шубҳа гузошта ва бо ин гузариши худро ба террор барои расидан ба мақсадҳои худ дуруст мешуморанд, мебошад. Гурӯҳҳои мухталифи ҷиноятқорӣ актҳои террористиро бо мақсади тарсонидани аҳолӣ ва инчунин нобуд сохтани рақиби худ, бо мақсади таъсир расонидан ба ҳокимияти давлатӣ барои шароит фароҳам овардан ҷиҳати анҷом додани фаъолияти ҷиноятқорӣ содир менамоянд. Қурбонии акти террористӣ метавонад ҳар кас бошад – ҳатто шахсе, ки ба ин моҷаро ягон муносибат надошта бошад.

Сатҳи терроризм ва шаклҳои бевоситаи зоҳирёбии он, дар худ нишондодҳо, аз як тараф, ахлоқи ҷамъиятӣ, аз тарафи дигар, саъю кушиши самараноки ҷомеа ва давлат оиди ҳалли масъалаҳои бештар душвор, хусусан, пешгирӣ ва қатъ кардани худи терроризм ва ҷавобгарии ҷиноятӣ барои терроризмро доро мебошад.

Мутаассифона, терроризм бештар воситаи тарсонидан ва нобуд кардан дар баҳси азалӣ ва оштинопазири ҷаҳони гуногун ба шумор меравад. Солҳои охир дар тамоми ҷаҳон масъалаи терроризм дар миқёси ҷаҳонӣ ҷойгир шуда ва дар тамоюли афзоиши устувор қарор дорад

Актҳои террористӣ сол то сол бештар ҷиддӣ ва дурушт, бо истифодаи техникаи муосир, силоҳ, воситаҳои алоқа ташкил шуда истодааст. Маълум аст, ки ба ин падидаи хеле хавфнок муборизаи якҷояи давлатҳо дар ташкили алоқа бо ташкилотҳои байналхалқӣ зарур аст. Барои амалигардонии ҳаракатҳои самараноки мубориза бо терроризм, коркарди мафҳуми ягонаи ҳуйуқӣ-байналмилалиии он, ки хусусияти дақиқи ҳуқуқии ин намуди ҷиноятро инъикос мекунад, зарур аст.

Оиди ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан қайд намуда буданд, ки «Дар соле, ки сипарӣ шуда истодааст, мо шоҳиди содир шудани амалҳои мудҳиши террористӣ дар Осиёву Африқо ва Аврупову Амрико гардидем ва қариб рӯзе нест, ки сокинони ин ё он гӯшаи ҷаҳон қурбони ҷиноятҳои террористӣ нагарданд. Бо вуҷуди чунин вазъ, дар арсаи байналмилалӣ то ҳол таърифи ягонаи мафҳумҳои «терроризм» ва «террорист» вуҷуд надорад, ки ин ҳолат ба истифодаи меъёрҳои дугона ва духӯрагиву гуногунфаҳмиҳо мусоидат карда истодааст.

Мо бояд ҳамеша дар назар дошта бошем, ки терроризм ва террористро ба худӣ ва бегона, ашаддӣ ва ислоҳгаро ё хубу бад ҷудо кардан мумкин нест. Баръакс, тавре ки ман борҳо таъкид намуда будам, террорист ватан, дин, мазҳаб ва миллат надорад»[2].

Бинобар ин, ҳаракатҳои зидди террористӣ бояд дар ҳамаи давлатҳои мутараққӣ ба сифати яке аз масъалаҳои аввалиндараҷаи умумидавлатӣ дида баромада шавад. Фаъолияти асосии дар ин самт равонашуда: такмили базаи ҳуқуқӣ, пурқувват кардани ҳамкории байни мақомотҳо, нишон додани фишори максималӣ дар давлат барои пешгирӣ намудани терроризм, баланд бардоштани шумораи кормандони сохторҳои бо терроризм муборизабаранда ва бо техника таҷҳизонидани онҳо мебошад.

Мафҳуми аниқи терроризмро муайян кардан душвор аст, чунки ин мафҳум дар худ маъноҳои гуногунро ҷой доданаш мумкин аст. Ҷомеи муосир бо намудҳои бисёри терроризм дучор шудааст ва ин истилоҳ аз мафҳуми мураттаби худ маҳрум гаштааст.

Зери мафҳуми терроризм ҳам ҷинояти дуздии одам бо мақсади фуруш, ҳам куштор, ҳам усулҳои дағали бурдани ҷанг, ҳам ҳай карда бурдани нақлиёти ҳавоӣ, ҳам иҷроб (шантаж), яъне акти таҷовузкории бар муқобили моликият ва манфиатҳои шаҳрвандон равонашуда фаҳмида мешавад. Беш аз дусад мафҳуми террор ва терроризм вуҷуд дошта, аммо ягонтои он барои муайян кардани он кифоягӣ намекунад[4].

Калимаи “террор” калимаи лотинии “terror” буда, маънояш “тарс, ваҳм” мебошад. Дар луғати тафсирии забони русии Ожегов С.И. ва Шведов Н.Ю. “террор” чун “тарсонидани душманони сиёсии худ, дар таҷовузи ҷисмонӣ ифодаёфта, то ба худи несткунӣ”, “терроризм” бошад чун “сиёсат ва таҷрибаи террор” муайян гардида буд [5]. В.И. Дал бошад чунин муайян карда буд, ки терроризм ин тарсонидан бо ҳукми қатл, куштор ва хашмгинии бад мебошад.

Дар ҳақиқат, ҳар як ҳаракати террористӣ ҳамавақт таҷовуз, маҷбуркунӣ, таҳдидро доро мебошад. Воситаи асосии ба мақсад расидан барои ҳар як террорист – ин тарсонидан, ташкил кардани муҳити ваҳм ва нобоварӣ ба шумор меравад. Ҳангоми диққат додан ба хавфнокии қатъии ҷамъиятӣ ва дағалии актҳои террористӣ, зиддиҷамъиятӣ ва зиддигуноситаш будани онҳо, терроризмро метавон чун феномени ҷамъиятӣ, ки дар зиддиҳуқуқӣ истифода намудани шаклҳои таҷовуз ё таҳдид таҷовуз барои тарсонидани душман бо мақсади расидан ба мақсадҳои худ, муайян кард.

Дар замони ҳозира шаклҳои зиёди терроризм вуҷуд дорад, ки онро аз рӯи субъекти фаъолияти террористӣ ва аз рӯи расидан ба ин ё он натиҷа равонагашта таснифбандӣ кардан мумкин аст.

Терроризми дохилидавлатӣ дар худ фаъолияти ташкили гуруҳҳои террористии иҷтимоӣ ё террористи яккадастиро пешбинӣ менамояд, ки саҳми онҳо барои расидан ба мақсадҳои гуногуни сиёсӣ дар ҳудуди як давлат равона гаштааст. Зери мафҳуми террор таҷовузи қасдонаи ба муносибатҳои давлатӣ равонагашта метавон фаҳмид.

Таҷовуз дар ду шакл амалӣ мегардад: 1) таҷовузи бевосита, ки дар татбиқи қувваи бевосита ифода меёбад (ҷанг, шуриши мусаллаҳона, репрессияи сиёсӣ, террорӣ), ва 2) таҷовузи бавосита (махфӣ), ки татбиқи қувваи бевоситаро пешбиниӣ намекунад (шаклҳои гуногуни фишори маънавӣ, сиёсӣ, дахолати сиёсӣ, муҳосираи иқтисодӣ), вале маънии танҳо таҳдид истифодаи қувваро доро мебошад (фишори сиёсӣ, талаби қатъии дипломатӣ).

Чӣ хеле ки қайд гардид, дар адабиёти ҳуқуқӣ ба террори давлатӣ бештар вақт низоми ноустуворро бо сатҳи пасти ҳокимияти қонунӣ, ки усули устувории системаи иқтисодӣ ва сиёсиро нигоҳ дошта наметавонад, алоқаманд менамоянд. Террори сиёсиро Русия ҳоло дар вақти “Иродаи халқ”, ки иштирокчиён ба таври васеъ усулҳои террористиро барои мубориза бо ҳокимитяи нафратангез истифода намуда буданд, эътироф карда буд (ин ташкилот 7 суиқасд ба ҳаёти Александри 11-ро тайёр карда буд).

Аммо агар дар вақтҳои пешин террористҳо ба сифати қурбонӣ ходими муайяни давлатӣ ё ҷамъиятиро интихоб намояд, дар замони муосир бошад террористони сиёсӣ аз куштори оммавӣ худдорӣ намекунанд. Воҳима – ки ба он террористон умед мебанданд. Онҳо ҳеҷ чиз талаб намекунанд, ба ҳеҷ чиз майл надоранд. Танҳо хонаҳоро метарконанд, то ки ба тарс ва ваҳм гирифтор намоянд. Тарс – мақсади ягонаи онҳо нест. Тарс – танҳо воситаи расидан ба мақсадҳои муайяни сиёсӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, терроризми сиёсӣ – ин истифодаи террор дар мақсадҳои сиёсӣ мебошад. Маҳз барои ҳамин ба сифати объекти асосии ҳаракатҳои террористӣ аксарияти одамони бепаноҳ баромад мекунанд. Ҳар қадаре, ки актҳои террористӣ бераҳмона ва хунин гарданд, ҳамон қадар барои террористҳо хубтар мешавад.

Ии чунин маънӣ дорад, ки ҳокимият, қувваҳои сиёсӣ, аҳолӣ ҳар чӣ қадар тезтар он чи ки аз онҳо талаб карда мешавад, иҷро намоянд. Дар ин муносибатҳо беморхонаҳо,

таваллудхонаҳо, боғчаҳои бачагона, мактабҳо, хонаҳои истиқоматӣ – объектҳои бисёр хуб барои террористҳои сиёсӣ ба шумор меравад. Яъне, объекти асосии таъсири террори сиёсӣ на худи одамон, балки вазъи сиёсие, ки ба воситаи террор дар муносибат бо сокинони осуда кушиш менамояд роҳи барои террористҳо заруриро тағйир диҳад, ба шумор меравад.

Террористҳои "оддӣ" барои мақсадҳои худ расидан аввал бо таҳдиду таҳдид намуда ва танҳо ҳангоми саркашӣ таҳдиди худро амалӣ мегардонад, террори сиёсӣ бошад аз аввал қурбонии одамони зиёд мегардад. Дар кадом шакле, ки набошад, терроризм новобаста аз сабаб, мақсад ва ҳадафи онҳо чун кирдори ҷиноятӣ бандубаст карда мешавад. Терроризми муосир сиёсӣ бо муҳити ҷинояткорӣ як шуда, онҳо якҷоя амал ва якдигарро дастгирӣ менамоянд. Мақсад ва ҳадафи онҳо метавонад гуногун бошад, вале шакл ва усули онҳо монанд аст.

Якчанд мисолҳо: ташкилоти террористии колумбиягӣ бо наркомафия якҷоя амал мекунад, мафияи корсиканӣ бо ситсиликӣ ва ғ. Бештар вақт гурӯҳҳои террористӣ сиёсӣ барои ба даст овардани маблағҳои кофии молиявӣ барои фаъолияти худ аз усулҳои ҷиноятӣ ба монанди – қочоқчигӣ, хариду фуруши ғайриқонунии силоҳ истифода менамоянд. Ба ғайр аз ин, на ҳама вақт фаҳмида мешавад, ки бо кадом мақсад чунин актҳоро, чун ба гаравгон гирифтан, куштори рузноманигорони машҳур, ғасби самалёт содир менамоянд. Чигуна характерро онҳо соҳиб ҳастанд – ҷиноятӣ ё сиёсӣ?

Вақте ки терроризми давлатӣ ба ҳудуди давлати дигар мегузарад, он хусусияти байналмилалиро соҳиб мегардад. Дар вақтҳои охир ин намуди терроризм хусусияти умумиҷаҳониро ба даст овардааст. Терроризми байналмилалӣ пояи давлат ва сиёсатро ба ларза медарорад, ёдгориҳои фарҳангиро несту нобуд мекунад, муносибатҳои байналмилалиро вайрон месозад. Чун дигар ҳар як шакли террор, терроризми байналмилалӣ дар таҷовузи бетартибона ифода мегардад, ки одатан бар муқобили одамон, бе муҳокима барои ташкили ғояҳои оммавӣ, ки чунин мақсадро дуруст мешуморанд: ҳар қадар ҷиноят даҳшатнок бошад, ҳамон қадар аз нуқтаи назари террористҳо хубтар аст.

Намудҳои гуногуни терроризми байналмилалӣ ин терроризми транснатсионалӣ ва терроризми байналмилалии криминалӣ ба шумор меравад.

Намуди аввал дар худ актҳои гуногуни ғайридавлатии ташкилоти террористӣ дар дигар давлатҳоро муаррифӣ менамояд. Аммо онҳо мустақилона амал карда ва мақсади тағйир додани муносибати байналмилалиро надоранд.

Намуди дуюм дар ҳаракатҳои ташкилоти байналмилалии ҷинояткорӣ зоҳир мегардад, ки иштирокчиёни он метавонанд аз ягон намуди мақсадҳои сиёсӣ дур бошанд, актҳои онҳо бошад, мумкин аст бар муқобили ташкилотҳои ҷиноятии рақиб дар дигар давлат равона гардад.

Аз рӯи хусусияти терроризм метавон чунин таснифбандӣ намуд: иҷтимоӣ, ки мақсади пурра ё қисман тағйир додани сохтори сиёсӣ ё иқтисодии давлати худ пеша карда; миллатчигӣ, дар таҷрибаи ташкилотҳои сепаратистӣ ва ташкилотҳое, ки мақсади онҳо муборизаи бар зидди ҳукмфармо миллатҳои давлатҳои бегона мебошад, истифодашаванда; динӣ, ки ё бо муборизаи тарафдорони як дин бо тарафдорони дигар дин дар доираи давлат, ё бо кушиши сарнагун кардани ҳокимияти ғайридинӣ ва пойдор намудани ҳокимияти динӣ алоқаманд мебошад [3].

Терроризме, ки хавфнокиро дар масштаби глобалӣ доро мебошад, дар шароити муосир, дар асл, ба таҳдиди институти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии давлат, ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон табдил ёфтааст. Ба мо аллакай терроризми ядроӣ, терроризм бо истифодаи моддаҳои заҳролудкунанда, терроризми ахборотӣ таҳдид карда истодааст.

АДАБИЁТ

1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 майи соли 1998. Душанбе, 2022.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 [Манбаи электронӣ] //URL: http://www.president.tj (санаи мурочиат: 01.04.2019).
3. Видяпина В.И. Бакалавр экономики. – М., 2002. – С. 44.

4. Назаркин М.В. Криминологическая характеристика и предупреждение терроризма. Дисс. Канд. Юрид. наук. – М., академия управления МВД России, 1998. – С. 27.; Имомов А.Х. Терроризм – форма организованной преступности. – Душанбе, 2003. – С. 14.
5. Ожегов С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. – М., 1994. – С. 784.
6. Терроризм: психологические корни и правовые оценки // Государство и право. – 1995, - № 4. – С. 25-26.
7. Комиссаров В.С. Терроризм, бандитизм, захват заложника и другие тяжкие преступления против безопасности общества по новому УК РФ. – М., 1997. – С. 25.
8. Наумов А.В., Кибальник А.Г., Орлов В.Н., Волосюк П.В. Международное уголовное право: учебник для вузов. – М.: Юрайт, 2013. – С. 76-77.
9. Терроризм: психологические корни и правовые оценки // Государство и право. – 1995, - № 4. – С. 24-25.

МАФҲУМИ ТЕРОРИЗМ МУТОБИқИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳимми мафҳуми тероризм мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар асоси омӯзиши адабиётҳои илмии соҳа ва қонугузории амалкунандаи ҷиноятӣ масоили мафҳуми терроризм зери таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудаанд. Терроризме, ки хавфнокиро дар масштаби глобалӣ доро мебошад, дар шароити муосир, дар асл, ба таҳдиди институти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии давлат, ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон табдил ёфтааст. Ба мо аллакай терроризми ядроӣ, терроризм бо истифодаи моддаҳои заҳролудкунанда, терроризми ахборотӣ таҳдид карда истодааст.

Калидвожаҳо: Қонуни ҷиноятӣ, ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ, ҷиноятҳо муқобили амнияти ҷамъиятӣ, мафҳуми терроризм.

ПОНЯТИЕ ТЕРРОРИЗМА ПО УГОЛОВНОМУ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Данная статья посвящена одному из важных вопросов понятия терроризма по уголовному законодательству Республики Таджикистан. На основе изучения научной литературы отрасли и действующего уголовного законодательства проанализированы и обсуждены вопросы понятия терроризма. Терроризм, представляющий опасность в глобальном масштабе, в современных условиях фактически стал угрозой политическим, экономическим и социальным институтам государства, а также основным правам и свободам человека. Нам уже угрожают ядерный терроризм, терроризм с применением токсичных веществ и информационный терроризм.

Ключевые слова: уголовное закон, преступление, уголовная ответственность, преступления против общественной безопасности, понятие терроризма.

THE CONCEPT OF TERRORISM UNDER THE CRIMINAL LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article is devoted to one of the important issues of the concept of terrorism under the criminal legislation of the Republic of Tajikistan. Based on the study of the scientific literature of the industry and the current criminal legislation, the issues of the concept of terrorism are analyzed and discussed. Terrorism, which is dangerous on a global scale, in modern conditions has actually become a threat to the political, economic, and social institutions of the state, as well as to fundamental human rights and freedoms. We are already threatened by nuclear terrorism, terrorism using toxic substances, and information terrorism.

Keywords: criminal law, crime, criminal liability, crimes against public safety, the concept of terrorism.

Маълумот дар бораи муаллиф: Мадаминзода Мехроб Зайдулло - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри соли дуюми кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17.

Сведения об авторе: Мадаминзода Мехроб Зайдулло – Таджикский национальный университет, магистр 2 курса кафедры уголовного права и борьбы с коррупцией юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

Information about the author: Madaminzoda Mehrob Zaydullo – Tajik National University, 2nd year Master of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

ХУСУСИЯТҲОИ ҲУҚУҚИИ ГИРИФТАНИ ҚИТЪАИ ЗАМИН БАРОИ ЭҲТИЁҶОТИ ДАВЛАТӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ

Шамсзода Н.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҳамчун яке аз асосҳои мустақили қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин баромад намуда, дорои табиати мураккаби ҳуқуқӣ мебошад. Ин падида аз як тараф ба таъмини манфиатҳои умумии ҷомеа ва давлат нигаронида шуда, аз тарафи дигар ба ҳуқуққҳои субъективии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дахл мекунад, ки истифодаи қитъаи заминро амалӣ менамоянд. Аз ин лиҳоз, танзими ҳуқуқии он бояд бо назардошти тавозуни манфиатҳои хусусӣ ва оммавӣ сурат гирад [6, с. 120]. Дар адабиёти ватанӣ низ таъкид мегардад, ки қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин, аз ҷумла дар натиҷаи гирифтани он, бояд танҳо дар асосҳои қонунӣ ва бо риояи кафолатҳои ҳифзи ҳуқуққҳои истифодабарандагон амалӣ гардад [14, с. 87].

Аз нуқтаи назари таърихӣ, институте, ки ба гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ алоқаманд мебошад, дар амалияи ҳуқуқии давлатҳо, аз ҷумла дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон, қаблан низ мавҷуд буд. Дар шароити муосир, бо ташаккули иқтисоди бозорӣ ва таҳкими принсипҳои ҳифзи ҳуқуқи моликият, ин институт мазмуни нав гирифта, бо кафолатҳои иловагии ҳуқуқӣ таъмин мегардад. Бо вуҷуди ин, дар қонунгузории амалкунанда мафҳуми дақиқи «гирифтани қитъаи замин» мавҷуд нест, ки ин ҳолат боиси гуногунфаҳмӣ дар илми ҳуқуқ ва амалияи татбиқ мегардад [13, с. 155]. Набудани таърифи расмӣ ба он оварда мерасонад, ки дар амалия ин мафҳум бо истилоҳҳои дигар, аз қабили «харид», «бегонасозӣ» ва «ҷуброн» омехта мегардад, ки ба норавшанӣ дар татбиқи қонун мусоидат мекунад.

Дар таҳқиқоти назариявӣ гирифтани қитъаи замин ҳамчун шакли махсуси дахолати қонунӣ ба ҳуқуқи моликият ва истифодаи замин баррасӣ мегардад. Ба андешаи як қатор муҳаққиқон, чунин дахолат танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ иҷозат дода мешавад ва бояд ба манфиатҳои муҳими ҷамъиятӣ нигаронида шуда бошад [1, с. 42]. Ҳамзамон, дар адабиёти илмӣ таъкид мегардад, ки амалисозии чунин дахолат бояд бо риояи тартиби судӣ ва кафолатҳои дахлдори ҳуқуқӣ анҷом дода шавад [2, с. 16]. Ин мавқеъ нишон медиҳад, ки гирифтани замин танҳо амали маъмурӣ набуда, балки равандест, ки бо механизмҳои назорати судӣ ва ҳифзи ҳуқуққҳои шахсони манфиатдор алоқаманд мебошад.

Масъалаи фарқгузории мафҳумҳои «гирифтан» ва «харид»-и қитъаи замин яке аз масъалаҳои калидии таҳқиқ ба ҳисоб меравад. Дар доираи ҳуқуқи граждани харид ҳамчун муомилоти ихтиёрӣ дар асоси шартномаи дуҷониба амалӣ мегардад, ки дар он иродаи тарафҳо нақши ҳалкунанда дорад. Аммо дар ҳолати гирифтани қитъаи замин, иродаи истифодабаранда метавонад маҳдуд гардад, зеро қарор аз ҷониби мақомоти давлатӣ қабул карда мешавад. Ин хусусият ба он ишора мекунад, ки гирифтани замин дорои табиати маҷбурӣ мебошад [3, с. 32]. Бо вуҷуди ин, мавҷудияти унсурҳои иқтисодӣ, аз ҷумла пардохти ҷуброн ва баробарии молиявӣ, онро ба муносибатҳои шартномавӣ наздик месозад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин ҳолат бо мафҳуми «квазиаҳд» тавсиф мешавад. Ба андешаи Н.П. Кабытов, хариди қитъаи замин ҳамчун аҳд арзёбӣ гардида, дар он интиқоли ҳуқуқи моликият ё истифодаи замин дар асоси иродаи тарафҳо амалӣ мегардад [7, с. 66]. Аммо, тавре ки Д.Б. Горохов қайд менамояд, дар муносибатҳои вобаста ба гирифтани замин унсури ихтиёрият пурра мавҷуд нест, бинобар ин онҳо ба маънои классикии аҳд дохил намешаванд [3, с. 32]. Дар ҳамин замина, В.А. Евсегнеев таъкид мекунад, ки гарчанде чунин муносибатҳо аз лиҳози зоҳирӣ ба хариду фурӯш монанд бошанд, аммо моҳияти онҳо бо сабаби иштироки давлат ҳамчун субъекти ҳокимият фарқ мекунад [5, с. 70].

Е.С. Клейменова дар таҳқиқоти худ масъалаи фарқгузории хариди ихтиёрӣ ва маҷбурии қитъаи заминро баррасӣ намуда, қайд мекунад, ки дар ҳолати хариди ихтиёрӣ

муносибат пурра хусусияти шартномавӣ дорад, дар ҳоле ки дар ҳолати хариди маҷбурӣ он бо қарори мақомоти давлатӣ ё суд амалӣ мегардад [10, с. 197]. Ҳамзамон, дар таҳқиқоти дигар низ таъкид мегардад, ки дар чунин ҳолатҳо принсипи ҷуброни пурра бояд ҳатман риоя карда шавад [11, с. 71]. Ин мавқеъ дар шарҳи қонунгузории граждани низ дастгирӣ ёфта, дар он қайд мегардад, ки ҳангоми гирифтани молу мулк, аз ҷумла қитъаи замин, ҷуброни пурра ва одилона шарти ҳатмии қонуният мебошад [12, с. 567].

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми гирифтани қитъаи замин ба таври гуногун шарҳ дода мешавад. Масалан, А.П. Анисимов онро ҳамчун амали мақомоти давлатӣ, ки ба қатъ намудани маҷбурии ҳуқуқи моликият бо пардохти ҷуброн нигаронида шудааст, муайян мекунад [2, с. 16]. Ба андешаи И.В. Аксюк, чунин раванд шакли дахолати ҷамъият ба ҳуқуқи моликият буда, танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ иҷозат дода мешавад [1, с. 42]. Ин мавқеъ ба он ишора мекунад, ки гирифтани замин бояд ҳамеша бо риояи принсипи зарурат ва мутаносибият амалӣ гардад.

Дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ масъалаҳои марбут ба гирифтани қитъаи замин бештар бо баҳсҳо оид ба ҳаҷми ҷуброн ва тартиби муайян намудани арзиши бозории он алоқаманд мебошанд. Дар таҳқиқоти илмӣ қайд мегардад, ки норасоии меъёрҳои дақиқ дар ин самт метавонад ба татбиқи нодурусти қонун оварда расонад [4, с. 150]. Ҳамзамон, дар баъзе ҳолатҳо мушоҳида мешавад, ки ҳуқуққои истифодабарандагон пурра таъмин намегарданд, ки ин масъала зарурати такмили механизмҳои ҳуқуқии ҳифзи онҳоро ба миён меорад [9, с. 90].

Дар баробари ин, масъалаи қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин дар адабиёти ватанӣ низ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, зарурати такмили танзими ҳуқуқии он таъкид мешавад. Аз ҷумла, пешниҳод мегардад, ки мафҳуми дақиқи «гирифтан» дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар гардида, фарқияти он аз «харид» ба таври возеҳ нишон дода шавад [13, с. 155]. Инчунин, дар адабиёти таълимӣ таъкид мегардад, ки танзими ҳуқуқии муносибатҳои заминӣ бояд бо назардошти талаботи замони муосир ва таҷрибаи байналмилалӣ такмил дода шавад [6, с. 240]. Дар ҳамин замина, дар таҳқиқоти дигар низ зарурати таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии истифодабарандагони замин ва такмили механизмҳои ҷуброн қайд мегардад [15, с. 300].

Дар натиҷаи таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаи танзими ҳуқуқии гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ метавон ба хулоса омад, ки ин институт дар низоми ҳуқуқи замин мавқеи махсус дошта, ҳамчун яке аз асосҳои муҳими қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин баромад менамояд. Моҳияти он дар он ифода меёбад, ки давлат бо мақсади таъмини манфиатҳои умумӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ метавонад ба муносибатҳои заминӣ дахолат намуда, ҳуқуқи истифода ё моликияти заминро маҳдуд ё қатъ намояд. Бо вуҷуди ин, чунин дахолат наметавонад худсарона амалӣ гардад, балки бояд танҳо дар доираи меъёрҳои қонунгузорӣ ва бо риояи принсипҳои адолат, қонунмандӣ ва мутаносибият татбиқ карда шавад.

Таҳқиқ нишон медиҳад, ки яке аз мушкилоти асосии танзими ҳуқуқии ин институт набудани мафҳуми дақиқ ва ягонаи «гирифтани қитъаи замин» дар қонунгузории амалкунанда мебошад. Ин норасоӣ боиси гуногунфаҳмӣ дар илми ҳуқуқ ва амалияи татбиқ гардида, омехтагии мафҳумҳои наздик, аз ҷумла «харид», «бегонасозӣ» ва «ҷуброн»-ро ба вуҷуд меорад. Аз ин лиҳоз, зарурати ворид намудани таърифи дақиқи ҳуқуқии ин мафҳум ва муайян намудани нишонаҳои асосии он дар сатҳи қонунгузорӣ ба миён меояд.

Ҳамзамон, таҳлил нишон медиҳад, ки гирифтани қитъаи замин дорои табиати комплексӣ буда, дар худ унсурҳои ҳуқуқи оммавӣ ва хусусиро муттаҳид менамояд. Аз як тараф, он бо қарори якҷонибаи мақомоти давлатӣ ва хусусияти маҷбурии иҷрои он тавсиф мешавад, ки ба соҳаи ҳуқуқи оммавӣ хос аст. Аз тарафи дигар, мавҷудияти унсурҳои иқтисодӣ, аз ҷумла ҷуброни арзиши бозорӣ ва баробарии молиявӣ, онро ба муносибатҳои ҳуқуқи граждани наздик месозад. Маҳз ҳамин омезиши ду унсур боис мегардад, ки дар илми ҳуқуқ чунин муносибатҳо ҳамчун шакли махсуси «квазиаҳд» арзёбӣ гарданд.

Дар раванди таҳқиқ инчунин муайян гардид, ки фарқгузории мафҳумҳои «гирифтан» ва «харид»-и қитъаи замин аҳамияти калидӣ дорад. Харид ҳамчун амали ихтиёрӣ дар асоси шартнома амалӣ гардида, ба иродаи озоди тарафҳо такя мекунад. Баръакс, гирифтани замин метавонад бе розигии истифодабаранда ва дар асоси қарори давлатӣ сурат гирад, ки ин хусусияти маҷбурии онро нишон медиҳад. Бо вуҷуди ин, дар амалия мавҷудияти унсурҳои шабеҳ, аз ҷумла ҷуброни ҳатмӣ, боиси омехтагии ин мафҳумҳо мегардад, ки бартараф намудани он аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ аҳамияти муҳим дорад.

Яке аз унсурҳои асосии қонуният будани гирифтани қитъаи замин масъалаи ҷуброни зарар мебошад. Ҷуброн бояд пурра, одилона ва мутобиқ ба арзиши воқеии бозории қитъаи замин ва зарарҳои вобаста муайян карда шавад. Норасоии меъёрҳои дақиқ дар ин самт метавонад ба вайрон гардидани ҳуқуқҳои истифодабарандагон оварда расонад ва боиси ба вуҷуд омадани баҳсҳои судӣ гардад. Аз ин рӯ, такмили механизмҳои муайян ва пардохти ҷуброн, инчунин таҳкими назорати судӣ дар ин раванд яке аз самтҳои муҳими ислоҳоти ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса кард, ки рушди минбаъдаи қонунгузории замин бояд ба такмили институте, ки ба гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ алоқаманд мебошад, равона карда шавад. Аз ҷумла, ворид намудани таърифи дақиқи ҳуқуқӣ, ҷудо намудани возеҳи шаклҳои гуногуни қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин, таҳкими кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқҳои истифодабарандагон ва такмили механизмҳои ҷуброн аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб мераванд.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҳамчун институти муҳими ҳуқуқи замин, дар шароити муосир нақши калидӣ дар таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ мебозад. Аммо самаранокии татбиқи он бевосита аз сатҳи такмили қонунгузорӣ, дақиқии мафҳумҳо ва риояи принсипҳои асосии ҳуқуқ вобаста мебошад. Танҳо дар сурати таъмин намудани тавозуни манфиатҳои давлат ва ҳифзи ҳуқуқҳои шахсони хусусӣ имконпазир аст, ки ин институт ба таври самаранок амал намуда, ба рушди устувори ҷомеа мусоидат намояд.

АДАБИЁТ

1. Аксюк И.В. Изъятие недвижимости как основание принудительного прекращения права собственности // Право и экономика. – 2006. – № 7. – С. 42.
2. Анисимов А.П. Правовые проблемы изъятия земельных участков для государственных или муниципальных нужд // Новая правовая мысль. – 2003. – № 2 (3). – С. 16.
3. Горохов Д.Б. Правовое регулирование сделок с земельными участками: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 1998. – С. 32.
4. Гринь Е.А. Принудительное прекращение прав на земельные участки: теория и практика правового регулирования: дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2012. – 203 с.
5. Евсегнеев В.А. Собственность на землю в фокусе интересов // Журнал российского права. – 2004. – № 8. – С. 70.
6. Исмоилов Ш.М., Арапова Ҷ.Б., Тоҷибоев Ш.А., Сидиқова Н. Ҳуқуқи замини Тоҷикистон: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Полиграфгрупп», 2016. – 320 с.
7. Кабытов Н.П. Выкуп земельного участка как основание прекращения права частной собственности: дис. ... канд. юрид. наук. – Самара, 2004. – 214 с.
8. Кабытов Н.П. Выкуп земельного участка как основание прекращения права частной собственности: дис. ... канд. юрид. наук. – Самара, 2004. – С. 66.
9. Кичко А.И. Принудительное прекращение права собственности на земельные участки: дис. … канд. юрид. наук. – Краснодар, 2011. – 168 с.
10. Клейменова Е.С. Правовое регулирование изъятия (выкупа) земельного участка для государственных и муниципальных нужд: дис. … канд. юрид. наук. – Орёл, 2008. – 197 с.
11. Клейменова Е.С. Правовое регулирование изъятия (выкупа) земельного участка для государственных и муниципальных нужд: дис. … канд. юрид. наук. – Орёл, 2008. – С. 71.
12. Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации. Часть первая (постатейный) / А.К. Губаева [и др.]; под ред. Н.Д. Егорова, А.П. Сергеева. – М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2006. – С. 567.
13. Соҳибов М.М. Баъзе аз проблемаҳои танзими ҳуқуқии асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2017. – № 3 (07). – С. 155.
14. Соҳибов М.М. Ғафуров А.Д. Ҳуқуқи замин: воситаи таълимӣ. – Душанбе: «Ирфон», 2014. – 142 с.

15. Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 396 с.
16. Таскин Н.И. Принудительное прекращение права собственности на земельный участок: дис. ... канд. юрид. наук. – Рязань, 2003.

ХУСУСИЯТҲОИ ҲУҚУҚИИ ГИРИФТАНИ ҚИТЪАИ ЗАМИН БАРОИ ЭҲТИЁҶОТИ ДАВЛАТӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлили моҳият ва хусусиятҳои ҳуқуқии гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ бахшида шудааст. Дар он ҷойгоҳи ин институт дар низоми ҳуқуқи замин ва нақши он ҳамчун яке аз асосҳои қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи замин баррасӣ мегардад. Муаллиф ба табиати комплексии ин раванд таваҷҷуҳ намуда, нишон медиҳад, ки он унсурҳои ҳуқуқи оммавӣ ва хусусиро дар бар мегирад. Ҳамзамон, масъалаи фарқгузории мафҳумҳои «гирифтан» ва «харид», инчунин аҳаммияти ҷуброни зарар ҳамчун кафолати ҳифзи ҳуқуқҳои истифодабарандагон таҳлил карда мешавад.

Калидвожаҳо: қитъаи замин, эҳтиёҷоти давлатӣ, эҳтиёҷоти ҷамъиятӣ, гирифтани замин, қатъ гардидани ҳуқуқи истифода, ҷуброн, ҳуқуқи замин.

ПРАВОВЫЕ ОСОБЕННОСТИ ИЗЪЯТИЯ ЗЕМЕЛЬНОГО УЧАСТКА ДЛЯ ГОСУДАРСТВЕННЫХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НУЖД

Статья посвящена исследованию сущности и правовых особенностей изъятия земельного участка для государственных и общественных нужд. Рассматривается место данного института в системе земельного права и его значение как основания прекращения права пользования земельным участком. Автор обосновывает комплексный характер данного явления, сочетающего элементы публичного и частного права. Особое внимание уделяется разграничению понятий «изъятие» и «выкуп», а также роли компенсации как гарантии защиты прав землепользователей.

Ключевые слова: земельный участок, государственные нужды, общественные нужды, изъятие земли, прекращение права пользования, компенсация, земельное право.

LEGAL FEATURES OF LAND EXPROPRIATION FOR STATE AND PUBLIC NEEDS

The article examines the essence and legal features of land expropriation for state and public needs. It analyzes the role of this institution within the system of land law and its function as a ground for termination of land use rights. The author highlights the complex nature of this legal phenomenon, combining elements of public and private law. Particular attention is given to the distinction between expropriation and purchase, as well as to compensation as a key safeguard for protecting the rights of land users.

Keywords: land plot, state needs, public needs, expropriation, termination of land use rights, compensation, land law.

Маълумот дар бораи муаллиф: ШамсзодаН.М.- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17.

Сведения об авторе: ШамсзодаН.М.– Таджикский национальный университет, магистр 2 курса юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

Information about the author: ШамсзодаН.М.– Tajik National University, 2nd year Master of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

МОҲИЯТ ВА ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАРТИБИ СОДАКАРДАШУДА

Назаров Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар марҳалаи муосири рушди давлатдории ҳуқуқӣ, ислоҳоти судию – ҳуқуқӣ талаб менамояд, ки механизмҳои пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ мукаммал ва самаранок гардонида шаванд. Яке аз чунин механизмҳои муҳим, ки ба таъмини зуд ва фаврӣ баррасӣ шудани парвандаҳои ҷиноятӣ нигаронида шудааст, тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ мебошад. Ин ниҳод имкон медиҳад, ки захираҳои судӣ ва вақти мурофиавӣ сарфа гардида, ҳамзамон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд устувор нигоҳ дошта шаванд. Яке аз самтҳои калидии ислоҳоти судию ҳуқуқӣ, ки дар барномаҳои давлатии рушди соҳа инъикос ёфтааст, ин ворид намудан ва такмил додани шаклҳои соддакардашудаи пешбурди мурофиавӣ мебошад. Тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ ҳамчун ниҳоди муосири ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ бартараф намудани расмиятчигии зиёдатӣ, сарфаи вақти мурофиавӣ ва маблағҳои давлатӣ, инчунин таъмини зуд ва фаврии адолати судиро бидуни коҳиш додани сифати баррасии парвандаҳо ҳадафи худ қарор медиҳад. Асоси консептуалии ин ниҳодро принсипи «иқтисоди мурофиавӣ» ташкил медиҳад, ки он на ба хотири суиистеъмол аз адолати судӣ, балки баръакс, барои равона кардани захираҳои асосии зеҳнӣ ва моддии низоми судӣ ба баррасии парвандаҳои мураккаб, бисёрҷабҳа ва вазнини ҷиноятӣ хизмат мекунад. Заминаҳои меъёрии ҳуқуқии тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудаанд, ки шартҳои қатъӣ ва мушаххаси татбиқи онро пешбинӣ менамоянд.

Тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ ба ҳайси институти нави мурофиавӣ-ҷиноятӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфта шуд, ки аввалин бор дар КМҶ ҶТ (моддаи 310) муқаррар гардид.

Ҳар як институти мурофиаи ҷиноятӣ ба худ асосҳои хос, тартиби мурофиавии амалишавӣ, субъектҳои ваколатдор ва шарту шароитҳои мушаххасро доро мебошад. Тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ низ дорои чунин махсусиятҳост.

Муҳим ба ёдоварист, ки ҳаматарафа муқарар нагардидани ин падида дар сатҳи қонунгузорӣ (дар маҷмуъ як модда), анҷом наёфтани тадқиқотҳои илмӣ дар ин самт, мавҷуд набудани ақидаи ягонаи эътирофшуда оид ба асосҳои тафтиши содакардашудаи судӣ боиси он гардиданд, ки атрофии он андешарони намоем. Дар баробари ин бе асосҳои кофи сухан рондан роҷеъ ба тартиби содакардашудаи судӣ номумкин аст, зеро ин асосҳо таҳқурсие мебошанд, ки ба воситаи онҳо тартиби тафтиши содакардашудаи судӣ оид ба парванда, асосҳо ва шарту шароити тартиби содакардашудаи судӣ, ки моҳияти ин падидаро ифшо менамоянд, муайян карда мешавад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ роҷеъ ба хусусияти парвандаҳо, ки вобаста ба он тартиби содакардашудаи судӣ гузаронида мешавад андешаҳои гуногун баён шудаанд. Бархе аз муаллифон дар чунин ҳолат истилоҳи «Асос» ва дигарон бошанд истилоҳи «Маҳак» (критерия)-и тартиби содакардашудаи судиро мавриди истифода қарор медиҳанд.

Ба андешаи мо ин ду истилоҳ баёнгари мазмуни гуногунанд. Истилоҳи «Маҳак» аз рӯйи мазмун васеъ буда дар мавриде истифода мегардад, ки агар сухан оиди шаклҳои мурофиавии мавҷуда равад. Истилоҳи «Асос» бошад махсус буда нисбати як гурӯҳи парвандаҳо ба мисли тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ, истифода мегардад. Дар ин робита қайд кардан зарур аст, ки ин ду истилоҳ дар баъзе сарчашмаҳо ҳамчун синоним истифода мегарданд. Зимни таҳлили тартиби содакардашудаи судӣ бошад ба андешаи мо истифодаи истилоҳи асос ба мақсад мувофиқ мебошад, зеро дигар падидаҳои КМҶ ҶТ низ дар бештар маврид итсифодаи асосро муқаррар намудаанд. Масалан, асосҳои оғози парвандаи ҷиноятӣ (моддаи 140 КМҶ ҶТ).

Омӯзиши адабиётҳои соҳавӣ бозгӯйи онанд, ки роҷеъ ба асосҳои тартиби содакардашудаи судӣ андешаҳои ягона ҷой надоранд.

Масалан, В. Лазарева ба сифати асоси ягонаи ба амал баровардани тафтиши содакардашудаи судӣ фикри судшаванда, А.С. Александров бошад ақидаи тамоман

дигарро пешниҳод менамояд, ки ба андешаи ӯ асоси татбиқи тартиби содакардашударо муайян кардани кирдори шахси мушаххас, ки Кодекси ҷиноятӣ онро манъ намудааст, бо тартиби дар КМҶ муқаррар гардида айб эълон шудааст ва судшаванда онро эътироф менамояд, баромад мекунад.

Дигар муалифон (К.А.Рибалов, А.Е.Бочкарев ва диг…) бошанд боисрор талаб менамоянд, ки барои ҷори намудани мурофиаи содакардашуда муайян кардани иқроршавии судшаванда ба гуноҳ, ҳамчунин дархости ӯ оид ба қабули қарор бе гузаронидани музокираҳои судӣ зарур аст. Аксарияти ҳуқуқшиносон дар байни худ асос ва шарти ҷори намудани тартиби содакардашударо маҳдуд намекунанд.

Дар байни тадқиқотчиёне, ки иқрор шудани судшавандаро ба гуноҳ ҳамчун асоси ҷори намудани тартиби содакардашудаи судӣ эътироф менамоянд, фикри ягона ҷой надорад. Мубоҳиса атрофи масъалаи зерин меравад: оё пешниҳоди розигии судшаванда бо айби ба ӯ эълоншуда ин иқроршавии ӯ ба гуноҳаш ҳаст ё не?

Бархе аз олимон (С. Сердюков, Д.П.Великий ва диг.) чунин меҳисобанд, ки розигӣ ва иқрори гуноҳ ҳаммазмун нестанд. Ба ақидаи дигар олимон (С.А. Новиков, И.Л.Петрухин) бошад баракс аст, яъне додани розигии айбдоршаванда бе иқроршавӣ ба гуноҳаш оид ба ҷинояти содиршуда номумкин аст.

Кодекси мурофиавии ҷиноятии Федератсияи Русия тартиби махсусро бо тариқи зайл «рози будан бо айби пешниҳод гардида» муқарар намудааст. Кодеси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон хушбахтона проблемаҳои қонунгузории Русияро бартараф намуда, онро бо воқеияти ҷойдошта муқаррар намуд. Сухан атрофии он меравад, ки Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми муқарар намудани тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ ибораҳои «Дар сурати бо гуноҳаш иқрор шудани судшаванда» - ро, (моддаи 310) истифода намудааст. Дар сурати ба гуноҳаш иқрор шудани судшаванда, ҷониби тарафҳо мавриди баҳс қарор нагирифтани он ва судро низ таҳти шубҳа нагузоштани айбдорӣ, суд, судя бо мувофиқаи тарафҳо баъди аз судшаванда муқаррар кардани он ки оё эътирофи ӯ маҷбурӣ нест, ҳуқуқ дорад, танҳо бо таҳқиқи далелҳое маҳдуд шавад, ки тарафҳо онҳоро зикр кардаанд ё тафтиши судиро хатмшуда эълон карда, ба музокираи судӣ гузарад. Аммо қонунгузор аниқ нишон надодааст, ки танҳо иқрор шудан ба гуноҳ асоси ин институтро ташкил медиҳад. Ба андешаи мо асоси гузаронидани мурофиа бо тартиби содакардашударо дар қонунгузории мурофиавӣ-ҷиноятии ҶТ ин «бо гуноҳаш иқрор шудани судшаванда» ташкил менамояд.

Таҳлили дигар меъёрҳои КМҶ ҶТ моро водор менамояд, ки чунин иқроршавӣ дар худ расмиётҳои иловагиро дорад ва риоя накардани он боиси халалдор ё вайрон гардидани мурофиа бо тартиби содакардашуда мегардад. Баҳо додани чунин меъёрҳои мурофиавӣ имконият медиҳад, ки зарурияти чунин асоси паҳншуда «иқрор шудани судшаванда ба гуноҳаш дар содир кардани ҷиноят», қонуни ва асоснокии гунаҳкоркунӣ, ки бо далелҳои вобаста ба парванда ҷамъоваришуда ошкор мегардад» муайян карда шавад.

Ҳамин тариқ, барои муайян намудани асосҳое, ки барои парванда бо тартиби содакардашудаи судӣ мегузарад, судро лозим аст, ки ду факти муҳимро муайян намояд:

а) қонуни ва асоснокии айбдоркунӣ,

б) иқрор шудани судшаванда ба гуноҳаш дар содир кардани ҷинояте, ки бо он айбдор мешавад.

Қонуни ва асоснокии айбдоркунӣ яке аз қоидаҳои муҳими мурофиавие мебошад, ки бе муайян кардани он гузаронидани на танҳо тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ, балки дигар қисматҳои муҳокимаи судӣ ва умуман дигар давраҳои мурофиавӣ номумкин мегардад. Ягон намуди иқроршавӣ ба гуноҳ наметавонад, ки мақсади исботкунии қонунӣ, асоснокӣ ва одилонаи парвандаи ҷиноятиро тағйир диҳад.

Дар зери мафҳуми айбдоркунии қонунӣ риояи дуруст ва ҳаматарафаи ҳуқуқӣ навишташудаи мурофиавӣ ва моддиро, ки тартиби тасвият (формулирования) ва пешниҳоди он, ҳамчунин ҳаракатҳои ба он вобастаро метавон фаҳмид.

Асоснокии айбдоркунӣ ин мувофиқати хулосаҳо бо ҳолатҳои воқеии ҷинояти содиршуда ва далелҳои парванда мебошад. Яъне, айб нисбати шахс бо маҷмуи далелҳои

саҳеҳ, ки мақомоти таъқиби ҷинояти бо баҳо додани маҷмӯи онҳо метавонад судро водор намояд, ки шубҳа дар воқеи будани онҳо накунад.

Дар ҳамин замина қисми 6 моддаи 310 КМҶ ҶТ муқаррар менамояд: «Агар суд, судя муайян намояд, ки айби эътирофнамудаи судшаванда асоснок буда, бо далелҳои ҷамъовардашуда оид ба парванда тасдиқ мегардад, ҳукми айбдоркунӣ бароварда, нисбати судшаванда ҷазо таъин мекунад. Зимнан ҷазои таъиннамудаи суд аз се ду ҳиссаи муҳлат ё андозаи ҷазои баландтарини барои ҷиноятҳои содиршуда пешбинигардида зиёд буда наметавонад».

Ба ду факт тақсим намудани асосҳои пешниҳодшуда шартӣ буда, бештар ба мақсадҳои тадқиқотӣ истифода бурда мешаванд. Дар ҳақиқат марҳилаи муқаррар намудани қонунӣ ва асоснокии айбдоркунӣ аз ҷониби суд бо таҳлили нишондоди айбдоршаванда, ки иқроршавӣ бо гуноҳ дар асоси он сурат гирифтааст, алоқаи ногусастани дорад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар ҷомеаи муосир ба нишондоди айбдоршаванда ва судшаванда бисёр эҳтиётқорона муносибат менамоянд.

Пешбурди ҷиноятии муосир қоидаеро муқаррар менамояд, ки ҳама далелҳо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ баробар буда ягонтои он эътибори пешакӣ муқарраргардида надоранд. Бояд қайд кард, ки дар шароити муосир нишондоди айбдоршавандаро иҷборан гирифтан ҷиноят эътироф мешавад. Дуруст тафтиш намудан ва баҳо додан ба нишондоди судшаванда бо мақсади муқаррар намудани воқеияти иқрор шудан бо гуноҳи худ ва истифодаи он ҳамчун асоси тафтиши содакардашуда мебошад.

Мувофиқи КМҶ нишондоди судшаванда оид ба иқрор шудан бо гуноҳи худ ба пртоколи маҷлиси судӣ дарҷ мегардад. Бархе аз судяҳо аз судшаванда тасдиқи хаттии иқроршавӣ ба гуноҳ ва инҷунин розигии уро оид ба гузаронидани мурофиа бо тартиби содакардашударо талаб менамоянд, ки берун аз талаботҳои мебошад. Ҳамзамон дар шакли хаттӣ талаб намудан оид ба иқрори гуноҳро амали зиёдати ё ғайриҳуқуқӣ эътироф намудан ҷоиз нест.

Бо вуҷуди ин амалия ниёз ба коркарди муносибати дуруст ба гирифтани розигии судшаванда роҷеъ ба татбиқи тафтиши содакардашударо дорад. Сухан атрофи он меравад, ки амалияи тадбиқи тафтиши содакардашудаи судӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар судҳо шаҳодат аз он медиҳанд, ки судяҳо ҳанӯз дар қисматҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ нақшаи баррасии парванда ба тариқи содакардашударо пешаки таҳрези менамоянд.

Пешниҳод менамоем, ки ба судшаванда ҳуқуқ дода шавад, ки ҳангоми иқрор шудан ба гуноҳаш дар содир кардани ҷиноят дархост ҷиҳати баррасии парвадаи ӯ бо тартиби содакардашударо пешниҳод намояд. Дар баробари ин вобаста ба субъектоне, ки категорияҳои гуногуни ҷиноятро содир намудаанд қонунгузор тартиби махсусро пешниҳод менамояд «Қоидаҳои дар қисми 1 моддаи 310 зикргардида нисбат ба парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон, ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, инчунин дар ҳолатҳое ки ақалан як нафар аз судшавандаҳо ба гуноҳи худ иқрор набошад, ва парвандаро дар ҳаққи ӯ барои пешбурди алоҳида ҷудо кардан имконнопазир бошад, татбиқ карда намешаванд». Ба ғайр ҳолатҳои нишондодашуда судя метавонад дар ҳама дигар ҳолатҳо аз судшаванда дархостро оид ба баррасии парвандаи ӯ бо тартиби содакардашуда қабул намояд. Қайд кардан ба маврид аст, ки қонунгузор барои гузаронидани тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ талаботи иловагиро муқаррар намудааст: «Дархост дар бораи гузаронидани мурофиа бо тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ танҳо аз ҷониби судшаванда бо ризои айбдоркунандаи давлатӣ ё хусусӣ ва ҷабрдида пешниҳод карда мешавад». Хуб мешуд, ки айбдоршаванда то мурофиаи судӣ дархости худро пешниҳод мекард.

Агар то оғози ҷаласаи судӣ ба судшаванда имконияти пешниҳоди дархост оид ба гузаронидани тафтиши судии содакардашуда дода нашуда бошад, дар чунин ҳолат он метавонад дар маҷлиси судӣ то ба охир расидани тафтиши судӣ пешниҳод гардад ва ба протокол дарҷ мегардад. Пешниҳоди дархост ва қабули он аз тарифи суд мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии ҶТ бевосита дар маҷлиси судӣ сурат мегирад.

Ҳамин тариқ, муқаррар гардидани институти алоҳидаи муҳокимаи судии содакардашуда дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсад

мувофиқ буда ба сарфа намудани вақт, маблағ, инчунин таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд мусоидат менамояд. Барои ташкил ва гузаронидани он ду асос пеш меояд:

Моддӣ-ҳуқуқӣ – ба гуноҳаш иқрор шудани айбдоршаванда дар содир кардани ҷиноят, қонунӣ, асоснокии айбдоркунӣ, ки бо далелҳои ҷамъовардашудаи парванда муайян мегардад;

Мурофиавӣ – ҳуқуқӣ – ариза (пешниҳоди судшаванда ё прокурор) оид ба гузаронидани тафтиши судии содакардашуда.

Хулоса, ниҳоди ҳуқуқии тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ яке аз фишангҳои муҳимтарин ва самараноки муосири низоми мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Он ба таври органикӣ манфиатҳои давлатро дар самти мубориза бо ҷиноятқорӣ ва сарфаи воситаҳои ҷамъиятӣ бо манфиатҳои шахсият дар самти ҳимояи ҳуқуқҳо ва гирифтани ҷазои одилона муттаҳид месозад. Барои боз ҳам мукаммал намудани ин ниҳод, зарур аст, ки таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ ва тавсияҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам омӯхта шуда, меъёрҳои мурофиавӣ дар самти васеъ намудани доираи кафолатҳои иштирокчиёни мурофиа давра ба давра такмил дода шаванд.

АДАБИЁТ

1. Александров, А.С. Основания и условия реализации особого порядка судебного разбирательства / А.С. Александров, А.Ф. Кучин, А.Г. Смолин // Рос. судья. – 2007. – № 9. – С. 4–5;
2. Бочкарев, А.Е. Особый порядок судебного разбирательства в уголовном судопроизводстве Российской Федерации : дис. … канд. юрид. наук : 12.00.09 / А.Е. Бочкарев. – Владимир, 2005. – С. 91; Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу РСФСР / В.Б. Алексеев [и др.] ; под общ. ред. В.М. Лебедева. – М. : Спарк, 1995. – С. 518;
3. Великий, Д.П. Особый порядок судебного разбирательства: теория и практика / Д.П. Великий // Журн. рос. права. – 2005. – № 6. – С.75-76;
4. Жигулич, В.С. Основание проведения сокращенного судебного следствия в уголовном процессе Республики Беларусь / В.С. Жигулич // Актуальные проблемы юридической науки и правоприменительной практики : сб. работ / Моск. гос. юрид. акад. им. О.Е. Кутафина ; редкол.: В.В. Блажеев [и др.]. – М., 2009. – С. 20.
5. Кодекси мурофиавии љиноияти Љумњурии Тољикистон аз 3-уми декабри соли 2009// Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 815; мод. 816; с. с. 2016, №3, мод. 128....
6. Петрухин, И.Л. Роль признания обвиняемого в уголовном процессе / И.Л. Петрухин // Рос. юстиция. – 2003. – № 2. – С. 24–26.
7. Рыбалов, К.А. Особый порядок судебного разбирательства в Российской Федерации и проблемы его реализации / К.А. Рыбалов. – М. : Юрлитинформ, 2004. – С. 28-45.
8. Сердюков, С. Все ли вопросы применения особого порядка устранены? / С. Сердюков // Уголов. право. – 2004. – № 2. – С. 102.

МОҲИЯТ ВА ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАРТИБИ СОДАКАРДАШУДА

Дар мақолаи мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, моҳияти консептуалӣ ва хусусиятҳои мурофиавии татбиқи тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар доираи ислоҳоти судию ҳуқуқии муосир мавриди таҳлили комплексӣ ва илмӣ-назариявӣ қарор гирифтаанд. Муаллиф заминаҳои меъёрии ҳуқуқии ин ниҳодро дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, таносуби принсипи иқтисоди мурофиавӣ ва кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиаро асоснок мекунад. Дар натиҷаи тадқиқот, хулосаҳо ва пешниҳодҳои мушаххас чиҳати такмили қонунгузории амалкунанда ва баланд бардоштани самаранокии амалияи судии ин ниҳоди ҳуқуқӣ таҳия шудаанд.

Калидвожаҳо: тафтиши судӣ, тартиби соддакардашуда, мурофиаи ҷиноятӣ, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, адолати судӣ, иқтисоди мурофиавӣ, кафолатҳои судии шахсият, ҳукми суд.

СУЩНОСТЬ И ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ УПРОЩЕННОГО ПОРЯДКА

В данной статье подвергнуты комплексному и научно-теоретическому анализу правовые основы, концептуальная сущность и процессуальные особенности применения упрощенного порядка судебного следствия в контексте современных судебно-правовых реформ. Автор рассматривает нормативно-правовую базу данного института в Уголовно-процессуальном кодексе Республики Таджикистан и обосновывает соотношение принципа процессуальной экономии с конституционными гарантиями прав и свобод участников процесса. В результате исследования разработаны конкретные выводы и предложения по совершенствованию действующего законодательства и повышению эффективности судебной практики данного правового института.

Ключевые слова: судебное следствие, упрощенный порядок, уголовный процесс, Уголовно-процессуальный кодекс, правосудие, процессуальная экономия, судебные гарантии личности, приговор суда.

THE ESSENCE AND LEGAL FOUNDATIONS OF THE SIMPLIFIED PROCEDURE

This article provides a comprehensive and theoretical analysis of the legal foundations, conceptual essence, and procedural features of the simplified procedure of judicial investigation within the framework of modern judicial and legal reforms. The author examines the regulatory and legal framework of this institution in the Criminal Procedure Code of the

Republic of Tajikistan, justifying the correlation between the principle of procedural economy and constitutional guarantees of the rights and freedoms of trial participants. As a result of the study, specific conclusions and proposals have been developed to improve the current legislation and enhance the efficiency of judicial practice of this legal institution.

Keywords: judicial investigation, simplified procedure, criminal procedure, Criminal Procedure Code, justice, procedural economy, judicial guarantees of personality, court verdict.

Маълумот дар бораи муаллиф: Назаров Ҳабибулло- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17.

Сведения об авторе: Назаров Хабибулла– Таджикский национальный университет, магистр 2 курса юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

Information about the author: Nazarov Khabibulla– Tajik National University, 2nd year Master of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

ТАҲКИМИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР РАВАНДИ РУШДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Назирова Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мақолаи мазкур ба таҳлили масъалаи «таҳкими ҳокимияти судӣ дар раванди рушди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шуда, дар заминаи маводи рисолаи магистрӣ оид ба мавзуи «Таҳкими ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардидааст. Мубрамияти масъала аз он бармеояд, ки рушди давлатдорӣ, таҳкими қонуният ва такмили фаъолияти мақомоти давлатӣ дар шароити муосир аз таҳлили амиқи институтҳои ҳуқуқӣ, арзёбии таҷрибаи миллӣ ва истифодаи равишҳои муосири илмӣ вобаста мебошад. Аз ин нуқтаи назар, баррасии масъала на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки аҳаммияти амалӣ низ дорад, зеро натиҷаҳои он метавонанд барои такмили қонунгузорӣ, баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ ва рушди фарҳанги ҳуқуқӣ мусоидат намоянд.

Дар таҳлили ин масъала бояд ба чанд ҷанба таваҷҷуҳ намуд: якум, заминаи назариявӣ ва мафҳумии институт; дуюм, асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ; сеюм, таҷрибаи татбиқ ва мушкилоти амалии он; чорум, самтҳои такмили минбаъдаи танзими ҳуқуқӣ. Ҳамин пайдарҳамӣ имкон медиҳад, ки мавзӯъ ба таври мукаммал ва низомнок таҳлил гардида, робитаи байни назария, қонунгузорӣ ва амалия равшан нишон дода шавад.

Дар алоҳидагӣ қабул гардидани қонунҳои моддӣ ва мурофиавӣ, барои ба таври содда ва шаффофу дақиқ баррасӣ намудани парванда, гузаронидани тафтишоти судӣ ва таҳияю қабули қарорҳои қонуниву асоснок аҳаммияти хоса дорад. Бинобар ин зарурат ба миён меояд, ки қисми мурофиавӣ аз Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо карда шуда, дар заминаи он Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шавад.

Такмил додани қонунҳои моддию мурофиавӣ ва дигар қонунҳои марбута ба татбиқи якхелаи онҳо, бартараф намудани монеаҳои зиёдатӣ, аз ҷумла такмили марҳилаҳои судӣ, сари вақт ва дар муҳлати кӯтоҳ баррасӣ ва ҳаллу фасл намудани парвандаҳо, роҳ надодан ба кашолкорӣ ва умуман беҳдошти фаъолияти судҳо, осону камҳаҷм намудани кори судяҳо, бартараф намудани ҳолату меъёрҳои ба содир намудани амалҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда ва дар ниҳояти кор ба таъмини риояи ҳуқуқҳои конститутсионии инсону шаҳрванд, ҳимояи манфиати давлат, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, амалигардидани қонунҳо ва таъмини адолат мусоидати ҳамарафа менамояд. Зеро омӯзиш ва таҳлили фаъолияти судҳо нишон дод, ки барои ҳалли як баҳси граждани ва ё иқтисодӣ тарафҳо тавассути марҳилаҳои зиёд ва тарзу усули мураккаби баррасии парвандаҳо вақтҳои зиёд сарф менамоянд ва чунин тарзу усули кор дар як вақт ба фаъолияти судҳо низ мушкилиҳо эҷод мекунад.

Дар ин раванд Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо назардошти принсипҳои башардӯстӣ ва мутобиқгардонии он бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бояд дар таҳрири нав қабул карда шавад. Дар таҳрири нав қабул намудани Кодекси мазкур ҷиҳати аз байн бурдани таносуби зиёди андозаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ барои як кирдор, таҷдиди назар намудани намудҳои ҷазои ҷиноятӣ ва ғайриҷиноигардонии (декриминализатсияи) баъзе кирдорҳо, такмили принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятӣ, мушаххас ва содда намудани мазмуну муҳтавои он дар вақти истифода, таъмини принсипи адолати иҷтимоӣ ва пешрафти кори судҳо мусоидат менамояд.

Принсипи конститутсионии мустақил будани судяҳо дар он зоҳир мегардад, ки судяҳо дар фаъолияти худ танҳо ба Конститутсия ва қонун итоат мекунанд. Аз ин лиҳоз, мутобиқи санадҳои ҳуқуқии қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки асоси он яккасардорӣ мебошад, аз рӯи дараҷаи рутбаи ҳарбӣ мувофиқан тобеи якдигар будани судяҳо ва ҳамчун

хизматчии ҳарбӣ ба Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб будани онҳо, ба принсипи номбаргардида мувофиқат намекунад. Ин ҳолатҳо зарурати ғайринизомӣ гардонидани судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳои ҳарбиро тақозо менамояд.

Бо назардошти инкишофу пешрафт ва рушду нумӯи босуръати соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа зарурияти такмилу тақвияти фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти ҳифзкунандаи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шарт ва зарур аст. Зеро дар пойдории давлату таъмини истиқлолияти давлатӣ ва ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиати давлату ҷамъият Суди конститутсионӣ нақши муҳиму муассир дорад. Ин амал пеш аз ҳама тавассути мурофиаи судии конститутсионӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ зарур аст, ки фаъолияти Суди конститутсионӣ, аз ҷумла ниҳоди мурофиаи судии конститутсионӣ тавассути қонунгузорӣ такмил дода шавад. Инчунин, тартиби иштироки ҳайати Суди конститутсионӣ дар нахустин ҷаласаи ҳайати нави Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзе дигар самтҳои фаъолияти он бояд дар қонунгузорӣ ба таври мушаххас пешбинӣ карда шаванд.

Бо ин мақсад бояд қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо назардошти такмили қисми мурофиавии он дар таҳрири нав таҳия ва қабул карда шавад.

Айни ҳол баъзе хизматчиёни давлатии дастгоҳи судҳои ҳарбӣ, судҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, суди шаҳри Душанбе, судҳои шаҳр, ноҳия ва судҳои иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо шаҳри Душанбе аз тарафи Раиси Шурои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баъзеи онҳо аз тарафи раисони судҳо ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Ин ҳолат ба пешрафти кори судҳо монеа эҷод мекунад. Бинобар ин, бо мақсади дуруст ба роҳ мондани корҳо вобаста ба хоста гирифтан ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар дастгоҳи судҳо ва дар оянда тайёр намудани онҳо ба вазифаи судягӣ бояд тартиби ба вазифа таъин намудан ва аз вазифа озод намудани хизматчиёни давлатии дастгоҳи судҳои номбурда таҷдиди назар карда шавад. Дар ин раванд зарур аст, ки ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳанӯз ҳам дар масъалаи тобеияти идоравии парвандаҳои граждани, иқтисодӣ, оилавӣ ва маъмурӣ камбудиҳо мушоҳида карда мешавад. Аз ин рӯ, ваколатҳои судҳои умумӣ ва судҳои иқтисодӣ бояд дар ин самт дар қонунҳо мушаххас нишон дода шаванд.

Новобаста аз он ки низоми иҷрои санадҳои судӣ (истеҳсолоти иҷро) ба тобеияти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шудааст, ҳанӯз ҳам дар ин самт масоили ҳалталаб боқӣ мондааст. Дар натиҷа иҷрои баъзе санадҳои судӣ муҳлатҳои тӯлонӣ идома ёфта, сабаби вайрон шудани ҳуқуқу манфиатҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ ва то андозае коста гардидани эътибори ҳокимияти судӣ гардидааст. Бояд қайд намуд, ки пайваста зиёд гардидани теъдоди санадҳои судӣ ва нокифоя будани шумораи судиҷрочиён низ ба иҷрои саривақти санадҳои судӣ таъсири манфӣ мерасонад. Зиёд намудани шумораи судиҷрочиён метавонад дар ҳалли масъалаи мазкур мусоидат намояд. Бинобар ин масъалаи мазкур бояд бо роҳи такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳалли худро пайдо кунад. Бо мақсади таъмини шаффофияти фаъолияти судҳо ва тавсеяи бештари ин раванд ба мақсад мувофиқ аст, ки дар мақомоти мазкур сомонаҳои интернетӣ кушода шавад.

Тибқи талаботи Конститутсия ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар тамоми марҳилаҳои тафтишот ва мурофиаи судӣ кафолат дода мешавад. Бинобар ин таҳия ва қабули санади қонунгузорӣ дар бораи расонидани ёрии ҳуқуқӣ метавонад ба таъмини ҳифзу ҳимояи инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, амалӣ намудани адолати судӣ, қабули санадҳои асоснок ва қонунии судӣ мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, таҳқиқи масъалаи ислоҳоти конститутсионӣ ва рушди мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ дар ташаккул ва такмили низоми давлатдории

миллӣ нақши сарнавиштсоз дорад. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 барои бунёди давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ заминаи устувори сиёсиву ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Таҳлилҳо собит менамоянд, ки тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои муҳими рушди давлатдорӣ ва такмили низоми ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб мераванд. Ин ислоҳот барои таҳкими усули таҷзияи ҳокимият, рушди парламентаризм, тақвияти мустақилияти ҳокимияти судӣ, такмили фаъолияти мақомоти иҷроия ва таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мусоидат намуданд.

Дар натиҷаи ислоҳоти конститутсионӣ мақоми ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ боз ҳам мустаҳкам гардида, заминаҳои ҳуқуқии таъмини адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон такмил дода шуданд. Қабули қонунҳои конститутсионӣ дар бораи судҳо, дароз намудани муҳлати ваколати судяҳо, такмили тартиби таъин ва фаъолияти онҳо, инчунин барҳам додани Шурои адлия ва вогузор намудани ваколатҳои он ба мақомоти судӣ ба баланд гардидани мустақилият ва самаранокии фаъолияти ҳокимияти судӣ мусоидат намуд.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардид, барои мутобиқ намудани низоми ҳуқуқии кишвар ба талаботи ҷомеаи муосир ва стандартҳои байналмилалӣ аҳамияти калон дошт. Қабули Барномаи давлатии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ ва кодексҳои нави мурофиавӣ ба рушди қонуният, таъмини адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи манфиатҳои давлату ҷомеа таъсири мусбат расониданд.

Ҳамзамон, ислоҳоти конститутсионӣ барои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ ва таҳкими кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон заминаи мусоид фароҳам овард. Дар Конститутсия инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ эътироф гардида, фаъолияти тамоми мақомоти давлатӣ ба ҳифз ва таъмини онҳо равона карда шудааст.

Аз таҳлил бармеояд, ки тағйиру иловаҳои ба Конститутсия воридгардида хусусияти мантиқӣ ва пай дар пай дошта, ба рушди устувори давлатдорӣ, таҳкими суботи сиёсӣ ва мутобиқ намудани қонунгузории миллӣ ба талаботи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ равона шудаанд. Онҳо имконият фароҳам оварданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар низоми байналмилалӣ мавқеи устувор касб намояд ва заминаҳои ҳуқуқии рушди минбаъдаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таҳким ёбанд.

Дар маҷмуъ, таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ислоҳоти конститутсионӣ воситаи муҳими рушди давлатдории миллӣ, таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва ҳифзи манфиатҳои инсон, ҷомеа ва давлат мебошад. Идомаи такмили меъёрҳои конститутсионӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба талаботи замони муосир барои рушди минбаъдаи ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд аҳамияти калидӣ дорад.

Дар натиҷаи таҳқиқоти илмии анҷомдодашуда муайян гардид, ки ислоҳоти конститутсионӣ ҳамчун падидаи муҳими сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар рушди давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши калидӣ дорад. Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 марҳилаи сифатан нави рушди давлатдории миллӣ, ташаккули низоми муосири ҳуқуқӣ ва бунёди сохтори нави ҳокимияти давлатиро оғоз намуд. Маҳз тавассути Конститутсия асосҳои давлатдории соҳибистиқлол, принсипи таҷзияи ҳокимият, шакли идоракунӣ ва низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ муайян карда шуданд.

Таҳлили масъалаҳои назариявии ислоҳоти конститутсионӣ нишон дод, ки дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ мафҳуми ислоҳоти конститутсионӣ дорои хусусияти бисёрҷанба мебошад. Ислоҳоти конститутсионӣ танҳо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба матни Конститутсия набуда, балки раванди мураккаби сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошад, ки ба рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва такмили сохтори давлатдорӣ равона гардидааст. Дар ин раванд Конститутсия ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ на танҳо заминаи

ташкили ҳокимияти давлатӣ, балки кафили суботи сиёсӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ баромад менамояд.

Дар ҷараёни таҳқиқот муайян гардид, ки ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои хоси таърихӣ ва сиёсӣ дорад. Он дар шароити душвори ташаккули давлатдории миллӣ, барқарор намудани сулҳу субот ва таҳкими сохтори давлатӣ амалӣ гардидааст. Аз ҳамин сабаб, мазмуни ислоҳоти конститутсионӣ пеш аз ҳама ба таъмини ваҳдати миллӣ, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ ва ташаккули низоми самараноки идоракунии давлатӣ равона шудааст.

Тадқиқот нишон дод, ки яке аз дастовардҳои муҳими ислоҳоти конститутсионӣ татбиқи принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ мебошад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти давлатиро ба шохаҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ ҷудо намуда, асосҳои ҳамкории мутавозин ва мутақобилаи онҳоро муайян кардааст. Ин принсип барои пешгирии мутамарказшавии ҳокимият, таъмини мувозинати сиёсӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ аҳамияти муҳим дорад.

Дар натиҷаи таҳқиқ муайян гардид, ки ташаккули конститутсионии мақомоти ҳокимияти қонунгузор яке аз самтҳои муҳими ислоҳоти конститутсионӣ ба ҳисоб меравад. Бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсия парламенти касбии доимоамалкунанда – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, фаъолияти он дар асоси принсипҳои демократия, намояндагии халқ ва қонунбарорӣ ба роҳ монда шуд. Таъсиси парламенти думаҷлиса барои такмили фаъолияти қонунгузорӣ, таҳкими намояндагии мардум ва баланд бардоштани сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат намуд.

Таҳқиқи масъалаҳои ташаккули мақомоти ҳокимияти иҷроия нишон дод, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли идоракунии президентӣ ташаккул ёфтааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Сардори давлат ва сарвари ҳокимияти иҷроия мавқеи марказиро дар низоми ҳокимияти давлатӣ ишғол менамояд. Ислоҳоти конститутсионӣ барои такмили фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими низоми мақомоти иҷроия ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии давлатӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар раванди таҳқиқ муайян гардид, ки ислоҳоти конститутсионӣ ба ташаккул ва таҳкими ҳокимияти судӣ низ таъсири назаррас расонидааст. Қабули қонунҳои конститутсионӣ дар бораи судҳо, ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, дароз намудани муҳлати ваколати судяҳо, такмили тартиби интихоб ва таъини онҳо барои таҳкими мустақилияти ҳокимияти судӣ аҳамияти муҳим доштанд. Ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои баланд бардоштани сатҳи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини адолати судӣ ва таҳкими қонуният мусоидат намуд.

Таҳлил нишон дод, ки тағйиру иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаҳои муҳими рушди давлатдории миллӣ ба ҳисоб мераванд. Ин тағйиру иловаҳо ба такмили фаъолияти мақомоти давлатӣ, рушди демократия, мутобиқ намудани қонунгузорӣ ба талаботи ҷомеаи муосир ва таҳкими кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон равона гардида буданд.

Муайян гардид, ки принсипҳои ислоҳоти конститутсионӣ ҳамчун асосҳои роҳбарикунандаи рушди давлатдорӣ аҳамияти калидӣ доранд. Принсипҳои қонуният, низомнокӣ, пайдарпайӣ, волоияти Конститутсия, рушди демократия, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва мутобиқати қонунгузорӣ ба манфиатҳои миллӣ заминаи асосии татбиқи ислоҳоти конститутсиониро ташкил медиҳанд.

Дар раванди таҳқиқ муайян гардид, ки ислоҳоти конститутсионӣ барои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими плюрализми сиёсӣ низ аҳамияти муҳим дорад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравиро эътироф намуда, барои фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овардааст.

Ин омил барои рушди институтҳои демократӣ ва иштироки фаъоли шаҳрвандон дар идоракунии давлатӣ мусоидат менамояд.

Таҳқиқ нишон дод, ки яке аз масъалаҳои муҳими рушди конститутсионӣ таъмини мутобиқати қонунгузории ҷорӣ ба меъёрҳои Конститутсия мебошад. Волоияти Конститутсия тақозо менамояд, ки ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар асос ва мутобиқи Конститутсия қабул карда шаванд. Аз ҳамин сабаб, такмили механизми назорати конститутсионӣ ва рушди фаъолияти Суди конститутсионӣ аҳамияти муҳим дорад.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон дод, ки ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди пайваста ва муназзами такмили давлатдорӣ мебошад. Он барои мутобиқ намудани сохтори давлатӣ ба талаботи ҷомеаи муосир, рушди муносибатҳои демократӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ аҳамияти муҳим дорад.

Дар асоси таҳқиқоти анҷомдодашуда пешниҳодҳои зерин манзур карда мешаванд:

Зарур аст, ки механизми татбиқи меъёрҳои Конститутсия дар қонунгузории ҷорӣ боз ҳам такмил дода шавад, то мутобиқати пурраи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия таъмин гардад.

Мақсаднок мебошад, ки низоми назорати конститутсионӣ тақвият дода шуда, нақши Суди конститутсионӣ дар ҳифзи волоияти Конститутсия ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон боз ҳам баланд бардошта шавад.

Пешниҳод мегардад, ки ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ механизмҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти шохаҳои ҳокимият такмил дода шаванд.

Зарур аст, ки дар шароити рушди технологияҳои иттилоотӣ ва рақамикунонии идоракунии давлатӣ асосҳои конститутсионии «ҳукумати электронӣ» ва хизматрасониҳои рақамии давлатӣ такмил дода шаванд.

Бо мақсади рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими иштироки шаҳрвандон дар идоракунии давлатӣ механизмҳои иштироки ҷамъиятӣ дар раванди таҳия ва муҳокимаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ густариш дода шаванд.

Пешниҳод мегардад, ки таҳқиқоти илмӣ дар самти ислоҳоти конститутсионӣ ва рушди давлатдорӣ боз ҳам тақвият дода шуда, масъалаҳои назариявии конститутсионализм ва рушди мақомоти давлатӣ ба таври комплексӣ омӯхта шаванд.

Зарур мебошад, ки таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар самти ислоҳоти конститутсионӣ ва ташкили фаъолияти мақомоти давлатӣ бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ ва хусусиятҳои давлатдории Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шавад.

Ҳамин тариқ, ислоҳоти конститутсионӣ ҳамчун падидаи муҳими сиёсӣ ва ҳуқуқӣ барои рушди давлатдории миллӣ, таҳкими ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва таъмини суботи ҷомеа аҳамияти стратегӣ дорад. Идомаи такмили асосҳои конститутсионӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба талаботи ҷомеаи муосир омили муҳими рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, таҳлили масъалаи «таҳкими ҳокимияти судӣ дар раванди рушди конститутсионии ҷумҳурии тоҷикистон» нишон медиҳад, ки он дорои мазмуни мураккаби ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва ташкилӣ буда, дар низоми ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ мавқеи муҳим дорад. Такмили минбаъдаи танзими ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи татбиқи қонунҳо, таҳкими масъулияти мақомоти ваколатдор ва истифодаи таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ метавонад ба рушди устувори институтҳои давлатӣ мусоидат намояд. Дар баробари ин, зарур аст, ки таҳқиқи масъалаҳои мазкур дар сатҳи илмӣ идома ёфта, хулосаҳои назариявӣ ба амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ пайваста ворид карда шаванд.

Ҳамин тариқ, таҳлили масъалаи «таҳкими ҳокимияти судӣ дар раванди рушди конститутсионии ҷумҳурии тоҷикистон» нишон медиҳад, ки он дорои мазмуни мураккаби ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва ташкилӣ буда, дар низоми ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ мавқеи муҳим дорад. Такмили минбаъдаи танзими ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи татбиқи

қонунҳо, таҳкими масъулияти мақомоти ваколатдор ва истифодаи таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ метавонад ба рушди устувори институтҳои давлатӣ мусоидат намояд. Дар баробари ин, зарур аст, ки таҳқиқи масъалаҳои мазкур дар сатҳи илмӣ идома ёфта, хулосаҳои назариявӣ ба амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ пайваста ворид карда шаванд.

АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳои 22 майи соли 2016). – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 64 с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ» аз 28 декабри соли 1994 // Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1994. – №24. – Мод. 421.
3. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раъйпурсӣ» аз 4 ноябри соли 1995, №107 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1995. – №21. – Мод. 243.
4. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи давлатии ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 23 июни соли 2007, №271 // Ахбори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2007. – №6.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2016 // Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
6. Авакьян С.А. Конституция России: природа, эволюция, современность. – 2-е изд. – М.: РЮИД, «Сашко», 2000. – 528 с.
7. Ализода З. Становление и развитие института парламента в Республике Таджикистан: конституционно-правовое исследование: дисс. … докт. юрид. наук: 12.00.02. – М., 2013. – 392 с.
8. Бутько Л.В. Конституционная реформа: теоретико-правовой анализ: дисс. … канд. юрид. наук. – СПб., 1998. – 186 с.

ТАҲКИМИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР РАВАНДИ РУШДИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мақола ба таҳқиқи масъалаи «таҳкими ҳокимияти судӣ дар раванди рушди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида шудааст. Дар он мафҳум, мазмун ва хусусиятҳои асосии мавзуъ дар асоси маводи рисолаи магистрӣ таҳлил гардида, робитаи масъала бо рушди қонунгузорӣ, амалияи татбиқ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ нишон дода мешавад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба ҷанбаҳои назариявӣ, асосҳои ҳуқуқӣ, мушкилоти мавҷуда ва самтҳои такмили минбаъда равона шудааст.

Калидвожаҳо: ҳокимияти судӣ; мустақилияти суд; адолати судӣ; Конститутсия; ислоҳот.

STRENGTHENING THE JUDICIARY IN THE PROCESS OF CONSTITUTIONAL DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Статья посвящена исследованию темы «strengthening the judiciary in the process of constitutional development of the republic of tajikistan». Рассматриваются понятие, содержание и основные особенности проблемы на основе материалов магистерской диссертации, раскрывается ее связь с развитием законодательства, правоприменительной практикой и деятельностью государственных органов. Особое внимание уделяется теоретическим аспектам, правовым основам, существующим проблемам и направлениям дальнейшего совершенствования.

Ключевые слова: судебная власть; независимость суда; правосудие; Конституция; реформа.

STRENGTHENING THE JUDICIARY IN THE PROCESS OF CONSTITUTIONAL DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article examines the issue of strengthening the judiciary in the process of constitutional development of the republic of tajikistan. It analyzes the concept, content and key features of the topic based on the materials of a master's thesis and reveals its connection with legislative development, legal practice and the activity of public authorities. Special attention is paid to theoretical aspects, legal foundations, existing problems and prospects for further improvement.

Keywords: judiciary; judicial independence; justice; Constitution; reform.

Маълумот дар бораи муаллиф: Назирова Хуршеда – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: +992113030399.

Сведения об авторе: Назирова Хуршеда – Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: +992113030399.

Information about the author: Nazirova Khursheda – Tajik National University, 2nd-year Master's student of the Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone: +992113030399.

МАФҲУМИ ЭЪТИРОФ ВА ИҶРОИ ҚАРОРҲОИ СУДҲОИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ

Наима М.
Донишгоҳи миллиии Тоҷикистон

Дар замони муосир эътирофи ҳуқм ва қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ яке аз асосҳои бунёдии ҳамкориҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Новобаста ба он, ки ҳукм ва қарор дар давлати хориҷӣ қабул гардидааст давлатҳо дар шартномаҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ иҷроиши онро пешбинӣ менамоянд. Зери мафҳуми эътирофи ҳукм ва қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ дар маҷмуъ эътирофи санадҳои ниҳои судӣ фаҳмида мешавад. Чунин эътироф вобаста ба масъалаҳои ҷиноятие ба вуҷуд меоянд, ки ин масъаларо суд баррасӣ намуда санади ниҳоиро вобаста ба парванда баровардааст. Чандин шаклҳои эътирофи санадҳои ниҳоии сидӣ ҷой дорад. Масалан, дар баъзе ҳолатҳо чунин эътироф бе баррасии ин масъала аз ҷониби мақомоти ваколатдор ё мақомоти маркази бидуни қабули санади алоҳида амали карда мешавад. Дар ин ҷараён асоси эътирофнамои меъёри шарномаи байналмилалӣ ва/ё қонунгузории миллӣ баромад менамояд. Иҷрои ҳукм ва қарорҳои судӣ ниҳ маънои иҷрои санадҳои ниҳоии судиро доранд. Эътироф ва иҷрои санадҳои судии давлати хориҷӣ амали карда мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки ғайр аз санадҳои ниҳоии судии давлатҳои хориҷӣ санадҳои ниҳоии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи байналмилалӣ ҷой доранд.[1; 2; 3; 4; 5; 6; 7; 8; 9]. Масалан, санадҳои судие, ки суди байналмилалии ҷиноятӣ қабул менамоянд. Эътироф ва иҷрои чунин санадҳоро бевосита КМҶ ҶТ танзим нанамуда эътироф ва иҷрои онҳо тибқи меъёрҳои шарномаҳои байналмилалӣ сурат мегирад. Бояд иқрор шуд, ки эътироф ва иҷрои ҳукм, қарорҳои судӣ давлати хориҷӣ нисбатан мафҳуми васеъ буда, он бо мақсади амалӣ муайян анҷом дода мешавад. Дар замони муосир шумораи давлатҳои хориҷӣ аз як ҷиҳат зиёд буда аз ҷиҳати дигар судҳои давлатҳои хориҷӣ шумораи зиёди санадҳоро қабул менамоянд, аз ин рӯ КМҶ ҶТ нисбатан мушахас намудааст, ки ҶТ кадом санадҳои ниҳоии судӣ давлатҳои хориҷиро эътироф ва иҷро менамояд. Дар ҳолатҳои зерин мумкин аст ҳукм ва қарорҳои судии давлатҳои хориҷӣ эътироф карда шаванд:

Эътироф ва иҷрои ҳукм ҳангоме сурат мегирад, ки шаҳрванди ҶТ ё дар ҳолатҳои пешбининамудаи шатномаи байналмилалӣ шахси бе шаҳрвандие, ки дар ҳудуди ҶТ доимо зиндагӣ менамояд дар давлати хориҷӣ ҷиноят содир намуда, барои иҷрои ҷазо дар ҳудуди ҶТ дархост менамояд. Ин намуди эътироф ва иҷрои дар доираи супоридани шахс (интиқоли шахс) амали карда мешавад. Қабули шахс ва бозпас супоридани шахс дар доираи мафҳуми супоридани шахс ҳангоми ҳамкориҳои байналмилалӣ амали карда шуда, яке аз шарҳои муҳим он мебошад, нсбати шахс барои содир намудани ҷиноят дар давлати хориҷӣ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ тадбиқ гардида аст. Ин шакли ҳамкориҳои байналмилалӣ нисбатан дар таҷрибаи байналмилалӣ васеъ паҳн гардида буда ҶТ дорои зиёди шарномаҳои байналмилалӣ дар ин масъала мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳим, ки нисбатан ба он ҷазои ҷинояти тадбиқ кард мешавад ин содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок аз ҷониби шахси номукалаф мебошад. Дар вокеъ тартиби пешбурди ҷиноятӣ вобастаста ба ин ҳолат аз пешбурди парвандаи ҷнояти нисбати шахси мукаллаф фарқ менамояд. Дар сурати содир намудани кирдори барои ҷамъят хавфнок содир намудани шахси номукаллаф нисбати он чун аъана чораҳои маҷбуркунии хусусияти тиббӣ тадбиқ карда мешавад. Чун амали инсон дустона дар сурати содир намудани кирдори барои ба ҷамъият хавфнок аз ҷониби шаҳрванди ҶТ дар давлати хориҷӣ дар ҳолати номукаллафӣ ва аз ҷониби суди давлати хориҷӣ тадбиқ намудани чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ барои табобати маҷбурӣ имконияти супоридани чунин шахс ба ҶТ ва аз ҷониби ҶТ қабул гардидани чунин шахс мавҷуд мебошад. Асоси ҳуқуқии чунин эътироф ва иҷрои чунин қарорҳои суди давлати хориҷӣ шарномаҳои байналмилалӣ баромад менамояд, ки дар ин ҷараён Конвенсияи кишварҳои аъзои ИДМ оид ба супоридани шахсони мубталои бемории рӯҳи барои ба амалбарории табобати маҷбурӣ аз 28 марти соли 1997 мавқеъи хоссаро доро мебошад. Конвенсияи зикргардида

ҳамкориҳои ҶТ- ро бо Арманистон, Белорус, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Озарбойҷон, Федератсияи Россия ва Ӯзбекистон танзим менамояд.

3. Нисбат ба шахсе, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шудааст, аз ҷониби суди давлати хориҷӣ маҳкум карда шуда, ҷазо иҷро нашудааст - ин қоида вобаста аз вазъияти супоридан шахс аз давлати хориҷӣ ба ҶТ барои содир кардани ҷиноят дар қаламрави ҶТ истифода мебаранд, ки барои ҷинояти дигар маҳкум шуда буд ва ҳанӯз дар давлати хориҷӣ, ки дар он ҳукм содир шудааст, ҷазоро адо накардааст.

4. Нисбат ба шахсе, ки аз ҷониби суди давлати хориҷӣ маҳкум карда шуда, супоридани ӯ аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлати хориҷӣ рад карда шудааст ин маънои онро дорад, ки дар ҳолатҳои рад кардани супоридани шахсро аз ҶТ бо асосҳои КМҶ ҶТ,ки дар давлати хориҷӣ маҳкум шудааст, дар назар доранд.

5. Яке аз ҳолатҳои нисбатан васеъ ин ҳавола намудани эътироф иҷрои ҳукм ва қарорҳои судиҳои давлатҳои хориҷӣ ба муқаррароти шарномаҳои байналмилалӣ мебошад. Ин ҳолат вобаста ба вазъияти мушахасс ва меъёри мушахаси шарномаи байналмилалӣ ҳал карда мешавад. Масалан, мутобиқи моддаи 54 - уми Конвенсия байни кишварҳои аъзои ИДМ дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ ва оилавӣ аз 7-уми октябри соли 2002 ҳар яке аз Тарафҳои шартнома бо шартҳои пешбининамудаи ҳамин Конвенсия қарорҳои зеринро, ки дар қаламрави давлати дигар қабул карда шудаанд эътироф ва иҷро мекунад агар вобаста ба ҳукмҳои (қарорҳои) судҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар қисми ҷуброни зарар, ситонидани ҷарима ва мусодира ва ғ. бошанд.

Имконияти даъвои гражданӣ дар мурофиаи ҷиноятӣ ҷой дошта ҳангоми ҳамкориҳои байналмилалӣ низ он аз аҳамият холи нест. Қарор дар бораи эътироф ва иҷрои ҳукми суди давлати хориҷӣ вобаста ба даъвои гражданӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 баррасӣ карда мешавад. Боби 44-уми Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф ва иҷрои ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ ва судҳои ҳакамии хориҷӣ (арбитражҳо) ном дорад. Мутобиқи қисми 2 моддаи 398-уми кодекси зикргардида аҳти ҳалномаҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ ҳалномаҳо доир ба парвандаҳои маданӣ, ба истиснои парвандаҳо оид ба баҳсҳои иқтисодӣ ва дигар парвандаҳои вобаста ба иҷрои фаъолияти соҳибкорӣ ё дигар фаъолияти иқтисодӣ, ҳукмҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар қисми ҷуброни зиёне, ки дар натиҷаи ҷиноят расонида шудааст, фаҳмида мешавад (Қонуни ҶТ аз 03.01.2024 № 2022). Ёдовар мегардем, ки ин меъёр вобаста ба ҳангоми ҳамроҳ гардидани қисми 4-уми КМҶ ҶТ ба Кодекси мурофиавии маъдании ҶТ ворид карда шуда аст.

Аз як ҷониб ҳавола намудан ба меъёрҳои шартномаҳои байналмилалӣ ҳолати ҷой доштара пурра ҳал наменамояд. Зеро шарномаҳои байналмилалӣ ҳангоми эътироф ва иҷрои қарор ё ҳукм ба қонунгузории миллии давлате, ки ҳукм ё қарорроро иҷро менамояд ҳавола менамоянд, ки дар ин ҷараён тартиб аҳамияти муҳим дорад. Дар ин ҳолат меъёрҳои шарномаҳои байналмилалӣ ҳамчун асос ба роҳбари гирифта мешаванд. Масалан, мутобиқи қисми 7 моддаи 20-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ аз 29 декабри соли 2010 суд (судя) дар ҳолати таҳияи ҳукм оид ба парвандаи ҷиноятӣ дар бораи бекор кардани чораҳои амниятӣ ё татбиқи минбаъдаи чораҳои мазкур таъинот (қарор) мебарорад.

Қисми 3 моддаи 16-уми Созишнома дар бораи ҳимояи иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ аз 28 ноябри 2006 пешбини менамояд, ки ба дархост оид ба татбиқи чораҳои амниятӣ нусхаи қарор (қарор) дар бораи татбиқи чораи пешгирӣ дар шакли ҳабс, ҳукм (бо қайд дар бораи эътибори қонунӣ пайдо кардани он, тартиби ҳисоб кардани муҳлати ҷазо ва адои он), агар шахси ҳимояшаванда айбдоршаванда ё маҳкумшуда бошад, бояд замима карда шавад. Дар инҷо масъалаи эътирофи қарор ё ҳукм мушахасан ҳал нагардида аст.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 9-уми Конвенсияи давлатҳои аъзои ИДМ дар бораи супоридани иҷрои ҷазоҳое, ки бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд нестанд аз 11 октябри соли 2019 (ҶТ айни ҳол аъзои ин конвенсия нест) ҷазои ба маҳкумшуда таъиншуда, ки бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд нест ва (ё) чораи амалишавандаи хусусияти ҳуқуқии

ҷиноятӣ дар асоси қарори суди Давлате, ки дар он иҷрои ҷазо амали карда мешавад, қарори судии (ҳукми) Давлати таъиноти ҷазо адо эътироф ва иҷро карда мешавад.

Суди Давлате, ки дар он иҷрои ҷазо амали карда мешавад, тибқи қонунгузории давлати худ, дар асоси қарори судӣ (ҳукм), ҳамон ҷазоеро, ки бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд нест ва (ё) чораи хусусияти ҷиноятӣ-ҳуқуқиро, ки бо қарори судӣ (ҳукм) - и Давлати таъинкунандаи ҷазо таъин шудааст, муайян мекунад.

Аз ҷониби дигар, намудҳои гуногуни шарномаҳои байналмилалии ҶТ баста ё эътироф карда мешаванд, ки эътироф ва иҷрои қарор ва ҳукмро пешбини менамоянд. Ва имконияти ҳамаи онҳоро дар КМҶ ҶТ кодификатсия кардан мушкилиҳоро ба бор меоварад.

АДАБИЁТ

1. Абдуллоев П.С. Концепция передачи лиц в рамках международного сотрудничества по уголовным делам (на примере постсоветских стран) // Научные труды РАЮН. 2018. № 18 С. 614-618
2. Алиханов Г. Опыт Азербайджанской Республики в передаче осужденных в государства их гражданства // Международный пенитенциарный форум «Преступление, наказание, исправление (к 20-летию принятия Конституции Российской Федерации)»: сборник тезисов выступлений участников мероприятий форума. Рязань, 2013.
3. Борченко В.А., Крипулевич А.Ю.Институт передачи осужденного иностранного гражданина для отбывания наказания в государство гражданства как гарантия соблюдения прав человека // Права и свободы человека и эффективные механизмы их реализации в мире, России и Татарстане: материалы международной научно-практической конференции, 28-29 ноября 2013 г. Казань.2014.
4. Быкова Е.В. Передача лица, осужденного к лишению свободы, для отбывания наказания в государстве, гражданином которого оно является: значение и проблемы // Прокурорская и следственная практика. – 2006. – №3-4.
5. Крымов А.А. Передача осужденных лиц для дальнейшего отбывания наказания как межотраслевой комплексный институт права // Журнал lex russica (Русский закон). 2014. №9.
6. Лешукова И.В. Некоторые аспекты правовой регламентации международного сотрудничества по новому УПК Украины // Международное уголовное право и международная юстиция №1 – 2013.
7. Перетятько Н.М. Институт передачи лица, осужденного к лишению свободы, для отбывания наказания в государстве, гражданином которого оно является // Оказание правовой помощи: российский и международный опыт: сборник статей. - М.: РПА Минюста России, 2013.
8. Самарин В.И. Передача осужденного для отбывания наказания в стране своего гражданства // Белорусская юридическая энциклопедия: в 4 т. - Минск: ГИУСТ БГУ, 2011. - Т.3. - С. 31.
9. Санташова Л. Л. Передача лиц, осужденных к лишению свободы, для отбывания наказания в государства их гражданства Диссертации на соискание ученой степени кандидата юридических наук. 12.00.09. М. 2017.

МАФҲУМИ ЭЪТИРОФ ВА ИҶРОИ ҚАРОРҲОИ СУДҲОИ ДАВЛАТҲОИ ХОРИҶӢ

Дар мақолаи мазкур оиди мафҳум эътироф ва иҷрои қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ тадқиқ мегардад. Зикр мегардад, ки мафҳуми эътирофи ҳукм ва қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ дар маҷмуъ эътирофи санадҳои ниҳоии судӣ фаҳмида мешавад. Чунин эътироф вобаста ба масъалаҳои ҷиноятие ба вуҷуд меоянд, ки ин масъаларо суд баррасӣ намуда санади ниҳоиро вобаста ба парванда баровардааст.

Калидвожаҳо: маҳкумшуда, интиқоли шахс, давлати транзит, гунаҳгории дуҷониба, ҷиноятҳои сиёсӣ, хароҷотҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо, монеаҳо барои интиқол, ҷарраёни супоридани шахсе, ки ба маҳрум кардан аз озодӣ маҳкум шудааст, барои адои ҷазо ба давлате, ки ӯ шаҳрванди он аст.

ПОНЯТИЕ ПРИЗНАНИЯ И ИСПОЛНЕНИЯ РЕШЕНИЙ СУДОВ ИНОСТРАННЫХ ГОСУДАРСТВ

В данной статье исследуется понятие признания и исполнения решений судов иностранных государств. Отмечается, что понятие признания приговоров и решений судов иностранных государств понимается в совокупности с признанием актов последней инстанции. Такие признания возникают в связи с уголовными делами, которые рассматриваются судом и выносят окончательный вердикт по делу.

Ключевые слова: осужденный, передача лица, транзитное государство, двойная вина, политические преступления, расходы, права и обязанности сторон, препятствия для передачи, штрафы за передачу лица, осужденного к лишению свободы, для отбывания наказания государству, гражданином которого он является.

THE CONCEPT OF RECOGNITION AND ENFORCEMENT OF JUDGMENTS OF FOREIGN COURTS

This article examines the concept of recognition and enforcement of judgments of foreign courts. It is noted that the concept of recognition of sentences and decisions of courts of foreign states is understood in conjunction with the recognition of acts of last resort. Such confessions arise in connection with criminal cases, which are considered by the court and give a final verdict on the case.

Keywords: convicted person, transfer of a person, transit state, double guilt, political crimes, expenses, rights and obligations of the parties, obstacles to transfer, fines for transferring a person sentenced to imprisonment to serve his sentence to the state of which he is a citizen.

Маълумот дар бораи муаллиф: Наима Музафаровна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон

Сведения об авторе: Наима Музафаровна – Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон:

Information about the author: Naima Muzafarovna – Tajik National University, 2nd-year Master's student of the Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone:

ХУСУСИЯТҲОИ БЕ МЕРОС ГУЗОШТАНИ БАЪЗЕ ОБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

Насруллоев Н. Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тартиби мавриди ба мерос гузоштани ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) муайян намудааст. Ин ҳолат аз Кодекси мадании (КМ) ҶТ ва Кодекси замин (КЗ) ҶТ аз 13 декабри соли 1996, № 327, дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 19 июли соли 2022, № 1902 [1.] бармеояд. Ҳолати мазкур то ба даст овардани истиқлолияти ҶТ ҷой надошт, зеро дар давраи шуравӣ қонунгузорӣ дигар буда, аслан дар муносибатҳои мазкур ҳифзи манфиати давлат бештар ба чашм мерасид [2, с. 87.]. Албатта, имрӯзҳо низ тибқи қонунгузоии амалкунанда замин чун даврони шуравӣ моликияти истисноии давлат аст ва танҳо давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад.

Бо ин назардошт қитъаи замин объекти маҳдуди муомилоти маданӣ буданаш, вай наметавонад молу мулки меросиро ташкил диҳад. Қонунгузории ҶТ танҳо ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии заминро ҳамчун объекти ворисӣ иҷозат додааст. Муқаррароти мазкур гувоҳи он аст, ки қонунгузорӣ оид ба замини ҶТ имконият медиҳад, ки ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба шаҳрвандон барои истифодаи якумраи меросӣ дода шавад. Меъёри мазкур ба таври васеътар дар КЗ ҶТ мустаҳкам гардидааст.

Чи хеле, ки аз қонунгузории ҶТ ба хусус м. 13-и Конститутсияи ҶТ бар меояд, ба шаҳрвандон ҳуқуқи истифодаи замин аз тарафи давлат кафолат дода мешавад. Дар ҶТ замин моликияти шаҳрванд буда наметавонад ва мувофиқан мавриди ворисӣ қарор гирифта наметавонад. Ҳарчанд давлат ба шаҳрвандон ҳуқуқи истифодаи заминро кафолат дода бошад ҳам, вале ин ҳуқуқ низ наметавонад мувофиқи қонун ба мерос гузошта шавад.

Дар баробари ҳуқуқи мазкур дар КЗ ҶТ нисбат ба қитъаи замин боз як ҳуқуқи дигар ҳуқуқи якумраи меросии қитъаи замин муқаррар гардидааст. Ҳуқуқи якумраи меросии қитъаи замин аллакай аз номаш маълум аст, ки объекти ворисӣ қарор гирифта метавонад. Ҳуқуқи номбурда дар м. 12-уми КЗ ҶТ ифодаи худро ёфтааст. Тибқи он ба истифодаи меросии якумра замин ба шахсони воқеӣ ва коллективҳои шаҳрвандон барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва касбҳои анъанавии мардумӣ, инчунин ба шаҳрвандон ҳамчун қитъаи замини наздиҳавлигӣ дода мешавад [3, с. 198.]. Бояд қайд намуд, ки ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин ба ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ дохил мешавад, чунки соҳибмулки замин танҳо давлат буда, ҳангоми зарурат ҳуқуқ дорад аз шаҳрвандон қитъаи заминро кашида гирад.

Албатта, баъд аз он, ки ҶТ давлати соҳибистиқлол эътироф гардид қонунгузории кишвар низ мустаҳкам гардида муносибатҳо оид ба замин танзими дахлдори худро дарёфт. Махсусан, қабули КЗ ҶТ далели ин гуфтаҳост. Дар кодекси мазкур якчанд меъёрҳои нав нисбати замин муқаррар гардид, ки яке аз онҳо ин ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин мебошад, ки мутобиқи он баъди вафоти дорандаи ин ҳуқуқ қитъаи замин аз субъект гирифта нашуда, таҳти ҳуқуқи якумраи меросӣ ба ворисон мегузарад. Танҳо ворис дар чунин маврид уҳдадор мегардад, ки ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи заминро аз сари нав бо номи худ ба мақомоти дахлдори давлатӣ рафта гузаронад. Баъзе аз категорияҳои объектҳое, ки мавриди ворисӣ қарор мегиранд хусусияти ба худ ҷудогона доранд. Яъне режими махсуси ҳуқуқии худро доранд. Мисоли он шуда метавонад ба мерос гузоштани ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин, ки онро КЗ ҶТ ба танзим медарорад.

Мувофиқи м. 350-и КМ ҶТ ҳуқуқи истифодаи замин ба ҳуқуқҳои маҳдуди ашёгӣ дохил мегардад. Тибқи КЗ ҶТ ҳар як шаҳрванди ҶТ ҳуқуқ дорад, қитъаи замини муайянро ба таври ройгон барои истифодаи якумраи меросӣ гирад. Баъди вафоти меросгузор ворисон заминро аз сари нав ҳамчун мерос дар мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо номи худ

ба қайд мегиранд. Ҳангоми даст кашидани ворисон аз истифодаи ҳуқуқи якумраи меросии замин давлат ҳамчун соҳибмулки асосӣ заминро аз онҳо мегирад.

Ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии қитъаи замин дар қонунгузории ҶТ доир ба замин бо муҳлат маҳдуд нашудааст. Яъне, то агар давлат нисбат ба қитъаи замине, ки ба шаҳрвандон барои истифодаи якумраи меросӣ додааст, эҳтиёҷи зарурӣ пайдо нанамояд, шаҳрвандон метавонанд истифодаи қитъаи заминро аз насл ба насл таҳти ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии замин идома диҳанд. Ҳангоми ворисии ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии замин аз ҷониби шахси ноболиғ намояндаи қонунии ӯ мутобиқи муқаррароти м. 29-и КМ ҶТ метавонад то ба балоғат расидани ӯ қитъаи заминро бо ризоияти мақомоти васояту парасторӣ ба иҷора диҳанд. Ин мӯҳлат яъне мӯҳлати то ба балоғатрасӣ баҳри ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои вориси ноболиғ муқаррар гардидааст. Ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии замин тибқи асосҳои умумӣ метавонад ҳам тибқи васиятнома ва ҳам тибқи қонун ба мерос гузошта шавад.

Ворисоне, ки молу мулки ғайриманқули ба меросгирифтаашон дар қитъаи замине, ки ҳамчун ҳуқуқи истифодаи бемӯҳлат ба меросгузор дахл дошт, воқеъ бошад, метавонанд ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ нисбати он қитъаи замин муроҷиат намуда, бо ризоияти ин мақомот ҳуқуқи истифодаи якумрии заминро ба даст оранд. Баъд аз оне, ки мақомоти номбурда ҳуқуқи истифодаи якумраи меросии заминро ба ворисон иҷозат дод, минбаъд барои ба ворисии ҳуқуқи мазкур ҳеҷ гуна иҷозат аз ягон мақомоти давлатӣ пурсида намешавад. Танҳо ворисоне, ки ҳуқуқи истифодаи якумраи қитъаи заминро қабул мекунанд бояд бақайдгирии давлатиро оид ба номи худ гузаронидан гирад ва ҳуҷҷати нави ҳуқуқиеро тартиб диҳад.

Бояд қайд кард, ки ҳангоми ворисии ҳуқуқи истифодаи якумрии меросии замин нисбати қитъаи замини муайян инчунин ҳама он объектҳои дигаре, ки дар он қарор доранд ба монанди ҷӯйҳои обгузар, дарахтони болои замини номбурда растаниҳо, қабати болоии қитъаи замин ва ғайраҳо низ якҷоя бо замин ба ворисон ҳамчун мерос барои истифодаи якумра мегузаранд

Ҳангоми марги ногаҳонии иштирокчии ширкати комил ва ё ширкати ба бовари асосёфта, иштирокчии ҷамъиятҳои масъулияташ маҳдуд ва ё иловагӣ, аъзои кооперативи тиҷоратӣ, ки ҳиссаи ӯ ба сармояи оинномавӣ дохил аст, ҳамчун молу мулки меросӣ дониста мешавад. Дар ин ҷо сухан дар бораи гузариши ҳуқуқ ба ҳиссаи меросгузоре меравад, ки ӯ иштирокчии шахсони ҳуқуқии зерин бошад:

1) ширкати комил;
2) ширкати командитӣ;
3) ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд;
4) ҷамъияти дорои масъулияташ иловагӣ;
5) ҷамъиятҳои саҳомӣ;
6) кооперативҳо ва ғ.

Андозаи ҳиссаи иштирокчии ширкати комил, ширкату ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ ва ё аъзои кооператив бояд ба таври дақиқ муайян карда шавад. Мувофиқи қонунгузории мадании ҶТ нисбати баъзе шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ, ки меросгузор аъзои он ҳисоб меёфт, қоидаеро муқаррар кардааст, ки тибқи он барои гирифтани ҳиссаи меросӣ (аниқтараш, тавассути қабули мерос ба сифати иштирокчии шахси ҳуқуқӣ баромад кардан) ризоияти дигар иштирокчиёни шахси ҳуқуқии мазкур гирифта шавад. Чунин қоида нисбати иштирокчиёни ширкати комил барои ба мерос гирифтани ҳиссаи меросгузор муқаррар гардидааст. Масалан дар қ. 1 м. 84-и КМ ҶТ чунин омадааст, ки дар сурати вафоти иштирокчии ширкати комил вориси ӯ танҳо бо розигии ҳамаи иштирокчиёни дигар метавонад ба ширкати комил, шомил гардад. Муқаррароти зерин барои шахсияти ҳар як иштирокчии ширкати комил муҳим мебошад.Чунки онҳо якҷоя ширкатро идора мекунанд ва аз рӯйи қоидаҳои умумӣ, фаъолияти хоҷагидории ҷамъиятиро амалӣ мегардонанд.

Уҳдадории ширкат вобаста ба ҳиссаи дар сармояи оинномавӣ доштаи меросгузор ба ворисони меросгузор мегузарад. Ба шарте, ки аз ҷониби иштирокчиёни дигари ширкат ворис ҳамчун аъзо пазируфта шавад. Агар ба ворис барои аъзогӣ ба ширкати комил розигӣ дода нашавад, пас масъалаи ҷудо намудани ҳиссаи меросии аъзои вафотёфтаи ширкат ба

миён меояд. Мувофиқи қонунгузории мадании ҶТ бо ризоияти аъзоёни боқимондаи ширкат ҳиссаи сармояи оинномавии аъзои вафоткардаи ширкат ба вориси ӯ метавонад дар шакли асл (натура) ҷудо карда шавад ва агар дар шакли асл ғайриимкон бошад, пас метавонанд арзиши онро дар шакли маблағи пулӣ пардохт шавад.

Ворисии ҳисса дар аксарияти намудҳои шахси ҳуқуқӣ низоми махсуси худро дорад. Масалан, тартиби ворисии ҳиссаи сармояи оинномавиро дар ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд» аз 23-апрели соли 2002 муайян менамояд [4.]. Мувофиқи м. 24-и қонуни мазкур ҳиссаи иштирокчиёни ҷамъият ба ворисони он мегузарад. Гузариши ҳисса ба ворисон ва тақсими он дар байни якчанд ворисон мувофиқи КМ ҶТ амалӣ карда мешавад. Албатта, КМ ҶТ қоидаҳои умумии меросиро нисбати аъзоёни ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд алакай муқаррар намудааст, аммо он ҳам бо назардошти ҳолатҳои муқаррарнамудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд» ба амал бароварда мешавад.

Барои гузаронидани ҳисса розӣ нашудани онҳо ҷамъиятро уҳдадор месозад, ки мувофиқи тартиб ва шартҳои пешбининамудаи қонун ба ворисони иштирокчии ҷамъият арзиши онро пардозад. Дар ҳолати пурра напардохтани ҳисса ворис ҳуқуқ дорад, ки дар қисми боқимондаи он даъво пешниҳод намояд. Бо қабули ҳиссаи ба иштирокчии ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд тааллуқдошта, ворисон ҳуқуқҳои ӯро қабул мекунанд, инчунин ҳангоми ҷой доштани уҳдадорӣ аз ҷониби онҳо, яъне ворисон ва аз ҳисоби молу мулки меросӣ уҳдадориҳо бояд иҷро карда шаванд.

Баҳри ҳимояи ҳуқуқи кредиторони меросгузор қонунгузории мадании ҶТ махсус меъёр дар моддаи алоҳида муқаррар намудааст. Мувофиқи м. 1214-и КМ ҶТ кредиторони меросгузор ҳуқуқ доранд талаботи худро, ки аз уҳдадориҳои меросгузор бармеояд ба иҷрочии васиятнома, идоракунандаи мерос ё ворисон пешниҳод намоянд. Ворисон ҳамчун қарздорони муштарак дар доираи арзиши молу мулки ба ҳар яке онҳо гузашта ҷавоб медиҳанд. Бинобар ин кредиторҳои меросгузор дар давоми шаш моҳ аз рӯзи кушодашавии мерос, бояд ба ворисоне, ки меросро қабул намудаанд, талаботро сарфи назар аз мӯҳлати шуруи талабот пешниҳод намоянд. Мӯҳлати дар боло номбурда мумкин аст аз тарафи суд дароз карда шавад, агар суд сабаби гузаронидани мӯҳлатро узрнок эътироф намояд. Риоя нагардидани ин қоидаҳо кредиторонро ба гум кардани ҳуқуқи талабот меорад. Кредиторони меросгузор ҳуқуқ доранд, ки қарзи нисбат ба меросгузор доштаи худро аз ҳисоби ҳиссаи сармояи оиномавии дар ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд будаи вай аз ворисонаш талаб намоянд.

Ворисии ҳуқуқ вобаста ба иштирок дар кооперативҳои тиҷоратӣ бошад бо КМ ҶТ ва ҳам бо Қонуни ҶТ «Дар бораи кооперативҳо» аз 22-июли соли 2013, № 991 [5.] танзими худро ёфтааст. Кооперативҳои тиҷоратӣ вобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқиаш аз дигар намудҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ фарқ мекунад. Тибқи м. 115-и КМ ҶТ кооператив – иттиҳодияи мустақил ва ихтиёрии бо тартиби муқарраргардида бақайдгирифташуда мебошад, ки дар асоси узвияти шахсон бо мақсади қонеъ намудани талаботи муштараки иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар талаботи онҳо, инчунин саъю кӯшиши шахсони мазкур тавассути муттаҳидкунии молу мулк (аъзо ҳаққии саҳмӣ) ва таъсиси ташкилоти ба таври демократӣ идорашавандаи молу мулки якҷоя таъсис дода мешавад.

Кооперативи тиҷоратӣ ташкилоти тиҷоратӣ буда, мутобиқи оиннома асосан ба шахсони сеюм хизмат мерасонад. Аъзои кооперативи тиҷоратӣ аз рӯйи уҳдадориҳои кооператив ба андоза ва мувофиқи тартиби пешбининамудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи кооперативҳо» аз 22-июли соли 2013, № 991 ва оинномаи кооператив масъулият доранд.

Ин ҳуқуқу уҳдадориҳо пас аз марги аъзои кооператив ба вориси вай агар аз ҷониби кооператив ҳамчун барандаи ҳуқуқи меросгузор дониста шуда қабул гардад, мегузарад. Нисбати қарзи аъзои вафотёфтаи кооператив бошад, кредитори ӯ метавонад барои қонеъ намудани талаботи худ аз ҳисоби ҳиссаи қарздори вафотёфта ба кооператив талабот пешниҳод намояд.

Агар ворис аз ҷониби кооперативи тиҷоратӣ ба аъзогӣ ба чунин кооператив қабул нагардад ва ё худи ворис аз аъзогӣ ба кооперативи истеҳсолӣ даст кашад, дар ин сурат бояд арзиши саҳми меросгузор ба ворис пардохта шавад. Ин масъала дар қисми чори м. 119-и

КМ ҶТ ҳалли худро ёфтааст. Тибқи он агар дар оинномаи кооператив тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, дар сурати вафот ёфтани узви кооперативи тиҷоратӣ ворисони ӯ метавонанд ба узвияти кооператив қабул карда шаванд. Дар акси ҳол кооператив ба ворисон арзиши саҳми узви фавтидаи кооперативро медиҳад.

Ворисии ҳуқуқ вобаста ба иштирок дар ширкати ба боварӣ асосёфта бошад, пеш аз ҳама мувофиқи қоидаҳои муқаррарнамудаи КМ ҶТ доир ба ширкати комил, ки дар боло ном бурдем ба амал бароварда мешавад. Зеро ширкати ба боварӣ асосёфта худ яке аз намудҳои ширкати комил мебошад. Моҳияти ширкати мазкур дар м. 84-и КМ ҶТ муқаррар карда шудааст. Тибқи он ширкати ба боварӣ асосёфта (ширкати коммандитӣ) он ширкате дониста мешавад, ки дар он дар баробари иштирокчиёне, ки аз номи ширкат фаъолияти соҳибкориро ба амал бароварда, аз рӯйи уҳдадориҳои ширкат бо молу мулки худ масъулият доранд (шарикони комил), як ё якчанд иштирокчии саҳмгузоре (коммандистон) ҳастанд, ки таваккали зиёни марбут ба фаъолияти ширкатро дар доираи маблағи саҳмгузориашон бар уҳда дошта, дар татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби ширкат иштирок намекунанд.

Ба қатори мероси саҳмгузори вафотёфтаи ширкати ба бовари асосёфта ҳиссаи ӯ, ки ба сармояи оинномавии ширкат гузошта шудааст дохил мегардад. Ворисе, ки ба ин ҳисса ҳуқуқ пайдо намудааст ҳамчун саҳмгузори ширкати ба бовари асосёфтадониста мешавад. Хусусияти фарқкунандаи ширкати ба боварӣ асосёфта аз ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд дар он аст, ки барои аъзогӣ ба ширкати ба боварӣ асосёфта аз ҷониби ворис аз дигар шарикон иҷозат пурсида намешавад. Саҳмгузор гарчанде ҳиссаи худро ба ширкати ба боварӣ асосёфта гузораду ҳуқуқ ба қисме аз фоидаи аз фаъолияти ширкат ба дастомадаро пайдо кунад ҳам, аммо дар татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби ширкати ба боварӣ асосёфта иштирок наменамоянд. Зеро масъулияти шарикон вобаста ба ҳиссаи гузоштаашон маҳдуд мебошанд.

Дигар ташкилоти тиҷоратие, ки ҳуқуқи меросӣ вобаста ба аъзогӣ ба он баъди марги собиқ аъзои ташкилот ба миён меояд ин ҷамъияти саҳомӣ мебошад. Ҷамъияти саҳомӣ ҷамъияте дониста мешавад, ки фонди оинномавии он ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим шудааст, иштирокчиёни ҷамъияти саҳомӣ (саҳмдорон) аз рӯи уҳдадориҳои он масъулият надоранд ва зиёни таваккали марбут аз фаъолияти ҷамъиятро ба андозаи арзиши саҳмияҳои ба онҳо тааллуқдошта ба зимма мегиранд.

Ба қатори молу мулки меросии иштирокчиёни ҷамъияти саҳомӣ саҳми ба онҳо тааллуқдошта дохил мегардад. Ворисоне, ки ба саҳми дар ҷамъити саҳомӣ гузоштаи аъзои вафотёфтаи ҷамъият ҳуқуқи талабкунӣ пайдо мекунанд, аъзои ҷамъияти мазкур дониста мешаванд. Аз ин муқаррарот чунин бар меояд, ки ворисии ҳиссаи сармояи оинномавии ба меросгузор тааллуқдошта дар ҷамъиятҳои саҳомӣ бо назардошти КМ ҶТ ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аз 5 марти соли 2007, дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 19 июли соли 2022, № 1907 [6.], ба амал бароварда мешавад. Суд дар амалия ҳангоми ҷудо намудани ҳиссаи дар сармояи оинномавӣ меъёрҳои қонуни мазкурро баҳри ҳимояи тарафайн ба инобат гирифта, намегузорад, ки манфиати аъзоёни дигари ҷамъият поймол гардад. Ин маънои онро надорад, ки баҳри ҳимояи манфиатҳои аъзоёни дигари ҷамъият ворисонро аз мерос маҳрум кардан мумкин аст, балки ҳангоми имконнопазирии ҷудо кардани ҳисса дар шакли асл (натура) талаби арзиши онро дар назар дорад.

АДАБИЁТ

1. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, № 327, дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 19 июли соли 2022, № 1902. // Адлия: Централиз. банк правовой информации Республики Таджикистан. Версия 6.0. // М-во юстиции РТ. – Душанбе, 2026. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM). (Санаи муроҷиат: 07.01.2026 с.).
2. 2.Соҳибов М.М., Бобохонов Ҳ.З. Ҳуқуқ ба мерос: воситаи таълимӣ. –Душанбе: ЭР – граф, 2019. - 256с.
3. Крассов О.И. Земельное право: учебник //О.И. Карссов.-4-е изд., перераб.и доп. –М.: «Норма: Инфра-М», 2013. – 348с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуд» аз 23-апрели соли 2002. // Адлия: Централиз. банк правовой информации Республики Таджикистан. Версия 6.0. // М-во юстиции РТ. – Душанбе, 2026. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM). (Санаи муроҷиат: 07.01.2026 с.).
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳо» аз 22-июли соли 2013, № 991. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, № 7, мод. 519.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аз 5 марти соли 2007, дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 19 июли соли 2022, № 1907. // Адлия: Централиз. банк правовой информации Республики

Таджикистан. Версия 6.0. // М-во юстиции РТ. – Душанбе, 2026. – 1 электрон. опт. диск (CD - ROM). (Санаи муроҷиат: 07.01.2026 с.).

ХУСУСИЯТҲОИ БЕ МЕРОС ГУЗОШТАНИ БАЪЗЕ ОБЪЕКТҲОИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

Дар ин мақола хусусиятҳои ба мерос гузоштани ҳуқуққои молумулкӣ кушода шудаанд. Ҳуқуққои молумулкӣ объекти мустақили ҳуқуқи маданӣ мебошад. Вале барои ба мерос гузоштани он қонунгузор талаботҳо муқаррар кардааст. Масалан, ҳуқуқи истифодаи якумраи қитъаи заминро танҳо ҳамон меросгир бархурдоршуда метавонад, агар ба коркарди замин ё истеҳсолоти кишоварзӣ машғул шавад.

Калидвожаҳо: мерос, меросгузорӣ, ҳуқуққои молумулкӣ, уҳдадорӣ, давлат, гузаштани ҳуқуққо, объектҳо, қонунгузорӣ, интиқол, ҳисса дар ҷамъият, қитъаи замин, ҳуқуқи истифода, муомилоти маданӣ, иштирок, идоракунӣ, таъсис.

ОСОБЕННОСТИ НАСЛЕДОВАНИЯ НЕКОТОРЫХ ОБЪЕКТОВ ГРАЖДАНСКОГО ПРАВА

В данной статье раскрывается особенности наследования имущественных прав. Имущественные прав являются самостоятельными объектами гражданского оборота. Однако для их наследования законодательством предусмотрены требования передачи. Например, права пожизненного пользования земельным участком могут воспользоваться такие наследники, которые могут заниматься земледелием или сельхоз производством.

Ключевые слова: наследство, наследование, имущественные права, обязанности, государство, переход прав, объекты, законодательство, передача, доля в обществе, земельный участок, права пользования, гражданский оборот, участие, управление, создание.

INHERITANCE OF CERTAIN CIVIL LAW OBJECTS

This article discusses the inheritance of property rights. Property rights are independent objects of civil transactions. However, legislation stipulates transfer requirements for their inheritance. For example, lifelong land use rights may be exercised by heirs who are engaged in farming or agricultural production.

Keywords: inheritance, succession, property rights, obligations, state, transfer of rights, objects, legislation, transfer, share in society, land plot, use rights, civil transactions, participation, management, creation.

Маълумот дар бораи муаллиф: Насруллоев Нуралишо Нурмаҳмадович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон

Сведения об авторе: Насруллоев Нуралишо Нурмахмадович – Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон:

Information about the author: Nasrulloev Nuralisho Nurmakhmadovich – Tajik National University, 2nd-year Master's student of the Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17. Phone:

ҲУҚУҚҲОИ ШАХСИИ ҒАЙРИМОЛУМУЛКӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МУШАХХАСНАМОӢ ВА КАФОЛАТДИҲӢ

Одилова М. А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таърихан масъалаи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумкӣ ба доираи мавзуъи танзими қонунгузории маданӣ дохил мешавад. Функсияи қонунгузории маданӣ на танҳо намудани талаботи моддии субъектон тавассути танзими муносибатҳои молумулкӣ, балки қонеъ намудани нематӯ арзишҳои маънавии инсон ва ҳифзи онҳо низ ба ҳисоб меравад. Таҳлили заминаҳои таърихии танзими ҳуқуқи мадании ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки масъалаи мазкур дар ҳолати рушд қарор дорад ва марҳила ба марҳила ин ҳуқуқҳо ба таври пурра ва дар сатҳи баланд танзим гардида истодаанд. Шаҳодати ин, таҳлили Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1963 ва Кодекси граждании ҶТ мебошад. Дар моддаи 1 Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон зикр гардида буд, ки "дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун, инчунин Кодекси мазкур муносибатҳои шахсии ғайримолумулкиро танзим менамояд". Дар ин давра афзалият ба танзими муносибатҳои молумулкӣ дода шуда, дар дигар қисматҳои Кодекси мазкур бевосита ягон муқаррарот доир ба ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ муқаррар нагардида буд. Дар Кодекси граждании ҶТ бошад, дар муқоиса бо Кодекси граждании ҶШС Тоҷикистон масъалаи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ танзим гардиданд. Дар қисми 5 моддаи 1 Кодекси граждании ҶТ муқаррар гардида буд, ки "муносибатҳои марбут ба татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои бегонанашавандаи инсон ва дигар неъматҳои ғайримоддӣ (муносибатҳои шахсии ғайримолумулкие, ки бо муносибатҳои молумулкӣ алоқаманд нестанд) бо қонунҳои граждани танзим карда мешаванд, зеро аз моҳияти ин муносибатҳо тартиби дигаре барнамеояд". Ҳамзамон, масъалаи номгӯйи неъматҳои ғайримоддӣ, мазмун ва ҳимояи онҳо дар боби 5 (моддаҳои 170-177), ҷуброни зарари ба неъматҳои ғайримоддӣ расондашуда дар боби 55 Кодекси граждании ҶТ танзим гардида буданд. Дар Кодекси маданӣ бошад, ба масъалаи танзими ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ фасли алоҳида ҷудо карда шудааст, ки ин сатҳи баланди рушди танзими ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар мамлакат ба ҳисоб меравад.

Кодекси маданӣ ин қоидаро ғайриқобили қабул шуморида, масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро ба таври пурра ва фарох дар фасли 2, ки фарогири моддаҳои 225-254 мебошад, танзим намуд. Маҳз танзими ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ барои ҳуқуқи мадании Тоҷикистон навгонии назаррас маҳсуб меёбад. Таҳлили пурраи Кодекси маданӣ нишон медиҳад, ки ягона масъалае, ки ҳамчун навгонӣ дар Кодекси маданӣ дар шакли мукаммал танзим гардидааст, ин ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, метавон гуфт, ки Кодекси маданӣ барои пайдоиш ва ташаккули зерсоҳаи нави ҳуқуқи маданӣ – ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 2 Кодекси маданӣ қонунгузории маданӣ муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиеро, ки ба баробарӣ, мухторияти ирода ва мустақилияти молумулкии иштирокдоронашон асос ёфтаанд, танзим менамояд. Аммо, хусусиятҳои зикршуда на ба ҳамаи муносибатҳои танзим ва ҳифзкунандаи ҳуқуқи маданӣ хос мебошанд. Ин хусусиятҳо ба таври пурра ба муносибатҳои молумулкӣ хос мебошанд. Ба муносибатҳои шахсии ғайримолу мулкӣ, ки мазмуни иқтисодӣ надоранд ва дар асоси неъматҳои ғайримоддӣ ба вуҷуд меоянд ва барои ин муносибатҳо хусусияти мустақилияти молумулкӣ аҳаммиятнок намебошад. Нисбат ба ин муносибатҳо ҷавобгарии молумулкӣ татбиқ шуданашон мумкин аст, аммо ҷавобгарии молумулкӣ дар ин маврид барои онҳо хусусияти муайянкунанда надорад.

Мафҳуми расмии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар қисми 2 моддаи 166 Кодекси маданӣ мустаҳкам гардидааст, ки тибқи он “Ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ ҳуқуқи субъективӣ буда, нисбат ба неъматҳои ғайримолумулкӣ ба вуҷуд омада, мазмуни иқтисодӣ надошта, бо шахсияти инсон робитаи ногусастанӣ дошта, ба муайянсозӣ ва инкишофи фардият равона шуда, хусусиятҳои хоси бавуҷудоҳ ва қатъшавӣ дорад”.

Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ин ҳуқуқи субъективии маданӣ мебошанд, ки дар заминаи неъматҳои ғайримоддӣ пайдо гардида, хусусияти ҷудонопазирӣ аз доранда, хусусияти мушаххаси иқтисодӣ надошта, дар муомилоти молумулкӣ қарор надоштан доранд. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолулкиро давлат кафолат дода, барои ҳифзи онҳо тарзҳои умумӣ ва махсуси ҳифзи онҳоро дар қонунгузорӣ пешбинӣ менамояд. Вобаста ба ин, дар қисми 1 моддаи 227 Кодекси маданӣ мустаҳкам шудааст, ки “мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии худидоракунӣ дар доираи ваколаташон амалисозии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии шахсони воқеиро таъмин мекунанд”.

Дар Кодекси маданӣ мазмун, амалисозӣ, маҳдудсозӣ ва ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро танзим намудааст. Дар асоси моддаи 225 Кодекси маданӣ мазмуни “ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро имконияти шахси воқеӣ дар хусуси озодона ва бо салоҳдиди худ тибқи қонунгузорӣ муайян намудани рафтор дар муносибатҳои маданӣ ташкил медиҳад”. Новобаста аз танзими ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ, мазмуни онҳоро субъект (доранда)-и ҳуқуқ озодона бо салоҳидиди худ бидуни ягон маҳдудият муайян менамоянд. Ин яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, муайян кардани доираи маълумоти ба ҳаёти хусусии шахси воқеӣ дахлдоштаро қонун муайян карда наметавонад, зеро он хусусияти субъективӣ дорад (аз ҷумла як маълумот барои як шахси воқеӣ мумкин аст ҳамчун ҳаёти хусусӣ эътироф гардад, барои шахси воқеии дигар бошад, ягон аҳаммиятнок набошад).

Тибқи қисми 1 моддаи 246 Кодекси маданӣ шахси воқеӣ ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ ва дахлнопазирии онро дорад. Ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ дар санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мустаҳкам гардидааст. То ибтидои асри XX дар бисёре аз санадҳои ҳуқуқӣ ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ ба таври ҳуқуқӣ мустаҳкам нагардида буд. Афзалият танҳо ба ҳуқуқ ба сирии мукотибот, телеграфӣ ва суҳбатҳои телефонӣ дода мешуд. Танҳо баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон, ки дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлативу ҷамъиятӣ ислоҳоти кулли ба вуҷуд омад, дар конститутсияҳои аксари давлатҳо ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ мустаҳкам карда шуд.

Моддаи 12-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башарро (минбаъд ЭУҲБ) метавон ҳамчун сарӯғози эътирофи ҳуқуқ ба дахлноразирии ҳаёти хусусӣ қабул намуд, вале дар ин модда чун ҳуқуқи субъективӣ қайд карда нашудааст ки – ҳеҷ кас наметавонад дучори мудохила ба ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ қарор гирад. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар эълон мекунад, ки “ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии ӯ ҳеҷ як фард дахолати худсарона намудан ва ба дахлнопазирии манзил, сирри мукотибот, шараф ва обрӯи ӯ худсарона суиқасд кардан мумкин нест. Ҳар як инсон ҳуқуқ дорад, ки дар мавриди чунин мудохила ё суиқасд аз ҳимояи қонун истифода намояд”. Дар ин моддаи Эъломия муқаррар карда шудааст, ки ҳар инсон дар мавриди мудохила ё суиқасд ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии ӯ метавонад аз ҳимояи қонун истифода намояд, вале ҳар як инсон метавонад дар мавриди чунин мудохила ё суиқад ин ҳуқуқро худро ба таври худмуҳофизатӣ, яъне бе имкони ҷалби мақомоти давлатӣ ҳимоя намояд, ки ин каме ҷиҳати проблемавӣ аст. Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ муқарарорти Эъломияи умумии ҳуқуқи башарро айнан дар худ мустаҳкам намудааст.

Дар моддаи 9-и Конвенсияи ИДМ дар бораи ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусуиро кафолат додааст, ки дар он чунин муқаррарот пешбини шудааст: “Ҳар кас ба эҳтироми ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ, ба дахлнопазирии манзил ва махфияти мукотиба ҳуқуқ дорад. Ба истиснои дахолати пешбининамудаи қонун, ки он дар ҷомеаи демократӣ барои манфиати амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ,

ҳифзи сиҳатӣ ва ахлоқи аҳолӣ ё ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахсони дигар зарур аст, дар истифодаи ин ҳуқуқ набояд ба ягон дахолати мақомоти давлатӣ роҳ дода шавад”.

Дар моддаи 11-и Конвенсияи амрикоӣ оид ба ҳуқуққои инсон оид ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ чунин муқаррарот пешбинӣ шудааст: “Ҳар як шахс ба эҳтироми шаъну шарафи ӯ ҳуқуқ дорад. Ҳеҷ кас набояд мавриди мудохилаи худсарона ва таҳқиромез ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии ӯ, мудохила ба дахолатнопазирии манзили истиқоматӣ, сирри мукотибот ва шаъну обрӯи вай бошад. Ҳар шахс ҳуқуқи ҳимоя аз чунин мудохила ва сӯиқасдҳоро дорад”. Дар ин моддаи Конвенсия дар баробари ҳаёти шахсӣ ва оилавӣ, сирри мукотибот, дахлнопазирии манзил, ки маъмулан дар дигар санадҳои байналмилалӣ низ дарҷ гардидаанд, ҳамчунин дахлнопазирии шаъну эътибори инсонро низ муқаррар кардааст.

Ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ яке аз ҳуқуққои муҳимтарини ҳар як фард ба ҳисоб меравад ва бешак ба рушди ҷисмонию маънавии шахсият мусоидат менамояд, аз ин рӯ кӯдакон низ ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ доранд. Дар моддаи 16-и Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ кафолат дода шудааст, ки дар гуфта мешавад: “Ягон кӯдак наметавонад объекти дахолати худсарона ё ғайриқонунӣ дар татбиқи ҳуқуққои ӯ ба ҳаёти шахсӣ, ҳаёти оилавӣ, дахолатнопазирии манзил, ё сирри мукотибот, ё дахолати ғайриқонунӣ ба шаъну шараф ва эътибори ӯ бошад. Кӯдак ба ҳимояи қонун аз чунин дахолат ва қасд ҳуқуқ дорад”.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, ки роҳи эътироф ва кафолати давлатии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, арзиши олӣ эътироф намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро пеш гирифтааст, дар ин раванд ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусиро низ дар қонунан мустаҳкам намуда, вобаста ба ин ҳуқуқ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррароти меъёрӣ пешбинӣ намудааст.

Вобаста ба мафҳуми ҳаёти хусусӣ ақидаи ягона вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз вобаста ба мафҳуми ҳаёти хусусӣ нуқтаҳои назари гуногун вуҷуд дорад. Ҳамаи маълумотҳо ҳаёти хусусии инсонро ташкил медиҳанд, ба истиснои он маълумотҳое, ки инсон худ онҳоро ба дигарон паҳн намудааст, агар бо қонунгузории ҶТ дар мухолифат набошанд.

Ба андешаи Қ.Б. Қурбонов ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ дар низоми ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ мавқеи асосиро ишғол намуда, бо дигар ҳуқуққо асоси вазъи ҳуқуқии шахсиятро ташкил медиҳанд. Ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ ин имконияти ҳар як инсон новобаста ба дигар субъектон дар анҷом додани интихоби ҳамаҷонибаи самт ва тарзи рафтор дар ҷомеа мебошад.

Красавчикова Л.О. барои ошкор намудани паҳлуҳои зерини ҳаёти хусусиро пешниҳод намудааст: 1) “паҳлуи маҳрамона” (муайян кардани шахсияти инсон, масалан одат); 2) “паҳлуи оилавӣ” (муносибат дар оила); 3) “паҳлуи ташкилӣ” (муайян кардани реҷаи рӯз, шакл ва макони таҳсил ва монанди инҳо); 4) “паҳлуи тандурустӣ” (ифодакунандаи вазъи саломатии инсон); 5) “паҳлуи вақти холигӣ” (истироҳат, сайёҳат); 6) “паҳлуи робитавӣ” (шакли ғайрирасмии алоқа бо рафиқон, дӯстдошта ва монанди инҳо).

Ҳамин тавр, ҳамаи доираи муносибатҳои оилавӣ, алоқаҳои хешутаборӣ ва дӯстона, маҳрамият ва дигар муносибатҳои шахсӣ, дилбастагӣ, майл ва шавқу рағбат мафҳуми дахлнопазирии ҳаёти хусуиро дар бар мегирад. Ҳамчунин тарзи фикру ақида, саргармӣ, эҷодиёт ба доираи ҳаёти хусусӣ дохил мешавад.

Паҳлуҳои зерини ҳаёти хусусиии шахсони воқеиро ҷудо кардан мумкин аст: 1) доираи ғайриоддии муошират. Инсон мустақилона муайян мекунад, ки бо кадом шахсон муошират ва бо кадом шахсон алоқаашро қатъ намояд (шахсони воқеиро барои дустӣ кардан ба инсони дигар маҷбур имконнопазир аст); 2) алоқа (муошират)-и маҷбурӣ. Дар ҳаёт баъзе ҳолатҳое ба вуқуъ омадан аз имкон берун нест, ки шахсони воқеӣ бояд маълумотеро ки ба ҳаёти хусусии вай тааллуқ дорад, барои шахси муайян ошкор намояд, дар акси ҳол ба мушкилоти гуногун метавонад дучор гардад. Ин маълумот ба мафҳуми “сир” ифода карда мешаванд, ки доираи шахсоне, ки имконияти дастрасии маълумоти фарогирандаи ҳаёти

хусусии инсонро доранд, тибқи қонунгузорӣ уҳдадоранд, ки ин маълумотро махфӣ нигоҳ доранд. Ба ин категорияи шахсон духтур, адвокат, нотариусони давлатӣ, кормандони мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва ғайра дохил шуда метавонанд; 3) Ҷаҳони ботинии инсон: фикр, ақида, боварӣ, тарзи зинадагӣ, маишат, шавқу рағбат, маҳрамият, хислат, одат ва ғайра; 4) алоқаҳои оилавӣ (асосан дараҷаи наздикии байни хешовандон, ҷаҳони ботинии ҳар як аъзои оила, таълими фарзандон ва муошират бо онҳо).

В. М. Баранов чунин хусусиятҳои ҳаёти хусусиро ҷудо менамояд: 1) ҳаёти хусусӣ-унсури дахлнопазир ва ҳатмии ҷомеаи шаҳрвандӣ аст; 2) ҳаёти хусусӣ – маҷмуи шакл ва намудҳои ҳаёти маънавӣ ва ҷисмонии шахс мебошад, ки онро шахс худаш муқаррар, танзим, назорат ва мустақилона дарҷаи ошкоро будани онро пешбинӣ менамояд; 3) субъекти ҳуқуқ ба дахлнопазирӣ ва ҳимоякунандаи ҳаёти хусусӣ танҳо шахсони дорои дарки қобилияти амали худ, аз ҷиҳати вазъи саломатӣ ва равонӣ солим, инчунин ноболиғон ба ҳисоб мераванд; 4) ҳаёти хусусии шахси воқеӣ дар ягон ҳолат мавриди мавзуи танзими ҳуқуқӣ ва дахолати давлат шуда наметавонад; 5) ҳаёти хусусӣ аз хислати психологии шахси алоҳида, маълумот, алоқаҳои иҷтимоӣ, одат ва анъанаҳо вобаста аст; 6) ҳаёти хусусӣ – тартиби оддии ифодаи ҳуқуқӣ набуда, балки хусусияти динамикӣ ва низоми иҷтимоӣ дорад; 7) ҳимояи қонунии ҳаёти хусусӣ ва худмуҳофизатӣ – асоси муътадилии доираи ҳаёти хусусӣ мебошад.

Вобаста ба усули ҳимоя чунин паҳлуҳои ҳаёти хусусиро ҷудо кардан мумкин аст: а) паҳлуи ҳаёти хусусӣ, ки инсон худ мустақилона аз дахолати бегона ҳиоя менамояд; б) паҳлуи ҳаёти хусусӣ, ки давлат дар зери ҳимояи худ қарор медиҳад.

Ҳаёти хусусӣ ҳамчун соҳаи муайяни ҷисмонӣ ва маънавӣ мебошад, ки ҷаҳони ботинии инсон аз ҷониби худи инсон ва ё ҳуқуқ ба низом дароварда мешавад. Ҳудудҳои ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусиро метавон ба чор гурӯҳ ҷудо намуд: а) дахлнопазирии ҷисмонӣ ва равонии инсон; б) ҳудудҳои иттилоотӣ; в) ҳудуди робитавӣ; г) ҳудуди дахлнопазирӣ.

Маълумоте вуҷуд доранд, ки онҳо ҳарчанд маълумоти ҳаёти хусусии шахси воқеиро ташкил диҳанд ҳам, аммо ҳамчун ҳаёти хусусӣ дахлнопазир эътироф карда намешаванд. Ба ин маълумот инҳо дохил мешаванд: 1) амалҳои ҷиноятқорона; амалҳои ҷиноятқорона ба доираи ҳаёти шахсии шаҳрванд дохил нагардида, аз тарафи қонун мавриди ҳифз қарор дода намешавад; 2) ҳама гуна амал (беамалӣ)-и ғайриқонунӣ шахс, ки ба вайрон кардани тартиботи муқаррарнамуда равона шудаанд; 3) муносибат байниҳамдигарии саҳмдорон ва бо ҷамъияти саҳомӣ дар алоқамандӣ бо коғазҳои қимматнок, ҳадди ақали саҳмияҳо, ки хислати ҳуҷҷатӣ доранд; 4) рақами мушаххаси андозсупоранда; ин рақам вазъияти молумулкӣ, ҳолати зиндагӣ, вазъияти оилавӣ ва дигар паҳлуҳои ҳаёти хусусии шахсро ошкор карда наметавонана., аз ин лиҳоз ба маълумотҳои фарогирандаи ҳаёти хусусии инсонро ташкил намедиҳад; 5) маълумоте, ки аз тарафи шахси воқеӣ ё бо ризоияти он дар воситаҳои ахбори омма ба таври оммавӣ паҳн карда шудаанд.

Ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ – ин ҳуқуқи субъективии маданӣ ба ҳисоб рафта, аз маҷмуи кафолатҳои давлатие иборат мебошад, ки ба инсон имконият медиҳад, маълумот оид ба ҳаёти худро танзим намоянд ва он фарогирандаи маълумоти шахсию оилавӣ аст. Дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ маънои онро дорад, ки он маълумотҳое, ки қонун ба ҳаёти шахсӣ ва оилавии шахс дохил намудааст, ҳамчунин шахс дастрасии онҳоро ба шахсони ғайр қабул намедорад, дахлнопазир мебошанд.

Ҳаёти хусусӣ соҳаи махсуси фаъолияти ҳаётии инсон аст, ки аз ҷониби худи инсон мувофиқи эътиқоди ботинии ӯ назорат карда шуда, мақсадаш қонеъ гардонидани талабҳои шахсии ӯ аст.

Ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ мафҳуми содда набуда, балки аз маҷмуи имкониятҳои васеъ иборат мебошад, ки дахлнопазирии манзил, ҳуқуқ ба эҳтироми ҳаёти хусусӣ ва сири он, маълумот оид ба вазъи молумулкии шахс, озодии интихоби маҳалли зист, ҳаҳарамияти мукотибот, суҳбатҳои телефонӣ, мухобирот ва муросилоти шахс, ҳуқуқ ба эҳтироми шаъну шараф ва эъибори корӣ; ҳуқуқ ба оила ва ғайраро фарогир аст.

Ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусӣ ҳамчунин як қаттор маълумотҳоеро дар бар мегирад, ки ба як тараф сирри шахсӣ барои доираи шахсони дигар “сирри касбӣ”, ки ин маълумотҳои ба доираи муайяни шахсон вобаста ба иҷрои ваколатҳои мансабӣ бо боварӣ ошкор карда шудаанд ва қонун ин гурӯҳи шахсонро уҳдадор менамояд, ки ин маълумотҳоро ҳифз намоянд. Доираи чунин маълумот, аз ҷумла сирри бонкӣ; сирри фарзандхондӣ; сирри тиббӣ; сирри нотариалӣ; сирри адвокатӣ; сирри журналистӣ (махфияти сарчашмаи маълумот) ва монанди инҳо сири касбӣ эътироф карда мешаванд.

Мавриди ба зикр аст, ки танзими ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар баробари аҳаммияти назариявӣ доштан, инчунин аҳаммияти амалӣ низ доранд. Танзими баъзан ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар заминаи амалияти мавҷудаи танзимталаби мамлакат анҷом дода шудааст. Масалан, солҳои зиёд масъалаи гирифтани розигӣ барои ба хориҷа рафтани фарзандони ноболиғ гирифта мешуд. Аммо, шаклу талабот барои гирифтани чунин розигӣ дар қонунгузории мамлакат вуҷуд надошт ва дар мамлакатҳои хориҷӣ ин масъаларо талаб менамуданд. Бо ҳамин назардошт, масъалаи мазкур бо қабули Кодекси маданӣ дар қисмати танзими ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ҳалли худро пайдо намуд. Дар асоси қисми 3 моддаи 252 Кодекси маданӣ “шахси воқеие, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидааст, танҳо бо розигии падару модар ё шахсони дигари ивазкунандаи онҳо ва ҳамроҳи онҳо ё шахси дигари ваколатдорнамудаи онҳо ҳуқуқ ба тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба онро дорад”. Аз муқаррароти меъёри зикршуда якчанд нуқтаи муҳимро муайян кардан имконпазир аст: а) чунин розигӣ барои ноболиғони ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасида талаб карда мешавад. Яъне чунин розигӣ барои шахсоне, ки вобаста ба кам кардани синни никоҳӣ ва эмансипатсия дорои қоблияти амаликунии пурраро соҳиб гардидаанд, зарур мебошад, зеро дар меъёри мазкур ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасиданро муайян кардааст, на ин ки шахсони дорои қобилияти пурраи амал набуда; б) барои татбиқи ҳуқуқ ба тарки ҷумҳурӣ тавассути гирифтани розигии намояндаи қонунӣ мавҷудияти таркиби ҳуқуқӣ – гирифтани розигӣ ва бо ҳамроҳи шахсони муайян тарк намудани ҷумҳурӣ зарур аст. Муқарароти қисми 3 моддаи 452 Кодекси маданӣ ба таври ҳатмӣ бо ҳамроҳи субъекти муайян (волидайн ё шахси дигари ваколатдоршуда) ҳуқуқи тарки ҷумҳуриро ба шахсони воқеии ба синни ҳаждаҳ нарасида додааст. Қоидаи мазкур аз он бармеояд, ки дар қисми 3 моддаи 252 Кодекси маданӣ ибораи “ва ҳамроҳи...” истифода шудааст, ки маънои ҳам мавҷуд будани розигӣ ва ҳам шахси ҳамроҳикунандаро барои ҷумҳуриро тарк намудани ноболиғ дорад. Яъне новобаста аз мавҷуд будани розигии падар ва модар ё шахсони ивазкунадаҳои волидайн, ноболиғ мустақилона (бе шахси ҳамроҳикунанда) ҳуқуқи тарк намудани ҷумҳуриро надорад.

Ҳамзамон, дар амалия баъзан мураккабиҳо дар заминаи татбиқи ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил дар пасманзари мавҷуд набудани манзили истиқоматӣ ҳамчун объекти дахлнопазир ба вуҷуд меомад. Дар амалия баъзан ҳолатҳо шахсони воқеӣ ворид шудан ба ҳудуди хонаи истиқоматиро новобаста аз ворид шудан ба манзили истиқоматӣ вайрон намудани дахлнопазирии манзил меҳисобиданд. Аммо, бо сабабе, ки дар қонунгузории маданӣ мушаххас доираи молу мулкро ҳамчун объекти дахлнопазирии манзилӣ муайян накарда буд, баҳсҳо ба вуҷуд меомад. Дар моддаи 253 Кодекси маданӣ ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил кафолат дода шуда, дар он мафҳуми манзил муайян гардидааст. Тибқи муқарароти қисми 2 моддаи мазкур “агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад, таҳти мафҳуми манзил дар муносибатҳои маданӣ хонаи истиқоматӣ бо биноҳои инфиродии муайян ва иморату қисматҳои истифодабарии ёрирасон, новобаста ба шакли моликият ва ба фонди манзил дохилшаванда, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ мувофиқ аст, ҳамчунин дигар бино ё иншооти ба фонди манзил дохилнашаванда, вале барои истиқомати муваққатӣ таъингардида ва ҳудуди назди хона, ба шарте бо ягон аломат мансубияти он баръало маълум бошад, фаҳмида мешавад”. Бояд қайд кард, ки мафҳуми зикршуда дар доираи объекти дахлнопазир будани манзил пешбинӣ гардидааст. Мафҳуми зикршуда мафҳуми манзилро ҳамчун объекти дахлнопазир

ба таври васеъ муайян намудааст, иншоотҳои ёрирасон, объектҳои ба фонди манзил дохилнашавандаи дорои таъиноти истиқомати муваққатӣ, инчунин ҳудуди назди хона (агар бо аломатҳои мушаххас дақиқ бошад) дохил мешаванд. Аз ҷумла доираи ин меъёр минбаъд вагонҳо барои истиқоматӣ истифодашаванда ҳамчун манзил дахлнопазир эътироф мегарданд.

Моҳияти дахлнопазир эътироф намудани манзил ин таъмини ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҳаёти хусусии шахсони воқеӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, ҳангоми дар манзил муддати дароз истиқомат накардани ягон шахси воқеӣ ва ворид шудани ягон шахси бегона ба онро вайрон намудани дахлнопазирии манзил эътироф кардан нодуруст мебошад.

Мақсади асосии ҳуқуқии маданӣ дар қисмати танзими ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумкӣ ин ҳимояи ин ҳуқуқҳо ба ҳисоб меравад. Дар Кодекси маданӣ меъёру қоидаҳо доир ба ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ муқаррар шудааст.

Шахси воқеӣ ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро аз ҳама гуна дахолати зиддиҳуқуқӣ ҳимоя карда метавонад (қисми 1 моддаи 229 Кодекси маданӣ). Ҳимояи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ бо тарзҳои умумии ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ ва тарзҳои махсус амалӣ карда мешавад. Ҳуқуҳқои шахсии ғайримолумулкӣ дар ҳолатҳо ва бо тартиби муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва қонунҳои дигар то он ҳадде ҳимоя мешаванд, ки истифодаи тарзҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ (моддаи 11 Кодекси маданӣ) аз моҳияти ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкии вайронгардида ва хусусияти оқибатҳои ин вайронкунӣ бармеояд.

Ҳамзамон, дар ҳолатҳое, ки манфиати шахси воқеӣ талаб менамояд, ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ бо тартиби судӣ дар шаклҳои зерин метавонад ҳимоя карда шаванд: 1) бо роіи эътирофи ҳолати вайроншавии ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ; 2) пешгирӣ ё манъи амалҳое, ки ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро вайрон мекунанд ва ё барои вайронкунӣ таҳдид мекунанд.

Бояд қайд намуд, ки яке аз хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ барои вайрон кардани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ин новобаста аз гуноҳи зараррасон ҷуброн кардани зарари расондашуда мебошад, яъне ҳуқуқи шахсии ғайримолумулкӣ, сарфи назар аз гуноҳи шахси вайроннамудаи ҳуқуқ, ҳимоя карда мешавад. Қоидаи мазкур дар қисми 5 моддаи 229 ва қисми 2 моддаи 1225 Кодекси маданӣ мустаҳкам шудааст.

Таҳлили Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар он ба ду гурӯҳ ҷудо карда шудааст: а) ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкие, ки маҷудияти табиии инсонро муайян мекунад ва б) ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкие, ки мавҷудияти иҷтимоии инсонро муайян мекунад.

1) Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкие, ки мавҷудияти табиии шахси воқеиро дар муносибатҳои маданӣ таъмин мекунанд. Ба ин гуруҳ ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқ ба саломатӣ, ҳуқуқ ба рафъи хавфе, ки ба ҳаёт ва саломатӣ таҳдид мекунад, ҳуқуқ ба ёрии тиббӣ, ҳуқуқ ба иттилоот оид ба вазъи саломатӣ, ҳуқуқ ба озодӣ, ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсият, ҳуқуқ ба донор, ҳуқуқ ба оила, ҳуқуқ ба муҳити зисти барои ҳаёт ва саломатӣ бехатар мансуб мебошанд.

2) Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкие, ки мавҷудияти иҷтимоии шахси воқеиро дар муносибатҳои маданӣ таъмин мекунанд. Ба ин гуруҳ ҳуқуқ ба ном, ҳуқуқ ба эҳтироми шаъну шараф ва эътибори корӣ, эҳтироми шахси фавтида, ҳуқуқ ба фардият, ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ ва сирри он, ҳуқуқ ба иттилоот, ҳуқуқ ба сабти шахсӣ, ҳуқуқ маҳрамияти мукотиба, сӯҳбатҳои телефонӣ, муросилот ва мухобироти дигар, ҳуқуқ ба тасвир, ҳуқуқ ба озодии эҷодиёт, ҳуқуқ ба маҳалли истиқоматӣ ва озодии мусофират, ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил, ҳуқуқ ба интихоби касбу кор дохил мешаванд.

Тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси воқеӣ ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиашро мустақилона амалӣ мекунад. Ба манфиати ноболиғон, инчунин болиғоне, ки бо сабаби вазъи саломатӣ наметавонанд ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии худро мустақилона амалӣ намоянд, падару модар ё

намояндагони дигари қонунӣ ҳуқуққои онҳоро амалӣ месозанд. Дар ҳолатҳо ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкии шахси вафоткардаро хешовандони наздик ва шахсони дигари ваколатдорнамудаи онҳо амалӣ ва ҳимоя карда метавонанд. Агар аз қонунҳо тартиби дигар барнаояд, таҳти мафҳуми хешовандони наздик падару модар, ҳамсар, фарзандон, бародару хоҳар, бобою бибӣ ва набераҳо фаҳмида мешавад.

Дар натиҷаи таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ вобаста ба эътирофи ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст:

Ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ хусусияти конститутсионӣ дошта, пеш аз ҳама дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ буда, меъёрҳои он мустақиман амал мекунад мустаҳкам карда шудааст.

Қабули Кодекси нави мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳси тааллуқ надоштани ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкиро, ки байни олимон вобаста ба предмети ҳуқуқи маданӣ дахл доштан ё надоштани он ҳал кард. Зеро бо муқаррар намудани фасли алоҳида ва меъёрҳои мушаххас вобаста ба ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ дар низоми ҳуқуқи маданӣ замина фароҳам меорад, ҷиҳати рушду инкишофёбии ин ҳуқуққо дар баробари дигар ҳуқуққои маданӣ.

Ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ дар низоми дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ мустаҳкам карда шудааст ва оиди ҳимояи паҳлӯҳои гуногуни қариб дар аксар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ меъёрҳои дахлдор пешбинӣ карда шудааст. Масалан, муқаррарнамоӣ ва эътирофи ин ҳуқуққоро мо дар Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ, Кодекси мурофиаи гражданӣ, Кодекси тандурустӣ, Кодекси манзил, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дида метавонем.

Муқаррар намудани ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онро ҷиҳати таъмини амалӣ гардидани онҳо вазифадор менамояд. Мақомоти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии худидоракунӣ дар доираи ваколаташон амалисозии ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкии шахсони воқеиро таъмин мекунанд. Мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, шахсони мансабдори онҳо, шахсони ҳуқуқӣ, кормандони он ва шахсони дигар, ки фаъолияти касбиашон ба ҳуқуққои шахсони воқеӣ алоқаманд аст, уҳдадоранд аз амал ва ё беамалие, ки ба вайронкунии ин ҳуқуққо оварда мерасонанд, худдорӣ намоянд. Фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ набояд ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкиро вайрон кунанд.

АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.
2. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми 1) аз 24 декабри соли 2022, №1918 [Нусхаи электронӣ] // Адлия: Махзани муттамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нусхаи 7.0/ М-адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. 1 электронӣ.
3. Агарков, М.М. Избранные труды по гражданскому праву /М.М. Агарков. - Москва: Статут, 2006. - 536 с.
4. Александров Н.Г. Законность и правоотношения в советском обществе / Н.Г. Александров - Москва: Госюриздат, 1955. - 176.
5. Александров, Н. Г. Юридическая норма и правоотношение / Н. Г. Александров. – Москва: Юриздат, 1947.
6. Бобоҷонзода И.Ҳ. Рушди илми маданӣ баъд аз қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуаи маводи 2 –юмин конференсияи илмӣ амалии байналмилалӣ дар мавзӯи “Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он” бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (ш.Душанбе, 29 апрели соли 2023) // Зери таҳрири д.и.ҳ., дотсент Ф.Р. Шарифзода. – Душанбе: Матбаи ВКД ҶТ, 2023. – С. 18.
7. Братусь, С.Н. Субъекты гражданского права / С. Н. Братусь. - Москва :Госюриздат, 1950. - 367 с.
8. Соҳибзода М.М., Шерзода Б.С. Падидаҳои нави ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон / Зери таҳрири профессор Ғаюрзода Ш.К. –

ҲУҚУҚҲОИ ШАХСИИ ҒАЙРИМОЛУМУЛКӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МУШАХХАСНАМОӢ ВА КАФОЛАТДИҲӢ

Мақолаи мазкур ба масъалаи ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Муаллиф бо дарназардошти таҳлили адабиёти илмӣ, қонунгузорӣ ва маводҳои дигар мавзуи мазкурро мавриди омӯзиш қарор дода нуқтаҳои лозимиро низ пешниҳод намудааст. Воқеан яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи имрӯза амалисозии ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, давоми солҳои охир падидаи мазкур низ дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ мушкилотҳои дахлдорро ба вуҷуд оварда муҳим ба ҳисоб меравад.

Калидвожаҳо: ҳуқуқи маданӣ; қонунгузорӣ; ҳуқуққои молу мулкӣ; ҳуқуққои шахсии ғайримолумулкӣ; адабиёти илмӣ; ҳуқуқ ба ҳаёт; ҳуқуққои субъективӣ.

ЛИЧНЫЕ НЕИМУЩЕСТВЕННЫЕ ПРАВА В ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: УТОЧНЕНИЕ И ГАРАНТИРОВАНИЕ

Данная статья посвящена вопросам личных неимущественных прав в законодательстве Республики Таджикистан и представлена как объект анализа. Автор, на основе изучения научной литературы, законодательства и других материалов по данной теме, представил также необходимые выводы. Вместе с тем следует отметить, что одним из актуальных вопросов современности является реализация личных неимущественных прав в Республике Таджикистан, и в последние годы данное явление в правоприменительной практике вызывает определённые трудности, что считается важным..

Ключевые слова: культурные права; законодательство; права собственности; личные неимущественные права; научная литература; право на жизнь; субъективные права.

PERSONAL NON – PROPERTY RIGHTS IN THE LEGISLATION AND OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article is devoted to the issues of personal non-property rights in the legislation of the Republic of Tajikistan and is presented as a subject of analysis. The author, based on the study of academic literature, legislation, and other materials on this topic, has also provided the necessary conclusions. At the same time, it should be noted that one of the pressing issues of our time is the implementation of personal non-property rights in the Republic of Tajikistan, and in recent years this phenomenon has caused certain difficulties in law enforcement practice, which is considered significant.

Keywords: cultural rights; legislation; property rights; personal non-property rights; scientific literature; right to life; subjective rights.

Маълумот дар бораи муаллиф: Одилова Малика Абдуллоҷоновна– Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторе: Одилова Малика Абдуллочоновна – Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the author: Odilova Malika Abdullojonovna – Tajik National University, Master's student of the Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 17.

ПОНЯТИЕ И СОДЕРЖАНИЕ ТРУДОВЫХ ПРАВ И ОБЯЗАННОСТЕЙ ЖЕНЩИН В СИСТЕМЕ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА

Охунова С. М.
Таджикский национальный университет

В XXI веке мировое сообщество развивается в условиях глобализации социально-экономических процессов, трансформации рынка труда и усиления роли человеческого капитала. В этих условиях особую значимость приобретают вопросы реализации трудовых прав человека, обеспечения равного доступа к занятости, справедливых условий труда и социальной защищенности. В контексте данных процессов особое внимание уделяется положению женщин на рынке труда, их трудовым правам и обязанностям, а также реальным механизмам обеспечения гендерного равенства в сфере занятости. В условиях формирования демократического правового государства и социально ориентированной экономики объективно возрастает необходимость полного и равноправного участия женщин в трудовой деятельности, в том числе в сфере государственного управления, предпринимательства и инновационного развития.

Трудовая деятельность женщин выступает важнейшим фактором социально-экономического развития государства, снижения уровня бедности и обеспечения устойчивого роста.

В Республике Таджикистан принцип равноправия мужчин и женщин закреплён в статье 17 Конституции Республики Таджикистан и получил развитие в трудовом, семейном и социальном законодательстве [1]. Государство ратифицировало ряд международных договоров в области прав человека, включая Конвенцию о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин (CEDAW)[2], а также придерживается положений Пекинской декларации и Платформы действий. В Трудовом кодексе Республики Таджикистан[3].предусмотрены специальные гарантии охраны труда женщин, нормы, направленные на защиту материнства, а также запреты дискриминации в сфере труда.

Вместе с тем, несмотря на наличие разветвлённой нормативно-правовой базы, практика свидетельствует о значительном разрыве между формальным равенством и фактической реализацией трудовых прав женщин. Женщины в Республике Таджикистан сталкиваются с ограниченным доступом к высокооплачиваемым рабочим местам, управленческим должностям, устойчивой занятости, а также с проблемами неформальной занятости, двойной трудовой нагрузки и гендерной сегрегации рынка труда.

Существенное влияние на положение женщин в сфере труда оказывают социально-культурные и экономические факторы, включая патриархальные стереотипы, трудовую миграцию мужчин, а также рост неформального сектора экономики. В условиях длительной внешней трудовой миграции мужчин на женщин ложится не только основная ответственность за ведение домашнего хозяйства и воспитание детей, но и обязанность обеспечения экономического выживания семьи, что усиливает их трудовую нагрузку и снижает уровень социальной защищенности.

Особую актуальность приобретает исследование трудовых прав и обязанностей женщин в условиях трансформации трудовых отношений, роста женской занятости в уязвимых секторах экономики, а также расширения женской трудовой миграции. При этом проблемы дискриминации при приеме на работу, ограничения карьерного роста, несоразмерной оплаты труда и нарушения трудовых гарантий остаются недостаточно изученными в национальной научной литературе.

Таким образом, актуальность темы исследования обусловлена необходимостью комплексного анализа особенностей правового регулирования труда женщин в Республике Таджикистан, выявления противоречий между законодательными нормами и практикой их реализации, а также разработки рекомендаций по совершенствованию государственной политики в сфере обеспечения трудовых прав женщин.

Степень научной разработанности проблемы.

Проблематика трудовых прав женщин и их социально-правового статуса имеет глубокие теоретические корни и развивалась в рамках философских, социологических и правовых концепций. Теоретической основой исследования являются труды представителей классической философии (Аристотель, Платон) [4], теории прав человека и демократии (Ж.-Ж. Руссо, И. Кант) [5], концепции равноправия полов (Дж. Ст. Милль), а также социологические теории К. Маркса [6] , Ф.Энгельса [7], Э. Дюркгейма [8], Т. Парсонса [9], П. Сорокина [10], П. Бурдье и Э. Гидденса [11].

В современной науке вопросы трудовых прав женщин рассматриваются в рамках гендерных исследований, социологии труда и трудового права. Значительный вклад в изучение гендерных аспектов занятости внесли зарубежные и российские исследователи, анализирующие дискриминацию в сфере труда, гендерную сегрегацию рынка труда, неравенство в оплате труда и особенности женской занятости.

В Таджикистане исследования, посвящённые положению женщин, преимущественно сосредоточены на социальных, демографических и культурных аспектах, тогда как комплексный правовой анализ трудовых прав и обязанностей женщин остается недостаточно разработанным.

Имеющиеся эмпирические исследования носят фрагментарный характер и не всегда учитывают специфику национального трудового законодательства и практику его применения.

Философские или общенаучные категории выполняют одинаковые функции в разных отраслях знаний и в силу этого являются универсальными понятиями, несущими одинаковую смысловую нагрузку. В то же время, поскольку предмет каждой самостоятельной науки составляют специфические явления и процессы, постольку они требуют для своего обозначения и исследования применения понятий и категорий, учитывающих в своем содержании специфику предмета соответствующей отрасли знаний. Иначе говоря, для области каждой самостоятельной науки должно быть характерно наличие как общенаучных понятий и категорий, так и своих специальных категорий, конечное число которых с точностью заранее определить невозможно.

Категория защиты является универсальной общенаучной категорией, которой свойственны универсальные функции, имеющие, однако, специфическое проявление в содержании понятийных аппаратов, применяемых в сфере различных общественных наук.

Содержание понятия защиты как общенаучной категории предполагает, что им охватываются действия одного субъекта по созданию в отношении другого объекта или субъекта таких условий функционирования последнего, при которых его существование и развитие становятся возможными без наступления последствий, неблагоприятных для данного объекта-субъекта.

Категория правовой защиты, с одной стороны, представляет собой отраслевую разновидность общенаучной категории защиты, а с другой стороны, является элементом юридического понятийного аппарата, т.е. разновидностью юридических категорий, которые специфичны по своей природе, сущности и содержанию по отношению к общенаучным категориям. В силу этого понятие правовой защиты соотносится с категорией «защиты» как особенное с общим [12].

Особенностью действий, обозначаемых содержанием категории «правовой защиты», осуществляемой каким-либо субъектом, является фиксация возможности их совершения в диспозициях норм права. В этом смысле категория правовой защиты всегда обозначает некие действия, осуществляемые уполномоченным либо компетентным субъектом. В свою очередь нормы права обычнопредусматривают прямо или косвенно определенные варианты защиты абстрактного субъекта (персонально неопределенного лица) применительно к конкретным жизненным ситуациям, в которых начинает работать сам механизм правовой защиты, функционирующий в заранее и строго очерченных правом формах.

Таким образом, правовая защита как совокупность действий уполномоченного субъекта имеет как бы две формы своего бытия. Во-первых, это – статическое бытие правовой защиты, которое представляет собой зафиксированные в нормах права

возможности конкретных управомоченных субъектов по совершению действий, обеспечивающих нормальное существование и функционирование других, чаще всего персонально неопределенных, субъектов. Во- вторых, это - динамическое бытие защиты, которое предполагает совершение уполномоченным субъектом предусмотренных нормами права действий. Эти действия призваны устранить нарушения прав и интересов других субъектов при помощи применения к лицам, совершившим запрещенные действия или не совершившим необходимых действий, правовых мер, обеспечивающих их должное правомерное поведение. При этом действия, составляющие содержание динамического бытия правовой защиты, обычно определенным образом упорядочены в некий процесс или процедуру, которые завершаются восстановлением нарушенных прав и (или) применением установленных санкций к правонарушителям.

Совершенно очевидно, что при отсутствии норм права, обеспечивающих совершение такого рода действий управомоченным субъектом, феномен правовой защиты становится невозможным и сама защита переносится в сферу действия норм морали или других социальных норм [13].

Статическое бытие правовой защиты присутствует главным образом в нормах материального права; в свою очередь динамическое бытие правовой защиты, как правило, обеспечивается нормами процессуального или процедурного права. В оптимальном варианте нормы материального права должны предусматривать средства и меры правовой защиты, а нормы процессуального или процедурного права - порядок их применения. Выбор средств правовой защиты обычно осуществляется тем заинтересованным субъектом, который намеревается добиться реального осуществления своих прав и интересов, а применение правовых мер защиты всегда связано с реализацией уполномоченным субъектом своих властных полномочий, содержание которых образует принуждение к должному позитивному поведению лиц, совершивших противоправные действия или не совершивших необходимых действий.

Таким образом, несмотря на наличие развитой нормативно-правовой базы, обеспечивающей равенство прав мужчин и женщин, в Республике Таджикистан сохраняются значительные проблемы в сфере занятости, оплаты труда и карьерного роста женщин.

Основной причиной является не отсутствие законов, а их недостаточная реализация, а также влияние социально-культурных факторов. Для улучшения ситуации необходимы комплексные меры, включающие совершенствование механизмов контроля за соблюдением законодательства, развитие образовательных и экономических возможностей для женщин, а также изменение общественных стереотипов.

Проведённое комплексное исследование особенностей трудовых прав и обязанностей женщин в Республике Таджикистан позволяет сформулировать ряд научно обоснованных выводов, отражающих как теоретические, так и прикладные аспекты рассматриваемой проблематики.

В первую очередь следует отметить, что правовое регулирование труда женщин в Республике Таджикистан базируется на конституционном принципе равенства прав и свобод человека и гражданина независимо от пола. Конституционные положения конкретизируются в нормах трудового законодательства, прежде всего в Трудовом кодексе Республики Таджикистан, который закрепляет равенство работников, запрет дискриминации в сфере труда и систему специальных гарантий для женщин. Таким образом, национальная модель правового регулирования основывается на сочетании двух взаимосвязанных начал: принципа формального равенства и принципа социальной защиты, обусловленного объективными биологическими и социальными факторами.

Во-вторых, установлено, что трудовые права женщин в национальной правовой системе имеют двойственную природу. С одной стороны, женщины выступают как равноправные субъекты трудового права, обладающие общим набором трудовых прав и обязанностей наравне с мужчинами. С другой стороны, законодательство выделяет их в особую категорию субъектов, нуждающихся в дополнительной правовой защите, прежде всего в связи с реализацией репродуктивной функции и необходимостью обеспечения

охраны материнства и детства. Это проявляется в установлении специальных норм, регулирующих условия труда, режим рабочего времени, порядок предоставления отпусков и гарантии сохранения трудовых прав.

В-третьих, система специальных гарантий для женщин в трудовом праве Республики Таджикистан носит комплексный характер и охватывает различные элементы трудового правоотношения. К числу таких гарантий относятся запреты на привлечение к тяжелым, вредным и опасным видам работ, ограничения на применение ночного и сверхурочного труда, дополнительные гарантии при приёме на работу и увольнении, а также особый порядок предоставления отпусков по беременности и родам и по уходу за ребёнком. Данные нормы направлены на обеспечение не только биологической защиты женщины, но и на создание условий для совмещения трудовой и семейной функций.

В-четвёртых, важную роль в формировании национальной системы трудовых прав женщин играют международно-правовые стандарты. Республика Таджикистан, являясь участником ключевых международных договоров в сфере прав человека и трудовых отношений, включая Конвенцию о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин и конвенции Международной организации труда, имплементирует их положения в национальное законодательство. Международные нормы закрепляют принципы недискриминации, равенства возможностей и особой защиты материнства, что оказывает существенное влияние на развитие внутреннего трудового права.

В-пятых, анализ практики применения трудового законодательства позволяет сделать вывод о наличии определённых проблем в реализации закреплённых гарантий. Несмотря на развитую нормативную базу, сохраняются отдельные случаи скрытой дискриминации женщин при приёме на работу, ограниченного доступа к отдельным видам занятости, а также недостаточной эффективности контроля за соблюдением трудового законодательства. Кроме того, значимым фактором является сложность фактического обеспечения баланса между трудовой занятостью и семейными обязанностями женщин, особенно в условиях недостаточного развития инфраструктуры социальной поддержки.

В-шестых, исследование показывает необходимость дальнейшего совершенствования механизма правовой защиты трудовых прав женщин. Перспективными направлениями являются развитие гибких форм занятости (неполное рабочее время, дистанционная работа), усиление роли государственной инспекции труда, повышение эффективности правоприменительной практики, а также расширение мер социальной поддержки семей с детьми. Особое значение имеет укрепление института равных возможностей в сфере труда и развитие правовой культуры работодателей.

В-седьмых, следует подчеркнуть, что современная модель регулирования труда женщин в Республике Таджикистан представляет собой эволюционирующую систему, в которой происходит постепенный переход от преимущественно защитной (патерналистской) модели к более сбалансированной модели равных возможностей, учитывающей как необходимость социальной защиты, так и требования экономической эффективности и недискриминации.

Таким образом, можно заключить, что трудовые права и обязанности женщин в Республике Таджикистан представляют собой сложный комплекс правовых институтов, основанный на сочетании принципов равенства, социальной справедливости и специальной защиты. Их дальнейшее развитие должно быть направлено на укрепление гарантий реализации прав женщин, устранение фактического неравенства и гармонизацию национального законодательства с международными стандартами в сфере прав человека и труда.

ЛИТЕРАТУРЫ

1. Конституцсия РТ от 6 ноября 1994 года – Душанбе: Ирфон, 2016. – 64 с.
2. Конвенция о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин : принята резолюцией 34/180 Генеральной Ассамблеи ООН от 18 дек. 1979 г. // Организация Объединённых Наций.
3. Трудовой кодекс Республики Таджикистан : Закон Респ. Таджикистан от 23 июля 2016 г. № 1329 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2016. – № 7.
4. Аристотель. Политика // Сочинения : в 4 т. – М. : Мысль, 1983. – Т. 4.
5. Жан-Жак Руссо. Эмиль, или О воспитании. – М. : Педагогика, 1981.

6. Карл Маркс. Капитал. Критика политической экономии. – М. : Политиздат, 1983.
7. Фридрих Энгельс. Происхождение семьи, частной собственности и государства. – М. : Политиздат, 1985.
8. Эмиль Дюркгейм. О разделении общественного труда. – М. : Канон, 1996.
9. Талкотт Парсонс. Социальная система. – М. : Академический проект, 2002.
10. Питирим Сорокин. Социальная мобильность. – М. :Academia, 2005.
11. Пьер Бурдье. Социальное пространство: поля и практики. – М. : Институт экспериментальной социологии, 2005.
12. Теория государства и права / под ред. Н. И. Матузова, А. В. Малько. – М. :Юристъ, 2004. – С. 245.+
13. Теория государства и права / под ред. В. К. Бабаева. – М. :Юристъ, 2003. – С. 412.

МАФҲУМ ВА МУНДАРИҶАИ ҲУҚУҚ ВА МАСЪУЛИЯТҲОИ МЕҲНАТИИ ЗАНОН ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

Дар мақола ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ҳуқуқу уҳдадориҳои меҳнатии занон дар низоми ҳуқуқи инсон дар шароити ҷаҳонишавии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва тағйирёбии бозори меҳнат баррасӣ мегарданд. Ба татбиқи принсипи баробарии гендерӣ дар соҳаи шуғл, ки дар қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муқаррар шудааст, таваҷҷуҳи махсус дод амешавад. Кафолатҳои конститутсионӣ, меъёрҳои қонунгузории меҳнат ва стандартҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи занон, аз ҷумла Конвенсия оид ба барҳам додани ҳамаи шаклҳои табъиз нисбат ба занон таҳлил карда мешаванд. Норасоии байни баробарии расман эълоншуда ва вазъи воқеии занон дар бозори меҳнат қайд мегардад. Зарурати такмили минбаъдаи механизмҳои ҳифзи ҳуқуқи меҳнатии занон ва густариши иштироки онҳо дар рушди иҷтимоию иқтисодии давлат таъкид карда мешавад.

Калидвожаҳо: ҳуқуқи меҳнатӣ, занон, баробарии гендерӣ, бозори меҳнат, табъиз, ҳифзи иҷтимоӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқи байналмилалӣ.

ПОНЯТИЕ И СОДЕРЖАНИЕ ТРУДОВЫХ ПРАВ И ОБЯЗАННОСТЕЙ ЖЕНЩИН В СИСТЕМЕ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА

В статье рассматриваются теоретические и практические аспекты трудовых прав и обязанностей женщин в системе прав человека в условиях глобализации социально-экономических процессов и трансформации рынка труда. Особое внимание уделяется реализации принципа гендерного равенства в сфере занятости, закреплённого в национальном законодательстве Республики Таджикистан и международно-правовых актах. Анализируются конституционные гарантии, положения трудового законодательства, а также международные стандарты защиты прав женщин, включая Конвенцию о ликвидации всех форм дискриминации в отношении женщин. Отмечается наличие значительного разрыва между формально закреплённым равенством и фактическим положением женщин на рынке труда. Подчеркивается необходимость дальнейшего совершенствования механизмов обеспечения трудовых прав женщин, устранения дискриминационных практик и расширения их участия в социально-экономическом развитии государства.

Ключевые слова: трудовые права, женщины, гендерное равенство, рынок труда, дискриминация, социальная защита, Республика Таджикистан, международное право.

THE CONCEPT AND CONTENT OF WOMEN'S LABOR RIGHTS AND RESPONSIBILITIES IN THE HUMAN RIGHTS SYSTEM

The article examines the theoretical and practical aspects of women’s labor rights and obligations within the human rights system in the context of globalization of socio-economic processes and transformation of the labor market. Special attention is given to the implementation of the principle of gender equality in employment, as enshrined in the national legislation of the Republic of Tajikistan and in international legal instruments. The study analyzes constitutional guarantees, provisions of labor legislation, and international standards for the protection of women’s rights, including the Convention on the Elimination of All Forms of Discrimination against Women (CEDAW). It highlights the existing gap between formally declared equality and the actual situation of women in the labor market. The article emphasizes the need to further improve mechanisms for ensuring women’s labor rights, eliminate discriminatory practices, and expand women’s participation in socio-economic development.

Keywords: labor rights, women, gender equality, labor market, discrimination, social protection, Republic of Tajikistan, international law.

Маълумот дар бораи муаллиф: Охунова Сабрина Мирзосамиевна- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми самти "Танзими ҳуқуқии молия ва қарз" - и факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шаҳри Душанбе, хиебони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) 992222437

Сведения об авторе: Охунова Сабрина Мирзосамиевна - Таджикского национального университета, магистра 2 – курса направления «Правовое регулирование финансов и кредита» юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 992222437

Information about the author: Okhunova Sabrina Mirzosamievna - Tajik National University, 2nd-year graduate student in the field of "Legal Regulation of Finance and Credit" at the Law Faculty. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue,17. Phone: (+992) 992222437

ҶАҲОНИШАВӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

Раҳимзода Р. Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Давлатдорӣ ҳамчун низоми ташкили ҳокимият ва идоракунии ҷомеа ҳамеша бо тағйироти ҷаҳонӣ вобастагӣ дорад. Агар дар гузашта давлатҳо асосан дар доираи манфиатҳои миллӣ ва имкониятҳои дохилӣ фаъолият мекарданд, имрӯз онҳо маҷбур шудаанд бо талаботи иқтисоди ҷаҳонӣ, қонунҳои байналмилалӣ ва рақобати глобалӣ мутобиқ гарданд. Ин раванд барои баъзе кишварҳо имкониятҳои нав фароҳам оварда бошад, барои кишварҳои дигар мушкилоту таҳдидҳои зиёдеро ба вуҷуд овардааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун қисми ҷомеаи ҷаҳонӣ аз таъсири ҷаҳонишавӣ дар канор нест. Истиқлолияти давлатӣ, рушди иқтисоди бозорӣ, воридшавӣ ба созмонҳои байналмилалӣ ва истифодаи технологияҳои муосир нишон медиҳанд, ки ҷаҳонишавӣ дар рушди давлатдории миллӣ нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, омӯзиши таъсири ҷаҳонишавӣ ба давлатдорӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Ҷаҳонишавӣ, тавре мушоҳидаҳои солҳои охир нишон медиҳанд, паҳлуҳои ҳам мусбӣ ва ҳам манфӣ дорад. Ҷаҳонишавӣ, аз як тараф, барои якҷоя намудани захираҳои инсонӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, ташкилии давлатҳо дар ҳалли муштараки масоили ҳаётан муҳими глобалӣ (рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ, пешгирии хатари экологӣ, ҳалли масъалаи демографӣ, кумак ба кишварҳои суст тараққикарда, мубориза зидди терроризм, ҷиноятқории трансмиллӣ, таъмини сулҳу оромӣ дар ҷаҳон, тартиботи ҳуқуқии байналхалқӣ, паҳншавӣ ва истифодаи дастовардҳои инқилоби иттилоотӣ-технологӣ, ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, наздикшавии қонунгузорӣ ва низомҳои ҳуқуқии ҷаҳон ва ғ.) мусоидат мекунад. Табиист ки ҳалли масоили глобалии хаёти имрӯза бе фаъолияти муштараки давлатҳо, иттиҳодҳои байнидавлатӣ (Иттиҳоди Аврупо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва ғ.) имконнопазир аст. Як давлати ҷудогона аз уҳдаи ҳалли онҳо намебарояд. Масалан, нақши Иттиҳоди давлатҳои пасошуравӣ (ИДМ) дар ҳалли масъалаҳои мухталифи марбут ба ҳифзи сарҳад, равобити иқтисодиву фарҳангӣ, такмили қонунгузорӣ, ташкили меҳнати муҳоҷирон ва ғ. калон аст.

Аз тарафи дигар, ҷаҳонишавӣ боиси дар кишварҳои алоҳида паҳн гаштани анъанаҳои тамаддуни ба онҳо «бегона» (маслан, ғарбӣ), зери фишори ширкатҳои трансмиллӣ қарор гирифтани давлатҳо, алалхусус давлатҳои кӯчак, ҳалли масоили ҳаётан муҳим бо иштироки гурӯҳи хурди давлатҳои абалқудрат (бе ба инобат гирифтани манфиатҳои давлатҳои миллӣ), ба низоми ҳуқуқии давлатҳои алоҳида ворид гаштани анъанаҳои ҳуқуқии «бегона» ва ғ. мегардад.

Маҳз паҳлуи дуюми ҷаҳонишавӣ боиси пешниҳоди назарияи давлати миллӣ мегардад. Ҷонибдорони ин назария аз манфиатҳои давлати миллии хеш, истифодаи анъанаҳои давлатдории миллӣ (дар шароити таъсири анъанаҳои давлатдории «бегона»), тақвими соҳибихтиёрии давлати миллӣ пуштибонӣ мекунанд. Чунин коркард ва пешбарии назарияи давлати миллӣ бесабаб нест. Давлати миллӣ бояд тибқи анъанаҳои миллии ин ё он халқ, хусусиятҳои психология, менталитети халқ, шароити мушаххаси инкишофи давлат пешкаш шавад [8, с. 989].

Дар илми имрӯза ба масъалаи мафҳуму моҳияти ҷаҳонишавӣ диққати махсус дода мешавад. Ин бесабаб нест. Аз як тараф, ҷаҳонишавӣ - воқеияти имрӯзаи олам аст ва таҳлили ҳаматарафаро металабад. Аз тарафи дигар, ҷаҳонишавӣ ба фаъолияти давлатҳои муосир таъсири бевосита мерасонад, аз ҷумла боиси дигаргун шудани вазифаву функсияҳои давлатҳо гаштааст, зарурати шаклу усулҳои нави фаъолияти давлатиро талаб мекунад.

Аз ин хотир, барои омӯзиши таъсири ҷаҳонишавӣ ба фаъолияти давлатҳо аввало рӯшан намудани худи мафҳуми ҷаҳонишавӣ муҳим аст. Ҳоло назарияи ҷаҳонишавӣ ташаккул ёфтааст, ки «ҳамчун назарияи тамаддуни ягонаи олам, равандҳои воқеии ҳамгироии ҷаҳониро» ба инобат гирифта, зарурати ҳалли масъалаҳои глобалиро (ҳифзи табиат, таъмини сулҳ) дарк намуда, ду нуқтаи асосиро муқаррар мекунад: 1) «зарурати

маҳдуд намудани соҳибихтиёрии давлатӣ, ки мероси парокандагии феодалӣ эълон мешавад, таклифи тағйир додани мафҳуми давлат дар заминаи аз он берун намудани соҳибихтиёрӣ», 2) «ташкили «ҷомеаи кушод», «тартиботи нави ҷаҳонӣ» дар заминаи низоми ягонаи ҳуқуқҳо ва озодиҳо тибқи модели ғарбӣ». Ба ин назарияи ҷаҳонишавӣ ва тамаддуни ягонаи олам, ба ақидаи муаллиф, «таълимот оиди инкишофи тамаддунии раванди таърихӣ муқобил меистад».

Ба андешаи С.В. Поленина, ҷаҳонишавӣ - ин «раванди макроҷаҳонӣ, бисёрҷабҳа ва ихтилофноки афзуншвии умумият дар низомҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии ҷаҳон, як навъ падидаи объективист» [4, с. 103].

Тибқи хулосаи аксари муҳаққиқон, ҷаҳонишавӣ ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро гирифта, ба ташаккули ҷомеаи глобалӣ оварданаш мумкин аст, ки боиси аз байн рафтани хусусиятҳои миллӣ мегардад. Ба ақидаи, масалан, О.С. Звонарева, дар шароити имрӯза «тамаддуни ягонаи глобалӣ вуҷуд надорад, аммо тамоили ташаккули як навъ иттиҳоди глобалӣ мушоҳида мешавад» [2, с. 62-63].

Умуман, муҳаққиқони пасошуравӣ дар баробари ҷиҳатҳои мусбии ҷаҳонишавӣ, паҳлӯҳои манфии онро низ муайяну таҳлил мекунанд. Мафҳуми ҷаҳонишавӣ низ бо назардошти ҳамин хислати дутарафааш муайян мешавад. Масалан, Е.А. Юртаева моҳияти ҷаҳонишавиро чунин муайян мекунад: «тағйири мазмун ва доираи равандҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, ки дар натиҷаи он на танҳо сатҳи некӯаҳволии кишварҳои алоҳида баланд мешавад, балки бӯҳронҳои иқтисодии минтақавӣ низ вусъат меёбанд» [9, с. 63]. Муҳаққиқон фаъолияти давлатро бо назардошти ҳамин хислати дутарафаи ҷаҳонишавӣ муайян мекунанд. Масалан, В.Д. Перевалов ва С.С. Алексеев менависанд: «Проблемаҳои ба вуҷуд омада истодаи глобалии чи мусбӣ (бозори ҷаҳонӣ, инқилоби иттилоотӣ ва диг.) ва чи манфӣ (бӯҳрони энергетикӣ, захираи яроқи ядроӣ, терроризм ва диг.), тамоили навро ба миён меорад - ҳамкории давлатҳои мухталиф дар ҳалли ин проблемаҳо, инчунин наздикшавӣ, таъсири мутақобилаи фарҳангҳо ва халкҳо» [6, с. 52].

Дар адабиёти пасошӯравӣ ҳамчунин функсияи глобалии давлат таҳлил мегардад. Функсияи мазкур фаъолияти давлатро дар соҳаҳои экологӣ, демографӣ, истифодаи ашёи хом, кайҳон, технологияи ядроӣ, иттилоотӣ, дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва дигар соҳаҳои фаъолияти глобалии давлат, ки кулли тамаддунро фаро мегиранд, дар назар дорад [1, с. 185].

Дар назарияи давлати ҷаҳонӣ соҳибихтиёрии давлатӣ, худи андеша ва имкони давлати миллӣ зери танқид гирифта мешаванд. Тибқи ин назария, соҳибихтиёрии давлат хилофи соҳибихтиёрии халқ ва соҳибихтиёрии халқҳои ҷаҳон, ҷомеаи ҷаҳон аст, зидди афзалияти ҳуқуқи байналхалқист, ба равандҳои ҳамгироии давлатҳо халал мерасонад, мутлақгардонии ҳуқуқи миллат ба худмуайянсозӣ бошад, боиси вусъати ҷудоихоҳӣ мешавад ва мутлақгардонии соҳибихтиёрӣ заминаи ҳукмронии мустабидон мегардад. Баҳри химояи давлати ҷаҳонӣ асосҳои дигар низ истифода мешаванд: ҳимояи муштараки ҳуқуқҳои инсон чун принсипи ҳуқуқи байналхалқӣ, ташаккули амнияти минтақавӣ ва байналхалқӣ ва ғ.

Ин ва дигар андешаҳои ҷонибдорони назарияи давлати ҷаҳонӣ мавриди танқиди муҳаққиқон қарор гирифтаанд. Чунончи, Г.И. Тункин менависад, ки ақидаи давлати ҷаҳонӣ як навъ «хаёли назариявӣ аст, аз воқеият ҷудо аст», дар «адабиёти байналхалқии ҳуқуқӣ чун тамоили пешқадами афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ пешкаш мешавад», муқобилони ин ақида бошанд, ҳамчун «иртиҷоъпарастони аз ҳаёт қафомонда тавсиф мешаванд». Дар заминаи назарияи давлати ҷаҳонӣ, ба андешаи ӯ, кӯшиши «ба ташкилотҳои болои давлатӣ табдил додани ташкилотҳои байналхалқӣ ба харҷ дода мешавад». Ин назария, ба андешаи муаллиф, баҳри «манфиатҳои олигархияи трансмиллӣ ва давлатҳои дар ҷаҳони муосир нуфуздошта» пешбарӣ гашта, «асосҳои фаъолияти ташкилотҳои муосири байналхалқиро поймол мекунад», диққати халқҳоро аз ҳалли масъалаҳои рӯзмарраи ҳаёти байналхалқӣ дур месозад [7, с. 325].

М.Н. Марченко низ зидди назарияи давлати ҷаҳонӣ аст. Ба назари ӯ, ақидаи давлати ҷаҳонӣ воқеан космополитӣ буда, ҳанӯз дар Юнон ва Рими Қадим пайдо шуда, сипас асрҳои миёна, дар давраи Маорифпарварӣ инкишоф ёфта, замони капитализм чун назарияи

мукаммал истсифода мешавад. Ин назария аз қадим дар шакли ақидаи «шаҳрванди олам» инкишоф ёфтааст. Тибқи маълумоти М.Н. Марченко, ҳанӯз К. Маркс истифодаи бозори ҷаҳониро аз ҷониби буржуазия космополитӣ номида буд, В.И. Ленин бошад, баръакс, андешаи ба космополитӣ наздики бунёди «федератсияи ҷаҳонии кишварҳои коммунистиро» дар шакли «Штатҳои Муттаҳидаи олам» пешбарӣ мекунад. Баъди ҷанги дуюми ҷаҳон андешаҳои космополитӣ дар шакли ақидаҳои «давлати ҷаҳонӣ», «ҳукумати ҷаҳонӣ», «ҳуқуқи ҷаҳонӣ», «шаҳрвандии ҷаҳонӣ» истифода мешаванд. Дар шароити имрӯза бошад раванди ҷаҳонишавӣ, фаъолияти ширкатҳои трансмиллӣ, иттиҳодияҳои нави байнидавлатӣ, эътирофи зарурати ҳуқуқҳои инсон чун заминаи назарияи давлати ҷаҳонӣ истифода мешаванд [3, с. 6-9].

Беасосии назарияи давлати ҷаҳониро М.Н. Марченко бо далелҳои зерин исбот мекунад: 1) ба ташаккули давлати ҷаҳонӣ имрӯз ихтилофоти манфиатҳои миллӣ, иҷтимоӣ ва дигари байни халқҳо, ҳамчунин зиддияти байни глобалистҳо ва зиддиглобалистҳо, ҷонибдорон ва муқобилони давлати ҷаҳонӣ монеъ мешавад; 2) ихтилофоти байни динҳо, миллатҳо, тамаддунҳо низ пеши роҳи ташаккули онро мегирад; 3) зиддиятҳои байнидавлатӣ аз замони ташаккули давлатҳои Ғарб пайдо шуда, ҳоло вуҷуд доранд ва минбаъд низ мушоҳида мешаванд, масалан, дар шакли тазоди байни давлатҳои бою камбағал, байни худи давлатҳои абалқудрат баҳри ба манфиати хеш бештар тобеъ намудани раванди ҷаҳонишавӣ [3, с. 12-14] .

Ба андешаи мавсуф, ҳоло зиддияти давлатҳо пурра аз байн нарафтааст, баръакс, он соҳаҳои нав ба нави ҳаёти ҷомеаи башарро фаро мегирад: иқтисод, технология, молия. Ӯ дар мисоли ҷангҳо дар Корея (солҳои 1950-ум), Ветнам (солҳои 1970-ум), гулӯлаборонкунии Югославия (солҳои 1990-ум) аз ҷониби қувваҳои НАТО, ҷангҳо дар минтақаи халиҷи Форс (солҳои 1990-ум), ворид гаштани қувваҳои мусаллаҳи ИМА ва иттифоқчиёнаш ба хоки Афғонистон ва Ироқ, дигар ҷангҳои локаливу глобалӣ исбот мекунад, ки ихтилофоти давлатҳо ҳоло дар авҷ аст. М.Н. Марченко мисолҳои дигарро дар хусуси зиддияти манфиатҳои байни давлатҳои гуногун меорад, аз қабили кӯшиши ИМА дар бахши аз ҳам ҷудо намудани давлатҳои ба ном «мутамаддин» (ИМА ва диг.) ва «номутамаддин» (Кореяи Шимолӣ, Эрон, Ироқ), сотмони «девори бузурги яҳудӣ» байни яҳудиён ва фаластиниҳо (бо ташаббуси Изроил), таҷрибаи дахолати давлатҳо ба кори ҳамдигар, мубориза баҳри ҳуқуқҳои инсон дар кишварҳои алоҳида, пеш аз ҳама дар кишварҳое, ки тибқи сиёсати ИМА он ҷо гӯё ҳуқуқҳои инсон поймол мешаванд [3, с. 14-15].

М.Н. Марченко дар заминаи таҳлили адабиёти ғарбӣ ва ватанӣ (Л. Тавис, М.Н. Осмова ва диг.) таъкид мекунад, ки назарияи давлати ҷаҳонӣ бе назардошти омилҳои зерин пешкаш шудааст: а) ихтилофоти байни ширкатҳои трансмиллӣ, ки боиси нооромӣ дар ҷаҳон мешавад; б) зидияти байни ширкатҳои трансмиллӣ ва субъектҳои дигари хоҷагидорӣ; в) зиддияти байни ширкатҳои трансмиллӣ ва давлатҳои миллӣ, ки маҷбуранд функсияҳои иқтисодии худро бо ин ширкатҳо тақсим намоянд [3, с. 16].

Хулосаи умумии М.Н. Марченко чунин аст: назарияи давлати ҷаҳонӣ - ин як навъ кӯшиши бунёди «шаҳри Офтобӣ» дар миқёси тамоми курраи Замин, сипас … дар тамоми Коинот аст», ин назария «садди роҳи инкишофи афкори давлативу ҳуқуқӣ ва пешрафти ҷамъиятӣ аст» [3, с. 17].

Чунин аст мазмун ва ҳадафҳои назарияи давлати ҷаҳонӣ. Ин назария, тавре маълум гашт, ҷонибдорон ва муқобилони худро дорад.

Тарафдорони он бунёди давлати ҷаҳониро воқеӣ меҳисобанд. Заминаи чунин андешаро онҳо дар иртибот бо ҷаҳонишавӣ, иштироки муштараки давлатҳо дар ҳалли вазифаҳои глобалӣ, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар ҷаҳон, фаъолияти шаклҳои нави иттиҳоди байни давлатҳо, ширкатҳои абалқудрати иқтисодиву молиявии трансмиллӣ муайян мекунанд.

Муқобилони назарияи номбурда бошанд, баръакс, давлати ҷаҳониро ғайри воқеӣ мешуморанд. Онҳо низ, аз як тараф, воқеӣ будани ҷаҳонишавӣ, фаъолияти ширкатҳои трансмиллӣ, ташкили иттиҳодияҳои байнидавлатиро эътироф мекунанд. Аммо, аз тарафи дигар, аз соҳибихтиёрии миллӣ, давлати миллӣ, фарҳанги миллӣ, мустақилияти давлатӣ пуштибонӣ мекунанд.

Бояд гуфт, ки ихтилофи асосии байни ҷонибдорон ва муқобилони назарияи давлати ҷаҳонӣ атрофи маҳз масъалаҳои соҳибихтиёрӣ, манфиатҳои миллӣ, давлатдории миллӣ сурат мегирад. Илова ба ин, муқобилони давлати ҷаҳонӣ таҷрибаи ҷаҳониро, пеш аз ҳама зидияти байни давлатҳоро, итилофоти манфиатҳои миллӣ, динӣ, тамаддуниро ба асос мегиранд. Дар заминаи маҳз ҷангҳои минтақавию локалии имрӯза, сиёсати яктарафаи давлатҳои абалқудрат, фишори сохторҳои бузурги иқтисодиву молиявӣ ба давлатҳои кӯчак имкони бунёди давлати ҷаҳонӣ зери шубҳа гирифта мешавад.

Дар ҳақиқат дар замони имрӯза, аз як тараф, раванди ҷаҳонишавӣ бештар вусъат меёбад, ширкатҳои трансмиллӣ, шаклҳои нави иттиҳоди байни давлатҳо, фаъолияти муштараки давлатҳо ва сохторҳои ҷаҳонӣ баҳри ҳуқуқҳои инсон, ҳалли масъалаҳои глобалӣ (экологӣ, демографӣ, иқтисодӣ ва диг.) мушоҳида мешавад. Аммо, аз тарафи дигар, ягон давлат аз соҳибихтиёрии хеш ба фоидаи давлати ягонаи ҷаҳонӣ даст намекашад. Ҳар давлат, баръакс, баҳри мустақилии хеш мекӯшад, барои нигоҳ доштан ва истифодаи мероси фарҳанги миллӣ, анъанаҳои давлатдории миллӣ мекӯшад.

Илова ба ҳамаи ин, дар замони имрӯза фаъолияти халқҳо баҳри манфиатҳои миллӣ бештар вусъат ёфта истодааст. Сабаби ин раванд ҳамон ҷаҳонишавӣ аст, ки зимни он сохторҳои нав ташкилшудаи болои давлатӣ баҳри тобеъ намудани манфиатҳои миллӣ ба манфиатҳои хеш кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Яъне як навъ зиддият байни ҷаҳонишавӣ, ақидаи давлати ҷаҳонӣ ва фаъолияти рӯзафзун баҳри манфиатҳои миллӣ, пойдории давлати миллӣ ҳоло мушоҳида мешавад. Чунин аст зиддияти асосии ҷаҳони имрӯза.

Солҳои наздик ихтилофоти байни халқҳову давлатҳо ва тамаддунҳо ҳал намешавад, якбора аз байн намеравад. Минбаъд онҳо таъсири худро ба таҷрибаи ҷаҳонӣ хоҳанд расонид.

Дар чунин шароит табиист ки давлати ягонаи ҷаҳониро наметавон бунёд намуд. Дар ҳамин шароити вусъати ҷаҳонишавӣ ва даъватҳои қуввахои гуногуни сиёсиву мафкуравӣ дар хусуси даст кашидан аз соҳибитиёрӣ, анъанаҳои миллӣ, тафовути фарҳангӣ дар илм ва таҷрибаи сиёсӣ ақида ва назарияи давлати миллӣ пешкаш шудааст.

Тавре болотар қайд гардид, ақидаи давлати миллӣ бо назардошти анъанаҳои миллӣ, хусусиятҳои фарҳангиву тамаддунии ин ё он халқ пешкаш мешавад. Барои ҳамин ин назарияро миллӣ меноманд, пеш аз ҳама ба он хотир ки аз анъанаҳои давлатдории миллӣ, истифодаи мероси миллӣ, хусусиятҳои мафкураи халқ пуштибонӣ мекунад.

Ақидаи давлати миллӣ дар таҳлилҳои назариявии муҳаққиқони дигари Россия низ мушоҳида мешавад. Ҳамаи ин таҳлилҳо баҳри эҳёи ақидаи давлати миллӣ дар Россия равона гаштаанд. Ин акида аз манфиатҳои миллӣ дар шароити вусъати ҷаҳонишавӣ пуштибонӣ мекунад. Бар замми ин, тавре маълум гашт, ақидаи давлати миллӣ байни муҳаққиқони Россия истифодаи анъанаҳои давлатдории миллӣ ва фарҳанги миллиро талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, тибқи таҳлилҳои муҳаққиқони Россия, ақидаи «давлати рус» замони пасошӯравӣ аз нав эҳё гашта, дар баъзе ҳолатҳо бо ақидаи динӣ, аз ҷумла анъанаҳои православӣ алоқаманд карда мешавад.

Аммо дар адабиёт фикрҳои дигар низ мушоҳида мешаванд. Чунончи, тибқи андешаи В.П. Салников, С.В. Степашин, А.Г. Хабибулни, «ғояи русӣ» ҳануз асри XIX аз ҷониби муҳаққиқи рус В. Соловев асоснок гашта, айни ҳол аз нав эҳё мешавад. Аммо муаллифони номбурда муқобили кӯшишҳои хислати динӣ бахшидан ба ақидаи «давлати рус» мебошанд, чунки ин зайл кӯшишҳо, ба қавли онҳо, бештар замонҳои пеш, бо мақсади бо нуфузи дин (калисо) тақвият додани ҳокимияти дунявӣ ба харҷ дода мешуданд, дар шароити имрӯза бошад, (ба истиснои мамолики Шарқ) ақидаи «давлати миллӣ» ба «арзишҳои дунявӣ, умумиинсонӣ» такя мекунад. Хамзамон таъкид мешавад, ки давлатҳои муосир гуногундин мебошанд, аз ин хотир, масалан, «ақидаи давлати миллии Россияи муосир ба арзишҳои маънавии православӣ такя карда наметавонад, чунки қисми аҳолӣ мансуб ба дигар динҳоянд, қисми дигари аҳолӣ атеистанд, ё одамонанд, ки худро мансуби ягон дин намешуморанд» [5, с. 142-143].

Ба андешаи муаллифони зикргашта, «ақидаи миллӣ соф маънавӣ нест, чунки тибқи он ва дар заминаи принсипҳои он сиёсати хориҷӣ ва дохилии давлат амалӣ мешавад», чунончи, дар заминаи он самтҳои ин сиёсат аниқ мешаванд, «иттифоқчиён» интихоб мешаванд,

«барномаҳои дохилисиёсӣ муайян мешаванд» ва аз ин хотир ақидаи мазкур «дар фаъолияти амалии сохторҳои давлатӣ, дар сиёсати давлат воқеӣ мешавад».

Ҳамзамон ақидаи давлати миллӣ чун «роҳи баромадани кишвар аз бӯҳрон» эътироф мешавад, чунки, масалан, эҳсоси манфиатҳои ягонаи миллӣ аз ҷониби ҳамаи қуваҳои сиёсӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ заминаи раҳоӣ аз «бӯҳрони иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавӣ» мебошад. Инро муаллифон дар мисоли «ақидаи амрикоӣ» ё «орзуи амрикоӣ» мебинанд, ки таҳти сарвариии президент Рузвелт солҳои бӯҳрони шадиди ҷомеаи амрикоӣ амалӣ гашта буд. Унсурҳои ин ақидаро «ҳисси ватандӯстӣ, боварӣ ба бузургӣ ва шикастнопазирии Амрико, ақидаҳо оиди ғояҳои қавии озодӣ ва демократия» ташкил дода буданд. Чунин андеша, ба гуфти муаллифон, дар адабиёт бисёр истифода мешавад. Масалан, ба андешаи Е.П. Чалишев, интихоби роҳи дурусти пешрафти Росия аз ақидаи миллӣ чун воситаи раҳоӣ аз мушкилот вобаста аст [5, с. 143].

Айни замон муаллифон хилофи мутлақ гардонидани нақши ақидаи миллианд, чунки ин ақида, ба андешаи онҳо, мумкин аст хислати ғайри объективӣ гирад, шакли «инъикоси воқеияти гузаштаи геополитикӣ, таърихӣ ва иҷтимоӣ гардад», хислати «қадима» дошта метавонад ва аз ин хотир «ба ҳалли вазифаҳои муосири давлат мусоидат намекунад». Муаллифон инро дар мисоли як қатор давлатҳо исбот мекунанд, масалан, ҳазорсолаҳо дар давлати Хитой ақидаи миллӣ ба бартарии хитоиҳо ва тобеияти халқҳои дигар такя намуда, сипас дар замони нав шикаст хӯрд, ақидаи миллии Британияи Кабир низ асрҳо ба бартарии ин давлат нисбати мустамликаҳои британӣ такя намуда, нимаи асри XX, бино ба тағйири шароити ҷаҳонӣ шикаст хӯрд.

Аз ин лиҳоз мутобиқати ақидаи миллӣ «ба манфиатҳои объективии ҷомеа ва давлат, пеш аз ҳама ҷомеаи имрӯза» қайд мешавад. Бесабаб нест, ки муаллифони номбурда мафҳуми ақидаи давлати миллии аз ҷониби таърихнигор А.Н. Сахаров пешкашшударо ҷонибдорӣ мекунанд. Тибқи он, ақидаи миллӣ - «бояд дастовардҳои арзишии ҷамъиятии солҳои гузаштаро дар заминаи сиёсати иҷтимоӣ, ахлоқ, коллективият, тарбияи танзими давлатии равандҳои ҷамъиятӣ, давлати тавоно инъикос намояд, ки худ нишонаи ҷомеаи мутамаддин аст». Аз ин ҷо хулоса пешкаш мешавад, ки ақидаи миллӣ бояд бештар ба равандҳои имрӯзаи ҷомеа такя намояд [5, с. 143].

Ҷаҳонишавӣ яке аз равандҳои муҳимтарини ҷаҳони муосир мебошад, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таъсир мерасонад. Давлатдорӣ низ дар зери таъсири ин раванд тағйир меёбад. Ҷаҳонишавӣ барои рушди иқтисод, технология, маориф ва ҳамкориҳои байналмилалӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Дар баробари ин, он метавонад ба истиқлолияти сиёсӣ, фарҳанги миллӣ ва амнияти давлатӣ таҳдид намояд.

Барои истифодаи самараноки имкониятҳои ҷаҳонишавӣ давлат бояд сиёсати оқилона ва мутавозинро амалӣ намояд. Ҳифзи манфиатҳои миллӣ, рушди иқтисоди рақобатпазир, таҳкими фарҳанг ва таъмини амният вазифаҳои муҳими давлатдорӣ дар асри ҷаҳонишавӣ мебошанд.

Ҳамчун давлати соҳибистиқлол Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд аз имкониятҳои ҷаҳонишавӣ барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ истифода барад. Дар айни замон ҳифзи арзишҳои миллӣ, забон, фарҳанг ва истиқлолияти давлатӣ бояд самти асосии сиёсати давлатӣ бошад. Танҳо дар ин сурат ҷаҳонишавӣ метавонад ба рушди устувори давлатдорӣ мусоидат намояд.

АДАБИЁТ

1. Венгеров А.Б. Теория государства и права. М., 2006.
2. Звенарева О.С. Глобализация и взаимодействие цивилизаций: политико-правовые аспекты // Право и политика. М., 2005. № 5. – С. 62-74.
3. Марченко М.Н. Миф о формировании мирового государства и права в условиях глобализации // Вестник Московского университета. Серия 11 – Право. 2003. – № 2. – С. 6-13.
4. Поленина С.В. Правовая система России в условиях глобализации и региональной интеграции: Обзор материалов «круглого стола» // Государство и право. М., 2004. – № 11. – С. 103 –118.
5. Сальников В.П., Степашин С.В., Хабибулин А.Г. Государство как феномен и объект типологии. Санкт-Петербург, – 413 с.
6. Теория государства и прва / Отв. ред. В.Д. Перевалов. М., 2006. – 543 с.
7. Тункин Г.И. Теория международного права / Под ред. Л.Н. Шестакова. М., 2000. – 645 с.

8. Шарофзода Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. Душанбе:«Моҳи-Мунир», 2025. – 1000 с.
9. Юртаева Е.А. Международное сотрудничество, демократия и закон как правовые институты в условиях глобализации // Правотворчество и технико-юридические проблемы формирования системы российского законодательства в условиях глобализации. М., 2007. – С. 63-79.

ҶАҲОНИШАВӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

Дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI ҷаҳонишавӣ ба яке аз равандҳои асосии рушди ҷомеаи башарӣ табдил ёфт. Ин падида тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон иқтисод, сиёсат, фарҳанг, илм, техника ва муносибатҳои байналмилалиро фаро гирифтааст. Ҷаҳонишавӣ боиси наздикшавии давлатҳо, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, рушди технологияҳои иттилоотӣ ва афзоиши вобастагии байни кишварҳо гардид. Дар чунин шароит давлатдорӣ низ таҳти таъсири бевоситаи ин раванд қарор гирифта, шаклу усулҳои нави идоракунӣ, муносибатҳои сиёсӣ ва рушди иқтисодиро қабул менамояд.

Калидвожаҳо: Ҷаҳонишавӣ, давлатдорӣ, ҳамкории давлатҳо, муносибатҳои байналмилалӣ, низоми ҳуқуқуқӣ, ҳуқуқи миллӣ, давлатӣ миллӣ, арзишҳои миллӣ, ҳифзи манфиатҳо.

ГЛОБАЛИЗАЦИЯ И ЕЕ ВЛИЯНИЯ НА РАЗВИТИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ

В конце XX и начало XX1 веков глобализация стало одним из главных процессов в развитии человеческого общества. Это явление охватило все сферы человеческой жизни: экономику, политику, культуру, науку, технику и международные отношения. Глобализация привела к сближению государств, расширению международного сотрудничества, развитию информационных технологий и росту взаимозависимости между странами. В таких условиях государственность также напрямую подвержена влиянию этого процесса, принимая новые нормы и методы управления, политических отношений и экономического развития.

Ключевые слова: Глобализация, государственность, сотрудничество государств, международные отношения, правовая система, национальная права, национальная государства, национальные ценности, защита ценности.

GLOBALIZATION AND ITS IMPACT ON THE DEVELOPMENT OF NATIONAL STATEHOOD

In the late 20th and early 21st centuries, globalization became one of the main processes in the development of human society. This phenomenon encompassed all spheres of human life: economics, politics, culture, science, technology, and international relations. Globalization has led to the rapprochement of states, the expansion of international cooperation, the development of information technology, and the growth of interdependence between countries. Under these conditions, statehood is also directly affected by this process, adopting new norms and methods of governance, political relations, and economic development.

Key words: Globalization, statehood, cooperation of states, international relations, legal system, national law, national state, national values, protection of values.

Маълумот дар бораи муаллиф: Раҳимзода Рустам Ҳотам - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри соли 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ. 17. Телефон: (+992)902303908

Сведение об авторе: **Рахимзода Рустам Хотам –** Таджикский национальный университет, , магистр 2-го курса юридический факультет. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992)902303908

Information about the author:Rahimzoda Rustam Hotam - Tajik National University, 2nd year master's student, Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 17. Phone: (+992)902303908

ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Саидов Н.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бо гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои нави ҳуқуқ ба вуҷуд омаданд. Аз ҷумла, ҳуқуқи сармоягузорӣ низ дар ҳамин давра ба миён омадааст. Чанде пеш оиди муносибатҳои сармоягузорӣ ҳатто сухан ҳам намерафт. Баъд аз ба даст даровардани истиқлолият бошад зарурияти ҷалби сармоягузорони хориҷа ба миён омад. Ин ба он мақсад буд, ки давлат тавассути захираҳои дохилӣ ин мушкилиҳоро ҳал карда наметавонист. Бинобар ин ба иқтисодиёти мамлакат сармоягузорони хориҷа ҷалб карда шуд. Сармоягузороне, ки ба иқтисодиёти кишварамон маблағгузорӣ менамуданд, танзими ҳуқуқии фаъолияти сармоягузориро талаб менамуданд. Ҳамин тавр ҳуқуқи сармоягузорӣ ҳамчун воситаи танзимнамоии муносибатҳо оид ба ҷалб ва ташкили инвеститсия ба вуҷуд омад[1].

Мафҳуми ҳуқуқи сармоягузорӣ ҳамчун маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие, ки барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҷалб, истифода ва назорати инвеститсия равона гардидааст, фаҳмида мешавад. Инвеститсия ҳамчун моликият, сармоя ё арзише, ки ба шахси алоҳида тааллуқ дорад, дар назар дошта мешавад. Муносибатҳои ҷамъиятие, ки оид ба инвеститсия ба вуҷуд меоянд, дорои хусусиятҳои зерин мебошанд:

Аввал, муносибатҳо оид ба ҷалби инвеститсия ба иқтисодиёти давлат-ретсипиент. Давлат қабулкунандаи инвеститсия мебошад, ки онро ҷалб намуда, барои истифода ва ташкили сармоя базаи ҳуқуқӣ таъсис медиҳад;

Дуюм, барои пешбурди фаъолияти озоди сармоягузорӣ меъёрҳо қабул мекунад. Меъёрҳои ҳуқуқӣ амалинамоии фаъолияти сармоягузориро ба танзим медароранд;

Охирон, ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти инвеститсионӣ муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ба вуҷуд меоянд, ки аз тарафи меъёрҳои ҳуқуқи сармоягузорӣ ба танзим даровардан мешаванд. Масалан, муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба бақайдгирии давлатӣ; дар қитъаи замин гузаронидани корҳои геологӣ; бастани шартномаҳои инвеститсионӣ-ҳуқуқӣ ва ғайраҳо.

Барои меъёрҳои ҳуқуқи сармоягузорӣ танзими хусусиҳуқуқӣ ва умумиҳуқуқӣ хос мебошанд. Моҳияти якумӣ дар он зоҳир мегардад, ки муносибатҳои сармоягузорӣ дар асоси иродаи озоди тарафҳо ба вуҷуд меоянд, яъне молик дар сармоягузорӣ намудан ё накардан дар истеҳсолот озод аст. Агар вай ба қарори равона намудани сармояи худ ба объектҳои фаъолияти инвеститсионӣ ояд, пас муносибатҳои бавуҷудоянда тавассути меъёрҳои хусусиҳуқуқӣ ба танзим даровардан мешаванд. Моҳияти танзими умумиҳуқуқии фаъолияти инвеститсионӣ дар танзими давлатии он дида мешавад. Давлат натанҳо сиёсати давлатиро дар соҳаи инвеститсия ба роҳ мемонад, балки муносибатҳои инвеститсиониро тавассути меъёрҳои ҳуқуқии манъкунанда ба танзим медарорад. Ба ғайр аз ин давлат дар баробари нақши ҷалб намудани сармояро доштан, инчунин ба сифати яке аз тарафҳои иқтидори муносибатҳои инвеститсионӣ ба ҳисоб меравад.

Давлат ҳамчун иштирокчии муносибатҳои фаъолияти сармоягузорӣ дорои ду хусусият мебошад:

1) Давлат меъёрҳои ҳуқуқиро қабул мекунад.

2) Давлат бо инвесторҳо ба муносибатҳои характери хусусиҳуқуқӣ дошта, ворид мешавад.

Ҳуқуқи сармоягузорӣ ҳамчун соҳаи комплексии ҳуқуқ муносибатҳои хусусиҳуқуқиеро, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи граждани, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ иборатанд, ба танзим медарорад. Муносибатҳои ҷамъиятии номбаршуда, ки ҳангоми инвеститсия ба миён меоянд, тавассути меъёрҳои ҳуқуқи сармоягузорӣ ба танзим даровардан мешаванд. Бинобар ин инвестор пеш аз сармоягузорӣ намудан ҳолати ҳуқуқии меъёрҳои

танзимкунандаи фаъолияти инвеститсионии давлат-ретсипиентро таҳлил мекунад, ки дар кадом сатҳ қарор дорад.

Меъёрҳои умумиҳуқуқӣ ба муносибатҳои фаъолияти инвеститсионӣ таъсири бевосита мерасонанд. Масалан, дар муносибатҳо оид ба гирифтани иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти инвеститсионӣ; ӯҳдадориҳои андозситонӣ ва ғайраҳо.

Ҳуқуқи сармоягузорӣ ин як илми шинохта ва ҷамъиятӣ мебошад, ки як қатор мушкилиҳои инсонро дар тулии ҳаёт аз ҷиҳати моли ҳаллу фасл мекунад. Мафҳуми сармоягузорӣ ин яъне боқимондаи дороиҳои худро дар шакли пулӣ ва молӣ захира намудан мебошад. Ба таври дигар гӯем, сармоягузор ҳама он дороиҳои худро бояд дар маконе ғун кунад, ки ба худ зарари моддӣ нарасонад. Илми сармоягузорӣ ҳарчанд, ки илми миёнасол бошад, ҳам вале бо ташаббуси як қатор олимон ва донишмандони ватанамон ҷои худро дар ҷомеа ёфтааст[2].

Яке аз донишмандони илми ҳуқуқи сармоягузорӣ номзади илми ҳуқуқ дотсент Бозоров Р., ки ҳама нуқтаҳо ва нозукиҳои ин илмро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Муносибатҳои ҳуқуқи сармоягузорӣ ин муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, бо меъёрҳои ҳуқуқи танзим шуда оид ба ҷам истифодабари ва назорати сармоя инчунин фаъолияти сармоягузори равона шудааст.

Хусусиятҳои муносибатҳои сармоягузорӣ инҳоянд:

1.Вобаста ба амалиномаи фаъоляити сармоягузорӣ ба вуҷуд меоянд.

2.Асоси бо вуҷудоии ин муносибатҳо шартномаи сармоягузорӣ аст.

3.Муносибатҳои ҳуқуқи сармоягузорӣ бо шаклҳои маъмурӣ фаъолияти давлати оид ба ҷалби сармоя таъмин карда мешавад.

4.Ин муносибатҳо дорои хислатҳои амволианд.

5.Дар ҷараёни пешбурди фаъолияти сармоягузори субъектҳои муҳим ширакт меварзанд.

6.Ин муносибатҳо дорои хислати даркунию идоравӣ мебошанд.

Муносибатҳои ҳуқуқи сармоягузорӣ вобаста ба асосҳои гуногун тасниф карда мешаванд.

1.Вобаста ба шумораи иштирокчиён.

а) дутарафа.

б) бисёртарафа

2.Вобаста ба хислати мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ.

а) танзимкунанда

б) муҳофизаткунанда.

3. Вобаста ба таълуқ доштани муносибат ба соҳаи муайян.

-сохтмон, сайёҳӣ ва ғайра

4.Вобаста ба мақсади сармоягузорӣ.

а) муносибатҳо барои гирифтани фоида равона шудаанд.

б) муносибатҳое, ки ба дигар мақсад равона шудаанд.

Сохтори муносибатҳои ҳуқуқи сармоягузорӣ аз субъект, объект ва мазмуни муносибатҳои сармоягузорӣ иборат аст.

Мувофиқи қонунгузории кишвар ба ҳайси сармоягузор шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ баромад менамоянд, ки дар худи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти сармоягузориро амалӣ менамояд.

Бояд таъкид кард, ки ба ҳайси субъектони на танҳо сармоягузор балки мақомоти ваколатдори соҳаи сармоягузори низ баромад мекунад, ки ба ҳайси он кумитаи сармоягузории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудааст.

Объекти муносибаҳои сармяогузорӣ неъматҳои моддие мебошад, ки нисбати онҳо ин муносибатҳо ба вуҷуд меоянд. Ба ҳайси ин неъматҳо молумулки ғайриманқул воситаҳои пулӣ саҳмияҳо ҳиссаҳо дар фоидаи оинавӣ ҳуқуқҳои молумулки моликияти зеҳнӣ ва дигар объектҳо, ки дар муомилот маҳдуд нашудаанд баромад мекунад.

Мазмуни муносибатҳои сармоягузориро ҳуқуқ ва ӯҳдадории тарафҳо ташкил медиҳад.

Мутобиқи қонунгузории сармоягузорӣ субъектони муносибатҳои ҳуқуқи сармоягузори шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ, давлат ва ташкилотҳои байналмилалӣ баҳисоб мераванд[3].

Барои он, ки субъект иштироккунандаи муносибатҳои ҳуқуқи сармоягузорӣ эътироф гардида, он бояд дорои ҳуқуқи субъективӣ бошад, ки аз унсурҳои зерин иборат аст.

1.Қобилияти ҳуқуқдорӣ.

2.Қобилияти амалкунӣ.

3.Қобилияти ҳуқуқвайронкунӣ.

Оид ба ҳолати ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқи сармоягузорӣ ақидаҳои илмӣ хело зиёданд.

Ҳамин тариқ ҳар як соҳаи ҳуқуқ муносибатҳои ба худ хосро доро мебошад. Ҳуқуқи сармоягузорӣ низ муносибатҳои хоси худро доро мебошад. Ҳар гуна мушкилиҳое, ки дар бахши ҳуқуқи сармоягузорӣ ба вуҷуд меоянд, ин муносибатҳо онҳоро ба танзим медароранд. Ба вуҷудорандаи ин муносибатҳо субъектони ҳуқуқи сармоягузорӣ ба ҳисоб мераванд. Яке аз субъектони асосии ин муносибатҳои сармоягузори давлат мебошад. Давлат молики умумии амволҳои манқул ва ғайриманқул мебошад, ки ба сармоягузорони хориҷи ва ватани шароити мусоидро фароҳам меорад. Ва муносибатҳои муҳими ҷамъиятиро дар бахши ҳуқуқи сармоягузорӣ ба танзим медарорад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ сохтори сармоягузорӣ бо роҳҳои гуногун муайян карда мешавад. Баъзеҳо ба моҳияти иқтисодии сармоягузориҳо ишора мекунанд, дигарон ба моҳияти ҳуқуқии онҳо таваҷҷӯҳ мекунанд. Воқеан, сармоягузорӣ аз рӯи мазмун ва аҳамияти худ бештар ба категорияҳои иқтисодӣ тааллуқ дорад, ки вобаста ба ин дар илми иқтисодӣ оид ба мафҳуми ин он нуктаҳои зиёде мавҷуд аст. Баъзеҳо сармоягузориро ҳамчун «...раванди сарфи меҳнати зинда ва таҷассумшуда барои эҷоди иқтидорҳои истеҳсолӣ, ки тавассути он меҳнати зинда дар истеҳсолот нисбат ба истеъмоли он арзиши бештар ба вуҷуд меорад» муайян мекунад. Дигарон сармоягузориро ҳамчун як усули сармоягузории сармоя муайян мекунанд, ки бояд нигоҳдорӣ ё афзоиши арзиши сармояро таъмин кунад ё оварда расонад[4].

Олимон иқтисодчиён сармояро чунин муайян мекунанд, ки манбаи даромад буда, пеш аз ҳама дар шакли воситаҳои истеҳсолот (сармояи ҷисмонӣ), аз ҷумла сармояи асосӣ ва муомилот ё ба сифати афзоиши ҷории арзиши фондҳои асосӣ , ки дар натиҷаи фаъолияти истехсолии давра ба амал омадаанд ва ё ин ки кисми даромади давраи барои истеъмол истифоданашуда»[5]. Нуқтаҳои дар боло зикршуда оид ба фаҳмиши иқтисодии сармоягузорӣ асос медиҳанд, ки консепсияи ба таври умум қобили қабули сармоягузорӣ таҳия нашудааст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ низ таъкид шудааст[6].

Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ мафҳумҳои сармоягузорӣ ба таври назаррас фарқ мекунанд. А.Г. Богатырев таъкид мекунад, ки «...сармоягузориҳои хориҷӣ сармояи хориҷӣ - моликияти дар намудҳо ва шаклҳои гуногун буда, аз як давлат содир карда, ба корхона дар қаламрави давлати дигар гузошта мешаванд»[7]. Сармоягузорӣ аз рӯи табиати худ мафҳуми бисёрҷанба аст. Ба андешаи олимони соҳа, сармоягузорӣ амволе мебошад, ки ба сармоягузори хориҷӣ тааллуқ дорад ва онро дар соҳибкории корхона дар қаламрави давлати дигар мегузорад. Ба ибораи дигар, сармоягузории хориҷӣ сармояест, ки ба сармоягузори хориҷӣ тааллуқ дорад, ки онро ба иқтисоди давлати дигар сармоягузорӣ мекунад. Дар таърифе, ки олимони соҳа пешниҳод кардааст, хусусияти асосии сармоягузорӣ - гирифтани фоида ва ба даст овардани самараи дигари мусбӣ надорад, дар ҳоле ки меъёрҳои зикршуда, ба андешаи мо, ҳам барои сармоягузор ва ҳам барои давлати қабулкунанда муҳим ба назар мерасанд. Сармоягузори хориҷӣ ҳангоми гузоштани сармоя пеш аз ҳама ба гирифтани даромад умед мебандад, вагарна маънои маблағгузорӣ гум мешавад ва барои корхонаҳои давлати қабулкунанда маблағҳои гузошташуда бояд самараи иҷтимоӣ диҳанд.

Аз ин рӯ, давлате, ки иқтисодаш ба бозор тамоюл дорад, ҳамеша манфиатдор аст, ки ба ҳудуди худ вориди сармоягузорӣ шавад. И.В. Ершова менависад, ки «сармоягузорӣ дороиҳои моддию ғайримоддие мебошад, ки арзиши пулӣ дошта, аз муомилот гирифта

нашудаанд ва ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади ба даст овардани фоида ва ё ба даст овардани самараи дигари фоиданок гузошта мешаванд»[8]. Таърифи мафҳуми сармоягузорие, ки олимони соҳа пешниҳод кардааст, бешубҳа меъёрҳои асосии сармоягузориро равшан мекунад. Аммо олимони соҳа ҳангоми муайян кардани мафҳуми сармоягузорӣ ба ҳадафи сармоягузорӣ аҳамияти зарурӣ надода, бо ин васила манфиатҳои тарафи дигар, яъне давлати гирандаро аз назар дур мондааст. Бо мақсади беҳтар намудани вазъи иқтисоди худ сармоягузориро ба иқтисоди худ ҷалб менамояд; ин вазифаи аввалиндараҷаи давлати қабул кунанда аст, агар вазифаи асосӣ набошад. Оид ба моҳияти манфиат ва аҳамияти ҳуқуқии он М.З. Раҳимов қайд мекунад: «Иштирокчиёни ба даст овардани натиҷаи ниҳоӣ на танҳо барои қонеъ гардонидани манфиатҳои худ балки барои қонеъ гардонидани манфиатҳои контрагентҳо, ки бе он манфиатҳои шахсии онҳоро қонеъ кардан ғайриимкон аст, муносибатҳои шартномавӣ ба вуҷуд меоранд[9]. Аз ин лиҳоз, манфиати давлат – гирандаи сармоягузорӣ барои ҷалби сармояи асосӣ аз берун, тавассути муқаррар намудани кафолатҳои ҳуқуқӣ ва низоми имтиёзноки андоз на танҳо ба фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти сармоягузории сармоягузорони хориҷӣ, балки барои ба даст овардани натиҷаи назаррас аз фаъолияти соҳибкории сармоягузорон дар иқтисодиёти дохилӣ низ нигаронида шудааст.

Дар адабиёти ҳуқуқии дигар оид ба муайян кардани хусусияти ҳуқуқии сармоягузорӣ андешаҳои дигар низ мавҷуд аст. С.П. Мороз моҳияти ҳуқуқии сармоягузориҳоро ҳаматарафа таҳлил намуда, таъкид мекунад: «Сармоягузори маблағгузории асосие мебошад, ки барои ба вуҷуд овардани неъматҳои модди ё маънавӣ бо мақсади ба даст овардани фоида ва (ё) ба даст овардани самараи мусбат нигаронида шудааст, ки сармоягузор аз номи худ ва бо таваккали худаш анҷом дода, бо муҳлати амали шартнома ва (ё) маҳдуд карда мешавад»[10]. Ин таъриф, ба фикри мо, меъёрҳои асосӣ ва муайянкунандаи чунин падидаи мураккаб, монанди сармоягузориро дарбар мегирад. Олимони соҳа нуқтаи назари худро оид ба ин масъала хеле равшан баён кардааст. Маблағгузориҳои асосӣ гуфта на танҳо Маблағгузориҳои хориҷӣ, балки маблағҳои дохилиро низ дар назар дорем, ки ин комилан асоснок ба назар мерасад. Ин фаҳмо аст, зеро дар рушди иқтисоди ҷумҳурӣ сармоягузорони дохилӣ низ нақши бузург доранд. Олимони соҳа сармоягузориро муайян намуда, нишон медиҳад, ки он дар муҳлати муайян эътибор дорад, зеро амали сармоягузори хориҷи дар баробари санадҳои ҳуқуқи бо шартномаи сармоягузори низ танзим карда мешавад, ки ҳуқуқи субъективи ва уҳдадориҳои ҳуқуқии тарафҳоро муқаррар менамояд. Илова бар ин, эътибори шартнома одатан бо як муддати муайян маҳдуд аст.

Таҳлили нуқтаи назар оид ба мафҳуми сармоягузорӣ дар қонунгузори ва таҳлили нуқтаи назаре, ки дар адабиёти ҳуқуқи мадани мавҷуд аст, ба мо асос медиҳад, ки сармоягузорӣ падидаи мураккаб ва гуногунҷанба мебошад. Моҳияти ҳуқуқии сармоягузориро таҳлил намуда, дар ин соҳа бевосита ба мафҳуми дигар дучор мешавем, яъне маблағгузории асосӣ.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба маънои ин истилоҳ андешаҳои зиёде мавҷуданд. Бидуни ба тафсилоти ин баҳс, мо майл дорем бовар кунем, ки ҳардуи ин мафҳумҳо синоним ҳастанд.

Сармоягузорӣ метавонад ё моддӣ (яъне сармоя, амвол, пул) ё моликияти зеҳнӣ бошад (масалан, сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ). Вакте пурсида мешавад, ки маблағгузории асосӣ ба куҷо гузошта мешавад, ба фикри мо, он бояд ба объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ равона карда шавад, ки мутаассифона, қонунгузории чории инвестиционии Ҷумҳури ин масъаларо кушоду равшан гузошт. Қонунгузор ҳангоми таҳияи мафҳуми сармоягузорӣ объекти сармоягузории онро нишон надодааст. Ба фикри мо, давлати - гирандаи сармоягузориҳо пеш аз ба хоҷагии худ ҷалб намудани Маблағгузориҳои асосӣ бояд объектҳои фаъолияти сармоягузориро муайян намояд, ки минбаъд онро ҷалб мекунанд.

Агар ба сохтмони сармоягузори бармегардем, бояд таъкид кард, ки дар шароити муосир таърифҳои дигари мафҳуми сармоягузори пайдо шудаанд. Ҳамин тавр, А.

Никушева қонунгузории кишварҳои гуногун, инчунин нуқтаи назари олимонро оид ба мафҳуми «сармоягузорӣ» таҳлил намуда, ба хулосае меояд: аввалан, сармоягузориҳои хориҷӣ ҳамчун моликият, моликият..., дуюм, ҳамчун раванди муайяни фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолиятҳо баррасӣ мешаванд»[11].

Назари афзалтар ба назар чунин менамояд, ки сармоя моликият, маблағгузории асосӣ, маблағ, амвол, арзиш ва ғайра мебошад.. Дар мавриди хулосаи дуюми А. Никушева, бештар ба фаъолияти сармоягузорӣ дахл дорад, на ба сармоягузорӣ, зеро раванди сармоягузорӣ пас аз қабули қарори дахлдор дар бораи сармоягузорӣ ба объекти фаъолияти соҳибкорӣ сурат мегирад. Аз ин лиҳоз, ин равандро сармоягузорӣ номидан барвақт ба назар мерасад, зеро худи сармоягузорӣ вуҷуд надорад. Барои он ки чизе сармоягузорӣ ҳисобида шавад, он бояд дорои моликияти муайян бошад. Чун қоида, «раванди муайян», ки олимони соҳа дар бораи он сухан меронад, чунин моликияти амволӣ надорад ва аз ин рӯ, ба андешаи мо, он фаъолияти сармоягузорӣ мебошад.

Ин нуқтаи назарро дуруст дастгирӣ мекунад А. Ҷаналиева. Вай таъкид мекунад, ки "сармоягузорӣ умуман моликият нест. Танҳо он чизе, ки ба мафҳуми "моликият" дохил мешавад, моликият ҳисобида мешавад. "Сармоягузорӣ ин сармоягузории сармоя ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади ба даст овардани фоида мебошад[12]. А.А. Ҷаналиева ҳангоми муайян кардани мафҳуми «сармоягузорӣ» дуруст таъкид мекунад, ки сармоягузорӣ ин сармоягузории сармоя ба объекти фаъолияти соҳибкорӣ буда, ҳадафи сармоягузорӣ – ба даст овардани фоидаро нишон медиҳад. Аммо, ба фикри мо яке аз меъёрҳои асосии муайян кардани мафҳуми «сармоягузорӣ» - ноил шудан ба натиҷаи дигари муҳим ба шумор меравад.

Ин худ ба мо маълум аст, зеро агар сармоя ба фаъолияти соҳибкорӣ дар қаламрави давлати дигар гузошта шавад, он бояд самараи муайяни мусбат бахшад. Ба ибораи дигар, давлате, ки дар ҳудуди он сармоягузорӣ сурат мегирад ва ба хотири ӯ фазои зарурии сармоягузорӣ фароҳам оварда шуда, самтҳои афзалиятнок таъсис дода шудааст, ҳуқуқ дорад дар давраи сармоягузорӣ самараи муайяни иҷтимоиро интизор шавад. Дар ин бобат мо бо чунин нуқтаи адабиёти ҳуқуқии мадани комилан розием, ки «...дар рафти татбики он самараи иҷтимоӣ ба даст овардан, некуаҳволии моддии аҳолии мамлакат, паст кардани дараҷаи бекорӣ ва ғайра имконпазир ва матлуб аст».

АДАБИЁТ

1. Бозоров Р.Б Инветиционое право: Учебник. Душанбе, ТНГУ 2008.
2. Бозоров Р.Б Инветиционое право: Учебник. Душанбе, ТНГУ 2008.
3. Бозоров Р.Б Инветиционое право: Учебник. Душанбе, ТНГУ 2008.
4. Гитман А., Ҷонк М. Асосҳои сармоягузорӣ (тарҷума аз англисӣ). М.: Дело, 1997. С.10.
5. Богатырева А.Г. Қонуни сармоягузорӣ. М.1992. С.8.
6. Потапова Ю. V. Танзими ҳуқуқии фаъолияти сармоягузорӣ дар субъектҳои Федератсияи Русия. Diss. … .cand. юрид. илмхои .М,. 2003. С.12-14.
7. Богатырев А.Г. Қонуни сармоягузорӣ. М.: Қонуни Русия, 1992. С.12-13.
8. Ершова И.В. Қонуни соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ. /И, В, Ершова -М, :ИДЮриспруденция», 2009. С.442.
9. Раҳимов М.З. Масъалаҳои ҳуқуқии ба даст овардани натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ. Доктори илми ҳуқуқ. профессор. Душанбе. 2000. Саҳифаи 24.
10. С.П. Мороз Проблемаҳои назариявии ҳуқуқи сармоягузорӣ: ҷанбаи ҳуқуқи шаҳрвандӣ. Алмаато, 2003. С.59.
11. Никушева А.А. Оид ба масъалаи концепцияи сармоягузории хоричӣ. //Объектҳои ҳуқуқи шаҳрвандӣ. Маводҳои конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ. / ҷавоб ред. М.К. Сулайменов. Алмаато, 2004. С.286-289.
12. Ҷаналиева А.А. Шартномаи сармоягузорӣ: Автореферати диссертация. дис... номзади илмхои хукукшиносӣ. Алмаато, 2003. С.6.

ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳуқуқи сармоягузорӣ ҳамчун маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие, ки барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба ҷалб, истифода ва назорати инвеститсия равона гардидааст, фаҳмида мешавад. Инвеститсия ҳамчун моликият, сармоя ё арзише, ки ба шахси алоҳида тааллуқ дорад, дар назар дошта мешавад. Давлат қабулкунандаи инвеститсия мебошад, ки онро ҷалб намуда, барои истифода ва ташкили сармоя базаи ҳуқуқӣ таъсис медиҳад.

Калидвожаҳо: ҳуқуқи сармоягузорӣ, муносибатҳои сармоягузорӣ, инвеститсия ҳамчун моликият, меъёрҳои ҳуқуқӣ амалинамоии фаъолияти сармоягузорӣ.

ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ИНВЕСТИЦИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Под инвестиционным правом понимается совокупность правовых норм, направленных на регулирование общественных отношений по привлечению, использованию и контролю инвестиций. Под инвестициями понимается имущество, капитал или стоимость, принадлежащие отдельному лицу. Государство является реципиентом инвестиций, которое привлекает их и создает правовую базу для использования и формирования капитала.

Ключевые слова: инвестиционного права, инвестиционные отношения, инвестиции как собственность, правовые нормы осуществления инвестиционной деятельности.

LEGAL REGULATION OF INVESTMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Investment law is understood as a set of legal norms aimed at regulating public relations in attracting, using and controlling investments. Investments are defined as property, capital, or value owned by an individual. The State is the recipient of investments, which attracts them and creates a legal framework for the use and formation of capital.

Keywords: investment law, investment relations, investments as property, legal norms of investment activity.

Маълумот дар бораи муаллиф: Саидов Н.Н.– Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри соли дуюми факултети ҳуқуқшиносӣ, кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17; Телефон (+992) 939110098

Сведения об авторе: Саидов Н.Н. – Таджикского национального университета, магистр второго курса кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 939110098

Information about the author: Saidov N.N. – Tajik National University, second-year master's student of the Department of Entrepreneurial and Commercial Law, Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. . Phone: (+992) 939110098

ХУСУСИГАРДОНИИ МОЛИКИЯТИ КОММУНАЛӢ

Самизода Ф.Ҳ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Хусусигардонӣ усули афзун намудани самараи иқтисодист. Раванди аз фонди ҷумҳуриявӣ ё коммуналӣ ба ихтиёри шахсони хусусӣ гузаштани молу мулк (иншоотҳо, корхонаҳо, фонди манзил)-ро хусусигардонӣ меноманд. Мақсади раванди мазкур ба вуҷуд овардани гуногуншаклии моликият, гузариш аз иқтисоди номукаммал ба муносибатҳои пешрафтаи бозаргонӣ, ҷалби инноватсия барои боз ҳам пурсамар идора кардани объекте, ки хусусӣ гардонда мешавад, афзун намудани рақобатпазирии он мебошад.

Хотиррасон бояд кард, ки дар низоми ислоҳоти бозори солҳои 90-ум гузарондашуда дар кишварҳои пасошуравӣ хусусигардонӣ мақоми марказиро ишғол менамуд ва имрӯз тағйироти дар сохтор ва шаклҳои моликият ба вуҷудомада, ки дар баробари ин раванд пайдо шудаанд, ба манфиати ҳама кишварҳо дахл карданд.

Вобаста ба он ки маҳз кадом моликияти коммуналӣ ба моликияти хусусӣ дода мешавад, шаклҳои зерини хусусигардонӣ мавҷуданд: хусусигардонии фонди давлатии манзил, хусусигардонии иншоотҳои дигар, хусусигардонии корхонаҳои саноатӣ. Хусусигардонии объектҳои охирин номбаршуда бо роҳи саҳомикунонӣ, бевосита ба молики нав ё ба воситаи музояда, тендер ё расмиёти дигари озмунӣ фурӯхтани корхона сурат мегирад. Боз як шакли дигар - ба иҷораи дарозмуддат додани корхона бо харидории минбаъдаи он мебошад. Пешакӣ қайду шарт кардан лозим аст, ки на ҳамаи объектҳои фаъолияти саноатӣ таҳти хусусигардонӣ қарор гирифта метавонанд, баъзе корхонаҳо таҳти ҳимояи қонун қарор гирифтаанд.

Дар кишварҳои собиқ ИҶШС мафҳуми хусусигардониро дар даҳсолаҳои охир тезтез дучор омадан мумкин буд, ки ин ҳайратовар нест. Пас аз андак вақт гузаштан ҳама объектҳои бахши истеҳсолӣ (фабрикаву заводҳо), объектҳои таъиноти иҷтимоӣ (мактаб, беморхонаву боғчаҳои кӯдакон), тамоми фонди манзил ва фонди ғайриистиқоматӣ ба як соҳиб тааллуқ доштанд. Дар эъломияҳо қайд мегардид, ки молики онҳо халқ аст ва одамоне, ки мансабҳои роҳбарикунандаро ишғол мекарданд, ба халқ хизмат мекунанд.

Дар асл бошад, вазъ дигар буд, мутаассифона, ба аксарияти корхонаҳо одамоне роҳбарӣ мекарданд, ки мансаби худро сирф ба манфиати шахсӣ истифода мебурданду объектҳои ба онҳо боваркардашуда тадриҷан хароб мегардиданд.

Баъд аз пошхӯрдани Иттифоқи Шуравӣ бисёр чиз тағйир ёфт, лекин баъзе чизҳо мисли пештара боқӣ монданд: хусусигардонӣ қонунан (де-юре) бояд барои молу мулки давлатӣ соҳиби нав меёфт, ки рақобатпазирӣ ва самараи иқтисодии онҳоро афзун менамуд. Дар амал (де-факто) моликони нав фаъолияти худро танҳо бо фурӯхтани саҳмияҳо ва азхудкунии маблағ маҳдуд месохтанд. Дар бораи ҳеҷ гуна самараи иқтисодӣ ҳатто сухан намерафт, корхонаҳо бошанд, дар мавридҳои истисноӣ моликони кордону масъулиятшинос пайдо мекарданд, он ҳам бошад, танҳо дар корхонаҳои саноатии сердаромад.

Санади қонунгузории аввалин, ки нисбат ба хусусигардонӣ муносибати муқаррарӣ дошт, Қонуни ҶТ «Дар бораи моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5-уми декабри соли 1990 ҳисобида мешавад. Дар қонуни мазкур чунин қайд шуда буд, ки гузариши иқтисодиёти Тоҷикистон ба принсипҳои муносибати бозаргонӣ танзими ҳуқуқии муносибатҳои навтарини иҷтимоӣ, аз ҷумла муносибатҳои мутақобилаи молумулкиро дар назар дорад. Мавҷудияти шаклҳои гуногуни моликият имконпазир аст. Дар қ.5 м.7 ҳамин қонун чунин зикр гардида буд, ки ҶТ барои ташаккулёбии шаклҳои гуногуни моликият шароит фароҳам меорад ва ҳифзи онҳоро таъмин мекунад. Дар баробари ин, чунин шаклҳои моликият муқаррар карда шудаанд:

моликияти давлатӣ;

моликияти шаҳрвандони ҶТ;

моликияти коллективӣ.

Амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ пас аз қабул гардидани Фармони Президенти ҶТ аз 3 декабри соли 1994 «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷаи суръатбахшӣ ба ислоҳоти иқтисодӣ ва гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ» фаъол гардид, ки тибқи он вазорату идораҳо ва муассисаҳои илмии ҷумҳурӣ якҷоя Барномаи ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 1995-2000 таҳия намуданд ва он 2 ноябри соли 1995 дар иҷлосияи Маҷлиси Олии ҶТ тасдиқ карда шуд.

Вазифаҳои асосии Барномаи мазкур таҳияи заминаи ҳуқуқии иқтисоди бозаргонӣ, таҳияи сиёсати шахсии буҷетию андозӣ ва пулию қарзӣ, идомаи ҷараёни хусусигардонии моликияти давлатӣ, таъмини табодулоти сохтории иқтисодиёт ва ҳифзи иҷтмоии аҳолӣ мебошад. Дар адабиёти соҳаи ҳуқуқшиносӣ таснифоти гуногуни хусусигардонӣ оварда шудааст. Ба фикри аксарияти олимон ва иқтисодшиносон ақидаи Н.М. Коршунов нисбатан мувофиқ мебошад, ки он ду намуди хусусигардонӣ ва дар доираи ҳар кадоми онҳо якчанд тарҳро пешниҳод менамояд.

Намуди якуми хусусигардониро ӯ ҳамчун азнавсозии сохтории муносибатҳои молумулкӣ дар доираи тартиби мавҷудаи иҷтимоиву иқтисодӣ маънидод менамояд: «дар доираи фазои мавҷудаи бозории ракобатпазир дар сурати мавҷуд будани (мавқеи ҳукмфармо доштани) бахши хусусӣ ва пешрафти рӯзафзуни таҳаввулотии иқтисодиёт».

Ҳамин тариқ, дар ҳақиқати ҳол мафҳуми хусусигардонӣ оҳанги манфӣ пайдо кард, гарчанде дар амал он ҳамчун тарзи афзун намудани самараи иҷтимоиву иқтисодии объекти хусусигардонӣ эътироф мешавад. Маънои дигари хусусигардонӣ азнавташкилёбии моликият мебошад, ки ҷараёни гузариши (пурра ё қисман) моликияти давлатӣ (коммуналӣ)-ро ба ихтиёри шахсони хусусӣ дар бар мегирад. Дар ҷараёни хусусигардонӣ камаш ду тараф иштирок менамоянд, ки ҳатман яке аз он тарафҳо ташкилот аст, ҳатто дар шахси давлат ҳам.

Хусусигардонӣ натиҷаи (ё яке аз намудҳои) муборизаи рақобатпазири тарзи бозоргонии хоҷагидорӣ мебошад, барои бахши хусусии хоҷагидорӣ давлат «рақиби намиранда» ҳисоб меёбад.

Аз рӯйи ақидаи олими тоҷик Р.Маҳкамов мафҳуми «хусусигардонӣ» дар кишвари мо ба наздикӣ пайдо шудааст (аввали солҳои 80) ва маънои маҳдуди он табдилёбии шакли ҷамъиятии моликият ба шакли моликияти хусусӣ, корхонаи алоҳидаро ба корхонаи хусусӣ мебошад. Лекин рушди ҷараёни мазкур боиси пойдо шудани ақидаҳои нав оид ба эҳтиёҷоти рушди ҷамъиятӣ ва ба тарзи нав фаҳмидани мақоми ҳукумат дар қонеъсозии онҳо ҳисобида мешавад. Аз ин рӯ, мазмуни мафҳуми хусусигардонӣ хеле васеъ гардид, ки онро ҳамчун амалигардонии чорабиниҳои гуногуни маҳдудсозии миқёси фаъолияти давлат ё таҳким бахшидан ба амалиёти бахши хусусӣ дар ихтиёрдории фондҳо ва фаъолияти соҳибкорӣ маънидод кардан мумкин аст».

Ҳуҷҷати асосие, ки хусусигардонӣ ба он асос меёбад, Конститутсияи Тоҷикистон аст, дар м. 12-и он чунин зикр карда шудааст: «Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад». Бар замми ин, тавре қайд кардем, м. 32 – Қонуни асосӣ ҳуқуқи ҳар шахсро ба моликият ва ба мерос гирифтан муқаррар кардааст, инчунин дар моддаи номбаршуда чунин зикр гардидааст, ки ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Оғози хусусигардонӣ ба пайдошавии як қатор санадҳои меъёрии танзимкунандаи ҷараёни мазкур алоқаманд аст.

Муқаррароти Конститутсияи ҶТ дар хусуси баробарҳуқуқии ҳама шаклҳои моликият чунин маъно дорад, ки моликияти хусусӣ бо моликияти давлатӣ дар як сатҳ қарор дорад, бинобар ин, моликияти давлатӣ нисбат ба моликияти хусусӣ мавқеи ҳукмфармо надорад ва баръакс.

Хусусигардонии моликияти давлатӣ дар ҶТ соли 1991 оғозёфта, давра ба давра амалӣ шуда истодааст.

Давраи аввали хусусигардонӣ аз соли 1993 то 2003 амалӣ гардонда шуд. Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи ҶТ он вақт наздики 430 корхонаи калон ва миёна ва тахминан 10 ҳазор объектҳои хурд хусусӣ гардонда шуданд. Маблағи умумии аз хусусигардонӣ ба дастовардашуда 26 млн. сомонӣ (тахминан 8 млн. доллар)-ро ташкил дод. Барои муқоиса, қарзи берунаи Тоҷикистон он давра наздики 1 млрд. доллярро ташкил медод.

Фармони Президенти ҶТ аз 29 – уми декабри соли 1996, таҳти № 631 «Дар бораи чораҳои суръатбахшӣ ба хусусигардонии моликияти давлатӣ», Қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи чораҳои ташкилии суръатбахшӣ ба хусусигардонии моликияти давлатӣ» ва «Барномаи хусусигардонии босуръати моликияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуданд. Моҳи майи соли 1997 Қонуни ҶТ «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» қабул карда шуд ва тибқи он вазифа гузошта шуд, ки консепсия ва барномаи амалисозии хусусигардонӣ дар ҷумҳурӣ таҳия карда шавад. Лекин дар амал мақомоти дар ҷумҳурӣ барои амалисозии хусусигардонӣ ваколатдоршуда ба ҳалли мушкилоти амалӣ ва нисбатан ночиз диққати бештар дода, масъалаи муҳим – стратегияи хусусигардонӣ дар ҷумҳуриро аз мадди назар дур монданд.

Мутаассифона қисми зиёди корхонаҳое, ки дар ин давра бар ивази маблағи ночиз харида шуданд, пас аз чанде барҳам дода шуданд, чунки маблағи аз фурӯхтани дастгоҳҳо, захираи ашёи хом ва худи бино ба дастомада аз хароҷоти барои хусусигардонии он сарфшуда чандин карат зиёд буд.

Дар муддати кӯтоҳ заминаи қонунгузорӣ, инфрасохтори ташкилӣ ба вуҷуд оварда шуд, ҳама воситаҳои хусусигардонӣ дар амал санҷида шуданд, азнавташкилкунии корхонаҳои саноатӣ, кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт ва соҳаҳои дигари иқтисодиёт оғоз гардид.

Соли 1996 Ҳукумати ҶТ Барномаи якуми ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ ва коммуналиро қабул намуд, ки тибқи он 5 фоизи буҷети кишвар ба амалисозии барномаҳои давлатии хусусигардонӣ ва ғайридавлатикунӣ, таъсисдиҳӣ ва рушди сохторҳои бозорӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна равона гардида буд.

Мақсади барнома, пеш аз ҳама хусусигардонии фондҳои асосии ҷумҳуриро дар бар мегирифт, ки моликияти давлат мебошанд. Вазифаҳои асосии он - хусусигардонии қисми молу мулки давлатӣ дар асоси усулҳои рақобатпазир; ғайриинҳисорикунии қисмии истеҳсолот; ҷалби фаъолонаи аҳолӣ ба ҷараёни фурӯши молу мулки давлатӣ; таъмини самти иҷтимоӣ доштани хусусигардонӣ бо роҳи пешниҳод намудани имтиёзҳо ба коллективҳои меҳнатӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои кормандони корхонаҳо мебошад.

Давраи дуюми хусусигардонӣ (солҳои 2003–2007) бо дигаргуншавӣ ба самти мукаммалгардонии заминаи меъёрии методологӣ ва ҳуқуқӣ, пайдошавӣ ва такмили ташкилотҳои биржавӣ ва бонкӣ, шабакаи молистеҳсолкунандаи бозорӣ шуҳрат ёфт. Мақсади асосӣ ба ташаккулёбии бахши хусусии пурқувват, тавсеа бахшидан ба иштироки табақаҳои аҳолӣ дар раванди хусусигардонӣ ба воситаи ҷорӣ кардани барномаи нави хусусигардонии оммавӣ, мусоидат намудан барои барқарор гардидани корхонаҳои зараровар ва хусусигардонии молу мулки давлатӣ равона карда шуда буд.

Соли 2005 дар Тоҷикистон 670 корхона хусусӣ гардонда шуд, ки аз он 521 –то корхонаи миёна ва 149 –то корхонаи миёна ва калон мебошад.

Умуман, дар ҷумҳурӣ дар ин давра аз 9 ҳазору 271 объект, ки бояд солҳои 2003– 2007 хусусӣ гардонда мешуд, 8 ҳазору 707 объект хусусӣ гардонда шуд, аз онҳо 7 ҳазору 869 объекти хурд ва 838 миёна ва калон. Соли 2005 маблағи аз хусусигардонии объектҳо ба дастомада ва маблағи 965 воситаи асосӣ ва нақлиёт 43 млн. 503 сомониро ташкил намуд, ки аз он 6 млн. 698 ҳазор сомонӣ – аз фурӯши моликияти коммуналӣ ба даст омадааст. Аз

фурӯши саҳмияҳои давлатии ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ба ҳисоби кумита 27 млн.505 ҳазор 453 сомонӣ ва 283 ҳазор саҳмияҳо ворид шуд.

Давраи сеюми хусусигардонӣ соли 2008 оғоз шуд. Вазифаи асосии хусусигардонӣ дар давраи мазкур назар ба даврaҳои пештара ғайридавлатикунии бахшҳои калони монополизатсияшуда ва сохторбандишудаи иқтисодиёт бо истифодаи нақшаҳои фардии хусуси-гардонӣ, инчунин азнавташкилкунии объектҳои соҳаи ғайриистеҳсолӣ мебошад.

Мутобиқи маълумоти Агентии иттилоотии «REGNUM» аз оғози раванди хусусигардонӣ, яъне аз соли 1991 то 1 апрели соли 2010 дар ҶТ 11230 объекти моликияти давлатӣ хусусӣ гардонда шуд. Аз ин шумораи объектҳо 9910 корхонаи хурд ва 1320 корхонаи миёнаву калон мебошанд.

Барои таъмини вазифаҳои барномавӣ корҳои зиёде анҷом дода шуданд. Корхонаҳои қисман хусусигарондашуда, ки ҳиссаи бештари давлатиро нигоҳ дошта тавонистанд, ба саҳмиябандии минбаъдаомода карда шуданд. Барои корхонаҳои нисбатан ояндадор фаъолона сармояи хориҷӣ ва дохилӣҷалб карда мешуданд. Дар музоядаҳо фурӯши бастаи дахлдори саҳмияи корхонаҳо, маҷмааҳои молумулкии корхонаҳои хусусигардондашуда, ки дар ноҳияҳои дурдаст ҷойгир шудаанд, инчунин корхонаҳое, ки дар музоядаҳо бо сабаби ҷолибияти кам доштанашон ба фурӯш нарафтаанд, ба роҳ монда шуд.

Дар натиҷаи дигаргун шудани муносибатҳои молумулкӣ сатҳи корхонаҳои хусусигардондашуда аз аввали раванди хусусигардонӣ то айни ҳол аз рӯйи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ 4579 объектро ташкил дод.

Аз рӯйи ақидаи А.Д. Радигин «Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ раванди хусусигардонӣ аз якчанд намуди амалиёт иборат аст, ки онро «реструктуризатсия» меноманд: ҳуқуқӣ (тиҷоратикунӣ, кооперат-сиякунӣ), молиявӣ (қарз), амалиётӣ (идоракунӣ) ва воқеӣ (сармоя ба иқтидори истеҳсолӣ), инчунин демонополизатсия…».

Оид ба мафҳуми дуюми хусусигардонӣ – «муназзам» ақидаҳо хеле бисёранд. Ин ба амалисозии иқтисодии муносибатҳои ҳуқуқии расмии молумулкии байни субъектон алоқаманд аст, ки дар натиҷаи амали «техникии» хусусигардонӣ ба миён меоянд.

Пас аз ба даст овардани истиқлолият аз ҷониби ҷумҳуриҳои собиқи ИҶШС ба ташаккулёбии моликияти коммуналӣ раванди хусусигардонӣ таъсири ҷиддӣ расонид ва дар натиҷаи он мақомоти худидоракунии маҳаллӣ аз ин раванд барканор карда шуда, дар он нақши муҳим надоштанд.

Таҷрибаи аввалини хусусигардонӣ дар Тоҷикистон нишон дод, ки бегонакунии моликияти коммуналӣ номуташаккилона, ғайримақсаднок ва якбора амалӣ карда шуд. Мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ҳоло молик нашуда, бо фармони «боло» бояд бегонакунии ин моликиятро анҷом медоданд. Мутаассифона, хусусигардонӣ замоне амалӣ мегардид, ки арзиши воқеии объектҳои бегонашавандаро муқаррар намудан имконнопазир буд ва ин барбоддиҳии маҳзи моликият ба шумор мерафт ва маблағи дар натиҷаи хусусигардонии моликияти коммуналӣ ба дастомада на танҳо барои сармоягузории дарозмуддат, балки барои ҳалли мушкилоти таъхирнопазири мавҷудаи иҷтимоӣ кофӣ набуд. Ҳамин тариқ, аксарияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ҳам аз моликият маҳрум шуданду ҳам аз захираҳои пулӣ.

Дар рафти хусусигардонии моликияти коммуналӣ мушкилоти вобаста ба қонунгузорӣ низ пайдо мешаванд ва ба ақидаи мутахассисон хусусигардонии объектҳои хурд ба ҷараёни пайдошавӣ, аз ҷумла корхонаҳои коммуналӣ таъсири манфӣ расонд. Бо сабаби он ки аксарияти объектҳои моликияти коммуналӣ ба гурӯҳи таснифоти «А» дохил мешаванд, яъне объектҳои хурди хусусигардонӣ мебошанд, имконияти ба таври назаррас коҳиш додани хароҷоти буҷет барои идора ва дастгирӣ кардани корхонаҳои хоҷагии маҳаллӣ, ки фоидаи ночиз ба даст меоранд ё умуман зарароваранд ва махсусан он корхонаҳое, ки хоси моликияти коммуналӣ нестанд. Таъмини зиёдшавии даромади буҷети маҳаллӣ, афзун намудани самараи кори объектҳое, ки хусусӣ гардонда мешаванд, пайдо гардид. Лекин таҳлили раванди хусусигардонӣ баръакси ҳолро нишон медиҳад.

Мақсади асосии хусусигардонии объектҳои мазкур – рушди моликияти хусусӣ дар кишвар ва дар шароити гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ беҳтар намудани имкониятҳои рушди моликияти хусусӣ, таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ба ҳисоб меравад. Хусусигардонӣ дар доираи барномаҳои ислоҳоти иқтисодӣ амалӣ хоҳад шуд.

Вобаста ба мақсаду вазифаҳои гузошташуда раванди хусусигардонӣ дар ҶТ ба ду марҳала ҷудо карда шудааст. Агар дар марҳалаи якум диққати асосӣ ба хусусигардонии корхонаҳои хурд – корхонаҳои соҳаи савдо, хӯроки умум, хизматрасонии маишӣ ва нақлиёт равона гардида бошад, ҳоло яке аз вазифаҳои асосии хусусигардонӣ – таъмини бисёршаклии моликият ва таҷдиди корхонаҳои миёна ва калони соҳаи саноат, нақлиёт, алоқа ва сохтмон мебошад.

Дар соҳаҳои мазкур яке аз намудҳои хусусигардонӣ дар навбати аввал табдилдиҳии корхонаҳои давлатӣ ба ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва минбаъд фурӯхтани саҳмияҳои онҳо дар музояда ва озмунҳо мебошад.

Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҶТ аз оғози соли 1991 то соли 2015 дар Тоҷикистон 11 ҳазору 410 объекти хурд ва 1 ҳазору 367 корхонаҳои миёна ва калон хусусӣ гардонда шуданд.

Ҳангоми хусусигардонии корхонаҳои хурд ба он чиз аҳамият дода нашуд, ки корхонаҳое, ки ба аҳолӣ ҳар гуна хизматрасониро дар ҳаҷми камтарини зарурӣ анҷом медоданд, бояд дар моликияти коммуналӣ боқӣ мемонданд. Дар баробари тавсеа ёфтани раванди хусусигардонӣ дар бахши коммуналии иқтисодиёт бояд на танҳо дар бораи маблағе, ки мақомоти худидоракунии маҳаллӣ аз фурӯхтани молу мулк ба даст меорад, балки боз дар хусуси хизматрасонӣ ба ҳама табақаҳои аҳолӣ, новобаста ба даромади онҳо фикр кардан лозим буд.

Хусусигардонии сертификатӣ ва ё ваучерӣ асосан хусусияти иҷтимоиву сиёсӣ дошт, бинобар ин, мақсади асосии иқтисодӣ – афзун намудани самараи истеҳсолот дар асоси ташаккулдиҳии молики кордон дар кишвар ва синфи миёна, ки қувваи асосии бавуҷудоварандаи фазои бозории рақобатпазир ва муайянкунандаи асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳисобида мешавад, ба даст оварда нашуд.

Гузариш ба марҳилаи сеюм – давраи хусусигардонии музднок имкон дод, ки бозори дуюм бораи саҳмияҳои корхонаҳои хусусигардондашуда тавлид ёбад, барои ҷалби сармоя ва пайдо шудани молики кордон шароити беҳтарин фароҳам оварда шуд.

Мутобиқи ақидаи Агентии хабарии «REGNUM» милликунонӣ ва фурӯши дуюмбораи корхонаҳои хусусигардондашуда вақте босамар хоҳад буд, агар қонунгузорӣ такмил дода шавад. Корхонаҳои хусусигарондашуда бояд самти фаъолияти худро иваз кунанд ё ин ки 60 фоизи намуди фаъолияти пештараро нигоҳ доранд. Ҳамаи ин гуна корхонаҳо дар давраи ҳукмронии ИҶШС сохта шудаанд ва маҳсулоти онҳо аллакай талабгор надорад.

Дар ин асно бандҳои Қарори Ҳукумати ҶТ-ро аз 4 майи соли 1997, таҳти № 181 «Дар бораи тасдиқи дастур оид ба нархгузории объектҳои хусусигардонӣ» ба назар гирифтан лозим аст. Инчунин минбаъд дар қонунгузорӣ асоси дахлдорро барои ба даст овардани ҳуқуқи моликият аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар сурати хусусигардонии молу мулке, ки ба моликияти коммуналӣ дохил буд, қайд намудан лозим аст.

Хусусигардонии молу мулки коммуналӣ мутобиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ» ва санадҳои муайяни зерқонунӣ сурат мегирад. Бегонакунии молу мулке, ки ба моликияти коммуналӣ мансуб аст, бо муқаррароти қонуни зикргардида, қонунҳои дигар оид ба масъалаҳои хусусигардонӣ танзим мегардад ва аз ҷониби мақомоти худидоракунии маҳаллӣ амалӣ карда мешавад. Бо фурӯхтани ин гуна молу мулк мақомоте машғул мешаванд, ки аз ҷониби шуроҳои маҳаллии дахлдор таъсис меёбанд. Мақомоти номбурда дар доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи шуроҳои маҳаллии дахлдор амал карда, ба онҳо тобеъ, ҳисоботдиҳанда ва назоратшаванда мебошанд.

Бо қабул намудани Конститутсияи ҶТ моликияти коммуналӣ дар сатҳи конститутсионӣ мақоми шакли мустақили ҳуқуқи моликиятро соҳиб гашт, он махсус аз

моликияти давлатӣ ҷудо карда шуд, идоракунии ин шакли моликиятро бевосита ҷомеаҳои ҳудудӣ ё мақомоти таъсисдодашуда амалӣ менамоянд.

Натиҷаи таҳлилро ҷамъбаст намуда, ҷиҳатҳои зерини мусбати хусусигардониро зикр кардан лозим аст:

хусусигардонии объектҳои саноатӣ аз ҷониби сармоягузорони хусусӣ бояд ба рушди истеҳсолот такони ҷиддӣ бахшад;

ба шахсони воқеӣ барои молики молу мулки давлатӣ шудан, ташаккул додани чунин молу мулк ва дар ин ҳол аз кори анҷомдода ва маблағи сармоягузоришуда ба дастовардани фоида ҳавасмандӣ пайдо мегардад;

воридшавии доимии сармояи хориҷӣ ба соҳаи энергетикии Тоҷикистон таъмин мегардад ва рақобатпазирии соҳаи энергетика зиёд мешавад;

ҷойҳои кори иловагӣ ба аҳолии ҶТ таъсис дода мешаванд ва ҳаҷми ММД афзун мегардад.

Лекин дар баробари равандҳои мусбати чашмдор норасоиҳои ҷиддӣ низ мушоҳида мегарданд:

эҳтимолияти харидани объектҳои алоҳида аз ҷониби гурӯҳи хурди сармоягузорон метавонад ба пайдошавии инҳисорот ва аз байн рафтани рақобати одилонаи иқтисодӣ гардад;

давлат метавонад назорати объектҳои энергетикиро аз даст диҳад ва дар натиҷа имконияти амалигардонии сиёсати мустақили энергетикӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мушкил мешавад;

ба таври дахлдор нархгузорӣ нашудани объектҳои стратегӣ ҳангоми хусусигардонӣ метавонад боиси коҳиш ёфтани воридшавии маблағи аз хусусигардонӣ ба дастомада ба буҷети давлатӣ гардад;

мавҷудияти хавфи ворид шудани сармоягузори ғайрикасбӣ, ки барои самарабахш инкишоф додан ва идора кардани объекти ба ӯ боваркардашуда қодир нест метавонад ва вазъи иқтисодии кишвар таъсири манфӣ расонад.

Барои ба даст овардани самараи мувофиқ ва коҳиш додани хавфи амалигардонии марҳилаҳои хусусигардонӣ анҷом додани корҳои зеринро лозим мешуморем:

1). Таъмини амнияти миллии объектҳои стратегӣ: неругоҳҳои барқи обӣ, шоҳроҳҳои оҳан, шабакаҳои миллии барқ;

2). Таъмини шаффофияти зиёдтарини ҳама даврaҳои хусуси-гардонии объектҳои стратегӣ, ки барои барқарор намудани боварӣ нисбат ба раванди хусусигардонӣ ва ғайридавлатикунонии иншоот аз ҷониби аҳолӣ кумак мерасонад. Иҷрои амали мазкур танҳо дар он сурат имконпазир аст, агар дар раванди хусусигардонӣ мутахассисони баландпоя иштирок кунанд, инчунин барои ин гуна мутахассисон ва шахсони дигари ба раванди хусусигардонӣ ҷалбшуда чораҳои қатъии ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ андешида шаванд.

3). Иштироки танҳо сармоягузорони ватанию хориҷӣ дар соҳаҳои дахлдор ва дар раванди хусусигардонӣ

АДАБИЁТ

1. Скворцов О.Ю. Приватизационное право: учебное пособие–М.: Бизнес – шк «Интел - синтез», 1999. – С. 9.
2. Махкамов Р. Проблемы реформирования экономики Республики Таджикистан и становление частного сектора в переходном периоде к рынку: на уровне макроанализа: дис… канд. экон. наук: 08. 00. 01.- Душанбе, 1998. – С. 31.
3. Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷаи суръатбахшӣ ба ислоҳоти иқтисодӣ ва гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ» аз 3 декабри соли 1994// Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ – ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Адлия.” Шакли 7. 0. [Захараи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www. Adlia. Tj
4. Каримова М. Ход экономических реформ в Таджикистане. Статья. Текст. Сайт – CA&CCPRESSr. Издательский дом Швеция. 1998 (дата обращения: 22. 12. 2025г.).
5. Радыгин А.Д. Реформа собственности в России: на пути из прошлого в будущее. – М., 1994. – С. 56.

6. Махкамов Р. Проблемы реформирования экономики Республики Таджикистан и становление частного сектора в переходном периоде к рынку: на уровне макроанализа: дис… канд. экон. наук: 08. 00. 01.- Душанбе, 1998. – С. 32.
7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабулшуда. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. – Душанбе, нашрия аз ҷониби Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Хелветас Свисс Интеркооперейшен» дар доираи Барномаи «Волоияти қонун ва дастрасӣ ба адолат», бо маблағгузории Дафтари Швейтсариягӣ оид ба ҳамкорӣ дастгирӣ карда шудааст. 2017. – С. 7. Ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ.
8. Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи чораҳои суръатбахшӣ ба хусусигардонии моликияти давлатӣ» аз 29 – уми декабри соли 1996, таҳти № 631// Маҳзани мутамаркази иттилоотӣ – ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Адлия." Шакли 7. 0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: // www. Adlia. Tj
9. Гулов Ш. Процесс «малой» приватизации в Таджикистане завершен, а практически все средние и крупные предприятия акционированы. Текст. ИА «Азия плюс», 24 января 2006г.: Информационный ресурс – http://www.news.tj. (санаи мурочиат: 24. 09. 2025с.).

ХУСУСИГАРДОНИИ МОЛИКИЯТИ КОММУНАЛӢ

Мақолаи мазкур ба масъалаҳои хусусигардонии моликияти коммуналӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар он моҳият, мақсад ва аҳаммияти хусусигардонӣ ҳамчун воситаи гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ таҳлил гардидааст. Муаллиф марҳилаҳои асосии хусусигардонии моликияти давлатӣ ва коммуналиро дар Тоҷикистон баррасӣ намуда, заминаҳои ҳуқуқӣ ва конститутсионии ин равандро таҳқиқ мекунад. Дар мақола шаклҳо ва усулҳои хусусигардонӣ, аз ҷумла саҳомикунонӣ, музояда, озмун ва иҷораи дарозмуддат бо харидории минбаъда таҳлил шудаанд. Ҳамчунин, таъсири хусусигардонӣ ба рушди моликияти хусусӣ, ташаккули муҳити рақобатпазир, ҷалби сармоягузорӣ ва рушди бахши хусусӣ арзёбӣ гардидааст. Дар баробари ин, мушкилоти амалии хусусигардонӣ, аз ҷумла камбудиҳои қонунгузорӣ, хавфи инҳисоршавӣ, паст будани шаффофият ва коҳиш ёфтани назорати давлатӣ нисбат ба объектҳои стратегӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф барои такмили раванди хусусигардонӣ зарурати таъмини шаффофият, ҷалби сармоягузорони касбӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар идоракунии объектҳои стратегиро асоснок менамояд.

Калидвожаҳо: хусусигардонӣ, моликияти коммуналӣ, моликияти давлатӣ, иқтисоди бозаргонӣ, ғайридавлатикунонӣ, хусусигардонии давлатӣ, саҳомикунонӣ, сармоягузорӣ, рақобатпазирӣ, моликияти хусусӣ, музояда, ислоҳоти иқтисодӣ, идоракунии молумулк, объектҳои стратегӣ, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, иқтисодиёт.

ПРИВАТИЗАЦИЯ КОММУНАЛЬНОЙ СОБСТВЕННОСТИ

Данная статья посвящена вопросам приватизации коммунальной собственности в Республике Таджикистан. В ней анализируются сущность, цели и значение приватизации как средства перехода к рыночной экономике и повышения эффективности экономической деятельности. Автор рассматривает основные этапы приватизации государственной и коммунальной собственности в Таджикистане, а также исследует правовые и конституционные основы данного процесса. В статье анализируются формы и методы приватизации, включая акционирование, аукционы, конкурсы и долгосрочную аренду с последующим выкупом. Также оценивается влияние приватизации на развитие частной собственности, формирование конкурентной среды, привлечение инвестиций и развитие частного сектора. Наряду с этим рассматриваются практические проблемы приватизации, включая недостатки законодательства, риск монополизации, низкий уровень прозрачности и снижение государственного контроля над стратегическими объектами. Автор обосновывает необходимость обеспечения прозрачности приватизационного процесса, привлечения профессиональных инвесторов и защиты национальных интересов при управлении стратегическими объектами.

Ключевые слова: приватизация, коммунальная собственность, государственная собственность, рыночная экономика, разгосударствление, государственная приватизация, акционирование, инвестиции, конкурентоспособность, частная собственность, аукцион, экономические реформы, управление имуществом, стратегические объекты, законодательство Республики Таджикистан, экономика.

PRIVATIZATION OF MUNICIPAL PROPERTY

This article is devoted to the issues of privatization of municipal property in the Republic of Tajikistan. It analyzes the essence, objectives, and significance of privatization as a means of transition to a market economy and improvement of economic efficiency. The author examines the main stages of privatization of state and municipal property in Tajikistan and studies the legal and constitutional foundations of this process. The article analyzes the forms and methods of privatization, including corporatization, auctions, tenders, and long-term lease with subsequent purchase. It also evaluates the impact of privatization on the development of private property, the formation of a competitive environment, the attraction of investments, and the growth of the private sector. In addition, the practical problems of privatization are considered, including shortcomings in legislation, the risk of monopolization, insufficient transparency, and the reduction of state control over strategic facilities. The author substantiates the need to ensure

transparency in the privatization process, attract professional investors, and protect national interests in the management of strategic assets.

Keywords: privatization, municipal property, state property, market economy, denationalization, state privatization, corporatization, investment, competitiveness, private property, auction, economic reforms, property management, strategic facilities, legislation of the Republic of Tajikistan, economy.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Самизода Фирӯз Ҳамрохон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри соли 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон. (+992) 552010001.

Сведения об авторе: ***Самизода Фируз Хамрохон*** – Таджикский национальный университет, магистр 2-го года обучения юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 552010001.

Information about the author: ***Samizoda Firuz Hamrokhon*** – Tajik National University, 2nd-year Master's student of the Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 552010001.

КОМПЮТЕРИКУНОНИИ ГУЗАРОНИДАНИ АМАЛҲОИ АЛОҲИДАИ ТАФТИШӢ АЗ ҶОНИБИ МУФАТТИШ

Сафарзода М. Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Баланд бардоштани самаранокии кори мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми тафтиш ва ошкорсозии ҷиноятҳо дар замони муосир бе якҷоя кардани технологияи нави иттилоотӣ ғайриимкон аст. Бартариҳои компютерҳои муосир аз мошинаҳои электронии ҳисоббарор (минбаъд МЭҲ) чунин мебошанд: вобаста ба ҳаҷм (хурду бузургӣ), ҳаҷми хотиравӣ, кафолатнокии нигоҳдории маълумот, сарфанок ва ғайра. Ин имкон медиҳад, ки ҳангоми пешбурди амалҳои мурофиавӣ аз чунин техника истифода карда шавад[1; 44].

Истифодаи воситаҳои техникаи компютерӣ имкон медиҳад, ки сифат ва натиҷаҳои кори муфаттиш ва кормандони оперативӣ ҳангоми ошкорсозӣ ва тафтиши ҷиноятҳое, ки гурӯҳҳои муташаккил содир кардаанд, беҳтар шавад. Онҳо метавонанд ҳангомии ҳалли ин масъалаҳои таҳлилӣ, дар навбати аввал тартиб додани ҳуҷҷатҳои мурофиавиро ба роҳ монанд. Инчунин оид ба ҷавобгарӣ кашидани ҷинояткор дар мутобиқат бо хулосаҳои тафтишӣ ё қарорҳоро дар бораи дароз кардани мӯҳлати тафтиш ва нигоҳдории айбдоршаванда дар ҳабс, дар хотираи компютер сабт намояд.

Дар рафти тафтиш субъектони пешбурди парвандаи ҷиноятӣ метавонан чунин маълумотхоро ба барномахои компютери дохил наомянд[2; 122]:

таҳлили маълумот оид ба парвандаи мураккабу давомдор, ки тавассути он якчанд шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд. Ин ҷо компютер маълумотро аз рӯйи лаҳзаҳо, объектҳо, шахсон, вақт ва макони содир шудани суиқасд, намудҳои далелҳои ҷамъоваришуда гурӯҳбандӣ мекунад, ки ба систематикунонӣ ва ҳангоми зарурият таркибӣ кардани ҳамаи далелҳои мавҷудбуда имкон медиҳад. Масалан, бо нақшаи: шахс, лаҳзаи айбдорӣ ва маълумоти равонакунанда имкон медиҳанд. Ин бисёр муҳим аст, хусусан, ҳангоми омодагии гузаронидани пурсиш, рӯбарӯкунӣ, дигар амалҳои ҷиноятӣ;

таҳлили маълумоти гурӯҳи парвандаҳои ҷиноятӣ: бо сабаби набудани шахсе, ки ба ҷавобгарӣ кашида шавад, мавқуф гузошта мешавад; аз рӯйи воқеаҳои зиёди содир шудани ҷиноят, масалан, дар шароити таъҷилӣ;

таҳлили маълумот дар бораи арзишҳои молию маводӣ, ҳуҷҷатҳо ва ғайра. Чунин таҳлил ҳангоми таҳлили тафтиши ҳуҷҷатҳо, ҳангоми тафтиши лаҳзаҳои зиёди гирифтани доруҳои нашъадор бо дорухати қалбакӣ, ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои дар соҳаи амали бонкӣ содиршуда ва ғайра.

Суиқасдҳои аъзоёни гурӯҳҳои ҷиноятии муташаккил содиркардаро таҳти тафтиш қарор дода, зарур аст, ки масъалаҳои ҷустуҷӯию таҳлилӣ ҳал карда шаванд, масалан, бо роҳи тартиб додани нақшаи робитаҳои ҷиноятӣ дар гурӯҳи ҷиноятии криминалистӣ. Ҳангоми истифодаи нақшаҳои ҷадвалии одӣ бо сабаби мураккаб ва сершоха будани робитаҳои ҷиноятии хислати минтақавӣ ва ҳатто байналхалқидошта ин ба даст намеояд. Системаҳои компютерии муосир имкон медиҳанд, ки ин масъала низ ҳал гардад. Ҳамин тавр, системаи иттилоотию ҷустуҷӯйӣ, махсусан ба муайян ва тарҳсозии робитаҳо дар гуруҳҳои ҷиноятӣ нигаронида шудааст. Ин имкон медиҳад, ки маълумотҳои инъикоскунандаи чунин робитаҳо (хешон, дӯстон, муносибатҳои фасодӣ ва ғайра) ба қайд гирифта шаванд[3; 137].

Дигар масъалаҳое, ки тавассути техникаи компютерӣ анҷом дода мешаванд:

автоматикунонии фаъолияти муфаттиш дар дараҷаи боз шудан ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ (АРМ муфаттиш);

автоматикунонии ҳисоб ва назорати тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ дар ҷузъҳои тафтиши (АРМ роҳбар);

таҳлил кардани системаҳои автоматикунонии иттилоотию тавсиявӣ, ки дорои методикаи намунавии тафтиши намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳо мебошад;

бақайдгирии ҳолати ҷойи ҳодиса барои таҷдиди визуалии компютерӣ бо кашидани нақшаи ин макон;

автоматикунонии ҳисобҳои криминалистӣ, хусусан, ҳисоби дактилоскопӣ ва ғайра.

Аксари масъалаҳои ишорашуда ҳангоми истифодаи техникаи компютерӣ, ки бо шабакаҳои ахбори маҳдуд пайваст шудаанд, ҳалли худро меёбад, чунки самараи барнома ҳамеша аз шумораи унсурҳои он вобаста аст. Қайд кардан зарур аст, ки воситаҳои барномавию техникӣ имконияти дастрасӣ ба заминаҳои маълумотҳои меъёрию ҳуқуқӣ, оперативию маълумотӣ, ҳисобҳои криминалистӣ ва дигар ҳисобҳоро дар ҳама марҳалаҳои амали тафтишӣ доранд.

Компютерҳое, ки дар худ барномахои намунавиро оид ба дилхоҳ масоили ҳалли парвандаи ҷинояти доро мебошад, кори субъектони тадқиқу тафтишро дучанд осон менамояд. Масалан чунин комютерхои марказонидашуда дар ВКД ФР мавҷуд мебошад. Ҳамчунин дар оғози таъмини фаъолияти кории мақомотҳои тафтиши пешакии Кумитаи тафтишӣ дар назди ВКД Русия бо роҳи марказонидашудаи дастраси маҷмӯи шабакаҳои маҳдудии ахборотию ҳисоббарорӣ доро мебошад. Шабакаи маҳдуди намунавӣ аз як хизматгузории файлӣ ва аз панҷ-шаш истгоҳи корӣ иборат аст. Дар замони мо аз ним зиёди идораҳои тафтишии субъектҳои Федератсияи Россия чунин шабакаҳоро дорад, ки даҳҳо ва ҳатто садҳо компютерҳоро муттаҳид мекунанд.

Барномаҳои намунавии автоматикунонидашудаи тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ ин маҷмӯи барномаҳои банизомдаровардашудае мебошанд, ки ҳисоб ва назорати тафтишӣ, тартиб додани ҳуҷҷатҳои амали тафтишӣ ва дигар ҳуҷатҳои мурофиавиро таъмин месозад[4; 117]. Масалан, маҷмӯи барномавии “Гран-УД” системае мебошад, ки ҳам дар шабакаҳои маҳаллии ахборотӣ, ва ҳам бо тарзи кор дар як мошин фаъолият мекунад. Он аз ду зерсистема иборат аст: “АРМ муфаттиш” ва “АРМ роҳбар”. Таъсири мутақобила байни онҳоро заминаи умумии ҷамъоварии маълумотҳо ва амалҳои тафтиши ҳамаи парвандаҳои ҷиноятӣ таъмин месозад.

АРМ муфаттиш имкон медиҳад, ки масъалаҳои зерин ҳалли худро ёбанд:

дар манбаи маҳдуди худ қайд кардани маълумотҳо оид ба матнҳои пурсиш, рӯбарӯкунӣ, мундариҷаи ҷиноятҳои тафтишкардашуда, айбҳои эълоншуда ва дар ин асос ба даст овардани ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ (суратҷаласаҳо, қарорҳо, дархостҳо ва ғайра);

ба таври автоматикӣ ташаккул ёфтани хулосаҳои айбдоркунӣ ва дархости дароз кардани муҳлати тафтиш ва (ё) дар ҳабс нигоҳ доштани шахсе, ки бо якчанд парвандаи ҷиноятӣ айбдор шудааст;

дар манбаи маълумотҳо ҷойгир кардани лаҳзаҳои асосии рафти парвандаи ҷиноятӣ ва иштирокчиёни он;

дарёфти парвандаи ҷиноятӣ ва ё шахси ба тафтишот лозима.

Ҳамин тавр, ҳар як ҷойи кории автоматикунонидашудаи муфаттиш бо манбаи маҳаллии (маҳдуди) маълумотҳо барои нигоҳдории ахбори махфии парвандаҳои таҳти тафтиш қарордошта ва мустақилияти мурофиавии муфаттишро таъмин мекунад.

Система инчунин дорои маводҳои ахборотӣ, ки барои муфаттиш ҳангоми тафтиши намудҳои ҷудогонаи ҷиноятҳо зарур мебошанд, доро аст. Маълумотҳои система дар асоси тадқиқоти таҷрибавӣ, инчунин натиҷаҳои омӯзиши санадҳои меъёрӣ ва адабиёти махсус ба вуҷуд омадаанд.

Зерсистемаҳои АРМ, ки муфаттиш бо муваффақият коркард ва ба тавсиб мерасонад, дар чунин кирдорҳо ба роҳ монданашон мумкин аст:

дар соҳаи маълумоти компютерӣ;

бо гардиши ғайриқонунии воситаҳои нашъадор алоқаманд;

бо таҷовуз ба арзишҳои фарҳангӣ алоқаманд;

дуздӣ ва ғоратгарӣ;

роҳзанӣ ва ғайра[5; 182].

АРМ “роҳбар” ба автоматикунонии ҳисоб ва назорати тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ имконият медиҳад, ки системаи компютерӣ бо чунин роҳҳотаъмин карда шавад:

бақайдгирӣ ва ҷамъоварӣ дар маркази маълумотҳои ҳамаи масъалаҳо оид ба масъалаҳои парвандаҳои ҷиноятӣ ва нисбати шахси таҳти тафтиш қарордошта;

тартиб додани дархост барои кофтукови парванда ё шахси лозимӣ аз рӯйи нишонаҳои озоди ҷустуҷӯйӣ;

ҳисоби автоматикии мӯҳлати мурофиавии тафтиш ва дар ҳабс нигоҳ доштани айбдоршавандагон (бо дарназардошти дароз кардан ва мавқуф гузоштани парванда) барои назорати риояи ин муҳлат;

ба даст овардани ҳуҷҷатҳои ҳисоботии оморӣ ва маълумоҳои ҷорӣ дар бораи амали тафтишии ҳамаи ҷузъҳо ва ҳар як муфаттиш.

Маҷмуи барномавӣ бо ҷузъи тафтишӣ ба мақомотҳои болоӣ равона карда мешавад. Система бо зерсистемаҳои маъмурӣ, бо имкониятҳои нусхабардории иловагӣ ва барқарор кардани маълумотҳо баъди аз кор баромадани дастгоҳ таъмин мебошанд. Вай муҳофизати рамзнок, инчунин маҳдудияти дастрасӣ ба зерсистемаҳои вазифавӣ ва маълумот дар вобастагӣ ба рамзи воридкардашударо дорад. Инчунин зерсистемаи хазинавӣ дорад, ки ҳар вақт парвандаи ҷиноятии ба охир расонидашударо аз манбаи асосии корӣ ба хазина, ки ҳоло, масалан, дар фитаҳои диск нигоҳ дошта мешавад, мегузаронад. Дар хазина имконияти ҷустуҷӯйи парвандаҳо ва шахсони таҳти ҷустуҷу қарордошта сапт карда мешвад. Ҳангоми зарурияти гузаронидани онҳо аз хазина ба манбаи корӣ, ҳангоми дар парванда пайдо гаштани ҳолатҳои нав, боздошти гумонбаршудагон, ки дар кофтуков қарор доштанд, инчунин бозгашти парванда барои тафтиши иловагӣ ва ғайра ҳар вақт пешбинӣ карда шудаанд.

Бақайдгирии ҳолати ҷойи ҳодиса яке аз вазифаҳои муҳиме мебошад, ки ҳангоми сабти дурусти ҳолатҳои ҷойдошта натиҷаи муайяни лозимиро дар рафти тафтиш муқарар кардан мумкин аст, бинобар ин ба ин самт диққати махсус дода шудааст. То замони муосир воситаҳои анъанавии бақайдгирии ҷойи ҳодиса аз протокол, дастгоҳи аксбардорӣ ва чентаноб иборат буд. Вале системаҳои фотограмметрӣ рушд меёбанд, ки дар қатори аксбардории одӣ ва ченкунии объект аз рӯйи акс, инчунин тартиб додани нақшаҳои муайяни ҷойи ҳодисаро таъмин мекунанд[6; 113].

Истифодаи усулҳои фотограмметрӣ имкон медиҳад, ки ҷадвали компютериро истифода карда, ҷойи ҳодиса айнан барқарор карда шавад.

Системаи сеандозавии (фазоӣ) намунаи компютерии ҳолати ҷойи ҳодиса ва инъикоси амали ҷиноятии дар он ҷо содиршуда коркард карда шудааст. Вай барои барқарор кардани ҷойи ҳодиса дар асоси протоколи тафтиши он ё мутобиқи аксбардории фотограмметрӣ муқаррар карда шудааст. Барнома ин ҷойи коре мебошад, ки дар компютер сохта шуда, бо сканер, принтер, ва таъминоти махсуси компютерӣ таҷҳизонида шудааст. Вай нақшаи муфассали ҷойи ҳодисаро тартиб медиҳад, инчунин дар намуди аниматсия (филми компютерӣ) онро месозад.

Аз ҷониби муфаттишон ва кормандони оперативӣ, ҷойҳои муҳими баъзе аз муссисаҳо, ки дар манбаи автоматикунонидашудаи компютерӣ ворид карда шудаанд, истифодаашон хеле муҳим мебошанд, ба монанди фурӯдгоҳҳо, истгоҳҳои роҳи оҳану автобусҳо, меҳмонхонаҳо, муассисаҳои тиббӣ, ҷойи навбатдории БДА, идораи андоз, гумрук, дидбонгоҳи назорати сарҳадӣ ва ғайра. Бо ёрии онҳо муайян кардани ҳаракати ин ё он ашёи шубҳанок, ҳаракати маблағи пулӣ, арзишҳо, воситаҳои нақлиёт ва ғайра мумкин аст.

Бо ёрии маълумотҳое, ки аз манбаи компютерӣ бар меоянд, тавассути дастгоҳҳои техникӣ (аз ҷумла, автомашинаҳои рабудашуда) муайян карда мешаванд. Манбаи маълумотҳои сохтори тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки ҳаракати маблағҳои пулӣ назорат карда шаванд, инчунин ин ба ҳаракат дар минтақаи назоратӣ низ дахл дорад[7; 116]. Дар ин ҷо

истифодаи системаҳои компютерӣ якчанд маротиба тафтиши андоз ва тафтиши ҳуҷҷатҳоро кам мекунад.

Рушди шиддатноки воситаҳои техникаи компютерӣ доираи истифодаи онҳоро дар фаъолияти дастгоҳҳои тафтишӣ васеъ мегардонад. Аллакай ҳар як муфаттишон сабти видеоиро, ки дар ҷойи ҳодиса рӯйи навор омадаанд, бо сабт кардани наворҳои алоҳидаи ба тафтиш аҳаммиятдошта таҷриба мекунанд. Дастгоҳҳои "рақамии" аксбардорӣ васеъ истифода мешаванд, ки бе истифодаи раванди кимиёвӣ, бо ёрии принтери компютер суратҳои ранга чоп мешаванд. Чунин расмҳоро бо алоқаи компютерӣ, масалан, ба воситаи шабакаи "Интернет" фиристодан осон аст.

Бо дарназардошти боло рафтани сатҳи ҷиноятқории муташаккилона имкон дорад, ки ба таҷрибаи тафтиш усули пурсиш дар масофа дур дар асоси алоқаи компютерӣ ворид карда шавад. Моҳияташ аз он иборат аст, ки муфаттиш шахсеро, ки дар дигар шаҳр ё дигар мамлакат бо ёрии дастгоҳи телевизионӣ ва компютерӣ бо тасвир ва овози маҳдуд дар асоси алоқаи компютерӣ ва бо мубодалаи протоколҳои имзогузошташуда пурсиш мекунад. Пурсиш тавассути видео ва овоз, бояд имконияти қонеъ гардонидани натиҷаҳои амали тафтишро ба монанди утоқи кории муфаттиш ё пурсиш аз масофаи назикро дошта бошад.

Яке аз сарчашмаи муҳимми маълумоти собиткунанда ва равонакунанда ҳангоми ошкоркунӣ ва тафтиши ҷиноят ин иттилооти криминалистие мебошад, ки дар компютер ворид карда шудааст, ба ҳисоб меравад[8; 119].

Системаҳои ахборотии автоматикунонидашуди компютерb имконият медиҳад, ки бо истифода аз он системаи автоматикунонидашудаи дактилоскопии айниятқунии ангуштони дастҳо (дактилокарт) муғаррар карда мешванд.

Системаи автоматикунонидашудаи дактилоскопии айниятқунӣ (САДА) ин маҷмӯи барномавию техникӣ, ки барои бурдани ҳисоби дактилоскопӣ ва амал кардани санҷиши пайҳои дастон, ки аз ҷойи ҳодисаи ҷинояти тафтиш бурда нашуда гирифташуда, аз рӯйи минтақаи дактилохаритаи шахсоне, ки назорати дактилоскопӣ қарор доранд, мебошад. Тайи солҳои охир якчанд системаи автоматикунонидашудаи дактилоскопии айниякунӣ САДА коркард ва санҷида шуд, ки шакли мукаммали онҳо системаи "Папилон" мебошад. Системаи Папилон дар он тасвири аз ҳамаи пурраи топологии сохтори пуштагии нақшбандии паппиллярӣ мебошад.

Системаи автоматикунонидашудаи дактилоскопии айниятқунӣ САДА"Папилон" ягона системаи компютерии ватанӣ аст, ки хислати кафолатнокро дар дилхоҳ минтақаи дактилохарита бе интихоби намуди сифатнокии онҳо таъмин месозад. Иштироки оператор ҳатто ҳангоми дарёфти хусусиятҳои хурди нақшбандӣ аз эҳтимол дур аст. Ин дар натиҷаи истифодаи муфассали тасвири иерархии сохтори нақшбандии паппиллярии ҳар як пай ба даст меояд. Дар дараҷаи аз ҳама баланди пайдар[ами намуди нақшбандӣ қарор дорад, баъд ҳолати резишгоҳҳо ва марказҳо, ҳисоби пуштавии шоха-шоха ва резишгоҳ-марказ, баъд самти хатҳои паппиллярӣ, ҷойгиршавии хусусиятҳои хурд ва муносибати байниҳамдигарии онҳо ҷойгир шудаанд.

Система дорои кафолат[ои махсус буда, дорои чунин вазифа[о мебошад:

а) гузаронидан ва нигоҳдорӣ кардан дар манбаи маълумотҳои дактилохаритаҳо, тасвири акси шахсон, нишонаҳои махсус ва тасвир[о аз рейи наrли шифо[ии шахсон;

б) гузаронидан ва нигоҳдорӣ кардани пайҳои ангуштони дастҳо ва кафи даст, ки аз ҷойи ҳодисаи ҷинояти тафтиш ношуда гирифташудааст;

в) ҷустуҷӯйи автоматии "нақша" барои муқаррар кардани шахсияти субъекти санҷидашудаистода; "нақшаи-пай" барои ошкор кардани шахсе, ки дар чунин ҷойҳо пайҳои худро гузоштааст; инчунин "нақша" барои ошкор кардани ҳодисаи содир кардани якчанд ҷиноят аз ҷониби як шахс ҳангоми санҷиш;

г) ҷустуҷӯйи пайҳо ва нақши кафи даст;

д) муайян кардани автоматикии дактилоформула;

е) маълумоти дактилоскопӣ, дастрасии дуркардашуда ба манбаи марказии маълумотҳо[9; 218] [10; 427].

Бо ёрии он аллакай даҳҳо ҳазор ҷиноят ошкор шудааст, аз он ҷумла ҷиноятҳои вазнин, ки дорои хислати минтақавӣ мебошанд.

Системаи автоматикунонидашудаи дактилоскопии айнияткунӣ (САДА) "Папилон", ки дар субъекти муайян фаъолият мекунад, системаи марказии компютерӣ дорад ва бо он шабакаҳои стансияи дастрасии дуркардашудаи ҳамаи минтақаро фаро мегирад. Дар системаи автоматикунонидашудаи дактилоскопии айниякунӣ (САДА)-и марказӣ пурра маълумоти дактилоскопӣ қабул карда мешавад, ҳама намуди санҷишҳо гузаронида мешаванд ва натиҷагирӣ карда мешаванд. Дар стансияҳо дастрасии дуркардашуда, маълумоти ҳисоби оперативӣ ворид карда мешавад (дактилохаритаҳо, пайҳо, тасвири даҳонӣ, аксҳо), ки ба марказ барои санҷиш равона карда мешаванд. Вай дарҳол ба манбаи маълумот ворид карда мешавад ва ба дигар истифодабарандагони дуркардашуда дастрас мегардад.

Дактилоскопиякунонии ҷинояткорон дар сканери "зиндаи" Папилон, ки дастгоҳи беҳамтои оптоэлектронии дактилоскопиякунандаи беранг мебошад, сурат мегирад. Вай тасвири варақакардашудаи ангушт, пайи санҷишӣ, нақши кафи дастонро ташаккул медиҳад. Нақши паппиллярӣ айнан қайд карда мешавад, ин ҳам бошад боз барои ба даст овардани натиҷаҳо. Тартиби равиш ва ҷойгиршавии нақшҳо ва пайҳои санҷишӣ ба таври автоматӣ назорат карда мешавад. Дактилохаритаҳои электронии бо ин роҳ ба даст ояранда маҳдуд карда мешаванд ва вақти кӯтоҳ ба дилхоҳ системаи автоматикунонидашудаи дактилоскопии айнияткунӣ (САДА) гузаронида мешаванд[11; 221].

Сканери "зиндаи" Папилон имкон медиҳад, ки зуд дактилохаритаҳои баландсифат ба даст оварда шавад, гумонбаршаванда дар 1-3 соат баъди боздошт шудан бо ҳамаи пайҳои аз ҷойи ҳодиса дарёфтшуда ва тафтиш бурданашуда санҷида шавад, шахсияти ӯ муқаррар карда шавад ва ғайра. Ба шарофати рӯпӯши эластикӣ ва равшании инфрасурх дастгоҳи наворбардорӣ барҷастагии пӯстро дақиқ ба навор сабт мекунад, сабти электронии нақш бошад, ба системаи автоматикунонидашудаи дактилоскопии айнияткунӣ (САДА) фиристода мешавад. Муҳиммияти ин система афзуда истодааст.

Система ҳолати умумии ҷиноятқориро дар шаҳр, умуман паҳншавии он ба минтақа ва намуди ҷиноятро нишон медиҳад. Таҳлил барои ошкор кардани ҷойҳое, ки дар он ҷо шахсони бе маҳалли муайяни зист ҷиноят содир мекунанд, ёрӣ мерасонад ва боз нишон медиҳад, ки ба минтақаи мазкур ҷиноятқорони синну соли муайян барои амалӣ кардани нияту мақсадҳои ҷиноятқоронаи худ меояд, инчунин ба ин маҳал ҷиноятқорони худи маҳал низ меомаданд. Муайян карда шуд, ки қисми зиёди ҷиноятҳои дар ноҳияҳо бақайдгирифташударо истиқоматкунандагони дигар воҳидҳои маъмурӣ содир мекунанд. Аз ин дараҷаи мушкилоти ошкор кардани ҷиноятҳои номуайян вобаста аст.

Системаи "Квадрат" имкон медиҳад, ки вобастагӣ байни синну сол ва интихоби маҳалли ҷиноят, махсусан намудҳои ҷиноят муқаррар карда мешаванд. Бо ёрии МЭҲ (ЭВМ) натиҷаҳои таҳлилро муқоиса карда, қайд кардан зарур аст, ки ҷинояткорӣ дар шаҳр паҳн шуда истодааст, маҳалли доимии "макони гарм" (минтақаи қонунвайронкуниҳо). Он ба омилҳои мавсимӣ ва вақти шабонарӯзӣ вобаста аст, сокиншавӣ ва интиқоли шахсоне, ки ҷиноят содир мекунанд, бе тағйир мемонанд[12; 116].

Натиҷаҳои таҳлили ҷинояткорӣ бо системаи "Квадрат" хеле муҳим мебошанд. Муайян кардани мувофиқати байни ҷойи истиқомати (кор) ҳуқуқвайронкунанда ва макони содир кардани ҷиноят аз тарафи онҳо, воситаҳои нақлиёт ва ҷозибанокии ноҳияи шаҳр барои муқаррар кардани ҷинояткоре, ки аз ҷойи ҳодиса гурехтааст, масалан, қолиби ҷустуҷӯйӣ бо системаи "Квадрат" имкон медиҳад, ки дар харитаи шаҳр бо эҳтимолияти 0,7 квадрати ҷойи истиқомати шахсе, ки ҷинояти таҳти тафтиш қарордоштаро содир кардааст, муқаррар карда шавад[13; 156].

Ҳамин тавр, системаи “Квадрат” чун маҷмӯи барномаҳои таҳлилию омории компютерӣ имкон медиҳад, ки амиқ, ҳамаҷониба ва аз нуқтаи назари илм ҳолати ҷиноятқорӣ таҳлил карда шавад, ки заминаҳои маълумотиро барои коркарди стратегияи мувофиқ ва тактикаи амали тафтишӣ ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои гуногун омода месозад. Ба таври дигар, фақат ба кор бурдани МЭҲ (ЭВМ) дастрасии маълумотро дар бораи ҷиноятқорӣ дастрас мегардонад, имкон медиҳад, ки зуд таҳлил карда шавад, аммо бояд онро вақте расонид, ки он муҳиммияташро гум накардааст.

Чунончӣ, таҳлили мошинии ҷиноятҳои фошнашуда имконият медиҳад, ки рӯйхати гумонбаршавандагон муайян карда шавад, як қатор ҷиноятҳое ҷудо карда мешаванд, ки як шахс содир кардааст (бо ҷинояти дигар ҳабсшуда ё маҳкумшуда), нишонаҳои ҷудогонаи ҷиноятқор хулоса карда шавад, ки аз суханони шоҳидон ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса гирифта шудаанд. Бурда расонидани чунин таҳлил то иҷрочиён ба муфаттиш имкон медиҳад, ки ба тафтиши ҷинояти ошкорнашуда диққати марказонидашуда диҳад, оид ба сохтан ва санҷиши фарзияҳо, банақшагирии давоми кор тавсияҳо диҳад.

АДАБИЁТ

1. Бондарь М. Е. К вопросу о содержании специальных познаний эксперта при расследование преступление // Криминалистические средства и методы в раскрытии и расследовании преступлений / М. Е. Бондарь. – М.: ЭКЦ МВД России, 2004. – С. 42 – 49;
2. Дьяченко А. Ф. Установление факта монтажа в судебно-фоноскопической экспертизе // Современные проблемы судебной фоноскопической экспертизы / А. Ф. Дьяченко. – Харьков: 1999. – 166 с.
3. Еникеев М.И, Образцов В.А., Эминов В.Е. Следственные действия: психология, тактика, технология: Учеб. пособие. М., 2007. – 288 с.;
4. Журавлев Ю.Г. Тактический прием в следственной практике: Учебное пособие. Оренбург: Оренбургский институт (филиал) Университета имени О.Е. Кутафина (МГЮА), – 2015 – 217 с.;
5. Зернов С.И. Заключение специалиста как новый вид судебных доказательств / С. И . Зернов // Криминалистические средства и методы в раскрытии и расследовании преступлений: Материалы 2-й Всероссийской научно–практической конференции по криминалистике и судебной экспертизе. – М.: 2004. С.177-190;
6. Зинин А. М. Габитоскопия и портретная экспертиза / А. М. Зинин. – М.: 2002. – 71 с.;
7. Майлис Н. П. Моя профессия – судебный эксперт/ Н. П. Майлис. –М.: Щит–М, 2006. – 168 с.
8. Митрохина З.И. Использование данных психологии при производстве допроса. Киев, 1990 – 283 с.;
9. Петрова Г. О. Норма и правоотношение-средства уголовно-правового регулирования. – Нижний Новгород, 1999 – 322 с.;
10. Раҳматҷонов А. Намунаҳои ҳуҷҷатҳои мурофиавӣ. Пешбурди тосудӣ. Маводи таълимӣ–амалӣ / А.Раҳматҷонов, М. Оқилова, Ф. Оқилов. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 726 с.;
11. Россинская Е. Р. Судебная компьтерно–техническая экспертиза/ Е. Р. Россинская, А. И.Усов – М.: Право и Закон, 2001. С.215-226.;
12. Россинская Е. Р. Судебная экспертиза в гражданском, арбитражном, административном и уголовном процессе / Е. Р. Россинская. – изд. 2–е, перераб. и доп. – М.: Норма, 2008. – 182 с.;
13. Ҷӯрабоев А. А. Марҳилаҳои аввалини азназаргузаронии майит ва ҷои воқеа: дастури таълимӣ / А. А. Ҷӯрабоев. – нашри 2-юм, ислоҳ ва илова. – Хуҷанд: ДДҲБСТ, 2012 , – 212 с.

КОМПЮТЕРИКУНОНИИ ГУЗАРОНИДАНИ АМАЛҲОИ АЛОҲИДАИ ТАФТИШӢ АЗ ҶОНИБИ МУФАТТИШ

Дар мақоллаи мазкур муаллиф масъаллаҳои мафҳум ва аҳаммияти компютер дар ошкор ва пешгирии ҷиноятҳо, истифодаи компютер дар раванди тафтиши ҷиноят, компютерикунонии ҷараёни тафтиши ҷиноятҳо, нақши компютер дар кор ва фаъолияти муфаттишон, амалҳои тафтишӣ, тартиби гузаронидани онҳо, ҷиноятҳое, ки дар он амалҳои тафтишӣ бо истифода аз машинаҳои электронии ҳисоббарор гузаронида мешаванд, компютерикунонии ҷараёни ҳар як амали тафтишӣ дар алоҳидагӣ, нақш ва аҳаммияти компютер ва барномаҳои компютерӣ дар осон сохтани кори муфаттиш ва дигар ҳолатҳо мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтааст. Дар натиҷа муаллиф ба хулосае омадааст, ки истифодаи технологияи замонавӣ, хусусан машинаҳои электронии ҳисоббарор барои тафтиши ҷиноят ва гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ нақши калидӣ дорад.

Калидвожаҳо: компютер, технология, амалҳои тафтишӣ, муфаттиш, ошкор ва тафтиш, тафтиши ҷиноят, нақш ва аҳамият, компютерикунонӣ, технологияи банақшагирӣ, амалҳои алоҳидаи тафтишӣ, ҷиноят, ҷиноятқорӣ, шахсони ҷиноятсодиркарда, таҳлил ва баррасӣ, мақомоти тафтишӣ, азназаргузаронӣ, барасмиятдарорӣ.

КОМПЬЮТЕРНЫЙ АНАЛИЗ ЭФФЕКТИВНОСТИ ОПРЕДЕЛЕННЫХ ДЕЙСТВИЙ В РАМКАХ СЛЕДОВАТЕЛЬСКОГО РАЗБИРАТЕЛЬСТВА

В данной статье автор научно анализирует вопросы концепции и значения компьютеров в раскрытии и предотвращении преступлений, использования компьютеров в процессе расследования преступлений, компьютеризации процесса расследования преступлений, роли компьютеров в работе и деятельности следователей, следственных действий, порядка их проведения, преступлений, в которых следственные действия осуществляются с использованием электронных компьютеров, компьютеризации процесса каждого отдельного следственного действия, роли и значения компьютеров и компьютерных программ в облегчении работы следователя, и другие ситуации. В результате автор приходит к выводу, что использование современных технологий, особенно электронных компьютеров, играет ключевую роль в расследовании преступлений и проведении отдельных следственных действий.

Ключевые слова: компьютер, технологии, следственные действия, следователь, обнаружение и расследование, уголовное расследование, роль и значение, компьютеризация, планирование технологий, индивидуальные следственные действия, преступление, преступность, преступники, анализ и обзор, следственные органы, обзор, формализация.

COMPUTER-BASED ANALYSIS OF PERFORMANCE OF CERTAIN INVESTIGATION ACTIVITIES BY THE INVESTIGATOR

Compressed. In this article, the author scientifically analyzes the issues of the concept and importance of computers in the detection and prevention of crimes, the use of computers in the process of investigating crimes, the computerization of the process of investigating crimes, the role of computers in the work and activities of investigators, investigative actions, the procedure for conducting them, crimes in which investigative actions are carried out using electronic computers, the computerization of the process of each individual investigative action, the role and importance of computers and computer programs in facilitating the work of the investigator, and other situations. As a result, the author came to the conclusion that the use of modern technology, especially electronic computers, plays a key role in investigating crimes and conducting individual investigative actions.

Keywords: computer, technology, investigative actions, investigator, detection and investigation, criminal investigation, role and significance, computerization, planning technology, individual investigative actions, crime, criminality, perpetrators, analysis and review, investigative bodies, review, formalization.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафарзода Муҳаммадҷон Шодӣ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри соли 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон. (+992) 933878786.

Сведения об авторе: Сафарзода Мухаммаджон Шоди – Таджикский национальный университет, магистр 2-го года обучения юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 933878786.

Information about the author: Safarzoda Muhammadjon Shodi – Tajik National University, 2nd-year Master's student of the Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 933878786.

МАФҲУМИ ШУУРИ ҲУҚУҚӢ

Сафарзода Ю.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шуури ҳуқуқӣ, мафҳум, моҳият, таркиб ва дигар паҳлуҳои он аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии илми ҳуқуқ ба шумор меравад. Ин масъала яке аз мавзуъҳои анъанавии ҳуқуқшиносӣ буда, ҳамеша мавриди таҳлил ва баҳсҳои гуногун қарор гирифтааст. Дар натиҷа, нисбат ба моҳият ва мазмуни шуури ҳуқуқӣ андешаҳо ва назарияҳои мухталиф ба вуҷуд омадаанд.

Аз ҷумла, намояндагони назарияи фитрӣ-ҳуқуқӣ, махсусан ҷонибдорони назарияи «ҳуқуқи фитрии эҳёшуда» (ба мисли Б.И. Чичерин), шуури ҳуқуқиро бо арзишҳои ахлоқӣ, озодӣ, баробарӣ ва адолат робитаи зич медиҳанд. Намояндагони назарияҳои психологӣ (Л.И. Петражитский ва дигарон) бошанд, дар асоси эътирофи ҳуқуқи объективӣ (позитивӣ) ва ҳуқуқи фардӣ, мафҳумҳои ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқиро аз ҳам ҷудо намекунанд.

Дар назарияҳои сотсиологӣ (Ю. Гамбаров, Р. Штаммлер, С. Муромцев, Б. Кистяковский ва дигарон) бошад, ба ғояи ҳуқуқи воқеӣ ё ҳаётӣ такя карда шуда, мафҳумҳои «шуури ҳуқуқии назариявӣ» ва «шуури ҳуқуқии ҳаётӣ» аз ҳам фарқ гузошта мешаванд. Инчунин, онҳо ба номувофиқии байни шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ ва шуури ҳуқуқии субъективӣ, яъне муносибати шахси алоҳида ба қонун ва падидаҳои ҳуқуқӣ, диққати махсус медиҳанд.

Назарияҳои сотсиалистӣ, ки дар заминаи таълимоти марксистӣ оид ба «моҳияти ҷамъиятии шахсият» ва муносибати танқидӣ нисбат ба фардгароӣ ташаккул ёфтаанд, бештар мафҳуми коллективии шуури ҳуқуқиро истифода мебаранд. Дар ин равия нақши давлат дар ташаккул ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии сотсиалистӣ муҳим ва ҳалкунанда арзёбӣ мегардад[9,387-405].

Дар адабиёти пасошуравӣ мафҳуми шуури ҳуқуқӣ дар робита бо ҳуқуқ, падидаҳои ҳуқуқӣ, воқеияти ҳуқуқӣ муайян мешавад. Ҳамчунин таносуби шуури ҳуқуқӣ ва шуури ҷамъиятӣ ба назар гирифта мешавад. Дар ин замина шуури ҳуқуқӣ чун яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ таъриф дода шуда, тафовути он аз шуури ахлоқӣ, динӣ, эстетикӣ, сиёсӣ ва диг. муайян мешавад. Ин тафовут дар он дида мешавад, ки шуури ҳуқуқӣ бо ҳуқуқ ва умуман воқеияти ҳуқуқӣ алоқаманд аст, ҳиссиёту мафҳумҳои одамонро оиди ҳуқуқ, муносибати онҳоро ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ ифода мекунад.

Бо назардошти ин гуфтаҳо, шуури ҳуқуқӣ чун шакли шуури ҷамъиятӣ, маҷмуи тасаввуроту мафҳумҳо оиди ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ тариф дода мешавад [14,247].

Ҳамзамон ин таърифҳо вобаста ба ишора ба унсурҳои ҷудогонаи шуури ҳуқуқӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Масалан, як қатор муаллифон шуури ҳуқуқиро дар робита бо танзими ҳуқуқӣ таъриф медиҳанд. Дар ин замина чунин таъриф пешкаш мешавад: «Шуури ҳуқуқӣ - ин шакли шуури ҷамъияӣ, низоми мафҳумҳо, ақидаҳо, тасаввурот аст оиди тартиби дахлдори танзими ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа» [12,298].

Дар ин ҳолат мафҳуми шуури ҳуқуқӣ маҳдудтар мегардад, чунки нақши онро дар танзими ҳуқуқӣ мебинад, ҳол он ки муаллифони дигар шуури ҳуқуқиро ҷузъи на танҳо механизми танзими ҳуқуқӣ, балки ҳуқуқэҷодкунӣ ва махсусан амалисозии ҳуқуқ эътироф мекунанд [17,208].

Ҳамзамон дар адабиёт ақида ҷой дорад, ки шуури ҷамъиятӣ чун воҳиди ягона арзи вуҷуд дорад, шаклҳои он аз ҳамдигар пурра ҷудо нестанд, шуури ҳуқуқӣ дар шакли «соф» вуҷуд надорад, бо шаклҳои дигари шуури ҷамъиятӣ омехта аст, масалан, бо шури ахлоқӣ, шуури сиёсӣ ва м.и.

Ҳамин тариқ, як қатор муаллифон шуури ҳуқуқиро чун шакли мустақилу махсуси шуури ҷамъиятӣ ва ҷудо аз шаклҳои дигари шуури ҷамъиятӣ таҳлил мекунанд. Масалан, А.А. Мусаткина ба хислатҳои зерини фарқкунандаи шуури ҳуқуқӣ аз дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ ишора мекунад: якум, шуури ҳуқуқӣ «на танҳо воқеъияти ҳуқуқиро инъикос мекунад, балки ба он фаъолона таъсир мерасонад», дуввум, «ҳамеша тавассути амали

бошуурона ва иродавӣ зоҳир мегардад», сеюм, «бидуни инсон, гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, колективҳо, синфҳо ва м.и. арзи вуҷуд дошта наметавонад», чорум, «бо амали воқеии одамон алоқаманд аст»[11,297-298].

Муалифони дигар бошанд, баръакс, шуури ҳуқуқиро гарчанде шакли шуури ҷамъиятӣ шуморанд ҳам, вале онро пурра аз шуури ҷамъиятӣ ҷудо намекунанд, алоқаи зичи онро бо шуури ахлоқӣ, сиёсӣ ва м.и., яъне омехтагии ҳамаи шаклҳои шуури ҷамъиятиро таъкид мекунанд.

Дар таърифҳои дигар ба шуури ҷамъиятӣ ишора набошад ҳам, вале нақши васеътари шуури ҳуқуқӣ ва унсурҳои таркибии он ба инобат гирифта мешавад.

Тавре маълум аст, шуури ҳуқуқӣ дар сатҳи эҳсосӣ ва маърифатӣ ташаккул меёбад. Дар ин замина шуури ҳуқуқӣ чун маҷмӯи эҳсосоту мафҳумҳо, ё тасаввуроту мафҳумҳо оиди ҳуқуқ, падидаҳои ҳуқуқӣ, воқеияти ҳуқуқӣ таъриф дода мешавад.

Муаллифони ҷудогона таърифи шуури ҳуқуқиро бо назардошти унсурҳояш мушахастар таъриф медиҳанд. Масалан, тибқи яке аз чунин таърифҳо, шуури ҳуқуқӣ - ин «низоми ҳиссиёт, эҳсосот, ақидаҳо, андешаҳо, муқаррарот, тасаввуроти ҳуқуқист, ки муносибати шаҳрвандонро ҳам ба ҳуқуқи амалкунанда, амалияи ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳо, озодиҳо, вазифаҳои шаҳрвандон ва ҳам ба ҳуқуқи дилкаш, падидаҳои ҳуқуқии дилкаш ифода мекунад» [7,474-475].

Дар адабиёт ду нуқтаи назар оиди мавқеи психологияи ҳуқуқӣ ва идеологияи ҳуқуқӣ мушоҳида мешаванд.

Аксари муалифон онҳоро унсурҳои таркибии шури ҳуқуқӣ мешуморанд ва дар ин замина тавассути онҳо сохти шуури ҳуқуқиро меомӯзанд. Аммо муаллифони ҷудогона онҳоро чун намудҳои шуури ҳуқуқӣ таҳлил мекунанд [15,500-551].

Дар адабиёт паҳлуҳои дигари ин масъала низ омӯхта мешаванд. Масалан, Н.С. Соколова зарурати омӯзиши шуури ҳуқуқиро бо назардошти паҳлӯҳои гносеологӣ (донишӣ) ва сотсиологии шуури ҳуқуқӣ маъқул мешуморад. Яке ташаккули мафҳуму тасаввуроти одамонро дар иртибот бо воқеият ва дигаре ташаккули навъи муайяни рафторро дар ҳаёти воқеӣ дар назар доранд. Ҳамзамон ду сатҳи паҳлӯи сотсиологии шуури ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд: муқарарӣ ва назариявӣ (яъне психологияи ҳуқуқӣ ва идеологияи ҳуқуқӣ) [10,384-386].

Аммо П.П. Баранов идеологияи ҳуқуқӣ ва психологияи ҳуқуқиро ду сатҳи паҳлӯи на сотсиологӣ, балки гносеологӣ мешуморад. Дар иртибот бо паҳлӯи сотсиологӣ бошад, се унсури шуури ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд: «маърифатӣ, арзишӣ ва таҷрибавӣ» [2,475-476].

Р.К. Русинов «унсурҳои ақлонаи» шуури ҳуқуқиро идеологияи ҳуқуқӣ ва «унсурҳои эҳсосонаи» шуури ҳуқуқиро психологияи ҳуқуқӣ меномад. Ҳамзамон унсурҳои дигари шуури ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд: а) «онтологияи ҳуқуқӣ» (моҳият, нақш ва имконоти ҳуқуқ); б) унсури «аксиологӣ» (арзишӣ), яъне дарки арзиши ҳуқуқ; в) унсури «иродавӣ» («праксиологӣ»), яъне интихоби навъи амали ҳуқуқӣ [18,208-210].

В.С. Нерсесянс се унсури шуури ҳуқуқиро ҷудо мекунад: «маърифатӣ, арзишӣ ва танзимӣ». Дар робита бо онҳо се функсияи шуури ҳуқуқӣ таҳлил мешаванд: 1) «маърифатӣ» (дарки моҳияти ҳуқуқ ва амалияи он), 2) «арзишӣ» (ташаккули тасавуроту ақидаҳо оиди арзиши ҳуқуқ), 3) «танзимӣ» (амалӣ намудани навъи муайяни рафтор). Ҳамчунин дар «таркиби шуури ҳуқуқӣ» ду сатҳи маърифатӣ ҷудо карда мешаванд: а) «шуури ҳуқуқии таҷрибавӣ» ва б) «шуури ҳуқуқии назариявӣ».

Бояд гуфт, ки функсияҳои шуури ҳуқуқӣ дар адабиёти шӯравӣ низ таҳлил мешуданд. Чунончи, функсияҳои зерини шуури ҳуқуқӣ ҷудо карда мешуданд: 1) «гносеологӣ» («дарки падидаҳои ҳуқуқӣ ва воқеияти объективӣ»), 2) «танзимӣ» («мутобиқ намудани амали хеш бо талаботи ҳуқуқӣ»), 3) «нусхасозӣ» («ташаккули навъи муайяни рафтор»). Тибқи таснифи дигар, функсияҳои «маърифатӣ, арзишӣ ва танзимӣ» фарқ карда мешуданд [4,85-92].

Ин таҳлилҳо ҳоло исифода шуда, ҳамзамон таснифҳои дигари функсияҳои шуури ҳуқуқӣ пешбарӣ мешаванд. Чунончи, А.С. Пиголкин фунуксияҳои «маърифатӣ-арзишӣ, нусхазоии ҳуқуқӣ, танзимӣ, тарбиявиро» ҷудо мекунад [16,548-550].

Дар адабиёт ҳамчунин тансуби ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқӣ таҳлил мешавад. Е.А. Лукашева хислати «меъёрии» шуури ҳуқуқиро («аҳамияти иттилоотӣ ва арзиширо») қайд

мекунад, аз ҷумла дар заминаи ифодаи ақидаи қонуният дар шуури ҳуқуқӣ[5,95]. С.С. Алексеев тафовути ҳуқуқ ва шуури ҳуқуқиро дар он мебинад, ки онҳо сохт, механизми амал, функсияҳои гуногун доранд [1,265-266].

В.Д. Перевалов дар робита бо унсурҳои шуури ҳуқуқӣ на функсияҳои онро, балки «зинаҳои шуури ҳуқуқиро» таҳлил мекунад. Ҳамзамон на ду, балки се унсури шуури ҳуқуқӣ фарқ карда мешаванд: 1) «психологияи ҳуқуқӣ» (унсурҳои эҳсосотӣ), 2) «идеологияи ҳуқуқӣ» (тасаввурот оиди ҳуқуқ), 3) «донишҳои ҳуқуқӣ» (донишҳое, ки хислати воқеӣ доранд, ба ҳолатҳои воқеӣ такя мекунанд). Ин се унсури шуури ҳуқуқӣ, ба андешаи ӯ, «ҳолати статики шуури ҳуқуқиро» муайян мекунанд. Бо назардошти хислати «динамикии» шуури ҳуқуқӣ се зинаи он ҷудо карда мешаванд: а) «зинаи маърифатӣ» (дарки моҳият ва нақши ҳуқуқ), б) «зинаи «арзишӣ» (дарки иттилоот оиди санадҳои меъёрӣ ва м.и.), в) зинаи «муносибат», яъне ташаккули амали ҳуқуқӣ.

Як қатор муаллифон сохти унсурҳои таркибии шуури ҳуқуқиро меомузанд. Масалан, ба сифати унсурҳои таркибии психологияи ҳуқуқӣ инҳо эътироф мешаванд: а) манфиати ҷамъиятӣ, ҳадафҳои амали гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, б) анъанаҳо, одатҳо, боварӣ ва м.и., в) тасаввурот оиди ҳуқуқ, г) ҳиссиёт, эҳсосот ва м.и., д) тарзҳои ташаккули тасаввурот (таъсири беруна, таъсири байни ҳамдигар, тақлидкорӣ ва м.и.) [17,210].

Дар адабиёт намудҳои гуногуни шуури ҳуқуқӣ таҳлил мешаванд. Таснифҳо дар ин бахш мухталифанд.

Тибқи яке аз таснифҳо, шуури ҳуқуқӣ вобаста ба сатҳаш ба се намуд - муқаррарӣ, касбӣ, илмӣ, аз рӯи субъектон ба фардӣ ва коллективӣ ҷудо карда мешаванд. Дар таркиби шуури ҳуқуқии коллективӣ намудҳои зерини шуури ҳуқуқӣ фарқ карда мешаванд: гурӯҳӣ (синфҳо, табақаҳо, иттиҳодияҳои касбӣ ва м.и.), оммавӣ (хоси иштирокчиёни гирдиҳамоӣ, намоиши сиёсӣ, баромадҳои оммавӣ). Ҳамчунин шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ (хоси халқ, миллат) ҷудо карда мешавад [19,210-213][8,476-477][13,299].

Тибқи таснифи В.С. Нерсесянс, намудҳои зерини шуури ҳуқуқӣ эътироф мешаванд: а) таҷрибавӣ ва назариявӣ (аз рӯи сатҳ), б) фардӣ, гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ (аз рӯи субъектҳо), в) оммавӣ ва касбӣ (аз рӯи саводнокии ҳуқуқии субъектҳо), г) «қонунмаъқулдонӣ», «қонунитоаткорӣ» ва «конуншиканӣ» (бо назардошти хислати танзимӣ ва иродавӣ). Ҳамчунин шуури ҳуқуқии «расмӣ-хизиматӣ» ва «хусусӣ (шахсӣ)» фарқ карда мешаванд [9,270-272].

Дар адабиёт ҳолатҳои халалдор гаштани шуури ҳуқуқиро низ таҳлил мекунанд. Дар ин замина мафҳуми «шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ» пешкашу таҳлил мешавад. Дар робита бо ин мафҳум намудҳои «шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ» омӯхта мешаванд, аз қабили: а) «инфантилизми ҳуқуқӣ» (шуури номукаммал, пурра ташаккулнаёфта), ки дар натиҷаи норасоии донишҳои ҳуқуқӣ сар мезанад; б) «нигилизми ҳуқуқӣ» (дидаву дониста сарфи назар намудани талаботи қонунҳо; в) «шуури ҳуқуқии нуқсоннок» (масалан, дар шакли содир гаштани ҷиноят аз ҷониби шахсони мансабдор, ба гурӯҳҳои ҷиноятқор ворид гаштани кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) [2,475-476].

Як қатор муаллифон шуури ҳуқуқиро на танҳо бо ҳуқуқ, балки давлат низ алоқаманд мекунанд, яъне ақидаҳои оиди давлатро низ ба таркиби шуури ҳуқуқӣ ворид мекунанд. Аз ин андеша ҳанӯз ҳуқуқшиноси тоинқилобии рус И.А. Илйин пуштибонӣ намуда буд [3].

Ба ақидаи В.С. Нерсеянс, тавассути унсурҳои шуури ҳуқуқӣ (мафҳуму тасаввурот, ҳиссиёту эҳсосот ва м.и.) на танҳо ҳуқуқ, «балки давлат», аз он ҷумла «падидаҳои давлатӣ» низ «дарк мегарданд» [9,269-270]. Чунин андеша аз он бармеояд, ки дар назарияи либертарии В.С. Нерсесянс мафҳуми ҳуқуқ дар як вақт мафҳуми давлатро низ фаро мегирад.

Ҳамин тариқ, шуури ҳуқуқӣ – ин маҷмӯи мафҳумҳову тасаввуроти одамон оиди ҳуқуқ ва воқеияти ҳуқуқист, ки муносибати онҳоро ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ ифода мекунад.

Дарку эҳсоси ҳуқуқ (конститутсия, қонунҳо, санадҳои меъёрии зериқонунӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, вазифаҳои конститутсионии шаҳрвандон, ӯҳдадориҳои ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ, адолат, озодӣ, баробарӣ ва дигар талаботи фитрӣ- ҳуқуқӣ) ва падидаҳои ҳуқуқӣ (қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, адолати судӣ ва м.и.) аввал дар сатҳи оддӣ, муқаррарӣ, мушоҳидаҳои ҳамарӯза (масалан, мушоҳидаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, фаъолияти парламент, амали шахсии кормандони ин мақомот,

рафти амалишавии қонунҳо ва м.и.) сурат мегирад. Дар ин давра шахс воқеияти ҳуқуқиро бо назардошти ҷаҳонбинии шахсиаш, донишҳои оддитарин дарку эҳсос мекунад. Ин дарки ҳуқуқӣ аз синни хурдсолӣ оғоз гашта, то охири ҳаёти инсон идома меёбад, масалан, дар мактаби таҳсилоти умумӣ, сипас дар мактаби миёнаи касбӣ ё мактаби олӣ. Ба дарки ҳуқуқӣ ҳамчунин таҷрибаи ҳаётӣ низ таъсири муайян мерасонад (масалан, синни инсонӣ, таҷрибаи корӣ, таҷрибаи оилавӣ ва м.и.).

Таъсири анъанаҳои миллӣ ва одатҳои ҷамъиятиро низ набояд фаромӯш кард, аз он ҷумла таъсири дин ва меъёрҳои диниро. Масалан, ислом, меъёру арзишҳои исломӣ дар тарбияи шаҳрвандон (дар дохили оила, дар муносибат бо одамон, байни диндорон, байни диндорон ва шаҳрвандони дигар) аҳамияти калон доранд. Шуури ахлоқӣ низ дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ нақши ҳалкунанда дорад. Чунончи, одамон ба қонун, қонуният, адолати судӣ ва дигар падидаҳои ҳуқуқӣ бо истифода аз категорияҳои ахлоқии адолат ва беадолатӣ, виҷдон ва бевиҷдонӣ ва м.и. баҳо медиҳанд. Тарбияи эстетики одамон низ ба ташаккули шуури ҳуқуқии онҳо таъсир мерасонад.

Ин омилҳо хислати муқаррарӣ ва объективӣ доранд. Онҳо воқеан арзи вуҷуд доранд. Ҳеҷ кас, ягон мақомот онҳоро бекор карда наметавонад. Аммо нуфузи онҳо мумкин аст маҳдуд гардад, масалан, маҳдудкунии меъёрҳои динӣ солҳои сиёсати давлатии атеистии замони шӯравӣ. Аммо ба ҳамаи маҳдудиятҳо нигоҳ накарда, ин омилҳои ҷамъиятӣ дар шаклҳои мухталиф инкишоф меёбанд. Бесабаб нест, ки меъёрҳои ахлоқӣ, динӣ, одатӣ, анъанавӣ аз меъёрҳои қонун дида таърихи бештар доранд, ҳазорсолаҳо арзи вуҷуд доранд. Ҳаёти воқеӣ борҳо исбот намудааст (ва мо инро дар ҳаёти ҳамарӯза мушоҳида мекунем), ки шахси дорои тарбияи хуби ахлоқӣ, алалхусус оилавӣ қонунҳоро низ бо дарки масъулияти баланд эҳтирому риоя мекунад. Тарбияи динӣ низ (дар заминаи муқаррароти динӣ оиди худдорӣ намудан аз амалҳои зишт, ҳама гуна қонуншиканӣ, дар хусуси эҳтироми падару модар, атрофиён, кӯмак ба мӯҳтоҷону дармондагон ва м.и.) дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ накши арзанда дорад.

Аз ин хотир, ин меъёрҳоро дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ бештар истифода бояд намуд. Барои ҳамин дар Тоҷикистони соҳибистиқлол роҳбарияти давлат ба тарбияи ахлоқӣ, алалхусус ҷавонон дар оила, макотиби миёна, махсус ва олӣ диққати махсус медиҳад. Тарбияи донишҷӯён ҷузъи сиёсати давлатӣ, қисми ҷудонашавандаи кори педагогии устодон аст.

Ҳамаи ин ва дигар омилҳои бевосита ҷамъиятӣ (воқеӣ, объективӣ), аз он ҷумла воситаҳои ахбори омма, маърифатнокии аҳолӣ, донишомузии ҳуқуқӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқӣ, дар дарку эҳсоси аҳамият ва зарурати ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ нақши муҳим доранд. Дар заминаи онҳо шуури ҳуқуқии муқаррарӣ ташаккул меёбад.Ҳамин тариқ, сатҳи аввали шуури ҳуқуқӣ муқаррарӣ номида мешавад.

Зинаи баландтари шуури ҳуқуқӣ, ки касбӣ ном дорад, дар рафти таҳсили касбӣ ташаккул меёбад, дарки донишҳои касбии ҳуқуқиро талаб мекунад. Ин сатҳи шуури ҳуқуқӣ хоси судяҳо, прокурорҳо, адвокатҳо, муфаттишон ва дигар ҳуқуқшиносони амалӣ мебошад. Он аз шуури ҳуқуқии муқаррарии шаҳрвандон фарқ дорад, зеро истифодаи воқеии донишҳои касбии ҳуқуқиро талаб мекунад. Сатҳи аз ҳама баландтари шуури ҳуқуқӣ - ин шуури ҳуқуқии илмӣ мебошад, ки хоси олимони ҳуқуқшинос буда, донишҳои баландтари илмии ҳуқуқиро талаб мекунад.

Ҳамаи ин далели он аст, ки ташаккули шуури ҳуқуқӣ давра ба давра, дар тӯли ҳаёту фаъолияти инсон ташаккул меёбад.

Шуури ҳуқуқӣ иборат аз унсурҳои зиёду гуногун буда, падидаи мураккаб аст. Баҳри омӯзиши шуури ҳуқуқӣ дар таркиби шуури ҳуқуқӣ унсурҳои эҳсосотӣ (психологӣ) ва маърифатӣ (идеологӣ) ҷудо карда мешаванд. Дар заминаи онҳо психологияи ҳуқуқӣ ва идеологияи ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд.

Психологияи ҳуқуқӣ дар рафти эҳсоси ҳиссии (психологии) ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Омилҳои психологӣ ба шуури ҳуқуқӣ таъсири калон мерасонанд, масалан, ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ, эҳсоси аҳамияти қонун дар ҳаёти одамон, зарурати эҳтирому риояи он, эҳсоси тарс аз таъқиби қонун, аз ҷумла ҳуддорӣ аз ҷиноят бо дарки татбиқи ҷазо ва м.и. Як қатор амалҳои инсон дар ҳолати ҳаяҷони рӯҳӣ содир мешаванд.

Ҳисси ҳуқуқии шаҳрвандон аз ҳам фарқ дорад, масалан, ҳисси ҳуқуқии ҳуқуқшиносон баландтар аст, чунки онҳо аз мазмуни қонунҳо, оқибатҳои халалдор гаштани онҳо бештар воқифанд.

Як қатор унсурҳои психологӣ (масалан, муносибати манфӣ ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ, беэҳтиромӣ нисбати қонунҳо, сарфи назар кардани манфиатҳои давлат ва ҷомеа ва ба мадди аввал гузоштани манфиатҳои ғаразноки шахсӣ баҳри гирифтани фоидаи муфт, дидаву дониста роҳ додан ба оқибатҳои амали зиддиқонунӣ ва м.и.) заминаи кирдори зиддиҳуқуқӣ шуда метавонанд, масалан, унсурҳое, ки шуури ҷиноятқоронаро ташаккул медиҳанд,боиси ҷиноят мешаванд.

Идеологияи (мафкураи) ҳуқуқӣ дар заминаи азхуд намудану дар ҳаёт амалӣ гардонидани донишҳои назариявию илмӣ ташаккул меёбад. Дар адабиёт идеологияи ҳуқуқиро бо мафҳумҳо, ақидаҳо, консепсияву назарияҳои илмии ҳуқуқӣ алоқаманд мекунанд, ки бесабаб нест. Агар психологияи ҳуқуқӣ ба тасаввуроти оддитарин оиди воқеияти ҳуқуқӣ асос ёбад, пас идеологияи (мафкураи) ҳуқуқӣ доштани донишҳои илман асосноки ҳуқуқиро талаб мекунад.

Шуури ҳуқуқии аъзоёни ҷомеа, табақаву гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеа якхел буда наметавонад. Аз ин хотир, намудҳои гуногуни шуури ҳуқуқиро дар робита бо ин субъектон (фарди алоҳида, гурӯҳҳои аҳолӣ) ҷудо мекунанд. Дар ин замина шуури ҳуқуқии фардӣ, коллективӣ (гурӯҳӣ), ҷамъятӣ ҷудо карда мешаванд.

Аммо шуури ҳуқуқии ҷамъиятӣ хоси ҷомеа буда, мафҳуми бештар умумиҷамъиятӣ мебошад. Он хислатҳои фарқкунандаи шуури ҳуқуқии гурӯҳҳои ҷудогонаи ҷомеаро ба инобат намегирад. Дар ҳар сурат ин мафҳумро дар адабиёт истифода мебаранд, масалан, дар ҳолати фарқ намудани сатҳи шуури ҳуқуқӣ дар кишварҳои гуногун. Дар ин замина, масалан, як қатор муаллифон сатҳи баланди шуури ҳуқуқии шаҳрвандони Англияро эътироф мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Алексеев С. С.Общая теория права.Курс в 2-х томах. Т. 2 / Алексеев. С.С. - М.: Юрид. лит., 1982. С. 265-266.
2. Баранов П.П. Правосознание и правовая культура // Общая теория права / Под ред. В.К. Бабаева. С. 475-476.
3. Ильин И.А. Основы законоведения. Общее учение о праве и государстве. СПб., 1915;
4. Лапаева В.В. Конкретно-социологические исследования в праве. М., 1987. С. 85-92.
5. Лукашева Е.А. Социалистическое правосознание и законность. С. 95.
6. Марксистско-ленинская общая теория государства и права. М., 1973. С. 145-146;
7. Общая теория права / Под ред. В.К. Бабаева. С. 474-475.
8. Общая теория права / Под ред. В.К. Бабаева. С. 476-477;
9. Проблемы общей теории права и государства / Под ред. В.С. Нерсесянца. С. 387-405.
10. Соколова Н.С. Правосознание, правовая культура и правовое воспитание // Проблемы общей теории права и государства / Под ред. В.С. Нерсесянца. С. 384-386.
11. Теория государства и права / Отв. ред. А.В. Малько. С. 297-298.
12. Теория государства и права / Отв. ред. А.В. Малько. С. 298.
13. Теория государства и права / Отв. ред. А.В. Малько. С. 299.
14. Теория государства и права / Под ред. А.С. Пиголкина и Ю.А. Дмитриева. С. 547;
15. Теория государства и права / Под ред. А.С. Пиголкина и Ю.А. Дмитриева. С. 500-551.
16. Теория государства и права / Под ред. А.С. Пиголкина. С. 548-550.
17. Теория государства и права / Под ред. В.Д. Перевалова. С. 208.
18. Теория государства и права / Под ред. В.Д. Перевалова. С. 208-210.
19. Теория государства и права / Под ред. В.Д. Перевалова. С. 210-213;

МАФҲУМИ ШУУРИ ҲУҚУҚӢ

Шуури ҳуқуқӣ, мафҳум, моҳият, таркиб ва дигар паҳлуҳои он аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии илми ҳуқуқ ба шумор меравад. Ин масъала яке аз мавзуъҳои анъанавии ҳуқуқшиносӣ буда, ҳамеша мавриди таҳлил ва баҳсҳои гуногун қарор гирифтааст. Дар натиҷа, нисбат ба моҳият ва мазмуни шуури ҳуқуқӣ андешаҳо ва назарияҳои мухталиф ба вуҷуд омадаанд. Дар адабиёти пасошуравӣ мафҳуми шуури ҳуқуқӣ дар робита бо ҳуқуқ, падидаҳои ҳуқуқӣ, воқеияти ҳуқуқӣ муайян мешавад. Ҳамчунин таносуби шуури ҳуқуқӣ ва шуури ҷамъиятӣ ба назар гирифта мешавад. Дар ин замина шуури ҳуқуқӣ чун яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ таъриф дода шуда, тафовути он аз шуури ахлоқӣ, динӣ, эстетикӣ, сиёсӣ ва диг. муайян мешавад. Ин тафовут дар он дида мешавад, ки шуури ҳуқуқӣ бо ҳуқуқ ва умуман воқеияти ҳуқуқӣ алоқаманд аст, ҳиссиёту мафҳумҳои одамонро оиди ҳуқуқ, муносибати онҳоро ба ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ ифода мекунад.

Калидвожаҳо: шуури ҳуқуқӣ, ҳуқуқ, психологияи ҳуқуқӣ, мафкураи ҳуқуқӣ, шуури ҷамъиятӣ, давлат, қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, адолати судӣ.

ПОНЯТИЕ ПРАВОВОГО СОЗНАНИЯ

Правовое сознание, его понятие, сущность, структура и другие аспекты относятся к числу важнейших теоретических и практических проблем юридической науки. Данный вопрос является одной из традиционных тем правоведения и на протяжении длительного времени выступает предметом различных исследований и научных дискуссий. В результате этого сформировались разнообразные взгляды и теории относительно сущности и содержания правового сознания. В постсоветской юридической литературе понятие правового сознания определяется в тесной связи с правом, правовыми явлениями и правовой действительностью. Одновременно учитывается соотношение правового и общественного сознания. В этой связи правовое сознание рассматривается как одна из форм общественного сознания, а также определяется его отличие от нравственного, религиозного, эстетического, политического и других видов сознания. Данное отличие проявляется в том, что правовое сознание связано с правом и в целом с правовой реальностью, выражает чувства, представления и взгляды людей о праве, а также их отношение к праву и правовым явлениям.

Ключевые слова: правовое сознание, право, правовая психология, правовая идеология, общественное сознание, государство, законность, правопорядок, правосудие.

THE CONCEPT OF LEGAL CONSCIOUSNESS

Legal consciousness, its concept, essence, structure, and other aspects are among the most important theoretical and practical issues of legal science. This issue is considered one of the traditional subjects of jurisprudence and has long been the object of various studies and scholarly debates. As a result, different views and theories concerning the essence and content of legal consciousness have emerged. In post-Soviet legal literature, the concept of legal consciousness is defined in close connection with law, legal phenomena, and legal reality. At the same time, the relationship between legal consciousness and social consciousness is also taken into account. In this context, legal consciousness is regarded as one of the forms of social consciousness, and its distinction from moral, religious, aesthetic, political, and other forms of consciousness is determined. This distinction is manifested in the fact that legal consciousness is connected with law and legal reality in general; it reflects people's feelings, perceptions, and views about law, as well as their attitudes toward law and legal phenomena.

Keywords: legal consciousness, law, legal psychology, legal ideology, social consciousness, state, legality, legal order, justice.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафарзода Юсуф – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторе: **Сафарзода Юсуф** – Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса кафедры теории и истории государства и права юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the author: Safarzoda Yu suf – Tajik National University, 2nd year master's student, Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Avenue Rudaki, 17.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ-ГЕНЕТИКИИ БОФТАҲО ВА ХОРИҶШАВИҲОИ ИНСОН

Сафаров Б. М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар замони муосир рушди илм ва техника ба соҳаи криминалистика ва экспертизаи судӣ таъсири калон расонидааст. Яке аз самтҳои муҳимми экспертизаи судӣ ин экспертизаи судӣ-генетикӣ мебошад, ки барои муайян намудани шахсият, исботи алоқаи хешутаборӣ, муайян намудани иштирок дар ҷиноят ва таҳқиқи далелҳои биологӣ истифода бурда мешавад.

Экспертизаи судӣ-генетикии бофтаҳо ва ҷудошавиҳои инсон ба омӯзиши маводи биологӣ, аз ҷумла хун, оби даҳон, мӯй, нутфа, арақ, пӯст ва дигар ҷудошавиҳои организм асос ёфтааст. Бо истифода аз усулҳои генетикии молекулавӣ мутахассисон метавонанд ДНК-и инсонро таҳлил намуда, шахсияти ӯро бо дақиқии баланд муайян намоянд.

Имрӯз ин намуди экспертиза дар тафтишоти ҷиноятӣ, баҳсҳои оилавӣ, муайян намудани падарӣ, шиносоии ҷасадҳои номаълум ва ҳалли бисёр масъалаҳои дигари ҳуқуқӣ аҳамияти калон дорад.

Мафҳуми экспертизаи судӣ-генетикӣ. Экспертизаи судӣ-генетикӣ ин намуди таҳқиқоти илмӣ мебошад, ки барои омӯзиши хусусиятҳои ирсӣ ва биологии инсон бо мақсади ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ ва судӣ истифода мешавад.

Асоси ин экспертиза таҳлили кислотаи дезоксирибонуклеинӣ (ДНК) мебошад, ки дар ҳамаи ҳуҷайраҳои организм мавҷуд аст ва маълумоти ирсии шахсро нигоҳ медорад.

Ҳар як инсон дорои сохтори махсуси ДНК мебошад. Ба истиснои дугоникҳои якхела, ДНК-и ҳар инсон аз дигарон фарқ мекунад. Маҳз ҳамин хусусият имконият медиҳад, ки шахс бо дақиқии баланд муайян карда шавад.

Вазифаҳои асосии экспертизаи судӣ-генетикӣ

Экспертизаи судӣ-генетикӣ дар раванди тафтишоти ҷиноятӣ ва баррасии парвандаҳои судӣ аҳамияти хеле калон дорад. Вазифаи асосии он омӯзиш ва таҳлили маводи биологӣ бо мақсади муайян намудани маълумоти муҳим барои тафтишот мебошад. Ин намуди экспертиза бо истифода аз усулҳои муосири таҳлили ДНК имконият медиҳад, ки бисёр масъалаҳои ҳуқуқӣ ва криминалистӣ бо дақиқии баланд ҳал карда шаванд.[1,с. 205].

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини экспертизаи судӣ-генетикӣ муайян намудани шахсияти инсон мебошад. Дар ҳолатҳое, ки шахс номаълум аст ё ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда вуҷуд надоранд, бо ёрии таҳлили ДНК метавон шахсияти ӯро муайян кард. Ин ҳолат махсусан ҳангоми пайдо шудани ҷасадҳои номаълум, гум шудани одамон ё офатҳои табиӣ аҳамияти калон дорад.

Вазифаи дигари муҳими экспертиза муайян кардани падарӣ ва модарӣ мебошад. Дар чунин ҳолатҳо ДНК-и кӯдак бо ДНК-и падар ё модари эҳтимолӣ муқоиса карда мешавад. Натиҷаҳои чунин таҳқиқот дар аксари ҳолатҳо дақиқ буда, барои ҳалли баҳсҳои оилавӣ ва ҳуқуқӣ истифода мешаванд.

Экспертизаи судӣ-генетикӣ инчунин барои муайян намудани манбаи пайдоиши осори биологӣ хизмат мекунад. Дар ҷойи ҳодиса мумкин аст хун, мӯй, нутфа, оби даҳон ё дигар ҷудошавиҳои инсон пайдо шаванд. Бо ёрии таҳлили генетикӣ муайян кардан мумкин аст, ки ин осор ба кадом шахс тааллуқ доранд.[2,с. 88].

Яке аз вазифаҳои муҳим муайян кардани иштирок ё иштирок накардани шахс дар ҷиноят мебошад. Агар дар ҷойи ҳодиса осори биологӣ пайдо шавад, онҳо бо намунаҳои шахсони гумонбар муқоиса карда мешаванд. Дар сурати мувофиқат кардани ДНК, иштироки шахс дар ҷиноят метавонад исбот гардад. Агар мувофиқат вуҷуд надошта бошад, шахс метавонад бегуноҳ ҳисобида шавад.

Экспертиза инчунин барои шиносоии ҷасадҳои номаълум истифода бурда мешавад. Дар ҳолатҳое, ки ҷасад зарари ҷиддӣ дидааст, сӯхтааст ё муддати дароз гузаштааст, муайян кардани шахсият бо роҳҳои оддӣ душвор мегардад. Дар чунин мавридҳо таҳлили ДНК аз устухон, дандон ё дигар бофтаҳо гузаронида мешавад.

Муайян намудани алоқаи хешутаборӣ низ яке аз вазифаҳои муҳимми экспертиза мебошад. Бо ёрии таҳлили генетикӣ метавон муайян кард, ки байни шахсон робитаи хешутаборӣ вуҷуд дорад ё не. Ин усул ҳангоми муайян кардани бародарӣ, хоҳарӣ ва дигар муносибатҳои оилавӣ истифода мешавад.

Таҳқиқи маводи биологӣ дар ҷойи ҳодиса низ ба вазифаҳои асосии экспертизаи судӣ-генетикӣ дохил мешавад. Мутахассисон маводи биологиро ҷамъоварӣ намуда, онҳоро таҳлил мекунанд ва барои тафтишот маълумоти муҳим пешниҳод менамоянд. Ин маълумот барои барқарор намудани ҳолати воқеии ҳодиса ва ошкор намудани ҷиноят аҳамияти калон дорад.

Асосҳои илмии экспертизаи судӣ-генетикӣ

Экспертизаи судӣ-генетикӣ ба дастовардҳои илми генетика асос меёбад. Генетика илмест, ки қонунҳои ирсият ва тағйирёбии организмҳоро меомӯзад. Маҳз бо ёрии ин илм олимон муайян карданд, ки тамоми маълумоти ирсии инсон дар молекулаи махсус - кислотаи дезоксирибонуклеинӣ, яъне ДНК нигоҳ дошта мешавад. Дар замони муосир генетика яке аз соҳаҳои муҳимтарини биология ба ҳисоб меравад ва дастовардҳои он дар тиб, криминалистика, биотехнология ва дигар самтҳо васеъ истифода мешаванд.

Асоси илмии экспертизаи судӣ-генетикӣ дар он ифода меёбад, ки ҳар як инсон дорои сохтори махсуси генетикӣ мебошад. Ба истиснои дугоникҳои якхела, профили генетикии ҳар шахс аз дигарон фарқ мекунад. Маҳз ҳамин хусусият имконият медиҳад, ки шахсияти инсон бо дақиқии баланд муайян карда шавад.

Экспертизаи судӣ-генетикӣ аз усулҳои таҳлили молекулавӣ истифода мебарад. Ин усулҳо имконият медиҳанд, ки аз маводи биологӣ, аз ҷумла хун, нутфа, мӯй, оби даҳон, устухон ва дигар бофтаҳо ДНК ҷудо карда шуда, хусусиятҳои ирсии инсон муайян карда шаванд. Бо ёрии чунин таҳқиқот мумкин аст шахси гумонбар муайян карда шавад, алоқаи хешутаборӣ исбот гардад ва бисёр масъалаҳои дигари ҳуқуқӣ ҳал шаванд.[3; 85].

Илми генетика нишон медиҳад, ки хусусиятҳои ирсӣ аз насл ба насл тавассути генҳо мегузаранд. Генҳо қисмҳои муайяни ДНК мебошанд, ки маълумоти махсусро дар бораи организм нигоҳ медоранд. Масалан, ранги чашм, ранги мӯй, гурӯҳи хун ва бисёр хусусиятҳои дигар аз рӯи маълумоти генетикӣ муайян мешаванд.[4; 45].

Дар экспертизаи судӣ-генетикӣ олимон асосан он қисмҳои ДНК-ро меомӯзанд, ки байни одамон фарқ мекунанд. Ин фарқиятҳо полиморфизми генетикӣ ном доранд. Маҳз ҳамин минтақаҳои тағйирёбандаи ДНК барои муайян намудани шахсият истифода мешаванд.

Илм инчунин исбот намудааст, ки ДНК дар тамоми ҳуҷайраҳои организм қариб якхела мебошад. Ин маънои онро дорад, ки аз ҳар гуна маводи биологӣ - хун, мӯй, оби даҳон ё бофтаҳо - профили генетикии як шахсро гирифтан мумкин аст. Ин хусусият барои амалияи криминалистӣ аҳамияти калон дорад.

Дар экспертизаи судӣ-генетикӣ усулҳои гуногуни илмӣ истифода мешаванд. Яке аз муҳимтарин усулҳо реаксияи занҷирии полимеразӣ (PCR) мебошад. Ин усул имконият медиҳад, ки ҳатто аз миқдори хеле кам ДНК таҳқиқоти пурра гузаронида шавад.

DNA, PCR , DNA

Бо ёрии PCR қисмҳои муайяни ДНК миллионҳо маротиба зиёд карда мешаванд ва баъд таҳлил мегарданд. Ин технология яке аз дастовардҳои муҳимтарини биологияи молекулавӣ ба ҳисоб меравад.

Асосҳои илмии экспертизаи судӣ-генетикӣ инчунин ба дастовардҳои биохимия, молекулярная биология, цитология ва криминалистика такя мекунанд. Ҳамаи ин илмҳо якҷоя имконият медиҳанд, ки таҳқиқоти генетикӣ бо дақиқии баланд гузаронида шавад.

ДНК ё кислотаи дезоксирибонуклеинӣ молекулаи махсусест, ки тамоми маълумоти ирсии организмро нигоҳ медорад. Он асоси биологии ирсият ба ҳисоб меравад. Дар ДНК маълумот дар бораи сохтор, фаъолияти организм ва хусусиятҳои ирсии инсон сабт шудааст.

DNA→Маълумоти ирсии инсон

ДНК дар ядрои ҳуҷайра ҷойгир буда, қисми асосии хромосомаҳоро ташкил медиҳад. Хромосомаҳо сохторҳое мебошанд, ки маълумоти генетикиро нигоҳ медоранд. Дар организми инсон 46 хромосома мавҷуд аст, ки аз падар ва модар мерос гирифта мешаванд. Нисфи хромосомаҳо аз модар ва нисфи дигар аз падар мегузаранд.

Сохтори ДНК шакли спирали дугона дорад. Он аз ду занҷири ба ҳам печида иборат мебошад. Ин сохтор бори аввал аз тарафи олимон Ҷеймс Уотсон ва Фрэнсис Крик шарҳ дода шуда буд. Дар таркиби ДНК чор намуди моддаи асосӣ - аденин, тимин, гуанин ва ситозин мавҷуданд. Маҳз тартиби ҷойгиршавии ин моддаҳо маълумоти генетикиро ташкил медиҳад.

Генҳо қисмҳои муайяни ДНК мебошанд. Ҳар ген барои ташаккули хусусияти муайян ҷавобгар аст. Масалан, баъзе генҳо барои ранги чашм, баъзеи дигар барои гурӯҳи хун ё хусусиятҳои физиологии организм масъул мебошанд.[5; 737].

Ҳар инсон аз падар ва модари худ қисми муайяни маълумоти генетикиро мегирад. Аз ҳамин сабаб кӯдак баъзе хусусиятҳоро ба яке аз волидон монанд мекунад. Бо вуҷуди ин, таркиби умумии ДНК-и ҳар инсон беназир мебошад. Маҳз ҳамин беназирӣ асоси экспертизаи судӣ-генетикиро ташкил медиҳад.

Дар криминалистика ДНК ҳамчун “изи генетикӣ” истифода мешавад. Агар дар ҷойи ҳодиса хун, мӯй, нутфа ё дигар маводи биологӣ пайдо шавад, аз онҳо ДНК гирифта шуда, бо намунаҳои шахсони гумонбар муқоиса карда мешавад. Агар профилҳои генетикӣ мувофиқат кунанд, иштироки шахс дар ҳодиса исбот шуда метавонад.[6; 560].

Таҳқиқоти ДНК инчунин барои муайян намудани падарӣ ва модарӣ аҳамияти калон дорад. Азбаски кӯдак нисфи маълумоти генетикиро аз падар ва нисфи дигарро аз модар мегирад, муқоисаи ДНК имконият медиҳад муносибати биологӣ бо дақиқии баланд муайян карда шавад.

Дар солҳои охир омӯзиши ДНК хеле рушд кардааст. Имрӯз олимон метавонанд ҳатто аз намунаҳои хеле кӯҳна ё осебдида маълумоти генетикӣ гиранд. Ин пешрафт барои рушди криминалистика ва экспертизаи судӣ аҳамияти бузург дорад.

Ҳамин тавр, ДНК асоси асосии илмии экспертизаи судӣ-генетикӣ мебошад. Маҳз тавассути таҳлили ДНК муайян намудани шахсият, алоқаи хешутаборӣ ва бисёр масъалаҳои дигари ҳуқуқӣ имконпазир мегардад. Илми генетика ва технологияҳои муосири молекулавӣ имконият медиҳанд, ки чунин таҳқиқот бо дараҷаи баланди дақиқӣ ва эътимоднокӣ гузаронида шаванд.

Генотип маҷмӯи пурраи маълумоти ирсӣ ё хусусиятҳои генетикии организм мебошад, ки дар ДНК сабт гардидааст. Он тамоми хусусиятҳои биологии инсонро муайян мекунад, аз ҷумла хусусиятҳои зоҳирӣ (ранги чашм, мӯй, пӯст), баъзе хусусиятҳои физиологӣ (гурӯҳи хун, мубодилаи моддаҳо) ва инчунин майл ба баъзе бемориҳо. Генотип дар натиҷаи омезиши маълумоти ирсии падар ва модар ба вуҷуд меояд, яъне ҳар як инсон нисфи маълумоти генетикиро аз падар ва нисфи дигарро аз модар мегирад.

Дар соҳаи экспертизаи судӣ-генетикӣ мафҳуми генотип ҳамчун асоси илмии муайян кардани шахсият истифода мешавад. Дар ин раванд аз маводи биологӣ (хун, мӯй, оби даҳон, нутфа ё бофтаҳо) ДНК ҷудо карда шуда, таҳлили он гузаронида мешавад. Натиҷаи ин таҳлил дар шакли профили генетикӣ ё “DNA-профил” пешниҳод мегардад. Ин профил дар асл як навъ “шиносномаи генетикӣ” мебошад, ки барои ҳар инсон беназир аст.

Профили генетикӣ аз маҷмӯи нишондиҳандаҳои муайяни ДНК иборат аст, ки дар лаборатория бо усулҳои махсус таҳлил карда мешаванд. Ин нишондиҳандаҳо дар шакли рақамҳо ва аломатҳои генетикӣ сабт мегарданд ва баъд бо намунаҳои дигар муқоиса карда

мешаванд. Агар мувофиқат ба даст ояд, эксперт метавонад хулоса барорад, ки маводи биологӣ ба шахси муайян тааллуқ дорад.

Дар экспертизаи судӣ-генетикӣ омӯзиши генотип имконият медиҳад, ки шахсият бо дақиқии хеле баланд муайян карда шавад. Ин усул аз усулҳои анъанавии криминалистика, ба монанди изи ангушт, дар баъзе ҳолатҳо дақиқтар мебошад, зеро ДНК қариб дар ҳамаи маводи биологӣ мавҷуд аст ва метавонад ҳатто аз осори хеле хурд низ таҳлил карда шавад.

Генотип инчунин барои муайян намудани робитаҳои хешутаборӣ истифода мешавад. Масалан, ҳангоми муайян кардани падарӣ ё модарӣ, генотипи кӯдак бо генотипи падар ё модари эҳтимолӣ муқоиса карда мешавад. Азбаски хусусиятҳои ирсӣ аз волидон ба фарзанд мегузаранд, ин усул имконият медиҳад, ки муносибатҳои биологӣ бо дақиқии баланд тасдиқ ё рад карда шаванд.

Дар маҷмӯъ, генотип асоси биологии шахсият мебошад ва дар экспертизаи судӣ-генетикӣ нақши марказӣ дорад. Бе омӯзиши генотип муайян кардани шахсият ва таҳлили маводи биологӣ ғайриимкон мебошад.

Полиморфизми генетикӣ ин фарқиятҳои табиӣ ва инфиродии қисмҳои муайяни ДНК байни одамон мебошад. Гарчанде ки ДНК-и ҳамаи инсонҳо дар маҷмӯъ ба ҳам монанд аст, вале дар баъзе минтақаҳои он тағйиротҳо ва фарқиятҳо мавҷуданд. Маҳз ҳамин фарқиятҳо имконият медиҳанд, ки як шахс аз шахси дигар ҷудо карда шавад.[7; 114].

Полиморфизм асоси илмии экспертизаи судӣ-генетикиро ташкил медиҳад. Агар ҳамаи одамон ДНК-и комилан якхела медоштанд, муайян кардани шахсият тавассути таҳлили генетикӣ ғайриимкон мешуд. Аммо мавҷудияти минтақаҳои гуногуни ДНК, ки дар ҳар инсон шакли махсус доранд, имконияти истифодаи онро дар криминалистика фароҳам меорад.

Дар экспертизаи судӣ-генетикӣ асосан минтақаҳои махсуси ДНК таҳлил карда мешаванд, ки онҳоро STR (Short Tandem Repeats) меноманд. Ин минтақаҳо аз такроршавии пайдарпайи қисмҳои кӯтоҳи ДНК иборат мебошанд ва шумораи такроршавии онҳо дар ҳар инсон гуногун аст. Маҳз ҳамин гуногунӣ барои ташаккули профили генетикӣ истифода мешавад.

Полиморфизми генетикӣ имконият медиҳад, ки эҳтимолияти тасодуфии мувофиқат байни ду шахси бегона хеле паст бошад. Ин маънои онро дорад, ки агар профили генетикии ду намуна мувофиқат кунад, эҳтимолияти он ки онҳо ба як шахс тааллуқ доранд, хеле баланд мебошад. Аз ҳамин сабаб натиҷаҳои экспертизаи судӣ-генетикӣ дар суд ҳамчун далели боэътимод истифода мешаванд.

Дар амалияи криминалистӣ полиморфизм барои ҳалли як қатор масъалаҳо истифода мешавад. Масалан, он барои муайян кардани шахсияти ҷиноятқор, шиносоии ҷасадҳои номаълум, исботи падарӣ ва модарӣ, инчунин таҳлили осори биологӣ дар ҷойи ҳодиса истифода мегардад.

Яке аз хусусиятҳои муҳими полиморфизми генетикӣ устувории он мебошад. Яъне, он дар тӯли ҳаёти инсон тағйир намеёбад. Аз лаҳзаи таваллуд то охири ҳаёт профили генетикӣ якхела боқӣ мемонад. Ин хусусият барои экспертизаи судӣ-генетикӣ хеле муҳим аст, зеро он имконият медиҳад натиҷаҳои таҳлил ҳамеша боэътимод бошанд.

Полиморфизм инчунин дар таҳқиқоти оморӣ истифода мешавад. Дар асоси он олимон эҳтимолияти мувофиқати тасодуфии профилҳои генетикиро ҳисоб мекунанд. Ин ҳисобҳо нишон медиҳанд, ки эҳтимолияти ду шахси бегона доштани якхела профили генетикӣ хеле ночиз аст.

Ҳамин тавр, полиморфизми генетикӣ асоси илмии фарқгузории шахсиятҳо дар экспертизаи судӣ-генетикӣ мебошад. Бе мавҷудияти ин фарқиятҳо истифодаи ДНК дар криминалистика имконнопазир мегардид. Маҳз ҳамин хусусият имконият медиҳад, ки генетика ҳамчун яке аз дақиқтарин усулҳои муайян кардани шахсият дар илм ва амалия истифода бурда шавад.

Экспертизаи судӣ-генетикии бофтаҳо ва ҷудошавиҳои инсон яке аз самтҳои муҳим ва муосири криминалистика мебошад. Он дар ошкор намудани ҷиноятҳо, муайян кардани шахсият, исботи падарӣ ва ҳалли бисёр масъалаҳои ҳуқуқӣ нақши муҳим мебозад.

Асоси ин экспертиза таҳлили ДНК мебошад, ки ба муайян намудани хусусиятҳои ирсии инсон имкон медиҳад. Бо истифода аз усулҳои муосир, аз ҷумла PCR ва STR-таҳлил, экспертон метавонанд натиҷаҳои дақиқ ва боэътимод ба даст оранд.[8; 23].

Имрӯз экспертизаи судӣ-генетикӣ ба яке аз воситаҳои асосии исбот дар мурофиаи судӣ табдил ёфтааст ва рушди минбаъдаи он барои ҷомеа ва адолати судӣ аҳамияти калон дорад.

Методологияи экспертизаи судӣ-генетикӣ

Методологияи экспертизаи судӣ-генетикӣ маҷмӯи усулҳо, қоидаҳо ва тарзҳои илмии гузаронидани таҳқиқоти биологию генетикӣ мебошад, ки барои муайян намудани шахсияти инсон, ошкор кардани робитаи хешутаборӣ ва таҳқиқи ҷиноятҳо истифода бурда мешавад. Экспертизаи судӣ-генетикӣ имрӯз яке аз самтҳои муҳимтарини криминалистика ба ҳисоб меравад, зеро он имконият медиҳад, ки бо ёрии таҳлили ДНК шахсияти инсон бо дақиқии баланд муайян карда шавад. Бо рушди илм ва технология аҳамияти ин соҳа рӯз ба рӯз зиёд гардида, дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, тибби судӣ ва тафтишот васеъ истифода мегардад.

Асоси экспертизаи судӣ-генетикиро молекулаи ДНК ташкил медиҳад. ДНК маводи ирсӣ буда, дар ҳамаи ҳуҷайраҳои организми инсон мавҷуд аст. Ҳар як инсон дорои сохтори махсуси генетикӣ мебошад, ки аз дигарон фарқ мекунад. Маҳз ҳамин хусусият имконият медиҳад, ки бо ёрии таҳқиқоти генетикӣ шахсияти инсон муайян карда шавад.[9; 7]. Экспертизаи судӣ-генетикӣ аз чанд марҳилаи асосӣ иборат мебошад. Ҳар як марҳила аҳамияти махсус дошта, иҷрои дурусти он ба дурустии натиҷаи ниҳоӣ таъсири калон мерасонад.

Марҳилаи ҷамъоварии намунаҳо

Марҳилаи аввалини экспертиза ҷамъоварии намунаҳои биологӣ мебошад. Дар ин марҳила мутахассисон аз ҷойи ҳодиса маводи биологиро ҷамъоварӣ мекунанд. Ба чунин намунаҳо хун, оби даҳон, мӯй, нохун, устухон, нутфа ва дигар бофтаҳои организм дохил мешаванд. Ҷамъоварии намунаҳо бояд мутобиқи қоидаҳои махсуси санитарӣ ва криминалистӣ гузаронида шавад.

Ҳангоми ҷамъоварии намунаҳо риояи қоидаҳои бехатарӣ хеле муҳим мебошад. Мутахассисон ҳатман бояд аз дастпӯшак, ниқоб ва дигар воситаҳои муҳофизатӣ истифода баранд. Ин амал барои пешгирии олудашавии намунаҳо ва ворид шудани ДНК-и шахси дигар зарур аст.

Яке аз талаботи асосӣ бастабандии дурусти намунаҳо мебошад. Ҳар як намуна бояд дар зарфи махсус нигоҳ дошта шавад ва бо маълумоти зарурӣ тамғагузорӣ гардад. Дар тамға сана, ҷойи ҷамъоварӣ ва маълумоти дигар нишон дода мешавад. Агар бастабандӣ нодуруст бошад, эҳтимоли вайрон шудани намуна вуҷуд дорад.

Нигоҳдории намунаҳо низ аҳамияти калон дорад. Намунаҳои биологӣ бояд дар ҳарорати муайян нигоҳ дошта шаванд, зеро ҳарорати баланд метавонад сохтори ДНК-ро вайрон намояд. Барои ҳамин, дар аксар ҳолатҳо намунаҳо дар яхдон ё камераҳои махсус нигоҳ дошта мешаванд.

2. Ҷудо намудани ДНК

Пас аз ҷамъоварии намунаҳо марҳилаи ҷудо намудани ДНК оғоз мегардад. Дар ин раванд аз маводи биологӣ молекулаи ДНК ҷудо карда мешавад. Ин амал бо ёрии усулҳои химиявӣ ва биологӣ гузаронида мешавад.

Ҷудокунии ДНК яке аз марҳилаҳои муҳимтарини таҳқиқот мебошад. Агар ДНК дуруст ҷудо карда нашавад, натиҷаи таҳлил метавонад нодуруст гардад. Барои ҷудокунии ДНК моддаҳои махсуси химиявӣ истифода мешаванд, ки девори ҳуҷайраҳоро вайрон намуда, ДНК-ро озод мекунанд.

Баъди ҷудо намудани ДНК онро тоза мекунанд. Тозакунии ДНК барои аз байн бурдани сафедаҳо ва дигар моддаҳои нолозим зарур мебошад. ДНК-и тозашуда барои таҳлилҳои минбаъда истифода мегардад.

Дар лабораторияҳои муосир барои ҷудокунии ДНК таҷҳизоти автоматикӣ истифода мешаванд. Ин таҷҳизот равандро тезтар ва дақиқтар мегардонанд. Бо шарофати технологияҳои нав имрӯз ҳатто аз намунаҳои хеле кӯҳна низ ДНК ҷудо кардан мумкин аст.[10; 1328].

3. Амплификатсияи ДНК

Марҳилаи навбатӣ амплификатсияи ДНК мебошад. Амплификатсия маънои зиёд намудани миқдори ДНК-ро дорад. Барои ин усули реаксияи занҷирии полимеразӣ ё PCR истифода мешавад. DNA \xrightarrow{PCR} DNA_{\text{копияҳои зиёд PCR яке аз муҳимтарин кашфиётҳои биологияи молекулавӣ ба ҳисоб меравад. Бо ёрии ин усул аз як қисми хурди ДНК миллионҳо нусха ҳосил кардан мумкин аст. Ин усул махсусан дар ҳолатҳое муҳим мебошад, ки миқдори маводи биологӣ хеле кам аст.

Раванди PCR аз чанд марҳила иборат мебошад. Аввал ДНК гарм карда мешавад, то ки занҷирҳои он ҷудо гарданд. Сипас ферментҳои махсус қисмҳои нави ДНК-ро месозанд. Ин раванд чандин маротиба такрор мешавад ва дар натиҷа миқдори ДНК хеле зиёд мегардад.PCR дорои бартариҳои зиёд мебошад. Аввалан, он хеле дақиқ аст. Дуюм, таҳқиқот дар муддати кӯтоҳ анҷом дода мешавад. Сеюм, ҳатто аз миқдори хеле кам маводи биологӣ истифода бурдан мумкин аст. Чорум, ин усул имконият медиҳад, ки намунаҳои куҳна ва осебдидаро низ таҳлил намоянд.2

Имрӯз PCR дар тамоми ҷаҳон васеъ истифода мешавад. Ин усул на танҳо дар криминалистика, балки дар тиб, биология ва ташхиси бемориҳо низ аҳамияти калон дорад.

4. Таҳлили генетикӣ

Пас аз зиёд намудани миқдори ДНК марҳилаи таҳлили генетикӣ оғоз мегардад. Дар ин марҳила қисмҳои муайяни ДНК омӯхта мешаванд. Мутахассисон нишондиҳандаҳои махсусеро таҳлил мекунанд, ки барои ҳар як инсон хос мебошанд.

Натиҷаҳои таҳлил дар шакли профили генетикӣ сабт мегарданд. Профили генетикӣ маҷмӯи маълумот дар бораи хусусиятҳои ДНК-и инсон мебошад. Ин профил ба «шиносномаи генетикӣ» монанд аст, зеро он барои ҳар як инсон қариб ки такрорнашаванда мебошад.

Дар таҳлили генетикӣ барномаҳои компютерӣ ва таҷҳизоти муосир истифода мешаванд. Онҳо имконият медиҳанд, ки маълумот бо дақиқии баланд таҳлил карда шавад. Ҳангоми таҳлил эҳтимоли хатогӣ бояд ба ҳадди ақал расонида шавад.

Таҳлили генетикӣ дар бисёр ҳолатҳо истифода мегардад. Масалан, барои муайян намудани шахсияти ҷиноятқор, муайян кардани шахсияти ҷасадҳои номаълум, исботи падарӣ ё хешутаборӣ ва инчунин барои муайян кардани қурбониёни офатҳои табиӣ.

5. Муқоисаи профилҳои генетикӣ марҳилаи охирини экспертиза муқоисаи профилҳои генетикӣ мебошад. Пас аз анҷоми таҳлил профили генетикии намуна бо профили шахсони гумонбар ё дигар шахсон муқоиса карда мешавад.

Агар нишондиҳандаҳои генетикӣ мувофиқат кунанд, эҳтимоли мансуб будани намуна ба шахс хеле баланд мегардад. Дар баъзе ҳолатҳо эҳтимоли мувофиқат ба миллионҳо ё миллиардҳо нафар як нафарро ташкил медиҳад. Ин нишон медиҳад, ки экспертизаи судӣ-генетикӣ яке аз усулҳои дақиқтарини муайянкунии шахсият мебошад.

Аммо бояд қайд кард, ки натиҷаҳои экспертиза бояд бо эҳтиёт истифода шаванд. Ҳангоми коркарди намунаҳо хатогиҳои техникӣ ё олудашавӣ метавонанд ба натиҷаи таҳлил таъсир расонанд. Барои ҳамин, ҳамаи қоидаҳои илмӣ ва техникӣ бояд қатъиян риоя карда шаванд.[11; 310].

1. Усулҳои асосии экспертизаи судӣ-генетикӣ

Экспертизаи судӣ-генетикӣ бо истифода аз якчанд усулҳои муосири илмӣ гузаронида мешавад. Ҳар як усул вазифаи махсус дошта, барои ба даст овардани натиҷаҳои дақиқ истифода мегардад.

2. Усули PCR яке аз усулҳои асосии таҳқиқоти генетикӣ мебошад. Ин усул барои нусхабардории қисмҳои муайяни ДНК истифода мешавад. PCR имконият медиҳад, ки ҳатто аз миқдори хеле ками ДНК таҳқиқоти пурра гузаронида шавад.

Бартарии асосии PCR дақиқии баланди он мебошад. Ғайр аз ин, усул хеле зуд буда, дар муддати кӯтоҳ натиҷа медиҳад. Инчунин PCR барои таҳқиқи намунаҳои кӯҳна ва осебдида низ мувофиқ мебошад.Дар криминалистика PCR барои муайян кардани шахсияти ҷиноятқорон, таҳқиқи далелҳои биологӣ ва муайян кардани хешутаборӣ васеъ истифода мешавад.[12; 688]. 3. Электрофорез усуле мебошад, ки барои ҷудо намудани қисмҳои ДНК аз рӯи андоза истифода мешавад. Дар ин усул ДНК дар муҳити махсус зери таъсири ҷараёни барқ ҳаракат мекунад.[13; 256].

Қисмҳои хурдтар тезтар ҳаракат мекунанд, дар ҳоле ки қисмҳои калонтар сусттар ҳаракат менамоянд. Бо ҳамин роҳ олимон метавонанд андоза ва хусусиятҳои қисмҳои ДНК-ро муайян намоянд.Электрофорез яке аз усулҳои муҳим дар таҳқиқоти лабораторӣ мебошад. Ин усул барои муқоисаи намунаҳои генетикӣ ва таҳияи профили генетикӣ аҳамияти калон дорад.

4. Секвенсиякунонӣ усуле мебошад, ки бо ёрии он тартиби нуклеотидҳои ДНК муайян карда мешавад. Ин усул имконият медиҳад, ки сохтори пурраи генетикии инсон омӯхта шавад.

Имрӯз технологияҳои нави секвенсиякунонӣ хеле рушд кардаанд. Онҳо имконият медиҳанд, ки таҳлил дар муддати кӯтоҳ ва бо дақиқии баланд анҷом дода шавад. Секвенсиякунонӣ на танҳо дар криминалистика, балки дар тибби муосир, ташхиси бемориҳо ва генетика низ васеъ истифода мегардад.

5. STR-таҳлил STR-таҳлил яке аз усулҳои асосии криминалистика мебошад. STR маънои минтақаҳои кӯтоҳи такроршавандаи ДНК-ро дорад. Ин минтақаҳо дар одамони гуногун фарқ мекунанд ва барои муайян намудани шахсият истифода мешаванд.

Дар STR-таҳлил олимон шумораи такроршавии қисмҳои муайяни ДНК-ро ҳисоб мекунанд. Натиҷаҳои бадастомада барои тартиб додани профили генетикӣ истифода мешаванд.

Ин усул дорои дақиқии баланд буда, дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ҳамчун усули асосии муайянкунии шахсият истифода мегардад. STR-таҳлил махсусан барои таҳқиқи ҷиноятҳо, муайян намудани падарӣ ва шиносоии шахсони номаълум аҳамияти калон дорад.

Экспертизаи судӣ-генетикӣ яке аз самтҳои муҳим ва муосири криминалистика ба ҳисоб меравад. Бо ёрии усулҳои генетикӣ имрӯз имконият мавҷуд аст, ки шахсияти инсон бо дақиқии баланд муайян карда шавад. Марҳилаҳои ҷамъоварии намунаҳо, ҷудо намудани ДНК, амплификатсия, таҳлили генетикӣ ва муқоисаи профилҳои генетикӣ асоси экспертизаи судӣ-генетикиро ташкил медиҳанд.

Усулҳои PCR, электрофорез, секвенсиякунонӣ ва STR-таҳлил дар рушди ин соҳа нақши муҳим доранд. Истифодаи технологияҳои муосир имконият медиҳад, ки таҳқиқот бо суръат ва дақиқии баланд анҷом дода шавад. Аз ҳамин сабаб экспертизаи судӣ-генетикӣ имрӯз яке аз воситаҳои боэътимоди мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ ва ҳифзи адолат ба ҳисоб меравад.

АДАБИЁТ

1. Россинская Е. Р. Судебная экспертиза в современном уголовном процессе. – М.: Норма, 2019. – 304 с.
2. Крылов В. В. Судебно-генетическая экспертиза: теория и практика. – М.: Юрлитинформ, 2015. – 256 с.
3. Уотсон Дж., Бейкер Т. Молекулярная биология гена. – М.: Бином, 2013. – 512 с.
4. Крылов В. В. Основы судебно-генетической экспертизы. – М.: Юрлитинформ, 2014. – 240 с.
5. Уотсон Ҷ., Крик Ф. Ҳ. Сохтори молекулавии кислотаҳои нуклеинӣ // Nature. – 1953. – № 171. – С. 737.
6. Butler J. M. Forensic DNA Typing: Biology, Technology, and Genetics of STR Markers.-2nd ed. – Burlington: Elsevier Academic Press, 2005. – 560 p.
7. Конил Р., Принс М. Генетика человека. – Москва: Мир, 2001. – 350 с.

8. Батлер Дж. Основы судебной ДНК-идентификации. – Москва: Техносфера, 2013. – 288 с.
9. Гудвин У., Линакр А., Хади С. *Введение в судебную генетику*. – Москва: Бином, 2014. – С. 304
10. Батлер Дж. М. *Основы судебной ДНК-идентификации*. – М.: Техносфера, 2013. – с 336
11. Нельсон Д. Л., Кокс М. М. *Принципы биохимии Ленинджера*. – М.: БИНОМ. Лаборатория знаний, 2017. – 1328 с.
12. Волков И. В. *Судебная биология и генетика*. – М.: Юрайт, 2020. – 310 с.
13. Butler J. M. *Forensic DNA Typing: Biology, Technology, and Genetics of STR Markers*. – 3rd ed. – Elsevier, 2015. – 688 p.
14. Астахова Т. Н., Ковалёв А. В. *Молекулярно-генетические методы в криминалистике*. – М.: Норма, 2018. – 256 с.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ-ГЕНЕТИКИИ БОФТАҲО ВА ХОРИҶШАВИҲОИ ИНСОН

Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявии экспертизаи судӣ-генетикии бофтаҳо ва хориҷшавиҳои инсон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Нақш ва аҳаммияти экспертизаи судӣ-генетикӣ дар тафтишоти ҷиноятӣ, муайян намудани шахсият, исботи алоқаи хешутаборӣ, муайян кардани падарӣ ва модарӣ, инчунин таҳқиқи осори биологӣ баррасӣ гардидааст. Муаллиф моҳият ва хусусиятҳои таҳлили ДНК-ро ҳамчун усули муосири илмӣ шарҳ дода, истифодаи онро дар амалияи судӣ ва криминалистӣ нишон медиҳад. Ҳамчунин, вазифаҳои асосии экспертизаи судӣ-генетикӣ, аз ҷумла муайян намудани манбаи осори биологӣ, шиносоии ҷасадҳои номаълум ва исботи иштироки шахс дар ҷиноят таҳлил шудаанд. Қайд мегардад, ки рушди генетика ва технологияҳои молекулавӣ имконият медиҳад, ки масъалаҳои муҳимми ҳуқуқӣ бо дараҷаи баланди дақиқӣ ҳал карда шаванд.

Калидвожаҳо: экспертизаи судӣ-генетикӣ, идентификатсияи шахсият, муайян намудани шахсият, криминалистика, экспертизаи судӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ СУДЕБНО-ГЕНЕТИЧЕСКОЙ ЭКСПЕРТИЗЫ ТКАНЕЙ И ВЫДЕЛЕНИЙ ЧЕЛОВЕКА

В данной статье исследуются теоретические основы судебно-генетической экспертизы тканей и выделений человека. Рассматриваются роль и значение судебно-генетической экспертизы в расследовании преступлений, установлении личности, подтверждении родственных связей, определении отцовства и материнства, а также исследовании биологических следов. Автор раскрывает сущность и особенности анализа ДНК как современного научного метода и показывает его применение в судебной и криминалистической практике. Также проанализированы основные задачи судебно-генетической экспертизы, включая установление источника биологических следов, идентификацию неопознанных трупов и доказательство причастности лица к совершению преступления. Отмечается, что развитие генетики и молекулярных технологий позволяет с высокой степенью точности решать важные правовые вопросы.

Ключевые слова: судебно-генетическая экспертиза, идентификация личности, установление личности, криминалистика, судебная экспертиза.

THEORETICAL FOUNDATIONS OF FORENSIC GENETIC EXAMINATION OF HUMAN TISSUES AND SECRETIONS

This article examines the theoretical foundations of forensic genetic examination of human tissues and secretions. The role and significance of forensic genetic expertise in criminal investigations, personal identification, establishment of kinship, determination of paternity and maternity, as well as the examination of biological traces are discussed. The author explains the essence and specific features of DNA analysis as a modern scientific method and demonstrates its application in judicial and forensic practice. The article also analyzes the main tasks of forensic genetic examination, including the identification of the source of biological traces, identification of unidentified corpses, and proving a person's involvement in a crime. It is noted that the development of genetics and molecular technologies makes it possible to resolve important legal issues with a high degree of accuracy.

Keywords: forensic genetic examination, personal identification, identification of a person, criminalistics, forensic examination.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафаров Барзу Манучеҳрович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри соли 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон. (+992) **5511101-15**.

Сведения об авторе: Сафаров Барзу Манучехрович – Таджикский национальный университет, магистр 2-го года обучения юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) **5511101-15**.

Information about the author: Safarov Barzu Manuchehrovich – Tajik National University, 2nd-year Master's student of the Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) **5511101-15**.

НАҚШ ВА АҲАММИЯТИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ-ТИББӢ ДАР ТАФТИШИ ҶИНОЯТ

Сафарова М. С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Экспертизаи тиббии судӣ - бахши тиббӣ мебошад, ки мушкилоти тиббӣ-биологиро, ки дар фаъолияти тафтишӣ ба миён меоянд, меомӯзад ва таҳлил мекунад, ҳамчунин мушкилоти монанд ба онҳо дар соҳаи тафтиши ҷиноятро меомӯзад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳангоми татбиқи қоидаҳои ҷамъоварии далелҳо, дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ масъалаҳое ба миён меоянд, ки онҳоро танҳо бо истифода аз донишҳои махсуси тиббӣ метавон ҳал кард. Масалан, саволи «Сабаби марг чист?» ва дигар масъалаҳои монанд [1].

Дар дигар ҳолатҳо, масъалае, ки ҳангоми тафтиш ба миён меояд, бо усулҳои гуногун ҳалшаванда аст, яке аз онҳо истифодаи таҳқиқоти махсуси тиббӣ мебошад. Масалан, дар ҳолате, ки лозим аст муайян карда шавад, оё шахси ҷустуҷӯшаванда дар ҷойи муайян буд ё не, метавон усулҳои оперативӣ-тафтишӣ, техникаи криминалистиро истифода кард ва ҳамчунин аз экспертизаи тиббӣ истифода бурд, масалан экспертизаи идентификатсияии объектҳои биологӣ гузаронид.

Дар ҳар ду ҳолат масъалаҳои ҷиноятӣ бо истифода аз донишҳои тиббӣ-биологӣ, ки аз тарафи илмҳои дахлдор ҷамъоварӣ шудаанд, ҳал мешаванд.

Аз ин рӯ, экспертизаи тибби судӣ ҳамчун ҳали мушкилоти илмӣ-амалӣ байни тафтиши ҷиноят ва маълумотҳои тиббӣ-биологӣ амал мекунад[2].

Яке аз вазифаҳои муҳимми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ошкор кардани ҷиноятҳо мебошад. Ин вазифа масъулияти мақомоти тафтишро, ки бояд ҳангоми пайдо шудани ҷасад маҷмӯи чораҳои санҷиширо анҷом диҳанд, муайян мекунад. Амалҳои чунин ҳолатҳо барои бартараф кардани эҳтимоли марги маҷбурӣ равона шудаанд, ки барои ин экспертизаи судӣ-тиббӣ гузаронида мешавад.

Коршиносе, ки ҷасадро меомӯзад, одатан ба яке аз ду хулоса мерасад:

1.Марг аз сабаби таъсири берунӣ рӯй додааст, яъне марг маҷбурӣ аст;

2. Марг маҷбурӣ нест ва аз беморӣ ба амал омадааст.

Хулосаи аввал ҳамчун механизми оғози парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус тафтишот ки ба ошкорсозӣ ва тафтишии ҷиноятҳо машғуланд, хизмат мекунад.

Хулосаи дуюм маълумотест барои мақомоти тандурустӣ дар бораи сабабҳои марги табии. Мақоми тандурустӣ бар асоси ин маълумот чораҳои профилактикӣ ва санитарӣ меандешанд. Аз тариқи чунин фаъолият тибби судӣ ба манфиати адолат ва тандурустӣ хизмат мекунад.

Барои муайян кардани баъзе ҳолатҳои исботшаванда, экспертиза бояд ҳатман таъин ва гузаронида шавад. Ин аҳамият ба он рабт дорад, ки бе истифодаи донишҳои махсуси тиббӣ ин ҳолатҳо муайян карда намешаванд. Рӯйхати чунин ҳолатҳо дар ҚҶ ҶМТ “ оварда шудааст:

Таъин ва гузаронидани таҳқиқоти судӣ ҳатмӣ аст, агар лозим бошад муайян намудан:

Сабабҳои марг;

Навъ ва дараҷаи зараре, ки ба саломатӣ расонида шудааст;

Вазъи равонӣ ё ҷисмонии гумонбар ё айбдоршаванда, агар шубҳа дар ақлу солиёташ ё қобилияти ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои худ ба вуҷуд ояд;

Вазъи равонӣ ё ҷисмонии қурбонӣ, агар шубҳа дар қобилияти дуруст дарк кардани ҳолатҳои муҳим барои парванда ва додани шаҳодат ба вуҷуд ояд;

Синни гумонбар, айбдоршаванда, қурбонӣ, агар он барои парванда муҳим бошад ва ҳуҷҷатҳо оид ба синн ба вуҷуд наоянд ё шубҳа барангезанд.

Набудани хулосаҳои эксперти судӣ оид ба ин масъалаҳо метавонад асоси хулоса оид ба нокифоя будани далелҳо барои ҳал намудани парванда ва таҳияи хулосаҳои миёнаравӣ гардад.

Таҳлили моддаҳои ҚМҶ ҶТ нишон медиҳад:

Дар чор ҳолати панҷгона, ҳолатҳое, ки ба таҳқиқоти судӣ-тиббӣ ниёз доранд, оварда шудаанд;

Таҳқиқоти судӣ-тиббӣ метавонад аз тарафи тафтишгар, назарсанҷкунанда, додгоҳ ва дигар субъектҳо таъин шавад, агар онҳо онро зарур донанд.

Таҳқиқоти судӣ-тиббӣ, тибқи назарияи умумӣ, ба гурӯҳи таҳқиқоти судӣ-тиббӣ ва равоншиносӣ дохил мешавад.

Е.Р. Россинская намудҳои таҳқиқоти судӣ-тиббиро чунин муайян мекунад: таҳлили ҷасад, таҳлили шахсони зинда, таҳлили объектҳои биологӣ, таҳлили молекулярӣ-генетикии далелҳои моддӣ, таҳлили ҳолатҳои риоя нашудани қоидаҳои касбӣ аз ҷониби кормандони тиббӣ[3].

Дар ташкил ва гузаронидани экспертизаи судӣ чунин қоидаҳо бояд пешбини карда шавад:

Ҳузури духтур-коршинос дар боздид аз ҷасад;

Таҳқиқоти ҷасад;

Таҳқиқоти зан дар ҷиноятҳои зидди озодии ҷинсӣ ва парвандаҳои шаҳрвандӣ;

Таҳқиқоти мард дар ҳолатҳои монанд;

Таҳқиқоти ҳистологӣ;

Таҳқиқоти биологӣ;

Таҳқиқоти молекулярӣ-генетикӣ;

Таҳқиқоти тиббӣ-криминалистӣ (трассологӣ, баллистикӣ, идентификация, микрологӣ, реконструкцияи ҳолатҳо);

Таҳқиқоти спектралӣ;

Таҳқиқоти кимиёвӣ;

Таҳқиқоти биокимиёвӣ;

Таҳқиқоти мураккаби комиссиявӣ дар парвандаҳои ҷиноятӣ [4].

Ҷудо кардани намудҳои экспертизаи судӣ-тиббӣ барои фарқ кардани таҳқиқоти оддӣ ва мураккаб ва муайян кардани талабот ба тахассуси таҳқиқгар муҳим аст.

Агар фаъолияти амалӣ-экспертии судӣ-тиббиро ҳамчун қисми ҷудонашавандаи тафтиши ҷиноятӣ тасаввур кунем, он се марҳила дорад:

Таъин кардани экспертиза;

Гузаронидани экспертиза;

Истифода ва арзёбии маълумоти гирифташуда.

Марҳилаи дуюм мустақиман ба ихтисоси тибби судӣ вобаста аст. Марҳилаҳои аввал ва сеюм асосан дар доираи фаъолияти муфаттишон қарор доранд. Таъсири муассири фаъолияти судӣ-тиббӣ танҳо дар сурати иҷрои босифати се марҳила имконпазир аст.

Аз ин рӯ, тайёр намудани экспертони судӣ бояд ба омӯзиши методҳои таҳқиқи объектҳо аҳамияти максималӣ диҳад, дар ҳоле ки масъалаҳои таъин ва истифодаи маълумоти судӣ-тиббӣ бештар барои тафтиши ҷиноят муҳим мебошанд.

Экспертизаи судӣ-тиббӣ яке аз унсурҳои муҳим ва ҳалкунанда дар раванди тафтиши ҷиноятӣ мебошад. Мақола нишон дод, ки истифодаи донишҳои махсуси тиббӣ ба мақомоти тафтиш ва додгоҳ имконият медиҳад, ки сабабҳои марг, дараҷаи зарар ба саломатӣ, вазъи равонӣ ва ҷисмонии иштирокдорони парванда ва синни онҳоро бо дақиқӣ муайян намоянд.

Таҳлилҳои судӣ-тиббӣ на танҳо барои муайян кардани ҳолатҳои исботшаванда, балки барои бартараф намудани шубҳаҳо ва кафолати дурусти раванди ҷиноятӣ низ аҳамият доранд. Маҳз тавассути ин таҳқиқот маълумотҳои объективӣ ва илмӣ ба даст оварда мешаванд, ки барои қабули қарорҳои дуруст дар тафтиши ҷиноятҳо зарур мебошанд.

Намудҳои таҳқиқоти судӣ-тиббӣ, аз ҷумла таҳлили ҷасад, таҳлили шахсони зинда, таҳлили объектҳои биологӣ ва молекулярӣ-генетикӣ, таҳлили ҳолатҳои риоя нашудани қоидаҳои касбӣ ва таҳқиқоти мураккаби комиссиявӣ, бо мақсади фарқ кардани таҳқиқоти оддӣ ва мураккаб ҷудо шудаанд.

Ҷудо кардани намудҳо ва марҳилаҳои экспертиза барои муайян кардани талабот ба тахассуси таҳқиқгар ва таҳияи хулосаҳои дуруст муҳим мебошад.

Фаъолияти экспертизаи судӣ-тиббӣ се марҳила дорад: таъин, гузаронидан ва истифодаи маълумоти гирифташуда. Марҳилаи дуюм мустақиман ба ихтисоси тибби судӣ вобаста аст, дар ҳоле ки марҳилаҳои аввал ва сеюм асосан дар доираи фаъолияти тафтишгарон ва додгоҳ қарор доранд. Таъсири муассири фаъолияти экспертиза танҳо дар сурати ҳамоҳангии пурраи ин се марҳила ва сифати баланд ба даст меояд.

Ҳамкории муассир байни экспертони судӣ ва мақомоти тафтиш кафолат медиҳад, ки таҳқиқот саривақт ва босифат гузаронида шуда, натиҷаҳои он комилан ба системаҳои далелӣ ворид карда шаванд. Бо ин васила, экспертизаи судӣ-тиббӣ на танҳо барои адолати ҷиноятӣ, балки барои беҳдошти саломатӣ ва пешгирии оқибатҳои номатлуби ҳолатҳои фавқулода низ хизмат мекунад.

Дар маҷмуъ, экспертизаи судӣ-тиббӣ раванди муҳимест, ки бе он раванди тафтиши ҷиноятӣ наметавонад ба таври мантиқӣ ва босифат амалӣ шавад. Омӯзиши дурусти методология ва истифодаи самараноки таҳқиқоти судӣ кафолати дурусти исбот ва иҷрои адолати ҷиноятиро таъмин менамояд.

АДАБИЁТ

1. Пашинян Г. А., Харин Г.М. Судебная медицина: Учебник для вузов / Г. А. Пашинян, Г.М. Харин. - М.: ГЭОТАР-МЕД, 2001. - 318 с.
2. Гурочкин Ю.Д., Витер В.И. Судебная медицина: Курс лекций / Ю.Д. Гурочкин, В.И. Витер. - М.: Право и закон, 2004. - 317 с.
3. Россинская Е. Р. Судебная экспертиза в гражданском, арбитражном, административном и уголовном процессе. М., 2005.
4. Волков В.Н., Датий А.В. Судебная медицина: Учебное пособие для вузов / В.Н. Волков, А.В. Датий. - М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2000. - 639 с.
5. Величко Н.Н. Основы судебной медицины и судебной психиатрии: Учебник / Н.Н. Величко. - М.: ЦИиНМОКП МВД России, 2000. -325 с.
6. Бабаханян Р.В. Газовое ствольное оружие самообороны: криминалистические и судебно-медицинские аспекты / Р.В. Бабаханян, В.Ю. Владимиров, В.Д. Исаков [и др.]. – СПб.,1997. – 100 с.
7. Бедрин Л.М. Избранные лекции по судебной медицине / Л.М. Бедрин. –Ярославль, 1989. – 144 с.
8. Владимиров В.Ю. Особенности осмотра места происшествия при расследовании уголовных дел с применением огнестрельного оружия и взрывных устройств / В.Ю. Владимиров, Г.П. Лаврентюк. – СПб.: СПб. академия МВД РФ, 1997. – 42 с.
9. Громов А.П. Судебно-медицинское исследование трупа / А.П. Громов, А.В. Капустин. – М.: Медицина, 1991.

НАҚШ ВА АҲАММИЯТИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ-ТИББӢ ДАР ТАФТИШИ ҶИНОЯТ

Дар мақола самтҳои асосии истифодаи донишҳои махсуси судӣ-тиббӣ дар раванди баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд ва намудҳои экспертизаҳои судӣ-тиббӣ муайян карда шудаанд. Таъкид мешавад, ки экспертизаҳои судӣ-тиббӣ барои муайян кардани ҳолатҳои вобаста ба мавзуи исботкунӣ дар парвандаи ҷиноятӣ аҳаммияти калон доранд. Экспертизаи судӣ-тиббӣ яке аз унсурҳои муҳим ва ҳалкунанда дар раванди тафтиши ҷиноятӣ мебошад. Мақола нишон дод, ки истифодаи донишҳои махсуси тиббӣ ба мақомоти тафтиш ва додгоҳ имконият медиҳад, ки сабабҳои марг, дараҷаи зарар ба саломатӣ, вазъи равонӣ ва ҷисмонии иштирокдорони парванда ва синни онҳоро бо дақиқӣ муайян намоянд.

Калидвожаҳо: экспертизаи судӣ-тиббӣ, тибби судӣ, исбот, намудҳои экспертиза.

РОЛЬ И ЗНАЧЕНИЕ СУДЕБНО-МЕДИЦИНСКОЙ ЭКСПЕРТИЗЫ В УГОЛОВНОМ РАССЛЕДОВАНИИ

В статье представлены основные направления применения специализированных судебно-медицинских знаний в процессе рассмотрения уголовных дел и определены виды судебно-медицинских экспертиз. Подчеркивается, что судебно-медицинские экспертизы имеют большое значение для определения обстоятельств, связанных с предметом доказательства в уголовном деле. Судебно-медицинская экспертиза является одним из важных и решающих элементов в процессе уголовного расследования. В статье показано, что использование специализированных медицинских знаний позволяет следственным органам и суду точно установить причины смерти, степень повреждения здоровья, психическое и физическое состояние участников дела, а также их возраст

Ключевые слова: судебно-медицинская экспертиза, судебная медицина, доказательства, виды экспертизы.

THE ROLE AND IMPORTANCE OF FORENSIC EXPERTISE IN CRIMINAL INVESTIGATION

This article presents the main areas of application of specialized forensic medical knowledge in criminal cases and defines the types of forensic examinations. It emphasizes that forensic examinations are essential for determining the circumstances surrounding the subject of evidence in a criminal case. Forensic examination is a crucial and crucial element in the criminal investigation process. The article demonstrates that the use of specialized medical knowledge allows investigative bodies and the court to accurately determine the cause of death, the extent of damage to health, the mental and physical condition of the parties involved, and their ages.

Keywords: forensic medical examination, forensic medicine, evidence, types of examination.

Маълумот дар бораи муаллиф: Сафарова Маҳина Саидҳомидовна- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17. Тел.: +992 202420099.

Сведения об авторе: Сафарова Махина Саидхомидовна - Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса юридический факультет. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17. Тел.: +992 202420099

About the author: Safarova Mahina Saidhomidovna - Tajik National University, 2nd year master's Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: +992 202420099

НАМУДҲОИ ҶАВОБГАРӢ АЗ РӮЙИ ШАРТНОМАИ ТАЪМИНИ ЭНЕРГИЯ

Собирзода И. Ю.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар адабиёти ҳуқуқӣ ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳоро ба намудҳои гуногун ҷудо менамоянд. Масалан, В.П. Мозолин ҷавобгариро ба деликтӣ ва шартномавӣ [1, с. 231], Е.А. Суханов ҷавобгарии ҳиссагӣ, солидарӣ, субсидиарӣ ва регрессӣ [2], В.П. Грибанов ҷавобгариро ҳиссагӣ, солидарӣ, субсидиарӣ, омехта ва ҷавобгарӣ дар ҳолати гузаронидани муҳлати иҷрои уҳдадорӣ [3, 142], Д.Н. Кархалев ҷавобгариро ба шартномавӣ, ғайришартномавӣ, ҳиссагӣ, солидарӣ, субсидиарӣ, ҷавобгарӣ дар ҳолати гузаронидани муҳлати иҷрои уҳдадорӣ, ҷавобгарии қарздор барои амали шахсони сеюм, ҷавобгарии шахс барои зарараре, ки кормандони ӯ расонидааст [4, с. 153] ва ғайра ҷудо менамоянд. Чунин таснифотҳо вобаста ба асосҳои гуногун ба роҳ монда шудааст.

Вобаста аз асосҳои пайдоиш ва намуди муносибатҳои маданӣ ҷавобгари барои иҷро накардани уҳдадориҳоро ба ду намуди асосӣ ҷавобгарии ғайришартномавӣ ва шартномавӣ ҷудо менамоянд.

Ҷавобгарии ғайришартномавӣ (делектӣ) чунин намуди ҷавобгарӣ мебошад, ки ҳангоми ба амал омадани он зарар аз ҷониби шахсе расонида мешавад, ки пештар бо ҷабрдида дар ягон муносибат қарор надошт. Яъне, бо амалҳои худ зараррасон уҳдадории муайяни характери фаъолдоштаро (иҷрои кор, хизматрасонӣ, пардохти маблағ ва ғайра) вайрон накарда, балки уҳдадории ғайрифаъоли умумиро – худдорӣ намудан аз вайрон намудани ҳуқуққои субъективии мутлақи шахси дигарро вайрон месозад. Ҷавобгарии ғайришартномавӣ ҳангоми расонидани зарар ба молумулк ва шахсият ба амал меояд.

М.И. Брагинский дар он ақидааст, ки ҷавобгарии ғайришартномавӣ метавонанд дар натиҷаи амали зиддиҳуқуқии шахс низ (аз нуқтаи назари онҳо ба ҷавобгарии ғайришартномавӣ аҳдҳои яктарафа, ҷавобгарӣ аз аҳдҳои мақомотҳои давлатӣ, дар асоси қарорҳои суд вобаста ба парвандаҳои маданӣ ва ғайра) пайдо мешаванд [5, с. 54]. Ин гуна ҷавобгарӣ дар натиҷаи расонидани зарар ё деликтҳо ва дорошавии беасос ба вуҷуд меояд.

Ҷавобгарии шартномавиро бошад қонун ва ё тарафҳо ҳангоми бастани шартнома муқаррар менамоянд. Азбаски ҷавобгарии шартномавӣ барои вайрон намудани уҳдадории муайян вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқии муайян ба амал меояд, он ба ғайр аз қоидаҳои умумии ҷавобгарии маданӣ боз бо меъёрҳои махсуси қонуне, ки ин намуди муносибатҳоро пурра ба танзим медарорад, муайян карда мешавад. Ғайр аз ин, принсипи ҳуқуқи маданӣ оиди озодии бастани шартнома ба ин намуди ҷавобгарӣ боз характери диспозитивиро низ медиҳад.

Ҷавобгарии шартномавӣ дар асоси шартнома ба вуҷуд меояд. Асоси ба вуҷуд омадани ҷавобгарии шартномавӣ иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартҳои шартнома мебошад. Аз сабаби оне, ки шартҳои шартномаро худи тарафҳо муайян менамоянд, барои вайрон намудани онҳо ҷавобгарӣ низ аз худи шартнома ва қонун бармеояд. Дар баъзе ҳолатҳо андозаи ҷавобгарӣ бо розигии тарафҳо дар ҳолатҳои бо қонун муқарраргардида мумкин аст кам ё зиёд карда шавад. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки қонун барои тарафҳо қоидаҳоро ба таври умумӣ пешниҳод намуда, дар баробари ин ба онҳо ҳуқуқи тадбиқ намудани шартҳои худашонро низ додааст. Чуноне, ки маълум аст, озодии бастани шартнома ҳамчун яке аз принсипҳои асосии қонунгузории маданӣ муайян гаштааст. Барои ҳамин, тартиб додан, илова намудан, тағйир додан, бастан, қатъ намудан ва ғайраи шартнома ба тарафҳо вобаста аст. Фақат як ҳолат бояд риоя карда шавад – шартнома ва шартҳои он бояд ки ба қонунгузории маданӣ мухолифат накунад.

1.Моҳияти ҳуқуқии фарқ намудани ҷавобгарии шартномавӣ ва ғайришартномавӣ дар он аст, ки шакл ва ҳаҷми ҷавобгарии ғайришартномавӣ танҳо бо қонун ва аз шартномавӣ бошад, ҳам бо қонун ва ҳам бо шартҳои шартномаи басташуда муайян карда мешаванд.

2. Дар ҷавобгарии шартномавӣ ҳангоми бастани шартнома тарафҳо метавонанд шартҳое вобаста ба ҷавобгарӣ дар шартнома муқаррар созанд, ки дар қонунгузорӣ ҷой надорад, вале ба он мухолифат наменамоянд.

3. Дар ҷавобгарии шартномавӣ ҳангоми ба амал омадани ҷавобгарӣ тарафҳо ҳуқуқи кам намудан ва ё баланд кардани андозаи ҷавобгариро доранд. Ҷавобгарии ғайришартномавӣ аз қонун бармеояд. Ҳангоми расонидани зарар қонун вобаста ба андоза зарари расонидашуда бевосита уҳдадории зараррасонро вобаста ба барқарор намудани чунин зарар пешбинӣ менамояд. Ҷавобгарии ғайришартномавӣ, махсусан ҷавобгарӣ барои расонидани зарар аз барқарор намудани зарари расонидашуда иборат мебошад. Аммо дар ҷавобгарии шартномавӣ бошад, ҷавобгарӣ ҳам дар шакли ҷуброн намудани зиёни расонидашуда ва ҳам дар шакли ситонидани ноустуворона (ҷарима) пешбинӣ шуданаш мумкин аст.

Вобаста ба хусусияти тақсими ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ байни якчанд шахсон ҷавобгарии ҳиссагӣ, солидарӣ, субсидиарӣ ҷудо карда мешавад [6, с. 125].

Ҷавобгарии ҳиссагӣ маънои онро дорад, ки ҳар як ҳуқуқвайронкунанда барои ҳиссаи муайяни аз тарафи қонун ё шартнома муқарраргардида ҷавобгар мебошад. Ҷавобгарии ҳиссагӣ дорои маънои умумӣ буда, танҳо дар ҳолате татбиқ мегардад, ки бо қонун ё шартнома намуди дигар ҷавобгарӣ – солидарӣ ё субсидиарӣ муқаррар нагашта бошад. Ҳиссаҳои ба зиммаи ҳар як ҷавобгар гузошташуда баробар ҳисоб карда мешаванд, агар дар қонун ё шартнома дигар андозаро пешбинӣ накарда бошад. Масалан, Аз тарафи кредиторҳо рӯёнидани қарзҳои меросгузор, ворисон ҳамчун қарздорони муштарак дар доираи арзиши амволи ба ҳар яки онҳо гузошта ҷавоб медиҳанд. Яъне ки дар ин ҳолат ҳар як меросхӯр дар доираи ҳиссаи ба мерос гирифтааш ҷавобгар мебошад. Ё ин ки ашхоси якҷоя зараррасонида дар назди ҷабрдида муштарак ҷавобгар мебошанд. Тибқи аризаи ҷабрдида ва ба манфиати ӯ суд ҳуқуқ дорад ба зиммаи ашхосе, ки якҷоя зарар расонидаанд, масъулияти ҳиссавӣ гузорад. Ҳар як ҷавобгар дар доираи ҳиссаи зарари расонидааш дар назди ҷабрдида ҷавобгар мебошад.

Мувофиқи ҷавобгарии солидарӣ ҷабрдида ҳуқуқи пешниҳоди талаботро ба ҳама қарздорон дар якҷоягӣ ва ҳам ба ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ дорад. Яъне дар ин намуди ҷавобгарӣ кредитор ҳуқуқи ҷуброн намудани зарари ба ӯ расонидашударо аз дилхоҳ шахсони уҳдадор дар ҳаҷми пурра талаб карданро дорад. Дар ҳолати қонеъ нагардидани талаботаш аз ҷониби яке аз қарздорони солидарӣ, ӯ ҳуқуқ дорад қисми қонеънашудаи талаботашро дар ҳамон асос аз қарздорони дигар талаб намояд. Масалан, ҳангоми уҳдадории муштараки қарздорон, кредитор ҳақ дорад иҷрои онро аз ҳамаи қарздорон дар якҷоягӣ ё аз ҳар кадоми онҳо дар алоҳидагӣ, аз ҷумла ба таври пурра ё оид ба як қисми қарз, талаб намояд. Кредиторе, ки аз ҷониби яке аз қарздорони муштарак талаби худро пурра қонеъ накардааст, ҳақ дорад иҷрои қисми қонеънашударо аз дигар қарздорни муштарак талаб намояд. Қарздорони муштарак то лаҳзаи пурра иҷро намудани уҳдадорӣ масъул боқӣ мемонанд. Аз ин маълум мегардад, ки дар ҷавобгарии солдиралӣ қарздорони муштарак то лаҳзаи охирини иҷрои уҳдадорӣ муштарак дар назди кредитор уҳдадоранд ва масъуланд. Ин ҳолат вазъи кредиторро то андозае сабук намуда, ба ӯ ҳуқуқи талаб намудани ҷуброни зарарро на аз ҳуқуқвайронкунандае, ки бисёртар дар ин ҳолат гунаҳкор аст, балки аз оне ки воқеан имконияти пурра ҷуброн намудани зарари расонидашударо дорад, медиҳад. Баъд аз пурра ҷуброн намудани зарари расонидашуда аз тарафи яке аз қарздорон, қарздорони боқимонда дар назди аввалин вобаста ба ҳиссаҳои баробар ҷавобгар мешаванд.

Маҳз барои ҳамин ҷавобгарии солидарӣ танҳо дар ҳолатҳои бо қонун ё шартнома пешбинишуда гузошта мешавад, хусусан дар ҳолатҳои тақсимнашаванда будани предмети уҳдадории иҷронашуда ва ё дар ҳолати расонидани зарари ғайришартномавии муштарак. Мувофиқ ба моддаи 78 КМ ҶТ иштирокчиёни ширкати комил дар назди кредиторони худ ҷавобгарии солидарӣ доранд. Аз сабабе, ки фаъолияти соҳибкорӣ ҳамавақт ба таваккал

асос ёфтааст, мувофиқ ба қисми 2 моддаи 345 КМ уҳдадории якчанд қарздор оид ба уҳдадорие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд аст, ҳамчунин талаби якчанд кредиторон дар чунин уҳдадорӣ, агар дар қонун, санади дигари меъёрӣ ё шартҳои уҳдадорӣ тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, уҳдадории муштарак, яъне солидарӣ мебошад. Дар ин ҷо низ қонунгузор муайян намудааст, ки агар дар шартнома ё қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Дигар намуди ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ барои иҷро накардани уҳдадорӣ ин ҷавобгарии субсидиарӣ ба ҳисоб меравад. Назар ба дигар намудҳои ҷавобгарӣ, ҷавобгарии субсидиарӣ дар муносибат ба ҷавобгарии асосие, ки қарздор дар назди кредитор дорад, иловагӣ мебошад. Он ҳамчун илова ба ҷавобгарии асосӣ баромад намуда, вазъияти кредитор (ҷабрдида)-ро мустаҳкамтар менамояд. Дар баробари ин, шахсе, ки ҷавобгарии иловагиро (субсидиариро) бар дӯш дорад, шарт нест ки яке аз зараррасонҳои муштарак бошад. Қариб дар бисёр ҳолатҳо ҷавобгари субсидиарӣ умуман ягон ҳаракати зиддиҳуқуқиро содир намекунад. Масалан, ҳангоми ба сифати зомин баромад намудани шахс дар шартномаи кредит.

Ҳолатҳоеро, ки дар асоси онҳо ҷавобгарии субсидиарӣ ба роҳ монда мешавад, КМ муайян намудааст. Ба сифати якум ҳолат, ин пеш аз ба ҷавобгарии субсидиарӣ талабот пешниҳод намудан, кредитор бояд ба ҷавобгари асосӣ талабот арз намояд, агар қарздори асосӣ талаботи кредиторро қонеъ накунад ё аз қонеъгардонии он саркашӣ намояд, ин талаботро ба шахсе, ки масъулияти иловагиро ба зимма дорад, арз кардан мумкин аст. Ҳолати дигар ин аст, ки агар талаботи кредитор аз қарздори асосӣ ё бидуни баҳс рӯёнидани маблағ аз ҳисоби қарздори асосӣ қонеъ гардонида шавад, ӯ ҳақ надорад қонеъ намудани талаботи худро аз шахсе талаб кунад, ки масъулияти иловагиро ба зимма дорад. Инчунин, қонунгузор муайян намудааст, ки ҷавобгарии субсидиарӣ пеш аз қонеъ намудани талаботи кредитор бояд қарздори асосиро огоҳ созад ва агар аллакай ба ӯ даъво арз шуда бошад, қарздори асосиро барои иштирок дар парванда ҷалб намояд. Дар ҳолати аз ҷониби қарздори иловагӣ қонеъ намудани талаботи кредитор, ӯ (масалан зомин) метавонад ба қарздори асосӣ талаботи аксро арз намояд.

Ҷавобгарии субсидиарӣ мумкин аст, ки дар дигар ҳолатҳо низ ба амал ояд. Масалан, ҳангоме ки барои қонеъ намудани талаботи кредитор молу мулки доштаи қарздори асосӣ кифоягӣ накунад, ё ин ки ӯ аз қонеъ намудани талаботи кредитор даст кашад. Ҷавобгарии иловагӣ барои расонидани зарар аз ҷониби ноболиғони аз 14 то 18- сола низ ба амал омаданаш мумкин аст. Чӣ тавре ки дар қисми 2 моддаи 1089 омадааст, дар сурате, ки агар ноболиғи аз 14 то 18- сола барои ҷуброни зарар амвол ё манбаи дигари даромад надошта бошад, зарар бояд пурра ё дар қисмати нокифояи он аз ҳисоби волидайн (фарзандхондагон) – и ӯ ё парасторон, агар исбот карда натавонанд, ки зарар бо гуноҳи онҳо расонида нашудааст, ҷуброн карда мешавад. Инчунин, дар ҳолатҳое, ки зарар тавассути амал (беамалӣ)-и ғайриқонунии ашхоси мансабдори мақомоти давлатӣ дар соҳаи идораи маъмурӣ расонида шудааст, ҳангоми нокифоя будани маблағҳои пулии дар ихтиёри ин мақомот қарордошта, зарар ба таври субсидиарӣ аз ҳисоби буҷети давлат ҷуброн карда мешавад.

Чунончи, мувофиқи моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ», аъзои кооператив оид ба уҳдадориҳои кооператив танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи оинномаашон ҷавобгарии субсидиариро ба зимма доранд. Мувофиқ ба моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияташон маҳдуд», дар ҳолати муфлисшавии ҷамъият бо гуноҳи иштирокчиёнаш, ё бо гуноҳи шахсони дигар, ки онҳо ҳуқуқ доранд ба ҷамъият супориши ҳатмӣ диҳанд, ё ба тарзи дигар имконият доранд амали онро муайян намоянд, ба зиммаи ин иштирокчиён, ё шахсони дигар дар сурати нокифоягии амволи ҷамъият, мумкин аст оиди уҳдадориҳояш масъулияти иловагӣ (субсидиарӣ) гузошта шавад.

Ҷавобгарии ҳиссагӣ бошад ҷавобгарие дар назар дошта мешавад, тибқи он ҳамаи қарздорон дар назди кредиторон бо андозаи ҳиссаи ба онҳо тааллуқтошта тибқи қонун ва ё шартномаи бастаи онҳо ҷавобгариро бар уҳда доранд. Қоидаҳо оид ба ҷавобгарии ҳиссагӣ дар он ҳолате татбиқ мешавад, ки дар қонун ва шартнома ҷавобгарии солидарӣ ва ё субсидиарӣ муайян карда нашуда бошад.

Шакли ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ барои иҷро накардани уҳдадорӣ гуфта, он оқибатҳои нохӯши амволиеро меноманд, ки ба зиммаи ҳуқуқвайронкунанда гузошта мешавад [7, с. 416]. Номгӯи шаклҳо дар адабиёти ҳуқуқӣ гуногун нишон дода шудааст. Мо дар ин ҷо ду шакли маъмули ҷавобгарии ҳуқуқӣ-маданӣ барои иҷро накардани уҳдадорӣ рӯёнидани зиён ва ноустуворонаро мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Ноустуворона (ҷарима, пеня) маблағе мебошад, ки мувофиқи қонун ё шартнома муайян гардидааст ва қарздор вазифадор аст ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ, аз ҷумла дар ҳолати гузаронидани муҳлати иҷро онро ба кредитор пардозад. Тибқи талаби пардохти ноустуворона кредитор ба исботи зиёни ба ӯ расонидашуда вазифадор намебошад. Зиён бошад хароҷоте фаҳмида мешавад, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида масраф намудааст ё бояд барои барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд, аз даст рафтан ё хароб гардидани молу мулки ӯ (зиёни воқеӣ), инчунин даромади ба даст наомадае, ки ин шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии аҳдҳои маданӣ метавонист ба даст оварад (фоидаи аз дастрафта).

Агар барои иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ ноустуворона муқаррар гардида бошад, пас зиён дар қисми бо ноустуворона таъминнашуда рӯёнида мешавад. Қонунҳо ва ё шартномаҳо ҳолатҳои зайлро пешбинӣ намуданашон мумкин аст: ҳангоме ки танҳо рӯёнидани ноустуворона иҷозат дода мешавад, вале на товони зиён; ҳангоме ки товони зиён метавонад ба маблағи пурра бар замми ҷаримаи аҳдшиканӣ рӯёнида шавад; ҳангоме ки мутобиқи интихоби кредитор ё ҷаримаи аҳдшиканӣ ё товони зиён рӯёнида мешавад. Чунки байни ин ду шакли ҷавобгарӣ дар ҳақиқат ҳам фарқи калон ҷой дорад. Агар андозаи ноустуворона бо қонун ва шартнома пешакӣ дақиқ муайян гашта бошад, зиён танҳо баъд аз содир шудани ҳуқуқвайронкунӣ ва муайян гаштани тамоми натиҷаи манфии он маълум мегардад. Инчунин, фарқ байни муҳлатҳои онҳо низ ҷой дорад. Вобаста ба ноустуворона муҳлати маҳдуд муайян гашта, барои зиён бошад, муҳлати умумии даъвое, ки назар ба муҳлати ноустуворона зиёдтар аст, татбиқ гардидааст. Дигар фарқият ин аст, ки барои ҷуброн намудани зиёни расонидашуда суд бояд тамоми шартҳоеро, ки ҷавобгарии маданиро ташкил медиҳанд, муайян намояд. Барои ноустуворона бошад, муайян намудани шартҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ ва ё алоқамандии ҳаракати зиддиҳуқуқӣ бо натиҷаи манфии ба амаломада лозим нест.

Ҳамин тавр, ҷавобгарии ҳуқуқи маданиро вобаста ба асосҳои гуногун ба чунин намудҳо ҷудо менамоянд: а). вобаста аз асосҳои пайдоиш ва намуди муносибатҳои маданӣ ҷавобгари барои иҷро накардани уҳдадориҳоро ба ду намуди асосӣ ҷавобгарии ғайришартномавӣ ва шартномавӣ ҷудо менамоянд; б). вобаста ба хусусияти тақсими ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ байни якчанд шахсон ҷавобгарии ҳиссагӣ, солидарӣ, субсидиарӣ ҷудо карда мешавад.

Ҷавобгарӣ аз рӯи шартномаи таъмини энергия яке аз институтҳои муҳими ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб рафта, барои таъмини иҷрои дурусти уҳдадориҳои шартномавӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои энергетикӣ хизмат менамояд. Дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва густариши истифодаи энергия, масъалаи муайян намудани намудҳои ҷавобгарӣ аҳаммияти махсус касб намудааст. Тарафҳои шартномаи таъмини энергия - ташкилоти таъминкунандаи энергия ва мизоҷ (абонент) - вазифадоранд шартҳои шартномаро риоя намоянд. Дар сурати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо нисбати онҳо ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқ карда мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ намудҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Олимони соҳаи ҳуқуқ вобаста ба асосҳои гуногун ҷавобгариро ба

намудҳо ҷудо намудаанд. Масалан, В.П. Мозолин ҷавобгариро ба шартномавӣ ва ғайришартномавӣ ҷудо кардааст. Е.А. Суханов бошад, ҷавобгарии ҳиссагӣ, солидарӣ, субсидиарӣ ва регрессиро нишон медиҳад. Дар навбати худ, В.П. Грибанов намудҳои ҷавобгариро васеътар шарҳ дода, ҷавобгарии ҳиссагӣ, солидарӣ, субсидиарӣ, омехта ва ҷавобгариро ҳангоми гузаронидани муҳлати иҷрои уҳдадорӣ ҷудо намудааст.

Намудҳои ҷавобгарӣ аз рӯи шартномаи таъмини энергия низ вобаста ба хусусияти муносибатҳои ҳуқуқӣ ва тарзи тақсими масъулият муайян карда мешаванд. Пеш аз ҳама, ҷавобгарӣ дар чунин шартномаҳо ба ҷавобгарии шартномавӣ дохил мешавад.

Ҷавобгарии шартномавӣ намуди асосии ҷавобгарӣ аз рӯи шартномаи таъмини энергия мебошад. Ин ҷавобгарӣ дар натиҷаи иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартҳои шартнома ба вуҷуд меояд. Азбаски муносибатҳои байни таъминкунанда ва истеъмолкунанда дар асоси шартнома ба вуҷуд меоянд, вайрон гардидани уҳдадориҳои пешбинишуда боиси пайдо шудани ҷавобгарии шартномавӣ мегардад.

Асоси ҷавобгарии шартномавӣ вайрон намудани шартҳои шартнома мебошад. Масалан, агар ташкилоти таъминкунандаи энергия интиқоли энергияро беасос қатъ намояд, энергияро бо сифати паст таъмин кунад ё ҳаҷми пешбинишудаи энергияро пешниҳод нанамояд, нисбати ӯ ҷавобгарии шартномавӣ татбиқ мегардад. Дар навбати худ, агар мизоҷ маблағи истифодаи энергияро пардохт накунад, қоидаҳои истифодаи энергияро вайрон созад ё ба шабакаҳои энергетикӣ зарар расонад, ӯ низ ҷавобгар мешавад.

Хусусияти муҳими ҷавобгарии шартномавӣ дар он аст, ки он на танҳо бо қонун, балки бо шартҳои худи шартнома низ муайян карда мешавад. Тарафҳо метавонанд дар доираи қонун шартҳои иловагии ҷавобгариро пешбинӣ намоянд. Масалан, онҳо метавонанд андозаи ҷарима ё тартиби ҷуброни зарарро дар шартнома муайян созанд.

Гарчанде муносибатҳои таъмини энергия асосан хусусияти шартномавӣ доранд, дар баъзе ҳолатҳо ҷавобгарии ғайришартномавӣ низ ба вуҷуд омада метавонад. Ҷавобгарии ғайришартномавӣ ё деликтӣ ҳангоми расонидани зарар берун аз доираи уҳдадориҳои шартномавӣ пайдо мешавад.

Масалан, агар дар натиҷаи садамаи шабакаҳои энергетикӣ ба молу мулки шахсони дигар зарар расонида шавад, ҷавобгарии ғайришартномавӣ ба вуҷуд меояд. Ё агар дар натиҷаи риоя накардани қоидаҳои техникии истифодаи энергия ба ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон зарар расад, шахси гунаҳкор мутобиқи қоидаҳои ҷавобгарии деликтӣ ҷавобгар мешавад.

Фарқи асосии ҷавобгарии шартномавӣ ва ғайришартномавӣ дар он аст, ки ҷавобгарии шартномавӣ аз муносибатҳои шартномавӣ бармеояд, аммо ҷавобгарии ғайришартномавӣ аз факти расонидани зарар пайдо мешавад.

Яке аз намудҳои муҳими ҷавобгарӣ дар муносибатҳои маданӣ ҷавобгарии ҳиссагӣ мебошад. Ҷавобгарии ҳиссагӣ маънои онро дорад, ки ҳар як шахси уҳдадор танҳо дар доираи ҳиссаи муайяни худ ҷавобгар мебошад.

Дар муносибатҳои таъмини энергия чунин ҳолатҳо метавонанд ҳангоми иштироки якчанд шахс дар иҷрои уҳдадориҳо ба вуҷуд оянд. Масалан, агар якчанд шахс ҳамчун истифодабарандаи муштараки энергия баромад намоянд, ҳар кадоми онҳо метавонад дар доираи ҳиссаи худ ҷавобгар бошад.

Қоидаи умумӣ чунин аст, ки агар қонун ё шартнома намуди дигари ҷавобгариро пешбинӣ накарда бошад, ҷавобгарӣ ҳиссагӣ ҳисобида мешавад.

Ҷавобгарии солидарӣ чунин намуди ҷавобгарӣ мебошад, ки дар он кредитор ҳуқуқ дорад талаботи худро аз ҳамаи қарздорон якҷоя ё аз яке аз онҳо пурра талаб намояд.

Дар муносибатҳои таъмини энергия ҷавобгарии солидарӣ метавонад дар ҳолатҳое ба миён ояд, ки якчанд шахс якҷоя уҳдадории шартномавиро вайрон кардаанд. Масалан, агар якчанд истифодабаранда ба шабакаҳои энергетикӣ ғайриқонунӣ пайваст шуда, ба ташкилоти таъминкунанда зарар расонанд, онҳо метавонанд ба таври солидарӣ ҷавобгар бошанд.

Хусусияти муҳими ҷавобгарии солидарӣ дар он аст, ки кредитор метавонад ҷуброни пурраи зарарро аз ҳар кадоме аз шахсони ҷавобгар талаб кунад. Баъд аз ҷуброни зарар шахсе, ки маблағро пардохт намудааст, метавонад нисбати дигар шахсони ҷавобгар талаботи регрессӣ пешниҳод намояд.

Ҷавобгарии субсидиарӣ ҷавобгарии иловагӣ мебошад. Он дар ҳолатҳое татбиқ мешавад, ки қарздори асосӣ уҳдадориҳои худро иҷро карда наметавонад.

Дар муносибатҳои энергетикӣ ҷавобгарии субсидиарӣ метавонад ҳангоми кафолатдиҳӣ ё иштироки шахсони иловагӣ дар иҷрои уҳдадориҳо ба вуҷуд ояд. Масалан, агар шахс ҳамчун зомин барои пардохти маблағи энергия баромад кунад, дар сурати иҷро накардани уҳдадориҳо аз ҷониби қарздори асосӣ нисбати ӯ ҷавобгарии субсидиарӣ татбиқ карда мешавад.

Хусусияти ҷавобгарии субсидиарӣ дар он аст, ки аввал талабот бояд ба қарздори асосӣ пешниҳод гардад. Танҳо дар ҳолати иҷро нагардидани уҳдадорӣ аз ҷониби ӯ талабот метавонад ба шахси масъули иловагӣ равона карда шавад.

Ҷавобгарии регрессӣ ё мутақобила дар ҳолатҳое ба вуҷуд меояд, ки як шахс зарари расонидаи шахси дигарро ҷуброн намуда, баъдан ҳуқуқ пайдо мекунад аз шахси гунаҳкор маблағи пардохтшударо талаб намояд.

Дар соҳаи таъмини энергия чунин ҳолатҳо низ ба миён омада метавонанд. Масалан, агар ташкилоти таъминкунанда зарари аз ҷониби корманди худ расонидашударо ҷуброн намояд, баъдан метавонад нисбати корманди гунаҳкор талаботи регрессӣ пешниҳод кунад.

Ҷавобгарии регрессӣ барои барқарор намудани вазъи молумулкии шахсе, ки зарарро ба ҷойи дигарон ҷуброн кардааст, аҳаммияти муҳим дорад.

Ҷавобгарӣ аз рӯйи шартномаи таъмини энергия метавонад дар шаклҳои гуногун амалӣ гардад. Шаклҳои асосии ҷавобгарии маданӣ ҷуброни зиён ва пардохти ноустуворона мебошанд.

Зиён хароҷоте мебошад, ки шахси ҳуқуқаш вайроншуда барои барқарор намудани ҳуқуқи худ анҷом медиҳад. Ба зиён ҳам зарари воқеӣ ва ҳам фоидаи аз дастрафта дохил мешавад.

Ноустуворона бошад, маблағе мебошад, ки қарздор дар ҳолати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ бояд ба кредитор пардохт намояд. Афзалияти ноустуворона дар он аст, ки кредитор барои гирифтани он уҳдадор нест зарари воқеиро исбот намояд.

Дар шартномаи таъмини энергия мумкин аст ҳам ҷуброни зарар ва ҳам ҷарима пешбинӣ карда шавад. Масалан, барои сари вақт пардохт накардани маблағи энергия нисбати мизоҷ пеня ҳисоб карда мешавад.

Ҳамин тариқ, ҷавобгарӣ аз рӯи шартномаи таъмини энергия вобаста ба хусусияти муносибатҳои ҳуқуқӣ ва тарзи тақсими масъулият ба намудҳои гуногун ҷудо мегардад. Ҷавобгарии шартномавӣ, ғайришартномавӣ, ҳиссагӣ, солидарӣ, субсидиарӣ ва регрессӣ шаклҳои асосии ҷавобгарӣ дар чунин муносибатҳо мебошанд. Мавҷудияти ин намудҳои ҷавобгарӣ барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои тарафҳо, таҳкими интизоми шартномавӣ ва таъмини фаъолияти устувори низоми энергетикӣ аҳаммияти муҳим дорад.

АДАБИЁТ

1. Гражданское право. Част. 1. Мозолин В.П., Масляев А.И. – М., 2005. – С.231.
2. Гражданское право. В.4. Том 1. Общая часть. 3-е изд. Под ред. Е.А.Суханова. – М., 2008.
3. Грибанов В.П. Осуществление и защита гражданских прав. – М., 2001. – С.142.
4. Кархалев Д.Н. Ответственность по гражданскому праву. –У., 2001. - С.153.
5. Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право: в 4-х кн. – М., 2004. – С.54.
6. Соҳибов М.М., Саидов Ҳ.М., Хоҷамуродов Д.Г., Бобохонов Ҳ.З. Ҳуқуқи шартномавӣ /Зери таҳрари проф. Ғаюров Ш.К. – Душанбе. Андалеб-Р. 2015. – С.125.
7. Ҳуқуқи гражданӣ. Қисми 1. Зери таҳрири М.А. Маҳмудов – Душанбе: ЭР-граф, 2007. – С.416.

НАМУДҲО ҶАВОБГАРӢ АЗ РӮИ ШАРТНОМАИ ТАЪМИНИ ЭНЕРГИЯ

Мақолаи мазкур ба таҳлили намудҳои ҷавобгарӣ аз рӯйи шартномаи таъмини энергия бахшида шудааст. Дар он мафҳум ва моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ, инчунин таснифоти намудҳои гуногуни ҷавобгарӣ дар назарияи ҳуқуқ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф ҷавобгарии шартномавӣ ва ғайришартномавӣ, ҳиссагӣ,

солидарӣ, субсидиарӣ ва регрессиро ҳамчун намудҳои асосии ҷавобгарӣ таҳлил намуда, хусусиятҳои татбиқи онҳоро дар муносибатҳои таъмини энергия нишон медиҳад. Дар мақола асосҳои пайдоиши ҷавобгарӣ, тартиби тақсими масъулият байни тарафҳо, инчунин шаклҳои амалишавии ҷавобгарӣ, аз ҷумла ҷуброни зиён ва пардохти ноустуворона (ҷарима, пеня) мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, хусусиятҳои ҷавобгарии тарафҳои шартномаи таъмини энергия - ташкилоти таъминкунандаи энергия ва истеъмолкунанда - баррасӣ гардида, аҳаммияти ҷавобгарӣ барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои энергетикӣ ва таҳкими интизоми шартномавӣ муайян карда шудааст.

Калидвожаҳо: ҷавобгарии ҳуқуқи маданӣ, шартномаи таъмини энергия, ҷавобгарии шартномавӣ, ҷавобгарии ғайришартномавӣ, ҷавобгарии ҳиссагӣ, ҷавобгарии солидарӣ, ҷавобгарии субсидиарӣ, ҷавобгарии регрессӣ, ҷуброни зиён, ноустуворона, муносибатҳои энергетикӣ, уҳдадориҳои шартномавӣ.

ВИДЫ ОТВЕТСТВЕННОСТИ ПО ДОГОВОРУ ЭНЕРГОСНАБЖЕНИЯ

Настоящая статья посвящена анализу видов ответственности по договору энергоснабжения. В ней рассматриваются понятие и сущность гражданско-правовой ответственности, а также классификация различных видов ответственности в теории права. Автор анализирует договорную и внедоговорную, долевую, солидарную, субсидиарную и регрессную ответственность как основные виды ответственности, раскрывая особенности их применения в отношениях энергоснабжения. В статье исследуются основания возникновения ответственности, порядок распределения ответственности между сторонами, а также формы реализации ответственности, включая возмещение убытков и уплату неустойки (штрафа, пени). Кроме того, рассматриваются особенности ответственности сторон договора энергоснабжения - энергоснабжающей организации и потребителя, а также определяется значение ответственности для защиты прав и интересов участников энергетических отношений и укрепления договорной дисциплины.

Ключевые слова: гражданско-правовая ответственность, договор энергоснабжения, договорная ответственность, внедоговорная ответственность, долевая ответственность, солидарная ответственность, субсидиарная ответственность, регрессная ответственность, возмещение убытков, неустойка, энергетические отношения, договорные обязательства.

TYPES OF LIABILITY UNDER THE ENERGY SUPPLY CONTRACT

This article is devoted to the analysis of the types of liability under the energy supply contract. It examines the concept and essence of civil liability, as well as the classification of various types of liability in legal theory. The author analyzes contractual and non-contractual liability, shared, joint and several, subsidiary, and regressive liability as the main types of liability, revealing the specifics of their application in energy supply relations. The article studies the grounds for the emergence of liability, the procedure for the distribution of responsibility between the parties, and the forms of implementation of liability, including compensation for damages and payment of penalties (fines, late fees). In addition, the article examines the specific features of the liability of the parties to the energy supply contract - the energy supplying organization and the consumer - and determines the significance of liability for protecting the rights and interests of participants in energy relations and strengthening contractual discipline.

Keywords: *civil liability, energy supply contract, contractual liability, non-contractual liability, shared liability, joint and several liability, subsidiary liability, regressive liability, compensation for damages, penalty, energy relations, contractual obligations.*

Маълумот дар бораи муаллиф: Собирзода Исмоил Юсуф – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри соли 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. Телефон. (+992) 988 45 14 83

Сведения об авторе: Собирзода Исмоил Юсуф – Таджикского национального университета, магистр 2-го года обучения юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 988 45 14 83

Information about the author: Sobirzoda Ismoil Yusuf – Tajik National University, 2nd-year Master's student of the Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 988 45 14 83

САҲМИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪЛУМОТДИҲӢ ВА МАШВАРАТИИ МУТАХАССИСИ-КРИМИНАЛИСТ ДАР МАРҲИЛАИ ТАФТИШОТИ ПЕШАКӢ

Тоҳириён Н. М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити муосири рушди ҷомеа ва мураккаб гардидани шаклҳои ҷиноятқорӣ, дуздиҳо яке аз намудҳои бештар паҳншудаи ҷиноятҳо ба ҳисоб мераванд. Ин гуна ҷиноятҳо на танҳо дар муҳити шаҳрӣ, балки дар минтақаҳои гуногун низ ба таври мунтазам ба қайд гирифта мешаванд ва хусусияти онҳо сол ба сол мураккабтар мегардад. Дар бисёр ҳолатҳо ҷиноятқорон усулҳои муосир, воситаҳои техникӣ ва нақшаҳои пешакӣ тарҳрезишударо истифода мебаранд, ки ин ҳолат раванди ошкорсозӣ ва исботи ҷиноятро барои мақомоти тафтишотӣ душвортар месозад. Ҳамзамон, сатҳи ошкоршавии дуздиҳо дар баъзе ҳолатҳо нисбатан паст боқӣ мемонад, ки ин масъала ба самаранокии фаъолияти тафтишотӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Чунин вазъият зарурати истифодаи самараноки донишҳои махсуси криминалистиро дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқи ҷиноятҳо, махсусан дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ, ба таври ҷиддӣ тақозо мекунад. Зеро танҳо бо такя ба усулҳои анъанавии тафтишотӣ на ҳамеша мумкин аст ҳамаи ҳолатҳои воқеа, механизми содиршавии ҷиноят ва шахсияти ҷиноятқор пурра ва дақиқ муайян карда шаванд. Донишҳои криминалистӣ имкон медиҳанд, ки далелҳои шайъӣ дуруст ошкор, сабт, таҳлил ва тафсир карда шаванд, ки ин дар навбати худ ба баланд бардоштани сифати таҳқиқ мусоидат мекунад.

Дар ин раванд нақши мутахассиси-криминалист ниҳоят муҳим ва бебаҳо мебошад. Ӯ ҳамчун шахси дорои донишҳои амиқи илмӣ дар соҳаи криминалистика, инчунин таҷрибаи амалӣ дар истифодаи усулҳо ва воситаҳои техникии махсус, метавонад ба муфаттиш дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқ кумаки ҷиддӣ расонад. Мутахассис на танҳо дар ошкорсозӣ ва сабти далелҳои шайъӣ иштирок мекунад, балки инчунин ба муфаттиш дар таҳлили онҳо, фаҳмидани аҳаммияти криминалистии онҳо ва дуруст истифода бурдани онҳо дар раванди исбот мусоидат менамояд.

Маърифати ҳуқуқӣ натиҷаи фаъолияти муташаккилонаи на танҳо давлат, балки ташкилоту муассисаҳои таълимӣ, таҳсилотӣ, тарбиявӣ, маърифатӣ, фарҳангӣ ва дигар, инчунин, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, доираи васеи шаҳрвандон мебошад, ки дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон амалӣ карда мешавад. Фаъолияти мазкур бо истифодаи чораҳои ташкилӣ-методӣ, ҳуқуқӣ, педагогӣ, равонӣ, ташвиқотӣ, иттилоотӣ ва дигари таълимию тарбиявӣ ба роҳ монда мешавад. Муассисаҳои таҳсилотӣ (муассисаҳои томактабӣ, мактабҳо, литсейҳо, гимназияҳо, донишгоҳу донишкадаҳо, марказҳои хизмати таҳсилотӣ, курсҳои такмили ихтисос ва дигар) дар ташаккули маърифати ҳуқуқӣ нақши ҳалкунанда доранд.

Воситаҳои таълиму тарбия намудҳои зиёд доранд, ба мисли воситаҳои ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ, махзанҳои иттилооти ҳуқуқӣ, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, асарҳои илмӣ ва бадеӣ, телевизион, радио ва ғайра. Онҳо ҳамчун тарзу воситаҳо ва шаклҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ, иттилоотӣ, арзишӣ, тарбиявӣ ба шуур ва фаъолияти одамон истифода мешаванд. Барои ҳамин, доираи васеи ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ якҷоя бо муассисаҳои таҳсилотӣ дар раванди таълиму тарбияи ҳуқуқӣ иштирок мекунанд.

Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷавонони Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқиро дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Дар татбиқи сиёсати мазкур шумораи зиёди ташкилотҳои ҷамъиятии ғайриҳукуматӣ, ба мисли «Насли ҷавони Тоҷикистон», «Ҷавонони ташаббускори Тоҷикистон», «Ассотсиатсияи миллии волонтёрҳои Тоҷикистон», «Мумтоз», «Сафинаи рушд» ва дигар иштирок мекунанд. Ҳоло зиёда аз 40 маркази ҷавонон, ташкилотҳои ҷавонон – Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, Ассосиатсияи ҳуқуқшиносони ҷавон ва дигар, зиёда аз 150 иттиҳодияҳои ҷамъиятии наврасону ҷавонон, аз он ҷумла фонди эстетикӣ ва маънавии ҷавонону кӯдакон «Ҷавонӣ», фонди миллии «Шоҳроҳи Абрешим» ва «Шоҳроҳи ваҳдат» фаъолият доранд[20,6-15].

Дарки оқилонаи падидаҳои ҳаёти давлатию ҳуқуқӣ (давлати соҳибихтиёр, конститутсия, қонун, интихобот, ҳуқуқу озодиҳо, вазифаҳо, ақди никоҳ ва ғайра) дар заминаи сатҳи кофии маърифати ҳуқуқӣ имконпазир аст. Маърифати ҳуқуқӣ ба вусъати фаъолияти ҳуқуқии шаҳрвандон, риоя ва иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, амалишавии ҳуқуқу озодиҳои шахс, иштироки шаҳрвандон дар муносибатҳои ҳуқуқӣ, пойдории ҳисси масъулиятшиносии ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

Тарбияи ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқуқӣ ду унсури ҷудонашавандаи сиёсати ҳуқуқии тарбиявӣ-таълимӣ мебошанд. Сиёсати мазкур самти мустақили сиёсати ҳуқуқӣ буда, бо мақсади ташаккули дониш ва арзишҳои ҳуқуқӣ дар шуури инсон, қобилияти амалӣ намудани дониши ҳуқуқӣ ва арзишҳои ҳуқуқӣ (поквиҷдонӣ зимни бастани шартномаҳои маданӣ, муқаррар намудани андозаи музди меҳнат мутобиқи меҳнати сарфшуда, татбиқи боадолатонаи ҷазои ҷиноятӣ ва ғайра) роҳандозӣ мегардад.

Робитаи устувори таълиму тарбия дар фалсафа, ҷомеашиносӣ, педагогика ва соҳаҳои дигари илм, аз он ҷумла дар илми ҳуқуқшиносӣ якдилона пазируфта мешавад[2,36][5,237][7,194][21,9][18,219]. Чунончи, дар фалсафа мафҳуми «таҳсил» ҳамчун раванди таълим, тарбия ва худтарбия шарҳ дода мешавад[4,65]. Аҳаммияти таълиму тарбияи ҳуқуқӣ дар баланд гардидани сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ дар маркази таваҷҷуҳи олимон қарор дорад [1,39][6,50-54].

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ба ягонагии таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ асос меёбад. Тарбияи ҳуқуқӣ бештар ба ҳиссиёт, арзишҳо, шуури инсон таъсир мерасонад[14,200]. Таъсиррасонӣ ба ҳолати равонӣ, шуур ва ҷаҳонбинии инсон дар ҷараёни таълими ҳуқуқӣ низ мушоҳида мешавад. Барои ҳамин таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ба иҷрои вазифаҳои умумии сиёсати ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ – фаъолияти мақсаднок, муташаккилона, мунтазами мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, ниҳодҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва шаҳрвандон мебошад, ки дар раванди таълиму тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон бо истифодаи дониши илмӣ, чораҳои ташкилӣ, молиявӣ, моддӣ-техникӣ, методӣ, педагогӣ, иттилоотӣ амалӣ карда мешавад. Айни замон сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи низоми иҷтимоии таълиму тарбия буда, дар алоқамандӣ бо таълиму тарбияи оилавӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, сиёсӣ, эстетикӣ ва дигар ба роҳ монда мешавад[17,359-364].

Дар ҳаёти имрӯза истифодаи имкониятҳои тарбияи ахлоқӣ дар раванди таълиму тарбияи ҳуқуқӣ бо дарназардошти буҳрони меъёрҳо ва арзишҳои ахлоқӣ дар як қатор кишварҳои ҷаҳон аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Ба робитаи устувори тарбияи ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ олимон таваҷҷуҳи махсус медиҳанд[4,60][11,224][15,104]. Дар раванди баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ имкониятҳои тарбияи ахлоқӣ-ҳуқуқӣ васеъ истифода мешаванд.

Таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ дар доираи сиёсати ҳуқуқии муташаккилона ба роҳ монда мешавад. Ҳанӯз дар илми ҳуқуқшиносии шуравӣ фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунӣ ва муассисаҳоеро, ки тарбияи ҳуқуқии аҳолиро ба роҳ монда буданд, самти мустақили сиёсати ҳуқуқӣ мешумориданд[3,63][6,50-54][9,165-166][12,8]. Дар илми ҳуқуқшиносии пасошуравӣ тарбия ва таълими ҳуқуқӣ ҳамчун унсурҳои ҷудонопазири сиёсати ҳуқуқӣ таҳқиқ мешаванд [10,212-215][19,82][23,5].

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ бо истифодаи шаклҳои гуногун, ба мисли таълими умумии ҳуқуқӣ, таҳсили касбии ҳуқуқӣ, бозомӯзии ҳуқуқӣ, такмили ихтисос ва ғайра амалӣ карда мешавад. Шаклу усулҳои таълиму тарбияи ҳуқуқӣ бо дарназарошти вазифаҳои гуногуни таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, муассисаҳои гуногуни таҳсилотӣ, синну сол, вазъи иҷтимоӣ, қобилияти гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ (наврасон, ҷавонон, мактаббачагон, донишҷӯён, духтарон, занон, соҳибкорон, сарбозон ва ғайра) истифода мешаванд.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ нисбат ба аҳолӣ, гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоии аҳолӣ, доираи муайяни шаҳрвандон амалӣ карда мешавад. Аз ин хотир, сиёсати мазкур самтҳои мустақил дорад. Тарбия ва таълими ҳуқуқии кӯдакон дар оила, дар муассисаҳои томактабӣ, хонандагони мактабҳои миёна, литсейҳо. гимназияҳо, колледжҳо, донишҷӯён, кормандони ташкилоту муассисаҳо дар курсҳои такмили ихтисос ва ғайра самтҳои мустақили сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ мебошанд. Айни замон самтҳои зикршуда дар фаъолияти амалӣ мушахасстар мегарданд. Чунончи, таълиму тарбияи ҳуқуқии ҷавонон бо дарназардошти вазъи иҷтимоии ҷавонони мактабхон, донишҷӯён, ҷавононе, ки дар сафи қувваҳои мусаллаҳ хизмат мекунанд, ҷавонони муҳоҷир ва ғайра ба роҳ монда мешавад.

Дар Тоҷикистон якчанд Барномаи давлатӣ дар соҳаи таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ қабул шуданд. Чунончи, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон барои солҳои 2009-2019 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2009 тасдиқ шуда буд. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, № 599 тасдиқ шуда, яке аз мақсадҳои онро баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ташкил медиҳад.

Ба амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ҳуҷҷатҳои дигари ҳуқуқӣ, аз ҷумла Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи давлатии «Тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» ва дигар мусоидат мекунанд.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ нисбат ба самтҳои дигари сиёсати ҳуқуқӣ ба аҳолӣ наздиктар аст, бевосита дар байни шаҳрвандон амалӣ карда мешавад, бо аъзоёни ҷомеа, иттиҳодияҳои ҷамъиятии шаҳрвандон, доираҳои алоҳидаи шаҳрвандон (хонандагон, донишҷӯён, ронандагон, ҳунармандон, муҳоҷирони меҳнатӣ, ятимон, маъюбон ва дигар) робитаи бевосита дорад. Дар ҷомеаи иттилоотӣ технологияҳои

иттилоотӣ (алоқаи мобилӣ, Интернет, шабакаи иҷтимоӣ ва ғайра) робитаи мустақимро бо шаҳрвандон таъмин мекунанд.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ бо мақсади таълиму тарбияи бевоситаи шаҳрвандон амалӣ карда мешавад. Тарзу усулҳои сиёсати мазкур (лексия, семинар, сӯҳбат, саволу ҷавоб оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ дар шабакаи Интернет, машварати ҳуқуқӣ ва ғайра) кори бевосита ва мустақими тарбиявию таълимиро бо шаҳрвандон талаб мекунанд. Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ ба тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ, паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ, шарҳи қонунҳо, риояи қонунҳо, амалӣ гардидани ҳуқуқҳои шаҳрвандон, иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

Аз ин хотир, сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ барои ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, дарку эҳсоси аҳаммият ва нақши қонун дар ҷомеа, тарбияи ҳисси эҳтиром ба шаҳрвандони дигар, ба ҳуқуқҳои шаҳрвандон, ба қонун, ҳисси масъулиятшиносии ҳуқуқӣ, иҷрои бовиҷдонаи вазифаҳои ҳуқуқӣ аҳаммият дорад. Дар ин бора муҳаққиқони зиёд ибрози андеша намудаанд[8,230].

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ фаъолияти мақсаднок, муташаккилона ва мунтазами мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шаҳрвандон мебошад, ки бо мақсади баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ, ташаккулу рушди маърифати ҳуқуқии аҳолӣ амалӣ карда мешавад.

Сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ тавассути шаклҳо ва усулҳои зерини кори тарбиявию таълимӣ амалӣ карда мешавад:

– машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ дар мавзуи ҳуқуқӣ;

– мизи мудаввар, семинарҳои илмӣ-методӣ, конференсияҳои илмӣ-амалӣ;

– сӯҳбат, машварати ҳуқуқӣ, шарҳи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, нашр ва паҳн намудани тафсирҳои илмӣ-оммавии Конститутсия, қонунҳо, санаҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ;

– ёрии ҳуқуқӣ, аз он ҷумла ёрии ҳуқуқии ройгон ба кӯдакон, маъюбон, ятимон ва шаҳрвандони дигари ниёзманд бо истифодаи имкониятҳои клиникаҳои ҳуқуқӣ, бо ҷалби устодон ва донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносӣ;

– таъсиси марказҳои иттилооти ҳуқуқӣ, аз он ҷумла марказҳои машварати ҳуқуқӣ, ёрии ҳуқуқии ройгон;

– ҷалби ҷавонон ба чорабиниҳои оммавӣ-сиёсӣ (роҳпаймоии осоишта бахшида ба ҷашни Парчами давлатӣ, Рӯзи ваҳдати миллӣ ва ғайра), чорабиниҳои фарҳангӣ, варзишӣ ва ғайра, олимпиадаҳои ҳуқуқӣ, фаъолияти клиникаҳои ҳуқуқӣ ва ғайра.

АДАБИЁТ

1. Александров В.А. Формирование законопослушного гражданина – приоритетное направление правовой политики современной России // Правоведение. – 1998 - № 1. – С. 39;
2. Андреев А.Л. Общество, образование, культура: социологические очерки. – М.: Изд-во МЭИ, 2004. – С. 36;
3. Востриков М.В. Развитие органической системы: условия, предпосылки, результат // Развитие общественных отношений социализма как целостности. – Ростов-на-Дону, 1989. – С. 63;
4. Гуляихин В.Н. Правовое воспитание человека как процесс формирования ценностно-смыслового компонента правосознания // Вопросы права и политики. – 2014. - № 8. – С. 65.
5. Джанибекова Н.А., Зарипов Ш.А. Место правового воспитания в формировании правосознания молодежи // Молодой ученый. – 2013. – № 7. – С. 273;
6. Долгов А.И. Эффективность правового воспитания и проблемы ее оценки // Вопросы борьбы с преступностью. Выпуск 28. – М., 1978. – С. 50-54.
7. Ермакова Е.И. Правовое воспитание студентов колледжа в процессе профессионального образования: дис. … канд. пед. наук / Елена Ивановна Ермакова; специальность 13.00.08. – М., 2007. – С. 194; Пищулин Н. П. Общество и образование: вчера, сегодня, завтра. Учебное пособие. – М.: Жизнь и мысль, 2004. –С. 68;
8. Ильин И.А. О сущности правосознания. – М., 1994. – С. 230.
9. Кудрявцев В.Н. Право и поведение. – М., 1978. – С. 165-166;
10. Малько А.В. Теория правовой политики. Монография. – М., 2012. – с. 202-215;
11. Мальцев Г.В. О различиях права и морали // Наш трудный путь к праву: Материалы философско-правовых чтений памяти академика В.С. Нерсесянца. – М., 2006. – С. 224;
12. Мысляева И.Н. Человеческий фактор: политэкономический аспект. – М., 1989. – С. 8.
13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 декабри соли 2023: [Захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/32191 (санаи мурочиат 4.03.2024).

14. Перевалов В.Д. Теория государства и права: учебник. – М., 2005. – С. 200.
15. Пищелко А.В. Социально-педагогические основы нравственного перевоспитания осужденных. Учебное пособие. – М., 1992. – С. 104.
16. Правовая политика: словарь и проект концепции / под ред. А.В. Малько. – Саратов, 2010. – С. 82-89;
17. Сативалдыев Р.Ш. Правовое воспитание и образование как интегративное направление правовой политики: опыт Таджикистана и стран СНГ // Евразийский юридический журнал. – №1 (92). – 2016. – С. 359-364.
18. Семитко А.П. Правосознание и правовая культура // Теория государства и права. Учебник / под ред. В.Д. Перевалова. – М., 2006. – С. 219.
19. Синюков В.Н. Политика Российского государства в сфере юридического образования // Правовая политика: словарь и проект концепции. – Саратов, 2010. – С. 82;
20. Сотиволдиев Р.Ш. Модернизация государственной политики Республики Таджикистан в сфере правового воспитания и образования в свете Послания Основателя мира и национального согласия – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан 26 декабря 2018 года // Государствоведение и права человека. – 2018. – № 4 (12). – С. 6-15.
21. Стреляева В.В. Правовое воспитание в условиях становления правового государства: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2006. – с. 9;
22. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар 9 марти соли 2024: [Захираи электронӣ]: манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/32921 (санаи мурочиат 4.03.2024).
23. Туленова Г. Молодежная политика в Республике Узбекистан: состояние и перспективы развития. – Ташкент, 2008. – С. 5.

ТАЪЛИМ ВА ТАРБИЯИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ МУҲИМИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН

Маърифати ҳуқуқӣ бо паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ алоқаманд буда, барои баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон, амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, риоя ва иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Барои ҳамин дар илмҳои фалсафа, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, педагогика, ҳуқуқшиносӣ ва соҳаҳои дигар ба таҳқиқи мафҳум ва роҳҳои ташаккули маърифат таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мешавад. Доир ба тарбияи ҳуқуқӣ ва таълими ҳуқуқии шаҳрвандон, ки бо мақсади ташаккули маърифати ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад, дар давлатҳои хориҷӣ барномаҳо ва консепсияҳои давлатӣ қабул шудаанд.

Калидвожаҳо: давлат, ҳуқуқ, таълими ҳуқуқӣ, донишҳои ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқӣ, иттилооти ҳуқуқӣ

ПРАВОВОЕ ОБРАЗОВАНИЕ И ВОСПИТАНИЕ КАК ВАЖНЫЙ ФАКТОР ПОВЫШЕНИЯ ПРАВОВОЙ ПРОСВЕЩЕНИЕ ГРАЖДАН

Правовое просвещение связано с распространением правовых знаний среди населения и имеет первостепенное значение для повышения уровня правового сознания и правовой культуры граждан, реализации прав и свобод человека и гражданина, соблюдения и исполнения законов и иных нормативно-правовых актов, обеспечения законности и правопорядка. Поэтому в философии, социологии, политологии, педагогике, юриспруденции и других науках большое внимание уделяется исследованию понятия и путей формирования правового сознания. В зарубежных государствах приняты государственные программы и концепции, направленные на правовое воспитание и правовое обучение граждан с целью формирования их правовой культуры.

Ключевые слова: государство, право, правовое обучение, правовые знания, правовое воспитание, правовая культура, правовая информация.

LEGAL EDUCATION AND UPBRINGING AS AN IMPORTANT FACTOR IN IMPROVING THE LEGAL CULTURE OF CITIZENS

Legal enlightenment is associated with the dissemination of legal knowledge among the population and plays a primary role in raising the level of legal awareness and legal culture of citizens, ensuring the realization of human and civil rights and freedoms, compliance with and implementation of laws and other normative legal acts, and maintaining legality and public order. Therefore, in philosophy, sociology, political science, pedagogy, jurisprudence, and other fields of study, considerable attention is paid to researching the concept and methods of forming legal consciousness. In foreign countries, state programs and concepts aimed at the legal upbringing and legal education of citizens have been adopted in order to develop their legal culture.

Keywords: state, law, legal education, legal knowledge, legal upbringing, legal culture, legal information.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҳамзаева М – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон

Сведения об авторе: **Хамзаева М** – Таджикский национальный университет, студентка 2 курса магистратуры юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон

Information about the author: Hamzaeva M. – Tajik National University, 2nd-year master's student, Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone:

ТАҲАВВУЛИ ТАЪРИХИИ ҒОЯҲОИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН: АЗ ДАВРАҲОИ ҚАДИМ ТО ҚАБУЛИ ЭЪЛОМИЯИ ҲУҚУҚИ БАШАР

Шодиён П.З
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тасаввурот дар бораи озодии инсон, обрӯ, мустақилияти шахсӣ, адолати иҷтимоӣ, ки дар натиҷа аз онҳо консепсияи ҳуқуқи инсон ташаккул ёфтааст, дар тамоми таърихи инсоният арзи ҳастӣ намудааст. Одамон дар ҳамаи давру замон дар бораи озодӣ ва адолат андешаронӣ менамуданд. Масъалаҳои вобаста ба озодӣ ва адолатро дар ҳамаи таълимоти динию ахлоқии қадим мушоҳида намудан мумкин аст.

Аксарияти олимон бар он назаранд, ки тавлиди ақидаи ҳуқуқи инсон аз замони атиқа сарчашма мегирад. Мутафаккирони атиқа - софистон, киникҳо, равоқиён (стоикҳо) - на танҳо ин ё он меъёрҳо ва арзишҳои иҷтимоиро эълон мекарданд, балки кӯшиш менамуданд ба воситаи далелҳои ақлӣ ва ҳиссӣ бо такя ба тасаввуроти динӣ ё бидуни он онҳоро асоснок (ё рад) кунанд. Маҳз дар полисҳои атиқа – давлат-шаҳрҳои Юнони қадим - якумин бор худи истилоҳоти «озодии сиёсӣ», «баробарии одамон», «ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ» садо додаанд. Маҳз дар ин марҳила, яъне асрҳои VI–IV то с.м. файласуфон ба дарки фоҷиабори ҳамон зиддиятҳо, ки маҳсули ҷамъияти ба худшиносӣ ва инкишоф ҳаракаткунанда буданд, машғул мегарданд. Ҳазорсолаҳост, ки афкори иҷтимоиро масъалаи баробарию адолат мушавваш сохтааст, ва гаштаю баргашта роҷеъ ба монеаҳои инкишофи он, ақидаҳо баён мешаванд[1].

Ҷавҳари таълимоти нахустини сиёсию ҳуқуқиро тасаввуроти асотирӣ ташкил медиҳад. Ба ҷумлаи машҳуртарин ва ба ташаккулдиҳии ақидаҳо оид ба ҷомеа ва сиёсат ҳиссаи назаррас гузоштатарин, давраи асотири Юнони Қадим оид ба худоҳо, аз ҷумла, «Илиада» ва «Одиссея»-и машҳури Гомер дохил мешавад. Дар Юнони Қадим аввалан на ҳуқуқи инсон, балки ҳуқуқи шаҳрванд эълон гардидааст. Мафкураи Юнони Қадим оид ба ҳуқуқи инсон дар асоси ақида оид ба он, ки полис (шаҳр-давлат) ва қонунҳои он баромади илоҳӣ дошта, такя ба алодати илоҳӣ менамоянд, ташаккул ёфтаанд. Аҳолии шаҳрро шаҳрвандони аз ҷиҳати иқтисодӣ ва сиёсӣ озод такшил медоданд. Ба сиёсат машғул шудан ба онҳо ҳам ҳуқуқ ва ҳам уҳдадорӣ ба ҳисоб рафта, иштирок дар баррасии корҳои иҷтимоӣ – ҷанбаи асосии ҳаёти сиёсӣ [2].

Ҳамин тариқ, аввалин афкори вобаста ба ҳуқуқи инсон дар асарҳои бадеии мутаффакирони бузурги атиқа гузошта шудаанд. Ёдгориҳои хаттии ақидаҳои илмии сиёсию ҳуқуқӣ баъдатар, ҳангоми оғози баҳамоии афкори адолат ва афкори баробарӣ, ба миён меоянд.

Дар ин масъала аҳаммияти таърихиро ислоҳоти Солон дорад. Солон, ки дар давлати Афина мансабҳои олии давлатиро ишғол намуда, ваколатҳои қонунгузорро доро буд, ҳуқуқ ва қувва, ҳуқуқ ва қонунро ба таври дақиқ ҷудо менамуд. Қонуни полисӣ, ки Солон ҳамчун ифодаёбии ҳокимияти давлатӣ (қувваи давлат) маънидод менамуд ва бо ҳамаи шаҳрвандони озод таносуб мекард, маънои аз тарафи ҳокимияти полисӣ эътирофи расмии ҳуқуқҳои ҳамаи аъзоҳои полисро дошт. Умумияти қонунҳои давлат маънои талаботи баробарии ҳуқуқиро инъикос мекунад, алалхусус: ҳамаи шаҳрвандони озод ба таври баробар зери ҳимояи қонунҳои давлат қарор доранд, ки зарурияти риояи бечунучарои ин қонунҳоро шарт мегардонад. Ба гуфтаи дигар, агар ту хоҳӣ, ки ҳуқуқҳои ту (иддао) ба давлат (полис) ва дигар аъзоҳои ҷамъият қонеъ гардад, пас ту низ бояд талаботҳои умумиро риоя намоӣ. Ҳамин тариқ, ғояи баробарӣ, ки аз ҳокимият дар шакли қонун маншаъ мегирад, дутарафа буд: ҳама дар назди қонун баробаранд – ҳам аъзоёни алоҳидаи полис (шаҳрвандони озод) ва ҳам худи полис, ки ба ҳар як аъзои худ ҳуқуқу озодиҳои қонуниро дар ҳудудҳои дар қонун муқарраршуда, кафолат медиҳад [3].

Худи пайдоиши масъалаи ҳуқуқи инсон бо ташаккули ҷамъият, давлат ва фардияти инсон алоқаи ногусастанӣ дорад. Таърихан, аввалин шакли азхудкунӣ ва тасдиқи эътибори фардӣ ва мухторияти шахсият нисбат ба ҳокимият афкори ҳуқуқи табиӣ гардидааст, ки дар ҳазорсолаи якуми то солшумории мелодӣ ба миён омадаанд.

Якумин бор ин афкор дар корҳои файласуфон-софистони Юнони Қадим: Ликофрон, Антифон, Алкидам ва дигарон дар асрҳои VI-V то с.м. во мехӯранд. Онҳо изҳор менамуданд, ки ҳамаи одамон аз лаҳзаи тавлид баробаранд ва дорои ҳуқуқҳои якхелаи бо табиат шартшуда мебошанд. Худи давлатро бошад, Ликофрон ҳамчун натиҷаи шартномаи ҷамъиятӣ маънидод менамуд.

Алкидам баробарии табии-ҳуқуқӣ ва озодиро нисбат ба ҳаммаслакони худ васеътар маънидод менамуд. Ӯ мафҳуми озодиро ба ҳамаи одамон, чӣ шаҳрвандони озод ва чӣ ба ғуломон паҳн менамуд. Алкидам яке аз аввалинҳо шуда, иброз намуд, ки «Худованд ҳамаро озод халқ намудааст, табиат бошад ҳеҷ касро ғулом наофаридааст». Аз ин нуқтаи назар Алкидам бешубҳа метавонад асосгузори пояи фаҳмиши муосири ҳуқуқи инсон, ки дар Эълоимияи умумии ҳуқуқи башар қайд шудааст, шуморида шавад [4].

Ҳиссаи назаррасро ба консепсияи ҳуқуқи инсон Арасту ворид намудааст. Ӯ ҳуқуқҳоро, ки ба инсон аз таваллуд мутааллиқ буданд, пеш аз ҳама ҳуқуқҳои ӯро ба моликияти шахсӣ, ҳимоя менамуд. Ин ҳуқуқ ба табиати худи инсон реша медавонад ва ба муҳаббати ӯ ба худаш асос меёбад. Арасту якчанд ақидаҳои ба консепсияи муосири ҳуқуқи инсон наздикро изҳор намудааст. Чунончи, ӯ на танҳо ҳуқуқҳои шаҳрвандони давлатро эътироф менамуд, балки ҳуқуқи табиӣ ва ҳуқуқи шартӣ, ҳуқуқи позитивиро фарқ мекард, аз ҷумла, ақида дошт, ки ҳуқуқи табиӣ барои ҳуқуқи шартӣ бояд ҳамчун намуна баромад кунад, ҳуқуқи шартӣ бошад дар навбати худ бештар тағйирёбанда буда, натиҷаи фаъолияти ҳокимият ва созиши миёни одамон аст. Ин ақидаи волоияти ҳуқуқи табиӣ бар қонунҳои давлат дар назарияҳои муосири ҳуқуқи инсон, аз ҷумла, консепсияи давлати ҳуқуқбунёд, ташаккул ёфтааст. Арасту намудҳои адолатро кашф намуда, аввалин маротиба роҷеъ ба кашфи адолат бо усули тақсими имтиёз, маҳдуд намудани нерӯ ва таъмини баробарии имконият дастрасии адолатро барои инсонҳо пешниҳод менамояд. Адолат ба ду намуд ҷудо мешавад: адолати баробаркунанда ва тақсимшаванда. Адолати тақсимшаванда-адолатест, ки адолат дар натиҷаи тақсими ҳукумат, ҳаққи меҳнат ва дигар имтиёзҳо дар байни мардум риоя мешавад. Адолати баробаркунанда- дар доираи муносибатҳои муомилотӣ мушоҳида мешавад: дар аҳдҳо, рӯёнидани товони зарар, ҷиноят, ҷазо ва ғ.

Мухторият, эътибор ва баробарии афрод дар муносибати мутақобила бо давлат ва дигар одамон аз тарафи файласуфони Юнони Қадим ва Рими Қадим бештар ба шаҳрвандони озод, на ба ғуломон, ки ба ақидаи Арасту ба онҳо табиатан сифатҳои дорои таъиноти тобеият ва иҷроиши супоришоти соҳиб насиб гардидааст, паҳн мешуданд. Миёни тарафдорони атиқии ҳуқуқи табиӣ танҳо равоқиён шиори баробарии табиии одамонро, новобаста аз ҷинс, миллат ва вазъи иҷтимоӣ эълон намудаанд, зеро ҳамаи одамон аз тарафи кайҳон офарида шудаанд ва «душвории ҳаёт баробар ба ҳама аст» [5].

Ҳиссаи назаррас дар таълимоти ҳуқуқи инсон ба Эпикур тааллуқ дорад. Ӯ асосгузори назарияи шартномавии пайдоиш ва моҳияти давлат ва ҳуқуқ мебошад, илова бар ин, ба ақидаи Эпикур шартнома барои таъмини озодии фардӣ ва бехатарии мутақобилаи одамон зарур буд. Маҳз бо ҳамин, Эпикур яке аз тарғибкунандагони чунин арзишҳои фардӣ, ба монанди озодӣ, лаззат, атараксия (оромии беошӯби рӯҳ) буд [6].

Ақидаҳои табиӣ – ҳуқуқии файласуфони юнонӣ идомаи инкишофи худро дар ҳуқуқи Рими қадим ёфтанд. Ҳуқуқшиносони Рими қадим Ситсерон, Яволен, Улпиан, Гай, Юстиниан дар асоси ғояҳои олии инсонпарварии поквиҷдонӣ, ҳақиқатнигорӣ, адолатпарварӣ заминаи устувори ҳуқуқи хусусии римиро тарҳрезӣ намуданд. Ҳуқуқшиносони римӣ оид ба дарки табиати ҳуқуқии ҳуқуқҳои инсон хизматҳои шоёне карданд. Онҳо аввалин шуда чунин ҷанбаҳои муҳими ҳуқуқи инсонро, ба монанди

субъектони ҳуқуқ, мақоми ҳуқуқии шахсон, озодии табии инсон, тақсими ҳуқуқи умумӣ ва хусусиро дар илми ҳуқуқшиносӣ кашф карданд.

Бузургтарин навоварие, ки онҳо дар илми ҳуқуқ ворид намуданд, ин мушаххасии талаботи меъёр ва техникаи қонунгузорӣ буд. Натиҷаи меҳнати ҳуқуқшиносони римӣ буд, ки Аврупои замони эҳё дар асрҳои XV11-XV111 бо такя бо ин ҳуқуқ муносибатҳои молумулкӣ ва шаҳрвандии замони капитализмро ба осонӣ идора карда тавонист. Ҳоло низ дастовардҳои ҳуқуқи Рими қадим дар қонунгузории граждании аксари давлатҳои ҷаҳон истифода мешавад. Яке аз низомҳои бонуфузи илми ҳуқуқшиносӣ оилаи ҳуқуқи романию олмонӣ, ки айни ҳол низоми ҳуқуққҳои аксари давлатҳои ҷаҳонро ба худ тобеъ кардааст, баромади худро аз ҳамин низоми ҳуқуқӣ гирифтааст.

Сарчашмаҳои ҳуқуқии Рими қадим: Қонуни Х11 ҷадвал, Дигести Юстиниан, Институтсияҳои Гай яке паси дигаре ҳамчун қонунҳои кодификатсияшуда илми ҳуқуқшиносиро инкишоф дода, ҳуқуққҳои инсонро дар худ таҷассум намуданд. Бо вуҷуди оне, ки ҳуқуқшиносони Рум илми ҳуқуқро инкишоф доданд, вале ҳуқуқи румӣ ҳанӯз ҳуқуқу озодиҳои инсонро ба таври зарурӣ инъикос намекард. Зеро воқеияти таърихӣ, асосҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳақиқати зиндагии мардум қонуниятҳои худро дошт, ки мақомоти қонунгузор берун аз он буда наметавонист. Аз ин ҷост, ки мардум ба табақаҳои озод ва ғайри озод тақсим мешуданд. Ба табақаҳои ғайри озод – ғуломон дохил буданд, ки онҳо ҳамчун мол харидорӣ шуда аз ҳама гуна ҳуқуққҳо маҳрум буданд. Фарзандоне, ки аз онҳо тавлид мешуд ба онҳо низ ғуломӣ насиб мегашт. Аммо ҳамаи ин хизмати волои ҳуқуқшиносони румро дар инкишофи ҳуқуқи инсон кам карда наметавонад [7].

Аз ҷумлаи римиҳои қадим, ки ба таълимот оид ба ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон ҳиссаи аз ҳама калон гузоштаанд, бешак Сисерон ба шумор меравад. Ӯ ақида дошт, ки асоси ҳуқуқро адолат, ки аз тарафи онҳо ҳамчун хусусияти абадӣ, тағйирнаёбанда ва ҷудонашавандаи табиат, аз ҷумла, инсонӣ, баррасӣ мешуд, ташил медиҳад. Коинот (табиат), тамоми олами ҷисмонӣ ва иҷтимоии инсонро иҳотакунанда, худи инсон, ҳастии ботинии рӯҳ ва тани ӯ сарчашмаи адолат, яъне ҳуқуқ низ мебошанд. Адолати ҳамин тариқ фаҳмидашаванда аз он иборат аст, ки он ба ҳама мувофиқи таъбаш имкониятҳо ато мефармояд ва баробарии миёни одамонро нигоҳ медорад. Илова бар ин, сухан дар бораи маҳз баробарии ҳуқуқӣ меравад, на баробарии вазъи молумулкии одамон. Вайрон кардани дахлнопазирии моликияти хусусӣ ва давлатӣ аз тарафи Сисерон ҳамчун вайрон кардани адолат, мувофиқан ҳуқуқ баҳо дода мешуд.

Ҷоиз бар қайд аст, ки Сисерон фаъолии ҳуқуқӣ ва сиёсии шаҳрвандони давлат, ки дар ҳимояи ҳуқуққҳои шаҳрвандӣ, сиёсӣ ва дигар ҳуқуққҳои худи онҳо аҳамияти ҷиддӣ дорад, ҳаматарафа ҷонибдорӣ менамуд.

Ба назарияи ҳуқуқи инсон ҳиссаи назаррасро як зумра ҳуқуқшиносони машҳури рим – Улпиан, Гай, Модестин, Юлиан ва дигарон гузоштаанд.

Новобаста аз мавҷудияти назари гуногуни объективӣ, ҳуқуқшиносони римиро тасаввурот оид ба табиати ҳуқуқ муттаҳид менамуд. Ҳуқуқи табиӣ, ки аз ҳуқуқи позитивӣ фарқ мекунад, аз ҷониби ҳуқуқшиносони Рими Қадим ҳамчун таҷассумгари талаботи адолат фаҳмида мешуд. Инро аз ҳама равшан ва аниқ Улпиан ифода намудааст, ки менависад, «ҳақиқат ин иродаи тағйирнаёбанда ва доимии ба ҳама пешниҳод кардани ҳуқуқи он мебошад. Моҳияти мазмуни ҳуқуқ чунин аст: бовиҷдонона зистан, ба дигар кас зарар нарасондан, ба ҳар кас он чизе, ки ба ӯ тааллуқ дорад, додан. Адолат дарки кори илоҳӣ ва одамӣ мебошад».

Ҳуқуқшиносони Рими Қадим дар шарҳҳои худ оид ба ҳуқуқ ҳамчун таҷассумгари адолат, бо такя ба сарчашмаҳои ҳуқуқи римии амалкунанда, ҳуқуққҳои фардро дар рӯҳияи таносуби ин ҳуқуққҳо бо талаботи адолат маънидод менамуданд. Агар ин ҳуқуққҳо (ва маънидоди онҳо) ба меъёрҳои амалкунанда мухолифат кунанд, чораҳои тағйир додани чунин меёрҳои кӯҳна ба меъёрҳои мутобиқ ба тасаввуроти ҷадид оид ба адолат ва беадолатӣ андешида мешуд. Амали фаъол ва самараноки ҳимояи ҳуқуқ ва

ҳуқуқтаъсискунанда (ҳуқуқэҷодкунанда)-и ҳуқуқшиносони рим ба назар аён аст. Ҳамаи ин омилҳо устуворӣ ва чандирии низоми ҳуқуқии римро таъмин менамуд [8].

Замони асрҳои миёна як давраи таназзули инкишофи ҳуқуқи инсонро чӣ дар Аврупо ва чӣ дар Осиё рӯи кор овард. Дар муқоиса аз давлатҳои пешин вазъи инкишофи ҳуқуқи инсон дар баъзе аз муносибатҳо бо сабабҳои гуногун паст фаромада буд. Заифгардии империяҳои бузурги дунёи қадим, моҷароҳои динӣ ва сиёсии кишварҳои ҳамҷавор, таъсиррасонии сахти идеологӣ ва динӣ ба инкишофи илми ҳуқуқ, то дараҷае инкишофи озоди ҳуқуқи инсонро халалдор намуд. Сабабгори ин ҳама муборизаҳои байниҳамдигарии ҷараёнҳои оштинопазири динҳои ҷаҳонӣ, ҳиссиманхоҳии давлатҳои ҷангҷӯи асрҳои миёна, ки мақсади оламгириро (Чингизхон, Темур, ҳаракати салибдорон ва ғ.) дар сар доштанд, ба шумор мерафт. Вале бо вуҷуди ин ақидаҳо оид ба ҳуқуқи инсон дар ҷомеа ба пуррагӣ маҳв нагардид. Он чӣ дар таълимоти мутафаккирон ва чӣ дар низоми идоракунии давлатӣ дар ҳолатҳои зарурӣ аз ногузирии мавҷудияти худ талабот пешниҳод мекард. Аз ин ҷост, ки мо дар афкори мутафаккирони ин даврон (Форобӣ, Муҳаммади Ғазолӣ, Фомаи Аквинӣ, Ибни Рушд, Абуалии ибни Сино, Марсилий Падуанский, Генри Брактон, Носири Хусрав ва д.) ва низомҳои ҳуқуқии онҳо (Сомониён, Салчуқиён, Англосаксҳо, Франсия ва Германияи асрҳои миёна) қисман меъёрҳои ҳуқуқие меёбем, ки ба ҳуқуқу озодиҳои инсон бахшида шудаанд.

Махсусияти ҳуқуқи инсон дар ин даврон аз он иборат аст, ки ҳуқуқи инсон чун қисми таркибии ҳуқуқ дар тобеияти динҳои ҷаҳонӣ монда буд. Аз ин рӯ, динҳои ҷаҳонии буддоӣ, насронӣ ва ислом дар қатори таълимоти динӣ таълимоти ҳуқуқи доштанд. Дар сарчашмаҳои динии ин динҳо меъёрҳои ахлоқӣ, эстетикӣ, ҳуқуқӣ дар қатори меъёрҳои динӣ зиёд буданд. Ин амри табиӣ буда аз моҳияти динҳои ҷаҳонӣ бармеомад. Зеро ҳар як дин, ки мақсадаш тағйир додани на танҳо олами ботинии инсон инчунин тағйирпазирии воқеияти зиндагии мардум буд, бидуни мавҷудияти ҳуқуқ вуҷуд дошта наметавонист. Аз ин рӯ, дар китобҳои муқаддаси ин динҳо ва таълимоти асосгузорони онҳо мо меъёрҳои ҳуқуқи зиёдеро мебинем, ки ба ҳуқуққои инсон бахшида шудаанд [9].

Ақидаҳои атиқии озодӣ ва баробарии одамон аз тарафи мутафаккирони дунявӣ ва динии асрҳои миёна қабул ва ташаккул дода шудааст.

Чунончӣ, намояндагони як қатор мактабҳои ҳуқуқии он давра (асрҳои X-XI), ки дар Рим ба вуҷуд омадаанд, дар фаҳмиши ҳуқуқии худ бо ақидаи адолати ҳуқуқӣ ва тасаввуроти табиӣ-ҳуқуқӣ ва консепсияҳо мавқеи худро муайян менамуданд.

Як қатор муттафакирони асрҳои миёна (Марсилий Падуанӣ, Генри Брэктон, Филипп де Бомануар ва диг.) ақидаҳои озодӣ, баробарии ҳама дар назди қонунро ҳимоя менамуданд. Аз ин нуқтаи назар, мавқеи зиддиҳисори (антикрепсотной)-и ҳуқуқшиноси франсавии асри ҶIII Бомануар, ки ақидаи "ҳар як инсон озод аст"-ро дошт ва кӯшиш мекард ақидаи зеринро дар сохтмони ҳуқуқии худ мушаххас гардонад, хос мебошад [10].

Ақидаҳои атиқавии баробарии табиӣ-ҳуқуқӣ ва озодии ҳамаи одамон дар дини насронӣ садо ва маънои навро гирифтанд.

Худи дини насронӣ аз таълимоти начандон калони мазҳаби Яҳудо (Шарқи наздик) ба вуҷуд омадааст. Дар навбати худ дини насронӣ динҳои гуногуни давраи эллинизм, чунин тамаддунҳо, ба монанди, Бобулистон, Мисри Қадим, Форс, Ҳиндустони Қадимро қабул намудааст. Дини насронӣ дар онҳо ақидаҳои монотеизм (яккахудоӣ), худои миранда ва аз нав эҳёшавандаро қабул намудааст.

Буҳрони динии аҳди атиқа тарзи фикрронии дунявиро ба вуҷуд наовард. Тафаккури ҷамъиятӣ, психологияи иҷтимоӣ, ки дини насрониро қабул намудаанд, ба монанди худи ҳамин таълимот воситаи ягонаи умумипаҳншудаи зиддияти мафкуравӣ ба низоми истибдодӣ дар он вақт ҳукмрон гардид. Дар аввал дини насронӣ манфиати қабатҳои иҷтимоии поёнонии империяи Рим – ғуломон ва шаҳрвандони озоди фақиршударо инъикос менамуд. Минбаъд доираҳои дорои Рим ба дини насронӣ ҳамроҳ шудаанд, ки ба тамоми инсоният равона гардидааст.

АДАБИЁТ

1. Каруна: путь сострадания и любви. сомонаи: www.put.ucoz.ru
2. Бадальянц Ю.С. Права человека. Рязань 2006. С.47
3. Бадальянц Ю.С. Права человека. Рязань 2006. С.47
4. Ниг ба сомонаи: www.vuzlib.net
5. Ниг ба сомонаи: www.vuzlib.net
6. Бадальянц Ю.С. Права человека. Рязань 2006. С. 53.
7. Холиқов А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг»», с. 2007 С.34.
8. Бадальянц Ю.С. Права человека. Рязань 2006. С. 56 – 59.
9. Холиқов А.Ғ. Мухтасар аз таърихи ҳуқуқи инсон – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг»», с. 2007 С.34-40
10. Права человека. Под ред. Е.А. Лукашева. М., 2009. С.68-69

ТАҲАВВУЛИ ТАЪРИХИИ ҒОЯҲОИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ ИНСОН: АЗ ДАВРАҲОИ ҚАДИМ ТО ҚАБУЛИ ЭЪЛОМИЯИ ҲУҚУҚИ БАШАР

Пайдоиши масъалаи ҳуқуқи инсон бо ташаккули ҷамъият, давлат ва фардияти инсон алоқаи ногусастанӣ дорад. Таърихан, аввалин шакли азхудкунӣ ва тасдиқи эътибори фардӣ ва мухторияти шахсият нисбат ба ҳокимият афкори ҳуқуқи табиӣ гардидааст, ки дар ҳазорсолаи якуми то солшумории мелодӣ ба миён омадаанд. Якумин бор ин афкор дар корҳои файласуфон-софистони Юнони Қадим: Ликофрон, Антифон, Алкидам ва дигарон дар асрҳои VI-V то с.м. во мехӯранд. Онҳо изҳор менамуданд, ки ҳамаи одамон аз лаҳзаи тавлид баробаранд ва дорои ҳуқуққои якхелаи бо табиат шартшуда мебошанд. Худи давлатро бошад, Ликофрон ҳамчун натиҷаи шартномаи ҷамъиятӣ маънидод менамуд.

Калидвожаҳо: ҳуқуқи инсон, озодии инсон, обрӯ, мустақилияти шахсӣ, адолати иҷтимоӣ, таълимоти динӣ, таълимоти ахлоқӣ, мутафаккирони атиқа

ИСТОРИЧЕСКАЯ ЭВОЛЮЦИЯ ИДЕЙ ЗАЩИТЫ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА: ОТ ДРЕВНИХ ЭПОХ ДО ПРИНЯТИЯ ВСЕОБЩЕЙ ДЕКЛАРАЦИИ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА

Возникновение вопроса о правах человека неразрывно связано с формированием общества, государства и человеческой индивидуальности. Исторически первой формой овладения и утверждения ценности личности и автономии личности по отношению к власти была идея естественного права, возникшая в первом тысячелетии до нашей эры.Впервые эта идея встречается в трудах философов-софистов Древней Греции: Ликофрона, Антифона, Алкида и других VI-V веков до нашей эры. Они утверждали, что все люди равны с момента рождения и обладают одинаковыми правами, обусловленными природой. Что касается самого государства, Ликофрон интерпретировал его как результат общественного договора.

Ключевые слова: права человека, свобода человека, достоинство, личная автономия, социальная справедливость, религиозные учения, моральные учения, древние мыслители

THE HISTORICAL EVOLUTION OF HUMAN RIGHTS PROTECTION IDEAS: FROM ANCIENT TIMES TO THE ADOPTION OF THE UNIVERSAL DECLARATION OF HUMAN RIGHTS

The emergence of the issue of human rights is inextricably linked with the formation of society, the state and human individuality. Historically, the first form of mastering and affirming the value of the individual and the autonomy of the individual in relation to power was the idea of natural law, which arose in the first millennium BC.For the first time, this idea is found in the works of the philosophers-sophists of Ancient Greece: Lycophron, Antiphon, Alcides and others in the 6th-5th centuries BC. They stated that all people are equal from the moment of birth and have the same rights conditioned by nature. As for the state itself, Lycophron interpreted it as the result of a social contract.

Keywords: human rights, human freedom, dignity, personal autonomy, social justice, religious teachings, moral teachings, ancient thinkers.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шодиён Парвина Завқибек – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон [992] 888-44-64-68

Сведения об авторе: **Шодиён Парвина Завкибек** – Таджикский национальный университет, студентка 2 курса магистратуры юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон [992] 888-44-64-68

Information about the author: Shodiyon Parvina Zavqibek – Tajik National University, 2nd-year master's student, Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: +992888-44-64-68

МАФҲУМ ВА ФУНКСИЯИ АҲДҲОИ БИРЖАВӢ

Шоираи Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аҳди биржавӣ – созишномаи мутақобила оид ба гузашт кардани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар муносибатҳои савдои биржавӣ, ки дар рафти савдои биржавӣ аз ҷониби иштирокчии савдо ба даст меояд, бо тартиби муқарраршуда дар биржа ба қайд гирифта мешавад ва дар шартномаи биржа дарҷ мегардад.

Аҳдномаҳо дар ҳолате биржавӣ ҳисоб мешаванд, ки агар онҳо ба моли дар Биржаи мазкур ба муомилот роҳ додашуда байни аъзоёни Биржа ё намояндагони онҳо дар маҷлиси Биржа дар муҳлату тартиби муқарраркардаи ин қонун, Оинномаи Биржа ва қоидаҳои он баста шуда бошанд. Дар Биржа бастани аҳдномаҳое иҷозат дода мешаанд, ки тибқи Оиннома ва қоидаҳои Биржа сурат мегиранд. Бастани аҳдномаҳои биржавӣ ба шахсоне иҷозат дода мешавад, ки мувофиқи Оинномаи Биржа ба ин кор роҳ дода шудаанд[9].

Аҳдномаҳои биржавӣ дар маҷлиси Биржа дар асоси қоидаҳои савдои биржавӣ ва Регламенти Биржа, ки онро кумитаи Биржа (Шурои директорон) таҳия намуда, маҷлиси умумии аъзоёни он тасдиқ кардааст, баста мешаванд. Мазмуни аҳдномаи биржавӣ, ба истиснои номгӯйи мол, миқдор, нарх, макону муҳлати иҷроиш ошкор карда намешавад. Ахбори мазкур фақат бо талаби мақомоти дахлдори савдо дар бозорҳои муташаккили мол, мақомоти тафтишотӣ ва қарори суд дода мешавад. Аҳднома аз лаҳзаи бақайдгирии он дар Биржа мувофиқи тартиби муқарраршуда басташуда ҳисоб меёбад[11].

Тамоми баҳсҳое, ки оид ба аҳдномаҳои биржавӣ ба вуҷуд меоянд, барои ҳал кардан ба Ҳакамияти Биржа супурда мешаванд. Нуқтаи мазкур дар ҳолати зарурӣ ҳуқуқи ба суди иқтисодӣ ва ё суд мурочиат кардани тарафҳоро баъди он ки имкоияти Ҳакамияти Биржа дигар намонд, истисно намекунад.

Агар аломатҳоро ба таври васеъ тафсир кунем, пас мумкин аст аломатҳои фарқкунандаи зерини аҳдҳои биржавиро номбар кунем:

а) ҷойи бастани аҳди биржавӣ биржа мебошад, ки функсияи ташкилкунандаи савдоро ба амал мебарорад;

б) аҳдҳои биржавӣ метавонад танҳо дар давоми савдои биржавӣ баста шавад, яъне дар он вақте, ки биржа савдоро мегузаронад;

в) аҳдҳои биржавӣ аз ҷониби иштирокчиёни савдои биржавӣ (дар биржаи фонди иштирокчии иҷозатномадор) баста мешавад;

г) аҳдҳои биржавӣ хислати ғайринақди дорад, яъне фурӯшанда ва харидор муносибати бевосита намекунанд, бо ҳисоббаробаркунии клирингӣ ё маркази дар биржа амалкунанда сару кор доранд.

д) номгӯйи муайяни объектҳои савдои биржавӣ (асъор, ашёҳо, қоғазҳои қимматбаҳо, ҳуқуқи молумулкӣ ва ғ.)дар биржа ба муомилот гузошта шудааст, бо хислатҳои сифатию шуморави стандартонӣ шудаанд;

е) аҳдҳои биржавӣ дар шакли оддии хаттӣ бо роҳи мубодилаи ҳуҷҷатҳо, чи ҳуҷҷатӣ ва чи электронӣ баста мешавад; протоколи аҳди тартиб додаи биржа , унсури зарурии шакли аҳдҳои биржавӣ мебошад;

ж) аҳдҳои биржавӣ танҳо пас аз дар биржа бақайд гирифтан ба қувваи қонунӣ медарояд;

з) муҳлат, макон, тартиб ва тарзи иҷрои аҳдҳо стандартӣ мебошад;

и) иҷроиши аҳдҳои биржавӣ берун аз биржа ба воситаи сохтори ваколатдоркардаи биржа (ташкилоти қарзӣ, депозитари) дар асоси феҳристи аҳдҳо ба амал бароварда мешавад;

к) иҷрои дахлдори аҳдро биржа кафолат медиҳад; л)баҳсҳои дар байни иштирокчиён ва биржа, ки дар ҷараёни савдои биржавӣ баамал омадаанд, одатан коммисияи арбитражи биржа ё судҳои ҳакамӣ баррасӣ мекунанд.

Амалиётҳои биржавӣ созишномае эътироф мешавад, ки ба шартҳои зерин ҷавобгӯ аст:

а) агар он хариду фурӯш,маҳсулотсупорӣ ва мубодилаи мол,ки ба муомилоти савдои биржавӣ роҳ дода шудааст ифода кунанд;

б) агар ишти-рокчиёни он аъзои биржа бошанд;

в) агар он дар муҳлати рӯзи ояндаи амалинамоии аҳд ба биржа барои бақайдгирӣ пешниҳод шуда бошад. Аҳди дар биржа бақайдгирифташуда дар нотариат тасдиқ карда мешавад[11].

Аҳди биржавӣ – созишномаи мутақобила оид ба гузашт кар-дани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо дар муносибатҳои савдои биржавӣ, ки дар рафти савдои биржавӣ аз ҷониби иштирокчии савдо ба даст меояд, бо тартиби муқарраршуда дар биржа ба қайд гирифта мешавад ва даршартномаи биржа дарҷ мегардад[10].

1. Бо тарзи бастан:

а) тасдиқшуда – розигии иловагиро талаб намекунад. Доираи он инҳоро дар бар мегирад: бастан, клиринг ва ҳисоббаробаркунӣ, иҷрокунӣ. Ин аҳдҳо дар шакли хаттӣ ва электронӣ баста мешавад.

б) тасдиқнашуда – шифоҳӣ ё бо телефон, ки розигии иловагиро оид ба шартҳо талаб мекунад.

2. Бо иштироки миёнаравҳои биржавӣ:

а)бастани аҳдҳо бе иштироки миёнаравҳо бевосита миёни фурӯшанда ва харидор. Ин дар вақти бастани аҳд миёни дилер ва дар савдои телефонӣ метавонад ҷой дошта бошад;

б) аҳдҳо ба воситаи миёнаравҳо, пеш аз ҳама бо воситаи брокерҳо - брокер ба фурӯшанда харидор пайдо мекунад ва баръакс (бозори ғайрибиржавӣ).

Дар биржа бошад фурӯшанда ва харидор брокерҳои худро, ки манфиати онҳоро намояндагӣ мекнад, доранд. Бисёртар дар биржа алоқаи брокер ва дилер миёнаравии дукарата хос аст.

Брокерҳо аз муштариёни худ фармоиш ба фурӯш ва харид қабул мекунад, аммо на байни худ балки бо дилерон мукотиба мекунанд. Дилер аз фурӯшанда молро гирифта ба харидор мефиристад, пулро аз харидор гирифта ба фурӯшанда медиҳад.

3.Дар вобастагӣ аз вазъи муштарӣ:

а) яклухт - бо супориш ва манфиатҳои институтсионалӣ амалӣ мешавад.

Инҷо маҳдудиятҳо барои чунин манфиатҳо ба назар гириф-та мешавад, масалан фондҳои ғайрибуҷетӣ метавонанд танҳо бо қоғазҳои қимматноки давлатӣ аҳд банданд;

б) чакана – барои шахсони воқеӣ, яъне сармоягузорони инфиродӣ.

Намудҳои аҳдҳои биржаи фондӣ:

1. Кассавӣ – фавран иҷро карда мешавад ё пас аз се рӯзи бастан.

2. Муҳлатнок – фурӯшанда уҳдадор мешавад қоғазҳои қимматнокро дар муҳлати муқарраршуда супорад, харидор бошад, бо шартҳои аҳд қабул намуда пардохт намояд. Дар Биржа аҳдномаҳо ба молҳои нақд (воқеӣ) ва ба мӯҳлатҳои муайян (аҳдномаҳои мӯҳлатнок ва фючерӣ) баста мешаванд.

Аҳдномаҳо бо моли нақд:

а) аҳдномаҳо бо моли нақд бо мақсади хариду фурӯши моли мушаххас баста мешаванд;

б) аҳдномаҳо бо моли нақд метавонанд ба низоми зайл баста ша-ванд: дар асоси муоинаи пешакии мол; аз намуди зохирӣ; аз рӯйи маълумотҳои фурӯшанда, миёнарав, экспертизаи биржавӣ; бе муоинаи пешакии мол; аз рӯи намунаҳо; аз рӯи стандартҳо; аз рӯи шарти сифати миёна ва ё минималии мол; шарти пешниҳоди моли мушаххас ҳангоми ворид шудани он ба муомилоти Биржа дар асоси Оинномаи Биржа муайян карда мешаванд;

в) аҳдномаҳо бо моли нақд бо роҳҳои зайл баста мешаванд: ба моле, ки ҳангоми хариду фурӯш дар ҳудуди Биржа, иморатҳо (анборҳо)-и он воқеъ аст ё дар рӯзи хариду фурӯш то ба итмом расидани маҷлиси Биржа ба Биржа ворид мешаванд, дар сурате ки фурӯшанда дар бораи ин то оғози хариду фурӯш иброз намояд ва бо ҳуҷҷатҳои дахлдор тасдиқ кунад; ба моле, ки ҳангоми бастани аҳднома дар роҳ буда, инро мавҷудияти ҳуҷҷатҳои дахлдор тасдиқ мекунад; ба моли ҳамлу нақлшуда ва омодаи ҳамлу нақл; ба моли минбаъда ё шартномаи расонидани мол; аҳднома бо моли нақд вобаста ба рағбати мизоҷ бо иҷроиши минбаъдаи он баста мешавад: муво-фиқи нархе, ки дар лаҳзаи бастани аҳднома

ба қайд гирифта шудааст; мувофиқи нархи ахборӣ, ки дар лаҳзаи оғозу анҷоми Биржа ба қайд гирифта шудааст; аз рӯи нархи ахборӣ, ки дар Биржа пеш аз рӯзи (мархилаи) муайяншудаи Биржа нашр шуда-аст. Биржа ва рӯзи он қаблан дар шартнома қайд карда мешаванд ё дар доираи марҳилаи махвшавӣ мувофиқи хоҳиши харидор ё фурӯшанда вобаста ба шартҳои муоҳида интихоб мегарданд. Рӯзи (марҳилаи) Биржа муддатест, ки дар он муқаррар кардани нарх ва нашри бюллетени Биржа сурат мегирад[5].

Дар ҳолати дар рӯзи таъиншуда набудани нархи ахбори ҳисобу китоб мувофиқи нархе сурат мегирад, ки пеш аз рӯзи барҳамхурӣ ва дар рӯзи нархмонӣ нашр шуда буд. Агар нархмонии моле, ки дар муоҳидаи Биржа сабт шуда, дар зиёда аз се рӯзи биржавӣ то рӯзи барҳамхурӣ ба қайд гирифта нашудааст, ҳисобу китоб мувофиқи созишномаи тарафҳо сурат мегирад ва агар ба чунин мақсад ноил нашаванд, ҳисобашонро мувофиқи нархи муқарраркардаи Ҳакамияти Биржа якҷоя бо Комиссияи нархмонӣ баробар мекунанд; д) ҳангоми муомилоти молу навъи молҳо дар Биржа, ки дар он нархашон муқаррар мегардад, аҳдномаҳо аз рӯи онҳо мувофиқи нархи ахборӣ дар асоси нархҳои ахбории молҳои асосӣ ва гузашту изофа ба онҳо бо сабаби тағйири сифати миёнаи моли асосие, ки дар Биржа нархгузорӣ мегардад, баста мешаванд[1].

Гузашту иловаро барои молҳои бозоргир Комиссияи оид ба сифат ва стандартҳои биржавӣ вобаста ба тавсифоти муқоисавии сифатии молҳо дар асоси стандартҳои давлатӣ ё стандартҳои Биржа таъин на муқаррар мекунад. Ба молҳое, ки ба Биржа аҳёнаи пешниҳод мешаванд, гузашту иловаҳо мувофиқи созишномаи тарафҳо таъин мегардад;

е) нарх дар аҳдномаҳо барои моли нақд аз рӯи вазни холиси мол (нетто) ё вазни мол бо қуттияш (брутто) таъин мегардад;

ж) вобаста ба тақсими хароҷоти нақлиёт аҳдномаҳо бо моли нақд бо нархи «франке» - шаҳри Биржа ё макони дигари доду гирифти мол амалӣ мегарданд. Муайян намудани нархҳо бо шарти «франке» чунин маъно дорад, ки ҳамлу нақли моли харидашуда то макони таъиншуда бояд аз ҳисоби фурӯшанда пардохта шавад. Шарти расондани мол дар муоҳидаҳои типии биржавӣ муайян карда мешаванд. Дар доиҳраи мазкур нархҳои «сиф», «фоб» ва нархҳои дигаре, ки системам «Инкотермс» пешбинӣ намудааст, истифода мешаванд[8].

з) ҳангоми бастани аҳднома ба моли оянда бо назардошти вақти молфиристонӣ ҳар як тараф ҳуқуқ дорад, ки аз вақти бастани аҳднома то вақти муайян кардани Биржа нисбати мӯҳлати иҷрои он ба Биржа мувофиқи нархҳои амалкунанда моли худро фурӯшад, агар шарти дигаре ба инобат гирифта нашуда бошад: аҳднома оид ба фурӯши муоҳидаи яке аз тарафҳо бояд ҳатман дар Биржа ба қайд гирифта шавад ва бо қайди супориш қонунӣ гардад;

и) хароҷоти нигоҳ доштани молро дар иморатҳое, ки ба Биржа мансубанд, то фурӯхта шуданаш фурӯшанда мепардозад ва баъди фурӯши мол, агар шарти дигареро муоҳида ба инобат нагирифта бошад, харидор мепардозад;

к) барои таъмини боэътимодии ҳисобу китоб аз рӯи аҳдномаҳо бо моли нақд ҳар ду тараф ҳангоми бақайдгирии аҳднома ба Палатаи ҳисобӣ ҳаққи амонатро, ки ҳаҷми онро Биржа дар ҳаҷми фоиз аз арзиши аҳднома муқаррар кардааст, мепардозанд.

л) агар Биржа иморатҳои дахлдор дошта бошад, фурӯшанда молеро, ки мувофиқи муоҳида барои супоридан муқаррар шудааст, ба замонат мемонад;

м) ҳангоми тағйир ёфтани конъюнктура ва нисбати мизоҷон беэътимод ҳаҷми ҳаққи замонат бо қарори кумитаи Биржа (Шӯрои директорон) зиёд шуда метавонад;

н) ҳаққи пулии замонати фурӯшанда баъди ба иҷро расидани аҳднома (супурдани мол ё додани ҳуҷҷатҳои тақсимкунандаи мол) ба ӯ баргардонда мешавад. Ҳаққи замонати харидор ҳангоми сурат гирифтани ҳисобу китоби охирин оид ба аҳднома бо фурӯшанда ба нисбат гирифта мешавад. Дар ҳолати амалӣ нагардидани аҳднома ҳаққи замонатӣ ба харидор баргардонда мешавад. Дар баробари ин ҳаққи суғурта мувофиқи қарори Ҳакамияти Биржа метавонад ба мақсадҳои зерин истифода шавад: барои пӯшондани хароҷоте, ки дар натиҷаи муоҳидаро иҷро накардани яке аз тарафҳо ба вуҷуд меояд; баробар кардани фарқи байни нархҳое, ки дар натиҷаи бекор гардидани муоҳида ба вуҷуд меояд; додани ҷаримаи аҳдшиканӣ; додани ҷарима;

о) дар ҳолате, ки яке аз тарафҳо маблағи замонатро дар вақташ напардозад, Ҳакамияти Биржа ба дидани чорабиниҳо оиди барҳам додани аҳднома ҳуқуқ дорад.

Аҳдномаҳои мӯҳлатнок (фючерӣ);

а) аҳдномаҳои мӯҳлатнок одатан на бо мақсади хариду фурӯши мол, балки баҳри суғуртаи аҳднома бо моли нақд ё дар рафти аз нав фурӯхтан ё баъди бекор шудани аҳднома гирифтани фарқияте, ки дар рафти тағйири нарх ба вуҷуд меояд, баста мешаванд;

б) аҳдномаҳои мӯҳлатнокро аъзоёни Биржа мувофиқи тартиби муқарраркардаи Биржа барои доираи муайяни молҳо баста метавонанд. Қабул кардани молҳоро ба муомилоти Биржаи мӯҳлатнок қоидаҳои Биржа муайян мекунанд;

в) аҳдномаҳои мӯҳлатнок аз рӯи шартҳои стандартие, ки Биржа таҳия намуда-аст, баста мешаванд ва бар хилофи он танҳо дар ҳолатҳое, ки қонун иҷозат додааст, амал кардан мумкнн аст.

Шартҳои типиро Биржа барои ҳар як навъи моле, ки ба муомилоти фаврии Биржа қабул шудааст, муқаррар мекунад;

г) муоҳидаи стандартӣ объекти аҳдномаи мӯҳлатнок мебошад, ки он бо назардошти миқдори муайяни моли дорои сифати миёнаи аз меъёр на он қадар дур ва бо шарти муайяни пардохти хароҷоти нақлиёт (одатан бо шарти «франко»-шаҳр-анбори Биржа) фиристода мешавад. Аҳдномаҳои мӯҳлатнок фақат аз рӯи миқдори мол, воҳиди мухтассари муқарраршудаи аҳднома, яъне аз рӯи миқдори муайяни муоҳидаҳои стандартӣ баста мешаванд;

д) аҳдномаҳои мӯҳлатнок мувофиқи нархҳои муқарраркардаи Қонун бекор шуда метавонанд;

е) ҳангоми супурдани моле, ки аз рӯи сифаташ ба моли асосии муоҳидаи типӣ мувофиқ нест, фурӯшанда ба нархи ҳисоботи муоҳида гузашт - иловаро пешниҳод мекунад ё мегирад. Гузашт ва иловаҳоро Биржа нисбати тамоми молҳое, ки ба муомилоти муҳлатноки (фючерии) Биржа роҳ дода шудаанд, муқаррар мекунад;

ж) муҳлати бекоркуниро оид ба аҳдномаи муҳлатнок бо ризоияти тарафҳо дар асоси муҳлатҳои типие, ки Биржа барои ҳар як муоҳидаи типӣ муқаррар кардааст, муайян менамояд. Муҳлати бекоркунӣ ҳамчун давраи муайяни вақт барои оянда (моҳи муайян, даҳаи муайяни моҳ ва ғ.) муқаррар карда мешавад. Аз муҳлати муайянкардаи Биржа то фаро расидани муҳлати бекоркунӣ аҳдномаҳои муҳлатнок дар марҳалаи мазкур аз эътибор соқит дониста мешаванд;

з) ҳангоми гузаронидани амалиёт дар Биржаи муҳлатнок (фючерӣ) қоидаҳои Биржа ҳаҷм, муҳлату тартиби гузаронидани ҳаққи аъзогии ибтидоӣ ба Палатаи ҳисобӣ ва дар ҳолати ҳаракати номақбули нарх ҳаққи замонатӣ муқаррар мегардад.

Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо оид ба аҳди биржавӣ дар қарордоди биржавӣ муқаррар карда мешавад. Брокер– Фурӯшанда уҳдадор аст, муҳлати қайдкунӣ ва бақайдгирии қарордодҳои биржавиро риоя кунад, ки мувофиқи қоидаи савдои биржавӣ ва қарордоди биржавӣ муқаррар шудааст, иҷрои қарордодро ба манфиати Фурӯшанда ҳамроҳӣ кунад. Брокер – Фурӯшанда ҳуқуқ дорад, ки дар ҳалли масъала оид ба пардохти ҷарима дар ҳолати вайрон намудани муҳлати пардохти мол аз ҷониби Фурӯшанда ташаббус нишон диҳад[6].

Фурӯшанда уҳдадор аст, ки моли биржавиро бо тартиб ва шартҳои муқаррар намудаи қарордоди биржавӣ расонад ва диҳад. Фурӯшанда ба сифати мол ҷавобгар аст ва дар ҳолати номувофиқии хосияти сифати моли биржавӣба шартҳои қарордоди биржавӣ дар вақти додан ба Харидор уҳдадор мешавад, ки зарарро (бо талаби харидор) дар намуди иваз намудани мол ё паст кардани нархи он пардохт намояд. Фурӯшанда уҳдадор мешавад бо дархости харидор ва аз ҳисоби он, дар гирифтани ҳуҷҷатҳои иловагӣ, ки мумкин аст ба харидор барои содирот карданимоли биржавӣ даркор шавад, ёрӣ расонад.

Брокер – харидор уҳдадор аст, мӯҳлати қайдкунӣ ва бақайдгирии қарордодҳои биржавиро риоя кунад, ки мувофиқи қоидаи савдои биржавӣ ва қарордоди биржавӣ муқаррар шудааст, иҷрои қарордодро ба манфиати харидор ҳамроҳӣ кунад. Брокер – харидор ҳуқуқ дорад, ки дар ҳалли масъала оид ба пардохти ҷарима дар ҳолати вайрон намудани муҳлати расондани мол аз ҷониби Фурӯшанда ташаббус нишон диҳад.

Харидор уҳдадор аст, ки моли биржавиро бо тартиб ва шартҳои муқаррар намудаи қарордоди биржавӣ пардозад ва ҳама хароҷотро, ки ба гирифтани ҳуҷҷати иловагӣ бо дархости худи ӯ алоқаманд аст супорад[4].

Брокер –Фурӯшанда ва Брокер –Харидор уҳдадоранд дар муҳлати муайяннамудаи шартнома пас аз гирифтани ҳама гуна хабар, нишондаод ё ҳуҷҷати дигар, ки ба иҷро намудани қарордоди биржавӣ шаҳодат медиҳад, ё таъсир мерасонад ё имконияти таъсиррасониро дорад, зуд дар ин бора ба биржа ва контрагент хабар диҳад ва ҳуҷҷатҳои нишондодашударо диҳад. Хеҷ яке аз тарафҳо ҳуқуқ надоранд бе розигии хаттии тарафи контрагент мувофиқи қарордоди биржавӣ уҳдадориҳои худро ба шахси сеюм диҳад. Ҳар як тараф ҳуқуқ дорад аз иҷрои қарордоди биржавӣ даст кашад, аммо танҳо бо розигии тарафи дигари қарордод[11].

Дар мавриди ба мувофиқа омадани тарафҳо оид ба қатъи қарордоди биржавӣ, уҳдадоранд дар ин бора биржаро дар шакли хаттӣ, чун қоида дар давоми 2 ҳафта то фаро расидани санаи расондани моли биржавӣ огоҳ созанд. Инчунин дар қарордоди биржавӣ ҷавобгарии тарафҳои қарордод пешбинӣ карда мешавад[3].

Намояндаи кумитаи биржавӣ (Шурои директорон) ҳуқуқ доранд барои вайрон намудани қоидаи савдои биржавӣ нисбати иштирокчиёни ҷамомади биржавӣ санксияҳои зеринро татбиқ намоянд: дар ҳаҷми муқаррар намудаи Биржа м банданд; айбдорро аз ҷамомади биржавӣ берун кунанд; гунаҳкорро муваққатан ё якумра аз ҳуқуқи пешбурди савдо дар Биржаи мазкур маҳрум созанд; гунаҳкорро аз ҳуқуқи фурӯши моли мазкур дар ҷамомади биржавии мазкур маҳрум созанд; баргардондани гарави гузошташударо боздорад; молҳое, ки дар биноҳои ба биржа тааллуқдошта нигоҳ дошта мешаванд ҳабс кунад[6].

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи биржаи молӣ ва савдои биржавӣ» аз 23 декабри соли 1991 // Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қоғазҳои қимматнок» аз 28 июни соли 2011 // Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj.
3. Кодекси дании Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №6, мод. 153, мод. 154; с. 2001, №7, мод. 508; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, №3, мод. 125; с. 2006, №4, мод. 193; с. 2007, №5, мод. 356; с. 2010, №3, мод. 156; №12, қ. 1, мод. 802; с. 2012, №7, мод. 700; №12, қ. 1, мод. 1021; с. 2013, №7, мод. 504; Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 с., № 1178.
4. Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, «Дониш», 2019. 228 с.
5. Сангинов Д.Ш. Мирзоев П.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Душанбе: «Андалеб-Р». 2015. 600с.
6. Шонасридинов Н., Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Васоити таълимӣ. Қисми 1. Душанбе: Прогресс, 2009.473с.
7. Чалдаева, Л.А. Фондовая биржа. Организационно-управленческие структуры /Л.А. Чалдаева - М.: Экзамен, 2011. 320 с.
8. Бердникова, Т.Б. Рынок ценных бумаг и биржевое дело: учебное пособие / Т.Б. Бердникова. - М.: ИНФРА-М, 2013. 270 с.
9. Резго Г.Я. Биржевое дело: учебник / Г.Я. Резго, И.А.Кетова ; Под ред. Г.Я.Резго. - 2-е изд., перер. и доп. - М. : Финансы и статистика, 2012. - 288 с.

МАФҲУМ ВА ФУНКСИЯИ АҲДҲОИ БИРЖАВӢ

Дар мақолаи манзуршаванда ҷанбаҳои асосии танзими ҳуқуқии аҳдҳои биржави, фаъолияти касбӣ ё худ миёнаравӣ дар бозори қоғазҳои қимматнок, нақш, мақсад ва вазифаҳои функсионалии иштирокчиёни аҳдҳои биржави таҳлил шудаанд. Аҳдномаҳо дар ҳолате биржавӣ ҳисоб мешаванд, ки агар онҳо ба моли дар биржаи мазкур ба муомилот роҳ додашуда байни аъзоёни биржа ё намояндагони онҳо дар маҷлиси биржа дар муҳлату тартиби муқарраркардаи ин қонун, Оинномаи биржа ва қоидаҳои он баста шуда бошанд. Дар биржа бастани аҳдномаҳое иҷозат дода мешаанд, ки тибқи оиннома ва қоидаҳои биржа сурат мегиранд. Бастани аҳдномаҳои биржавӣ ба шахсоне иҷозат дода мешавад, ки мувофиқи оинномаи биржа ба ин кор роҳ дода шудаанд.

Калидвожаҳо: танзими ҳуқуқии аҳдҳои биржавӣ, фаъолияти касбӣ, миёнаравӣ, бозори қоғазҳои қимматнок, нақш, мақсад, аҳдҳои биржавӣ, тартиби муқарраркардан ва бастани аҳдномаҳои биржавӣ.

ПОНЯТЫЕ И ФУНКЦИИ БИРЖОВЫХ СДЕЛОК

В настоящей статье проанализированы основные аспекты правового регулирования биржы, профессиональная деятельность или посредничества на рынке ценных бумаг и их роль, цель и функциональные задачи в биржовых сделок. Сделки считаются биржовим в том случае, если они находятся в объекте данного Биржи в свободном обороте между участниками биржи или их представителями в зоседании

Биржи в период и в порядок установленнего закона, уставом Биржи и их правилом зоключены. В бирже позволяется в зоключеные только те биржовые сделки, которые соблюдают нормы устава и правила биржи. Зоключние сделок позволяется только тем участником, которые роботают в порядке установленом устава биржи.

Ключевые слова: правовое регулирование биржевых сделок, профессиональная деятельность, посредничество, рынок ценных бумаг, роль, цель, биржевые сделки, порядок заключения и заключения биржевых сделок.

LEGAL REGULATION OF BROKERAGE ACTIVITIES IN THE EXCHANGE

The proposed article analyzes the main aspects of the legal regulation of exchange transactions, professional or intermediary activities in the securities market, the roles, goals and functional functions of participants in exchange transactions. Contracts are considered exchange contracts if they are concluded between the members of the exchange or their representatives at the exchange meeting within the time limits and in accordance with the procedure established by this Law, the Exchange's Charter and its rules with respect to goods allowed for circulation on this exchange. Contracts may be concluded on the exchange in accordance with the articles of association and rules of the exchange. The conclusion of exchange contracts is allowed to persons authorized to do so in accordance with the articles of association of the exchange.

Keywords: legal regulation of exchange transactions, professional activity, mediation, securities market, role, purpose, exchange transactions, procedure for concluding and concluding exchange transactions.

Маълумот дар бораи муаллиф: Шоира Файзалӣ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон [992] 202420099

Сведения об авторе: **Шоира Файзали** – Таджикский национальный университет, студентка 2 курса магистратуры юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон [992] 202420099

Information about the author: Shoira Faizali – Tajik National University, 2nd-year master's student, Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: +992202420099

ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ НАЗАРИЯҲОИ «ДАВЛАТИ ҶАҲОНӢ» ДАР ИРТИБОТ БО ИНКИШОФИ НУҚТАҲОИ НАЗАР ОИД БА ДАВЛАТ ДАР ҒАРБ

Эмомализода К.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар раванди омӯзиши давлат ва дар робита бо инкишофи донишҳои инсонӣ роҷеъ ба давлат тасаввуроти одамон оиди давлат мутаносибан тағйир меёбад, тобора васеътар ва комилтар мегардад. Дар рафти омӯзиши давлат як мафҳуми муайян оиди давлат пайдо мешавад. Мафҳуми давлат натиҷаи инкишофи донишҳои инсонӣ аст. Дар иртибот бо васеътар гаштани донишҳои инсонӣ оиди моҳияти давлат мафҳуми давлат низ тағйир меёбад [10,165].

Аз ин ҷост, ки мафҳумҳои давлат бо пешрафти давлат такмил меёбанд. Омузиши давлат - ин гузашти батадриҷ аз донишҳои соддатар ба донишҳои мукаммалтар, аз мафҳумҳои оддӣ ба мураккаб аст. Ҳар замона мафҳуми алоҳидаи давлатро пешкаш намудааст. Давлатро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ҳар хел мефаҳмиданд.

Бо пешрафти ҷомеа ва мутаносибан бо такмили донишҳо, тасаввуроту мафҳумҳо оиди давлат такмил меёбанд. Мафҳумҳои давлат, ки имрӯз пешкаш мешаванд, аз мафҳумҳои пештара сифатан фарқ доранд.

Ҳоло давлат чун воситаи созиши иҷтимоӣ, таъмини сулҳу оромӣ, амнияту тартиботи устувор дар ҷомеа, кафили ҳуқуқҳои инсон фаҳмида мешавад. Гузаштан аз мафҳумҳои синфӣ ба умумиинсонии давлат - тамоили асосии раванди таҳқиқи давлат аст.

Мафҳуми давлатро бо назардошти моҳият ва таъиноти иҷтимоии (ҷамъиятии) давлат муайян мекунанд. Давлати, масалан, ғуломдорӣ моҳиятан манфиатҳои синфи ғуломдоронро ҳимоя намуда, баҳри таъмини ин манфиатҳо хизмат мекард. Аз ин ҷост, ки мафҳуми ин давлатро хислатҳое ташкил медиҳанд, ки дар заминаи онҳо мафҳуми давлати ғуломдорӣ чун ташкилоти ҳокимияти ғуломдорон ҳосил мешавад. Ин давлатро дигар хел маънидод намудан ҳам мумкин нест. Модоме ки давлати ғуломдорӣ ифодагари иродаву манфиатҳои танҳо синфи ғуломдорон буда, баҳри ҳамин синф истифода мешавад, пас табиист ки ин давлат танҳо воситаи зӯроварии синфӣ буда метавонад.

Давлатҳои имрӯза, алахусус давлатҳое, ки сиёсати иҷтимоиро баҳри беҳдошти зиндагии одамон пеш гирифтаанд, моҳиятан ва аз нуқтаи назари таъиноташон давлатҳое мебошанд, ки манфиатҳои умумро дар назар дошта, барои таъмини шароити арзандаи зиндагии ҳар инсон, баҳри таъмини созиши иҷтимоӣ фаъолият доранд. Дар ин давлатҳо ҳуқуқу озодиҳои инсон эътироф мешаванд, давлат ба зиммааш вазифаи таъмину ҳифзи ҳуқуқу озодиҳоро мегирад, шаҳрвандонашро (халқро) сарчашмаи ҳокимият ва баёнгари соҳибихтиёрӣ эълон мекунад. Худи давлат кафили ҳуқуқҳои инсон эълон мешавад. Баҳри иҷрои ин вазифа механизмҳои дохилидавлатӣ ва байналмилалии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон истифода мешаванд. Дар ин давлатҳо сохторҳои раъйпурсӣ ва интихобот, идораи парлумонӣ ва худидораи маҳаллӣ амал мекунанд [7,134]. Табиист ки чунин давлат - воситаи таъмини созиши иҷтимоӣ, беҳдошти ҳаёти одамон, амнияти онҳо ва ҷомеа аст.

Давлатҳои пештара, маслан, ғуломдорӣ ё феодалӣ чунин хислатҳо надоштанд ва дошта ҳам наметавонистанд. Ин давлатҳо худро кафили ҳуқуқҳову озодиҳои инсон эълон карда наметавонистанд. Дар ин давлатҳо раъйпурсиву интихобот истифода намешуд. Худи озодӣ низ имтиёзнок буд, мутааллиқ ба синфи доро буд. Ғуломдорон ё заминдорони калон аз тамоми имтиёзҳо истифода мебурданд. Ғуломон ягон ҳуқуқ ва озодӣ надоштанд, аслан ба ҳайси на инсон, балки «чиз» эътироф мешуданд[11,116].

Садсолаҳо лозим буд, ки моҳият ва таъиноти давлат комилан тағйир ёбад. Имрӯз давлатҳо моҳиятан тағйир ёфтанд. Таъиноти иҷтимоии онҳо низ дигар аст. Аз ин ҷост, ки мафҳуми давлати муосир тағйир ёфтааст. Оиди давлат мафҳуму таърифҳои нав пешкаш мешаванд, ки мутобиқ ба моҳият ва таъиноти онҳоянд.

Хамаи ин далели он аст, ки моҳият ва мафҳуми давлат тағйирёбандаанд. Бо пешрпафти ҷомеа моҳияти давлат, яъне мазмуни дохилии давлат тағйир меёбад.

Мутаносибан донишҳои инсонӣ оиди ин давлат, яъне мафҳумҳои давлат низ тағйир меёбанд. Чунин аст қонунияти инкишофи давлатдорӣ[8,254].

Мафҳуми давлат, мисли мафҳуми падидаҳои дигари ҷомеа, дар шакли забонӣ ифода меёбад. Мафҳуми давлат хислатҳои асосии давлатро дар бар мегирад. Мафҳуми давлат дар натиҷаи ҷамъбаст намудани кулли тасаввуроту донишҳо оиди давлат пайдо мешавад. Шакли ифодаи забонии мафҳуми давлат - таърифи давлат аст. Тавассути таъриф, чун усули мантиқӣ, мафҳуми давлат шакли ифодаи хаттӣ мегирад. Оиди давлат таърифҳои гуногун пешкаш мешаванд, ки дар худ мафҳуми давлатро таҷассум мекунанд. Таърифи давлат - ин шакли ифодаи умумии мафҳуми давлат аст.

Оиди давлат дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ таърифҳои мухталиф пешкаш шуданд. Ҳолo низ пешкаши таърифҳои гуногуни давлат идома дорад. Оиди давлат як таърифи умумӣ ҷой надорад. Таърифҳо зиёд ва гуногунанд.

Равшан намудани мафҳуми давлат масъалаи муҳими таърихи афкори сиёсиву ҳуқуқии башар буд. Дар ҳар марҳилаи таърихӣ, дар ҳар минтақаву кишвари олам ҳар мутафаккир, файласуф, муҳаққиқ оиди давлат як мафҳуми хешро пешкаш менамуд. Таърихи афкори давлатии башар - ин маҷмӯи ақидаву тасаввурот, мафҳумҳову назарияҳои мухталиф оиди давлат аст.

Бо пешрафти ҷомеа мафҳумҳои мукаммалтари давлат пешкаш мешаванд. Таҳлили моҳият ва мафҳуми давлат, дарку омӯзиши он - раванди муттасили таърихист. Ҳар марҳилаи таърихӣ мафҳуми алоҳидаи давлатро пешкаш намудааст.

Аммо ин маънои онро надорад, ки байни онҳо «девори хитоӣ» ҷой дорад. Байни мафҳумҳои давлат, ки дар марҳилаҳои гуногун ва дар манотиқи мухталиф истифода шудаанд, алоқамандиву вобастагӣ низ ҷой дорад. Вагарна таърихи афкори сиёсиву давлатӣ шакли як навъ тасаввуроти бетартибонаи оиди давлатро мегирифт.

Таърихи донишҳои инсонии роҷеъ ба давлат - ин маҷмӯи ақидаву назарияҳост, ки бо ҳам алоқаи зич доранд. Пешкашу истифодаи донишҳои назариявӣ оиди давлат раванди таърихии мантиқист. Дар рафти он байни мафҳумҳову назарияҳо вобастагии мантиқӣ мушоҳида мешавад.

Агар, фарз кардем, андешаҳои Арасту оиди давлат бо ҳамон давлатдории юнонӣ маҳдуд гашта, минбаъд истифода намешуданд, пас табиист ки онҳо аҳамияташонро гум карда, фаромӯш мешуданд. Дар асл ин тавр нест. Андешаҳои Арасту минбаъд васеъ истифода шуданд, ба пешрафти таҳлилҳои назариявӣ оиди давлат таъсири мусбӣ расониданд. Чунончи, маҳз тасаввуроти ба Арасту хоси коллективии давлат (чун иттиҳод) дар марҳилаҳои дигари инкишофи таърихӣ васеъ истифода гашт.

Таърихи давлатдорӣ ва донишҳои назариявӣ оиди давлат мантиқи худро соҳибанд. Байни мафҳумҳои гуногуни давлат, новобаста аз замони пешкашашон, як вобастагӣ, алоқамандӣ ҷой дорад. Барои исботи ин ақида мухтасар таърихи донишҳои инсониро оиди давлат дар мисоли танҳо як гурӯҳи мутафаккирону муҳақиқон таҳлил мекунем (дар доираи як китоб таҳлили кулли мафҳумҳои давлат душвор аст). Бар замми ин, чунин усули таҳлили илмӣ имкон медиҳад дар хусуси таърихи донишҳои назариявӣ, алалхусус муттасилияту мантиқияти он маълумоти умумӣ ҳосил шавад[4,256].

Арасту давлатро чун шакли иттиҳоди одамон маънидод мекард. Дар назари ӯ давлат - шакли иттиҳоди сиёсии одамон аст, ки аз шаклҳои дигари иттиҳоди одамон (ба мисли нуқоти зиндагӣ ва оила) фарқ дорад. Давлат аз нигоҳи Арасту, як шакли «робитаи сиёсӣ», иттиҳоди сиёсист, ки аз оилаҳо, авлодҳо, шаҳрвандон иборат аст. Давлат, ба назари мутафаккир, на маҷмӯи бетартибонаи одамон, балки як иттиҳоди, иттифоқи шаҳрвандон аст. Ба ҳайси шаҳрвандон шахсоне дар назар дошта мешаванд, ки ҳуқуқи иштирок дар фаъолияти қонунгузорӣ ва судӣ доранд. Ин иттиҳод, яъне давлат баҳри таъмини ҳаёти хуби одамон, хушбахтии одамон ташкил мешавад.

Чунин тасвири коллективии (иттиҳодии) давлат ба таърихи донишҳои назариявӣ оиди давлат таъсири бевосита мерасонад. Аз ин андеша минбаъд мутафаккирони зиёд истифода мебаранд. Чунончи, мутафаккири римӣ Сисерон низ давлатро чун шакли иттиҳод тавсиф мекунад. Ӯ якчанд шаклҳои иттиҳоди одамонро ҷудо намуда, байни онҳо иттиҳоди шаҳрвандӣ, аниқтараш «ҷамоаи шаҳрвандиро» асосӣ меҳисобад. Ин «ҷамоаи шаҳрвандӣ»

дар назари мутафаккир - давлат аст. «Ҷамоаи шаҳрвандӣ» аз ҳамаи шаҳрвандон, яъне халқ иборат аст. Халқ бошад чунин иттиҳоди одамон (шаҳрвандонест), ки атрофи ду масъала - ҳуқуқ ва манфиатҳои умумӣ - ризояти умумӣ доранд. Ба ибораи дигар, халқ - иттиҳоди ҳуқуқии одамон аст. Аз ин ҷост, ки Сисерон ҷумҳуриро чун «сарват ва кори умумии халқ» таъриф медиҳад. Сисерон дар заминаи андешаҳои Арасту давлатро чун иттиҳоди ҳуқуқии халқ (шаҳрвандон) мефаҳмад. Ин андеша низ минбаъд васеъ истифода мешавад, алалхусус ҳангоми пешкаши мафҳумҳои ҳуқуқии давлат.

Нуқтаи назар ба давлат чун шакли иттиҳод аз ҷониби мутафаккиони асрҳои миёна низ истифода мешавад. Чунинчи, Фомаи Аквинӣ давлатро чун иттиҳоди сиёсӣ мефаҳмад, ки аз ҳунармандон, заминдорон, аскарон, сиёсатмадорон ва диг. иборат аст.

Давлатро чун ҷомеаи шаҳрвандӣ, чун иттифоқ мутафаккири дигар Марсилии Падуанӣ низ арзёбӣ мекунад.

Мафҳуми коллективии (иттиҳодии) давлат Замони нав низ истифода мешавад. Масалан, ба гуфтаи Гуго Гротсий, давлат - ин «иттифоқи одамони озод аст, ки баҳри риояи ҳуқуқ ва фоидаи умумӣ баста шудааст» [2,74]. Ҷон Локк давлатро чун «иттиҳоди мустақили одамон» маънидод мекунад[3,338]. И. Кант бошад таърифи зерини давлатро медиҳад: «Давлат ин аст иттиҳоди одамони бештари мутобеи қонунҳои ҳуқуқӣ».

Аммо мисолҳои оварда нишони он нестанд, ки фаҳмиши коллективии (иттиҳодии) давлат дар таърих ягона аст. Ғайр аз он ҳамчунин фаҳмишҳои дигар низ мушоҳида мешаванд. Ин фаҳмишҳо дар натиҷаи таҳлили ин ё он паҳлӯҳои давлат пайдо мешаванд.

Чунончи, Жан Боден соҳибихтиёрии давлатро - аломати асосии давлат арзёбӣ мекунад. Зери мафҳуми соҳибихтиёрӣ ӯ «ҳокимияти доимӣ ва мутлақи давлатро» мефаҳмад. Аммо ин соҳибихтиёриро, аз нигоҳи мутафаккир, на иттиҳоди ҳамаи одамон, на халқ, балки малик (подшоҳ) амалӣ мегардонад. Дар натиҷа соҳибихтиёрии халқ бо соҳибихтиёрии малик иваз мешавад, давлат дар шахсияти малик тақассум мегардад, мафҳуми иттиҳодии (коллективии) давлат бо мафҳуми шахсӣ (шахсияти малик) иваз мешавад. Фаҳмиши дигари (шахсии) давлат пайдо мешавад. Давлатро малик (подшоҳ) дар худ пурра тақассум мегардонад. Давлат аз шахсияти малик ҷудо намешавад.

Мутафаккири дигар Томас Гоббс ба сифати аломати асосоии давлат ҳокимияти сиёсиро меомӯзад. Аммо мансубияти ин ҳокимият ба як шахс, ба монарх ҳимоя мешавад. Гоббс яке аз ҳимоягарони андешаи мутлақият мегардад. Дар назари ӯ давлат дар шахсияти монарх тақассум меёбад. Моҳияти давлат, ҳокимияти олӣ, соҳибихтиёрӣ танҳо дар шахсияти як монарх ифода мегарданд. Ба ақидаи мутафаккир, соҳибихтиёрӣ мансуб ба давлат аст[9,133].

Чунин фаҳмиши давлат минбаъд низ истифода мешавад. Дар замонҳои нав ва навтарин давлат дар вобастагӣ бо идоракунандагон, бо дастгоҳи давлатӣ таҳлил мешавад. Давлат чун дастгоҳи давлатӣ, дастгоҳи идоракунӣ фаҳмида мешавад. Дар натиҷаи чунин таҳлилҳо фаҳмиши давлат ба сифати воситаи, дастгоҳи, «машинаи» идоракунӣ, зӯроварии синфӣ, фурӯнишонии одамон пайдо мешавад.

Давлат ҷудо аз ҷомеа таҳлил мешавад. Давлат акнун чун дастгоҳи, воситаи ё «машинаи» идоракунӣ ё зӯрвории синфӣ фаҳмида мешавад. Барои мисол таърифҳои марксистии давлатро меорем. Тибқи онҳо, давлат - «мақомест, ки бар болои ҷомеа меистад» (К. Маркс)[6,109], «машинаест барои фурӯнишонии як синф аз тарафи синфи дигар» (К. Маркс ва Ф. Энгельс) [6,203].

Тавре дида мешавад, дар таърих атрофи давлат нуқтаҳои назари гуногун ва мутаносибан фаҳмишҳои мухталиф ҷой доранд. Дар мисоли мафҳумҳои дар боло зикргашта ба хулосаи зерин омадан мумкин аст: ин ё он фаҳмиш ва мафҳуми давлат аз он вобастааст, ки ин ё он муҳаққиқ кадом як аз паҳлӯҳои давлатро мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Дар ин замина, тавре мушоҳида гардид, ду нуқтаи назар ва вобаста ба онҳо ду фаҳмиши давлат асрҳои зиёд инкишоф ёфтанд: яке - фаҳмиши коллективии (иттиҳодии) давлат, дарки давлат чун иттиҳоди одамон (ки аз Арасту сарчашма мегирад) ва дигаре - фаҳмиши давлат дар иртибот бо ҳокимияти давлатӣ, шахсияти ҳоким, дастгоҳи идоракунӣ, ё чун «машинаи» ҳукмронии синфӣ.

Дар адабиёти илмии имрӯза аз ҷониби Л. С. Мамут андешаи ҷолиби диққат пешкаш шудааст. Тибқи он, фаҳмиши мафҳуми давлат танҳо дар иртибот бо дастгоҳи сиёсии идоракунӣ, ҳукмронӣ дуруст нест. Тарғиби «андешаи давлатро чун корпоратсияи амалдорон, кастаи бюрократҳо, «машина» ӯ ба нафароне нисбат медиҳад, ки «аз масъулияти шаҳрвандӣ-ахлоқии хеш барои вазъи ҷомеа ва давлат даст мекашанд». Чунин кӯшишҳо, ба ақидаи муаллиф, «маънои хароб намудани давлат, ба таназзул дучор намудани онро доранд»[5,26].

Дар ҳақиқат фаҳмиши давлат ба сифати танҳо дастгоҳи идоракунӣ, воситаи ҳукмронии як гурӯҳи одамон (сиёсатмадорон) маҳдуд ва яктарафа аст. Чунин фаҳмиши давлат аҳолиии кишварро аз давлат дур месозад, одамони қаториро чун «хизматгорони» давлат арзёбӣ мекунад. Дар заминаи чунин фаҳмишҳо шаҳрвандони қаторӣ аз давлат дур мешаванд, андешае инкишоф меёбад, ки гӯё давлат танҳо мутааллиқ ба мансабдорон буда, одамони қаторӣ ба он ягон муносибат надоранд.

Дар асл, алалхусус дар шароити имрӯзаи вусъати сохторҳои демократии давлатдорӣ, истифодаи раъйпурсӣ ва интихобот, идораи парлумонӣ, таъсиси сохторҳои ҷамъиятии назорати фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла интихобӣ будани мақомоти асосии давлат (сарвари давлат, парламент), инкишофи худидораи маҳаллӣ давлатро танҳо дар иртибот бо дастгоҳи сиёсии идоракунӣ, чун воситаи ҳукмронӣ таҳлил намудан хилофи воқеият аст.

Давлатро аз нигоҳи хайр (падидаи хуб) ё шар (падидаи бад) низ таҳлил мекунанд. Ин тарзи таҳлили давлат хоси таърихи афкори сиёсиву давлатӣ аст. Як қатор мутафаккирон (Арасту, Сисерон, Аквинат, Монтескйе, Гегел ва диг.) давлатро чун падидаи хайрхоҳона, барои одамон ва ҷомеа манфиатбахш дарк мекарданд. Дар назари онҳо давлат баҳри хайрияти умум хизмат мекунад. Дар заминаи чунин нуқтаи назар назарияи хайрии давлат ташаккул меёбад. Ин назария пеш ва ҳозир пайравони зиёд дорад. Тибқи ин назарияҳо, давлат - падидаи ба ҷомеа муфид аст. Зарурати давлат на дар зӯроварӣ, фурӯнишонӣ, танҳо ҳукмронӣ, балки дар таъмини некӯаҳволии одамон аст[1,235].

Чунин тарзи дарки давлат имрӯз бештар зоҳир мегардад. Чунинчи, тибқи конститутсияҳои имрӯзаи демократӣ, аз ҷумла Конститутсияи Тоҷикистон, давлат - кафили ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аст. Давалати муосир арзиши олӣ будани инсонро эътироф намуда, вазифаи таъмини ҳуқуқу озодиҳояшро ба зимма мегирад. Давлати муосир дар идоракунии соҳаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷомеа (иқтисод, ҳаёти иҷтимоӣ, фарҳанг, сохтмони иншоотҳои баркӣ, роҳҳо, азхудкунии кайҳон ва ғ.), таъмини амнияти ҷомеа ва одамон, тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳуқуқӣ, қонуният саҳми арзанда дорад. Ҳаёти имрӯзаро махсусан дар шароити тезу тунд гаштани проблемаҳои глобалии башар (экологӣ, демографӣ ва ғ.) бе давлат тасаввур нашояд кард.

Дар баробари ин нуқтаи назар, дар таърихи афкори ҷомеа боз як нуқтаи назари дигар оиди давлат маълум аст. Ин нуқтаи назар давлатро чун падидаи шар, манфӣ барои одамон тасаввур мекунад. Онро, тибқи хулосаи муҳаққиқон, бештар анархистон, либералҳо, сотсиалистони пештара (Августин, М. Штирнер, М. Бакунин, Б. Констан ва диг.) тарғиб менамуданд. Ба андешаи Л.С. Мамут, марксистон низ ҷонибдори чунин ақида буданд [5,34]. Муаллиф барои исботи ин ақида аз Ф. Энгелс иқтибоси зайл меорад: «Вақто ки имкони сухан аз хусуси озодӣ пайдо мешавад, давлат чун падида аз амал бозмемонад».

Сабаби ба анархистон, либералҳо, сотсиалистон нисбат додани чунин ақида дар он аст, ки анархистон (М. Штирнер, М. Бакунин ва диг.), тавре маълум аст, муқобили ҳар гуна давлат буданд, давлатро аслиҳаи маҳдуд намудани озодии одамон, зӯроварӣ нисбати онҳо медонистанд.

Либералҳо тарафдори маҳдуд намудани фаъолияти давлат буданд. Ин маҳдудкуниро роҳи асосии таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳисоб мекарданд. Маълум аст, ки дар дохили либерализм назарияи «давлати посбони шабона» пайдо шуда буд, ки инкишофи ҳаёти хусусиро бе дахолати давлат ҳимоя менамуд. Аммо чунин масъалагузорӣ ба ақидаи маҳдудсозии фаъолияти давлат ва оқибат дарки давлат ба сифати падидаи нолозим оварда расонид.

Сотсиалистон, алахусус марксистон давлатро чун «олоти», «машинаи» зӯроварии синфӣ (диктатура) дарк намуданд. Чунин андешаронӣ низ давлатро дар назари одамон чун падидаи манфӣ арзёбӣ мекунад.

Ҳамин тариқ, дар таърих ду назария оиди давлат ташаккул ёфт: 1) назарияи хайрхоҳона, ки давлатро чун падидаи ба одамон ва ҷомеа муфид ва зарур, воситаи беҳдоши ҳаёти инсонӣ, таъмини зиндагии хуб ва хушбахтии одамон, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ дарк мекунад ва 2) назарияи дарки манфии давлат, ки онро ба сифати танҳо воситаи фурӯнишонии одамон, «машинаи» зӯроварӣ ва ҳукмронии синфӣ, маҳдуд намудани озодии одамон, ғулом гардонидани одамон мешиносад.

Назарияи хайрхоҳона мусбӣ буда, аҳамият ва арзиши давлатро баланд мебардорад. Тибқи ин назария, давлат - падидаи барои ҷомеа ва одамон зарур, ҳатмӣ ва муфид аст.

Назарияи дарки манфӣ бошад, давлатро чун падидаи барои одамон зараровар, воситаи маҳдуд гаштани озодии одамон, ба асорати давлатӣ гирифтор гаштани онҳо арзёбӣ мекунад. Айни замон байни ҷонибдорони ин назария фикри ягона нест. Чунончи, либералҳо тарафдори маҳдуд намудани фаъолияти давлатанд, сосиалистҳо, алалхусус марксистҳо ақидаи муваққатӣ будани давлат ва аз байн рафтани онро дар ҷомеаи бесинф тарғиб мекунанд, анархистон дар давлат як падидаи зиёноварро дида, тарафдори умуман барҳам додани давлатанд. Ҳамзамон аз сотсиалистҳо ҷонибдорони равияи сотсиал-демократиро бояд фарқ намуд. Сотсиал-демократҳои муосир аз вазифаҳои иҷтимоии давлат пуштибонӣ мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Венгеров А.Б. Теория государства и права. Москва 2006. 600с.
2. Гроций Гуго. О праве войны и мира. М., 1956. С. 74.
3. Локк Дж. Соч. в 3-х томах. Т.3. М., 1988. С. 338.
4. Малько А.В. Теория государства и права. Саратов 2003. 456с
5. Мамут Л.С. Государство в ценностном измерении. М., 1998. С. 26.
6. Маркс К., Энгельс Ф. Избранные произведения. М. 1979. Т. 2. С. 109.
7. Марченко М.Н. Теория государства и права.– Москва, 2000.– С.134
8. Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ. Душанбе, 2010. 482с.
9. Томас Гоббс. Соч. в 2-х томах. Т. 2. М., 1992. С. 133.
10. Шарофзода Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. – Душанбе, 2025.- С.165
11. Шарофзода Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ.– Душанбе, 2023.-С.116

ЗАМИНАҲОИ ТАШАККУЛИ НАЗАРИЯҲОИ «ДАВЛАТИ ҶАҲОНӢ» ДАР ИРТИБОТ БО ИНКИШОФИ НУҚТАҲОИ НАЗАР ОИД БА ДАВЛАТ ДАР ҒАРБ

Дар раванди омӯзиши давлат ва дар робита бо инкишофи донишҳои инсонӣ рочеъ ба давлат тасаввуроти одамон оиди давлат мутаносибан тағйир меёбад, тобора васеътар ва комилтар мегардад. Дар рафти омӯзиши давлат як мафҳуми муайян оиди давлат пайдо мешавад. Мафҳуми давлат натиҷаи инкишофи донишҳои инсонӣ аст. Дар иртибот бо васеътар гаштани донишҳои инсонӣ оиди моҳияти давлат мафҳуми давлат низ тағйир меёбад. Аз ин ҷост, ки мафҳумҳои давлат бо пешрафти давлат такмил меёбанд. Омӯзиши давлат - ин гузашти батадриҷ аз донишҳои соддатар ба донишҳои мукаммалтар, аз мафҳумҳои оддӣ ба мураккаб аст. Ҳар замона мафҳуми алоҳидаи давлатро пешкаш намудааст. Давлатро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ҳар хел мефаҳмиданд.

Калидвожаҳо: давлат, ҳуқуқ, давлати иҷтимоӣ, давлати хайрхоҳ, донишҳои инсонӣ, ҳокимияти давлатӣ.

ФОРМИРОВАНИЕ ТЕОРИЙ «ГОСУДАРСТВА ВСЕОБЩЕГО БЛАГОСОСТОЯНИЯ» В СВЯЗИ С РАЗВИТИЕМ ВЗГЛЯДОВ НА ГОСУДАРСТВО НА ЗАПАДЕ

В процессе изучения государства и в связи с развитием человеческих знаний о государстве представления людей о нём соответственно изменялись, становились всё более широкими и совершенными. В ходе изучения государства формируется определённое понятие о государстве. Понятие государства является результатом развития человеческих знаний. В связи с расширением человеческих знаний о сущности государства изменяется и само понятие государства. Именно поэтому представления о государстве совершенствуются вместе с развитием самого государства. Изучение государства - это постепенный переход от более простых знаний к более совершенным, от простых понятий к более сложным. Каждая эпоха выдвигала собственное понимание государства. На различных исторических этапах государство понималось по-разному.

Ключевые слова: государство, право, социальное государство, государство благосостояния, человеческие знания, государственная власть.

FORMATION OF THE THEORIES OF THE “WELFARE STATE” IN CONNECTION WITH THE DEVELOPMENT OF VIEWS ON THE STATE IN THE WEST

In the process of studying the state and in connection with the development of human knowledge about the state, people's perceptions of it have accordingly changed, becoming broader and more comprehensive. In the course of studying the state, a certain concept of the state is formed. The concept of the state is the result of the development of human knowledge. As human knowledge about the essence of the state expands, the concept of the state itself also changes. Therefore, ideas about the state improve together with the development of the state itself. The study of the state is a gradual transition from simpler knowledge to more advanced knowledge, from simple concepts to more complex ones. Each era has put forward its own understanding of the state. At different historical stages, the state was understood in different ways.

Keywords: state, law, social state, welfare state, human knowledge, state power.

Маълумот дар бораи муаллиф: Эмомализода Комрон – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға**:734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторе: **Эмомализода Комрон** – Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса кафедры теории и истории государства и права юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the author: Emomalizoda Komron – Tajik National University, 2nd year master's student, Department of Theory and History of State and Law, Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Avenue Rudaki,17.

ВАЗИФАҲОИ ҚОНУНИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Юсупов Қ. Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари муайян намудани вазифаҳо ва функсияҳо ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамзамон бартарии муҳофизати ҳуқуқи ҷиноятии муносибатҳои ҷамъиятиро пешбинӣ намудааст. Табақаҳои асосии ҷамъиятии бо арзишҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифзшаванда ба тартиби зайл ифода мегарданд: шахсият – ҷомеа – давлат. Дар мадди аввал муҳофизат намудани шахсият аз Конститутсияи амалкунандаи давлат сарчашма гирифта, бо анъанаҳои демократии давлатҳои мутараққӣ мувофиқат мекунад. Беҳуда нест, ки қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ маҳз аз фасли «Ҷиноятҳо ба муқобили шахсият» оғоз мегардад. Дар ин асно, агар аз нуқтаи назари сарчашмаҳо диҳем, пас моро мебояд, ки мафҳуми “функсия”-ро ҳам аз лиҳози луғавӣ ва ҳам аз лиҳози соҳавӣ васеътар таҳлил намоем.

Истилоҳи "Функсия" (аз калимаи лотинии functio - иҷро, иҷроиш, вазифаи хизматӣ) маънои гуногун дорад. Аввалан, функсия робитаи мутақобилаи кидорро ифода карда, “зуҳуроте мебошад, ки аз зуҳуроти дигар вобаста буда, бо тағйир ёфтани дигар зуҳурот худ низ тағйир меёбад”. Дар илми математика зери мафҳуми функсия бузурги тағйирёбанда фаҳмида мешавад, ки бо тағйир ёфтани бузургии дигар тағйир меёбад. Сониян, функсия иҷрои кореро мефаҳмонад, ки аз ҷониби дилхоҳ узв дар дохили ҷисми биологӣ анҷом дода мешавад ва ё дар дохили ташкилоте. Дар ин маъно калимаи “функсия” метавонад ба сифати “уҳдадорӣ” ва “кор” истифода бурда шавад. Сеюм, калимаи “функсия” маънои мазмун, таъин кардан, нақши чизе ё кадом қисмро, ки ба таркиби чизи мураккабтар дохил мешавад, ифода мекунад.[9:7:4]

Дар луғати энсиклопедии фалсафӣ функсия ҳамчун муносибати ду ва ё гурӯҳи объектҳо тавсиф шуда, тағйирёбии яке аз онҳо боиси тағйирёбии дигар объект мегардад. Функсия метавонад аз нуқтаи назари оқибатҳо фаҳмида шавад, ки дар натиҷаи тағйирёбии як бузургӣ дар бузургиҳои объекти дигар пайдо гардида, дар шакли мафҳуми “функсионалӣ” ифода мегардад.[10]

Аввалин маротиба мафҳуми илмиро ба истилоҳи «функсия» Готлоб Лейбниц додааст, ки баъд аз он бо паҳншавии он дар соҳаҳои гуногуни илми методҳои тадқиқотии функсионалӣ мафҳуми функсия ба яке аз категорияҳои илмии фундаменталӣ ва универсалӣ гардид.

Дар сотсиологияи муосир, ки дар маънои васеъ ҳамчун комплекси илмҳои мухталиф дар бораи ҷамъият ва фаъолияти зерсистемаҳову институтҳои он дар асоси тадқиқоти низоми зуҳуроти ҷамъиятӣ фаҳмида мешавад, мафҳуми функсия бештар маънои нақши ҷамъиятиро инъикос менамояд. Яъне функсия ба маънои нақше мебошад, ки институти муайяни ҷамъиятӣ нисбат ба талаботи низоми ҷамъиятии сатҳи баландтари ташкилӣ ё манфиатҳои аз гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва фардии он таркибёфта иҷро мекунад.[10]

Дар рафти тадқиқот ба энсиклопедияи сотсиологии Россия муроҷиат намуда, чунин мафҳуми функсияро дусор шудан мумкин аст:

1. Усули устувори робитаи фаъолонаи мутақобилаи ҳолатҳое, ки дар он тағйироти як объектҳо ба тағйирёбии дигар оварда мерасонад.

2. Дар сотсиология:

а) нақше, ки дар маҷмуъ аз ҷониби субъекти муайяни низоми иҷтимоӣ дар ташкилоти он иҷро гардида, мақсад ва манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва синфҳоро амалӣ мегардонад;

б) тобеияти байни равандҳои гуногуни иҷтимоӣ, ки дар вобастагии функсионалии тағйирёбӣ ифода шудааст;

в) ҳаракати стандартии иҷтимоӣ, ки бо меъёрҳои муайян танзим ва аз ҷониби институтҳои иҷтимоӣ идора карда мешавад.[8]

Таҳлилҳои дар боло зикршударо ҷамъбаст намуда, чунин ҷанбаҳои асосии мафҳуми «функсия»-ро номбар карда мешавад.

Якум, одатан истифода намудани ин мафҳумро дар таҳлили илмии ин ё он зуҳурот маънои эътироф кардани принсипҳои асосии муносибати сохторӣ-функционалӣ мегирад, ки дар зуҳуроти мазкур ҳамчун ҷудогона ва доимӣ баррасӣ нагардида, балки аз нуқтаи назари пайвастшавии динамикии он дар як навъ низоми зуҳуротҳо, ки дар он функсия ба монанди унсури муҳими пурраи ин низом дониста мешавад.

Дуюм, мафҳуми «функсия» мавҷудияти ғайрифаъоли зуҳуроти мазкурро ифода накарда, балки амали фаъолро дар иҷрои ин ё он вазифа дар низом дар бар мегирад.

Сеюм, мафҳуми "функсия" вобастагиро байни ҳолати зуҳуроти мазкур ҳамчун унсури низом ва аз як тараф ҳолати дигар унсурҳои онро, аз тарафи дигар ҳолати низомро дар умум ифода мекунад. Ҳамин тариқ, мафҳуми "функсия" илова бар ҷабҳаҳои дигар, инчунин хусусияти муҳиммиятро доро мебошад.

Чорум, фнксия баъзе мунтазам ва такроршавандагии муносибатҳои мутақобилаи бавуҷудомада ё кори иҷрошудаистодаро ифода мекунад. Функсияро ҳамчун ҳаракат, раванд ё рӯйдод, ки як маротиба иҷро шудааст ё дигар такрор нашудааст. Дар ин маъно функсия дар худ баъзе хусусиятҳоро ифода мекунад, ки зуҳуротеро тасвир карда, он одатан доимӣ такрор меёбад.

Дар партави фикрҳои умуминазариявии зикргардида метавон ба муайянсозии табиати функсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ гузашт.

Аз рӯи усули муайянсозии умумиилмӣ ва умумизабонии функсия алоқамандии зичи байни функсияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва вазифаҳои он ошкор мегардад. Аллакай аз рӯи таркиби этимологӣ (қисме аз забоншиносӣ) калимаи "функсия" ба мафҳумҳои "кор", "иҷро" ва вазифа алоқаманд аст, ки дар ин ҷо "вазифа" маънои "чизе, ки иҷроишро талаб мекунад" ифода менамояд/[9:7;4]

Ин гуна таҳлил ба мо имконият медиҳад, ки ба сарчашмаи ҳуқуқи ҷиноятӣ муроҷиат намоем, аммо ба ин нигоҳ накарда, ки он функсияҳои ҳуқуқи ҷиноятиро муайян намекунад, вале таркиби вазифаҳои ҳуқуқи ҷиноятиро дар давраи инкишофи имрӯза пешбинӣ менамояд.

Дар қисми 1 моддаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузор мазмуни вазифаҳои Кодекси мазкурро аллакай муайян кардааст. Тибқи он вазифаҳои Кодекси ҷиноятӣ аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ, муҳити зист, тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ, моликият, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таҷовузи ҷиноятӣ, таъмини сулҳ ва амнияти башарият, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, инчунин пешгирии ҷиноятҳо иборат аст.[1:3]

Ҳамин тариқ, ду усули дар боло зикргардида ба якдигар мухолифат намекунанд ва мутобиқанд, зеро ҳар ду усули муайянсозии умумиилмӣ ва умумизабонӣ қонунгузории ҷиноятиро ҳамчун асоси ҳуқуқи ҷиноятӣ эътироф мекунанд.

Ин хулоса ҳамчунин муайянсозии ҳуқуқи ҷиноятиро, ки аз ҷониби А.В.Наумов пешниҳод гардидааст тасдиқ мекунад, аз ҷумла: «Ҳуқуқи ҷиноятӣ ин соҳаи ҳуқуқе мебошад, ки меъёрҳои ҳуқуқиро муттаҳид менамояд, дар навбати худ онҳо муқаррар мекунанд, ки кадом амалҳо ҷиноят ва кадомашон ҷазо мебошанд, инчунин дигар меъёрҳои таъсиррасонии ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, ки нисбат ба шахсони содиркардаи онҳо татбиқ мегардад, асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод кардан ва ҷазо.[6]

Чуноне, ки маълум аст, муаллиф ҳуқуқи ҷиноятиро ҳамчун соҳаи ҳуқуқ муайян намуда, дар як вақт тамоми меъёрҳоеро, ки қонунгузории ҷиноятиро тартиб медиҳанд, ба он ҳамроҳ месозад.

Дар ин асно консепсияи таносуби ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ, ки дар тадқиқоти Р.И. Михеев "Функсияҳои ва вазифаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар асри XXI" оварда шудааст, хеле ҷалбкунанда мебошад. Муаллиф мафҳуми "вазифаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ"-ро ҳамчун мазмуни умумӣ дар муносибат ба мафҳуми "вазифаҳои қонунгузории ҷиноятӣ" баррасӣ намудааст. Ҳамзамон Р.И. Михеев эътироф мекунад, ки агар муайянсозии вазифаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар сатҳи фаҳмиши ҷамъиятӣ ба амал ояд, пас ташаккули онҳо, барасмиятдарорӣ ва татбиқнамоии амалии онҳо дар сатҳи сохторҳои дахлдори давлатӣ

(сатҳи қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ) татбиқ карда мешавад. Хулосаи он бошад, дар шакли вазифаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ дар раванди меъёрэҷодкунӣ аниқ мегарданд, вале ҳамчун вазифаҳои қонунгузории ҷиноятӣ дар қонунгузории соҳа пешбинӣ карда мешаванд.[5

Чуноне, ки моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳо ва функсияҳои қонунгузории ҷиноятиро пешбинӣ намудааст, чунин бармеояд, ки дар назди ҳуқуқи ҷиноятӣ асосан се вазифа меистад: муҳофизаткунанда, тарбиякунанда ва пешгирикунанда.

Дар баробари ин, аз муқаррароти қисми зикршуда чунин бармеояд, ки қонунгузор вазифаи муҳофизаткунандагии ҳуқуқи ҷиноятиро, ки вазифаи асосӣ ба шумор меравад, дар мавриди аввал гузоштааст. Аз рӯи моҳияти худ ин вазифаи ҳуқуқи ҷиноятӣ анъанавӣ буда, амали вай хеле кам ба назар расида, он аз сохти сиёсии давлат, асосҳои иқтисодӣ ва идеологӣ вобаста мебошад. Ҳуқуқи ҷиноятӣ дар маҷмӯъ барои он амал дорад, ки бо воситаҳои махсусаш муҳофизати муносибатҳои ҷамъиятиро аз таҷовузҳои ҷинояткорона таъмин намояд.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ мутобиқан бо м. 12 Конститутсия муҳофизати тамоми шаклҳои моликиятро кафолат медиҳад.[2] Кодекси ҷиноятӣ бошад, ба шумори объектҳои муҳими ҳифзшаванда тартибот ва амнияти ҷамъиятиро низ муайян кард. Чунин объектҳои номбурда таъминкунандаи бехатарии шароити ҳаётан муҳими фаъолияти одамон, фаъолияти мӯътадили функсионалии институтҳои ҷомеа ва давлат мебошанд. Ҳамчунин ба сифати объекти ҳифозати ҳуқуқи ҷиноятӣ сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр шудааст, ки асосҳои он дар Конститутсияи ҶТ муайян гардидааст. Билохира, аввалин маротиба дар таҷрибаи қонунгузорӣ вазифаи нави ҳуқуқи ҷиноятӣ таъмини сулҳ ва амнияти башарият низ ифода ёфтааст.[1]

Чӣ хеле, ки қаблан зикр карда шуд, қонунгузор дар баробари муқаррар намудани вазифаи муҳофизатии ҳуқуқи ҷиноятӣ, инчунин воситаҳои ҳалли онҳоро низ пешбинӣ менамояд, ба монанди:

1) муқаррар намудани асос ва принсипҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ;

2) муайян кардани доираи кирдорҳои ҷиноят эълоншуда ё ба ибораи дигар- ҳадди криминализатсияи кирдор;

3) муқаррар намудани ҷазои ҷиноятӣ ва чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ барои онҳо, яъне персонализатсия (фардикунонии) ҷиноят ва чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ.

Муайян намудани муқаррарот дар бораи қонуни ҷиноятӣ, асосҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ ва принсипҳои он, мафҳуми ҷиноят ва категорияи он, мафҳуми ҷазо, мақсад ва намудҳои он, фардикунонии ҷазо ва озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо дар Қисми умумии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешбини гардидаанд. Криминализатсияи кирдор дар намуди муайян кардани ҷинояти мушаххас бо меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ба амал бароварда мешавад. Ҳамин қисм инчунин намуд ва ҳадди ҷазоро барои ҷиноят муайян менамояд.

Масъалаи криминализатсияи кирдор ба шумори мушкилоти мураккаби сиёсат мансуб аст. Масъалаи мазкур бахусус ба ҷиноятҳои начандон вазнин, ки бештар дар марзи қонуншиканиҳои маъмурӣ, интизомӣ ва граждани қарор дошта, чун қоида, тавсифи оммавӣ пайдо кардаанд, дахл дорад.

Манъкунии ҳуқуқи ҷиноятӣ бояд ба вазъи иҷтимоӣ ва криминологӣ вобастагӣ дошта, бо меъёрҳои ҳуқуқӣ асоснок карда шаванд, то ин ки қонун дуруст фаъолият намуда, дар мубориза бо кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок самаранок бошад.

Дуруст персонализатсия кардани ҷиноятро, пеш аз ҳама, бо таносуби намуд ва андозаи ҷазо, бо хусусият ва дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии ҷиноят муайян намудан мумкин аст. Масалан, мусодираи амвол ҳамчун ҷазо барои ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнини ғаразнок, босамар ва одилона буда, маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти муайян барои ҷиноятҳои хизматӣ мебошад. Вазнинии ҷиноят, дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии он, шахсияти гунаҳкор бевосита ба намуд ва андозаи ҷазо таъсир мерасонад. Ҷазо ҳамеша бояд ба талаботи адолатнокӣ, башардӯстӣ, ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳкорӣ ҷавобгӯ бошад.

Тарбияи шаҳрвандон аввалин маротиба ҳамчун вазифаи мустақили ҳуқуқи ҷиноятӣ дар КҶ ҶТ ифода ёфтааст.

Ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун омили муҳим бо истифодаи меъёрҳои худ таъмини тарбияи шаҳрвандонро дар рӯҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ, бе майлон иҷро кардани қонунҳо ва қоидаҳои зисти умум танзим мекунад. Ҳуқуқи ҷиноятӣ на танҳо барои таъсир расонидан ба зуҳуроти манфии ҷомеа таъин шудааст, балки барои ишғол намудани ҷои асосӣ дар тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва ташаккули башардӯстӣ дар ниҳоди ҳар фарди ҷомеа даъват шудааст. Ҳаминро бояд зикр кард, ки вазифаи тарбиявиро ҳам ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳам қонунгузории ҷиноятӣ, тамоми институтҳо ва меъёрҳои он ба уҳда доранд. Амалӣ гардидани вазифаи мазкурро мумкин аст шартан бо ду марҳила ҷудо кард.

Марҳилаи аввал бо қабули меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оғоз мешавад. Қонуни ҷиноятӣ ифодаи иродаи халқ аст. Аз ин рӯ, худи ҷараёни қабули меъёрии ҳуқуқи ҷиноятӣ дар шакли Кодекс, ки аз тарафи мақоми олии қонунгузор (Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) қабул шудааст, имконият медиҳад, ки ин иродаи халқ дар амал татбиқ гардад.

Марҳилаи дуюми вазифаи тарбиявии ҳуқуқи ҷиноятӣ баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани қонуни қабулшуда бо роҳи риоя намудани принсипи ногузирии ҷавобгарии ҷиноятӣ ва одилона татбиқ намудани он нисбати шахси ҷиноят содирнамуда амалӣ мегардад.

Қонунгузории ҷиноятӣ дар баробари вазифаҳои муҳофизатию тарбиявӣ вазифаи пешгириро низ муқаррар намудааст. Ба ҳисоби вазифаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ аввалин маротиба пешгирии ҷиноятҳо дохил карда шудааст, ҳол он ки чунин вазифа ҳамеша ба ҳуқуқи ҷиноятӣ дахл дошт. Нақши пешгирикунандаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, пеш аз ҳама, ба воситаи таъсири психологӣ ба тафаккури шаҳрвандон бо роҳи тарсонидан ва боваркунонии онҳо ба амал бароварда мешавад. Мазмуни чунин таъсиррасонӣ яксон набуда, аз гуногунии муносибатҳои одамон ба кирдоре, ки ҳуқуқи ҷиноятӣ онро манъ кардааст, вобастагӣ дорад.

АДАБИЁТ

1. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 21 майи соли 1998 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, №7-9, мод. 586
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. Душанбе: «Нашриёти Ганҷ», 2016.
3. Қонунҳои ҶТ аз 02.01.2018 с., №1472; аз 02.01.2018 с., №1473).
4. Лопатин В.В., Лопатина Л.Е. Русский толковый словарь. - М.:Рус.яз., 1997. - С. 764 ва ғайра.
5. Михеев Р.И. Функции и задачи права в XXI столетии. - Хабаровск: Дальневосточный ин-т законодательства и правоведения, 2001. С. 24-26
6. Наумов А.В. Российское уголовное право. Общая часть: Курс лекций. 2-е издание, переработанное и дополненное. - М., 2000. - С. 13.
7. Ожегов С.И. Словарь русского языка. Изд. 18, стереотипное / Под ред. Н.Ю.Шведовой. - М.: «Русский язык», 1986. - С. 746
8. Российская социологическая энциклопедия. - М.: «Норма», 1999. - С. 603.
9. Толковый словарь русского языка: в 4 тт. / Сост. В.В.Виноградов, Г.О.Винокур и др. Под ред. Д.Н.Ушакова. Т.4. - М.: Русские словари, 1994. Ст. 1124
10. Философский энциклопедический словарь. - М.: «Советская энциклопедия», 1983. - С. 751.

ВАЗИФАҲОИ ҚОНУНИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур вазифҳои қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардидааст. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари муайян намудани вазифаҳо ва функсияҳо ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамзамон бартарии муҳофизати ҳуқуқи ҷиноятии муносибатҳои ҷамъиятиро пешбинӣ намудааст. Табақаҳои асосии ҷамъиятии бо арзишҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳифзшаванда ба тартиби зайл ифода мегарданд: шахсият – ҷомеа – давлат. Дар мадди аввал муҳофизат намудани шахсият аз Конститутсияи амалкунандаи давлат сарчашма гирифта, бо анъанаҳои демократии давлатҳои мутараққӣ мувофиқат мекунад. Дар асоси омӯзиши адабиётҳои илмӣ, ки ба масоили таққиқшаванда бахшида шудааст, инчунин вазифҳои қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф ба хулосае омадааст, ки ҳангоми қабули Қонуни нави ҷиноятӣ мушкилотро ба вуҷуд меовард, ки метавонад дар амалигардонии Кодекси нави ҷиноятӣ мушкилотро ба бор оварад.

Калидвожаҳо: вазифаҳои қонуни ҷиноятӣ, ҷиноят, ҷавобгарии ҷиноятӣ.

ЗАДАЧИ УГОЛОВНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье анализируются задачи уголовного законодательства Республики Таджикистан. Уголовный кодекс Республики Таджикистан, наряду с определением задач и функций уголовного права, одновременно предусматривает приоритет уголовно-правовой защиты общественных отношений. Основные социальные слои, защищаемые ценностями уголовного права, выражаются в следующем порядке: личность – общество – государство. Прежде всего, защита личности вытекает из действующей Конституции государства

и соответствует демократическим традициям развитых стран. На основе изучения научной литературы, посвящённой исследуемым вопросам, а также анализа задач уголовного законодательства Республики Таджикистан, автор приходит к выводу о том, что при принятии нового уголовного закона возникли определённые проблемы, которые могут создать трудности в процессе реализации нового Уголовного кодекса.

Ключевые слова: задачи уголовного законодательства, преступление, уголовная ответственность.

TASKS OF THE CRIMINAL LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article analyzes the tasks of the criminal legislation of the Republic of Tajikistan. The Criminal Code of the Republic of Tajikistan, while defining the objectives and functions of criminal law, also prioritizes the criminal-legal protection of social relations. The main social strata protected by criminal law are expressed in the following order: individual, society, and state. First and foremost, the protection of the individual derives from the current Constitution of the state and is consistent with the democratic traditions of developed countries.Based on the study of scientific literature devoted to the issues under consideration, as well as the analysis of the tasks of the criminal legislation of the Republic of Tajikistan, the author concludes that certain problems arose during the adoption of the new criminal law, which may create difficulties in the implementation of the new Criminal Code.

Keywords: tasks of criminal legislation, crime, criminal liability.

Маълумот дар бораи муаллиф: Юсупов Қаюмҷон Шуҳратҷонович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси якуми кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17.

Сведения об авторе: Юсупов Каюмджон Шухратджонович - Таджикский национальный университет, магистр 1-го курса кафедры уголовного права и борьбы с коррупцией юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17

Information about the author: Yusupov Kayumjon Shukhratdzhonovich – Tajik National University, 1st year Master of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption of the Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

MECHANISMS OF COOPERATION FOR COMBATING ILLICIT DRUG TRAFFICKING BETWEEN CHINA AND TAJIKISTAN

Akobirzoda A. D., Li Shuo.
College of Law, Chengdu University of Technology, Chengdu, China

Introduction. The last 10 years' illicit drug trafficking remains a serious transnational problem and creates significant challenges for national and regional security. This problem is particularly important for Central Asia because of the region's geographical proximity to Afghanistan. [1] Tajikistan shares difficult to control border with Afghanistan and is therefore exposed to drug trafficking routes originating from the country. China also faces challenges related to transnational drug trafficking and has developed legal and institutional system to prevent and punish drug related offences. For both countries, cooperation with neighboring states and other regional partners is therefore an important part of their anti-drug policies.

While cooperation between China and Tajikistan has developed in recent years, an important question is that: What legal and institutional mechanisms govern cooperation between the two countries in combating illicit drug trafficking, and what challenges affect their effectiveness? This question is important because practical cooperation between law-enforcement agencies requires a clear legal basis. They require appropriate national legislation, bilateral agreements, international obligations, and institutional mechanisms.

интернет пахш мешавад, моҳҳо ва солҳо боқӣ мемонад ва аз ҷониби истифодабарандагон мудом бознашр мегардад. Ҳамзамон, аз нуқтаи назари имкониятҳои муносиби ҷалби бештари таваҷҷуҳи одамон ва сарф намудани маблағ барои таблиғоту ташвиқот, интернет воситаи нисбатан қулай ва бисёр муфид ба ҳисоб меравад. Чунин хусусияти интернетмақом ва нақши онро дар татбиқи механизмҳои самаранок ва таъсирбахши технологияҳои сиёсат боз ҳам меафзояд. Воситаҳои ахбори оммаи анъанавӣ дар аксар маврид ба сифати монологи иттилоотӣ фаъолият мекунанд ва иттилооти аз ҷониби онҳо паҳншаванда фақат хосияти таъсиргузорӣ ба аудиторяи муайянро дорост. Ин дар ҳолест, ки дар низоми муосири идоракунии давлат ба муносибатҳои мутақобилаи субъектони ҷомеа, ки тариқи воситаҳои интернетию коммуникатсионӣ ба вуқӯъ мепайвандад, таваҷҷуҳи асосӣ равона карда мешавад. Технологияи компютерӣ дар ин самт унсурҳои навро ба коммуникатсияи сиёсӣ ҳамроҳ намуд. Аз он ҷумла, ҳар як истифодабарандаи он метавонад, ки дар як вақт ҳам ба сифтаи гирандаи иттилоот ва ҳам ба ҳайси фиристонанда ва ё манбаи иттилоот баромад кунад. Дар фазои иттилоотию коммуникатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол ҷойгоҳ ва аҳамияти интернет афзоиш меёбад.

Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон мавриди истифода қарор дода мешаванд. Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ рӯз аз рӯз ба дастгоҳи муҳимтарини баланд бардоштани сатҳи рушди иқтисодӣ, технологӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсоният табдил меёбанд. Зиёда аз ин, ба унсури сиёсатгузорӣ ва инкишофи раванди идоракунии давлатӣ табдил ёфтани интернет дар фазои коммуникатсияи сиёсӣ дигаргуниҳои ҷиддиро ба вуҷуд овард. Таҳаввулоте, ки солҳои охир дар идоракунии давлатӣ ба вуҷуд омаданд, дар бештари мавридҳо ба воридшавӣ ва мавриди истифодаи хизматӣ қарор гирифтани технологияи интернет вобастагии амиқ доранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 20 ноябри соли 2018 барномаи нави давлатии рушд ва амалисозии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 – 2020 ба тасвиб расонд, ки он асосан барои таҳкими саводи компютерии ходимони давлатию аҳолӣ ва ҳузури бештари давлату тиҷорат дар интернет равона шудааст» [9]. Дар барномаи мазкур таъкид шудааст, ки барои ташаккули босамари ҷомеаи электронӣ дар Тоҷикистон як қатор монеаҳои боздоранда мавҷуданд, ки бояд бартараф шаванд. Аз ҷумла, зарур хонда мешавад, ки ҳузури давлат, бахши соҳибкорӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ дар шабакаи интернет густариш ёбад. Тибқи ин барномаи давлатӣ ташкили инфрасохтор барои хадамоти давлатии электронӣ ба аҳолӣ бо истифодаи имзои рақамӣ дар кишвар бояд вусъат дода шавад.

Хулоса, таҳлили захираҳои интернетию коммуникатсионӣ нишон медиҳанд, ки интернет барои муттаҳид сохтан ва таъсисёбии гурӯҳҳои фаъоли сиёсӣ аз ҳисоби шаҳрвандон, ташкили баҳсу мунозираҳои сиёсӣ атрофи масъалаҳои муҳимми рӯз ва таъсир расонидан ба равандҳои сиёсӣ нақши асосӣ дорад. Интернет дар ташаккули афкори шарвандон, фаъолияти сиёсӣ, қударти дарки сиёсат ва кӯшиши иштирок дар он мусиодат мекунад. Бо шарофати афзалиятҳои зиёди интерактивии интернет ин имконият боз ҳам афзоиш меёбад.

АДАБИЁТ

1. Маркузе, Г. Одномерный человек [Текст] / Г. Маркуза. Эрос и цивилизация. Одномерный человек. -М., АСТ, 2003. – 401 с.
2. Маҳмадов, А.Н. Истиқлолият ва таҳкими давлатдории миллӣ. [Матн] А.Н. Маҳмадов. –Душанбе, 2015. – 183 с.
3. Махмадов, А.Н., Хайдаров, Р.Дж. Влияние процесса глобализации на трансформацию таджикского общества [Текст] / А.Н. Маҳмадов, Р. Дж. Ҳайдаров. Дис.док.фил.наук. – Душабе, 2007. – 122 с.
4. Токвиль Алексис де. Демократия в Америке [Текст] / А. Токвиль. Пер. с франц.; предисл.Гарольда Дж. Ласки. [Текст] – М., Прогресс, 1992. – 554 с.
5. Акопов, Г. Политический спам – новое явление в российском Интернете II Власть [Текст] / Г. Акопов // –М., 2004. №3. – С.55–58.

6. Анохина, Н.В. Влияние средств массовой информации на электоральное поведение: основныеподходы [Текст] / Н.В. Анохина // Вестник Самарского государственного университета. – М., 2000. №1. – С. 26–38.
7. Володенков, С.В. Современная политическая коммуникация как инструмент манипулирования общественным сознанием. [Текст] / С.В. Володенков // Вестн. Моск. Ун–та. Сер. 12. Политические науки. – М., 2012. № 5.– С.95(89–103).
8. Зокиров, Г.Н. Системаи сиёсӣ: масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф. / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2011. – 267 с.
9. Зокиров, Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. [Матн] / Г.Н. Зокиров. Ҷилди II. -Душанбе, 2015. – 536 с.
10. Зокиров, Г.Н. Сиёсатшиносӣ. [Матн] / Г.Н. Зокиров. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ. Нашри сеюми такмилёфта. – Душанбе, 2010. – 520 с.

ТАЪСИРИ ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ БА РАВАНДИ СИЁСИИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОНӢ

Рушд ва тавсеа ёфтани технологияи интернетӣ - коммуникатсионӣ дар солҳои охир технологияи рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи сифатан нав оварда расонида аст. Он пеш аз ҳама, заминаро баҳри бавуҷудоии фазои мустақили виртуалию коммуникатсионие фароҳам овард, ки дорои принсипҳои хоси фаъолият ва неруи фаъоли таъсиррасон ба равандҳои воқеии сиёсӣ мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити муосир бидуни алоқаи мобилӣкомпютер ва дастгоҳи пурзури технологӣ, интернет ва сомонаҳои давлатӣ тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Интернет дар як муддати кӯтоҳ ба яке аз шабкаҳои муошарати байнишахсӣ ва давлат ва ҷомеа табдил ёфта, имконияти васеи дастрасӣ ба иттилооти сиёсиро фароҳам овард.

Калидвожа: комуникатсия, иттилооти сиёсӣ, технологияи рақамӣ, субъекти сиёсӣ, фаъолияти сиёсӣ.

ВЛИЯНИЕ ЦИФРОВЫХ ТЕХНОЛОГИЙ НА ПОЛИТИЧЕСКИЙ ПРОЦЕСС В ТАДЖИКИСТАНСКОМ ОБЩЕСТВЕ

Развитие и расширение интернет-коммуникационных технологий в последние годы вывело цифровые технологии в Республике Таджикистан на качественно новый уровень. Прежде всего, это создало основу для возникновения независимого виртуально-коммуникационного пространства, обладающего собственными принципами функционирования и активным потенциалом воздействия на реальные политические процессы. В современных условиях невозможно представить Республику Таджикистан без мобильной связи, компьютеров, мощного технологического оборудования, интернета и государственных сайтов. За короткий промежуток времени интернет превратился в одну из ключевых сетей межличностного общения, а также взаимодействия между государством и обществом, обеспечив широкий доступ к политической информации.

Ключевые слова: коммуникация, политическая информация, цифровые технологии, политический субъект, политическая деятельность.

THE IMPACT OF DIGITAL TECHNOLOGIES ON THE POLITICAL PROCESS IN TAJIK SOCIETY

The development and expansion of Internet communication technologies in recent years have brought digital technologies in the Republic of Tajikistan to a qualitatively new level. First and foremost, this has laid the foundation for the emergence of an independent virtual and communicative space characterized by its own operational principles and an active potential to influence real political processes. In modern conditions, it is impossible to imagine the Republic of Tajikistan without mobile communications, computers, powerful technological devices, the Internet, and government websites. In a short period, the Internet has transformed into one of the key networks for interpersonal communication and interaction between the state and society, providing broad access to political information.

Keywords: communication, political information, digital technologies, political subject, political activity.

Маълумот дар бораи муаллиф: Икромов Фирдавс - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми ихтисоси сиёсат ва идораи давлатии кафедраи равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистони факултети фалсафа. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: 931618886.

Сведения об авторе: Икромов Фирдавс - Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса специальности «Политика и государственное управление», кафедры политических процессов в Таджикистане, философского факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: 931618886.

Information about the author: Ikromov Firdavs – Tajik National University, 2nd-year Master's student majoring in Politics and State Governance, Department of Political Processes in Tajikistan, Faculty of Philosophy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Avenue Rudaki,17. Phone: 987201819.

ҲУЗУРИ ИҚТИСОДӢ ВА СИЁСИИ ЧИН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ (ТАҲЛИЛИ СОХТОРӢ ВА ФУНКСИОНАЛӢ)

Машрабова Т.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Осиёи Марказӣ бо мавқеи ҷуғрофӣ ва захираҳои фаровони табиӣ яке аз минтақаҳои муҳим дар низоми геополитикии ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Чин, ҳамчун қудрати бузурги иқтисодӣ ва сиёсӣ, дар даҳсолаҳои охир ҳузури худро дар минтақа ба таври назаррас густариш додааст. Ин раванд бо ташаббусҳои калони минтақавӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла лоиҳаи “Як камарбанд - як роҳ”, робитаҳои тиҷоратӣ, сармоягузорӣ ва ҳамкориҳои амниятӣ вобастагӣ дорад.Осиёи Марказӣ таърихан аҳаммияти бузурги иқтисодӣ, геополитикӣ ва мавқеи хуби стратегиро доро буд. Аз қадимулайём минтақа ҳамчун пайвандгари Роҳи бузурги Абрешим ва ҳамзамон тамаддуни Шарқ ва Ғарб буда, маҳз тавассути он дастовардҳои бузурги Чин (борут, қутбнамо, дастгоҳи чопӣ) ба Аврупо роҳ ёфтааст. Инчунин минтақа дар ҷавори тамаддунҳои славянӣ, конфутсия, буддоия ва ҷаҳони ислом қарор дорад. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва касби истиқлолият кардани кишварҳои минтақа, Ҷумҳурии Мардумии Чин фавран оид ба эътирофи онҳо изҳор дошта, алоқаҳои сиёсӣ ва тиҷоратӣ-иқтисодиро бо онҳо оғоз намуд.

Манфиатҳои Чин дар Осиёи Марказӣ пеш аз ҳама иқтисодӣ мебошанд, аммо ин манфиатҳо ба масъалаҳои амниятӣ ва ҳадафҳои геополитикии худи ин кишвар низ дахл доранд. Ҳамчун як ҷузъи Ташаббуси як камарбанд ва роҳ, Осиёи Марказӣ дар сиёсати Чин дар ташкили шабакаи минтақавӣ, ки ҳамгироии иқтисодӣ ва робитаи байни кишварҳоро дар масирҳои “Роҳи нави абрешим” тақвият хоҳад дод, нақши ҳалкунанда дорад. Манфиатҳои иқтисодии Чин дар минтақа пеш аз ҳама ба таъмини дастрасӣ ба манобеъи энержӣ, бунёди зерсохтор ва тавсеаи имконоти тиҷорат ва сармоягузорӣ нигаронида шудааст. Захираҳои фаровони табиии Осиёи Марказӣ, аз қабили нафт, газ ва маъданҳо барои Чин махсусан ҷолибанд. Пекин барои таҳияи тарҳҳои энержӣ дар минтақа сармоягузории зиёд кардааст.

Сиёсати хориҷии Чин дар Осиёи Марказӣ низ бо назардошти мулоҳизаҳои геополитикӣ муайян карда мешавад. Пекин саъй дорад нуфузи дигар қудратҳои бузург, бахусус ИМА ва Русияро дар минтақа мувозинат кунад. Равобити афзояндаи иқтисодии Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ба он имкон додааст, ки вобастагии худро аз Русия ҳамчун як масири транзитӣ барои воридоти неруи барқ коҳиш диҳад ва ба ин васила амнияти энержии худро афзоиш диҳад. Дар ҳамин ҳол, густариши ҳузури Чин дар Осиёи Марказӣ нигарониҳои дигар қудратҳои минтақай, аз ҷумла Русия, Ҳинд ва Эронро низ ба бор овардааст. Чин бузургтарин шарики тиҷоратии Осиёи Марказӣ аст. Ҳаҷми тиҷорат аз 70 миллиард доллар дар соли 2022 ба 94,8 миллиард доллар дар соли 2024 расид, ва то соли 2030 ба 100 миллиард доллар расидани он пешбинӣ мешавад. Чин аз минтақа маҳсулоти кишоварзӣ ва маъданҳо ворид мекунад, дар ҳоле ки асбобҳои барқӣ ва маҳсулоти саноатӣ содир мекунад. Дар сатҳи дуҷониба, Қазоқистон 22 созишнома ба маблағи 22 миллиард доллар, Ӯзбекистон 41 созишнома ба маблағи 25 миллиард доллар ва Тоҷикистон 25 созишнома ба имзо расонданд. Лоиҳаҳои инфрасохторӣ, аз қабили роҳи оҳани Чин – Қирғизистон – Ӯзбекистон, магистрали Чин – Тоҷикистон – Ӯзбекистон, Транскаспийский маршрут ва терминали логистикии Қазоқистон дар Сиан, таҳким ёфтанд. Ин лоиҳаҳо на танҳо ба рушди иқтисодӣ, балки ба таҳкими амнияти минтақавӣ мусоидат мекунанд.(5)
Ҳаҷми воридот ва содироти кишварҳои Осиёи Марказӣ (дар асоси маълумоти охирин)
1.Қазоқистон: Воридот 18,7 миллиард доллари амрикоӣ (30% ҳаҷми умумӣ), содирот 15 миллиард доллари амрикоӣ (16% ҳаҷми умумӣ) ташкил медиҳад.
2.Тоҷикистон: Воридот 3,68 миллиард доллари амрикоӣ (56% аз ҳаҷми умумӣ) ва содирот 250 миллион доллари амрикоӣ (16% аз ҳаҷми умумӣ) ташкил медиҳад.

3.Қирғизистон: Воридот 3,68 миллиард доллари амрикоӣ (29% аз ҳаҷми умумӣ) ва содирот 887 миллион доллари амрикоӣ (26% аз ҳаҷми умумӣ) ташкил медиҳад.
4.Ӯзбекистон: Воридот 12,7 миллиард доллари амрикоӣ (32% аз ҳаҷми умумӣ) ва содирот 1,82 миллиард доллари амрикоӣ (6% аз ҳаҷми умумӣ) ташкил медиҳад.
5.Туркманистон: Воридот 957 миллион доллари амрикоӣ (20% аз ҳаҷми умумӣ) ва содирот 9,63 миллиард доллари амрикоӣ (62% аз ҳаҷми умумӣ) ташкил медиҳад.[5]

Чин ба яке аз шарикони асосии тиҷоратии кишварҳои Осиёи Марказӣ табдил ёфтааст. Ҳаҷми савдо байни Чин ва кишварҳои минтақа сол то сол афзоиш меёбад. Дар доираи ташаббуси “Як камарбанд - як роҳ” Чин дар сохтмони роҳҳо, роҳи оҳан, терминалҳои логистикӣ ва инфрасохтори энергетикӣ сармоягузорӣ мекунад. Ширкатҳои чинӣ дар бахши истихроҷи нафту газ ва сохтмони қубурҳои интиқол фаъолона иштирок мекунанд, ки мисоли он қубури газии Туркманистон - Чин мебошад. Дар солҳои 2000-ум форматҳои минтақавии 5+1, аз қабили “Осиёи Марказӣ ва Ҷопон” (2004), “Ҷумҳурии Корея- Осиёи Марказӣ” (2007) ва “С5+1” бо ИМА (2015) таъсис ёфтанд, ки ба ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат карданд. Чин бо истифода аз барномаи “Як камарбанд – як роҳ” (2013), Газопроводи Туркманистон – Чин ва лоиҳаҳои минтақавии Ҳамкории иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ нақши худро дар Осиёи Марказӣ таҳким бахшид. Мавриди зикр аст, ки дар робита ба стратегияи Чин, Си Ҷинпин аввалин сафари худро ба минтақа ба ҳайси раисиҷумҳури Чин соли 2013 анҷом дода, дар муддати 10 соли охир ҳафт маротиба аз кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дидан намудааст.

Ҷумҳурии Мардумии Чин бо Формати “5+1”дар минтақа ҳузури дарозмуддат ва назарраси иқтисодӣ дорад. Дар тиҷорат Ҷумҳурии Мардумии Чин барои кишварҳои Осиёи Марказӣ муҳимтарини шарики минтақавӣ мебошад. Дар таърихи муносибатҳои байналмилалӣ Формати нави муносибатҳо “5+1” ба вуҷуд омад, ки хусусияти махсуси сиёсиву иқтисодиро пайдо намудааст. Аз ин рӯ, кишварҳои абарқудрат таваҷҷуҳи бештаре ба ин Формат намуда, ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрсамтаро дар соҳаҳои сиёсӣ, дипломатӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, энергетикӣ, саноатӣ ва тағйирёбии иқлим ба роҳ монда пайваста густариш медиҳанд. Нахустин ҳамоиши “Чин – Осиёи Марказӣ” (18–19 майи 2023, Сиан) як рӯйдоди таърихӣ буд, ки аввалин мулоқоти рӯ ба рӯйи сарони давлатҳои формати 5+1-ро дар бар гирифт. Дар ин ҳамоиш президентони Қазоқистон (Касим-Жомарт Токаев), Қирғизистон (Садир Жапаров), Тоҷикистон (Эмомалӣ Раҳмон), Туркманистон (Сердар Бердимухамедов) ва Ӯзбекистон (Шавкат Мирзиёев) таҳти раёсати Си Ҷинпин иштирок карданд. Дар ин ҳамоиш Декларатсияи Сиан қабул шуд, ки заминаи ҳуқуқӣ ва сиёсии ҳамкориҳои минтақавиро мустаҳкам кард. Си Ҷинпин “Пешниҳоди чор нуқта”-ро пешниҳод кард, ки ба таъмини субот, шукуфоии иқтисодӣ, ҳамоҳангии сиёсӣ ва пайвастагии инфрасохторӣ нигаронида шудааст. Ин пешниҳод ба эҳтироми соҳибихтиёрӣ, муқовимат бо дахолати хориҷӣ, мубориза бо “се нерӯи бад” (терроризм, сепаратизм, экстремизм) ва бунёди ҷомеаи сулҳомез асос ёфтааст. Инчунин, Чин 3,7 миллиард доллар қарз ва грант барои рушди минтақа ваъда дод. Сиан ҳамчун оғози таърихии Роҳи Абрешим ва рамзи робитаҳои қадимии минтақа бо Чин буд.(5)

Мулоқоти мазкур бо ибтикори Чин баргузор гардида, ба ҳамкориҳои муштарак дар ҳалли мушкилоте, ки дар натиҷаи пандемия ва рушди иқтисод дар минтақа ба миён омадааст, нигаронида шуда буд. Пекин бо дарназардошти системаҳои нигаҳдории тандурустӣ ва вазъияти пуршиддати иқтисодӣ фурсати муносиб барои афзоиши нуфузи худ дар минтақаи Осиёи Марказӣ медонист. Дар доираи мулоқот роҳбари Чин иброз дошт, ки барои фароҳам овардани “долони сабз”, барои маҳсулоти худ ба Осиёи Марказӣ ва афзоиши хариди маҳсулоти кишоварзӣ аз минтақа омода мебошад.[1.с127]

Вохурии дувуми “5+1” Чин-Осиёи Марказӣ аз сани 16-18 июн дар шаҳри Остонаи Қазоқистон бо иштироки сарони давлатҳо баргузор гардид. Саммити мазкур ба рушди назарраси иқтисодӣ мусоидат намуда, дар ҷараёни Форуми ҳамкориҳои саноатӣ ва сармоягузорӣ миёни Чин ва Осиёи марказӣ 58 созишнома бо маблағи 25 миллиард доллари

амрикоӣ ба имзо расониданд. Созишномаҳои мазкур соҳаҳои технологияҳои сабз, энергетика, кишоварзӣ, инфрасохторро дар бар мегирад. Аз соли 2023 гардиши молу маҳсулот миёни Чин ва Осиёи Марказӣ афзоиш ёфта, дар соли 2024 гардиши молу маҳсулот ба 94,82 миллиард доллари амрикоӣ расид ва танҳо миёни Қазоқистон гардиши молу маҳсулот ба 43,82 миллиард доллари амрикоро дар бар мегирифт, ки натиҷаи баланд мебошад.

17 июни соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар Ҳамоиши дуюми "Осиёи Марказӣ-Чин" иштирок ва суханронӣ намуданд. Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки таҳкими минбаъдаи муколамаи сиёсӣ дар чаҳорчӯби ҳамоиши имрӯза метавонад дар расидан ба тамоми ҳадафҳои созандаи мо дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ нақши муассир гузорад.Таъкид гардид, ки ҳамкории иқтисодӣ, бе шубҳа, яке аз унсурҳои асосии робитаҳои судбахш мебошад."Дар ин самт мо ба татбиқи лоиҳаҳои муштарак, ки ба таҳкими минбаъдаи шарикии бисёрҷанбаи тиҷоративу иқтисодии мо нигаронида шудаанд, аҳамияти хоса медиҳем", изҳор доштанд Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Аз ҷумла рушди энергетикаи "сабз", саноат, коркарди минералҳои муҳим, нақлиёт, васеъ кардани долонҳои транзитию нақлиётӣ ва ҳамлу нақли бор ҳамчунин, рушди кишоварзӣ, аз самтҳои муҳими ҳамкории кишварҳо номида шуд. Дар баробари ин, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи сарони давлатҳои иштирокдори ҳамоишро ба масъалаи рушди пайвасти рақамикунонӣ, аз қабили ҷорӣ намудани моделҳои инноватсионии тиҷорат, аз ҷумла тиҷорати электронӣ ҳамчун омили таконбахши равобити тиҷоративу иқтисодӣ ҷалб намуданд. Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дурнамоҳоеро, ки ба шарофати рушди технологияҳои рақамӣ ва ҷорӣ намудани зеҳни сунъӣ барои иқтисодиёти кишварҳои мо кушода мешаванд, муҳим арзёбӣ намуданд. Гуфта шуд, ки татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар самти рушди минбаъдаи ҳамкории нақлиётию логистикӣ дар минтақа, соддагардонии расмиёти ҳамлу нақли мултимодалии борҳо ва афзоиши ҳаҷми савдои мутақобила низ ба рушди иқтисодии минтақавӣ такони пурқуввате хоҳанд дод. Роҳбари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаббуси таҳияи Барномаҳои рушди кластерҳои саноатӣ (комплексҳо)-ро, ки барои ҷалби сармоя ва технология, ҳавасмандгардонии маҳаллисозии истеҳсолот, шароити иловагӣ фароҳам меорад, ҷонибдорӣ намуданд. Дар ҳамоиш Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, барои пешбурди "Раванди Душанбе оид ба ҳифзи пиряхҳо" ҷиҳати таъмини рушди устувор, ҳамкории минбаъда дар ин соҳа андешаронӣ намуданд. Таъмини амнияти озуқаворӣ, тавсеаи иқтидори содиротии минтақа ва логистикаи таҳвили маҳсулоти кишоварзӣ, ташаккули иқтисоди "сабз" дар минтақа, инчунин, ҳамоҳангсозии меъёрҳои фитосанитарӣ ва байторӣ аз мавзуъҳои муҳими суханронии Роҳбари давлати мо буд. Таҳкими сулҳу суботи пойдор ва зиндагии осоишта дар минтақа ва атрофи онро Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон яке аз ҳадафҳои асосии ҳамкории бисёрҷониба номиданд. Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин омодагӣ ва алоқамандии кишварашро ба рушди ҳамаҷонибаи ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ таъкид намуда, аз ҷумла изҳор доштанд, ки Осиёи Марказӣ яке аз самтҳои афзалияти волои сиёсати хориҷии Чин мебошад. Ӯ, ҳамчунин, изҳор дошт, ки Чин омода аст таҷриба ва технологияҳои худро барои рушди кишварҳои Осиёи Марказӣ дастрас намояд.(2) Илова бар иқтисод, Чин дар арсаи сиёсӣ ва амниятӣ низ фаъолона ҳузур дорад. Он тавассути Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) ҳамкории худро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ мустаҳкам мекунад. Чин ҷонибдори таъмини субот, мубориза бо терроризм, ифротгароӣ ва қочоқи маводи мухаддир мебошад. Ҳамзамон, Пекин мекӯшад нуфузи сиёсии худро тавассути ташаббусҳои дипломатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ тақвият бахшад. Тасодуфӣ нест, ки сарварони давлатҳои Созмони ҳамкории Шанхай дар чаҳорчӯбаи ин созмони фаромиллатақавӣ солҳо боз ин амрро таъкид менамоянд, ки "Осиёи Марказӣ меҳвари СҲШ мебошад".(2)

Чин ҳамкориҳои амниятӣ бо минтақаи Осиёи Марказиро низ густариш додааст. Машқҳои муштараки низомӣ дар ҳоли афзоиш аст, ки умдатан се кишваре, ки Чин бо онҳо марзи муштарак дорад: Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон мегузарад. Якчанд машқҳо дар чаҳорчӯби Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) баргузор шуданд. Ҳамчунин, Чин дар вилояти Бадахшони Кӯҳистонии Тоҷикистон, дар наздикии марз бо Чин ва Афғонистон пойгоҳе таъсис додааст, ки дар он теъдоде аз марказҳои омӯзишӣ ва посгоҳҳои фармондеҳӣ бунёд шудааст. Созишномаи дахлдор дар соли 2016 миёни ҳукуматҳои ду кишвар ба имзо расида буд. Ин иншоот як посгоҳи марзӣ маҳсуб мешавад, ки бо маблағгузории Чин сохта шуда, аз ҷониби воҳидҳои пулиси мусаллаҳи мардумии Чин идора мешавад. Ин посгоҳ ба Чин дар бораи Афғонистон, ки Пекин онро ягона таҳдиди бузурги низомии берунӣ барои Осиёи Марказӣ медонад, маълумот медиҳад ва аз интиқоли террористони афғон ба Чин тавассути Тоҷикистон ҷилавгирӣ мекунад. Афзалиятҳои Чинро ба ҳамкориҳои амниятӣ метавон прагматикӣ номид. Ба ҷуз манфиатҳои иқтисодӣ, Чин ба соҳаҳое таваҷҷуҳ мекунад, ки камбудиҳояшро дарк мекунад ва амали муайяни кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонад ба амнияти он таъсири мусбат расонад. Онхоро ба муборизаи зидди «се бадӣ» алокаманд кардан мумкин аст, гарчанде ки баъзеи онхо, масалан, сепаратизм, тафсири озодро талаб мекунанд. Бо дарназардошти тамоюлҳои кунунӣ метавон ба хулосае омад, ки Чин аз имкони тавсеаи доираи фаъолияташ истифода бурда, аз омилҳое, ба мисли наздикии ҷуғрофӣ, асимметрияи иқтисодӣ ва манобеъи рӯзафзуни қудрат ва нуфузи худ истифода кардааст.(4)

Бо вуҷуди манфиатҳои зиёд, ҳузури Чин бо як қатор мушкилот ва интиқодҳо рӯбарӯ мешавад. Аз ҷумла, хавфи вобастагии аз ҳад зиёди иқтисодӣ аз Чин, нигарониҳо аз қафомондани истеҳсолоти маҳаллӣ, инчунин масъалаҳои қарздорӣ. Ғайр аз ин, баъзе ҷомеаҳо дар кишварҳои минтақа нисбат ба нуфузи афзояндаи Чин эҳсоси нигаронӣ доранд.

Аммо дар ҳолати хушҳолӣ аз саховатмандии Чин кишварҳои Осиёи Марказӣ набояд зиракиро аз даст бидиҳанд. Зеро хатари эҳтимолии фаромӯш кардани консепсияи асосии сиёсати хориҷии худ – “нигоҳ доштани масофаи мутавозин аз марказҳои ҷаҳонии қудрат” ва ба доми абарқудрати дигари нерӯяш афзоянда афтодан вуҷуд дорад. Чин тадриҷан бозигарони асосӣ дар минтақаи Осиёи Марказиро иваз мекунад ва дар ҳамаи самтҳои ҳамкорӣ пешсаф аст. Таъсири афзояндаи Чин ба минтақа на танҳо ба сармоягузориҳои зиёди ин кишвар ва фаъол шудани Пекин дар соҳаи амният вобаста аст, балки нишондоди гардиши молҳо низ онро исбот мекунад. Соли 2024 додугирифти тиҷоратии Чин бо кишварҳои Осиёи Марказӣ нисбат ба соли 2022 тақрибан ду баробар афзуда, ба 70 миллиард доллар расидааст. Нишондиҳандаҳои Русия, ки ба таври анъанавӣ бозигари асосӣ дар минтақа маҳсуб мешавад, хеле камтар аст. Дар як сол гардиши молу колои Русия бо Осиёи Марказӣ 6 миллиард доллар афзуда, ба 42 миллиард доллар расидааст. Тибқи ин нишондодҳо Русия баъд аз Иттиҳоди Аврупо дар зинаи сеюм қарор дорад.(1)

Ҳузури иқтисодӣ ва сиёсии Чин дар Осиёи Марказӣ як падидаи мураккаб аст, ки ҳам имконият ва ҳам мушкилот меорад. Ин раванд метавонад ба рушди иқтисодии кишварҳои минтақа ва рушди инфрасохтор мусоидат кунад, аммо дар баробари он масъалаҳои вобастагӣ ва нуфузи сиёсӣ низ пеш меоянд. Ояндаи муносибатҳо аз қобилияти кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мувозинат байни манфиатҳои миллӣ ва ҳамкориҳо бо Чин вобаста хоҳад буд. Тибқи таҳлилҳои дар боло зикр гардида, Ҷумҳурии Мардумии Чин бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар доираи Формати “5+1” ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрсамтаро дар соҳаҳои иқтисод, тиҷорат, энергетика, саноат, инфрасохтор, тағйирёбии иқлим ва ғайраҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Густариши ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрсамта дар соҳаҳои мазкур яке аз ҳадафҳои асосии Чин дар минтақа мебошад. Бояд қайд намуд, ки Чин тавассути рушди иқтисодӣ дар минтақа манфиатҳои геоиқтисодӣ ва геостратегии худро ба даст оварда, нуфузи худро дар минтақа нигоҳ медорад. Зеро солҳои охир дар минтақаи Осиёи Марказӣ Формати “5+1” бо шиддат нуфуз ёфта, дигар кишварҳои абарқудрат дар доираи формати мазкур ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрсамтаи худро ба роҳ

монда, ҳадафҳои геополитикӣ, геоиқтисодӣ ва геостратегӣ дошта, пайваста ҳамкориҳои худро бо кишварҳои минтақа густариш медиҳанд.

АДАБИЁТ

1. Нишасти сарони кишварҳои Чин ва Осиёи Марказӣ: Пекин аз минтақа чӣ мехоҳад? https://cabar.asia/tg/nishasti-saroni-kishvar-oi-chin-va-osiyoi-markaz-pekin-az-minta-a-ch-meho-ad
2. Сюй Цзюн "Формат сотрудничество С5+1: основные участники, цели и механизмы взаимодействия"// Вестник Томского государственного университета. История. 2024.№89./ https: // cyberleninka. ru/ article / n/format-sotrudnichestva-c5-1-osnovnye-uchastniki-tseli-i-mehanizmy-vzaimodeystviya/viewer саҳ 127 Санаи мурочиат 18.06.2025
3. Пешвои миллат: "Осиёи Марказӣ ба қаламрави ҳамкории мутақобилан судманд табдил меёбад" https://jumhuriyat.tj/1664-peshvoi-millat-osiei-markaz-ba-alamravi-amkorii-mutaobilan-sudmand-tabdil-meebad.html.санаи мурочиат 17.10.2025 с;09:09
4. Последствия для евроатлантического миропорядка https://perconcordiam.com/ru/
5. РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН ВА МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ДОИРАИ ФОРМАТИ "5+1"https://amit.tj/ru/node/3323?page=25
6. https://president.tj/event/news/51208 17.06.2025 18.30
7. ТАҲКИМИ ҲАМКОРИҲОИ МИНТАҚАВИИ "ОСИЁИ МАРКАЗӢ – ЧИН" https://amit.tj/en/node/3273 17.06.2025
8. Россия и Китай: новая геополитическая расстановка сил в Центральной Азии https://nicrus.ru/analytics/rossiya-i-kitay-novaya-geopoliticheskaya-rasstanovka-sil-v-centralnoy-asii/
9. Самиев Х.Д. Стратегияи Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Осиёи Марказӣ дар асри бисту якум: ҳадафҳо ва паёмадҳо. Вестник ТНУ 2018№4 саҳ 69-75
10. Интересы Китая в Центральной Азии. – Бишкек, 2017. - Китай-в-ЦА Ф.pdf – 25 с.
11. Ли Цзин. Сотрудничество РТ и КНР в рамках ШОС (1996-2012 гг.). Автореферат диссертации на соискание уч. степени к.и.н. – Душанбе, 2013. – 25 с.
12. Ван Лин Лин. Приоритеты и основные направления гуманитарного сотрудничества между КНР и РТ на современном этапе. Автореферат диссертации на соискание уч. степени к.и.н. – Душанбе, 2023. – 23 с.

ҲУЗУРИ ИҚТИСОДӢ ВА СИЁСИИ ЧИН ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ (ТАҲЛИЛИ СОХТОРӢ ВА ФУНКСИОНАЛӢ)

Мақола ба таҳлили густариши ҳузури иқтисодӣ ва сиёсӣ Ҷумҳурии Мардумии Чин дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бахшида шудааст. Дар он равандҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии Чин нисбат ба минтақа, аҳаммияти геостратегии Осиёи Марказӣ ва таъсири ташаббуси «Як камарбанд-як роҳ» (Belt and Road Initiative), Формати С5+1 ва СҲШ баррасӣ мешаванд. Муаллиф равобити иқтисодии Чин бо давлатҳои минтақа, аз ҷумла ҳамкорӣ дар соҳаҳои энергетика, нақлиёт, тиҷорат ва сармоягузорӣ, инчунин таъсири афзояндаи Пекин дар масъалаҳои амниятӣ ва сиёсиро мавриди таҳлил қарор медиҳад.Дар асоси таҳлил таъкид мешавад, ки ҳузури афзояндаи Чин дар Осиёи Марказӣ на танҳо омилҳои иқтисодиро, балки манфиатҳои геополитикиро низ дар бар мегирад, ки ба тағйирёбии тавозуни қувваҳо дар минтақа таъсир мерасонад. Мақола бо хулосаҳо дар бораи дурнамои ҳамкории минбаъда ва мушкилоти эҳтимолӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ анҷом меёбад.

Калидвожаҳо: Чин, Осиёи Марказӣ, ҳамкории иқтисодӣ, сиёсати хориҷӣ, геостратегия, ташаббуси "Як камарбанд-як роҳ" СҲШ

ЭКОНОМИЧЕСКОЕ И ПОЛИТИЧЕСКОЕ ПРИСУТСТВИЕ КИТАЯ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ (СТРУКТУРНЫЙ И ФУНКЦИОНАЛЬНЫЙ АНАЛИЗ)

Статья посвящена анализу расширения экономического и политического присутствия Китайской Народной Республики в странах Центральной Азии. В ней рассматриваются основные процессы формирования внешней политики Китая в отношении региона, геостратегическое значение Центральной Азии и влияние инициативы «Один пояс-один путь» (Belt and Road Initiative), формата С5+1 и ШОС. Автор анализирует экономические отношения Китая со странами региона, включая сотрудничество в сферах энергетики, транспорта, торговли и инвестиций, а также растущее влияние Пекина в вопросах безопасности и политики.На основе анализа подчеркивается, что усиливающееся присутствие Китая в Центральной Азии затрагивает не только экономические факторы, но и геополитические интересы, влияя на изменение баланса сил в регионе. Статья завершается выводами о перспективах дальнейшего сотрудничества и возможных проблемах для стран Центральной Азии.

Ключевые слова: Китай, Центральная Азия, экономическое сотрудничество, внешняя политика, геостратегия, инициатива «Один пояс-один путь», ШОС.

ECONOMIC AND POLITICAL PRESENCE OF CHINA IN CENTRAL ASIA (STRUCTURAL AND FUNCTIONAL ANALYSIS)

The article is dedicated to analyzing the expansion of the economic and political presence of the People's Republic of China in Central Asian countries. It examines the main processes of China's foreign policy toward the region, the geostrategic significance of Central Asia, and the impact of the "Belt and Road Initiative" (BRI), the C5+1 format, and the Shanghai Cooperation Organization (SCO). The author analyzes China's economic relations with the

regional states, including cooperation in energy, transport, trade, and investment, as well as Beijing's growing influence in security and political matters.Based on the analysis, it is emphasized that China's increasing presence in Central Asia encompasses not only economic factors but also geopolitical interests, affecting the regional balance of power. The article concludes with insights on the prospects for further cooperation and potential challenges for Central Asian countries.

Keywords: China, Central Asia, economic cooperation, foreign policy, geostrategy, Belt and Road Initiative, SCO.

Маълумот дар бораи муаллиф: Машрабова Тахмина Азамҷоновна - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси 2-юми факултети фалсафа. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: (+992) 989553344

Сведения об авторе: Машрабова Тахмина Азамжоновна - Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса философского факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 989553344

Information about the author: Mashrabova Takhmina Azamjonovna – Tajik National University, 2nd-year Master's student, Faculty of Philosophy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Avenue Rudaki,17. Phone: (+992) 989553344

ТОҶИКИСТОН ВА МУШКИЛОТИ ТАЪМИНИ АМНИЯТ ДАР МАРЗ БО АФҒОНИСТОН

Сабурова С.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Афғонистон 1344,15 километр марзи муштарак дорад, дар таъмини амният дар Осиёи Марказӣ нақши калидӣ дорад. Сарҳади Тоҷикистон ҳудуди 60 дарсади марзи Осиёи Марказӣ бо Афғонистонро ташкил медиҳад ва ин кишварро ба як пайванди муҳимми стратегӣ дар ҳифзи минтақа аз таҳдидҳои террористӣ ва ифротӣ табдил медиҳад. Ин минтақа на танҳо сарҳади байни ду давлат, балки хатти муҳими амниятии марзҳои ҷанубии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошад. Пас аз бозгашти ҳаракати Толибон ба қудрат дар Афғонистон (августи соли 2021), масъалаи таъмини амният дар марзи Тоҷикистону Афғонистон бори дигар ба яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷӣ ва амнияти миллии Тоҷикистон табдил ёфт.

Ҳамагон медонем, ки 15 августи соли 2021 Толибон, ки дар соли 2001 дар пайи таҷовузи Амрико ба Афғонистон сарнагун шуданд ва баъдан ду даҳсола алайҳи раҳбарияти Афғонистон ва нерӯҳои НАТО меҷангиданд, назорати ин кишварро дубора ба даст оварданд. Фоҷиа дар Афғонистон боиси тағйири равобити ҷаҳонӣ шуд. Солҳои ахир Толибон аз суи СММ, ИМА, СҲШ ва Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ ба феҳристи гурӯҳҳои террористӣ шомил шуда, фаъолияташ мамнуъ шудааст. Аммо ҳоло бархе аз кишварҳо дар пайи ба расмият шинохтани Аморати исломии Афғонистон ҳастанд.

Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар иҷлосияи 76-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қайд карда буд, ки ба қудрат расидани Толибон, ки аз ҷониби Шурои амнияти СММ ба феҳристи гурӯҳҳои террористӣ шомил шудаанд, раванди бе ин ҳам печидаи геополитикиро дар минтақа боз ҳам печидатар мекунад.Бо баррасии воқеъбинонаи манфиатҳо, ниёзҳо, зарфиятҳо, имкониятҳои Тоҷикистон, воқеиятҳо ва равандҳои дохилии Афғонистон, дурнамои вазъияти ин кишвар ва равандҳои геополитикии атрофи ин масъала, ба назар мерасад, ки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти Афғонистон бояд, пеш аз ҳама, бар усули зерин такя кунад:

1. Ҳамсоягии воқеъбинона;
1. Ҳимоят аз ваҳдати Афғонистони соҳибихтиёр;
2. Ҳалли мусолиматомези буҳрони Афғонистон;
3. Зарурати тавофуқи минтақавӣ ва байналмилалӣ;
4. Худдорӣ аз сиёсати идеологӣ, қавмӣ ва маҳаллӣ;
5. Афғонистон – шарики амниятӣ;
6. Муборизаи воқеӣ бо маводи мухаддир дар Афғонистон;
7. Таъкид ба эҳёи иқтисодию иҷтимоии Афғонистон;
8. Афғонистон – дарвозаи Ҷануб;
9. Афғонистон – шарики энергетикӣ. (8, 129)

Пас аз суқути ҳукумати Ашраф Ғанӣ ва барқарор шудани ҳукумати Толибон, вазъ дар минтақаи марзӣ тағйир ёфт. Ҳарчанд Толибон дар сатҳи расмӣ изҳор медоранд, ки ба кишварҳои ҳамсоя таҳдид намекунанд, вале ҳузури гурӯҳҳои тундрав мисли «Давлати исломӣ – Вилояти Хуросон» ва «Ҷунбиши исломии Туркистон» боқӣ мондааст. Ин ҳолат барои Тоҷикистон хатари мустақим ба вуҷуд меорад, зеро эҳтимоли гузариши ҷангиёни мусаллаҳ, қочоқи маводи мухаддир ва афзудани теъдоди фирориён вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, Тоҷикистон мавқеи усулии худро дар бораи эътироф накардани ҳукумати Толибон нигоҳ медорад.

Марзи Тоҷикистону Афғонистон ба чанд сабаб дорои аҳамияти бузурги стратегӣ мебошад:- он хатти асосии ҷудокунандаи Осиёи Марказӣ аз минтақаҳои пурошуби Ҷануб мебошад;- аз ҷиҳати иқтисодӣ ва логистикӣ, он метавонад роҳи муҳимми тиҷоратӣ ва

транзитӣ бошад;- аз нигоҳи амниятӣ, ин минтақа бо хатари густариши терроризм, қочоқи маводи мухаддир, мухолифати мусаллаҳона ва паноҳандагӣ рӯ ба рӯ аст. Ҳамин омилҳо Тоҷикистонро водор сохтаанд, ки ба масъалаи ҳифзи марз аҳамияти махсус диҳад.

Ҳукумати Тоҷикистон бо назардошти таҷрибаи талхи ҷанги шаҳрвандӣ аз солҳои 1990-ум инҷониб як қатор тадбирҳои муассирро барои ҳифзи амнияти марз амалӣ кардааст:- Тақвияти қушунҳои сарҳадӣ ва таъсиси сохторҳои махсус дар доираи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ;- Ҳамкорӣ бо Федератсияи Россия дар асоси Созишномаи байнидавлатӣ оид ба ҳифзи марз;- Иштирок дар созмонҳои амниятии байналмилалӣ, аз ҷумла СААД ва СҲШ;- Муқаррар намудани назорати қатъӣ бар ҳаракати одамон ва молҳо дар нуқтаҳои гузаргоҳӣ.

Дар вокуниш ба ин чолишҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳкими амнияти худ, аз ҷумла рушди сохторҳои қудратӣ, беҳбуди назорати сарҳадӣ ва ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ фаъолона тадбирҳо меандешад. Дар кишвар ҳамчунин мубориза бо қочоқи маводи мухаддир ва ҷиноятҳои созмонёфта, ки ҷузъи ҷудонашавандаи стратегияи умумии таъмини амният ва субот дар Осиёи Марказӣ мебошад, тақвият дода мешавад.

Тоҷикистон воқеан дар мубориза бо терроризму ифротгароӣ мавқеъи фаъол дорад, ки ин дар таҳия ва татбиқи стратегияҳои муҳим ва қонунгузорӣ ифода меёбад. Стратегияи миллии мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ, ки барои солҳои 2016-2020 таҳия ва барои солҳои 2021-2025 такмил дода шудааст, заминаи вокуниши ҳамаҷониба ба ин таҳдидҳоро ташкил медиҳад. Ба гуфтаи манобеъи гуногуни хабарӣ, дар ҳоли ҳозир дар Афғонистон беш аз 20 созмон ва гурӯҳҳои террористӣ фаъолият доранд. Бузургтарин ҷунбиши Толибон (дар Русия мамнӯъ) аст, ки бо созмони байналмилалии террористии Ал-Қоида робитаи наздик дорад. Толибон чанде пеш харитаи қаламравҳои таҳти назорати ин созмонро нашр карданд (ба ҳисоби фоиз аз рӯи ноҳияҳо). Тибқи ин харита, беш аз нисфи қаламрави Афғонистон таҳти назорати онҳост.

Дар сатҳи қонунгузорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ қонуну меъёрҳои гуногун қабул кардааст. Инҳо дар бар мегиранд: Қонун «Дар бораи мубориза бар зидди ифротгароӣ» (2 январи соли 2020); Қонун «Дар бораи муқовимат ба терроризм» (23 декабри соли 2021); Қонун «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» (26 марти 2009); Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (20 июни соли 2024); Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» (20 июни соли 2024); Қонун «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон» (24 декабри соли 2024). Илова бар ин, бо мақсади мубориза бо ҷараёнҳои молиявии марбут ба терроризм ва фаъолияти ҷиноӣ, соли 2018 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи миллии мубориза бар зидди қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва паҳншавии сили қатли ом» барои давраи аз соли 2018 то соли 2028 қабул гардид.(4)

Як қадами муҳими дигар дар соҳаи ҳуқуқӣ фаъолияти Додгоҳи олӣ буд, ки соли 2024 фаъолияти 29 созмони террористӣ ва экстремистиро дар Тоҷикистон расман манъ кард. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ фаъолона ҳамкорӣ намуда, дар бунёди механизмҳое, ки ба пешгирии терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир ва силоҳ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ нигаронида шудаанд, саҳми арзанда мегузорад. Дар доираи ин кор Тоҷикистон бо созмонҳои гуногуни байналмилалӣ ҳамкории зич дорад, аз қабили:Идораи мубориза бо терроризми Созмони Милали Муттаҳид, ки талошҳои кишварҳоро барои мубориза бо терроризм дар саросари ҷаҳон ҳамоҳанг месозад. Маркази минтақавии СММ оид ба дипломатияи пешгирикунанда дар Осиёи Марказӣ, ки барои пешгирии низоъҳо ва ҳифзи сулҳ дар минтақа кор мекунад.Комиссияи СММ оид ба маводи мухаддир, ки Тоҷикистон бо он дар мубориза бар зидди қочоқи маводи мухаддир ва нашъамандӣ ҳамкорӣ мекунад. Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо (САҲА), ки дар таҳкими амният ва пешбурди ислоҳоти ҳуқуқи инсон нақши муҳим дорад.

Системаи ИДМ оид ба корҳои иқтисодии хориҷӣ ва байналхалқӣ (СНГ), ки ба рушди ҳамкориҳои кишварҳои ИДМ дар соҳаи амният мусоидат мекунад. Интерпол, ки талошҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи байналмилалиро барои мубориза бо ҷиноятқорӣ ҳамоҳанг месозад.

Гузашта аз ин, Тоҷикистон бо созмонҳои калидии минтақавӣ, аз қабили Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) ва Созмони Ҳамкориҳои Шанхай (СҲШ) фаъолона ҳамкорӣ мекунад. Ин созмонҳо дар таъмини амният дар Осиёи Марказӣ нақши калидӣ доранд, ки Тоҷикистон мавқеи худро ҳамчун шарики муҳим дар мубориза бо таҳдидҳои минтақавӣ, аз қабили терроризм, ифротгароӣ ва дигар шаклҳои ҷиноятқории фаромиллӣ тақвият медиҳад. [11]

Тоҷикистон ба танҳоӣ наметавонад амнияти марзҳояшро бо Афғонистон таъмин кунад. Бозингарони байналмилалӣ низ ин чизро дарк мекунанд ва водоранд, барномаҳоеро руйи кор бигиранд, ки ба тақвияти тавонмандии хадамоти марзбонии кишвар равона шудаанд.

Ҳамчун намуна метавон лоиҳаи минтақавии Иттиҳоди Аврупоро бо номи BOMCA-po(7) зикр кард, ки ҳадафи он тақвияти марзҳо ва баланд бардоштани омодагии кормандони хадамоти марзбонии кишварҳои минтақа, аз ҷумла Тоҷикистон аст. BOMCA барномаи махсуси мусоидат ба мудирияти марзҳо мебошад, ки барои тақвияти амният, мубориза бо қочоқ и мухаддир ва мусоидат ба тиҷорат дар Осиёи Марказӣ равона шудааст. Барномаи мазкур дар доираи лоиҳаҳои Иттиҳоди Аврупо дар соли 2002 таҳия шудааст, зеро амнияти сарҳадӣ ҷузъи калидии субот барои тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Аз ибтидо, барнома мустақиман бо як қатор ҳадафҳои Иттиҳоди Аврупо, ки дар ҳуҷҷатҳои стратегии он муайян шудаанд, мувофиқ буд. Аз соли 2003 инҷониб, ҳамаи марҳилаҳои барномаи BOMCA ба тақвияти иқтидор ва рушди институтсионалӣ, рушди долонҳои тиҷоратӣ, такмили низомҳои идоракунии сарҳадӣ ва решакан кардани қочоқи маводи мухаддир дар Осиёи Марказӣ нигаронида шудаанд. Ҳар як марҳилаи минбаъдаи Барнома бо назардошти рушди мунтазами фаъолиятҳое, ки дар марҳилаҳои қаблӣ амалӣ шудаанд, таҳия шудааст. Дар марҳилаҳои қаблӣ, Барнома ба навсозии системаҳои идоракунии сарҳадӣ тамаркуз мекард. Бо гузашти вақт, доираи Барнома васеъ шуд ва аз хадамоти сарҳадӣ берун рафт ва ба дигар ниҳодҳое, ки дар соҳаҳои барасмиятдарории гумрукӣ, муҳофизат, назорати маводи мухаддир, кишоварзӣ, тандурустӣ ва дигар соҳаҳо кор мекунанд,паҳн шуд.Барои беҳтар кардани ҳамкорӣ ва мубодилаи иттилоот байни ниҳодҳои сарҳадӣ, консепсия ва усули идоракунии ҳамгирошудаи сарҳадӣ (IBM) муаррифӣ карда шуда буданд. Ин консепсия на танҳо ба таҷрибаҳои беҳтарини Иттиҳоди Аврупо асос меёфт, балки инчунин ба мушкилоти қаблан вуҷуддошта барои барнома: ҳамоҳангсозӣ ва муттаҳидсозии амалҳои мақомоти марзбони Осиёи Марказӣ низ дахл дошт.[3]

Ҳамчунин Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар ҳоли ҳозир лоиҳаи тақвияти марзҳои ҷанубиро тадбиқ менамояд, ки ба омодагӣ ва омӯзиши кормандони ниҳодҳои марзбонӣ рафона шудааст. [12]

Ба ҷуз лоиҳаҳои омӯзишӣ, дар минтақаҳои наздик ба Афғонистон размоишҳои низомӣ бо иштироки нерӯҳои Русия гузаронида мешавад. Вақтҳои охир ба чунин размоишҳо неруҳои интизомии Чин низ ҷалб шудаанд.

Тавре ки гуфтем, Тоҷикистон дар робита ба Афғонистон дар хатарноктарин вазъият қарор дорад. Марз тулонӣ, душворгузар ва таъмини назорати пурраи он номумкин аст. Шарикони байналмилалӣ Тоҷикистонро дар ин замина пурра дастгирӣ мекунанд, ки Душанберо дар мавриди амнияти марзҳо вобастаи сармояҳои онҳо, аз ҷумла технология ва дониш гардондааст. Ҳукумати кишварро мебояд, ки барои тақвияти назорати марзҳо ҳамкориҳоро бо созмонҳои байнал-милалӣ дар ояндаи дарозмуддат беҳтар намояд. Барои раҳоии ба тадриҷ аз вобастагии шарикони хориҷӣ бояд вокуниши устувор ба ҳодисаҳои марзиро таъмин кард. Бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда, дар мавриди таъмини амният дар марз ва идоракунии сарҳад як қатор мушкилот боқӣ мемонанд:-норасоии захираҳои моддӣ ва техникии қӯшунҳои сарҳадӣ;-душвории назорати пурраи хатти тӯлонии сарҳад;

- эҳтимоли афзоиши таҳдидҳо аз ҷониби гурӯҳҳои ифротгаро дар сурати ноустувории вазъи Афғонистон. Дар оянда тақвияти ҳамкориҳои амниятӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ва баланд бардоштани сатҳи омодагии касбии қӯшунҳои сарҳадӣ аз самтҳои муҳими сиёсати амниятии Тоҷикистон хоҳанд буд.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари ҳаммарз бо Афғонистон нақши калидӣ дар таъмини амнияти минтақавӣ дорад. Ҳукумати ҷумҳурӣ, бо такя ба сиёсати эҳтиёткорона ва ҳамкории васеъ бо шарикони байналмилалӣ, тавонистааст аз паёмадҳои манфии нооромии Афғонистон ҷилавгирӣ кунад. Дар шароити кунунӣ, ҳифзи марз на танҳо вазифаи миллии Тоҷикистон, балки омили муҳим барои субот ва амнияти тамоми Осиёи Марказӣ ба шумор меравад.Аз назари Тоҷикистон яке аз роҳҳои ба эътидол омадани вазъияти Афғонистон таваҷҷуҳи ҷиддӣ ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии ин кишвар аст. Аз ин рӯ, ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд ҳангоми барномарезии ҳалли низоъи Афғонистон нисбат ба масъалаҳои низомию қудратӣ ба масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ таъкиди бештар намояд. Албатта, Тоҷикистон аҳаммияти масъалаҳои амниятиро сарфи назар намекунад, вале ҳамзамон ба ин назар аст, ки то ҳалли муносиби худро наёфтани масъалаҳои доғи иҷтимоӣ, заминаҳои дохилии буҳрон дар Афғонистон бартараф нахоҳанд шуд. Хулоса, ин самти сиёсати хориҷии Тоҷикистон аз тарафи роҳбарияти олии кишвар борҳо садо дода, таъкид шудааст, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд фавран ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ва боло бурдани сатҳи зиндагии мардуми Афғонистон ба таври ҷиддитар рӯй оварад.

Ҳамин тавр, ҷонибдории Толибон аз ҷунбишҳои тундрави исломӣ дар Тоҷикистон, табъиз, таъқибу кушторҳо нисбат ба афғонҳои ғайрипаштун ва пеш аз ҳама, форсизабон (тоҷикон ва ҳазораҳо), афзоиши бесарусомонӣ ва нотавонии Толибон барои барқарор кардани ҳукумат дар кишвар, Тоҷикистони ҳамсояро маҷбур мекунад, ки ҳангоми таҳияи сиёсати Афғонистони худ аз эҳтиёткории ҷиддӣ истифода барад. Умуман, равиши Тоҷикистон ба Афғонистон минбаъд низ ба амният, тақвияти марзҳои худ ва афзоиши ҳамкорӣ бо дигар кишварҳо дар амният, мудофиа ва кумаки башардӯстона ба мардуми Афғонистон тамаркуз хоҳад кард. Омилҳое, ки масъалаи амниятии марзи Тоҷикистону Афғонистонро имруз барои амнияти минтақаи Осиёи Марказӣ мубрам гардондаанд, инҳо мебошанд: а) Марз ҳамчун минтақаи ҳоил дар ру ба руи таҳдидҳои фаромиллӣ: пешгирии вуруди ҷангиён аз музофотҳои нооромии Афғонистон, гуруҳҳои тундрав (Ҷамоати Ансоруллоҳ, ДОИШ – Хуросон ва ғайра) ба ҳудуди Осиёи Марказӣ ва ИДМ; б) Мубориза бо қочоқи маводи мухаддир – қитъаи муҳимми хатсайри шимолии қочоқи маводи мухаддири аз Афғонистон воридшаванда;в) ҳифзи низоми давлатдории дунявӣ – дар ҳоле ки ҳамаи неруҳои турдрави террористӣ ва ифротгаро барҳам задани ҳукуматҳои дунявии минтақаро ҳадафи аслии худ эълон кардаанд.

АДАБИЁТ

1. Ализай С. Беспокойное соседство: как строятся отношения стран Центральной Азии и талибов17:59 06.11.2025 https://tj .sputniknews. ru/20251106/sosedstvo-otnosheniya-central-asia-taliby-1072736286.html
2. **Ахмади Ф.** Талибан и терроризм, или Таджикистан по соседству с опасностями. 23 февраля 2024https://sangar.info/t/q/taliban-i-terrorizm-ili-tadzhikistan-po-sosedstvu-s-opasnostyami
3. В Центральной Азии началась реализация 9 фазы Программы содействия управлению границами «ВОМСА». 18.05.2018. Https:// dialog.tj/v-tsentralnoy-azii-nachalas-realizatsiya-9-fazy-programmy-sodeystviya-upravleniyu-granitsami-vomsa/
4. Дастгирии абарқудратҳо аз мавқеъи Тоҷикистон дар қиболи Афғонистон https://hgu.tj/news/post/podderzka-sverhderzav-pozicii-tadzikistana-po-afganistanu.html
5. Итоги трёхлетнего правления «Талибана»: что изменилось в Афганистане? 02.09.2024 https://t-news.tj/region/itogi-trehletnego-pravleniia-talibana-chto-izmenilos-v-afganistane
6. На таджикско-афганской границе за полгода произошло 10 вооружённых столкновений 4 августа, 2025 г. **https:// avesta.tj /2025/ 08/ 04/ na-tadzhiksko-afganskoj-granitse-za-polgoda-proizoshlo-10-vooruzhyonnyh-stolknovenij/**
7. Нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо терроризм ва ифротгарой дар Осиёи Марказӣ https://rtsu.tj/news/? ELEMENT_CODE=2674
8. **Олимов М. Афганистан при талибах: современная ситуация и ее влияние на Таджикистан. https:// oxussociety. org/ publications /%D0%B0%D1% 84% D0% B3%D0%**
9. Раҳнамо А. Афғонистон ва Осиёи Марказӣ: хусусиятҳо ва дурнамои таъсирпазирӣ. – Душанбе, 2015. - С. 129

10. Ризоён Ш. Таджикско-афганская граница в 2025 году: инциденты и их последствия.https://cronos.asia/tajikistan/tj-politics/tadzhikistan-tajik-afghan-border-analiz-2025
11. Ризоён Ш., Гиёсов М.. Афганистан до и после возвращения Талибан. - Душанбе, 2023. – 508 с.
12. САҲА дар Тоҷикистон. Барномаи таҳкими қувваҳои марзӣ ва мубориза бо қочоқи маводи мухаддир. Душанбе, 2023.
13. Степанова Е.А. Терроризм и антитеррористан в талибском Афганистане и факторИГИЛ-Хорасан // Пути к миру и безопасности. 2024. No 2(67). С. 11-53.
14. Таджикистан подтвердил неизменность позиции по отношению к властям Афганистана 10 февраля, 2026 https://avesta.tj /2026/02/ 10/ tadzhikistan-podtverdil-neizmennost-pozitsii-po-otnosheniyu-k-vlastyam-afganistana/ Avesta.tj
15. Тоҷикистону ҳамсояҳои он: гуногунӣ ва умумиятҳои чаҳор тарафи марз https://cabar.asia/tg/to-ikistonu-amsoya-oi-on-gunogun-va-umumiyat-oi-cha-or-tarafi-marz
16. Хабиби М.В., Висал А.Х. Афганистан и его окружение: партнерство или соперничество? Русская политология - Russian political science. 2024. № 3 (32) - сс. 126 – 138.
17. Шашок Л.А. Смена власти в Афганистане как фактор обострения обстановки в сфере региональной безопасности (на примере Таджикистана) // Постсоветские исследования. 29025. Т. 8. - С. 127 -136.

ТОҶИКИСТОН ВА МУШКИЛОТИ ТАЪМИНИ АМНИЯТ ДАР МАРЗ БО АФҒОНИСТОН

Мақола ба таҳлили нақши калидии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини амният ва субот дар марзи ҷанубии худ бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон равона шудааст. Дар он таҳдидҳои асосии амниятӣ, аз ҷумла терроризм, қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятқории муташаккил, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва густариши гурӯҳҳои ифротгаро баррасӣ мешаванд. Муаллиф нишон медиҳад, ки Тоҷикистон бо назардошти мавқеи геостратегии худ яке аз кишварҳои асосии муҳофизкунандаи амнияти Осиёи Марказӣ маҳсуб мешавад.Дар мақола тадбирҳои амалии ҳукумати Тоҷикистон, аз ҷумла таҳкими неруҳои марзбонӣ, татбиқи барномаҳои амниятӣ, ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ - мисли СААД, СҲШ ва ИДМ - мавриди таҳлил қарор мегиранд. Таъкид мешавад, ки фаъолияти Тоҷикистон барои ҷилавгирӣ аз паҳншавии таҳдидҳои амниятӣ дар минтақа аҳамияти стратегӣ дошта, дар ташаккули низоми устувори амниятии минтақа нақши муҳим мебозад.Мақола бо хулосаҳо дар бораи дурнамои таъмини амнияти минбаъда ва зарурати таҳкими ҳамкориҳои бисёрҷониба анҷом меёбад.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, Афғонистон, амнияти марзӣ, терроризм, қочоқ, СААД, СҲШ, амнияти минтақавӣ.

ТАДЖИКИСТАН И ПРОБЛЕМА ОБЕСПЕЧЕНИЯ БЕЗОПАСНОСТИ НА ГРАНИЦЕ С АФГАНИСТАНОМ

Бо вуҷуди огоҳӣ, танишҳо байни ду кишвар авҷ гирифтанд. Ҳукумати Англия ва Ҳиндустон, ки бовар дошт, ки амир аз барқарор кардани муносибатҳои мустақим бо Империяи Русия дудила хоҳад кард, аз хабари Кобул нигарон шуд. Дар моҳи сентябри соли 1902 амир шурои миллиро даъват кард, ки дар он номаеро, ки гӯё аз агенти сиёсии Империяи Русия дар Бухоро буд, хонд. Ҳабибуллоҳхон ошкоро эълон кард, ки агар мақомоти мустамликавии Британиё минбаъд низ ба интиқоли силоҳ аз Аврупо ба Афғонистон тавассути Ҳиндустон монеъ шаванд, ӯ бояд роҳи ҳалли мушкилотро бо роҳҳои дигар ҷустуҷӯ кунад. Интихоби роҳи шимолӣ ё ҷанубӣ барои интиқоли силоҳ муҳим набуд [4, с. 185]. Ба ибораи дигар, амири ҷавон ошкоро аз имконияти бастани созишнома бо Империяи Русия огоҳ карда шуд, агар танҳо барои дастгирии манфиатҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии Афғонистон ва беҳтар кардани сифати нерӯҳои мусаллаҳи Афғонистон бошад.

Муқовимати пайваста ва далеронаи амир Ҳабибуллохон ба фишори сиёсии Британиё Ҷорҷ Курзонро сахт хашмгин кард. Ӯ аллакай дар бораи омодагӣ ба як маъракаи низомӣ дар Афғонистон фикр мекард. 27 ноябри соли 1902, ноиби шоҳ ба Ҳенри Ҳамилтон номае фиристод, ки дар он "гурезиши ҳокими Афғонистон ба Русия" пешгӯӣ шуда буд ва ҳамчун чораи пешгирикунанда, "ҳамлаи фаврӣ ба Кобул ва Қандаҳор ва тела додани марз ба дарёҳои Гиришк ва Ҳилманд [3, с. 243]"-ро пешниҳод кард. Котиби давлатии Ҳиндустон бо назари ноиби шоҳ дар бораи вазъият ҳамфикр шуд ва дар посух аз маъракаи низомӣ пуштибонӣ кард.

То охири соли 1902, бӯҳрони муносибатҳои Англия ва Афғонистон ҳанӯз ҳал нашуда буд. Дар моҳи декабри соли 1902, пас аз хомӯшии тӯлонӣ, Ҳабибуллоҳхон ба ноиби шоҳ номаи шахсӣ фиристод, аммо оҳанг ва мундариҷаи умумии он нишон медод, ки амир аз мавқеи худ даст накашидааст. Ба таври мушаххас, ӯ изҳор дошт, ки "азбаски пас аз марги малика Виктория касе зарурати нав кардани иттиҳоди Англия ва Афғонистонро баррасӣ накардааст, пас ҳоло, пас аз марги падараш, зарурате ба ин кор вуҷуд надошт" [1, с. 31]. Мавқеи қатъии амир боз ҳам бо он далел нишон дода шуд, ки ӯ аз ноиби шоҳ барои нигоҳ

доштани силоҳ ва лавозимоти ҷангии харидашуда аз ҷониби ҳукумати Афғонистон дар қаламрави Ҳиндустони Британиё талаб кард. Амир аз амалҳои маъмурияти мустамликавии Англия ва Ҳиндустон, ки ба гуфтаи ӯ, ба ҷои расонидани кумаки ҳамаҷониба ва фидокорона ба давлати Афғонистон, пардохти субсидияи пулиро ба ҳокими худ дар як замони душвор қатъ мекард, ноумедии шадиди худро изҳор кард [1, с. 31].

Дар мавриди расонидани кумаки низомии Британиё, ки ноиби шоҳ онро бо исрор ҷонибдорӣ мекард, ҳокими Афғонистон изҳор дошт, ки ҳукумати Англия ва Ҳиндустон ӯҳдадории дафъ кардани таҷовузи беруна ба муқобили давлати Афғонистонро надорад. «Агар барои ҳукумати Ҳиндустони Британиё муҳим бошад, ки давлати Афғонистон монеаи боэътимод дар роҳи таҷовузи Русия боқӣ монад, он бояд танҳо силоҳ ва пул фиристад, вале не», - навиштааст амир ба Ҷорҷ Ҳерзон.

Ба иборати дигар, Ҳабибуллохон ба англисҳо ошкоро заъфи мавқеи онҳоро нишон дод. Ӯ ба онҳо маслиҳат дод, ки ҳарчи зудтар аз он даст кашанд, ба хусусияти шахсии созишномаҳои солҳои 1880, 1883 ва 1893 исрор накунанд ва тағйир додани онҳоро талаб накунанд. Амир ба таври возеҳ изҳор дошт, ки дар чунин вазъияти душвор барои Империяи Британиё қабул кардани зудтари тартиби мавҷуда муфидтар хоҳад буд.

Ҷон Ҳерзон аз мавқеи устувори амир ҷиддан нигарон буд, аммо бо вуҷуди ин худдории устувор нишон дод. Ӯ интизор шудан гирифт ва тасмим гирифт, ки фавран ба зӯрӣ даст назанад, хусусан азбаски Ҳабибуллохон дар охири соли 1902 ғайричашмдошт миёнаравии Британиёро барои ҳалли баҳси марзии Афғонистон ва Форс қабул кард. Ихтилофоти ҳудудии онҳо бояд аз ҷониби миссияи британиёӣ таҳти роҳбарии майор А.Г. МакМаҳон ҳал мешуд, ки Ҳабибуллохон ба он иҷозат дод, ки аз қаламрави Афғонистон то марзи Форс гузарад.

Ҳукумати Англия ва Ҳиндустон аз он ки дар ғарб таҳти парчами Британиё муайян кардани марзи Афғонистон анҷом дода шуд, хушнуд буд, ки бори дигар нақши махсуси Империяи Британиёро дар ҳалли масъалаҳои марбут ба муносибатҳои Афғонистон бо давлатҳои хориҷӣ тасдиқ кард.

Ҳамин тариқ, то нимаи соли 1904, сарфи назар аз ҳама кӯшишҳои анҷомдодашуда, муносибатҳои Англия ва Афғонистон ба рушди дилхоҳи Ҷорҷ Курзон ноил нашуданд. Амири Афғонистон, мисли пештара, аз сафар ба Ҳиндустон барои музокирот худдорӣ кард ва ба арзёбии шиноси худ дар бораи созишномаҳои солҳои 1880 ва 1893 риоя кард. Ҳама кӯшишҳои Британиё барои таъсир расонидан ба ӯ бенатиҷа анҷом ёфтанд. Империяи Британиё ба хулосае омад, ки ҳокими нави Афғонистон тактикаи таъхирандозиро барои маҷбур кардани Империя барои бетағйир гузоштани созишномаҳо истифода мебарад. Бо вуҷуди ин, Ҷорҷ Курзон ба ҳукумат итминон медод, ки метавонад ба натиҷаи дилхоҳ ноил гардад. Ӯ борҳо ба амир муроҷиат карда, ӯро итминон дод, ки мақомоти Британиё намехоҳанд сиёсати мустамликавии маҳдудтарро нисбат ба Афғонистон нисбат ба замони падараш, амир Абдураҳмон, пеш баранд ва бори дигар ӯро барои мулоқоти шахсӣ ва муҳокимаи ҳамаҷонибаи рушди муносибатҳои дуҷониба даъват кард.

Рӯйдодҳои тобистон ва тирамоҳи соли 1904 ба таври возеҳ нишон доданд, ки таҳдидҳои амир суханони холӣ набуданд. Тамосҳо байни Кобул ва қабилаҳои марзии паштун бори дигар шиддат гирифтанд. Дар пойтахти худ Ҳабибуллохон ҳайати чандсаднафарарро аз баъзе қабилаҳо қабул кард. Ба ҳамаи фиристодагон маблағи назаррас пешниҳод карда шуд ва дар муроҷиати шахсӣ ба вакилони паштун, амир аз онҳо хоҳиш кард, ки минбаъд низ ба ӯ ҳамчун "роҳбари ислом" содиқ монанд. Як силсила ҳамлаҳои қабилавӣ ба гарнизонҳои Британиё дар хатти Дюрандро метавон натиҷаи мустақими ин мулоқотҳо номид.

Дар соли 1904, ҳукумати Англия ва Ҳиндустон сиёсати таҳиякардаи ноиби қирол Ҳерзонро дар робита ба Афғонистон амалӣ кард. Илова бар нигоҳ доштани назорат бар сиёсати хориҷии Афғонистон, ҳукумати Англия ва Ҳиндустон умедвор буд, ки аз амир имтиёзҳои иловагӣ гирад. Ин имтиёзҳо асосан ба беҳтар кардани робитаҳои нақлиётии

стратегӣ дар сарҳади Ҳинду Афғонистон дар сурати афзоиши таҳдиди низомӣ аз ҷониби Империяи Русия, иҷозат додан ба афсарони британиёӣ ба шаҳрҳои калидии Афғонистон, додани ҳуқуқи ҷойгир кардани нерӯҳо ба Афғонистон пас аз оғози таҷовузи Русия ва назорати хароҷоти маблағҳои ба амир интиқолдодашуда дахл доштанд [2, с. 253].

Бо вуҷуди муқовимати афзояндаи амир, сиёсати хориҷии ҳукумати Англия ва Ҳиндустон нисбат ба Афғонистон, ки таҳти роҳбарии ноиби шоҳ Дэвид Ҳерзон сурат мегирифт, асосан бетағйир монд. Бо вуҷуди кӯшишҳои амир барои таҳрифи шартномаҳо ва шантажи ҳамкорӣ бо Империяи Русия, ноиби шоҳи Ҳиндустон, Дэвид Ҳерзон, шахсан сазовори таҳсину ситоиши зиёд барои интихоби роҳи дурусти амал нисбат ба Афғонистон буд. Ӯ вазъиятро дар сарҳади шимолу ғарбӣ на танҳо бо аз нав ташкил кардани он ба як вилояти алоҳида, балки бо роҳҳои дипломатӣ низ ба эътидол оварда ва аз бӯҳронҳои шадид бо Афғонистон пешгирӣ кард. Империяи Британиё дар давраи ҳукмронии ноиби шоҳ Дэвид Ҳерзон дар Ҳиндустон таъсири низомӣ ва сиёсии худро дар Афғонистон ба таври назаррас афзоиш дод.

АДАБИЁТ

1. Адамек Л.В. Афғонистон. 1900-1923. Таърихи дипломатӣ. – Лос-Анҷелес: Нашриёти Донишгоҳи Калифорния, 1965. – С.29.
2. Билграмӣ А. Афғонистон ва Ҳиндустони Британиёӣ. 1793-1907. Таҳқиқот дар робитаҳои хориҷӣ. – Деҳлии Нав: Sterling Publishers, 1972. – С. 245.
3. Гопал С. Сиёсати Британиё дар Ҳиндустон. 1858-1905. – Кембриҷ: Нашриёти Донишгоҳи Кембриҷ, 1965. – С. 243.
4. Дилкс Д. Курзон дар Ҳиндустон. Ҷилди 1. – Л.: Харт-Дэвис, 1969-1970. – С. 181.
5. Роналдшей Л. Ҳаёти Лорд Ҳерзон. Ҷилди 2. – L.: Эрнест Бенн, 1928-1929. – С. 196.
6. Трипати ДП муносибатҳои ҳинду афғон. 1882-1907. – Деҳлии нав: Кумар бародарон, 1973. – С. 136.
7. *Хопкирк П. Бозии бузург бар зидди Русия: Синдроми осиёӣ: Рипол Классикӣ; Москва, 2004. – С.* 520.

МАСЪАЛАИ АФҒОНИСТОН» ДАР СИЁСАТИ НОИБИ ШОҲИ ҲИНДУСТОН ҶОРҶ ҲЕРЗОН ДАР СОЛҲОИ 1899-1905

Дар мақолаи мазкур муаллиф, сиёсати ноиби шоҳи Ҳиндустон Ҷорҷ Ҳерзон баррасӣ мешавад. Бо вуҷуди муқовимати афзояндаи амир, сиёсати хориҷии ҳукумати Англия ва Ҳиндустон нисбат ба Афғонистон, ки таҳти роҳбарии ноиби шоҳ Дэвид Ҳерзон сурат мегирифт, асосан бетағйир монд. Бо вуҷуди кӯшишҳои амир барои таҳрифи шартномаҳо ва шантажи ҳамкорӣ бо Империяи Русия, ноиби шоҳи Ҳиндустон, Дэвид Ҳерзон, шахсан сазовори таҳсину ситоиши зиёд барои интихоби роҳи дурусти амал нисбат ба Афғонистон буд. Ӯ вазъиятро дар сарҳади шимолу ғарбӣ на танҳо бо аз нав ташкил кардани он ба як вилояти алоҳида, балки бо роҳҳои дипломатӣ низ ба эътидол оварда ва аз буҳронҳои шадид бо Афғонистон пешгирӣ кард. Империяи Британиё дар давраи ҳукмронии ноиби шоҳ Дэвид Ҳерзон дар Ҳиндустон таъсири низомӣ ва сиёсии худро дар Афғонистон ба таври назаррас афзоиш дод.

Калидвожаҳо: сиёсат, шадид, муноқиша, Афғонистон, Ҳиндустон, ноиб, шоҳ, мубориза.

“АФГАНИСТАНСКИЙ ВОПРОС” В ПОЛИТИКЕ ВИЦЕ-КОРОЛЯ ИНДИИ ДЖОРДЖА КУРЗОНА В 1899-1905 ГОДАХ

В данной статье рассматривается политика вице-короля Индии Джорджа Курзона. Несмотря на растущее сопротивление эмира, внешняя политика британского и индийского правительств в отношении Афганистана, проводившаяся под руководством вице-короля Дэвида Курзона, оставалась в значительной степени неизменной. Несмотря на попытки эмира исказить договоры и шантажировать сотрудничество с Российской империей, вице-король Индии Дэвид Курзон лично заслуживает большой похвалы и восхищения за выбор правильного курса действий в отношении Афганистана. Он стабилизировал ситуацию на Северо-Западной границе не только путем реорганизации ее в отдельную провинцию, но и дипломатическими средствами, предотвратив серьезные кризисы с Афганистаном. Британская империя значительно усилила свое военное и политическое влияние в Афганистане во время правления вице-короля Дэвида Курзона в Индии.

Ключевые слова: политика, напряженный, конфликт, Афганистан, Индия, вице-король, король, борьба.

THE AFGHANISTAN QUESTION" IN THE POLICY OF THE VICE-KING OF INDIA, GEORGE CUZON, IN 1899-1905

This article examines the policy of the Viceroy of India, George Curzon. Despite the growing resistance of the Emir, the foreign policy of the British and Indian governments towards Afghanistan, which was carried out under the leadership of Viceroy David Curzon, remained largely unchanged. Despite the Emir's attempts to distort treaties and blackmail cooperation with the Russian Empire, the Viceroy of India, David Curzon, personally deserves much praise and admiration for choosing the right course of action towards Afghanistan. He stabilized the situation on the North-West Frontier not only by reorganizing it into a separate province, but also by diplomatic means and prevented serious

crises with Afghanistan. The British Empire significantly increased its military and political influence in Afghanistan during the reign of Viceroy David Curzon in India.

Keywords: politics, intense, conflict, Afghanistan, India, viceroy, king, struggle.

Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷамахони М-Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри факултети таърих. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. E-mail:tabassumulaeva@gmail.com

Информация об авторе: Ҷамахони М -Таджикского национального университета, магистр факультета истории.. Адрес: Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail:tabassumulaeva@gmail.com

Information about the author: Jamahoni M. - Tajik National University, Faculty of istorii. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Avenue Rudaki,17. E-mail:tabassumulaeva@gmail.com

НАВЪҲО ВА ШАКЛҲОИ АСОСИИ ЗУҲУРИ ИФРОТГАРОЙ

Саиднасиллоева Ш.С.
Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ

Ифротгарой дар замони муосир дар сатҳҳои мухталиф зоҳир гардида, анқариб дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсони муосир чашмрас аст.

Зуҳуроти имрӯз дар ҳусну қабои рангин намоён буда, ҳамчун падидаи ташвишовар барои Тоҷикистони имрӯза, ки равандҳои ҳассосро паси сар намуда истода аст, арзёбӣ мегардад, зеро таҳдиди ифротгароии дохилӣ ва хориҷӣ ҳатто ба тамомияти арзӣ ва амнияти ин кишвар бараъло ба мушоҳида мерасад.

Террор - ин воситаи ягонаи амалии ташкилотҳои ифротӣ ва ҷараёнҳои ҳаммонанди он нест. Аммо, дар комплекси амалҳои ифротгароён ва ташкилотҳояшон нақши муайянкунанда дорад. Аз ин хотир, манфиатҳои аввалиндараҷаи Тоҷикистон, ки дар нигоҳдошт ва таъмини амнияти сартосарӣ дар минтақа ва ҷаҳон мебошад, водор ба он менамояд, ки фаъолияти ташкилотҳои ифротӣ ва иттиҳодияву ҷараёнҳои ҳаммонанд дар ҳудуди ин кишвар амиқан таҳлил ва пеши роҳи фаъолияти онҳо тавассути андишидани чораҳои таъхирнопазир оҷилан гирифта шавад.

Қобили тазаккур аст, ки ифротгарой бо табиати ихтилофангез ва канораи хеш миёни дигар падидаҳои иҷтимой ба ҷомеаҳо зарароварӣ гардида аст. Ин падида аз радикализм бо он фарқ менамояд, ки ҷонибдорони он аз баҳои воқеъӣ ба мушкилоти самтҳои мухталиф аз ҷумла: сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимой ва фарҳангиву экологӣ дурӣ ҷуста, имконоти воқеъии давлат, система, ташкилотро ба инобат нагирифта, хоҳиши пайдо намудани роҳи саҳлу осон ва кутоҳи расидан ба ҳалли проблемаро доранд.

Хусусиятҳои муҳимми ифротгароиро метавон чунин ифода намуд:

1. Зӯроварӣ ва таҳдид.
2. Баҳои яктарафа ба мушкилоти иҷтимой ҳангоми ҷустани роҳи ҳалли проблема.
3. Қотеъият, принсипнокӣ- ҳангоми пешниҳоди фикр ба ҷониби муқобил.
4. Содири амалҳои бефикрона ва анҷоми тамоми супоришоти бечунучарои роҳбарият-тибқи дастурамал аз ҷониби экстремист.
5. Такя ба ҳиссиёт, инстинкт ва дигар ғаризаҳои психикӣ. На ба ақл. Инкори куллии тафоҳум [2].

Дар рафти омӯзиш ва шинохти ин падида бо шаклҳои дигари он низ вохӯрдан мумкин аст. Аз ҷумла:

1. Ифротгароии сиёсӣ,
2. Иқтисодӣ,
3. Динӣ
4. Этнополитикӣ
5. Экологӣ
6. Иттилоотӣ ва ғ.

Ба тамоми навъҳои болозикри ифротгарой метавон, аслан хусусиятҳои фундаменталӣ, радикалӣ-консервативӣ, ва радикалӣ- инқилобиро хос донист, ки чунин табиати мазкур ғайри қобили қабул мебошад. Мавриди зикри хос аст, ки ифротгарой дар шакл ва навъҳои гуногун зоҳир мегардад. Таснифи бештар истифодашаванда ифротгароии этникӣ (миллатгарой, этникӣ-сиёсӣ), сиёсӣ ва мазҳабиро, вобаста ба зуҳури он дар робита бо сохторҳои қудратӣ, сиёсатмадорони алоҳида, иттиҳодияҳои онҳо, низоми иҷтимой ва гурӯҳҳои иҷтимой ҷудо кардан мумкин аст. Аммо бо ин ақидаи аксари муаллифоне, ки ин тақсимотро шартӣ медонанд, розӣ шудан мумкин аст, аз сабаби он, ки дар воқеият ин шаклҳо ба ҳам пайвастаанд ва дар шакли холис хеле кам ба назар мерасанд ва зуҳуроти гуногуни ифротгарой аксар вақт бо ҳадафи сиёсӣ муттаҳид мешаванд.

Ифротгароии сиёсӣ - ин пойбандӣ ба арзишот ва амалҳои канора дар сиёсат ва идеология дониста мешавад. Он натанҳо ба муқобили сохторҳои ҷамъиятиву давлатист, балки табиати ин падида амнияти соҳавии сохторҳои таркибии давлатҳову ҷомеаҳоро аз миён бурда, ба хотири расидан ба ҳадаф ҷонибдорони он ҳатто омодаанд, ки ниҳодҳои мавҷударо ба нобудӣ баранд. Ба андешаи муҳақиқи тоҷик Расулов С.Х. "...Ифротгароии сиёсӣ, асосан аз солҳои 70-уми асри XX авҷ гирифта буд ва он ҳама гуна низоми конститутсионӣ, амалҳои худро ҳақ баровардани мешавад. Ифротгароии сиёсӣ усулҳои гуногунро барои расидан ба ҳадафи худ истифода мебаранд: ба гарав гирифтани роҳбарони сиёсӣ, ходимони давлатию ҷамъиятӣ ва одамони дигар, кушторҳои сиёсӣ, ҳуҷумҳои мусаллаҳона ба мақомоти гуногуни давлатию чамъиятӣ ва ғайра. Яъне, барои ба даст овардани мавқеи сиёсии худамалҳои мудҳишонаро содир мекунанд" [7]. Бо ин мақсад ташкилотҳои ифротӣ ва пешвоёни онҳо бо истифода аз шиор ва даъватҳои гуногунмазмун, инчунин ба воситаи авомфиребии рӯйи рост (демогогия) ба ташкили ошубу тазоҳуротҳои оммавӣ, амалҳои террористӣ, муқовиматҳои мусаллаҳона, бандитизми таслиҳотӣ ва кӯшишҳо баҳри ташкили ҷанги шаҳрвандӣ дар ҷомеаҳо даст зада, бо чунин амалҳо тартиботи устувори конститутсиониро халалпазир мегардонанд.

Ифротгароии сиёсӣ дар ҷойи хушку холӣ ташаккул наёфтааст ва аз ҳавою ҳавас ва хоҳиши кадоме аз ифротиён насабзидаст. Он заминаи васеи ташаккул ва омилҳои зиёду гуногуни инкишофро соҳиб аст. Сатҳи инкишофи умумии давлатҳо ва минтақаҳо, дараҷаи зиндагӣ ва тарзи ҳаёти одамон, масъалаҳои мухталифи иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ, бахусус сиёсӣ дар ташаккули ифротгароии сиёсӣ ва шаклҳои мухталифи зуҳури он заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Асоси ташаккулу рушди ифротгароии сиёсиро ҳолати бӯҳронии инкишофи ҷомеа, махсусан бӯҳрони ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ташкил медиҳанд. Бад гаштани аҳволи кулли аҳолӣ, саросар қашшоқу бенаво гардидани мардум ва дар заминаи онҳо ба амал омадани тағйироти сифатӣ дар таркиби иҷтимоии ҷомеа боиси ташаккули инкишофи ҷараёнҳои сиёсии хосияти канорадошта ва иртиҷоӣ мегарданд.

Коршиносон бо ба инобат гирифтани табиати ин падида ва ҷонибдоронаш ифротгароии сиёсиро ба "Ифротгароии чапгаро" ва "Ифротгароии ростгаро" ҷудо намудаанд. Муҳаққиқи тоҷик Н.Д. Маҳмадизода вобаста ба масъалаи барасишаванда чунин андеша дорад, ки "мафҳумҳои «чап» ва «рост» нахустин бор дар оғози Инқилоби Бузурги Фаронса (1789–94) ва ИМА ба вуҷуд омадааст. Дар тадқиқотҳои илмии таърихнигорони Шуравӣ барои маънидоди амалҳои нерӯҳои чап, хусусан дар шакли муборизаи мусаллаҳона, чунин истилоҳот, ба мисли «ифротгароии чап», «тундгароии чап», «ҷараёни чапгаро» ва ҳатто « ифротгароии фавқулчап» истифода шудаанд" [6]. Албатта, дар гузашта гурӯҳҳои махталифи ифротгаро вуҷуд доштанд, барои расидан ба ҳадафҳои сиёсии хеш аз воситаҳои идеологии мухталиф истифода менамуданд. Аммо дар раванди инқилоби бузурги Фаронса рӯзноманигорон аввалин маротиба барои маънидод намудани гурӯҳҳои сиёсии чапгаро ва ростгаро ин вожаро истифода намудаан.(«ekstemite gauche», «ekstemite droite»)[8].

Ифротгароии сиёсии ростгаро бо ташвиқоту тарғибот ва инчунин бо мубориза ба хотири ҳифозат аз арзишоти консервативӣ, шаклҳои тартиботи сиёсии қаблӣ алоқамандӣ дошта, шаклҳои асосии он фашизм, фанатизми динӣ, ва популизми ростгаро ба ҳисоб мераванд.

Бояд гуфт, ки дар адабиёти муосири сиёсӣ калимаи ифодакунандаи моҳияти умумии "фашизм" вуҷуд надорад. Ин мафҳум аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Русия нисбати ташкилотҳои дорои характери ифротгароӣ низ мавриди истифода қарор мегирад.

Дар фашизм дар дилхоҳ муносибати модификатсионӣ ба сифати унсури марказӣ "ултранатсионализм" баромад намуда, он ба миллат ҳамчун фактори муҳимми таърихи инсоният муносибат намуда, манфиатҳои онро дар мадди аввал мегузорад.

Ифротгароии чапгаро бошанд ба сифати барандагони хиради ҷамъиятӣ ва ҳақиқати синфҳои меҳнаткаш ба монанди пролетариат деҳқонон ва ғайра баромад намуда, пайравони ин ақида, инчунин бо баёни мушкилоти гуногуни ҷомеаҳои муосир ба монанди нобаробарии иҷтимоӣ, истисмор, маҳви шахсият ва ғайра сохтори капиталистии ҷаҳонро мавриди танқид қарор медиҳанд. Дар муборизаҳои сиёсӣ бошад, ҳамчун муаррифгарони иродаи оммавӣ баромад карда, ба дигар қувваву ҷараёнҳои сиёсӣ дар афтода, компромис ва созиши мутақобиларо умуман қабул надоранд [5].

Ифротгароии иқтисодӣ бошад тамоми шаклҳои моликияти хусусиро рад намуда, муқобили назорати давлатии соҳаи иқтисод мебошад. Ифротгароии иқтисодӣ метавонад дар шаклҳои диверсия, оташзании объектҳои саноатӣ- истеҳсолӣ ва ҳатто куштори соҳибкорони инфиродӣ ва ҳимоятгаронашон низ зоҳир гардад, ки дар ин ҳолат он бо терроризм ҳамрадиф мегардад.

Ифротгароии динӣ ин пойбандии ҷараёнҳои гуногуни динӣ, гурӯҳҳои алоҳида ва ё нафарони фаъолияти рӯҳонидошта, ки ба ақидаҳои канораи арзишоти эътиқодияшон нисбати дин ва намояндагони динҳои дигар мавқеи созишкорона ва таҳаммулпазир надоранд, ба ҳисоб мервад. Муҳаққиқи рус А.П. Забияко мафҳум ва моҳияти ифротгароии диниро дар таҳққиқотҳои худ мавриди истифода қарор намудааст, ки андешаи ин муҳаққиқ то дараҷаи зарӯрӣ метавонад барои дарки ифодаи ин падидаи номатлуб истифода шавад. Ба андешаи муҳаққиқ «ифротгароии динӣ – навъи махсуси идеологияи динӣ ва ё фаъолияти диние мебошад, ки радикализми канора хусусияти муҳими онро ифода менамояд. Бинобар ин, ифротгароии динӣ бо анъанаҳои ба тозагӣ пиёдагардии муносибати оштинопазир зоҳир намуда, шиддати дохилии гуррӯҳҳои динӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоиро ба вуҷуд меорад» [3].

Ҷонибдорони ифротгароии динӣ нисбати он ташкилоту иттиҳодияҳое, ки хусусияти динӣ дошта, нисбат ба давлат мавқеъи позитивиро ишғол намудаанд, куллан муқобил буда, инчунин зидди ҳамсафони гуногунандеши худанд [4].

Ифротгароии этнополитикӣ аз дигар навъҳои ифротгароӣ фарқ дошта, он дар муносибатҳои агрессивии натсионалистие, ки ба инсон ва ё бадбинии миллатҳои дигар равона гардида аст, асос меёбад. Ин шакли ифротгароӣ ҳуқуқ ва қонуниятҳои миллият ва умумиятҳои дигари этникиро инкор карда, бартариятро ба миллатҳои асосӣ (титульная нация) медиҳад, ки ин ҳолат унсурҳои асосии мавҷудияти давлатҳои полинатсионалиро зери суол мебарад.

Ифротгароии этникӣ, инчунин сабаби асосии сар задани муноқишаҳои полинатсионалӣ дар ҷомеаҳо низ метавонад гашта бошад. Махсусан, дар замони муосир ҳамчун мисоли равшан ҳолати кунунии Русия, ки дар он зиёда аз 160 миллат зиндагӣ менамоянд, шуда метавонад [5].

Ифротгароии экологӣ гуфта, ин фаъолияти радикалии субъектони алоҳидаеро меноманд, ки рафти ҷараёни фаъолияти онҳо сабаби бад гаштани вазъи экологӣ ва ба таври ғайринавбатӣ сар задани мушкилоти экологӣ гашта, ба татбиқи сиёсати экологии давлат ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ халал ворид сохта, ҳатто прогресси илмӣ- техникиро инкор менамоянд, дар назар дошта мешавад [4]. Назари радикалӣ нисбат ба ташкилот ва корхонаҳои ба таназзули муҳити зист мусоидатунанда мебошад. Он дар амалҳо ва намоишу эътирозҳо барои ҳифзи муҳити зист бар зидди гунаҳкорони ҷиноятҳои экологӣ зоҳир мегардад. Чораҳои радикалӣ ҳатто нисбати шахсоне, ки либосҳои аз пашми ҳайвонот ба бар кардаанд, метавонанд зоҳир шаванд.

Ифротгароии иттилоотӣ шакли махсуси фаъолият дониста шуда, тавассути иттилоот баамалбарории зӯроварӣ ва ё таҳдид ё ин ки бо истифода аз воситаҳои иттилоотрасони давлатӣ ба таври маҷбурӣ иҷроши ин ё он талаби экстремистон ба ҳисоб меравад [1]. Вобаста ба ин масъала Пешвои миллат - Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд «Имрӯзҳо шабакаи интернет, мутаассифона, аз ҷониби гурӯҳҳои ифротгаро бо мақсади таблиғи ғояҳои экстремистӣ, ба сафи худ ҷалб намудани аъзои нав, омода ва роҳбарӣ кардани онҳо ба аъмоли харобкорона ба таври густурда истифода мешавад» [9]. Воқеъияти инкишофи

фазои шабакаи иттилоотӣ тақозо менамояд, ки давлат ва ҷомеа ин фазоро зери назорат гиранд, то ки гурӯҳҳои манфиатдори ифротӣ онро ба манфиати сиёсию гурӯҳии худ истифода нанамоянд.

Ифротгарой ҳаракатест, ки бо сохти мавҷуда ҳама вақт дар мубориза аст, кӯшиш мекунад, ки вазъиятро дар ҷомеа ноором сохта чунин фаъолиятҳоро дар равандҳои сиёсӣ- иҷтимой иҷро намояд:

- огоҳӣ ва иттилоърасонии ҷомеа нисбати бесарусомониҳо дар ҷомеа;

- тақвият додани буҳронҳои иҷтимой бо роҳи норозигии мардум ва фишор овардан нисбати сохти сиёсии мавҷуда бо ба иҷро расондани террорҳо, таркишҳо, гаравгонгириҳо ва ғайра;

- майли норозигӣ ба нормаҳои мавҷуда ва кӯшиши навоварӣ ва дигар- гунӣ даровардан [10].

Дар тамоми мамлакатҳои олам ташкилот, иттиҳодияҳо ё гуруҳҳоеро дарёфт намудан мумкин аст, ки аз ин ё он ҷиҳате назария ва амалияи иртиҷоиро ҷонибдорӣ менамоянд. Ҳатто, дар мамлакатҳои мутамаддини аврупой, ки дорои режими либералию демократианду моҳиятан ҳар гуна назария ва амалияи радикалию иртиҷоиро қабул надоранд, ташкилот ва гуруҳхои экстремистиро пайдо намудан мумкин аст. Ин аз он дарак медиҳад, ки ифротгароие, ки дар мамолики Ғарб зуҳур намудаву дорои собиқа ва амалияи махсус аст, дорои характери ҳам динӣ ва ҳам дунявӣ мебошад. Ҳамин тариқ **ифротгарой таҷассумгари воситаҳои таъсири мутақобилаест, ки дар он амалҳои яке аз ҷонибҳо аз ҳад берун, яъне аз талаботи қонун, анъанаҳо, ахлоқ, дин ва дигар меъёрҳо боло меистад. Аз нуқтаи назари низоъшиносӣ, ифротгарой ҳамчун истифодаи воситаҳои барангехтани робитаҳои манфии тарафайн, воситаи мубориза барои халалдор кардани сулҳу осоиш, барангезандаи низоъҳо дар арсаи ҷаҳонӣ ба шумор меравад.**

Имрӯзҳо дар шароити ҳассосу таҳаввулпазири ҷаҳони муосир таҳдиду хатароти дар ҳоли вуқуъ ва амалкунандаи таҳдидгар ба амнияту суботи сартосарии ҷомеаи башарӣ ба таври бесобиқа ва ба шаклу навъҳои мухталиф боло гирифта аст. Ҷаҳони муосир ба як қатор мушкилоту муаммоҳои ҷиддӣ аз қабили экстремизму терроризм, қочоқи маводи мухаддир, фуруши аслиҳа ва ғайра рӯ ба рӯ шуда, дар натиҷа дар аксари кишварҳои ҷаҳон на танҳо оромиву субот, балки тамомияти арзӣ ва ҳатто мавҷудияти онҳо зери суол қарор гирифта аст. Аз ин лиҳоз, моро мебояд, ки ба хотири дифоъ аз манофеъи сатҳи гуногуни хеш ва таъмини якпорчагиву ваҳдати кишварамон бо мавриди омӯзиш қарор додани тамоми он хатароти таҳдидгар ба суботи сиёсии мамалакатро мавриди омӯзиши амиқ қарор додаву манфиатҳои миллии Тоҷикистони азизро дар тамоми сатҳу соҳа ба пуррагӣ дифоъ намоем.

Қобили тазаккур аст, ки **дар ифротгарой афзоиши муборизаҳои низоъангез то ҳадде бартарӣ дорад, ки ҷое барои сулҳ боқӣ наемонад. Ин шакли низоъ ҳангоме ки воситаҳои мусаллаҳонаи мубориза мавриди истифода қарор мегиранд, ба худ маънои дигарро касб мекунад. Ифротгарой низоъест, ки дар онҳо воситаҳои мухталифи тарсу зӯроварӣ то охирин ҳадди харобкорӣ ва қатлу куштор истифода мешаванд.**

Ифротгарой дар замони имрӯза дар фаъолияти худ ҳамаи методҳои ифротгароии гузаштаро истифода мебарад, ки инҳо тозакунии этноконфесионалӣ, истифодаи генотсид, зуд-зуд бардоштани шӯришу исёнҳо ва муборизаҳои яроқнокро бо мақсади ба даст овардани ҳокимият, ба ҷанг бархостани ифротгароёни динӣ, ба инсоният зулми маънавию равонӣ расонидан мебошад. Бинобар ин, мо – шаҳрвандони кишвар, ва дигар фаъолони ҷомеаро зарур аст, ки дар маҷрои ҷаҳонишавӣ бо дарки масъулият истиқлолияти худро бо меҳнати софдилона ва самимӣ дар ҳама соҳаҳо таҳким бахшем ва барои таълиму тарбияи наврасону ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ, худогоҳиву худшиносӣ, инчунин, ҷалби онҳо ба корҳои созандагиву ободкорӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳким бахшидани ваҳдати миллӣ саҳмгузор бошем.

АДАБИЁТ

1. Варданян А. В., Кулешов Р. В. О классификации явлений экстремизма и терроризма: единство сущности и поливариантность отображения в социуме // Правовое государство: тео- рия и практика. 2015. № 4 (42).

2. Горбунов А. А., Кретов Б. И. Экстремизм и особенности его проявления в отечест- венной политической теории и практике // Вестник Российской нации. 2010. № 12–13.
3. Забияко А.П. Экстремизм религиозный. Религиоведение. Энциклопедический словарь. –М.: Академический проект, 2006.- С. 126.
4. Идеология терроризма. 2012 // URL: http://www. knowledge.allbest.ru/political.; Жамиева А. С. Особенности современного экстремизма в условиях глобального развития // Политическая реальность в разнообразных ее проявлениях. Павлодар: Издательство «Кереку», ПГУ им. С. Торайгырова, 2008.
5. Исмагилова А. Р. Правовые основы противодействия незаконной деятельности нетрадиционных религиозных объединений деструктивного характера в зарубежных странах // Вестник Уфимского юридического института МВД России. 2016. № 3.- С.52
6. Маҳмадизода Н.Д. Омилҳои иҷтимоии экстремизми динӣ- сиёсӣ дар Тоҷикистон. Монография/. - Душанбе -2019., С.,-70.
7. Расулов С.Х. Экстремизм: сабабҳо ва роҳҳои пешгирӣ (таҳлили психологӣ).// С.Х. Расулов // Терроризм: моҳият, хосиятҳо ва раванди ташаккулу инкишоф. 2016. –Душанбе, 2016.- С.59.
8. Хушвахтов А.Р. Ҷанбаҳои назарияви пайдоиш ва зуҳуроти экстремизм// А.Р Хушвахтов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2018. - №.3 – С. 303.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар мулоқот бо намояндагони ҷомеаи кишвар ба муносибати фарорасии моҳи шарифи Рамазон. [манбаи электрони]: http://www.president.tj/node/17613 (санаи мурочиат 10.06.2025)
10. Юсуф Р.А. Экстремизми динӣ-сиёсӣ ҳамчун омили таҳдид // Р.А. Юсуф // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови Академияи миллӣ илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 2018. №1.- С. 81.

НАВЪҲО ВА ШАКЛҲОИ АСОСИИ ЗУҲУРИ ИФРОТГАРОӢ

Дар мақола навъҳо ва шаклҳои асосии зуҳури ифротгароӣ ҳамчун яке аз таҳдидҳои ҷиддии амнияти миллӣ ва байналмилалӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд. Муаллиф моҳият ва хусусиятҳои ифротгароиро баррасӣ намуда, фарқияти онро аз радикализм нишон медиҳад. Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ ва назарияҳои мавҷуда шаклҳои гуногуни ифротгароӣ, аз ҷумла ифротгароии сиёсӣ, иқтисодӣ, динӣ, этнополитикӣ, экологӣ ва иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Ҳамчунин омилҳои ташаккул ва рушди ифротгароӣ, хусусиятҳои хоси ҳар як навъ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа таҳлил карда мешаванд. Дар мақола таъкид мегардад, ки шаклҳои гуногуни ифротгароӣ дар амалия бо ҳамдигар алоқаманд буда, аксаран бо ҳадафҳои сиёсӣ ва идеологӣ муттаҳид мешаванд. Хулоса карда мешавад, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи навъҳо ва шаклҳои зуҳури ифротгароӣ барои таҳияи механизмҳои муассири пешгирӣ, муқовимат ва таъмини амнияти ҷомеа аҳаммияти муҳим дорад. Ин аннотатсия ба талаботи мақолаҳои илмии маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мувофиқ буда, мазмун, ҳадаф, объекти таҳқиқ ва натиҷаи асосии мақоларо дар бар мегирад.

Калидвожаҳо: ифротгароӣ, экстремизм, терроризм, радикализм, ифротгароии сиёсӣ, ифротгароии динӣ, ифротгароии иқтисодӣ, ифротгароии этнополитикӣ, ифротгароии экологӣ, ифротгароии иттилоотӣ, амнияти миллӣ, суботи сиёсӣ.

ОСНОВНЫЕ ВИДЫ И ФОРМЫ ПРОЯВЛЕНИЯ ЭКСТРЕМИЗМА

В статье анализируются основные виды и формы проявления экстремизма как одной из серьёзных угроз национальной и международной безопасности. Автор рассматривает сущность и особенности экстремизма, а также показывает его отличие от радикализма. На основе анализа научной литературы и существующих теоретических подходов исследуются различные формы экстремизма, включая политический, экономический, религиозный, этнополитический, экологический и информационный экстремизм. Особое внимание уделяется факторам формирования и развития экстремизма, специфическим особенностям каждого его вида и их влиянию на политическую, социальную и культурную стабильность общества. В статье подчёркивается, что различные формы экстремизма на практике тесно взаимосвязаны и нередко объединяются общими политическими и идеологическими целями. Делается вывод о том, что всестороннее изучение видов и форм проявления экстремизма имеет важное значение для разработки эффективных механизмов его предупреждения, противодействия и обеспечения общественной безопасности.

Ключевые слова: экстремизм, терроризм, радикализм, политический экстремизм, религиозный экстремизм, экономический экстремизм, этнополитический экстремизм, экологический экстремизм, информационный экстремизм, национальная безопасность, политическая стабильность.

THE MAIN TYPES AND FORMS OF EXTREMISM

The article analyzes the main types and forms of extremism as one of the most serious threats to national and international security. The author examines the essence and characteristics of extremism and highlights its differences from radicalism. Based on the analysis of scientific literature and existing theoretical approaches, various forms of extremism are explored, including political, economic, religious, ethnopolitical, environmental, and informational extremism. Particular attention is paid to the factors contributing to the emergence and development of extremism, the specific features of each type, and their impact on the political, social, and cultural stability of society. The article emphasizes that different forms of extremism are closely interconnected in practice and are often united by common political and ideological objectives. It is concluded that a comprehensive study of the types and forms of extremism is essential for developing effective mechanisms for its prevention, counteraction, and the maintenance of public security.

Keywords: extremism, terrorism, radicalism, political extremism, religious extremism, economic extremism, ethnopolitical extremism, environmental extremism, informational extremism, national security, political stability.

Маълумот дар бораи муаллиф: Саиднасиллоева Шамила Саидҷобировна- Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинов, магистри ихтисоси сиёсатшиносӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки,33. Телефон: +992 008 66 35 34

Сведения об авторе: Саиднасиллоева Шамила Саидджобировна - Национальная академия наук Таджикистана, Института философии и политологии имени А. Баховаддинова, магистр специальности «Политология». Адрес:734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: +992 008 66 35 34.

Information about the author: Shamila Saidjobirovna Saidnasilloeva- National Academy of Sciences of Tajikistan, Political Science at the A. Bahovaddinov Institute of Philosophy and Political Science, is a Master's student in Political. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Phone: +992 008 66 35 34.

МАХСУСИЯТҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТИИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ҚАРИНАИ ҶАҲОНИШАВӢ

Шарипов А. Н., Шарифзода А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ибтидои асри XXI Осиёи Марказӣ яке аз муҳимтарин марказҳои геополитикии ҷаҳони муосир гардид. Нақши геополитикии минтақа бо аҳаммияти байниқитъавии он барои алоқаҳои тиҷоратӣ байни кишварҳои Аврупо, Шарқи Наздик ва Осиё алоқаманд мебошад. Минтақаи Осиёи Марказӣ "гирех"-и нотакрори геополитикӣ ба шумор меравад, ки чор қудрати ҳастаӣ - Россия, Чин, Ҳиндустон ва Покистонро ба ҳам мепайвандад.

Минтақаи геополитикии Осиёи Марказӣ ҳудуди васеъ буда, тақрибан 10% қаламрави қитъаи Осиёро дар бар мегирад, ки дар маркази Авруосиё ҷойгир буда, ба уқёнуси ҷаҳонӣ баромади бевосита надорад. Дар шароити муосир минтақаи Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи зиёди қудратҳои бузургро бинобар маҷвудияти захираҳои бузурги маводи сӯхт, тилло, мис, уран, иқтидори бузурги гидроэнергетикӣ, инчунин ҷойгир будани роҳҳои транзитӣ, аҳаммияти геоиқтисодии баҳри Хазар ба худ ҷалб мекунад [12].

Дар шароити ҷаҳонишавии босуръат ва рушди технологияҳои рақамӣ, амнияти иттилоотӣ ба яке аз унсурҳои калидии амнияти миллӣ табдил ёфтааст. Давлатҳои Осиёи Марказӣ дар муҳити мураккаби геосиёсӣ ва иттилоотӣ қарор доранд, ки ин масъалаи ҳифзи фазои иттилоотиро муҳимтар мегардонад.

Амният ва суботи давлатҳо, ки ҷузъҳои муҳимтарини низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ мебошанд, айни замон давраи дигаргуниҳои ҷиддӣ, афзоиши назарраси омилҳои номуайянӣ ва ноустувориро паси сар мекунанд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ бештари мушкилоти минтақавӣ ва маҳаллӣ хусусияти умумиҷаҳонӣ касб намуда, аксар вақт ҳалли онҳо бо ҷидду ҷаҳди як кишвар гайриимкон мегардад. Дар тавозуни қувва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ ва ҳам дар сатҳи минтақаҳои алоҳидаи сайёра тағйироти куллӣ ба амал омада, мутаносибан нақши механизмҳои таъмини амнияти ҷаҳонӣ ва минтақавӣ меафзояд [13, с.62].

Тавре муҳаққиқи ватанӣ А.Н. Муҳаммад менависад "дар зери таъсири ҷаҳонишавӣ шабакаҳои иттилоотӣ, андешаҳо, арзишҳо, сармояҳо, молу маҳсулот ва хизматрасониҳо, намунаҳои рафтор ва шаклҳои гуногуни ҷаҳонбинӣ бидуни ягон монеа дар низоми ягонаи ҷаҳонӣ омезиш ёфта, фаъолияти одамон, гурӯҳҳо ва ниҳодҳои иҷтимоию сиёсӣ ва муносибати мутақобилаи миёни онҳоро тағйир медиҳад" [6, с.136].

Мутобиқи Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди афзоишёбандаи ҷаҳонишавӣ дар баробари мусоидат намудан ба ҳамкориҳои зич байни халқҳо ва давлатҳо ва ташаккулёбии системаи фарогири алоқаҳои сиёсию иқтисодӣ ва илмию фарҳангии миёни онҳо, метавонад оқибатҳои номатлубро, мисли зиёдшавии тафовут миёни давлатҳои рушдёфта ва давлатҳои қафомонда, афзоиши фишор ба арзишҳои миллӣ ва фарҳангии халқҳо ва ғайра, ба миён орад [3].

Таъсири аз ҳама бештари технологияҳои иттилоотиро дар шакли ҷаҳонишавӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки ҳам дар соҳаи сиёсат ва ҳам иқтисод дигаргуниҳои ҷиддиро ба вуҷуд меоварад. Чунки ҷаҳонишавӣ ҳамчун заминаи асосии ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ таҳдиду хатарҳои гуногунеро ба вуҷуд меоварад, ки дар чунин шароит давлатҳо ҷуз тағйир додани рафтори худ ва посух гардонидан ба таҳдидҳои мазкур чораи дигар надоранд [11, с.105].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ низ исбот менамояд, ки дар шароити муосир ҳеҷ як кишвар наметавонад дар танҳоӣ рушд намуда дар баробари зуҳуроти нави номатлуб истодагарӣ кунад. Аз ин рӯ таъсиси Иттиҳоди давлатҳои мустақил инъикоси қонуниятҳои айнӣ ва умумии кишварҳои мустақил баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ мебошад. Табиист, ки масъалаи таъмини амният ва мубориза бо хатарҳои муосир талоши дастаҷамъонаро тақозо

менамояд, аз ин рӯ воридшавӣ ба Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва Созмони ҳамкории Шанхай-ро метавон ҳамчун идомаи мантиқии сиёсати амниятии ҳар ду кишвар арзёбӣ намуд. Мавқеи кишварҳо оид ба чунин масъалаҳо, аз қабили мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, одамрабоӣ, қочоқи маводи мухаддир ва аслиҳа мувофиқат менамояд. Вобаста ба риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон низ назари мо мушобеҳ мебошад.

Аз ҷониби дигар, ҳамоҳангии талошҳо дар мубориза бо хатару таҳдидҳо дар минтақа, ки ҳамкории мустаҳками кишварҳои минтақаро дар самти муқовимати муштарак бо таҳдидҳои ғайрианаъанавӣ дар назар доранд, зарурати тақвият ва умқи ҳамкории кишварҳоро дар ин самт тақозо менамояд.

Масъалаи амниятӣ дар Осиёи Марказӣ хислати мураккаби геополитикӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад. Душвории он дар таъсири бисёрсатҳаи омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба ҳолати амнияти минтақа инъикос мегарад. Масалан дар ҷаҳони муосир дар баробари раванди ҷаҳонишавӣ минтақагароии муносибатҳои байналмилалӣ ҷараён дорад, ки барои кишварҳои Осиёи Марказӣ низ хос мебошад. Яке аз сабабҳои ташаккули кишварҳои Осиёи Марказӣ ба воҳиди ягонаи геополитикӣ таъмини амният ба шумор меравад. Таъмини амнияти миллии кишварҳои нави мустақил бо роҳи бунёди низоми бисёрсатҳаи амнияти минтақавӣ ба даст меояд, ки тавассути ҳамкории мутақобилаи бисёрҷонибаи онҳо ба даст меояд. Кишварҳое ки ҳамкории Осиёи Марказиро созмон доданд иштирокчиёни созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ба шумор мераванд, ки унсурҳои низоми амнияти ҳам минтақавӣ ва ҳам ҷаҳониро ташкил медиҳанд [7].

Амнияти иттилоотӣ ҳамчун ҳолати ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар фазои иттилоотӣ аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ фаҳмида мешавад. Он се ҷанбаи асосиро дар бар мегирад:

- ҳифзи инфрасохтори иттилоотӣ;
- таъмини махфият, дастрасӣ ва томияти иттилоот;
- ҳимоя аз таъсири иттилоотии манфӣ [2].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ин мафҳум фаротар рафта, ба масъалаҳои амнияти киберӣ ва ҳифзи ҳувияти фарҳангӣ низ дахл мекунад.

Яке аз омилҳои асосии амнияти иттилоотӣ дар минтақа шабакаи умумиҷаҳонии Интернет мебошад. Интернет дар кишварҳои минтақа – ба яке аз унсурҳои асосии ҳаёти ҷомеа табдил ёфтааст. Аллакай дар оғози соли 2012 16,1 млн. аҳолии кишварҳои минтақа ба шабакаи умумичаҳонӣ дастрасӣ доштанд [1].

Агар шумораи истифодабарандагони интернет дар митақаи Осиё дар соли 2012 16,1 млн. аҳолиро ташкил медод, пас мувофиқи маълумотҳои охирин то 31 марти 2019 ин шумора ба 2 млрд 197 млн 444 ҳазору 783 нафар расид. Ё ба таври дигар аз шумораи истифодабарандагони аҳолии ҷаҳон 51,8% танҳо ба митақаи Осиё рост меояд ва 62,9% дигараш бошад, ба боқимонда кишварҳои ҷаҳон рост меояд.

Мувофиқи ҳамин раддабандӣ шумораи истифодабарандагони интернет то 31 марти 2019 дар панҷ кишвари Осиё Марказӣ дар умум 38 млн 141 ҳазору 591 нафарро ташкил намуд.

Тибқи маълумоти соли 2021 дар давоми тақрибан ду даҳсола, аз соли 2000 инҷониб (113 ҳазор истифодабаранда), шумораи истифодабарандагони интернет дар Осиёи Марказӣ то 42 миллион нафар афзоиш ёфтааст. Ба ҳамин сабаб, кишварҳои минтақа фаъолона ба лоиҳаҳо ва ташаббусҳои муштарак оид ба ташкили муҳити амни рақамӣ ҷалб гардидаанд [8].

Шумораи истифодабарандагони интернет дар кишварҳои Осиё Марказӣ дар алоҳидгӣ то 31 марти 2019 чунин аст: Қазоқистон – 14 млн 210 ҳазору 607 нафар, Қирғизистон – 2 млн 493 ҳазору 400 нафар, Тоҷикистон – 3 млн 013 ҳазору 256 нафар, Туркманистон – 1 млн 262 ҳазору 794 нафар ва Ӯзбекистон – 17 млн 161 ҳазору 534 нафар. Аз инҷо ба мо маълум гардид, ки истифодабарандагони интернет дар Тоҷикистон дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ дар ҷойи сеюм меистад [14, с.207].

Афзоиши хатарҳои иттиллотӣ – марҳилаи нави ташаккули ҷаҳонишавӣ сатҳи нави хатари иттилоотиро возеҳ намуд. Тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ раванди суқути режимҳои давлатии Шимоли Африқо ва Шарқи Наздик амалӣ гардид. Зиёда аз он ҷалби размандагон ба «ДИИШ», мағзшӯии ҷавонон ва густариши ақидаҳои ифротӣ низ маҳз тавассути шабакаҳои иттилоотии муосир сурат гирифтанд.

Тавсеаи хатари иттилоотӣ боиси сафарбар намудани тамоми захираҳои маънавию моддӣ баҳри пешгирии хатарҳои марбут ба он мегарданд. Таваҷҷуҳи хосаро ҳолати амнияти иттилоотӣ дар кишварҳои мустақили Осиёи Марказӣ ҷалб менамояд, ки низомҳои сиёсии онҳо дар раванди ташаккул ва таҳаввул буда, гирифтори ҳуҷумҳои иттилоотӣ аз ҷониби созмонҳои байналхалқии террористӣ ва экстремистӣ мегарданд, ба фишори бозингарони ҷаҳонӣ дучор шуда, ба рақобати минтақавӣ кашида мешаванд.

Ҳамаи кишварҳои Осиёи Марказӣ аз оғози истиқлолияти давлатӣ (аз соли 1991) ба ташаккули дидгоҳи (идеология) мустақили худ нисбат ба раванди воридшавӣ ба фазои иттилооти ҷаҳонӣ, қонунгузории миллӣ, барои танзими амнияти иттилоотӣ оғоз намуда, ниҳодҳои мутаносибро барои таъмини ҳифзи инфрасохтори иттилоотӣ ва фазои иттилоотӣ бунёд намуданд.

Кишварҳои Осиёи Марказӣ бо мушкилоти умумии таъмини амнияти иттилоотӣ рӯ ба рӯ мешаванд, ки ба онҳо дохил мешаванд: афзоиши таъсири манфӣ ва харобиовари иттилоотии қувваҳои хориҷӣ, рушди нокофии бахшҳои миллии фазои иттилоотӣ бо забонҳои давлатӣ, нобаробарии иттилоотии минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳуриҳо, арзиши нисбатан баланди дастрасӣ ба Интернет ва ғайра.

Амнияти иттилоотӣ дар ҳама ҷамоҳири Осиёи Марказӣ ҳамчун шакли амнияти миллӣ баррасӣ шуда, аҳамияти аввалиндараҷа ба муҳофизат аз таъсири харобиовари иттилоотии хориҷӣ ба мақсади барҳам задани сохти конститутсионӣ, халалдор намудани истиқлолият ва тамомияти арзӣ, суботи дохилӣ ва қобилияти мудофиавӣ равона мегардад.

Дар тамоми кишварҳои минтақа сохторҳои махсуси ҳокимият бунёд гаштаанд, ки ба салоҳияти онҳо ҳалли масоили амният иттилоотӣ дохил мегардад. Ҳамаи кишварҳои минтақа иштирокчиёни аҳднома ва созишномаҳои байниҳукуматӣ дар самти муҳофизати фазоиттилоотӣ ва таъмини амнияти байналхалқии иттилоотӣ ба шумор мераванд.

Бояд таъкид намоем, ки монеаи ҷиддӣ дар таъмини амнияти коммуникатсияи сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ афзоиши хатарҳои хислати ҳарбӣ-сиёсӣ, террористӣ ва ҷиноятдошта ба шумор мераванд. Ин, дар навбати худ, назди олимон вазифаи коркард ва татбиқи стратегияи амнияти дастаҷамъонаи иттилоотиро мегузорад, ки метавонад дар чаҳорчӯбаи СААД, СҲШ ва ИДМ ҳал гардад. Зарур аст, ки кишварҳои Осиёи Марказӣ татбиқи муқаррароти «Кодекси моделии иттилоотӣ барои кишварҳои аъзои ИДМ» ва «Тавсияҳо оид ба такмил ва ҳамоҳангсозии қонунгузории миллии кишварҳои аъзои ИДМ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ» (23.11.2012), қонуни моделӣ «Дар бораи иттилоот, иттилоотикунонӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ» (28.11.2014), ки дар доираи Маҷмааи байнипардумонии кишварҳои аъзои ИДМ қабул шудаанд, назорат ва ҳамоҳанг намоянд.

Дар чаҳорчӯбаи кишварҳои СААД Осиёи Марказӣ Тоҷикистон, Қирғизистон ва Қазоқистон пайваста дар амалиёти «ПРОКСИ» иштирок менамоянд, ки таҷрибаи аввалини муборизаи ҳамоҳангшуда бо киберҷиноятқорӣ дар қаламрави масъулияти созмон мебошад. Ҳамасола дар фазои иттилоотии кишварҳои аъзои Созмон сомонаҳои мухталиф ба қайд гирифта мешаванд, ки тавассути онҳо иттилооте паҳн мегардад, ки ба манфиатҳои давлатӣ ва умумӣ зарар мерасонад. Ҷамъбасти ин таҷриба ва пешниҳоди тавсияҳо барои такмили он вазифаи муҳими муосир мебошад [5, с.4].

Дар инҷо, барои мисол мехостем, рӯйхати сомонаҳои террористиву эктремистии яке аз кишварҳои Осиё Марказӣ – Ҷумҳурии Ӯзбекистонро, ки айни ҳол кишвари аъзои СААД намебошад, пешкаш намоем. Вазорати адлияи Ӯзбекистон рӯйхати сомонаҳои экстремистӣ, шабакаҳо, саҳифаҳо ва саҳифаҳои соҳавӣ, инчунин номгӯи сомонаҳои экстремистӣ ва террористиро дар шабакаҳои иҷтимоие, ки бо қарори Суди олии Узбекситон аз 12 марти

2019 асос ёфтааст, нашр намуд. Рӯйхати мазкур аз 40 номгӯ иборат мебошад. Дар он сомонаҳои интернетии "najot.info" ва "hizbuzistan.com" ва инчунин профилҳои зерин дар Facebook, Youtube и Telegram ҳамчун экстремистӣ ва террористӣ дониста мешванд: "Абу Салоҳ дарсликлари", "Жаннат ошиқлари", "Шом овози", "Тавҳид ва жиҳод", "Islam Abu Khalil", "Полвон Новқатлик", "Сохиб Махмудов", "Фаррухбек Абдуллаев", "Мамарахимов Абдурахим Миркомилович", "Мухожир Полвон", "Abu Aisha", "Turkiston", "Хуррият инфо", "Нажот", "ал-Ваъй", "Роя", "Usulul fiqh", "Mustalahul hadis", "Darslardan qisqa lavhalar", "Fiqh ahkomlari", "Tavhid darsi", "Qiyomatdan avvalgi fitnalar", "Savol va javoblar", "Foida Mp3", "Foida va qoidalar", "Tafsir darslari", "Talbisu iblis darslari", "Islomni buzuvchi amallar darslari", "Nomoz va benomozga taluqli masalalar", "Ayollar darslari silsilasi", "Aqiyda darslari", "Silsilaviy darslar va ma'ruzalar", "Muhim darslar", "Aqiydatul vositiya", "Mustalahul hadis", "Alfatx", "Talabalar uchun darslar", "АЛЪ-ФАТҲ ТВ", "DA'VAT UZ" ва "HIDOYAT TV"[10].

Метавон гуфт, ки масъалаи амнияти иттилоотии кишварҳои мустақили пасошуравӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати амнияти иттилоотии Тоҷикистон ба шумор меравад. Амнияти иттилоотӣ дар низоми коммуникатсияи сиёсӣ ҳамчун таркиби манфиатҳои миллии ҳар як кишвар баромад менамояд. Дар ин самт, кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушкилоти умумӣ барои таъмини он рӯ ба рӯ мегарданд.

Аз ин рӯ, бунёди низоми дастаҷамъонаи амнияти иттилоотӣ ва коммуникатсияи сиёсӣ дар чаҳорчӯбаи САД, СҲШ ва ИДМ мебояд дар усули иштироки баробар дар муносибатҳои иттилоотии ҷаҳонӣ, усулҳои умумӣ баҳри ҳалли ҳуқуқӣ ва эътирофи зарурати муқовимати истифодаи иқтидори технологияҳои иттилоотӣ асос ёбад, ки хатари воқеиро ба манфиатҳои миллӣ ва дастаҷамъонаи кишварҳои аъзо эҷод менамоянд.

Дар шароити имрӯза рушди технологияҳои иттилоотӣ ва тавсеаи равандҳои ҷаҳонишавӣ таҳдиду хатарҳои иттилоотиро бештар намуда истодаанд. Рушд ва такмилёбии пайвастаи фазои ҷаҳонии иттилоотӣ дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ, ки дастоварда ва ташаккули ҷомеаи ҷаҳонии иттилоотиро фароҳам овардааст, ҷанбаҳои манфӣ низ дорад, ки ба амнияти итилоотии Осиёи Марказӣ таҳдид менамояд.

Амнияти иттилоотии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ба тақвияти ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби созмонҳои минтақавӣ ва муборизаи муштарак бо таҳдидҳои кибериӣ вобаста аст.

Имрӯзҳо ҷаҳонишавии равандҳои иттилоотӣ ва истифодабарӣ аз фазои виртуалӣ ба инкишофи мафҳуми «киберамниятӣ» мусоидат намуда истодааст.

Дар замони муосир нигаронӣ аз киберҳуҷумҳо миқёси ҷаҳонӣ гирифта истодаанд, зеро ин ҳуҷумҳо имконият доранд мувозинати системаи амнияти аҳониро вайрон кунанд, ё ба обрӯйи мамлакат зарари калон расонанд. Бо ин сабаб омӯзиши масъалаи амнияти иттилоотӣ чун унсури пойдории амнияти миллӣ аҳамияти бениҳоят муҳимро мегирад.

О. Ладигина рушди техникии ҷомеаро аз назари фалсафаи иҷтимоӣ чун масъалае медонад, ки бо сабаби буҳронҳои ҷаҳонишавии тамаддуни инсоният ба миён омадааст. Ба андешаи муҳаққиқ иттилоот дар ҷомеа ва арзишҳои фарҳангии башар ба таври густурда таъсиррасон мебошад [4, с.131].

Хусусияти муҳими минтақа дар он аст, ки он зери таъсири якчанд омилҳои стратегӣ қарор дорад:

а) Яке аз хусусиятҳои муҳими минтақа нобаробарии сатҳи рушди рақамисозӣ мебошад. Ин равand дар фарқияти дастрасӣ ба инфрасохтори рақамӣ, аз ҷумла шабакаҳои интернетии баландсуръат, технологияҳои абрӣ ва системаҳои муосири иттилоотӣ ифода меёбад.

Кишварҳое, ки дар ин самт ақиб мондаанд, бо як қатор мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд: маҳдуд будани имкониятҳои техникии ҳифзи додаҳо, заъфи системаҳои амниятӣ ва вобастагӣ аз хизматрасониҳои хориҷӣ. Дар натиҷа, чунин кишварҳо бештар ба ҳамлаҳои кибериӣ ва таъсирҳои беруна осебпазир мегарданд.

Аз нигоҳи стратегӣ, ин нобаробарӣ метавонад ба афзоиши тафовутҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дар минтақа мусоидат намояд.

б) Вобастагӣ аз технологияҳои хориҷӣ яке аз омилҳои асосии заъфи амнияти иттилоотӣ ба ҳисоб меравад. Аксари кишварҳо дар истифодаи нармафзор, таҷҳизоти шабакавӣ ва платформаҳои рақамӣ ба ширкатҳои хориҷӣ такя мекунанд.

- Ин ҳолат ба якчанд хатар оварда мерасонад:
- эҳтимоли дастрасии ғайримустақим ба маълумоти давлатӣ ва стратегӣ;
- мавҷудияти осебпазириҳои пинҳонӣ дар системаҳо;
- маҳдуд гардидани истиқлолияти рақамӣ.

Дар чунин шароит, масъалаи таъмини соҳибихтиёрии рақамӣ ва рушди иқтидори миллӣ дар соҳаи технология аҳамияти калидӣ пайдо мекунад.в) Омили иҷтимой-фарҳангӣ

в) Омили инсонӣ дар амнияти иттилоотӣ нақши ҳалкунанда дорад. Сатҳи пасти саводнокии рақамӣ ва фарҳанги истифодаи технологияҳо боис мегардад, ки истифодабарандагон ба осонӣ ба таҳдидҳои гуногун дучор шаванд:

- паҳншавии ахбори бардурӯғ;
- афзоиши қаллобии интернетӣ;
- беэҳтиётона муносибат кардан бо маълумоти шахсӣ.

Шабакаҳои иҷтимой, дар навбати худ, ба абзори таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ табдил ёфтаанд. Онҳо метавонанд равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро тағйир диҳанд ва ҳатто ба суботи ҷомеа таъсир расонанд.

Аз ин рӯ, баланд бардоштани маърифати рақамӣ ва фарҳанги иттилоотӣ як шарти муҳими таъмини амнияти устувор мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, таҳдидҳо шакли нав мегиранд:

✓ Ҳамлаҳои киберӣ (hacking, malware) имрӯз ба як абзори муҳими рақобати геополитикӣ табдил ёфтаанд. Онҳо метавонанд инфрасохтори муҳим, аз қабили низоми энергетикӣ, бонкӣ ва идоракунии давлатиро ҳадаф қарор диҳанд. Ин гуна ҳамлаҳо на танҳо зарари иқтисодӣ, балки таҳдиди мустақим ба амнияти миллӣ мебошанд;

✓ Ҷанги иттилоотӣ шакли нави муқовимати сиёсӣ мебошад, ки дар он иттилоот ҳамчун силоҳи асосӣ истифода мешавад. Ҳадафи он таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъиятӣ, тағйир додани арзишҳо ва ташаккули муносибатҳои муайяни сиёсӣ мебошад. Ин раванд махсусан тавассути шабакаҳои иҷтимой ва ВАО-и рақамӣ амалӣ мегардад;

✓ Дуздӣ ва паҳншавии маълумоти махфии давлатӣ метавонад ба амнияти миллӣ зарари ҷиддӣ расонад. Ин ҳолат на танҳо ба обрӯи давлат таъсир мерасонад, балки метавонад ба ноустувории сиёсӣ ва иқтисодӣ низ оварда расонад;

✓ Фазои интернет барои паҳн намудани идеологияҳои радикалӣ ва экстремистӣ васеъ истифода мешавад. Гурӯҳҳои ифротӣ аз шабакаҳои иҷтимой барои ҷалби ҷонибдорон, таблиғ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти худ истифода мебаранд. Ин падида барои амнияти иҷтимой ва суботи сиёсӣ хатари ҷиддӣ ба вуҷуд меорад;

✓ Ширкатҳои фаромиллии технологӣ ба гардиши иттилоот дар сатҳи ҷаҳонӣ таъсири бузург доранд. Онҳо метавонанд ҷараёни иттилоотро идора намуда, ба афкори ҷамъиятӣ ва ҳатто сиёсати давлатҳо таъсир расонанд. Ин ҳолат масъалаи танзими байналмилалӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар фазои рақамиро ба миён меорад.

Дар робита бо тағйироти глобалие, ки рақамисозӣ ба ҳаёти мо ворид менамояд, дар ҷаҳон як соҳаи нави муҳими таҳқиқотӣ омӯзиши масъалаҳои амнияти киберӣ ба вуҷуд омадааст. Айни замон, масъалаҳои амнияти рақамӣ, ки шадидан мубрам мебошанд, моро водор месозанд, ки ба донишҳои марбут ба инфрасохтори техникӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоем.

Ҳар сол шумораи ҳамлаҳои киберӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ меафзояд. Дар робита бо ин, зарурати ташкили шабакаи ягона, ки ҳамкории мутақобилаи кишварҳоро дар самти назорати каналҳои алоқа ва ҳифзи инфрасохтори иттилоотӣ дар бар мегирад, афзоиш меёбад.

Таваҷҷуҳи асосӣ ба шаклҳои гуногуни ҳамкорӣ, аз қабили мубодилаи иттилоот, таҳияи лоиҳаҳои муштарак ва бастани созишномаҳои байналмилалӣ равона карда мешавад [8].

Рушди технологияҳои иттилоотӣ, ташаккулёбии ҷомеаи иттилоотӣ ва ба амал омадани раванди ҷаҳонишавӣ давлатҳои миллиро бо мушкилиҳо ва таҳдиду хатарҳои нав рӯ ба рӯ намуда истодаанд. Робитаи амнияти иттилоотӣ бо амнияти миллӣ, пеш аз ҳама, бо рушди бемайлони технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва таъсири манфии онҳо ба амнияти миллии кишвар алоқаманд мебошад. Як зумра неруҳои иҷтимоию сиёсӣ бо истифода аз имкониятҳои технологияҳои иттилоотӣ кӯшиш менамоянд, ки мақсадҳои сиёсии худро пайгирӣ намоянд. Дар ин раванд, чунин падидаҳои манфӣ, ба монанди тарғибу ташвиқи ғояҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ, амалӣ намудани ҷангҳои иттилоотӣ, кӯшиши ташкил намудани инқилобҳои ранга, рахна намудани системаҳои иттилоотӣ, тавсеаи фаъолияти террористӣ дар шабакаи интернет ва ғ [11, с.72].

Таҳлили хусусиятҳо ва таҳдидҳои амнияти иттилоотӣ нишон медиҳад, ки ин соҳа ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст. Нобаробарии рақамисозӣ, вобастагии технологӣ ва омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ заминаи асосии осебпазириро ташкил медиҳанд.

Дар баробари ин, таҳдидҳои муосир, аз ҷумла ҳамлаҳои киберӣ, ҷанги иттилоотӣ ва экстремизми рақамӣ, талаб мекунанд, ки кишварҳо сиёсати ҳамоҳанг ва дарозмуддатро дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ пеш баранд.

Роҳи асосии коҳиши ин таҳдидҳо дар рушди иқтидори миллӣ, баланд бардоштани саводнокии рақамӣ ва тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ ифода меёбад. Кишваре, ки тавони идора ва ҳифзи фазои иттилоотии худро дорад, метавонад мавқеи устувори худро дар низоми ҷаҳонӣ нигоҳ дорад.

Барои беҳтар намудани вазъ тақвияти ҳамкории минтақавӣ муҳим мебошад. Ба ҳамин хотир, 18 марти соли 2018 дар шаҳри Остона мулоқоти аввалини машваратии сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ баргузор гардида, механизми муассири ҳамоҳанг ва умқи ҳамориҳои мутақобила дар минтақа ташаккул ёфт. Тавре маълум аст, дар вохӯрии панҷуми ҷашнии машваратии Сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ (14-15 сентябри соли 2025) маҷмуи масъалаҳои муҳими марбут ба дурнамои таҳкими ҳамкории судманди гуногунсоҳа байни давлатҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ мегарданд [15, с.159].

То оғози раванди Вохурии машваратӣ кишварҳои минтақаро асосан бозингарони ҷаҳонӣ ва минтақавӣ бо назардошти манфиатҳо худ ва ташаббусҳои алоҳида ҷамъ меоварданд. Акнун кишварҳои минтақа бошуурона ва мақсаднок мехоҳанд нақши худро аз объекти муносибатҳои байналхалқӣ ба самти иштирокчии муҳимми он тақвият бахшанд. Муҳимтар аз ҳама кшварҳои Осиёи Марказӣ масъулияти ташаккули сохторҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаро ба зиммаи худ мегиранд

Асосҳои байналмилалӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти устувори Осиёи Марказӣ ҳанӯз дар марҳилаи ташаккул қарор доранд. Самаранокии онҳо аз ҳалли ихтилофоти мавҷуда ва рушди ҳамкориҳои минтақавӣ вобаста мебошад. Бо дарназардошти сатҳи таҳдидҳо, на ҳамаи кишварҳои минтақа имкониятҳои кофӣ барои муқовимати мустақилона доранд, ки ин зарурати татбиқи тадбирҳои дастаҷамъиро дар доираи созмонҳои минтақавӣ муайян месозад [9].

Таъмини амният дар фазои глобалии иттилоотӣ тавассути ҳамкории байнидавлатии институтсионалӣ-ҳуқуқӣ таҳти сарпарастии СММ ба ҳисоб меравад.

Аҳамияти амалӣ инчунин ба масъалаҳои ҳифзи манфиатҳои миллии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити тағйирёбии хусусияти муносибатҳои байни сохторҳои ҳокимият ва шаҳрвандон марбут аст. Дар ин замина, зарур аст эътироф гардад, ки ҳифзи захираҳои иттилоотии давлатӣ аз ихроҷи маълумоти муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ ва илмӣ-техникӣ бояд ҳамзамон бо таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба дастрасӣ ба иттилооти боэътимод ва рушди технологияҳои муосири телекоммуникатсионӣ амалӣ карда шавад [5, с.4].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, амнияти иттилоотӣ ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ табдил ёфтааст. Хусусияти асосии он дар минтақа вобастагӣ ба омилҳои геосиёсӣ, сатҳи рушди технологӣ ва таъсири муҳити иттилоотии беруна мебошад. Танҳо тавассути ҳамоҳангсозии сиёсати миллӣ ва ҳамкории минтақавӣ метавон сатҳи устувори амнияти иттилоотиро таъмин намуд.

Таҳдидҳо ва чолишҳои умумӣ метавонанд боиси афзоиши норозигии иҷтимоӣ гарданд ва нерӯҳои манфиатдор, ҳам дохилӣ ва ҳам хориҷӣ метавонанд аз ин вазъият барои бесуботсозии минтақа истифода баранд.

Аз ин рӯ, кишварҳои минтақа бояд ба таври муштарак роҳҳои ҳалли ин мушкилотро ҷустуҷӯ намоянд. Таҷрибаи солҳои истиқлол нишон медиҳад, ки давлатҳои Осиёи Марказӣ имконият ва таҷрибаи кофӣ барои ҳамкорӣ ва бартарафсозии мушкилоти мураккабро доранд. Дар ин раванд, иштирок дар созмонҳои байналмилалӣ ва рушди ҳамгироии минтақавӣ аҳамияти калидӣ дорад.

Бо таҳкими ниҳодҳои сиёсӣ, густариши ҳамкорӣ ва рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, кишварҳои минтақа метавонанд ба сӯи ояндаи устувор ва амн ҳаракат намоянд. Ҳамгироӣ ва ҳамкории минтақавӣ метавонад дар таҳкими сулҳ ва шукуфоии минтақа нақши ҳалкунанда бозад.

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки кишварҳои минтақа бо доштани робитаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва хешутаборӣ заминаи мусоид барои ташкили иттиҳодияи ҳамгироиро доранд, ки на танҳо метавонад ба як бозигари муҳими минтақавӣ табдил ёбад, балки қодир аст бо қудратҳои бузург дар сатҳи баробар муколама намояд. Рушди робитаҳои минтақавӣ имконият медиҳад, ки кишварҳо на танҳо муттаҳид шаванд, балки дар ҳалли мушкилот ва таҳдидҳои умумӣ якдигарро дастгирӣ намоянд ва ҳамчун шарикони боэътимод амал кунанд.

Кишварҳои минтақаро зарур аст, дар марҳилаи ҳассоси замони муосир вобаста ба масоили амниятӣ ва мубориза бар зидди терроризм, ифротгароӣ, онлайн-экстремизм, кибертероризм, низоъҳои иттилоотӣ, ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ, бахусус қоҷоқӣ маводи мухаддир ва силоҳ, инчунин фаъолашавии гуруҳҳои террористию экстремистӣ ҳамкории бисёрҷониба ва дастҷамъонаю амалиро тақвият бахшанд.

АДАБИЁТ

1. Asia Internet Use, Population Data and Facebook Statistics. Internet World Stats. 2011. 31 декабря. [Электронный ресурс]. URL: http://www.internetworldstats. com/stats3.htm#asia (дата обращения: 17.06.2025).
2. Информационная безопасность. [Электронный ресурс]. URL: https://blog. skillfactory.ru/glossary/ informaczionnaya-bezopasnost (дата обращения: 17.11.2025).
3. Концепция внешней политики РТ. Утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 27 января 2015 года, №332.
4. Ладыгина, О.В. Философское осмысление проблем развития современного общества в условиях глобализации. [Текст] / О.В. Ладыгина– Душанбе: Изд-во РТСУ, 2015. - С 131
5. Махмадов П.А. Информационная безопасность в системе политической коммуникации: состояние и приоритеты обеспечения (на материалах государств Центральной Азии) Авт дисс. душанбе, 2018. 41 с.
6. Муҳаммад, А.Н. Сиёсатшиносӣ [Матн] / А.Н. Муҳаммад, М.У. Хидирзода, Х.Қ. Сафарализода. Душанбе:Паёми ошно, 2018. - 393 с.
7. Проблемы безопасности в Центральной Азии. [Электронный ресурс]. URL: https://works.doklad.ru/ view/5D7yteGSAvo.html (дата обращения: 17.06.2025).
8. Сотрудничество стран Центральной Азии в сфере кибербезопасности. [Электронный ресурс]. URL: https://pureportal.spbu.ru/ru/publications/-(c474ddb2-7e64-40c9-91e1-90c89d9ed935)/export.html (дата обращения: 21.09.2025).
9. Турсунбаев Н. Международно-правовые основы, формирующиесистему региональной безопасности Центральной Азии. [Электронный ресурс]. URL: https://zenodo.org/records/13769490/files/ %D0%A2%D1 (дата обращения: 07.01.2026).
10. УзбМинюст опубликовал список экстремистских сайтов, профилей, каналов и страниц [Электронный ресурс]. URL: https://centrasia.org/newsA. php?st= 1557471960,10.05.2019. (дата обращения: 16.02.2026).
11. Холиқов Ф. Амнияти иттилоотӣ ҳамчун омили таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дисс. н.и.с., Душанбе, 2022. 191 с.

12. Цзюнь Чжоу. Значение государств Центральной Азии в мировой политической системе. [Электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/ article/n/ znachenie-gosudarstv-tsentralnoy-azii-v-mirovoy-politicheskoy-sisteme (дата обращения: 16.02.2026).
13. Шарипов А. Дурнамои рушди таҳдидҳои нави амниятии Осиёи Марказӣ дар шароити муосир. // Маводи конференсияи ҷумҳурияви илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Дурнамои МБ дар қаринаи шидддати рақобатҳои геополитикии муосир». 5 марти соли 2024. Душанбе: ДМТ, 2024. – 280 с. С.61-72.
14. Шарипов А.Н. Маҳмадов П.А. Дурнамои рушди ҳамгироии минтақавӣ ва таҳдидҳои нави амниятии Осиёи Марказӣ дар шароити муосир // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2019, №2, С.204-214.
15. Шарипов А.Н. Файзов Н.Н.Таърихи ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ // Маводҳои конференсияи байналмиалии илмӣ-амалӣ (29-30 октябри соли 2020) - "Шарикии стратегӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон" 277 с. С. 153-161.

МАХСУСИЯТҲОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ИТТИЛООТИИ ДАВЛАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ ДАР ҚАРИНАИ ҶАҲОНИШАВӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлили махсусиятҳои таъмини амнияти иттилоотии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бахшида шудааст. Дар он омилҳои асосии таъсиргузор, аз ҷумла нобаробарии рушди рақамисозӣ, вобастагии технологӣ ва хусусиятҳои иҷтимоӣ-фарҳангии минтақа мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Муаллиф таҳдидҳои муосири фазои иттилоотӣ, аз қабили ҳамлаҳои киберӣ, ҷанги иттилоотӣ, ифшои маълумоти давлатӣ ва экстремизми рақамиро таҳлил менамояд. Ҳамзамон, ба масъалаи афзоиши нақши ширкатҳои трансмиллӣ дар идоракунии ҷараёнҳои иттилоотӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Дар натиҷа, роҳҳои асосии таҳкими амнияти иттилоотӣ, аз ҷумла рушди иқтидори миллӣ, таъмини соҳибихтиёрии рақамӣ ва баланд бардоштани саводнокии рақамӣ пешниҳод мегарданд.

Калидвожаҳо: амнияти иттилоотӣ, ҷаҳонишавӣ, Осиёи Марказӣ, рақамисозӣ, киберамният, вобастагии технологӣ, ҷанги иттилоотӣ, экстремизми рақамӣ, соҳибихтиёрии рақамӣ, ширкатҳои фаромиллӣ.

ОСОБЕННОСТИ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ИНФОРМАЦИОННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ГОСУДАРСТВ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛИЗАЦИИ

Настоящая статья посвящена анализу особенностей обеспечения информационной безопасности государств Центральной Азии в условиях глобализации. В работе рассматриваются ключевые факторы, влияющие на данный процесс, включая неравномерность развития цифровизации, технологическую зависимость и социально-культурные особенности региона. Автор анализирует современные угрозы информационному пространству, такие как кибератаки, информационные войны, утечки государственных данных и цифровой экстремизм. Особое внимание уделяется возрастанию роли транснациональных компаний в управлении информационными потоками. В заключение предлагаются основные направления укрепления информационной безопасности, включая развитие национального потенциала, обеспечение цифрового суверенитета и повышение уровня цифровой грамотности населения.

Ключевые слова: информационная безопасность, глобализация, Центральная Азия, цифровизация, кибербезопасность, технологическая зависимость, информационная война, цифровой экстремизм, цифровой суверенитет, транснациональные компании

SPECIFIC FEATURES OF ENSURING INFORMATION SECURITY IN THE CENTRAL ASIAN STATES IN THE CONTEXT OF GLOBALIZATION

This article examines the specific features of ensuring information security in the Central Asian states in the context of globalization. It analyzes the key factors influencing this process, including the uneven development of digitalization, technological dependence, and the socio-cultural characteristics of the region. The author explores contemporary threats to the information space, such as cyberattacks, information warfare, data breaches of state institutions, and digital extremism. Particular attention is given to the growing role of transnational corporations in regulating and controlling information flows. The study also outlines key directions for strengthening information security, including the development of national capacities, ensuring digital sovereignty, and improving digital literacy among the population.

Keywords: information security, globalization, Central Asia, digitalization, cybersecurity, technological dependence, information warfare, digital extremism, digital sovereignty, transnational corporations

Маълумот дар бораи муаллифон: Шарипов Амриддин Нуридинович- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17. Телефон: (+992)105-50-10-18; email: amrsharif@mail.ru

Шарифзода Аҳмад- Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри соли дуюми шуъбаи муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға: 734025,** Ҷумҳурии Тоҷикистон**, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17.** Телефон: (+992) 97 247 0808; email: Sharifzodaahmadjon@mail.com.

Сведения об авторах. Шарипов Амриддин Нуридинович- Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент, заведующей кафедрой международных отношений. **Адрес: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 17.** Телефон: (+992)105-50-10-18; email: amrsharif@mail.ru

Шарифзода Ахмад-Таджикский национальный университет, магистр 2 года, отделения «международные отношения». Адрес: 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, проспект Рудаки 17. Телефон: (+992) 97 247 0808; email: Sharifzodaahmadjon@mail.com.

Information about the authors. Sharipov Amriddin Nuridinovich- Tajik National University, candidate of historical sciences, associate professor, the head of department of international relations. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, , Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992)105-50-10-18; email: amrsharif@mail.ru

Sharifzoda Ahmad- Tajik National University, 2nd year master's student of the Department of International Relations, Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 97 247 0808; email: Sharifzodaahmadjon@mail.com.

ФИЗИКА – ФИЗИКА

ОМӮЗИШИ ХОСИЯТҲОИ МАВОДИ ПОЛИМЕРИИ НАНОКОМПОЗИТӢ ПММА +С60 ВА ПЭЗК+С60 БО УСУЛИ ОПТИКӢ

Мавзунаи Р.,Талбакова Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Усулҳои оптикӣ ба усулҳое дахл доранд, ки ба таъсири мутақобилаи мавҷҳои электромагнитӣ дар диапазони оптикӣ, аз ҷумла минтақаҳои инфрасурх (ИС), намоён ва ултрабунафш (УБ)-и спектри электромагнитӣ асос ёфтаанд [1-2].

Мақсади асосии пуркунандаи тақвиятдиҳанда ё мустаҳкам кардани матритса, додани хосиятҳои мушаххас ба мавод ва кам кардани арзиши ҷузъ ва ғунҷоиши энергияи мавод ва маҳсулот мебошад. Ворид намудани зарраҳои гуногуни карбонӣ ба матритсаҳои полимерӣ ҳамчун ҷузъҳои мустаҳками айни замон таваҷҷуҳи бузурги илмӣ ва амалӣ дорад.

Адабиёти зиёде нишон медиҳад, ки бисёре аз хусусиятҳои физикию химиявии полимерҳо бо роҳи илова кардани нанозарраҳои карбонӣ - фуллеренҳо, нанолулаҳо, нанонахҳо ва дигар нанозарраҳои ғайриорганикӣ ба таври назаррас якчанд маротиба беҳтар кардан мумкин аст [3-5].

Тавре ки аз таҳлилҳо баррасӣ мегардад, технологияи ҳосилшуда ва таҳқиқи маводҳои нанокомпозитии полимерии дорои карбон муҳимтарин ва умедбахштарин аст. Таваҷҷуҳи асосӣ ба ин мавод пеш аз ҳама ба сохтори ғайриоддии он ва доираи васеи тағйирот дар хосиятҳои физикию химиявии он вобаста аст.

Дар ин доира, мо таҳқиқоти спектроскопии хосиятҳои оптикии баъзе намунаҳои плёнкаҳои полимерии нанокомпозитии дорои карбон дар асоси полиэтилен зичиаш кам (ПЭЗК) ва полиметиметакрилат (ПММА), ки дар он фуллерени С60 ҳамчун нанозарраҳои иловашудаи карбон интихоб шудаанд, пешниҳод мекунем.

Намунаҳои мавриди омӯзиш

Интихоби полиэтилени зичиаш кам ҳамчун матритсаи маводи ибтидоӣ барои ворид намудани нанозарраҳои карбон аз он сабаб аст, ки дар сохтмони партовгоҳҳо барои коркарди партовҳои ифлоскунандаи хок, инчунин, барои истеҳсоли ашёи гуногуни техникӣ ва рӯзгор истифода мешавад. Полиэтилени зичии кам (ПЭЗК) ва полиметиметакрилат (ПММА) полимерҳои машҳур мебошанд, ки дар истеҳсолот ва хоҷагии халқ ба таври васеъ истифода мебаранд. ПЭЗК бо роҳи полимеризатсияи этилен дар фишори паст истеҳсол мешавад.

Истифодаи тағйири зарраҳои нанокарбон - фуллеренҳои С60 ҳамчун наноилова бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо сохтори молекулавӣ доранд (бар хилофи ду шакли дигари аллотропии карбон - графит ва алмос, ки сохтори кристаллӣ доранд ва шабакаи даврии атомҳоро ифода мекунанд) ва тағйирдиҳандаҳои нисбатан самараноки матритсаҳои полимерии дорои табиати гуногун мебошанд [6]. Қобилияти тағйирёбии фуллерен аз сохтори ғайриоддии кимиёвӣ ва электронии молекулаҳои нанозарраҳои карбон, ки андозаи нанометрӣ доранд (диаметри С60 тақрибан 1 нм), наздикии баланди электронӣ (2,7 эВ барои С60) ва муқоисаи бузургии ноустувории маҳаллии ҳаҷми озод дар баъзе полимерҳо бо ҳаҷми молекулаи нанозарраҳо вобаста аст [7].

Аз ин рӯ, полимерҳои дорои фуллерен, чунон ки қайд карда шуд, метавонанд бо роҳи ҷудо кардани композитҳо аз маҳлули ҳалкунандаи органикӣ, ки дар он ҳарду компонент (ҳам полимер ва ҳам фуллерен) хуб ҳал мешаванд, ба даст оварда шаванд. Метавон тахмин кард, ки агар парокандагии молекулавии фуллерен дар матритсаи полимер ба даст оварда шавад, алоқаи мустақими макромолекулаҳои матритса бо молекулаҳои фуллерен имконпазир аст.

Плёнкаҳои ПЭЗК аз маҳлулҳои бромобензол рехта мешаванд, ки хосиятҳои баланди механикӣ нишон медиҳанд, аммо, ҳаракати механикии плёнкаҳо ҳангоми илова кардани пуркунанда бо нанозарраҳои андозаи якхела (яъне молекулаҳои фуллерен) бетағйир боқӣ мемонад. Эҳтимол дорад, ки аз сабаби таъсири мутақобилаи заиф бо макромолекулаҳои полимер, зарраҳои фуллерен дар ПЭЗК ва ПММА ба кластерҳои нисбатан калон ҷамъ мешаванд. Ин дар навбати худ боиси суст шудани матритсаи полимер, пайдоиши нуқсонҳои сершумор, ба монанди микросӯрохиҳо ва микротарқишҳо ва дар ниҳоят, коҳиши қуввати интегралӣ ва деформатсия мегардад.

Намунаҳои бадастомада дар асоси НКБ сазовори қайди махсус мебошанд. Умуман, кашфи нанонайчаҳои карбон яке аз дастовардҳои муҳимтарини илми муосир мебошад. Ин шакли карбон мавқеи сохтории миёнаро байни графит ва фуллеренҳо ишғол мекунад. Бо вуҷуди ин, бисёре аз хосиятҳои нанонайчаҳои карбон бо графит ё фуллеренҳо ҳеҷ умумияте надоранд. Ин имкон медиҳад, ки онҳоро ҳамчун маводи мустақил бо хосиятҳои беназири физикию химиявӣ баррасӣ ва омӯзанд. Тадқиқот дар бораи нанонайчаҳои карбон аҳамияти бузурги бунёдӣ ва амалӣ дорад.

Ғафсии плёнка аз 110 то 190 микрон буд, ки бо истифода аз микрометр дар ҷойҳои гуногуни ҳар як плёнка чен карда шуд ва арзиши миёна гирифта шуд.

Усулҳо, тадқиқот ва асбобҳо

Усулҳои спектрофотометрӣ яке аз усулҳои самараноки таҳқиқоти оптикӣ, як қатор маълумоти муҳимро дар бораи спектрҳои фурубурдашуда (A), гузаранда (T) ва инъикоси (R) намунаҳои таҳқиқшаванда пешниҳод мекунанд, ки бо таносуби зерин алоқаманданд:

$$A + R + T = 1 \qquad (1)$$

Таҳлили таркиби спектри радиатсияи оптикӣ ба мо имкон медиҳад, ки як қатор параметрҳои муҳими физикию химиявиро муайян кунем [8]:

– сохтори атомӣ, молекулавӣ ва кристаллии моддаҳои гуногун, инчунин, хосиятҳои оптикии онҳо;

– сохтори полимерҳо, тағйироти изотропӣ ва изомерии онҳо, инчунин, сохтори шаклҳои мобайнӣ, ба монанди радикалҳои кимиёвӣ ва ассотсиатсияҳои молекулавӣ;

– таркиби химиявии намунаи номаълум дар асоси мавҷудияти хатҳои муайяни спектрӣ (ё гурӯҳҳои хатҳо) ва интенсивияти онҳо;

– энергияи паҳнои мамнуъ ва ғайра.

Коэффитсиенти фурубарӣ α (λ), ки дар он λ - дарозии мавҷи радиатсияи оптикӣ аст, аз спектри фурӯбарӣ A(λ) (иқтидори фурӯбарӣ) бо истифода аз ифодаи [9] ҳисоб карда мешавад:

$$\alpha(\lambda) = 2{,}303\frac{A(\lambda)}{d} \qquad (2)$$

Дар ин ҷо d, см-ғафсии намунаҳо (плёнкаҳо)-и омӯхташаванда аст ва арзиши A(λ) барои дарозии мавҷи мувофиқро метавон ҳамчун логарифми таносуби шиддати шуоъҳои афтанда I0 (λ) ва I(λ)-и интиқолшуда муайян кард, яъне чунин:

$$A(\lambda) = log\, I_0(\lambda)/I(\lambda)$$

Спектрҳои фурӯбарӣ ва махсусан канори фурӯбурд, як усули муфид барои таҳқиқи гузаришҳои оптикӣ ва ба даст овардани маълумот дар бораи сохтори банд, энергияи пайвастшавӣ ва энергия паҳнои мамнуъ мебошанд.

Натиҷаҳо ва муҳокимаҳо

Спектрҳои фурӯбурди оптикии плёнкаҳои ПЭЗК, ПММА ва маводҳои полимерии дорои нанокомпозитии карбон (МПДНК) дар ҳудуди дарозии мавҷи 190-500 нм ба қайд гирифта шудааст.

Спектрҳои фурӯбарии оптикии плёнакаҳои ПЭЗК дар асоси МПДНК дар ҳудуди дарозии мавҷҳои 190-500 нм сабт шудаанд. Дар расми 2 спектрҳои азхудкунии нанокомпозитҳои ПЭЗК бо мазмуни гуногуни фуллерен С60 нишон дода шудаанд. Дар расми 2 спектрҳои фурӯбурди нанокомпозити ПЭЗК бо консентратсияҳои гуногуни фуллерен С60 нишон дода шудааст.



Рис. 2. Спектрҳои фурубурди ПЭЗК ва плёнкаҳои композити ПЭЗК+С60, дорои: 2- 1, 3- 3, 4- 5, и 5- 10% С60.

Чи тавре дида мешавад, ПЭЗК тоза дар ҳудуди дарозии мавҷи муайяншуда ягон паласаи фурӯбарӣ айён нест. Барои композити дорои ПЭЗК+3% С60 дорад, дар фосилаи 260 нм фурӯбарии заиф мушоҳида мешавад, ки интнсивияти он бо афзоиши миқдори фуллерен дар композит каме меафзояд. Фурӯбарӣ дар ин диапазони дарозии мавҷ ба таври возеҳ аз мавҷудияти зарраҳои С60 вобаста аст. Афзоиши минбаъдаи консентратсияи пуркунанда боиси муайян кардани равшани ин паласаи фурӯбарӣ ва афзоиши назарраси шиддати он мегардад. Гуфтан мумкин аст, ки он фурӯбарӣ аз агрегатҳо ва кластерҳои молекулаҳои фуллерен ба вуҷуд омадааст.

Дар расми 3. спектрҳои фурӯбарии плёнкаҳои ПММА ва композитҳои ПММА+С60 дар диапазони дарозии мавҷи 200-800нм нишон дода шудаанд. Дар расм нишон дода шудааст, ки спектри намунаи холиси ПММА дар диапазони 200-375 нм як банди фурӯбари заиф ва паҳншударо бо каме барҷастагӣ дар 280 нм нишон дода, сипас канори банд дар диапазони 375-600 нм тадриҷан кам мешавад. Барои композите, ки 1% фуллерени С60 дорад, афзоиши якбораи фурӯбурда дар диапазони 200-350 нм ва тағйири канори банд ба басомадҳои баландтар мушоҳида мешавад. Афзоиши консентратсияи фуллерен то 3% боиси тағйири баръакси канори банди фурӯбари ба басомадҳои паст мегардад ва паласаи спектри фурӯбурди композит бо 5% фуллерен ба басомадҳои баланд бармегардад.



Расми. 3. Спектри фурубурди ПММА (1) и композити ПММА+С60, дорои 2- 2, 3- 3 и 4- 5% С60.

АДАБИЁТ

1. D. Sharifov, R. Niyazbekova, A. Mirzo, et.al. The Study of Composite Materials Properties Based on Polymers and Nano-Additives from Industrial Wastes from Kazakhstan // Materials, 2024. -V.17, -№12, 2959. -P. 1-26. (WoS, Scopus). https://doi.org/10.3390/ma17122959.
2. Liliane, B. Spectroscopic Techniques for the Characterization of Polymer Nanocomposites / Liliane Bokobza// Review. Polymers, 2018. –V.10(1), 7. –P. 21. [doi: 10.3390/polym10010007].
3. D. Sharifov, R. Niyazbekova, A. Mirzo, et.al. The Study of Composite Materials Properties Based on Polymers and Nano-Additives from Industrial Wastes from Kazakhstan // Materials, 2024. -V.17, -№12, 2959. -P. 1-26. (WoS, Scopus). https://doi.org/10.3390/ma17122959.
4. Neethu J., Aleena A.M., Elcey C. Daniel, et. al. Polymer-Carbon nanocomposite: Synthesis, optical and biocidal properties. Chemistry, Volume 5, January 2023, 1-3pp. [doi.org/10.1016/j.rechem.2023.100826].
5. Liliane Bokobza Spectroscopic Techniques for the Characterization of Polymer Nanocomposites, Review. Polymers 2018, 10, 7, 21p. [doi: 10.3390/polym10010007].
6. Баурова, Н.И., Зорин В.А. Применение полимерных композиционных материалов при производстве и ремонте машин: учебное пособие, М.: МАДИ, 2016. – 264 с.
7. Tiwari J.N., Tiwari R.N., Kim K.S. Zero-dimensional, one-dimensional, twodimensionaland three-dimensional nanostructured materials for advancedelectrochemical energy devices // Prog. Mater. Sci. 2012. Vol. 57, № 4. P. 724–803.
8. Khan I., Saeed K., Khan I. Nanoparticles: Properties, applications and toxicities Arab. J. Chem. 2019. Vol. 12, № 7. P. 908–931.
9. Cassagnau P. Rheology of Carbon Nanoparticle Suspensions and Nanocomposites // Rheol. Non-Spherical Part. Suspens. / ed. Chinesta F.,Ausias G.B.T.-R. of N.-S.P.S. Elsevier, 2015. P. 59–75.
10. Lebedev O.V., Kechek'yan A.S., Shevchenko V.G., et.al. A Study of Oriented Conductive Composites with Segregated Network Structure Obtained via Solid-State Processing of UHMWPE Reactor Powder and Carbon Nanofillers // Polymer Composites 2019, vol. 40, №. S1, P. E146-E155.

ОМӮЗИШИ ХОСИЯТҲОИ МАВОДИ ПОЛИМЕРИИ НАНОКОМПОЗИТӢ ПММА + С60 ВА ПЭЗК+С60 БО УСУЛИ ОПТИКӢ

Дар ин мақола натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавии хосиятҳои оптикии фурӯбари плёнкаҳои полимерии нанокомпозитии дорои карбон (фуллерени C_{60},) дар асоси полиэтилен зичиаш кам (ПЭЗК) ва полиметиметакрилат (ПММА) пешниҳод шудаанд. Дар спектрҳои фурӯбарӣ намунаҳои таҳқиқшуда, афзоиши фурӯбарӣ ба самти спектр минтақаи ултрабунафши бо афзоиши консентратсияи нанозарраҳои карбон мушоҳида шуд, ки аз натиҷаҳои таҳлили пешакӣ аён буд. Қуллаҳои фурӯбарӣ дар плёнкаҳои намунаҳои нанокомпозитии ПЭЗК+C_{60}, ПММА+C_{60} бо консентратсияи мутаносибан 1, 3, 5 ва 10% масса, қуллаҳои фурӯбарӣ дар дарозии мавҷҳои 200-800нм муайян карда шуданд.

Калимаҳои калидӣ: полиэтилени зичиаш кам, плёнкаҳои полимерии нанокомпозитии карбондор, спектрҳои фурӯбурд, ПЭЗК+ C_{60}, ПММА+ C_{60}

ИЗУЧЕНИЕ СВОЙСТВ НАНОКОМПОЗИТНЫХ ПОЛИМЕРНЫХ МАТЕРИАЛОВ ПММА + C_{60} И ПЭЗК + C_{60} ОПТИЧЕСКИМ МЕТОДОМ

В данной статье представлены результаты экспериментальных исследований оптических свойств поглощения нанокомпозитных полимерных пленок, содержащих углерод (фуллерен C_{60}), на основе

полиэтилена низкой плотности (ПЭНП) и полиметилметакрилата (ПММА).В спектрах поглощения исследуемых образцов наблюдалось увеличение поглощения в ультрафиолетовой области спектра с увеличением концентрации наночастиц углерода, что подтверждается результатами предварительного анализа. Пики поглощения были обнаружены в пленках нанокомпозитных образцов ПЭНП+C_{60}, ПММА+C_{60} с концентрацией 1, 3, 5 и 10% по массе соответственно, пики поглощения определялись в диапазоне длин волн 200–800 нм.

Ключевые слова*:* полиэтилен низкой плотности, углеродсодержащие нанокомпозитные полимерные пленки, спектры поглощения, ПЭНП+С60, ПММА+С60

STUDYING THE PROPERTIES OF NANOCOMPOSITE POLYMER MATERIALS CONSISTENT WITH PMMA + C60 AND PEZK + C60 BY AN OPTICAL METHOD

This article presents the results of experimental studies of the optical absorption properties of nanocomposite polymer films containing carbon (C60 fullerene) based on low-density polyethylene (LDPE) and polymethyl methacrylate (PMMA).The absorption spectra of the studied samples showed an increase in absorption in the ultraviolet region of the spectrum with increasing carbon nanoparticle concentration, which is confirmed by the results of a preliminary analysis. Absorption peaks were detected in films of nanocomposite samples containing LDPE + C60 and PMMA + C60 at concentrations of 1, 3, 5, and 10% by weight, respectively; the absorption peaks were determined in the wavelength range of 200–800 nm.

Key words*:* low-density polyethylene, carbon-containing nanocomposite polymer films, absorption spectra, LDPE+C60, PMMA+C60

Маълумот дар бораи муаллифон: Талбакова Роҳила Азимовна – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси якуми кафедраи физикаи ҳастаи факултети физика. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: 881888897.
Мавзунаи Рамазон – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри курси дуюми кафедраи физикаи ҳастаи факултети физика. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: 888995222.

Сведения об авторах: Талбакова Рахила Азимовна – Таджикский национальный университет, магистр первого курса кафедры ядерной физики физического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: 881888897.
Мавзунаи Рамазон – Таджикский национальный университет, магистр второго курса кафедры ядерной физики физического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: 888995222.

Information about the author: Talbakova Rahila Azimovna – Tajik National University, first-year undergraduate student in the Department of Nuclear Physics, Faculty of Physics. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Avenue Rudaki, 17. Phone: 881888897.
Talbakova Mavzunai Ramazon – Tajik National University, first-year undergraduate student in the Department of Nuclear Physics, Faculty of Physics. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Avenue Rudaki, 17. Phone: 888995222.

МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ	
ФИЛОЛОГИЯ ВА ЖУРНАЛИСТИКА - ФИЛОЛОГИЯ И ЖУРНАЛИСТИКА	
Боқизода М.И. Шоҳномахонӣ дар Тоҷикистон: таърих, анъана ва эҳёи муосир	**5**
Давлатова С. Э. Роҳҳои истифодашавии калимаҳои иқтибосӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ	**10**
Чжу Сиюан Лейн. Хел ва вазифаҳои пайвандакҳои пайвасткунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ	**15**
Мирзоева Қ. К. Баррасии муарработ дар осори забоншиносони араб	**22**
Раҳимзода И.А. Фирдавсӣ – ҳомии асилзодагии форсӣ-тоҷикӣ	**27**
Давлатова Р.С. Мавқеи қасида дар эҷодиёти Амир Хусрав	**36**
Саидова М. М. Шарҳи филологии матни «Оғози Шоҳнома»	**43**
ИҚТИСОД-ЭКОНОМИКА	
Салмонов С. Заминаи ягонаи қонунгузорӣ ҳамчун асоси низоми танзими меъёрӣ, методӣ ва ташкилии баҳисобгирии муҳосибӣ дар федератсияи Русия	**49**
Давлатов А.Н. Баҳодиҳии бахши иҷтимоӣ иқтисодиёти миллӣ ва сохтори он	**54**
Идрисов У. Мақсади тафтиш ва сарчашмаҳои ахборотии таҳлили воситаҳои асосӣ, тафтиши амалиётҳо оиди ҳаракати воситаҳои асосӣ	**61**
Яқубов О.З. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии низоми андоз	**66**
Касирова Ш. Д. Международная экономическая интеграция как фактор устойчивого развития экономики Республики Таджикистан	**73**
ҲУҚУҚ – ПРАВО	
Абдурахмонзода А.Р. Нақши воситаҳои ахбори омма дар таъмини ҳуқуқи инсон	**79**
Азизова Р. Таърихи пайдоиш ва инкишофи ниҳоди президентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	**84**
Акрамзода Ф. Зинаҳои татбиқи ҳуқуқ	**90**
Асадова О. Ф. Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар давраи таҳқиқ ва пешбурди тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ	**95**
Бегов С. Планшетҳо ва тадқиқоти экспертӣ нисбати онҳо	**99**
Бобоқулова Ш. Асосҳои ҳуқуқии баамалбарории супоридани пешбурди мурофиаи ҷиноятӣ	**104**
Ғаффорзода М. А. Мафҳум ва хусусиятҳои ҳокимияти давлатӣ	**109**
Давлатов Д.Ш. Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқии мелиоратсияи заминҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	**116**
Давлатов М.С. Шарикӣ дар ҷиноят: проблемаи шарикии субъекти умумӣ ва махсус	**121**
Искандарзода Ф. Механизмҳои амалисозии ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ: ёрии ҳуқуқӣ ва низоми шикоятӣ	**126**
Алкаматзода И. Тафовути санадҳои СММ аз дигар созмонҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон	**132**
Кенҷаев А. Намудҳо ва шаклҳои ҳуқуқэҷодкунӣ	**137**
Ҳамзаева М. Мафҳуми маърифати ҳуқуқӣ	**142**
Мадаминзода М. З. Мафҳуми терроризм мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон	**147**

Шамсзода Н.М. Хусусиятҳои ҳуқуқии гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ	**151**
Назаров Ҳ. Моҳият ва заминаҳои ҳуқуқии тартиби содакардашуда	**155**
Назирова Х. Таҳкими ҳокимияти судӣ дар раванди рушди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон	**160**
Наима М. Мафҳуми эътироф ва иҷрои қарорҳои судҳои давлатҳои хориҷӣ	**166**
Насруллоев Н. Н. Хусусиятҳои бе мерос гузоштани баъзе объектҳои ҳуқуқи маданӣ	**170**
Одилова М. А. Ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушаххаснамоӣ ва кафолатдиҳӣ	**175**
Охунова С. М. Понятие и содержание трудовых прав и обязанностей женщин в системе прав человека	**183**
Раҳимзода Р. Ҳ. Ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба рушди давлатдории миллӣ	**188**
Саидов Н.Н. Танзими ҳуқуқии сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	**194**
Самизода Ф.Ҳ. Хусусигардонии моликияти коммуналӣ	**200**
Сафарзода М. Ш. Компютерикунонии гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ аз ҷониби муфаттиш	**208**
Сафарзода Ю. Мафҳуми шуури ҳуқуқӣ	**215**
Сафаров Б. М. Асосҳои назариявии экспертизаи судӣ-генетикии бофтаҳо ва хориҷшавиҳои инсон	**221**
Сафарова М. С. Нақш ва аҳаммияти экспертизаи судӣ-тиббӣ дар тафтиши ҷиноят	**229**
Собирзода И. Ю. Намудҳо ҷавобгарӣ аз рӯйи шартномаи таъмини энергия	**233**
Тоҳириён Н. М. Саҳми фаъолияти маълумотдиҳӣ ва машваратии мутахассиси-криминалист дар марҳилаи тафтишоти пешакӣ	**240**
Баҳриддинзода С.Э., Ҳотамзод Ҷ.Р. Оид ба ҳадафҳои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бо ҷиноятқорӣ	**247**
Ҳамзаева М. Таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун омили муҳими баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон	**253**
Шодиён П.З. Таҳаввули таърихии ғояҳои ҳифзи ҳуқуқи инсон: аз даврaҳои қадим то қабули эъломияи ҳуқуқи башар	**259**
Шоираи Ф. Мафҳум ва функсияи аҳдҳои биржавӣ	**264**
Эмомализода К. Заминаҳои ташаккули назарияҳои «давлати ҷаҳонӣ» дар иртибот бо инкишофи нуқтаҳои назар оид ба давлат дар ғарб	**270**
Юсупов Қ. Ш. Вазифаҳои қонуни Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон	**276**
Akobirzoda A. D., Li Shuo. Mechanisms of cooperation for combating illicit drug trafficking between China and Tajikistan	**281**
СИЁСАТ – ПОЛИТИКА	
Икромов Ф. Таъсири технологияи рақамӣ ба раванди сиёсии ҷомеаи Тоҷикистонӣ	**289**
Машрабова Т.А. Ҳузури иқтисодӣ ва сиёсии Чин дар Осиёи Марказӣ (таҳлили сохторӣ ва функсионалӣ)	**294**
Сабурова С.С. Тоҷикистон ва мушкилоти таъмини амният дар марз бо Афғонистон	**300**
Меликова Г.Ҳ. Тоҷикистон ва Арабистони Саудӣ: марҳилаи нави ҳамкорӣ ва имкониятҳо	**306**
Улаева Т. Б. Место КНДР в азиатско-тихоокеанской политике США	**311**
Ҷамахони М. «Масъалаи Афғонистон» дар сиёсати ноиби Шоҳи Ҳиндустон Ҷорҷ Ҳерзон дар солҳои 1899-1905	**315**
Саиднасиллоева Ш.С. Навъҳо ва шаклҳои асосии зуҳури ифротгароӣ	**322**

Шарипов А. Н., Шарифзода А. Махсусиятҳои таъмини амнияти иттилоотии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар қаринаи ҷаҳонишавӣ	**328**
ФИЗИКА – ФИЗИКА	
Мавзунаи Р.,Талбакова Р. Омӯзиши хосиятҳои маводи полимерии нанокомпозитӣ ПММА + с60 ва пэзк+с60 бо усули оптикӣ	**337**

МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

Талабот нисбат ба мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Муҳаққиқи ҷавон» пешниҳод мегарданд

Телефон: (992-37)227-74-41

Мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷаллаи «Муҳаққиқи ҷавон» пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад; в) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матн бо забони русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матн бо забони тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 8 то 10 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– номи мақола;

– насаб, дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Шарипов Д.М.);

– номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола таҳсил мекунад;

– матни асосии мақола;

– ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, с.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25;

– нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар **аз 3 номгӯ** ва на бештар аз 10 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– баъди рӯйхати адабиёти истифодашуда маълумоти зерин бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) омода карда шавад: номи мақола; насаб, ном ва номи падар; номи муассиса; аннотатсия ва калидвожаҳо (аннотатсия на камтар аз **5 сатр** ва калидвожаҳо **на камтар аз 7** номгӯ);

– дар охири мақола бо се забон (**тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ**) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), номи муассисае, ки дар он муаллиф мехонад, телефон, E-mail, нишонии ҷойи кор в ё таҳсили муаллиф.

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Молодой исследователь»

Телефон: (992-37)227-74-41

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой учится автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 3 и не более 10 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы оформляется следующая информация на трех языках (на таджикском, русском и английском языках): название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 5 строк, ключевые слова до 7 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на таджикском, русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, название организации, в которой учится (авторы), телефон, E-mail, а также почтовый адрес место учебы автора).

INFORMATION FOR THE AUTHORS

Requirements for scientific articles submitted to the scientific journal "Young researcher»

Phone: (992-37) 227-74-41

All submitted scientific journal articles must meet the following requirements: a) the article must be written in compliance with the established requirements; b) the article must be the result of scientific research; c) the article must conform to one of directions (sections) of the journal.

Requirements for registration of scientific articles:

The article should be prepared in Microsoft Word format, Times New Roman font, size 14, margins 2.5 cm on all sides, interval 1.5.

The volume of the article (including the abstract and the list of references) should be within the range of 8 to 10 pages of A4 format.

The article should have the following structure:

- UDC index (the index can be obtained in any scientific library);
- article title;
- surname and initials of the author (for example, D. M. Sharipov);
- name of the organization where the author of the article studies;
- main text of the article;
- when quoting specific material, the references are indicated in square brackets [ ]. Sample: [4, p. 25]. That is, literature #4 and page 25;
- tables, diagrams, diagrams, and drawings should be grouped and numbered. Tables, diagrams, diagrams, and drawings must have a name;
- list of references (no less than 3 and no more than 10 titles of scientific literature). The list of references is made according to the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5-2008;
- after the list of references, the following information is made out in three languages (Tajik, Russian and English): the title of the article, the author's full name, the name of the organization, the abstract and keywords (abstract of at least 5 lines, keywords to 7 words or phrases);
- Information about the author in Tajik, Russian and English (full name of the author, the name of the organization where the author studies, phone number, E-mail, and postal address of the place of study or work of the author are indicated here).

НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»

2026. № 6

Ответственный редактор: Иброҳимзода Э.Д.

Издательский центр

Таджикского национального университета

734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.